В данной статье рассматривается вопрос о принадлежности омонимии к числу лингвистических универсалий – явлений, обязательных в каждом языке. На основании изученной литературы по вопросам омонимии можно сделать вывод о том, что преобладающее число современных лингвистов являются сторонниками взгляда на омонимию как на абсолютную универсалию. Выяснение понятия омонима тесно связано с исследованием структурно-семантических типов омонимии в разных языках и с раскрытием общих основ и признаков омонимии как характерного явления лексического строя языка. Языковой знак – это двусторонняя единица языка, представляющая собой единство плана содержания (означаемого) и плана выражения (означающего), но, несмотря на взаимообусловленность двух сторон знака, они подчиняются общему закону асимметрии в языке, частным случаем которого является неоднозначность.

Проблема омонимии как языкового знака не может быть решена с точки зрения описательного языкознания. На наш взгляд, нельзя рассматривать явление омонимии в отрыве от носителей языка, их опыта, индивидуальных особенностей, которые определяют особенности омонимии как языкового знака.

Ключевые слова: *омонимия, языковая универсалия, явление, языковой знак, единица языка, означаемый, означающий, языкознание, симметрия, асимметрия.*

HOMONYMY AS AN ABSOLUTE LANGUAGE UNIVERSAL IN A LANGUAGE

This article considers the question of belonging homonymy to the number of linguistic universals, phenomena that are mandatory in each language. Based on the studied literature on homonymy, one can conclude that the prevailing number of modern linguists are supporters the view of homonymy as an absolute universal. Clarification of the concept of homonym is closely connected with the study of structural and semantic types of homonymy in different languages and with the disclosure of common bases and signs of homonymy as a characteristic phenomenon of the lexical structure of language. A linguistic sign is a two-sided unit of language that represents the unity of the content (signified) plan and the expression (meaning) plan, but despite the interdependence of the two sides of the sign, they obey the general law of asymmetry in a language whose particular case is ambiguity.

The problem of homonymy as a linguistic sign can not be solved in terms of descriptive linguistics. To our opinion, it is impossible to consider the phenomenon of homonymy in isolation from native speakers, their experience, individual characteristics that determine the features of homonymy as a linguistic sign.

Key words: *homonymy, language universal, phenomenon, linguistic sign, unit of language, signified, signifying, linguistics, symmetry, asymmetry.*

Сведения об авторе:

Давлятова Чинорой Абдуллоевна *– кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков, Института экономики и торговли*

Таджикского государственного университета коммерции, .E mail:Chinoroy1971@mail.ru телефон: (+992) 92715 30 20

About the author:

***Davlyatova Chinoroy Abdulloevna** – Candidate of philological sciences, senior teacher of the Department of Foreign Languages of the Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce, Email:Chinoroy1971@mail.ru Phone: (+992) 927153020*

ББК 81.2
УДК 4
К 24

САЙРИ ТАЪРИХИИ ВОЖАИ «ФАР» ВА МУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУН

Камолов Ф.А.

Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои забоншиносӣ ономастика ва этимология ба омӯзиши таърихи вожаҳо, аниқу муайян кардани маъниҳои луғавӣ, истилоҳӣ ва маҷозии калимаҳо, равшан кардани сарчашмаи пайдоиш, иштиқоқ, идғом шудани онҳо, муайян кардани эквиваленти ин ё он калима дар забонҳои гуногун мебошад. Дар забони тоҷикӣ луғатҳои сермаъмул хеле зиёд ҳастанд, ки онҳо таърихи дурударозро тай карда, дар замони мо низ хусусияти истифодашавиашонро гум накардаанд. Аз ҷумлаи чунин вожаҳо калимаи «фар» сермаъмул буда, таърихи куҳан дорад ва он дар луғатномаҳо, фарҳангнома ва энсиклопедияҳои гуногун мавриди маънидод ва шарҳу тафсир қарор гирифта, шӯҳрати беандоза касб кардааст.

Вожаи «фар» дар шакли «фар», «фарра», «фарн», «фарна», «хур», «хурра», «хура» ифода шуда, дар забони тоҷикӣ ин вожа чун «фар» бештар шӯҳрат ёфта, шакли «хурра» ҳамчун муодили ин калима ва вожаи «фарн» дар забонҳои дигари дунё, аз ҷумла осетинӣ омадааст. [14, с.1023]

Калимаи «фар» аз забони авастоии «xvar nah» (хварна), ки асли муодили он дар забони форсии бостон «фарна» омада, дар забони паҳлавӣ ҳамчун «фар»/»фаррах» ва ё «хвар» «хваррах» [xvarr(ah)] [9, с.350] ва дар санскрит чун «svarnara», дар забони юнонии бостонӣ ҳамчун pharneches (фарнехес) мавриди корбурд қарор гирифтааст. Вожаи pharneches-ро Ҳеродот дар китоби худ ба маънии қонунияти шоҳигарии ориёиён истифода кардааст. Муодилҳои «фар» дар забони юнонӣ «фарнехес», «техе» ва дар забони римӣ «фартуна» ба маънии иқболи нек меояд [14, с.1023].

Дар «Авасто» истилоҳи «фар» дар шакли «xvarƏnah», дар забони паҳлавӣ «xwarrah», дар осори монавӣ «farrah» бисёр зикр шудааст. Вожаи «хварна», «хварно», «фарно» ва «фарро» дар замони мо чун истилоҳи авастоӣ оид ба шинохти фалсафаи шоҳигарии ориёиён мавриди шарҳ қарор мегирад [14, с.1023]. Бино ба таҳлили муҳаққиқи форсизабон Муҳаммад Муин дар «Авасто» калимаҳои «xvarnah» ва «xvarno» омада, дар форсии бостон «hvarnah» аст, ки дар паҳлавӣ «xvarreh» ва дар Позанд «xvareh» ва дар форсӣ «хурра» ва «хура» гардидааст [12, с.412]. Ин калима дар форсии бостон дар шакли «фарна» омада, дар забони суғдӣ ҳамчун «prn», «frn» - «фарн» ва сакоӣ «pharra» – «фарра» омадааст ва ин вожа ба забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ чун «фар» ва ё «фарра» интиқол гардидааст. [14, с.1023]. Калимаҳои «фаррух», «фархунда», «фархон», «фарраҳӣ» аз ҳамин реша гирифта шудаанд. Баъзе муҳаққиқон вожаи «хур»-ро бо калимаи «хуршед» пайваст дониста, онро аз решаи авастоии «khvar» ба маънои «дурахшидан» донистаанд.

Ин вожа дар «Луғатномаи Деҳхудо» ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънии шаъну шукӯҳ, дар «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ» ва «Салоса Расоил» ба маънии нур, барозандагӣ ва зебоӣ, бархе аз донишмандон маънии ин калимаро **саодат** гуфтаанд [13, с.219].

Дар «Фарҳанги Амид» ин вожа чун шаъну шавкат, рифъат шукӯҳ, зебоӣ, барозандагӣ, равнақ, партав, фурӯғ маънидод шудааст [3, с.787].

Мувофиқи маълумоти «Ғиёс-ул-луғот» ин калима ба маънии шаън, шавкат, нур ва партав ва дар «Муайид» ба маънии зебо ва лафзи **фаррух** аз ин мураккаб аст (аз «Сироҷ»). «Фарра» ба маънии шаъну шавкат ва азамат [7, с.104] омадааст.

Дар «Бурҳони қотеъ» фар ба маънии шаън ва шавкат ва рифъат ва шукӯҳ ва санг ва ҳанг – ба маънии нур ҳам гуфтаанд, чӣ мардуми нурониро фараҳманд ва фарҳуманд гӯянд, ба маънии барозиш ва барозандагӣ ва зебо ва зебоӣ ва зебандагӣ низ омадааст – ва селобро ҳам гӯянд.

«Фар» дар забони арабӣ ду ҳарфи ҳамсадои «р» дошта ба маънии фирор кардан, гурехтан, гурез истифода мешавад [6, с.787].

Мувофиқи иттилои «Фарҳанги Амид» калимаи хурра ё хура ба маънии фарра, нур, партав, фурӯғ, равшанӣ, нур ва партав, ки аз ҷониби Худованд бар баъзе аз мардум бирасад ва ононро аз дигарон мумтоз созад. Маънии дигари ин вожа хархар кардан аст [3, с.787].

Мазмуни дигари калимаи «фарра» бахту иқбол, нуру рӯшноии илоҳӣ мебошад, ки он (фар) фурӯғи эзадӣ буда, ба дили ҳар кӣ битобад аз ҳамагон бартарӣ ёбад, аз партави ин фурӯғ шахс ба подшоҳӣ расад, шоистаи тоҷу тохт гардад, осоишгар ва одил шавад, ҳамвора комёб ва пирӯзманд бошад [4, с.158].

Маънии вожаи «фар» дар забони русӣ «фортуна», «удача», «счастливый случай» ва дар забони англисӣ «fortune», «splendour», «divine royal glory» и ғайра мебошад.

Дар китобҳои қадимаи ниёгон омадааст, ки Аҳуромаздо ба баргузидагони худ фарраро барои подшоҳӣ мебахшад. Аҳуромаздо шоҳро нерӯи маънавӣ бармегузинад, ки фарри шоҳӣ маҳсуб мешуд. Шоҳи баргузида мазҳари қудрати Худованд ва меҳру қаҳри эзадӣ ба шумор мерафт. Фарри эзадиро маъмулан далели ҳаққоният ва машруияти подшоҳон дар замони бостон донистаанд.

Истилоҳи **«фарраҳманд»** дар «Авасто» низ бисёр омадааст, ки он ба маънии соҳиби «фар» будани шоҳ далолат мекунад.

Истилоҳи **«фарри ориёӣ»** дар «Авасто» чун шоҳи бузурги соҳибхирад, тавоно, дорандаи фар ва дорои ахлоқи нек, ки бо тавоноии худ қувваи бадиро шикаста, онро фурӯ кӯбад, чӣ тавре ки аз забони Аҳуромаздо омадааст: «Ман фарри ориёиро биёфаридам, ки аз сутур бархурдор, хуб рама, тавонгар ва фарраҳманд аст. Хиради нек оварида ва дорои хуб фароҳам омада бахшад, озро дарҳам шиканад ва душманро фурӯ кӯбад», ё дар банди дигар омадааст: «Фарри ориёӣ Аҳримани пургазандро шикаст диҳад, хашми хунини дарфашро шикаст диҳад, бӯшоспи хоболударо шикаст диҳад, ях [бандони] дар ҳамафсурдаро шикаст диҳад, опӯши девро шикаст диҳад, сарзаминҳои ониронро шикаст диҳад». [1, с.481]

Дар китоби муқаддаси зардуштиён фарри каёнӣ низ омадааст, он ба маънии фарри шоҳӣ, ки дар муқобили оммаи мардум буда, ҳар кас ки аз он насибаш бошад, ба шукӯҳи шоҳӣ мерасад ва азамати маънавӣ пайдо мекунад.

Истилоҳи **«фарри каёнӣ».** Аҳамияти «фар» дар нуздаҳум Яшти «Авасто», яъне Зомиёд Яшт ё худ Каён Яшт махсус барои бузургдошти «фарри каёнӣ» ва як қатор подшоҳони даври бостон омадааст: «Фарри каёнии нерӯманди Маздо офаридаро меситоем, [он фар], бисёр сутуда, забардаст, парҳезкор, коромад ва чолокро, ки бартар аз дигар офаридагон аст…». [1, с.486]

Дар «Корномаи Ардашери Бобакон» истилоҳи фар ва фарри худой омадааст: «…Дастур [мушовир ва ё вазири Ардавон] гуфт, ки он фарри худой аст, ки ҳанӯз биҳиш [ба Ардашер] нарасида, бибояд ки ба вайсӯ борем [битозем] шояд, ки пеш аз он ки он фарра биҳиш бирасад, шоем [битавонем] гирифтан» (10, с.53).

Чӣ тавре ки дар боло зикр кардем, шакли дигари вожаи «фар» калимаи «фарн» мебошад. «Фар» ё худ «фарн» дар қадим ҳамчун нишонаи шоҳигарӣ низ будааст, ки шоҳон онро мерос мегирифтанд ва дар нишастани тахт онро ҳамроҳ медоштанд ва ин дар «Авасто» зикр шудааст. Мувофиқи маълумоти олими авастошиноси рус С.С. Авиренцев дар мифологияи халқиятҳои эронитабор дар Зомиёд-Яшт омадааст, ки Ажи-Даҳака (Аждаҳор ё худ Ажи Заҳҳок – Ф.К.) муқобили худои оташ Атара барои ба даст овардани «фарн», ки нишонаи истиқлолияти шоҳигарӣ маҳсуб мерафт, дар мубориза буд [2, с.41].

Мувофиқи афсонаҳои қадимӣ Афросиёб, шоҳи Тӯрон, барои ба ин фар соҳиб шудан бисёр кӯшишҳо мекунад, аммо комёб намешавад. Қиссаи муборизаи Афросиёб барои ба даст овардани «фар» ва нокомии ӯ дар нуздаҳумин Яшт, яъне «Зомиёд Яшт» ва ё «Каён Яшт»-и «Авасто» дар бандҳои 56 – 64 муфассал омадааст.

Мувофиқи таълимоти «Авасто» шоҳи парҳезгор, чусту чолок, забардаст ва соҳиби ахлоқи сутуданӣ соҳиби фарри каёнӣ мегашт, ки бо он шоҳ қудрати бемаҳдуд пайдо карда, ба азамати вай ягон инсон ва ё офарида баробар шуда наметавонист. Шоҳ бо фарри каёнӣ дар сарзамини ориёиён мутлақияти пурра ва бемаҳдудро доро буд, ки Аҳуромаздо онро ато мекард. Аҳуромаздо, ки «чандон фарри каёнӣ дар ӯст, ки метавонад ҳамаи сарзаминҳои ониронро (сарзаминҳои қабилаҳои ориёиён – *Ф.К.*) барканад ва дар худ фурӯ барад», барои шоҳи ормонӣ он фарро медиҳад [1, с.498]. Бинобар ин, дар асотири қадимаи халқиятҳои ориёинажод агар шоҳ ситамгар шавад, фарри шоҳӣ аз ӯ ҷудо мегардад, вале аз хонадони ӯ хорӣ намешавад ва агар писаре дорад, ба ӯ мерасад. Фарра ба касоне, ки ситамгоранд ва рӯҳи аҳриманӣ доранд, насиб намешавад, чӣ тавре ки дар «Авасто» маълумот дода шудааст, Заҳҳок ва Афросиёб борҳо барои ба даст овардани фарра кӯшиданд, вале ҳар бор ноком монданд.

И. Брагинский дар мутолиаи масъалаи Ардивисура Анаҳито сурати ҳайкали Ардивисура Анаҳито ва Нарсро дар мақолаи худ овардааст, ки он ҳайкал дар замони Сосониён тарошида, дар он Ардивисура Анаҳито нишонаи истиқлолияти шоҳигарӣ – «фарн»-ро ба шоҳ Нарс тақдим кардааст, ки онро шоҳон ҳангоми ба тахт нишастан соҳиб мешуданд [5, с.84].

Илова бар ин, археологҳову таърихнигорон сурати тангаҳои замони Кӯшониёнро дарёфт кардаанд, ки дар он вожаи «фарро» ва «хварро» навишта шудааст. Ин вожа дар забони бохтарӣ

сермаъмул будааст. Шоҳигарии Кӯшониён дар бохтарзамин ҳузур дошта буд. Аз ин рӯ калимаи «фарро» бештар мавриди истифода қарор мегирифт [5, с.1203].

Ҳамин тариқ, вожаи «фар» дар замони қадим на танҳо шакли шифоҳӣ дошт, инчунин, ин калима номи нишоне, ки шоҳ барои мустақилияти худ онро ҳамроҳ медошт ва аз падару бобояшон чун мероси шоҳигарӣ қабул ва ҳимоя мекарданд ва гоҳо барои соҳибият ба «фар» шудан ҷангҳои дурудароз менамуданд.

Вожаи «фар» ва «хурра» дар замони Сосониён сермаъмул буд, ки «Корномаи Ардашери Бобакон» ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба ин фикр далолат мекунад. Мувофиқи маълумоти ин ду сарчашма Ардашери Бобакон баъди ғалаба аз болои Ардавон шоҳи Ашконӣ донист, ки фарри шоҳӣ бо вай аст ва баъди ба тахт нишастан барои арҷгузорӣ шаҳристоне бунёд мекунад, ки онро «Ардашерхурра» ном мениҳад.

Вожаи «гӯр» дар Шоҳнома ҳамчун шакли ассимилиятсияшудаи вожаи «хур» омадааст. Чанд мисраъ дар васфи шаҳристони «Ардашерхурра» ва бо номи дигараш «шаҳри Гӯр» аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ меорем:

Сӯи Порс омад зи Рай номҷӯй, Баросуд аз ранҷу аз гуфтугӯй.
Яке ***шорстон*** *кард пуркоху боғ, Бад ӯ-андарун чашмаву дашту роғ,*
Ки акнун гаронмоя деҳқони пир, Ҳаме хонадаш ***Хурраи Ардашер****.*
Яке чашмае бекарон андар ӯй, Фаровон аз он чашма букшод ҷӯй.
Баровард бар чашма оташкада, Бар ӯ тоза шуд Меҳру ҷашни Сада,
Ба гирд-андараш боғу майдону кох, Бароварда шуд ҷойгоҳе фарох.
Чу шуд шоҳ бо донишу ***фарру*** *зӯр, Ҳаме хонадаш марзбон шаҳри* ***Гӯр.*** *[19,* ***с.311]***

Калимаи «фар» дар адабиёт сермаъмул мебошад ва шоирону адибон ин вожаро бисёр корбурд кардаанд. Масалан, дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ин вожа хеле фаровон омадааст, ки бо якчанд намуна иктифо хоҳем кард. Абулқосим Фирдавсӣ дар асари хеш вожаи «фар»-ро нӯҳ маротиба корбурд карда, калимаи «хурра»-ро дар се ҳолат истифода намудааст. Фирдавсӣ дар ситоиши достон аз подшоҳии Каюмарс – аввалин мулуки Аҷам, ки сӣ сол буд, чунин гуфтааст:

Чу омад ба бурҷи ҳамал офтоб, Ҷаҳон гашт бо фарру оину об... [18, с.44].

Дар ҷои дигар оиди мерос гирифтани Ҳушанг фарро аз падараш Сиёмак барои бар тахт нишастан овардааст:

Дуто мешудандӣ бари тахти ӯй, Аз он баршуда фарраи бахти ӯй. [19, с.45].

Ё худ баъди соҳиби фар шудани Ҳушанг ва ба тахт нишастани шоҳ ба ободии диёр кӯшиш мекунад ва ҷӯю рӯди обро ба заминҳо барои кишт ва зиндагии осон равона мекунад ва он маҳз ба воситаи фарри каёнӣ ба амал меояд:

Ба ҷӯю ба рӯд обро роҳ кард, Ба фарри кайӣ ранҷ кӯтоҳ кард. [18, с.51]

Тибқи маълумоти «Фарҳанги забони тоҷикӣ» адибони асрҳои миёна вожаи «фар»-ро ба маънии зебоӣ, ҳусну ҷамол, ороиш истифода кардаанд. Чӣ хеле ки Унсурӣ, Фаррухӣ ва Авфӣ гуфтаанд:

Гирифт аз моҳи фарвардин ҷаҳон фар,
Чу фирдавси барин шуд ҳафт кишвар. (Унсурӣ)

****

Роҳати ороми рӯҳу ромишу таскини дил,
Нузҳати дидори чашму зинату фарри шабоб. (Фаррухӣ)

****

«Писарро бо он ҷамол ва фар бидид, хуррам шуд» (Авфӣ)

Адибон, ба мисли Абулқосим Фирдавсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шамсиддин Шоҳин ин вожаро чун нур, равшанӣ, партав ва маънии маҷозии он шаъну шукӯҳ, шавкат, дабдаба ва ҳайбати подшоҳон мавриди корбурд қарор додаанд:

Ниҳоданд бар пушташон тахти зар,
Нишастангаҳи шоҳи бо тоҷу фар. (Абулқосим Фирдавсӣ)

****

Чу бигзашт соли вай аз ҳафту ҳашт,
В-аз ӯ фарри шоҳӣ фурӯзанда гашт. (Абдурраҳмони Ҷомӣ)

****

Бузургиш шоҳон ба адл-андар аст,
На бо фарру дайҳиму ангуштар аст. (Шамсиддин Шоҳин)

Вожаи «фар» дар осори шоирону нависандагон, ба монанди Ҳотифӣ, Табарӣ, Унсурӣ бо калимаҳои бурз, савлат, шукӯҳ якҷоя омада, ба маънии ҷалолу шукӯҳ, бошукӯҳии пайкар ва ҷусса омадааст:

[Хушнавоз] … мардеро дид сахт некӯрӯй, бо фарру бурз ва ёлу кӯпол. (Таърихи Табарӣ).

****

Чу шуд фаҳм осори давлат зи ту,
Суханронию фарру савлат зи ту. (Ҳотифӣ)

****

Гаронмоякоре ба фарру шукӯҳ,
Бирафту шуданд он ба оин гурӯҳ. (Унсурӣ)

Ҳамин тариқ, вожаи «фар» аз забони авастоии «xvar» буда, он дар забони форсии бостон чун «фарна», дар забони суғдӣ ва осетинӣ чун «фарн» ва «парн», дар забони сакоӣ «фарра» омада, дар забони тоҷикӣ «фар» шудааст. Шохаи дигар калимаи авастоии «xvar» «хур» ва «хурра» мебошад. Аз ин рӯ, асли вожаҳои «хур», «хурра», «фар», «фарн», «фарра», «фарро», «фарраҳ» калимаи авастоии *«xvar»* ва «*xwarrah»* будааст. Илова бар ин, аз вожаи «фар» ибораҳои «фарри ориёӣ», «фарри каёнӣ», «фарри эзадӣ», «фарри шоҳӣ» сохта шудаанд. Маънии луғавии «фар» хеле васеъ буда, шакли маънидоди полисемиро доро аст. Маънии истилоҳии ин вожа иборат аз қудрату шукӯҳи шоҳӣ ва қонунияти бечунучарои шоҳони ориёӣ ба ҳисоб мерафт ва ниёгон дар номгузории нишонаи асбобе, ки аз мустақилияти томи шоҳон далолат мекард, ҳамчун «фар» номгузорӣ мекарданд. Кӯшониён, дар навбати худ, дар рӯи тангаҳои тиллоӣ калимаи «фарро»-ро чун ифодагари азамати шоҳигарӣ ва мустақилияти томи давлатдориашон навиштаанд. Вожаи «хур» ва «хурра» низ дар замони сосониён сермаъмул будааст, зеро номгузорӣ кардани шаҳристоне аз ҷониби Ардашери Сосонӣ бо номи Ардашерхурра ба ин фикр далолат мекунанд. Аз калимаи «хур» вожаи «гӯр» низ пайдо шудааст, ки номи дигари шаҳристони «Ардашерхурра» шаҳри «Гӯр» мебошад, ки он дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дарҷ шудааст.

Муодили вожаи «фар» дар забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла юнонӣ ва лотинӣ, ки сарчашмаи фонди луғавии забонҳои аврупоӣ мебошанд дар шакли калимаҳои «pharnexes», «tyche» ва «fortune» омадааст, аммо ин вожаҳо маъни пурраи «фар»-ро дарбар гирифта наметавонанд. Калимаи «fortune»-и лотинӣ дар забонҳои англисӣ ва русӣ низ дар замони муосир сермаъмул мебошад. Маънии вожаи «фар» дар забони русӣ «фортуна», «удача», «счастливый случай» ва дар забони англисӣ «fortune», «splendour», «divine royal glory» и ғайра мебошад.

АДАБИЁТ

1. Авасто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ /Тарҷумаи Ҷалил Дӯстхоҳ. –Теҳрон: Интишороти марворид, ҷ. 1, -526с., ҷ. 2, -1206 с.
2. Авиренцев, С.С. Ажи – Даҳака //Энциклопедия мифы народов мира, -Москва: «Советская Энциклопедия», 1980. -1147 с.
3. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид / А. Ҳасан.Теҳрон: «Интишороти роҳи рушд», -1088с.
4. Ашраф, Аҳмад. Ҳуввияти эронӣ аз даврони бостон то поёни паҳлавӣ / Тарҷумаи Ҳамид Аҳмадӣ. –Теҳрон: Най, 2016. -142 с.
5. Брагинский, И. Ардвисура Анахита. //Энциклопедия мифы народов мира -Москва: «Советская Энциклопедия», 1980. -1147с.
6. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. -Душанбе: «Адиб», 1993.
7. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот / Ғ. Муҳаммад. -Душанбе: «Адиб», 1988. –Ҷ. 2, 416 с.
8. Динкард. Китоби саввум / Тарҷумаи Фаридун Фазилат. –Теҳрон: Фарҳанги Деҳҳудо, 2002. – 120 с.
9. Жола, Омӯзгор Ягона. Таърихи асотири Эрон. Ж.О. Ягона. Теҳрон, 1383. -Ҷ.1. саҳ. 350-351.
10. Корномаи Ардашери Бобакон /Тарҷумаи Қосим Ҳошимӣ Нажод. –Теҳрон: Нашри Марказ, 1991. – 84 с.
11. Минуи хирад / Тарҷумаи Аҳмад Тафзилӣ. –Теҳрон: Интишороти Тӯс, 2000. –138 с.
12. Муин, Муҳаммад. Маздоясно ва адаби порсӣ. / М. Муҳаммад Теҳрон, 1338. –Ҷ.1, с. 412.
13. Чарлз, Роберт. Тулӯъ ва ғуруби зардуштиргарӣ / Тарҷумаи Темур Қодирӣ. Теҳрон, 1375.
14. Топоров, В.Н. Фарн //Энциклопедия мифы народов мира -Москва: «Советская Энциклопедия», 1980. -1147 с.
15. Таҳомӣ, Муртазо. Шоҳи ормонӣ ва ормоншаҳрӣ/ Т. Муртазо // Маҷаллаи Ҷусторҳои таърихӣ. Теҳрон, 2018. – с. 43-63.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Москва: «Советская Энциклопедия», 1969. Ҷ.1.
17. Онҷӯ, Ҳусайн Ҷамолиддин. Фарҳанги ҷаҳонгирӣ / Ҷ.О. Ҳусайн. Машҳад, 1351.
18. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Ф. Абулқосим. -Душанбе: «Адиб», 2019. -Ҷ.1, 480с.
19. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Ф. Абулқосим. -Душанбе: «Адиб», 2009. -Ҷ. 7, 480с.

ИСТОРИЯ СЛОВА «ФАР» И ЕГО ЭКВИВАЛЕНТЫ В РАЗЛИЧНЫХ ЯЗЫКАХ

Статья рассматривает вопросы этимологии и ономастики слова «фар» и его эквиваленты в различных языках.

Автор, обратив внимание на произведения древних и средних веков, особенно на древнюю книгу арийских народов «Авеста», проанализировал этимологию слова «фар» и определил а) формы транслитерации этого слова, б) происхождения других слов от этого слова, в) лексические и терминологические значения слова «фар».

Автор, сделал выводы о том, что источником слова «фар» является авестийское слово «xvar» или «xwarrah». Это слово в древне персидском языке использовалось как «фарна», в согдийском и осетинском языках как «фарн» и «парн», в сакском языке было «фарра» и в таджикском языке стало «фар». Другая ветвь слова «xvar» или «xwarrah» стало «хур» и «хурра». Это слово транслитерировалось в форму «фар», «фарн», «фарра», «фарро», «фарраҳ» в разных древних и средневековых языках арийских ветвей. Термин «фар» стал источником появления словосочетания «фарри ориёи», «фарри каёни», «фарри эзади», «фарри шоҳи».

В греческом и латинском языках, которые являются источником лексического фонда европейских языков, выявлены эквиваленты слова «фар», такие как «pharnexes», «tyche» и «fortune». Но эти слова не могут означать все полисемические значения терминологии «фар». Слово «fortune» является современным и многоиспользуемым словом в различных европейских языках, особенно в английском и русском языках. В русском языке значение слова «фар» понимается как «фортуна», «удача», «счастливый случай», а в англиском языке как «fortune», «splendour», «divine royal glory» и т.д.

THE HISTORY OF THE WORD «FAR» AND ITS EQUIVALENTS IN VARIOUS LANGUAGES

The article discusses about the ethimology and onomastics of the word «far» and its equivalents in various languages.

The author has analyzed the ethimology of the word «far» focusing on the works of ancient times and middle ages especially the holy book of Aryan peoples «Avesta» and defined a) the forms of transliteration of this word, b) the origin of the words from this word, c) lexical and terminological meaning of the word «far».

The auther has concluded that the origin of the word «far» is the avestian word «xvar» или «xwarrah». The vestian word influecnced for appearing the word «farna» in ancient Persian, «farn» and «parn» in the Sogdian and Ossetic languages, «farra» in the Scythian and the Saka languages and it became «far» in the Tajik languages.

Another branch of the word «xvar» or «xwarrah» became the origin of the word «khur» and «khurra». The words «far», «farn», «farra», «farna», «khurna», «farro», «farrah» were transliterated form the avestian word «xvar» or «xwarrah» in different ancient and middle ages languages of Aryan branches. The termin «far» became the source of making the phrases like «farri oriyoi», «farri kayani», «farri ezadi», «farri shohi».

The Greek and Latin words «pharnexes», «tyche» and «fortune» are the equivalents to the word «far». The European languages especially, English and Russian use the word «fortune» as the contemporary lexical element which was quoted from the the Greek and Latin languages. The «far» means «glory», «fortune», «splendour», «divine royal glory» in English and «fortuna», «udacha», «schastliviy sluchai» in Russian languages.

Сведения об авторе

Камолов Фаррухджон Абдукадирович *- кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: Республика Таджикистан, 735700 г.Худжанд, проспект И.Сомони 169 Электронная почта: foteh122010@gmail.com Тел: (+992) 928478616*

About the author

Kamolov Farrukhjon Abdukodirovich *- Candidate of Philology Sciences, in Associate Professor of the Department of Foreign Languages, the Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce Address: Republic of Tajikistan, 735700 Khujand, I.Somoni Avenue, 169. E-mail: foteh122010@gmail.com mobile phone: (+992) 928478616*

УДК:809.155.0.802.0

АЛОҚАИ ПАЙВАСТИ ПАЙИҲАМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маҳмадсолеҳи М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Дар солҳои 70 ва 80–уми садаи гузашта таваҷҷӯҳи як зумра олимон ва забоншиносонро масъалаи омӯзиши воситаҳои алоқаи наҳвӣ ба худ ҷалб намуда буд.

Таҳқиқи мавзӯи фавқ дар забони англисӣ ба қалами чунин забоншиносони англис, чун Ҳ.Суит, Л.Блумфилд, О.Есперсен, А.Крузин, В.Граф, А.Кеннедӣ, инчунин англисшиносони Шӯравии собиқ А.И.Смирнитский, М.Блох, О.Ахманова, О.Бархурдаров мансуб аст.

Пайвандакҳо калимаҳои серистеъмоли забон буда, дар омӯхтани ибораю ҷумла ва ифодаи фикр воситаи муҳим ба шумор мераванд. Вазифаи грамматикии онҳо алоқаманд намудани калимаю ибораҳо дар ҷумлаи сода ва алоқаманд гардонидани ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб аст: Ба андешаи забоншинос Н.Бозидов «Пайвандакҳои пайвасти пайиҳами «***–у, –ю»*** аъзоҳои чидаро, пайвандаки пайиҳами ***ва,*** пайвандакҳои хилофии ***«аммо, вале, лекин»*** ҷумлаҳои содаро бо ҳам мепайвандад.

Гарчанде ки дар забоншиносии англисӣ ин мавзӯъ нисбат ба забони тоҷикӣ фарохтару дақиқтар таҳқиқ гашта бошад ҳам, баъзе паҳлуҳои воситаҳои алоқаи пайвасти пайиҳами ин забонҳои муқоисашаванда то ҳол ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтаанд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ алоқаи пайвасти пайиҳам, ки дар он калима ва ҷумлаҳо пайиҳам омада, ба воситаи пайвандакҳои ***ва, у, ҳам, низ, инчунин*** дар забони тоҷикӣ ва пайвандакҳои ***and, also*** дар забони англисӣ ба якдигар пайваст мешаванд: *дарахт ва санг – tree and stone, Садъӣ онҳоро овард* ***ва*** *ба назди дар баргашт, Sadi brought them in* ***and*** *went back to the door [9, с. 67]. Замину осмон – The earth and the sky, чи талх, чи ширин – Either bitter or sweet [9, с. 37].*

Алоқаи пайиҳам ба воситаи ***ва, у, (and)*** асосан дар дохили ҷумла омада, онҳоро пайваст мекунад: *Ҳанифа дар рӯ ба рӯи дар меистод* ***ва*** *чашмони сиёҳи ӯ аз гиря сурх шуда буд [9, с. 37]. Hanifa was stnding in front of the door* ***and*** *her black eyes were red because she had been crying. Дар ҳамон ҷо ҳам кор мекунем, ҳам ош мепазем, ҳам умрамон мегузарад [9, с.57]. We work, cook and spend our life there. Дар он ҷо мо* ***ҳам*** *кор мекунем, таом мепазем ва умрамонро мегузаронем.*

Яке аз хусусиятҳои корбурди пайвандакҳои пайиҳам, алалхусус ***ва, у*** пайваст намудани ҷумлаҳои содаи таркибӣ бо ҷумлаи мураккаб ва нишон додани алоқаи байни онҳо ба шумор меравад: *Mother* ***and*** *daughter have a very series talk about the girl`s dicision to take up teaching as a career. Модару духтар дар бораи омӯзгориро ҳамчун касб интихоб намудани духтар суҳбати доманадор доранд[9, с. 28]. Халтаро Ҷӯра бардошту онҳо аз хона берун баромаданд [9, с. 25]. Jura raised the bag* ***and*** *they went out of the room.*

Бояд таъкид намуд, ки таркибҳои ҳарду забон ҳам алоқаи пайвасти пайиҳам, ки дар он калима ва ҷумлаҳо пайиҳам омада, ба воситаи пайвандакҳои «***ва, –у, ҳам, инчунин, чи ...чи, балки»*** дар забони тоҷикӣ ва ***«and, so, as, also, but»*** дар забони англисӣ ба якдигар муносибат пайдо мекунанд: *китоб ва дафтар, book and notebook, барфу борон, snow and rain, замину осмон, the earth and the sky.*

Чӣ тавре ки аз мисолҳо равшан мегардад, агар муодили пайвандаки тоҷикии «***ва»*** дар ибора ва ҷумлаҳои забони англисӣ пайвандаки ***«and»*** ба шумор равад, пас пайвандаки «***у»*** муодили он буда, дар бештари ҳолатҳо он низ ба воситаи пайвандаки ***«and»*** ифода меёбад.

Ҳамин тавр, пайвандакҳо воситаҳои асосии ифодакунандаи алоқаҳои наҳвӣ ва муносибатҳои маъноию грамматикии байни ҳиссаҳои таркибии ҷумлаи мураккаб буда, онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) пайвандакҳои пайвасткунанда: ***«ва, -у, -ю, аммо, вале, лекин, балки, ё, ё», and, not only… but, (also) neither … nor*** ва ғайра**»;**

б) пайвандакҳои тобеъкунанда*: «**ки, то, зеро, чунки, агарчи, гӯё ки, чунон ки, вақте ки, модом ки while, when, if, though, so that** ва амсоли инҳо».*

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ асосан дар асоси пайвандакҳо тасниф шудаанд, Пайвандакҳои пайвасткунанда аз пайвандакҳои тобеъкунанда на танҳо бо тарзи алоқа, инчунин бо вазифа ва мавқеи истифода фарқ мекунанд. Пайвандакҳои пайвасткунанда ҳам аъзоҳои ҷумлаи сода ва ҳам ҳиссаҳои таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро ба ҳам мепайванданд, аммо пайвандакҳои тобеъкунанда ба сарҷумла танҳо ҷумлаи пайравро тобеъ менамоянд. Пайвандакҳои пайвасткунанда бо ҳиссаи дуюми ҷумлаи мураккаб, дар аввали он меоянд, вале пайвандакҳои тобеъкунанда ҳамеша дар таркиби ҷумлаи пайрав, аксаран дар аввали он воқеъ мегарданд. Азбаски ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла, пас аз он ва дар байни аъзоҳои сарҷумла меояд, ҷои пайвандак низ гуногун аст.

Аз ин лиҳоз, пайвандакҳо ҳам пайвасткунанда ва ҳам ҷудоӣ мешаванд [3, с.307]. Дар забони англисӣ пайвандакҳо аз рӯйи вазифаашон ба 5 гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам ***(compulative),*** пайвандакҳои ҷудоӣ ***(disjunctive),*** пайвандакҳои хилофӣ ***(adverstative),*** сабаб –

(causal), натиҷа ***(resultative)***. Дар маъхазҳои забони тоҷикӣ се роҳи алоқаи **мусбат** муайян шудааст: муносибати пайиҳам; муносибати хилофӣ; муносибати ҷудоӣ;

Профессор Ф.Зикриёев вуҷуд доштани муносибати сабабу натиҷаро дар семантикаи ҷумлаи мураккаб қайд мекунад [4, с.155].

Дар рафти таҳқиқ муайян карда шуд, ки чӣ гуна пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар забони англисӣ истифода бурда мешаванд. Ба ғайр аз ин, пайвандакҳо дар ҳар ду забон барои пайваст кардани ҷузъҳои хабари ҷумлаҳои мураккаб, калимаҳои ҷудокунанда мавҷуданд.

Барои пайваст кардани воҳидҳои хабарии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти забони англисӣ пайвандакҳои «***and, not only … but also, neither … nor»,*** дар забони тоҷикӣ бошад, пайвандакҳои зерин истифода мешаванд: «***ва, -у, – ю»*** ва инчунин баъзан бо ёрии пайвандакҳои дутаркибаи «***чи–чи, гоҳ–гоҳ»***. Ҳар яке аз пайвандакҳои забонҳои муқоисашаванда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ифода шуда, бо таъсири воситаҳои гуногуни мантиқӣ дар байни гурӯҳҳои хабарии таркиби ҷумлаҳои мураккаб хизмат мекунанд.

Мо зарур мешуморем, ки аз таҳлили алоқаи пайваст шурӯъ намоем, зеро нақши пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳами ***«and, ва,–у,-ю»*** дар созмони ин навъи алоқа бағоят калон аст.

It was a nice little place and Mr. and Mrs. Witla were rather proud of it. [10, с.36]. The sun was shining and the sky was very cloudless [10, с.38]. I have received a letter and a telegram [10, с.57]. Дар пеши назарам аз пахта кӯҳҳои азим бунёд мешуданд ва қуллаҳояшон ҳар соату ҳар рӯз баландтар қад мекашиданд [9, с.127]. Ман мактуб ва барқияро хондам. I have read both letter and telegram [9, с.94].

Дар ҷумлаи якуми забони англисӣ ду гурӯҳи хабарие мавҷуд аст, ки онҳо бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи «***and»*** пайваст шудаанд. Дар ин ҷумлаи мураккаби пайваст байни ду гурӯҳи хабар алоқаи шуморӣ мушоҳида карда мешавад. Дар ин ҳолат ин ду ҳодиса қариб дар як вақт рух медиҳанд. Дар ҷумлаи аввал дар бораи амале хабар дода мешавад, ки аллакай дар як лаҳзаи муайяни замони гузашта ба вуҷуд омадааст.

Амали дувум бошад, то анҷоми амали ҷумлаи якум оғоз шуда, то анҷоми ин амал идома меёбад. Гузашта аз ин, дар ин ду воҳиди хабарӣ як детерминанти умумӣ вуҷуд дорад ***(in the morning).*** Нақши пайвандаки «***and»*** дар он аст, ки ду ҷумлаи содаи баробарҳуқуқро ба ҳам алоқаманд мегардонад.

Дар мисоли дуюми забони англисӣ ҷумлаи мураккаб аз се воҳиди хабарӣ иборат буда, онҳо бо ҳам тавассути пайвандаки «***and»*** пайваст мешаванд. Ин ҷумлаҳо се амалеро инъикос менамоянд, ки дар як вақт дар байни гурӯҳи одамон ба вуҷуд омадааст ***«we»,*** дар аввал як амали муштаракеро иҷро карда, баъд онҳо ба ду ҷудо мешаванд, ки ҳар яке амали муштараки худро дар алоҳидагӣ иҷро мекунанд. Дар ин ҷо се амал дар як вақт иҷро шудааст (яъне, дар байни 5–6 соат). Аз ин лиҳоз, дар ин се гурӯҳи хабарӣ, дар шакли замони гузаштаи сода истифода бурда шудааст: *«get up, went* ва *crowded».*

Воҳидҳои хабарии номбурда на танҳо бо ёрии пайвандаки ***ва,-у*** ҷонишинҳои энклитикӣ ***ману падарам» «me and my father»*** ва ҷонишини шахсии ***«ман»*** пайваст мешаванд, балки бо калимаҳои ***Шумо ва рафиқатон*** бо ҳам мепайванданд.

Ҳамин тавр, пайвандакҳои ***«and»***–и забони англисӣ ва ***«ва»-***и забони тоҷикӣ ба ҳам мувофиқат мекунанд, ки мисолҳои зерин аз он шаҳодат медиҳанд:*Раис **ва** ҳамнишинонаш аз мошин фаромаданд. Chairman **and** his companions got out of the car –After reaching the right place **and** when the girls took the water, they talked about their dreams – Баъди ба ҷойи даркорӣ расидан **ва** об гирифтани духтарон орзуҳо гуфта шуданд.*

Дар забони англисӣ калимаи ***«neither»*** ба сифати пайвандаки пайвасткунанда қариб дар ҳама ҳолат бо пайвандаки ***«nor»*** истифода мешавад. *На Алӣ, на рафиқонашон ба суолҳо ҷавоб надодаанд.* ***Neither*** *Ali* ***nor*** *his friends answered the questions [10, с.42]. Онҳо на компютер харидорӣ намуданд, на китоб [9, с.68]. They brought* ***neither*** *computers nor books.*

Қайд кардан бамаврид аст, ки доираи истифодаи пайвандаки ***neither*** дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар муқоиса бо пайвандаки пайвасткунандаи ***and*** маҳдуд аст**:** *I shall go there* ***and*** *you stay here for a minute [10, с.37]. - Ман ба он ҷо меравам ва шумо дақиқае ин ҷо наистед. His father* ***and*** *mother went to the City [10, с.81].*

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷумла байни ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб алоқаи хилофӣ мавҷуд аст, вале ҳақиқат ин хел нест, маъно ишора шуда, аз мафҳуми инкории ин ду воҳиди хабарӣ сарчашма мегирад. Дар ин ҷо мақсади асосии ҷумлаи мазкур ба пайваст намудани ду ҷумлаи маънои инкоридошта равона шудааст.

Тарҷумаи ҷумлаи мураккаби пайвасти номбурда аз забони тоҷикӣ бо забони англисӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он дар забони тоҷикӣ аз ду воҳиди хабарӣ иборат аст: *На алав буд ва на шамъе меафрӯхт ӯ ҷон дод дар торикӣ [9, 75]. There was* ***neither*** *fire* ***nor*** *burning candle, she died in the darkness.*

Дар забони тоҷикӣ чун антоними пайвандаки таркибии ***«на … на»*** шакли ***«ҳам…ҳам»*** истифода бурда мешавад [2, с.30] аммо дар забони англисӣ ***«neither … nor»*** ба кор меравад [1, с.75].

Дар грамматикаи академӣ, дар боби ба ҷумлаи мураккаб бахшидашуда, ***«ҳам … ҳам»***–ро калимаи такрор номида, вале дар бораи он маълумот дода нашудааст [3, с.154].

Ф.К. Зикриёев чунин воҳидро «ҳиссаи пайвандак» номида, вазифаи онро ҳангоми дар як вақт гузаштани ду амал, ҷараён, вазъият ва ғайра мушоҳида мекунад [4, с.156]. Барои исботи фикри худ номбурда мисолҳои зеринро меорад: *Инҳо таҷрибаҳои худашонро ба ҳам дидан гиранд, мо ҳам аз они худамонро ба ҳам мебинем [9, с.127].- Let them to see their experiences we see ourselves.*

Дар ин мисоли забони тоҷикӣ ***«ҳам»*** дар воҳиди хабарии якум қисми пайвандаки таркибии ***«ҳам … ҳам»*** набуда, он ба таркиби феъли ***«ба ҳам дидан»*** мегузарад ва калимаи дуюми **ҳам** бошад баъд аз **мо** ҳамчун ҳиссача кор фармуда мешавад.

Пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳами забони англисӣ ***«both ... and»*** ба шумор рафта, муодили тоҷикии он пайвандакҳои ***«ҳам … ҳам»*** мебошанд: ***Both*** *Dill* ***and*** *Anusha missed the performance. Ҳам Дил ва ҳам Ания аз намоиш дер монданд [9, с.15]. We were* ***both*** *tired* ***and*** *hungry. Мо* ***ҳам*** *хаста ва* ***ҳам*** *гурусна шуда будем [9, с.71].*

Гузашта аз ин, пайвандаки таркибии ***«ҳам … ҳам»*** пайвандакҳо ҳам воситаи алоқа ва ҳам нишондиҳандаи муносибати ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаб ба шумор мераванд; Ин фикрро нисбат ба пайвандакҳои пайиҳам гуфтан душвортар аст, чунки дар ҷумлаҳое, ки бо ин гурӯҳи пайвандакҳо пайваст шудаанд, муносибатҳои гуногуни наҳвӣ мушоҳида мешавад. Масалан, ба воситаи пайвандаки ***ва*** ҷумлаҳое ба ҳам алоқаманд мешаванд, ки муносибати замонӣ (ҳамзамонӣ ва паиҳамзамонӣ), сабабу натиҷа, шумор, ҳамроҳӣ, ҳатто, хилофӣ дорушта, бинобар ин, ба мисоли зерин менигарем: ***Ҳам*** *худаш аз азоби тарбод ва* ***ҳам*** *муллобачагон аз уқубати моломол халос шуданд [9,с. 62].* ***Both*** *himself* ***and*** *the students got rid of rheumantism in the madrasah got rid of the endless massaging. Бечора модараш ҳам яккадаст шуда монд, вай ҳам келин фароварда ба муроди дилаш расид [9, с.57]. The poor thing his mother, vegetating in deprivation, brought her daughter–in law to the house* ***and*** *achieved her dream. Ҳам Ҷон ва ҳам он муҳандис кор карданро рад мекунанд[9, с.64].* ***Both*** *John* ***and*** *that engineer refuse to work.*

Дар мисоли якум ду воҳиди хабарӣ мавҷуд аст, ки воҳиди якум ноқису ноустувор (элиптикӣ) буда, дар он хабар мавҷуд нест. Аммо ин хабарро аз мантиқи ҷумла муайян кардан мумкин аст, ки он ***«халос шуд»*** мебошад ва он ҳам ба воҳиди хабарии якум ва ҳам ба дуюм мансуб аст. Ин ду воҳиди хабарӣ бо ёрии пайвандаки таркибии ***«ҳам … ҳам»*** пайваст мегарданд. Ҷузъи якуми ин пайвандак ба қисми аввали ҷумлаи мазкур омехта шуда, ҷузъи дуюмаш бошад, дар қисми дуюми ҷумла ҷойгир аст. Ба ғайр аз ин, пайвандаки хабарӣ дар созмони ҷумлаҳои нимхабарии мазкур пайвандаки ***«ва»*** иштирок карда, дар дохили ҷумлаи мураккаб дида мешавад.

Дар мисоли дуюм низ ду гурӯҳи хабарӣ мавҷуд аст: *Бечора модараш* ***ҳам*** *яккадаст шуда монд, вай* ***ҳам*** *келин фароварда ба муроди дилаш расид [9, с.38]. Садҳо нафар мардуми ҳашарчӣ ҳам ҳар ҷо–ҳар ҷо хобидаанд [9, с.64]. Қассоб гӯсфанд мекушт, ошпазҳо оши палаву кабоб* ***ва*** *нонвойҳо фатири равғанӣ мепухтанд [9, с.24].*

Ин воҳидҳои хабариро пайвандаки таркибии ***ҳам…ҳам*** пайваст мекунад. Ҷузъҳои пайвандаки мазкур мисли калимаҳои мутаносиб истифода шуда, дар қисми аввал ва ё дуюми ҷумлаи мураккаб меоянд [2, с.35]. Дар ин ҷо дар муқоиса бо мисоли якум пайвандаки ***«ва»*** истифода намешавад.

Пайвандаки мазкур воҳидҳои хабарии таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро ба сифати пайвандаки пайвасткунанда мустаҳкам намуда, барои ифодаи муносибати якхела хизмат мекунад, яъне хабари таркибии ин навъи ҷумлаҳои мураккаб шабоҳати аломатҳои хабарии ҳамон як субъектро ифода мекунад.

Бинобар ин, пайвандаки ***«ҳам … ҳам»*** ба сифати пайвандаки пайвасткунанда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб барои ифодаи муносибати мушобеҳ хизмат мекунад.

Барои тасдиқи ин ақида аз забони англисӣ мисол меорем: *1)* ***Both*** *his brother* ***and*** *sister are married [10, с.65]. 2)* ***Both*** *these friends are interesting, they bring me three apples.* ***Both*** *of them are green [10, с.38].*

Ин ҷумлаҳои забони англисӣ ба тариқи зайл тарҷума мешаванд: ***Ҳам*** *бародар ва* ***ҳам*** *хоҳари ӯ оиладор шудаанд.* ***Ҳардуи*** *ин рафиқон монанд мебошанд, онҳо ба ман се себ оварданд. Ҳардуи онҳо сабз мебошанд.*

Дар ҳар ду мисоли забони англисӣ ҷумлаҳои мураккаби пайвасти элиптикӣ (ноқис) мавҷуд аст. Шарҳи пурраи онҳо бояд чунин бошад: *1. He was* ***both*** *tired* ***and*** *thirsty, for it was very hot [10, с.26] – Ӯ ҳам хаста ва ҳам ташна шуда буд, барои он ки хеле гарм буд 2.* ***Both*** *copper* ***and*** *lead are found in this mine – Ҳам мис ва ҳам сурб аз ин (кон) дарёфт шудаанд [10, с.74].*

Пайвандаки ***«not only … but»***–и забони англисӣ метавонад ба сифати пайвандаки пайвасткунанда дар ҷумла иштирок кунад, ки он аз калимаҳои ёридиҳандаи зерин иборат аст: ҳиссачаи ***«not»,*** зарфи ***«only»*** ва пайвандаки ***«but»*** [1, с.157]**.** Онро ба қатори калимаҳои ёридиҳанда дохил кардан мумкин аст. Пайвандаки мазкур бештар барои пайваст намудани ҷузъҳои ҷумлаҳои

сода хизмат мекунад: ***1)*** *it would bring the world`s news* ***not only*** *to their eyes but or their ears [**1**, c.117]. Mrs. Williams and her husband … had a loud speaker,* ***but*** *also a late speaker [10, c.21].*

Пайвандаки таркибии ***«not only … but»*** инчунин барои муайян кардани алоқаи байни гурӯҳҳои хабарии таркиби ҷумлаҳои мураккаб хизмат мекунад: ***Not only*** *I like the movie* ***but*** *I also like the play.* ***На танҳо*** *синамо,* ***балки*** *намоиш ҳам ба ман маъқул буд. The movie is being shown* ***not only*** *at the Fox Theater* ***but*** *also neighborhood theaters. Филм* ***на танҳо*** *дар театри Фокс,* ***балки*** *дар театрҳои дигар низ намоиш дода мешуд [10, с. 31].*

Ҷумлаи якум аз се гурӯҳи хабарӣ иборат мебошад: гурӯҳи хабарии якум дар навбати худ ҷумлаи содаи мустақилро ташкил мекунад ва ду ҷумлаи содаи минбаъда, ки ҳамчун ҷумлаи пайрав омадаанд, бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи ***«not only … but»*** ба ҳамдигар пайваст шудаанд.

Қисми аввали ин пайвандак пеш аз ҷумлаи пайрави якум омада, қисми дуюми он бошад, пеш аз ҷумлаи пайрави дуюм меояд. Дар байни ҷузъҳои ***«not only…but»*** муносибати мутаносиб нишон дода мешавад. Маҳз муносибати мазкур ду ҷумлаи пайрави замонро дар як ҷумлаи мураккаби пайваст алоқаманд месозад. Аз ин ҷиҳат метавон ба чунин натиҷа расид, ки пайвандакҳои пайвасткунанда на танҳо барои пайваст кардани ҷумлаҳои аз ҷиҳати грамматикӣ мустақил, балки барои пайваст кардани ҷумлаҳои тобеъ низ хизмат мекунанд: *When he should enter into the one church* ***and*** *receive his first communion ва when he might join that wonderful brotherhood [10, c.126]* ин ду воҳиди хабарӣ ба мисли ҷумлаҳои пайвасти якхела ба сарҷумла тобеъ мебошанд: *He begun to long for the day.* Маҳз якхелагии онҳо бори дигар вазифаи пайвасткуниро дар ибораи ***«not only … but»*** исбот мекунад. Тарҷумаи тоҷикии он ***«на танҳо, балки»*** мебошад.

Дар ҷумлаҳои мазкур пайвандакҳои ***«not only … but»*** ва инчунин муодили тоҷикии он ***«на танҳо, балки»*** маънои махсус ҳис карда мешавад, ки он дар сохтори ҷумлаҳои мураккаб дохил карда мешавад. Ҷузъи ***«не только … но «not only … but – на танҳо, балки»*** аз рӯйи мавқеи худ пас аз гурӯҳи хабарии якум гузошта мешавад. Ҷузъи дуюм ***«but – балки»***–ро инчунин ҳодисае ном мебаранд, ки дар ҳар як субъект рух медиҳад [1, с.116]**.** Дар мисоли таҳлил кардаи мо ба сифати номинанти ҳодисаи якум *he should enterin to the one church* ***and*** *receive his first communion* баромад намуда, ҳодисаҳои дуюм бошад, бо ёрии гурӯҳҳои хабарии *he might join that wonderful brotherhood* шарҳ дода мешавад.

Мақсади ҷумлаҳои мураккаби пайвасти мазкур дар ду амал ва дар худи шахс дар вазъияти тасвиршуда нишон дода мешавад. Нақши пайвандаки ***«not only ... but»*** дар ин ду амал якҷоя нишон дода мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки он на танҳо амали якумро иҷро карда, балки дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти мазкур муносибати пайвасткунандаи байни ду воҳидҳои хабарии дар боло нишон додашударо ифода мекунад.

Пайвандакҳои пайвасткунанда: «***ва, –у (–ю, –ву); and, ҳам... ҳам – both … and, аммо, лекин, вале, балки – but ё, ё ки, ё ин ки – either … or»*** аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвастро бо ҳам мепайванданд [4, с.44].

Пайвандакҳо дар ҳарду забон аз ҷиҳати сохт сода, мураккаб ва таркибӣ мешаванд. Онҳо вазифаи муштаракро иҷро намуда, ҳамдигарро иваз карда метавонанд, вале баъзе пайвандакҳои муштараквазифа бо тобишҳои маъно аз муродифи худ фарқ мекунанд, аз ин рӯ, онҳо ҳамдигарро ба таври озод иваз карда метавонанд:

Тарки ёрӣ кардию man ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷонию аз ҷон дӯсттар дорам туро.

Пайвандаки ***«-ю, -ву»*** муодтлҳои дигари пайвандаки ***«-у»*** мебошад, ки одатан ба калимаҳои махтум ба садонокҳои васл мекунад. чунин ҷумлаҳоро ба ҳам пайвастааст, ки амалу ҳолати хилофи ҳамдигарро ифода мекунанд. Як нуктаро бояд таъкид кард, ки пайвандаки ***«-ю»-*** ро бо ***«ва»*** иваз кардан мумкин нест, махсусан дар назм. ***Ҳамин ки*** *мо ба қуллаи кӯҳ баромадем, босмачиён моро нигоҳ доштанд [9, с.214].* Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави замон ***«мо ба қуллаи кӯҳ баромадему»*** ба сарҷумла ***«босмачиён моро нигоҳ доштанд»*** бо пайвандаки таркибии ***«ҳамин ки»*** тобеъ шудааст. Дар ин ҷо онро бо пайвандакҳои ***«вақте ки, ҳангоме ки, чун»*** ва ғайра иваз кардан мумкин нест, зеро пайвандаки ***«ҳамин ки»*** ба ҷумлаи мураккаби тобеъ чунин тобишҳои маъноӣ медиҳад, ки амали сарҷумла пас аз амали ҷумлаи пайрав фавран, бидуни фосила воқеъ гардидааст: ***вақте ки (ҳангоме ки)*** *қатора аз гузаргоҳи дарёи Вахш гузашт, Ҳакимҷон яке аз таронаҳои нави дар он рӯзҳо ёдгирифтаи ҷавононро оғоз кард [9, с.214].*

Фарқи ин ду гурӯҳи пайвандакҳо дар ин аст, ки пайвандакҳои пайвасткунанда аз тобиши маъноӣ фориғ буда, дар ифодаи алоқаҳои маъноии байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаб иштирок намекунанд, вале пайвандакҳои тобеъкунанда ё функсионалӣ дар ифодаи алоқаҳои маъноию грамматикии байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби пайваст нақши муайянро мебозанд. Бинобар ин, бархе аз забоншиносон роҷеъ ба ин масъала фикру андешаҳои худро баён намудаанд.

Ба қавли забоншинос М.Бозидов: «Хусусияти дигари фарққунандаи ин ду гурӯҳи пайвандакҳо дар ин аст, ки аз ихтисори пайвандакҳои пайвасткунанда ҷиҳати семантикии ҷумлаи мураккаб тағйир намеёбад. Аммо азбаски пайвандакҳои тобеъкунанда дар ифодаи алоқаи маъноии байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаб вазифаи муайянро иҷро мекунанд, онҳо хусусияти вазифавӣ дошта, истисно карданашон номумкин аст» [2, с.50].

Аз ин ҷиҳат, доираи истеъмоли ин пайвандакҳо нисбат ба пайвандакҳои тобеъкунанда доманадор буда, дар ҳар ду вазифа пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаи баробариро таъмин менамоянд. Ё ин ки профессор Ф.К.Зикриёев се навъи пайвандакҳои пайвасткунандаро муайян кардааст: «пайвандакҳои муайянкунанда, пайвандакҳои хилофӣ ва пайвандакҳои ҷудокунанда» [4, с.145].

Ф.К.Зикриёев вуҷуд доштани муносибати сабабу натиҷаро дар семантикаи ҷумлаи мураккаби пайваст хотиррасон мекунад [4, с.158].

Илова бар ин, пайвандакҳи пайвсткунанда дар ҳар ду забон барои пайваст кардани қисматҳои хабари ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҳамчун калимаҳои ҷудокунанда хизмат мекунанд. Ҳамчунин, барои пайваст кардани воҳидҳои хабарии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти забони англисӣ пайвандакҳои «***and, not only … but, (also) neither … nor»,*** ба кор мераванд.

Дар забони тоҷикӣ барои иҷрои чунин вазифа пайвандакҳои зерин: «***ва, -у, – ю»*** ва инчунин, баъзан пайвандакҳои такрори «***чи … чи, гоҳ … гоҳ»*** истифода мешаванд. Ҳар як пайвандаки забонҳои муқоисашаванда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ифода ёфта, бо таъсири воситаҳои гуногуни мантиқӣ байни гурӯҳҳои хабарии таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст хизмат мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Блох, М.Я. Теоретическая грамматика английского языка (на английском языке)./ Блох, М.Я.– М., 1983. – 383 с.
2. Бозидов, Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик/ Н.Бозидов. – Душанбе: Маориф, 1985. – 102 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1989. Ҷ. 3. – 224 с.
4. Зикриёев, Ф.К. Структурно – семантические особенности таджикского паратаксиса./ Ф.К.Зикриёев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 291 с.
5. Норматов, М., Зикриёев Ф.Қ. Забоншиносии умумӣ./ М.Норматов, Ф.Зикриёев. – Душанбе: Матбуот, 2006. – 259с.
6. Тоҷиев, Д. Осори мунтахаб/ Д.Тоҷиев. – Душанбе: Дешваштич, 2005. – 484 с.
7. Тоҷиев, Д. Осори мунтахаб/ Д.Тоҷиев. – Душанбе: Дешваштич, 2005. – 484 с.
8. Войнич, Е. Ғурмагас./ Е. Войнич. – Душанбе: Маориф, 1982. – 315 с.
9. Садриддин, А. Ёддоштҳо, қисми 1, 2./ Садриддин, А. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 саҳ.
10. Voynich, E. The Gadfly. Foreign Languages Publishing House./ E.Voynich. – M., 1954.–435p.

СОЧИНИТЕЛЬНАЯ ПОСЛЕДОВАТЕЛЬНАЯ СВЯЗЬ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИСКОМ ЗЫКАХ

В данной статье автор рассматривает проблему сочинительной последовательной связи в таджикском и английском языках и исследует особенности его использования в исследуемых языках.

В таджикском и английском языках сочинительная последовательная связь, осуществляется при посредстве союзов ***ва, у, ҳам, низ, инчунин*** *в таджикском, а в английском – при посредстве союзов and, also. Последовательная связь при посредстве союзов ва, у (and), в основном, встречается внутри предложения и соединяет их. Одной из особенностей использования последовательных союзов ва, у является соедителями простых составных предложенний, а также некоторых простых предложеный в состе сложных предложенией.*

Как видно из примеров, эквивалентом таджикскому союзу «ва» в словосочетаниях и предложениях в английском языке является союз «and», то таджикским союзам –у, -ю, -ву в английском языке аналога нет, и потому в большинстве случаев он выражается через тот же союз «and».

Ключевые слова: *язык, общение, изучение, использование, предложение, последовательная связь, функция связи, различие, сравнение, анализ, сочинительная последовательная связь, признак, сходство.*

COORDINATIVE CONSECUTIVE CONNECTION IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the author researches the problem of coordinative consecutive connection in a comparative languages and investigates the features of its use in both languages.

In Tajik and English languages, a coordinative consecutive connection in which a word and sentences follow one another is connected by means of the conjunctions ва, у , ҳам, низ, инчунин in Tajik, and in

English languages – by means of the conjunctions and, also. Coordinative consecutive connection through the conjunction ва, у (and), mainly occurs within the sentence and connects them.

One of the features of using consecutive conjunctions ва, у is the connection of simple compound sentences with a complex sentence and determining the relationship between them.

As can be seen from the examples, the equivalent of the Tajik conjunction «ва» in phrases and sentences in English is the conjunction «and», then the Tajik conjunction «у» in English has no analog, and therefore in most cases it is expressed through the same conjunction «and».

Keywords: *language, communication, link, learning, use, sentence, sequential communication, communication function, difference, comparison, analysis, compositional sequential communication, feature, similarity, difference.*

Свидения об авторе:

Махмадсолехи Махмадсодик - *доктор философии (Ph.D.) кафедры языкознания и сопоставительная типологиb факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. Сариддина Айни.*

About the author*:*

Mahmadsolehi Mahmadsodiq - *Doctor of philosophy (Ph.D.) of the Department of Linguistics and Comparative Typology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tell: (+992) 919808062 E-mail: msoleh_90@mail.ru*

КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ ТУРКИЮ МУҒУЛӢ ДАР «ҶОМЕЪ - УТ-ТАВОРИХ»-И РАШИДАДДИНИ ФАЗЛУЛЛОҲ

Хоҷамиров М.Х.

Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Як миқдори ками таркиби луғавии забони тоҷикиро вожаҳои туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд. Дар адабиёти мавҷудаи илмӣ, дастуру мақолаҳои методӣ чунин калимаҳо бо истилоҳоти гуногуни ӯзбекӣ, туркӣ, муғулӣ, туркиву ӯзбекӣ, туркиву муғулӣ ба қалам дода шудаанд. Ба назари мо, дар ифодаи ин гурӯҳи калимаҳо қабули танҳо истилоҳи туркиву муғулӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро ки он ба умумияти таърихии ин забонҳо далолат карда, маҷмӯи калимаҳои аз онҳо воридшударо ба пуррагӣ дар бар гирифта метавонад. Дар дохили чунин гурӯҳбандӣ онҳоро аз рӯйи пайдоиш ба гурӯҳҳои нисбатан хурдтар ҳам тасниф кардан мумкин аст. Вале ин ҳадаф танҳо дар сурате амалӣ мегардад, ки ин паҳлуи калимаҳои мавриди назар аз бобати этимологӣ ба пуррагӣ омӯхта шавад.

Ба тавре ки сарчашмаҳои илмиву адабӣ шаҳодат медиҳанд, робитаи байни форсии дарӣ ва забонҳои мухталифи туркӣ хеле барвақт шурӯъ шуда будааст. Баъзе муҳаққиқон ибтидои ин робитаро ба даврони пеш аз Ислом нисбат додаанд. Эроншиноси шинохтаи рус Л. С. Пейсиков оғози ин робитаро ба давраи пеш аз Ислом мансуб медонад [Пейсиков 1975 с.46]. Дар ҳар сурат аввалин калимаҳои туркиву муғулиро дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ мушоҳида кардан мумкин аст [Маҷидов 2007 с. 109].

Барҳам хӯрдани давлатдории миллии тоҷикон ҳанӯз дар ибтидои асри XI ва ба сари қудрат омадани хонадонҳои гуногуни турку муғул боиси паст гардидани мақоми форсии дарӣ нагаштааст. Албатта, муҳити нави зист, ки баъд аз даврони Сомониён ба вуҷуд омада буд, дар ин забон ба пайдоиши як идда калимаҳои туркиву мугулии ифодагари мафҳумҳои тоза замина гузошта буд. Калимаҳои туркиву муғулӣ, ки оҳиста-оҳиста ба забонҳои зиндаи мардум ворид мешуданд, яку якбора ба забони адабиёти бадеӣ қабул нашудаанд. Дар асрҳои X1-XIШ онҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ назар ба адабиёти бадеӣ зиёдтар вомехӯранд. Тадқиқи лингвистии асарҳои машҳури «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ ва «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Атомалики Ҷувайнӣ ин ақидаро таҳвият медиҳанд. Забоншиноси тоҷик Ҷ. Абдулаҳадов вожаҳои туркию муғулии «Таърихи Байҳақӣ»-ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Тибқи пажӯҳиши ӯ дар «Таърихи Байҳақӣ» 17 калимаи туркию муғулӣ ба кор рафтааст [Абдулаҳадов 2013 с. 53]. Забоншинос С. Ҳалимов калимаҳои **яток, қарочур, туғ** ва **боши**ро аввалин калимаҳои туркие медонад, ки дар «Сиёсатнома» истеъмол шудаанд [Ҳалимов 2002 с. 86].

Воридшавии калимаҳои туркию муғулӣ ба забони форсӣ пас аз ҳамлаи муғул бештар ба назар мерасад. Бо ҳамлаи муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон мизони қобили таваҷҷуҳе аз вожагони туркию муғулӣ ба забони форсӣ роҳ ёфт ва тавассути шоирону нависандагони форсизабон мавриди истеъмол қарор гирифт. Корбурди барзиёди калимаҳои туркию муғулӣ дар осори хаттии асрҳои XIII-XIV яке аз махсусиятҳои луғавии забони порсии дарӣ дар ин асрҳо маҳсуб мешавад. Ба назари мо калимаҳои туркию муғулӣ бо ду роҳ ба забони форсӣ дохил шудаанд: яке бо роҳи бевоситаи алоқаи одамон ба воситаи гуфтугӯ; дуюм, бо роҳи идора ва ҳукмронии муғулон.

Калимаҳои туркию муғулӣ бештар ба осори таърихӣ роҳ ёфтаанд, зеро дар ин асарҳо пайдоиши онҳо, шаҷара, ҳаёти сиёсиву ҳарбии онҳо, тарзи идора, зиндагию маишати онҳо, тохтутоз ва юришҳои ҳарбии онҳо тасвир ёфтааст.

«Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидаддини Фазлуллоҳ гузашта аз онки яке аз манобеи муҳими таърихи Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон, ба вижа манбаи дасти аввали таърихи муфассали тозиши муғул ва кушторҳо ва ғоратҳо ва вайронгириҳои онон ва сипас тадовуми фармонравоии онон бар Мовароуннаҳр ва Эрон то сароғози ташкили подшоҳи элхонён аст ва дар айни ҳол нахустин манбаи вожагони навин туркию муғулии дахил дар забон форсӣ аст. Бешак, китоби «Ҷомеъ-ут-таворих» аз гунаи он осорест, ки бевосита ба таърихи пайдоиш ва ташаккули аҳвоми турку муғул бахшида шудааст ва миқдори хеле зиёди калимаҳои туркӣ-муғулӣ истифода гардидааст. Дар фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ ва муосир зимни овардани калимаҳои туркию муғулӣ шавоҳид аз «Ҷомеъ-ут-таворих» оварда шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ба воситаи «Ҷомеъ-ут-таворих» чанде аз калимаҳои туркию муғулӣ вориди забони тоҷикӣ шуда, дар фарҳангҳо маҳфуз мондаанд. Чунончи, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зимни шарҳи калимаҳои туркию муғулӣ бештар шавоҳид аз «Ҷомеъ-ут-таворих» оварда шудааст.

Дар «Ҷомеъ-ут-таворих» гуруҳҳои мухталифи вожаҳои туркию муғулиро мушоҳида кардан мумкин аст. Мо онҳоро аз рӯйи дараҷаи ҳазмшавӣ ва хусусиятҳои маъноӣ тасниф карда метавонем. Калимаҳои туркию муғулии «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро мо вобаста ба дараҷаи корбурд ва мавқеашон дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудем:

А) калимаҳои туркию муғулие, ки имрӯз дар истеъмол нестанд. Ин гурӯҳи калимаҳо дар асар бениҳоят зиёд аст. Чунончи: **айғоқ, ақтоҷӣ, ахтачӣ, босқоқ, булук, ёғӣ, ёсоқ, ёроқ, ёрғу, қадоқ, қариндош, қомон, қубчур, қӯрҷӣ, кенгоҷ, иртоқон, тикишмишӣ, тағор, суромишӣ, сумоқ, , улус, улҷо, улҷомишӣ, уруғ, уртоқ, ярлиғ, элӣ, элхон, элчӣ, юғ** ва ғ. Аксари ин калимаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз истифода баромадаанд. Бештари онҳо ба гурӯҳи калимаҳои кӯҳнашуда ё таърихан маҳдудшуда гузаштаанд.

Ҳалокухон ӯро ярлиғ ва поиза дод ва ба ҳокимии шаҳри Тун фиристод. *«Ҷомеъ-ут-таворих» [132].*

Калимаи ярлиғ яке аз серистеъмолтарин калимаҳои туркию муғулӣ дар «Ҷомеъ-ут-таворих» аст, ки ба маънои «фармони подшоҳӣ» ба кор мерафт [ФЗТ Ҷ. 2. 635]. Имрӯз ин калима ба гурӯҳи калимаҳои кӯҳнашуда ворид шудааст.

Муаррих баъзан калимаи тоҷикиеро ба кор бурда ва муродифи муғулии онро низ зикр мекунад:

*«... Дар қалб, ки муғул «**қул**» гӯянд...[87]».*

Бархе аз калимаҳои туркию муғулии «Ҷомеъ-ут-таворих» дар забони форсии имрӯз ба таври васеъ истифода мешаванд, вале дар забони ҳозираи тоҷикӣ ба кор намераванд. Масалан, калимаҳои **туман** ва **оқо** дар забони форсӣ ба сурати маъмул истифода мешаванд.

Буқо Темур бо тӯмоне лашкар бар сари роҳи Мадоин ва Басра нишаста буд [427]. *Арғун-**оқо** боргоҳе ... ва хиргоҳе тартиб фармуда буд, чунонки дар нақлу таҳвил шигифте тамом дошт* [682].

Б) вожаҳои туркию муғулие, ки дар забони ҳозираи тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ гирифтаанд. Ин гурӯҳи вожаҳо хеле кам ҳастанд ва танҳо се вожа – **тӯй, ӯрду** ва **яроқ**ро пайдо намудем. Бояд гуфт, ки ҳар сеи ин вожа дар асар ба он маъноҳое, ки имрӯз доранд, ба кор рафтааст:

Баҳоргоҳ дар Қароқурум ҳамчунин тӯйҳо карданд [365]. Наврӯз пиндошт, ки ӯрдуст ва эшонро дар миён гирифта, чунон ки одати муғул аст, суромишӣ ва фарёд карданд [89]. *Ин лашкар аз эшон қавитар нестанд, лекин фасод он аст, ки аспони эшон **яроқ**анд* [95].

Муҳаммадҳусайни Бурҳон дар «бурҳони қотеъ» вожаи тӯйро чунин шарҳ додааст: «Ва туркон арӯсиро тӯй гӯянд» [Муҳаммадҳусайни Бурҳон 1332 с. 537]. Ҷойи таассуф аст, ки калимаи туркии тӯй дар забони ҳозираи тоҷикӣ мавқеи истифодаи вожаи тоҷикии сурро танг намудааст. Калимаи тӯй дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ гирифта, вожаи сур бошад дар бадеӣ ба кор меравад. Ба назари мо, шарт ва зарур аст, ки мавқеи истеъмоли вожаи сурро дубора барқарор кунем, чун корбурди ин вожа дар адабиёти классикӣ собиқаи тӯлонӣ доштааст.

В) як гурӯҳи дигари калимаҳои туркию муғулии «Ҷомеъ-ут-таворих» дар забони гуфторӣ ва гӯйишҳои тоҷикӣ мустаъмал аст. Ин гурӯҳи калимаҳо дар гӯйишҳо ба каме тағйироти овоӣ дучор шудаанд ва гунаи туркию муғулии худ то андозае фарқ мекунанд. Чунончи, вожаҳои **чақмоқ** ва **ёйлоқ** дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ба ҳамин шакл омадаанд, вале дар гӯйишҳо ба гунаи **чахмоқ** ва **айлоқ** ба кор мераванд.

*Чун Содоқ пеши Наврӯз расид, Наврӯз ӯро бигирифт ва мӯҳкам барбаст ва ба захми чӯбу **чақмоқ** пурсид* [76]. *Эшон гуфтанд: ҳаҷ ба ҷониби туст ва қарор чунон аст, ки баъдалявм гузаштаро ёд накунем ва юртҳои **ёйлоқ** ва қишлоқ ба рости бахш кунем* [213].

Калимаи чақмоқ дорои се маъно аст: «1. Чӯб, таёқ, калтак; 2. Оташзана, санги сахте, ки аз он оташ ҳосил мекунанд; 3. барқ, раъду барқ» [ФЗТ Ҷ. 2. 537]. Дар ҷумлаи боло чақмоқ ба маъноии якум омадааст. Дар гӯйишҳои тоҷикӣ чақмоқ ба маъноии «раъду барқ» истифода мешавад. Калимаи ёйлоқ

бошад дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ба маънои «ҷои сералафи хушобу ҳаво, ҷои тобистонгузаронӣ» омадааст, ки дар гӯйишҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ низ ҳамин маъно ҳифз шудааст.

Вомвожаҳои туркӣ-муғулии «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро мо аз рӯйи маъноянишон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

1. **Калимаҳои марбут ба ҷойҳо ва макон:** Уртоқ, Инонч, Талос, Қорӣ Сайрам, Хитой, Тқум, Муғулистон ва ғайра.

*...Ва **Қорӣ Сайрам** шаҳри қадиму азими бузург аст. Касоне, ки дидаанд, мегӯянд аз ибтидо то интиҳои он якрӯза роҳ аст ва чиҳил дарвоза дорад* [101]. *Уғуз ғолиб омад ва он мулкро аз **Талос** ва **Сайрам** то Бухоро бигирфт* [101]. *Уғуз ғолиб омад ва он мулкро аз **Талос** ва Сайрам то Бухоро бигирифт ва бар вай мусаллам гашт* [101].

2. **Номи унвонҳо ва вазифаҳо**: тутғовул, хотун, ёғӣ, қоон, чопор, нӯён, босқоқ, элчӣ, қурчӣ, уруғ, урду, юрт, қурилтой, улус, ярлиғ, булғоқ ва ғ.

Содиру воридро ҳаргиз аз дуздон чандон парешонӣ набуд, ки аз тутғовулон ва роҳдорон [саҳ. 458]. Бӯлғон-хотуни бузургро фарзанди писарина набуд [573]. Нишони элӣ ва якдилӣ он бошад, ки ба вақти рукуб ба ҷониби ёғӣ моро ба лашкар мадад кунӣ [167].

3. Номи қавму қабилаҳои турку муғул. Дар ин асари таърихӣ номи аҳвому халқиятҳои гуногуннажоду гуногунзабон, хусусан номи қавму қабилаҳои муғул ва турк аз ҳама бештар ба назар мерасад, зеро асар баъд аз ҳамлаи муғул ба сарзамини Осиёи Миёна ва Эрон таълиф гардидааст, ки ба ҳамин далел муаллиф номи ин аҳвомро бисёр зикр менамояд. Дар «Ҷомеъ-ут-таворих» чунин номи қавмҳо ба кор рафтааст: **ғуз, *оғӯз,* турк, муғул, *қипчоқ, ӯйғур, қорлуқ, қалх, қанқалӣ,* ҷалоир, ӯйрот, тотор, қатақин, сойлҷут**, **қанқарот** ва ғ.

*...Ва аз эшон аҳвоми **ӯйғур** ва **қипчоқу қанқалӣ** ва **қорлуқу қалх** пайдо шудаанд* [89].

Бархе аз ин этнонимҳо имрӯз низ бо ҳамон ном маълуманд ва дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бо ҳамин шакл ба кор мераванд. Вале чанде аз ин этнонимҳо дар тӯли таърих бо сабабҳои гуногуне аз байн рафтаанд ва имрӯз ба як қабилаи кӯчак табдил ёфтаанд. Бархе аз ин аҳвом бошанд, бо гурӯҳҳои этникии аз худ бузургтар омехта шуда, дар ташаккули дигар аҳвоми турк ҳамроҳ шудаанд.

Як хусусияти дигари калимаҳои туркию муғулӣ дар «Ҷомеъ-ут-таворих» ин аст, ки онҳо ҷузъи феълҳои таркибӣ шуда омадаанд:

***Калбалот**ро ба анвои **сиюрғомишӣ** гардонид» (111), ба машову ишрат ва **ҷурғомишӣ** иштиғол намояд (118), шаҳзодагон **улҷомишӣ** карда ва **сиюрғомишӣ** ёфта, бозгаштанд (127), баъзеҳоро ҷиҳати **уруғломишӣ** раҳо карданд ва он ҷамоат тамомати расми **такишмишӣ** ба ҷой оварданд (149), анвои отифат ва **сиюрғомишӣ** арзонӣ фармуд (160).*

Рашидаддини Фазлуллоҳ дар «Ҷомеъ-ут-таворих» калимаҳои туркию муғулиро мувофиқ ба замони зиндагияш ба кор бурдааст. Ба ҳамин хотир бештари калимаҳои туркию муғулии «Ҷомеъ-ут-таворих» хоси ҳамон давру замон ҳастанд. Албатта, бештари онҳо ба масоили девонӣ, мисли ҳукумат, давлат, қонун ва афзори ҷангӣ марбут аст. Дар марҳалаҳои баъдии инкишофи забони адабии тоҷикӣ ин гурӯҳи вожагон мавқеи худро аз даст дода, аз истеъмол баромаданд.

АДАБИЁТ

1. Абдулаҳадов Ҷ. Хусусиятҳои маъноии иқтибосот дар «Таърихи Байҳақӣ». – Душанбе, 2013, - 120 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007, - 243 с.
3. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1. – Теҳрон, 1332,
4. Пейсиков Л. М. Лексикология современного персидского языка. – М., 1975, - 206 с.
5. Рашидаддини Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъ-ут-таворих. Ҷилди аввал. – Теҳрон, 1373. 776 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М.: СЭ, 1969, - 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М.: СЭ, 1969, - 947 с.
8. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII)/ - Душанбе, 2002, - 96 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТУРЕЦКО-МОНГОЛЬСКИХ СЛОВ В "ДЖОМЕ-УТ-ТАУРИХ" РАШИДАДДИНОМ ФАЗЛУЛЛАХОМ

В данной статье анализируются и рассматриваются турецко-монгольские слова в «Джоме-ут-Таурих». Турецкие и монгольские слова в изучаемом произведении в зависимости от уровня их употребления и значения были классифицированы и группированы. Многие тюркские и монгольские слова, которые использовались в этом произведении, сегодня не используются в таджикском литературном языке и являются архаичными словами. Большинство турецко-монгольских слов «Джоме-ут-Таурих» относятся к административным, государственным и военным терминам тюрков и монголов.

Ключевые слова: *турецко-монгольские слова, таджикский язык, «Джоме-ут-таурих», архаичные слова, исторические слова.*

TURKISH -MONGOLIAN WORDS IN «JOME-UT-TAURICH» BY RASHIDADDIN FAZLOLLAH

The article analyzes and discusses the Turkish-Mongolian words in "Jome-ut-Taurich". Turkish and Mongolian words in the study were classified and grouped according to their level of use and meaning. Many Turkish and Mongolian words used in "Jome-ut-Taurich" are not used today in Tajik literary language and are archaic words. Most of Turkish-Mongolian words "Jome-ut-Taurich" refer to the administrative, state and military terms of the Turks and Mongols.

Key words: *Turkish-Mongolian words, Tajik language, "Jome-ut-Taurikh", archaic words, historical words.*

Сведение об авторе:

Ходжамиров Муслихиддин Ходжамирович *- аспирант кафедры практики и теории языкознания Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Телефон (+992) 937177131 Электронный почта muslih0903@mail.ru*

About the author:

Khodjamirov Muslikhiddin Khodjamirovich *- postgraduate student of the Department of Practice and Theory of Linguistics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Tel. (+992) 937177131 E-mail. muslih0903@mail.ru*

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ ДВИЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Мирзоев Э.М.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Движение – одно из стержневых понятий нашего мировоззрения. Осмысление жизни человека происходит в таких терминах, как «ҳаракат –movement(движения)» и «гардиш – walking (хождения). Рассмотрение и анализ значений фразеологических единиц, обозначающих, движение позволил разделить их на определённые семантические группы и установить, как разные понятия, отображающие различные отрасли нашей жизни, который непосредственно относятся с движением.

Таким образом, считаем необходимым рассмотреть некоторые семантические группы фразеологических единиц данной группы.

1.Фразеологические единицы со значением «тез ҳаракат кардан – to move fast (быстро перемещаться)» относятся к ядру номинативного поля концептов движения, так как они применяются в прямом значении перемещения. В данной группе доминируют компаративные фразеологические единицы, в которых «быстрое движение» сравнивается с «взрывом бомбы»: «бо тамоми суръат (бошаст, бошиддит) давидан (тохтан) – go like a bomb [7] (мчаться во весь опор)»; «чун шиддати бод давидан go like the wind (бегать как порыв ветра)»; «чун харгӯш давидан – run like a rabbit [7] (бегать как кроликом) и т.д.

2. Фразеологические единицы со значением «ноком шудан –to fail [7] (потерпеть неудачу)», «дар ҳолати ногувор афтодан– get in to trouble; get into a scrape; be in a nice mess [7] (попадать в неприятное положение)» являются самой огромной и охватывает те фразеологические единицы, которые имеют разные оттенки значений: дар вазъияти ноилоҷ афтодан – come/run to the end of one's rope [7] (попасть в безвыходное положение); fall/walk into a trap [7] – ба дом афтодан (попасть в ловушку, быть обманутым);go away empty-handed – беҳеҷ чиз рафтан (уйти ни с чем). Замечательно, что последняя фразеологическая единица может быть отнесена к ядру поля концептов движения, т.к. оно применяется в прямом значении «рафтан – go (уйти)» и включает дополнительный признак «бо дастони холӣ – with empty hands (с пустыми руками)».

Известно, что в ядрах фразеологических единиц с общим значением «нокомӣ – failure (неудача) и «ҳолати бад–worse position (ухудшения положения) предположены самыми разными образами. Например, вышедшую из-под контроля жизнь, проблемы на работе сопоставляют с падением самолета: «go into free fall [7] –тез паст рафтан (нарх)(стремительно падать (о цене)»второе значение фразеологических единиц); значение «нобарорӣ (неудача) приравнивается с значением «go down the tube –ба поён ба воситаи лӯлаи об гузар ҳаракат кардан (спускаться вниз по сточной трубе)»; «run into the ground– ба замин бархӯрдан (столкнутся с землей)». Фразеологические единицы «jump out of the frying pan into the fire– ҷаҳидан ба оташ аз тобаитафсон (прыгать в огонь из горячей сковороды)» с более конкретным значением «дар ҳолати бад қарор доштан (оказаться в худшей ситуации)» и т.д.

Следует отметить, что семантика «удача и успех» в различных ее формах может ассоциироваться с движением и, что отображено на следующих примерах группы:

1. Фразеологические единицы со значением «муваффақ шудан to achie vesuccess, tosucceed, tomake (it) good (добиться успеха), «дастовард шудан– bea success (иметь успех)», «бомуваффақият

гузаштан–go successfully [7] (успешно проходить)» (10 фразеологических единиц): «go away with the garland – ғалаба кардан, зафарёфтан (добиться пальмы первенства, одержать победу, словно уйти с венком – символом победы); «go off like hot cakes – нағзхарид кардан (хорошо раскупаться)» подобно горячим пирожкам, идущим нарасхват; «run up from a shoe string – аз майда чуйда сар карда бой шудан (разбогатеть, начав с малого)»; «roll in wealth (money) – хеле доро будан (быть очень обеспеченным)», имея возможность буквально «дар болои пул ғел задан (кататься в деньгах)»; «run circles around someone – аз касе боло гузаштан (превосходить кого-либо)» по аналогии со спортсменом, который может бегать вокруг своего конкурента и все равно одержать победу благодаря своей скорости, и др.

Еще одной значимой областью, который непосредственно ассоциируется с понятием «ҳаракат – movement (движение), является сфера «аз дунё рафтанти инсон аз ҳаёт (уход человека из жизни)», представляемая четыре фразеологических единицах со значением «аз дунё рафтан, вафот кардан (умереть)» (12 фразеологических единиц): «come to an untimely end – яку якбора мурдан (умереть в одночасье, неожиданно)», «go out like a candle in a snuff – чун шамъ сӯхтан (сгореть как свеча», «go to a better world– ба он дунё рафтан (уйти в мир иной)» и др.

Фразеологические значение со значением «мурдан – умереть» – эвфемизмы глагола «to die». Значительное количество таких фразеологических единиц разъясняется тем, что глагол «to die – мурдан (умереть)» пробуждает негативные ассоциации в разуме людей, а эвфемизм завуалировано представляет понятие при содействии иного плана обозначения. Например, фразеологические единицы «go to a better land», охватывающий образ перехода в лучший мир, является более благозвучной и не пробуждает такие отрицательные эмоции, как глагол «to die». Фразеологические единицы «go to glory» и «go to heaven» также включают образ передвижения в прекрасный мир и в какой-то уровни считаются вариантами друг друга.

Фразеологические единицы, объективирующих концепты «ҳаракат – movement (движения)», среди которых 4 фразеологических единиц со значением «ба душвориҳо дучор шудан – be confronted by difficulties, be confronted with difficulties (столкнуться с трудностями)», «мавриди тачриба қарор гирифтан – to receive an experience (подвергаться испытаниям)» (6 единиц): «come to a stand still» – «аз харакат боз мондан, бозистодан (застопориться)», «go down the rabbit hole» [7] – дар ҳолати аҷоиб, мураккаб, чигил қарор доштан (оказаться в странной, сложной, запутанной ситуации)», «run against a stump – ба душвориҳо дучор шудан (столкнуться с трудностями)» подобно человеку, спотыкнувшемуся о пень, и др.

Значения вышеупомянутых фразеологических единиц в некоторой степени перекликаются со значением «кӯшиш кардан – to try (стараться), саъю кӯшиш кардан - прилагать усилия» (5 единиц), т.к. усилия и старания могут быть частично имеют отношение с трудностями. Семантика «стараний» особенно экспрессивно и ярко выражается во фразеологических единицах «go above and beyond duty», «go allout», «go out of one’s way» и т.д.

Образы движения, положенные в основу единиц фразеологических единиц со значением «to go out of one'smind , to lose one'smind – ақлрогум кардан, аз ақл бегона шудан (лишиться рассудка)», «behave themselves strange – аҷиб рафтор кардан (странно вести себя)» (2 единиц), связаны со схождением с рельсов: «go off the rails»; с буквальным «аз ақл бегона шудан– go out of one’s mind (выходом из ума)»; с кем-либо, бегающим с ножницами: «run with scissors» и др.

По сравнению с вышеупомянутым единицам, фразеологические единицы со значением «бо асосҳои гуногун (-ақлонӣ), андешаи атрофиён, меъёрро қатъи назар кардан – to neglect norms, various bases (moral and etc.) (пренебрегать нормами, различными устоями (моральными и т.п.), мнением окружающих», «аз ҳад гузаштан – to go far (далеко заходить)»интерес представляет следующие фразеологические единицы: «wander from the track» со значением « аз роҳбаромадан (сбиться с пути, начать вести предосудительный образ жизни)», «depart from one’sword», «go/run too far» [7] и т.д.

Содержательная сторона концептов «ҳаракат – movement (движения)» проявляется и в образах, лежащих в основе фразеологических единицах со значением «таваккал кардан, бахатар андохтан – runrisks, takechances (рисковать)» (2 единиц). Риск ассоциируется со стремительным движением прямо «ҷонбозӣ кардан – fly into the face of danger (в лицо опасности)»; с движением по ветке, которая может обломиться: «go out on a limb»; с осторожным хождением по яичной скорлупе: «walkonegg-shells».

Концепты концептов «ҳаракат – movement (движения)» также представляется в фразеологических единиц со значением «димоғ сухта будан/набудан – to be or not to be in a mood (быть/не быть в настроении)» (2 единицы).Радость и счастье приравниваются к «сайру

гаштадршуоиофтоб - walkonsunshine(гулянье по солнечному лучу)»; ухудшение настроения сравнивается с «воридшавии тайёра ба қулла – go in to anosedive [7] (вхождение самолета в пике).

Таким образом, компоненты фразеологических единиц также играют значительную роль при классификации семантических особенностей той или иной единицей. В большинство случаях, у некоторых фразеологических единиц прослеживаются такие признаки, как синонимия, омонимия и антонимия.

ЛИТЕРАТУРЫ

1. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Душанбе,1982. -104с
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ . 2 .-М: Советская инсиклопедия, 1962.- 949
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ .1.- М: Советская энсиклопедия, 1962.- 951
4. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ . 1.- Душанбе, 2008.- 949
5. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик Ҷ.1. Душанбе: Нашр. дав. тоҷ, 1963.-952с
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ . 2.- Душанбе, 2008.- 944
7. Куннин А. В. Англо-русский фразеологический словарь. Москва, 1967 -736 с

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ ДВИЖЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье рассматривались сематические особенности фразеологических единиц, обозначающих "ҳаракат - движение (движения)" в таджикском и английском языках. Движение является одной из основных концепций нашего мировоззрения. Понимание жизни человека признается в структуре понятий и терминов, обозначающих "ҳаракат - движение (движения)" и "гардиш - хождение (хождения). Каждая фразеологическая единица, обозначающая "ҳаракат-движение (движения)" до значения, была разделена на определенные группы, которые выражают ту или иную особенность или поведение человека. Кроме того, в данной статье рассмотрены семантические особенности анализируемых фразеологических единиц по их признакам синонима, антонима и омонимов.

Следует подчеркнуть, что компоненты фразеологических единиц играют значительную роль в формировании и развитии их смысла. Эта особенность в основном наблюдается в выражении прямых и образных значений компонентов фразеологических единиц.

Ключевые слова: *единица, фразеологические единицы, таджикский язык, английский язык, понятие, определение, движение, особенность, значение, объяснение, анализ, семантический анализ.*

SEMANTIC PECULIARITIES OF PHRASEOLOGICAL UNITS DENOTING «ҲАРАКАТ – MOVEMENT (ДВИЖЕНИЯ)» IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article dealt with sematic peculiarities of phraseological units denoting «ҳаракат – movement (движения)» in Tajik and English languages. Movement is one the basic concepts of our world outlook. The understanding of person's life is recognized in the structure of concepts and terms denoting «ҳаракат – movement (движения)» and «гардиш – walking (хождения). Each phraseological units denoting «ҳаракат – movement (движения)» prior to meaning were divided into certain groups which express this or that person's feature or behavior. In addition to it, semantic peculiarities of analyzed phraseological units have been reviewed according to their synonym, antonym and homonyms features in this article as well.

It should be stressed that the components of phraseological units have a considerable role in the formation and development of their meaning. This peculiarity is mostly observed in the expression of direct and figurative meanings of the components of phraseological units.

Key words*: unit, phraseological units, language Tajik language, English language, concept, definition, movement, feature, meaning, explanation, analysis, semantic analysis.*

Сведение об авторе:

Мирзоев Эрадж Муззаффарович - *доктор PhD второго курса кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета именни Садриддина Айни Электронный почта: vip. eraj@mail.ru*

About the author:

Mirzoev Eraj Muzaffarovich*, second year student Ph. D of the Department of Linguistics and Comparative Typology of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: vip. eraj@mail.ru*

ВИЖАГИҲОИ ДАСТУРИИ ПЕШОЯНДИ «OVER» ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ашурмадов Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷӯҳи махсус ба омӯзиши ҳиссаҳои нутқ равона карда шудааст. Дар ин раванд таваҷҷуҳ ба пешояндҳо низ хеле назаррас аст. Пешояндҳо ҳамчун воситаи ифодаи муносибати грамматикӣ ва семантикӣ миёни аъзоҳои ҷумла яке аз мавқеҳои асосиро дороянд. Дар забон пешояндҳо асоси калимаҳои ёридиҳандаро ташкил медиҳанд [2, с.42].

Мусаллам аст, ки тамоми забонҳои дунё бо ҳам алоқаи ногусастанӣ дошта, тавассути забону забондонӣ халқу миллатҳо аз фарҳангу маданият, адабиёту таърихи ҳамдигар аз наздик огоҳ мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар як шахси донишмандро месазад, ки дар баробари забони модариаш ба омӯзиши забонҳои дигар низ кӯшида бошад, зеро донистани забон ба мо имкон медиҳад, ки ҷаҳонбинии хешро сайқал диҳем, дари илму маърифатро ба рӯйи худ ва дигарон боз намоем. Ҳарчанд омӯхтани забон ва категорияҳои грамматикии он кори басо мушкил бошад ҳам, заруру ҳатмӣ ба шумор меравад. Барои омӯхтани қонуну қоидаҳои забон лозим аст, ки шахс хазинаи луғавии худро бой гардонад ва нутқи шифоҳию хаттиашро инкишоф диҳад. Барои шахси забондон шудан сухангӯ бояд таърих ва манбаъҳои пайдоиши калимаҳо, сабабу роҳҳои пайдо шудани онҳо, қолабу қоидаҳои калимасозиро хуб омӯзад ва дар бораи онҳо дониши лозима ҳосил кунад [3, с.42].

Дар ҳамин раванд, бояд зикр намуд, ки омӯзиш ва истифодаи боигариҳои ҳар як забон бидуни тадқиқи хусусиятҳои калимаҳо, маънои онҳо, имкониятҳои ифода, ташкили воситаҳои синонимӣ, имкониятҳои якҷо ифода кардани фикр бо калимаҳои дигар ғайриимкон аст. Омӯзиши забони хоричӣ, яъне забони англисӣ, моро ба омӯзиши масъалаи пешояндҳо, маҳз пешоянди **over,** ки дар забони англисӣ хусусиятҳои гуногун дорад, водор намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавзӯи пешояндҳо ҷолиби диққат буда, дар забонҳои гуногун роҳу воситаҳои ифодаи хосро доранд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи мавзӯи зикршуда ба хусусиятҳои хоси пешоянди **over** таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намудем.

Оид ба хусусиятҳои умумии пешояндҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ қайд намудан ба маврид аст, ки пешояндҳо ҳамчун калимаҳои ёрирасон буда, онҳо алоқаи синтаксисии исмҳо, ҷонишинҳо, шумораҳо аз дигар калима ва ибораҳоро дар ҷумла таъмин менамоянд. Пешояндҳо дорои вазифаҳои гуногун буда, дар баробари ифода кардани макон, ҳаракат, сабаб ва дигар вазифаҳо дар мукаммал намудани маънои калима ва ибораҳо корбаст мегарданд. Албатта, на ҳамаи онҳо ин вазифаро иҷро мекунанд, аммо пешоянди **over**яке аз чунин пешояндҳои серистеъмол маҳсуб меёбад.

Оид ба алоқаҳои маънои пешояндҳои on-over-up ва ифодаи онҳо бо забони тоҷикӣ гуфтан мумкин аст, ки пешоянди on аз қадимтарин пешоянди забони англисӣ ба ҳисоб рафта, маънои аслии худро «дар боло, дар қисми болои»-ро тағйир надодааст. Дар забони англисии асримиёнагӣ ин пешоянд бо зарфи **up** омехта шуда, пешоянди **upon**-ро ба миён овард, ки бо он синонимият пайдо кард, аммо ба таври пурра натавонист онро иваз намояд. Яъне ин пешоянд ба категорияи пасояндҳо дохил шуда наметавонад, дар созмон додани пешояндҳои таркибӣ ва ибораҳои фразеологӣ (идиомаҳо) иштирок намекунад. Пешоянди **upon** дар нутқи гуфтугӯӣ ниҳоят кам иштирок мекунад. Асосан он дар идиомаҳо, пайвастагиҳо пайваста меояд, ки пайдоиши асримиёнагӣ доранд. Аз ин рӯ, он дар нутқи расмӣ, асарҳо ва пайвастагиҳои динӣ корбаст мегардад. Ин пешоянд бо як қатор пайвастагиҳо якҷо карда шудааст, ки дар он ӯ метавонад пешоянди **on**-ро иваз намояд: **on,onesuponatime**, **uponmyword** ва ғ. Истифодаи **upon** метавонад маънои феълро дар муқоиса бо **on** тағйир диҳад: **togoupon- togoon** ва ғ. [1, с.136].

Аслан пешоянди **on** қисми болоии предметро ифода мекунад ва маънҳои дигари он ҳам ба ин ифода алоқаманд аст. Ин пешоянд дар муқоиса ба макон, ҳолат ва ҳаракати предмет, қисми болоӣ, паҳлӯгӣ ва поёнии предметро ифода менамояд. Дар ин маъно истифодаи пешоянди **on** комилан аз рӯйи мантиқ истифода мешавад: There wasnothingonitbutatinygoldenkey. ~ Дар болои он чизе ба ҷуз як калиди тиллоӣ набуд [1, с.44].

Ба мавқеъ будани предмет ба қисми болоии предмети дигар асосан бо пешоянди **on** ифода мегардад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки предмети болоӣ предмети дар қисми поёнӣ бударо пӯшонад. Яъне дар ҳолати дувум пешоянди **over** ба кор бурда мешавад: Thehorsejumpedoverthefence.~Асп аз болои девор парид [1, с.42].

Як қатор ҳолатҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки дар он пешоянди **on** дар маънҳои зикршуда ноустувор аст ва ё истифодаи баробарро дорад. Масалан, in the market = on the market, on one’s face= in one’s face ва ғ.

Қисми болоие, ки бо он амал ва ё ҳаракат (роҳ, хати роҳи оҳан ва ғ) ба вуқӯъ меояд, бо пешоянди **on** ифода мегардад. Дар ҳолате ки ҳаракат ҳамаи қисми болоӣ ва ё макони берун аз онро дар якҷоягӣ дар бар гирад, пешоянди **over** истифода мегардад. Дар ҳолате ки ҳаракат дар қисми болоии сатҳи

предмет ба амал ояд, он гоҳ пешоянди **over** ва ё **onto** вобаста аз хоҳиш корбаст мегардад: on the highway – дар роҳи асосӣ, on the bank – дар соҳил, on (over) the sea – дар болои баҳр ва ғ. Масалан, Ӯ домани ҷомаи косагарзодаи лангро бо дасташ маҳкам дошта мерафт. ~ … holding tightly onto the skirt of his overcoat [3, с.42].

Пешоянди **on** ва ё **in** дар ҳамон ҳолатҳое ба кор бурда мешаванд, агар гап дар бораи кор ва ё ташриф овардан ба ҷое бошад. Ба ин гурӯҳ истифодаи як қатор феълҳо дохил мешаванд: project, state farm, construction, canal, river, road ва ғ. Бояд зикр кард, ки як қатор ибораҳои дигаре дар ҳамин маъно вуҷуд доранд, ки бе пешоянд истифода мешаванд: to ride a horse – аспсаворӣ кардан, to ride a bicycle – великсаворӣ кардан ва ғ.

Пешоянди on бо номи як гурӯҳ воситаҳои ҳаракат истифода шуда метавонад, масалан, дар киштӣ, асп, мошин ва ғ. Дар ҳамин алоқа ҳаракати худи инсон низ, масалан, рафтан- to go no foot, дар роҳ будан – to be on the way, дар рухсатӣ будан – to be on holiday ва ғ.

Ҳангоми омӯзиш дар забони англисӣ ҳолатҳои мухталифи истифодаи пешоянди **on**-ро пайдо мекунем. Бояд зикр кард, ки роҳҳои истифодаи онҳо шохаҳои гуногунро ба миён меоранд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем бо пешниҳоди ифодаи маъноҳои асосии он ба забони тоҷикӣ, ки нисбатан зиёд ба чашм вомехӯранд, андешаамонро ҷамъбаст намоем. Бо такя аз шарҳи фарҳангҳо маъноҳои зерини пешоянди **on**-ро нишон медиҳем: 1) болои; on the ground – болои замин; on the table – болои миз; 2) дар (рӯз, сана) on a cold winter day – дар рӯзи сарди зимистон; on the 8th of March – дар рӯзи 8-уми Март; 3) роҷеъ ба, оид ба, дар бораи, дар мавзӯи, дар хусуси, дар боби: books on art – китобҳо дар бораи санъат; a report on this subject – ҳисобот роҷеъ\ ба ин мавзӯъ; a lecture on Mark Twain – лексия оиди Марк Твен; 4) пас аз, ҳангоми: on the death of his friend – пас аз марги дӯсташ; on arrival in Moscow – ҳангоми ба Маскав расидан; on coming home – пас аз ба хона омадан; 5) дар асосӣ, мувофиқи: based on the facts – дар асоси санадҳо [6].

Забони англисӣ ҳамчун забонҳои дигар дорои қонуну қоидаҳои хоси худ аст. Чи тавре ки шарҳ додем, пешояндҳо дар баробари иҷрои вазифаи хоси худашон ҳолатҳои дигареро низ ифода мекунанд, ки танҳо хоси забони англисӣ мебошад. Масалан, дар забони англисӣ дар ифодаи рӯзҳои ҳафта истифодаи пешоянди **on** хос аст, яъне агар дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нигарем ҳамин пешояндро ҳангоми тарҷума зарурати ифодаи таҳтуллафзиаш намемонад. Масалан: on Monday, on Tuesday, on Wednesday, on Thursday, on Friday, on Saturday. (дар Душанбе, дар сешанбе, дар чоршанбе ва ғ.).

Дар намунаи мазкур дар қавсайн мо тарҷумаи ҳамин пешояндро дар якҷоягӣ бо рӯзҳои ҳафта нишон додем, аммо агар бодиққат назар кунем ин тарзи ифода ва тарҷума на ҳама вақт дуруст меояд. Аз ин рӯ, ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ дар аксар маврид тарҷума накардани он беҳтар аст, яъне истифодаи пешоянд дар ифодаи рӯзҳои ҳафта бештар хоси забони англисист. Масалан: We have English classes on Mondays. Мо рӯзҳои душанбе дарси забони англисӣ дорем. Дар ин баробар ҳолатҳои дигари истифода низ ба назар мерасанд. Масалан: See you on Monday- то рӯзи душанбе ва ғ.

Дар баробари ифодаи рӯзҳои ҳафта пешоянди **on** метавонад барои ифодаи таърихи рӯз корбаст гардад. Масалан: **on** the 7th of November- дар таърихи 7-уми ноябр, on the first of June – дар таърихи якуми июн ва ғ.

Дар забони янглисӣ як қатор ибораҳое дар ҳамин ифода маъмуланд, ки танҳо аз пешоянди **on** истифода мебаранд. Масалан: **on**week-days, **on** the weekends ва ғ. Дар ҳамин мавриди ифода агар назар кунем, пешоянд ҳангоми тарҷума ва ифодаи ибораҳои номбаршуда мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, хонанда ва тарҷумонро зарур аст, ки дар ифодаи забони тоҷикӣ бодиққат бошад, яъне нозукиҳои забониро ба назар гирад.

Умуман, таҳлили боло нишон медиҳад, ки пешояндҳои мазкур аз нигоҳи маъно бо пешоянди over ки, мавзӯи асосии рисола маҳсуб меёбад, алоқаи наздики маъной доранд. Ҳолатҳои гуногуни истифодаи ин пешояндҳо дар аксар маврид нофаҳмиҳоро, махсусан ҳангоми тачума ба забони тоҷикӣ, ба миён меоварад. Дар ин масъала бояд маҳоратӣ тарҷумонӣ истифода шавад, ки бо истифода аз усулҳои гуногун маънои асосии он равшан гардад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи забони англисӣ аз забони тоҷикӣ дар мавзӯи пешояндҳо аз он иборат аст, ки пешояндҳои забони англисӣ ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ на ҳамеша бо як маънои мушаххас меоянд ва ҳамеша ҳамон гуна тарҷума мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми ифода ба ин ва ё он забон ҳамеша нофаҳмӣ ва мушкилиҳоро дидан мумкин аст. Барои таҳвияти андеша ба як гурӯҳи дигари пешояндҳо назар мекунем.

Дар забони англисӣ пешоянди **in** асосан ба маънои дар, дар дохил меояд. Он дар ифодаи ҳамин маъно хеле серистеъмол аст. Дар ҳамин баробар бояд зикр кард, ки чанде аз пешояндҳои дигарро ба монанди at ва on одатан ҳангоми истифода омехта менамоянд. Ҳамин нуқтаро бояд иловатан қайд намуд, ки дар муқоиса бо забони русӣ забони тоҷикӣ барои пурра ифода карда тавонистани маъно пешоянди in мувофиқат менамояд. Масалан агар дар ифодаи inthebag- дар сумка (дохил) ва ё

onthedesk– дар болои миз ва atthedoor– дар назди дар, назар кунем мебинем, ки дар тарҷума бо забони тоҷикӣ ҳамаи маъноҳоро бо як ифода дарк кардан мумкин аст, аммо ин ифода андаке мушкилиҳоро дорад. Яъне забономӯз дарҳол ба маънои аниқи онҳо сарфаҳм нарафтанаш мумкин аст. Ҳамин ақидаро агар дар ибораҳои дигар муқоиса намоем, баъзе тафовутҳои дигар низ ба назар мерасанд. Масалан, дар ифодаи inthesun– дар офтоб, англисзабонҳо дар назар доранд ҳамаи он амалҳоеро, ки дар зери шуои офтоб ба вуҷуд меоянд (lie, tobe, move, stand, burn ва ғ.) Дар ҳамин ҳол чор қутби олам низ бо пешоянди in меояд. Аммо доғҳои офтоб бо пешоянди on ифода мешавад, азбаски он дар қисми болоӣ, берунии он зуҳур шудааст. Дар ифодаи inthetree– дар дарахт пешояди in истифода шудааст, азбаски одатан паррандагон ва ҷонварон дар дохили баргу шохаҳои дарахтон ҷой мегиранд. Ба ҳамин монанд ибора ва ифодаҳо дар забони англисӣ хеле зиёданд, аммо дар бештари онҳо ҳамон маъное, ки мо пештар зикр кардем (дар, дар дохил) дар забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Ҷанбаҳои фаъолияти инсоният хеле гуногунанд. Саноат, санъат, илм, сиёсат доимо дар ҳаракат ва инкишофу тағйирёбианд. Дар вақте ки сухан дар бораи ҳамин дигаргуниҳо меравад, масалан дар ибораҳои монанд ба «пешравӣ дар технология –improvementintechnology» асосан дар ифода пешоянди in корбаст мегардад, аммо ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки пешоянди of истифода шудааст: «theadvanceoftechnology– пешравии технология» ва ғ. Ин тарзи ифода роҳу сабабҳои гуногунро дорад, ки мо тасмим гирифтем дар кори дипломӣ ба он танҳо ишора намоем [3, с.144].

Дар намунаи боло муайян мешавад, ки хусусияти ивазшавии маъноӣ дар таркиби ҷумла ва ё ибораҳо қариб ба аксари пешояндҳои забони англисӣ хос мебошанд, аз он ҷумла ба пешоянди over, ки мавзӯи асосӣ мебошад. Дар раванди тараққиёти забон аксари пешояндҳои забони англисӣ тобишҳои гуногуни маъногиро касб намудаанд. Он пешояндҳои қадимаи забон, ки ҳануз ҳам истифода мешаванд, маъноҳои аввалаи худро андаке бо тобишҳои дигар тағйир додаанд, аммо дар забон мондаанд. Баробари инкишофи илму техника онҳо ҳам оҳиста-оҳиста тобишҳои дигарро гирифта истодаанд ва махсусан дар таркиби ибораҳо устувор гардидаанд.

Дар забони англисӣ, пешоянди **over** ҳамчун калимаи ёрирасон буда, чуноне ки дар боло зикр намудем, як қатор пешояндҳо аз ҷумлаи қадимтарин пешояндҳои забон маҳсуб меёбанд. Пешоянди over низ аз ҳамин зумра пешояндҳо мебошад, ки давраи пайдоишаш ба асри IX мувофиқат мекунад. Ин пешоянд асосан дар ифодаи маънои мавқеи предмет, ҷойгиршавӣ дар қисмати боло дар муносибат бо предмети дар поён ҷойгиршуда мебошад. Пешоянди over тавассути маънои конкретии худ фарқ мекунад, ки антоними он калимаи under маҳсуб меёбад [3, с.42].

Дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад, ки ин пешоянд асосан бо маъноҳои зерин меояд: бар болои, болои сар: Theplanflewovermyhead. – Тайёра аз болои сарам парида гузашт; 2) аз болои: Thehorsejumpedoverthefence. – Асп аз болои девор парид; 3) дар сар то сари, аз ин сӯ ба он суи: He travelled allover the country. - Вай дар сар то сари кишвар саёҳат кард; 4) дар муддати: overthepastdecade - дар муддати даҳ соли охир; 5) беш аз: Sheisoverfifty. - Вай беш аз панҷоҳ сол дорад [6, с.42].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бо маъноҳои зикршуда ҳама паҳлӯҳои маъногии ин пешоянд ба анҷом намерасад. Ҳолатҳои зиёди дигар низ мавриди истифода ҳастанд.

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки ифодаи маънои боло андаке фазои холиро дар назар дорад, яъне ифодаи боло ҳатман бояд фазои холиро низ дошта бошад: aroofoverone'shead - сарпаноҳ; tojumpoverawall – аз болои девор паридан; totravelalloverthecountry – саросари кишварро гаштан; overtheocean – аз он сӯи уқёнус; overalongperiodofyears – тӯли чандин сол; tosendamessageoveralongdistance – хабарро ба ҷои дур фиристодан [4, с.42].

Бояд таъкид сохт, ки пешоянди over хусусияти зуд тағйир додани маъноро дорад. Масалан, агар ба феъл калимаи step-ро илова намоем, дар ин ҳолат аллакай маънои вожаи боло тағйир меёбад: On my way to work in my office at the corner of street Is tep over the street cartrack – Дар роҳ ба сӯи коргоҳ дар кунҷи кӯча ман тавассути қаторҳои роҳи оҳан мегузарам.

Агар калимаи over дар ифодаи нигоҳ ояд, онгоҳ он маъноро дорад, шумо бар болои ягон чизе назар мекунед: Herhusbandwatchedheroverthetopofhismagazine. – Ӯ ба вай бар болои мақалла нигоҳ мекард.

He smiled over Gant's shoulder at the woman. – У бар болои китфи Гант ба ӯ нигариста механдид.

Дар ҳолати гузаштани ягон монеа чунин маъно мегирад: He was caught before he could jump over the wall. – Ӯро то аз девор гузаштанаш қапиданд.

Дар ҳолати ифодаи синну сол ва ё андоза: Children over the age one year start their colds with a sudden high temperature. – Шамолхурӣ дар кудакони аз яксола боло аз таби ниҳоят баланд шурӯъ мешавад.

Пешоянди **over** дар ифодаи ишорае меояд, ки шумо метавонед ба одамон таъсир расонед, ба чизҳо таъсир расонед ва ё онҳоро идора намоед: Man's domination over his environment. – Бузургии одам нисбат ба муҳити атроф.

Барои таҳвияти андешаҳо як қатор исмҳоеро меоварем, ки одатан пешоянди over баъд аз он меояд: Advantage over – афзалият нисбат ба; Anxiety over – ташвиш, изтироб ба; Ascendancy over – ҳукумат нисбат ба; uthority over – таъсир ба; Battle over – мубориза ба;Concern over – ғамхорӣ ба; Control over – назорат ба; Dominance over – бузургӣ нисбат ба; Dominion over – истиқлол нисбат ба;Debate over – баҳс оиди; Hold over – таъсир ба;Influence over – таъсир ба; Misunderstanding over – нофаҳмӣ нисбат ба [17,с.42].

Пешоянди **over** дар забони англисӣ илова бар ин барои истифодаи ифодаи маъноии муносибати нофаҳмиҳо, ҳиссиёт ва ё амал меояд: Starving children were fighting over split grain. – Кӯдакони гурусна барои донаи пошдодашуда талош мекарданд.

Барои таҳвияти андеша гурӯҳи феълҳоеро меоварем, ки баъд аз онҳо одатан пешоянди **over** меояд: Agonize over – ғам хурдан; Argue over – баҳс кардан; Broad over – андеша кардан; Clash over – вохӯрдан; Disagree over – розӣ нашудан; Drool over – беҳуда гуфтан; Enthuse over – ворид шудан; Fight over – мубориза кардан; Fret over – дар ташвиш шудан; Fuss over – аз ҳад зиёд ғамхорӣ кардан [17, с.42].

Агар пешоянди over дар ифодаи маънои аз назар гукзаронидан кор фармудан шавад, онгоҳ метавонад чунин маъно ва шакл гирад: He comes in the evenings to help me go over my books. – Ӯ шомгоҳон меояд, то ки ба ман барои аз назар гузаронидани китобҳо кумак расонад.

Пешоянди over дар ифодаи фосилаи вақт: Масалан: I did a lot of thinking over the weekend. – Ман дар рӯзҳои истироҳат хеле фикр кардам. Over the last twenty years our rural communities have gradually wasted away. – Дар давоми бист соли охир хоҷагиҳои қишлоқи мо комилан аз байн рафтанд.

Пешоянди **over** инчунин ҳамчун зарф истифода мешавад ва бо феълҳои ифодакунандаи ҳаракат, самтро ё ба боло ва ё ба поён ифода мекунад: to climb over – бар болои чизе гузаштан; to jump over – аз болои чизе пари дан; to fly over – аз болои чизе парвоз кардан;to go over – аз болои чизе гузаштан; to throw over – ҳавола додан бар болои чизе ва ғ.: Thought barrier was high, he jumped over without difficulty. – Ҳарчанд монеа хеле баланд буд, ӯ бе мушкилӣ аз болои он ҷаҳид. Throw the ball over, please. Тубро, илтимос ҳавола диҳед [10, с.42].

Оид ба пешоянди over ва конструксияҳои лексикии он гуфтан зарураст, ки дар забони англисии муосир пешояндҳо дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд. Шумораи конструсияҳое, ки аз пешояндҳо истифода мебаранд хеле зиёд шуданд ва ҳануз ҳам идома доранд. Ба ин гуруҳ метавон дар як маврид ибораҳои феълро низ дохил намуд.

Ибораҳои феъл – якҷояшавии феъл бо пешояндҳо маҳсуб меёбад. Ин намуди ибораҳо хеле серистеъмол ва сермаҳсуланд. Шумораи онҳо беохир зиёд мешаванд, фонди луғавии забони англсиро ғанӣ мегардонанд. Ин раванди пешравии забони англисиро метавон тавассути чопи луғатҳо, китобҳои гуногун исбот намуд. Дар баробари зиёд шудани шумораи ин гуна ибораҳо истифодаи онҳо низ тез-тез ба назар мерасад. Ин амал бар он шаҳодат медиҳад, ки онҳо вазифаҳои лозимиро тавассути фишурдагии маъно ва саҳеҳбаёнӣ дар забон ичро мекунанд. Ин намуди ибораҳо на танҳо дар нутқи гуфтугӯӣ, балки имрузҳо аллакай дар газетаву мачаллаҳои мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин амал бар он далолат мекунад, ки гуруҳи зиёди ибораҳо оҳиста-оҳиста маъноии худро тағйир дода, аз як ҳолати услубӣ ба дигар гузашта, тобиши маъногии худро иваз намудаанд [2, с.42].

Луғатнигори машҳур Л.П. Смит ин ҳолатро дар забон яке аз хусусиятҳои барҷаста ном бурдааст. Ӯ чунин менигорад: «дар забони англисӣ як намуди махсуси феълҳои таркибӣ мавҷуданд, ки дар он пешояндҳо бевосита истифода мешаванд, масалан tofailover, tokeelover, tohangover, tosetover, topresideover, totakeover, torunover. Феълҳое, ки ба ин гурӯҳ шомил мешаванд, новобаста аз он ки онҳо тез-тез дар нутқи гуфтугӯӣ меоянд, аломатҳои идиоматикиро ба худ касб мекунанд ва дар ифодаи фикр кӯмак мерасонанд» [12, с.42].

Забоншинос Амосова Н.Н. ба ин гурӯҳи феълҳо чунин қоидаро пешниҳод мекунад. Ибораҳои феъл – пайвастагии феъли оддӣ бо пешоянд мебошад (in, over, up, и тд), ки мавҳуми ягонаи маъно ва сохторро ташкил медиҳанд. Масалан: museover – андеша кардан, lookover – дида баромадан.

Дар забони англисӣ як қатор феълҳое мавҷуданд, ки маъноии онҳо бо истифодаи пешояндҳо иваз мешаванд. Масалан, дар феълҳои totake - гирифтан , toput - гузоштан , todrop - афтондан, torun - давидан ва ғ. Масалан, феъли get вобаста аз истифодаи пешоянд зиёда аз 20 маъноии асосӣ дорад. Ба забони тоҷикӣ ҳамаи ин қолабҳо тавассути вожаҳои алоҳида тарҷума мешаванд. Дар бисёр ҳолат ин амал дар феълҳои яктаркиба ба назар мерасанд. Бо мақсади таҳвияти андеша ҳамин қолабҳоро бо пешоянди over аз назар мегузаронем: look- нигаристан, lookover- дида баромадан; give-додан, giveover – дароз кардан.

Бояд таъкид сохт, ки як қатор ибораҳо бо маъноии аслии пешояндҳо алоқаманданд, аз ин рӯ фаҳмидани маъноии онҳо осонтар аст. Масалан, comein - даромадан, standup – аз ҷой хестан, sitdown – нишастан ва ғ. гурӯҳи дигари ибораҳо идиомаҳоро пеши назар меоранд, ки хоси ҳамон забон аст ва таҳтуллафз тарҷума кардани онҳо ғайриимкон аст, гарчанде дар бисёр ҳолат ин тарзи тарҷума

маънои наздики онҳоро ифода карда метавонад: stopover - 1) ист кардан дар роҳ, истодан ва ғ. [3, с.42].

Дар муносибат бо ин гуруҳи ибораҳо забоншинос А.В. Кунин 5 гурӯҳи онҳоро зикр менамояд. 1) пайвастагие, ки дар он пешоянди over маънои аввалаи худро нигоҳ медорад: jumpover; crustover; freezeover; carryover.

2) пайвастагие, ки дар он маънои аввалаи пешоянд эҳсос мешавад Масалан: run over = overflow; Push over = thrust; think over = consider; talk over = discuss; hand over = transfer

3) пайвастагие, ки дар он пешоянд маънои феълро мустаҳкамтар мекунад: heel over, turn over, preside over;

4) пайвастагие, ки дар он маънои асосии пешоянд тамоман эҳсос намешавад: keel over = collapse; do over = kill; gloss over= hide ; go over = examine; hang over = threaten; pull over = move to one side;

5) пайвастагие, ки дар он тобиши маъногии пешоянд эҳсос мешавад: be over = finish; get over = liquidate; stop over a journey; leave over, hold over, hang over; give over;turn over a new leaf= make a new start [10, с.42].

Пешояндҳо дар калимасозии забони англисӣ мавқеи муҳим доранд. Онҳо на танҳо дар якҷо намудани калима ва ҷумлаҳо иштирок мекунанд, балки барои ташкил намудани воҳидҳои лексикӣ хизмат менамоянд. Ҳамин тавр тавассути якҷо шудан бо феълҳо пешоянди over на танҳо маънои онро тағйир медиҳад, балки дар созмон додани калимаи нав иштирок менамояд, ки дар забони англисӣ ин намуди вожаҳои ташкилшударо ибораҳои феъл ном мебаранд [8, с.42].

Дар умум, омӯзишҳо нишон медиҳад, ки тавассути якҷошавӣ пешоянди over дар забони англисӣ маънои онҳоро ба куллӣ тағйир медиҳад ва тобиши лексикии онҳоро иваз месозад. Аксари забоншиносон бар он назаранд, ки ибораҳои феъл бо пешоянди over дар забон хусусияти махсус ва хоси танҳо забони англисист.

Бо мақсади таҳвияти андешаҳо ва муқоисаи маъногии пешоянди **over** бо забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи онҳо дар рафти таҳқиқи рисола зарур омад, ки тавассути шарҳи фарҳангҳо таҳлили маъногии онҳоро пешниҳод созем. Таҳлилҳо ва омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ноҳои дар поён зикршуда ба гурӯҳи маъноҳои асосии пешоянди интихобшудаи рисола дохил мешаванд ва албатта воситаҳои гуногуни ифодаи онҳо ба забони тоҷикӣ мавҷуданд, ки дар зербоби дигар зикр намудаем.

АДАБИЁТ

1. Аксененко Б.Н. Предлоги английского языка. / Б.Н.Аксененко.– Москва, 1956, -320 с.
2. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии. / Н.Н. Амосова. – Л: 2010, -216 с.
3. Арсененко Б.Н. Предлоги английского языка. / Б. Н. Арсенко. – Москва, 1956. -318 с.
4. Бархударов Л.С. «Грамматика английского языка./Л.С. Бархударов.–М., ВШ,1965.- 265 с.
5. Камолиддинов Б. Нависанда ва иқтибоси калима. //Сухандонон сухан санҷида гӯянд. / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2005. – С. 48-53.
6. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ–тоҷикӣ. / А. Мамадназаров. – Душанбе, 2007. – 1080 с.
7. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ. / Н.Туйғунов. –Душанбе, 2011.- 140 с.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПРЕДЛОГА «OVER» В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В этой статье автор проанализировал главную роль и использование предлогов в английском и таджикском языках. На момент анализа автором выяснилось, что предлоги больше употребляются в английском, чем в таджикском языке. Автор хотя и в этой статье сказал о морфологическом строении предлога и сравнил предлог в простом, сложном (сложном) и производном. Надо сказать, что автор в своей статье проанализировал классификацию предлогов в английском и таджикском языках и приводит несколько примеров по этому поводу.

Хотя в этой статье широко исследуется значение и способы употребления предлогов в английском и таджикском языках. Во время исследования мы поняли, что предлоги в английском языке делаются и используются по-разному.

Ключевые слова: *английский язык, таджикский язык, простые предлоги, сложные предлоги, простые, производные предлоги, направление, место.*

GRAMMATICAL FEATURES OF THE PREPOSITION «OVER» IN ENGLISH

In this article the author analyzed the main role and the use of the prepositions in English and Tajik languages. At the time of analyzing the author revealed that prepositions more used in English than Tajik language. The author in this article said about the morphological structure of the preposition and compared the preposition in simple, compound (complex) and derivative. We must say that author in his article

Бесспорно, сходство значения, а также различия синонимов в семантическом, эмоционально-экспрессивном, стилистическом аспектах показывают функции, которые реализуются синонимами в поэтических контекстах. Подчеркивая самобытность и народность, легкость и простоту использования приемов фольклорных произведений можно отметить использование синонимов и синонимичных рядов М. Цветаевой для придания душевности, легкости образам своих поэтических творений. Функции уточнения, замещения и семантической антитезы, оценки и стилевой организации текста могут быть семантическими функциями синонимов. Для отражения глубины, многогранности особо занимательным является функция уточнения, которая мастерски может выражать тончайшие оттенки понятия. Функции замещения и семантического противопоставления реализуются несмотря на наличие разных по звучанию и по структуре слов. Функция оценки и стилевой организации текста проявляется в эмоциональном выражении через стилевую закреплённость маркированных синонимичных слов. Очевидным является то, функции синонимов при создании нескольких форм для одного понятия в поэтическом тексте могут ослабляться, либо усиливаться. Как правило, синонимическая тональность имеет многомерное эмотивное пространство с несколькими ортогональными измерениями, например, базовые эмоции - радость, счастье, страх, гнев и т.д.

Из всего можно истолковать, что в своих стихах поэтесса воплощала лиричность бытия, особинку и нетривиальность культуры.

Марине Цветаевой важно было запечатлеть память о времени, любви, образ Родины, где существуют взаимосвязи между культурным и природным окружением этноса. Можно заявлять об авторском расширении граней семантического пространства в поэтической речи семантики синонимичных рядов, как результативного стилистического средства выразительности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Белошапкова В.А. Современный русский язык. Издание второе, перераб. и доп. М.: Высшая школа, 2011. С.245-247.
2. Белькова А.Е. Контекстуальные синонимы как стилистическое средство выразительности в языке поэзии В.А. Мазина // Вестник Нижневартовского государственного университета. Серия «Филологические науки». 2014. № 4. С. 3-9.
3. Белькова А.Е. Особенности употребления контекстуальных синонимов в художественном тексте (на материале творчества югорского писателя Владимира Алексеевича Мазина) // Международный Научный Институт «Educatio». Ежемесячный научный журнал. 2014. № 6. Часть 3. Раздел «Филологические науки». С. 87-90.
4. Белькова А.Е. Экспрессивный синтаксис постмодернистской прозы Людмилы Стефановны Петрушевской // Учёные записки Орловского государственного университета. Серия «Гуманитарные и социальные науки»: научный журнал. Орёл: изд-во ФГБОУ ВПО «Орловский государственный университет». 2016. № 2 (71). С. 74-78.
5. Марина Цветаева. Стихотворения. Поэмы. М. «Правда». 1991. 688с.
6. Палевская М.Ф. Синонимы в русском языке. М.: Просвещение, 1964. 126 с.
7. Пешковский А.М. Избранные труды. М.: Учпедгиз, 1959. 252 с.

ОБСТОЯТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СИНОНИМОВ В ПОЭЗИИ МАРИНЫ ЦВЕТАЕВОЙ, КАК ДЕМОНСТРИРОВАНИЕ НОМИНАТИВНОГО ВАРЬИРОВАНИЯ

Поэтические творения Марины Цветаевой выступают как интересный текстовый материал, хотя являются трудносозерцаемыми для исследователя и язык которого ранее не был подвергнут специальному лингво - стилистическому рассмотрению. Отсутствие системного изображения особенностей стиля поэтессы является актуальностью темы. Детальное, глубокое изучение роскошного языка поэтессы, в особенности синонимичного пласта для передачи цветового потока образов в стихах в семантическом, стилистическом, образном аспектах даёт возможность выявить универсальные черты её пера.

Ключевые слова: *Марина Цветаева, синонимия, полная синонимия, идеографические синонимы, эмоционально-экспрессивные синонимы, стилистические синонимы, контекстуальные синонимы, грамматические синонимы, семантика, стиль, контекст.*

DETAILED ANALYSIS OF SYNONYMY IN MARINA SVETAEVA POETRY, AS A MANIFESTATION OF NOMINATIVE VARIATION

The works of the russian poetess Marina Svetaeva are interesting text material, the language of which has not previously been subjected to special linguostilistic analysis. The relevance of the topic is determined by the lack of a systematic description of the features of the style of Marina Svetaeva. The research of synonymous rows in semantic, stylistic and figurative aspects allows revealing universal features of the poetess's pen.

Keywords: *Marina Svetaeva, synonymy, grammatical synonyms, ideographic synonyms, full synonymy,emotionally-expressive synonyms, stylistic synonyms, contextual synonyms, semantics, style, context.*

Сведения об авторе:

Мамаджанова Хилола Камолиддиновна - *Преподаватель кафедры развития устной и писменной речи русского языка факультета русской филологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, Электронная почта hilola_ha@mail.ru Тел: (+992) 933105155*

About the author:

Mamadzhanova Khilola Kamoliddinovna *- Lecturer at the Department of Oral and Written Speech Development of the Russian Language, Faculty of Russian Philology, Khujand State University named after Academician Bobodjon Gafurov. Email hilola_ha@mail.ru Tel: (+992) 933105155*

ШАРҲИ ҲУРУФИ ТАҲАҶҶӢ (ОВОЗҲОИ ҲИҶОСОЗ) ДАР ФАРҲАНГИ «ҲАФТ ҚУЛЗУМ» ВА АРЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ ОН

Хоҷаев Д., Додаров О.М.
Коллеҷи муҳандисӣ техникии н.Нуробод

Фарҳангҳои тафсирӣ яке аз манбаъҳои муътамади шаклгирӣ ва нигоҳдошти афкори забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷиҳат, фарҳангҳои тафсириро ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: якум фарҳангҳое, ки шарҳи забоншиносӣ дар иртибот ба шарҳи маънии луғавии калимаҳо дар қисмати асосии фарҳанг оварда шудааст; дуюм фарҳангҳое, ки бевосита дар қисмати муқаддимаи онҳо шарҳи забоншиносӣ дар чанд банд оварда шудааст. Ба гуруҳи дуюм як даста фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», дохил мешаванд. Дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шарҳи дастури забони форсии дарӣ дар 12 банд бо исми «Ойин» оварда шудааст, муаллифи «Бурҳони қотеъ» низ дар муқаддимаи фарҳанг бо номи «Фоида» дар 9 банд масоили марбути дастури забони форсии дариро шарҳ додааст. Ҳамин анъанаи муаллифони ин ду фарҳангро минбаъд дигар фарҳангнигорон бо тарзу равиши худашон ё дар муқаддима ё дар қисмати асосӣ ва ё дар хотимаи фарҳанг идома додаанд.

Тафовути фарҳанги «Ҳафт қулзум» дар ин аст, ки муаллиф масъалаи шарҳи масоили дастури забони форсии дариро дар қисмати хотимаи луғат, яъне қулзуми ҳафтум овардааст. Сохтор ва муҳтавои қулзуми ҳафтум, яъне қисмати хотимавии луғатро дар муқаддима худи муаллиф чунин баён кардааст: «Қулзуми ҳафтум аз китоби «Ҳафт қулзум» ва он муштамил аст бар шаш баҳр, муҳтавист бар ҳафт соҳил ва бисту ҳашт маъбар ва сездаҳ поёб ва ҳафт обгир ва ёздаҳ руд ва се ҷиҳоз вас ӣ мавҷа ва бисту чаҳор сафина, ки киноя аст аз баёни ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва ҳуруфи мураккабот ва изофат ва ғайра. Ва сарфи порсӣ ва ақсоми назм ва шарҳи саноеи лафзӣ ва маънавӣ ва мураккабот, ки ғояти порсӣ боша два илми арӯз ва қофия [10, 3].

Чунон ки аз ин баёнияи муаллиф равшан аст, Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ, аз як тараф, анъанаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони қотеъ»-ро идома дода бошад, аз ҷониби дигар, ба осори улуми сегонаи адабӣ такя карда, дар ҷилди хотимавии луғат ғайр аз шарҳи дастури забони форсии дарӣ боз оид ба санъатҳои лафзию маънавӣ ва илми арӯзу қофия низ маълумот додааст, ки ин усул «Чаҳор гулзо»-и Хоҷа Ҳасани Нисориро ба ёд меорад.

Баҳри аввали қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» дар баёни ҳуруфи таҳаҷҷӣ буда, он муштамил аст бар бисту ҳашт маъбар. Маъбари аввал дар баёни «алиф» буда, аз сиву ҳафт заврақ иборат мебошад.

Мураттиби луғат дар ҳар заврақ ин ё он вазифаи «алиф»-ро дар таркиби калимаҳо нишон додааст, ких еле начиб аст.

Мо барои равшан гардидани назари муаллиф шарҳи ӯро дар бобати «алиф» бозгӯ намуда, ҷо-ҷо андешаҳои муаллифро ба назари донишмандони пешин, аз ҷумла, муаллифи «Ал-муъҷам» Шамси Қайси Розӣ (асри XIII), «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (XVII), «Бурҳони қотеъ» (XVII) муқоиса менамоем.

Заврақи якум «Дар баёни «алиф»-и калима унвон дошта, дар бораи алифе баҳс мекунад, ки дар асли калима бошад ва маънии мақсуд бе вуҷуди он фаҳмида нашавад, чунончи, дар калимаи Худо ва ҷудо. Ва барои тасдиқи фикраш аз шоире байти зеринро шоҳид меорад:

Дар ҳақиқат дигаре нест Худо ҳам ҳаст,
Лекин аз гараваш як нуқто ҷудоҳем ҳама.
Ва дар лафзи гиребон, пистон, домон, зиндон,
Нуриддин Зуҳурӣ фармояд, байт:
Аз гули хубат гиребон ичтинобе мекунад,
Хор гӯйи илтифоте кард бо ***домони*** *мо.*

Муаллифи фарҳанг дар мавриди дар аввали калима омадани алиф назари донишмандони дигарро оварда таъкид кардааст, ки устодон навиштаанд алифҳое, ки дар аввали калимот бувад бар ду гуна аст: яке аслӣ ва дигаре васлӣ, аслӣ бар ду қисм аст: аввал он ки онро ба ҳеҷ ҳазф натавон кард, ҳамчу **андом** ва **анҷом** ва монанди он ки агар ҳазф кунанд, **надом** ва **начом** мешавад ва он маънӣ надорад. Ва дуюм он ки чун онро маҳзуф созанд, маънии он ба ҳоли худ бимонад, ҳамчу **устухон** ва **афтон**, ки баъд аз ҳазф кардан **стухон** ва **фатон** мемонад ва ҳамон маънӣ дорад. Ва «алиф»-и васлӣ он аст, ки агар дар аввали луғате, ки бе «алиф» мавзуъ шуда бошад, дароранд, ихтилофе дар маънии он роҳ наёбад, ҳамчу **парвиз** ва **бедод**, ки чун «алиф»-е бар аввали он дароваранд, **апарвиз** ва **абедод** шавад ва ҳамон маънӣ маълум гардад.

Дар шарҳи фавқ аслан ҳамон мулоҳизоте матраҳ шудааст, ки донишмандони пешин иброз доштаанд. Ҳамин гуна айнан такрор кардани назари гузаштагонро мо дар шарҳи «алиф»-и нидо дар заврақи дуюм дида метавонем, ба истиснои абёте, ки аз шуаро барои шоҳид оварда шудааст.

Заврақи сеюмро муаллифи луғат ба шарҳу тавзеҳи «алиф»-и дуоия бахшидааст. Ӯ мегӯяд: «Ва он қабл аз «дол»-у сиғаи амри ғоиб ва наҳйи ғоиб воқеъ шавад ва барои неку бад дар лафз ояд. Дар ин заврақ як қайди ҷолиби муаллиф ин аст, ки ӯ мегӯяд: «Махфӣ намонад дар масодире, ки ба илҳоқи «алиф»-и дуоия сиғаи мозӣ шавад, мустаъмал нест, чун **фитад** ва **фитод** ва **ниҳад** ва **ниҳод** ва дар лафзи **кушод** ва **ситод** ҳар гоҳ ки аз масдари **кашидан** ва **шунидан** ирода намояд, «алиф»-и дуоия аст ва агар аз масдари **кушодан** ва **ситодан** ирода кунанд, сиғаи мозӣ аст» [10, с.5].

Дар заврақи чаҳорум оид ба «алиф»-и илҳол изҳори назар карда калимоти зеринро мисол овардааст ва таъкид кардааст, ки он аксар миёни такрори як калима воқеъ шавад: **пешопеш**, **гуногун**, **лаболаб** ва ин байти шоирро шоҳид овардааст:

Лаболаб аст зи хуни ҷигар пиёлаи мо,
Дами нахуст чунин шуд магар ҳаволаи мо.

Ва муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки вожаҳои **шабошаб, раворав, моҳомоҳ, солосол, рӯзорӯз, гурезогурез**, аз ин қабил аст.

Заврақи панҷум дар баёни «алиф»-и отифа мебошад. «Алиф»-и отифа, аз назари муаллифи «Ҳафт қулзум» алифест, ки он миёни ду калимаи мутародиф дарояд ба маънии «вов»-и отифа бувад, чунончи дар лафзи такопӯ. Байт:

Мекард ба пои ҷон такопӯ,
Чун қатраи ашк дар роҳи ӯ.

Ва гоҳе – мегӯяд муаллифи фарҳанг, миёни ду калимаи мутафоир дарояд, чун **растохез** ва гоҳе дар калимаи мутазод дарояд, чун **шаборӯз**. Мавлавӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ фармояд, байт:

Чу Юсуф ҳамнишин шуд бо Зулайхо,
Шаборӯзӣ қарин шуд бо Зулайхо.

Дар мавриди ин вазифаи «алиф» назари донишманди асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ мушаххасу возеҳтар аст, чунончи: «Ва «алиф»-и атф дар миёни ду исм ва ду феъл, ки аз ду қисм бошад, воқеъ мешавад ва маънии «вов»-и атф пайдо менамояд, чун **шаборӯз, такопӯ, саропо, такодав** ба маъни шабу рӯз, тако пӯ, сару по, таку дав. Ҷомӣ фармояд:

Чу Юсуф ҳамнишин шуд бо Зулайхо,
Шаборӯзӣ қарин шуд бо Зулайхо [5, с.263].

Дар заврақи шашуми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» дар бораи «алиф»-и фоил қазоват шудааст, чунончи гуфта мешавад «Ва он баъди сиғаи амр ояд ва маънии кунанда диҳад, чунончи, дар лафзи **фармо**. Ғанимат гӯяд, байт:

Ту ҳам як бор фармо коми ту аз мо,
Сарамро бигзарон аз арш боло.
*Ва дар лафзи **доно** шоире гӯяд, назм.*
Ҷаҳде куну бо мардуми доно бинишин,
Ё бо санами латифи хушсимо бинишин [10, 5].

Дар мавриди «алиф»-и фоил низ шарҳи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ нисбат ба тавзеҳи фавқ содатар ва мушаххастар мебошад.

Баёни «алиф»-и инҳисор, яъне дар ғунҷидан дар чизе, дар заврақи ҳафтум матраҳ шудааст, чунончи: «Ва ӯ он аст, ки маънои ҳаср дарёфта шавад, чунончи дар лафзи **саропо** - аз сар то по. Саъдӣ фармояд, байт:

Саросари шикамаш балеғ лоҷарам,
Ба пояш кашад мӯри кӯчак шикам [10, 5].

Ин шарҳи додаи муаллифи «Ҳафт қулзум» дар дигар фарҳангҳое, ки масоили дастури забони форсии тоҷикиро матраҳ кардаанд, дида нашуд. Воқеан, муаллифи луғат дуруст қазоват кардааст, ки «алиф»-и инҳисор, вақте ки ду ҷузъро ба ҳам иҳота ё пайваст мекунад, чи маъниеро ҳосил мекунад, бояд фаҳмид, чунончи дар вожаи «саропо» маънӣ ин аст, ки аз сар то, яъне тамоми вуҷуду ҳастии шахсе ё чизе дар назар аст. Ҳамин маънӣ аст дар нисбати саросар, яъне ҳамаи вуҷуди шайъе дар назар дошта мешавад.

Заврақи ҳаштуми қулзуми ҳафтум дар баёни «алиф»-и мафъул буда, хеле мухтасару ноқис аст. Қазоват шавад: «Ва он ҳам баъди сиғаи амр ояд, байт:

Ба назди шухи бебоку дилозор,
***Пазиро** бод ҷурми ошиқи зор» [10, с.5].*

Дар бораи «алиф»-и лаёқат дар заврақи нуҳуми қулзуми ҳафтум муаллифи фарҳанг ин тавр гуфтааст: «Ва он баъди сиғаи амр ояд ва он сиға ба маънои масдар гардонад, чунончи, дар лафзи **пазиро**. Низомии Ганҷавӣ дар «Шарафнома» фармояд, байт:

Пазиро сухан мешавад зуд ҷойгир,
Сухан к-аз дил ояд, шавад дилпазир [10, с.5].

Дар бораи «алиф»-и касрат шарҳе, ки муаллифи «Ҳафт қулзум» дар заврақи даҳум овардааст, аз маълумоти донишмандони пешин фарқе надорад, ҳатто ноқистар аст, чунончи: «Ва таҳсинро ҳам

гӯянд ва он ба охири асмое меояд ва маънии бисёр диҳад ва дар лафзи **хушо** ва **бадо** Ҳоқонӣ фармояд:

Бадо султониё, к-ӯро бувад ранҷи дилошубе,
Хушо дарвешиё, к-ӯро бувад ишқи таносое.
*Ва лафзи **андако** ва **басо** ва ғайра аз ин қабил аст» [10, с.6].*

Ҳамин байти фавқ қариб дар ҳамаи луғоту осори улуми адабии пешин дар мавриди «алиф»-и касрат оварда шудааст, масалан, донишманди асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар рисолаи таълимии «Чаҳор гулзор» дар бораи «алиф»-и касрат маълумоти хеле боарзиш дода, ҳамин байти Ҳоқониро низ овардааст.

Муқоиса шавад: «Панҷум, «алиф»-и муболиға ва он маънии зиёдатӣ пайдо намояд, чун **басо** ба маънии бисёртар ва **хушо** ба маънии хуштар ва **бадо** ба маънии бадтар. Саъдӣ фармояд:

Эй, басо аспи тезрав, ки бимонад,
Ки хари ланг ҷон ба манзил барад.
Ҳоқонӣ гӯяд:
Бадо, султониё, к-ӯро бувад ранҷи дилошубе,
Хушо, дарвешиё, к-ӯро бувад ранҷи таносое» [6, с.21].

Таврe ки аз муқоисаи ин ду шарҳ бармеояд, тавзеҳи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар нисбати шарҳи муаллифи «Ҳафт қулзум» мушаххастару возеҳтар аст.

Мавзӯи масдар, шинохти он дар таърихи афкори забоншиносии араб ва форсу тоҷик собиқаи хеле дерин дорад. Вобаста ба ин дар забоншиносии араб назарҳо гуногун буданд.

Дар таърихи афкори забоншиносии форсии тоҷикӣ ин нукта бори аввал аз ҷониби донишманди асри XIII Шамси Қайси Розӣ ба миён гузошта мешавад. Ва мегӯяд: «Ҳарфи масдар «нун»-е аст муфрад, ки дар авохири афъоли мозӣ омада, маънии масдар орад, чунон ки омадан»-у «рафтан» [7, с.19].

Ин назари Шамси Қайси Розиро муҳаққиқи таърихи афкори забоншиносии тоҷик, профессор Д. Хоҷаев чунин матраҳ сохтааст: «Нахуст назари Шамси Қайси Розӣ дар мавриди таркиби масдар ҷолиб аст, зеро ӯ масдарро бар хилофи гурӯҳи муҳаққиқоне, ки баъд аз вай ба ин масъала даст заданд, ба фаҳмишу назари забоншиносии муосир мувофиқ ҷудо кардааст. Як гурӯҳ донишмандони классикӣ, аз ҷумла Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ба сифати як аломати масдар «дан» ва «тан»-ро донистааст. Шамси Қайси Розӣ бошад, чун аломати нишондиҳандаи масдар танҳо «ан»-ро медонад.

Муҳаққиқони озарбойҷонӣ Ҷ. Содиқова, Т. Алиаскарова ба андешаи донишманди эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ такя намуда, ақидаи хешро чунин хулоса мекунад: «Доктор Парвиз Нотили Хонларӣ менависад: Аз он чи гуфта шуд, метавон натиҷа гирифт, ки аломати масдар дар забони форсӣ танҳо «ан»-и изофашуда ба охири гузаштаи сода набуда, балки «тан» аст, ки он дар форсии қадим «тан» буда ва дар ҳолати мафъулӣ ҳамеша ба сурати «zanaiy» мавриди истифода қарор мегирифтааст» [9, с.33].

Ҳамин назари Парвиз Нотили Хонларӣ ва Ҷ. Содиқоваю Т. Алиаскароваро донишманди дигари эронӣ Маҳинбону Санеъ низ ҷонибдорӣ карда, ба Шамси Қайси Розӣ беҷо эрод мегирад.

Ҳамин ақида дар чаҳор гулзори Хоҷа Ҳасани Нисорӣ низ таъкид шудааст: «Ҳоло бояд донист, ки дар порсӣ масдар ду қисм аст: аввал-мутасаррифа, дигар - ҷомид. Мутасаррифа он аст, ки дар охираш «дан» ва «тан» бошад ва ҷумла афъоли мутасаррифа аз ӯ муштақ шавад, чун «омадан» ва «рафтан» ва «хуфтан» ва «хурдан» [6, с.14].

Профессор Д. Хоҷаев назарашро ба ин тариқ хулоса мекунад: «Дар ҳақиқат назарияи Шамси Қайси Розӣ дар мавриди шинохти масдар дуруст аст ва он ба сохти масдар, ки имрӯз ҷудо мекунанд, рост меояд. Шояд таърихан пасванди «ан» шакли «тан» ва «дан» дошта бошад, вале дар давраи нав ба ҳамин сурате расидааст, ки имрӯз мустаъмал аст» [5, с.146-147].

Муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» дар заврақи ёздаҳуми қулзуми ҳафтум дар баёни «алиф»-и масдарӣ чунин мегӯяд: «Ва он ба охири асмо меояд ва маънии **шудан** диҳад ва дар лафзи **паҳно** Саъдӣ фармояд:

Яке қатра борон зи абре чакид,
Хиҷил шуд ҷу паҳнои дарё дид.

Ва лафзи **фарохо** ва **жарфо** ва **росто** ва ғайра аз ин қабил аст. Ва дар арабӣ ба масодири **зараба** қабл аз «лом»-и калима ояд ва маънии масдарӣ аз ӯ ҳосил шавад ва дар лафзи инқилоб Муҳаббатзоҳири Ғанӣ гӯяд, байт:

Инқилобе ҷамъободи ҷаҳон мехоҳам,
Шояд ин толеъи барҷаста зим о баргардад.

Ва лафзи **исроф** ва **инсоф** ва **эътибор** ва **ихтиёр** ва **истизҳор** ва **истиғфор** ва **иқтибос** ва ғайра аз ин қабил аст. Ва дар баъзе масодир қабл аз «айн»-и калима воқеъ шавад, чунончи, дар лафзи **тағофул** ва **татомул**. Шоире гӯяд, байт:

Эй кушта маро наргиси шухат ба тағофул,
Зулфи ту гирифтаст роҳам ба татовул.
Ва лафзи ***тавозеъ*** *ва* ***тақотеъ*** *ва ғайра аз ин қабил аст.*

Бояд гуфт, ин калимоте, ки муаллифи фарҳанги «Ҳафт қулзум» чун масдар овардааст, ҳама масдаргунаанд на масдари холис.

Ҳодисаи танвин хоси низоми грамматикаи араб аст, аммо аз нигоҳи дастури забони форсии тоҷикӣ донистани он зарур аст, чаро ки калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ нуфузи зиёд дорад. Аз ин ҷост, ки дар дастурҳои пешин ва фарҳангҳои тафсирии гузаштаи мо ба ин ҳодиса диққат додаанд. Аз ҷумла, дар дастури таълимии «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ чунин омадааст: «Ҳаштум - мунавван, ки бар он ду фатҳа ё ду касра ё ду замма дарояд ва дар хонданаш «нун»-и сокин ғайри мактуб малфуз гардад, чун тавъан ва карҳан ва ғайри он» [6, с.13].

Муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» низ ба ин ҳодиса таваҷҷуҳ зоҳир карда дар заврақи дувоздаҳуми қулзуми ҳафтум чунин нигоштааст: «Дар баёни «алиф»-и танвин ва он дар авохири асмои арабӣ ояд ва дар мақоми насб нависанд ва дар ҳолати тахфиф танвини «алиф» хонанд, чунончи, дар лафзи **ғолибан**. Шоире гӯяд, байт:

Шамъ аз сӯзи дили ман гиряи бисёр кард,
Ғолибан сӯзи дили ман дар дили ӯ кор кард» [10, 6].

Як маълумоте, ки дар дигар фарҳангҳо ба чашм нарасид ин аст, ки муаллифи «Ҳафт қулзум» овози садоноки «о»-ро, ки дар алифбои арабиасоси арабӣ алифи мамдуд аст, дар ҷонишини шахси якуми ҷамъ «алиф»-и ҷамъ гуфта, дар заврақи чаҳордаҳум чунин нигоштааст: «Дар баёни «алиф»-и ҷамъ ва он дар калимоти порсӣ ҷуз лафзи «мо» ёфта намешавад, эҳтимол мухаффафи «мон» низ дорад. Зуҳурӣ фармояд, назм:

Ишқ овард пае ба хонаи мо, Сари мо вақфи остонаи мо.
Сухт бар якдигар ҳавову ҳавас, Оташем, оҳи мо-замонаи мо.
Гашта аз фарқ то қадам як доғ, Бенишонем ин нишонаи мо.
Булбулони баҳори рухсорем, Шикани турраи ошёнаи мо.
Кӯҳан гардида буд созу ниёз, Ишқ нав карда дар замонаи мо.

Муаллифи луғат ба сурати густарда нақши «алиф»-и ҷамъро дар ҷамъсозии забони арабӣ нишон додааст.

Ба ҳамин равиш муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» дар заврақи дигар, ки миқдори онҳо сиву ҳашт ада даст, оид ба вазифаҳои «алиф» гоҳе мухтасар ва гоҳе муфассал маълумот додааст, ки қисми зиёди онҳо ба имло ва алифбои забони арабӣ иртибот дорад. Дар ҳар сурат шарҳу баёне, ки оварда шудааст, барои фаҳмидани нозукиҳои шеъри классикии мо, вожаҳои арабии иқтибосӣ аҳамияти калон дорад.

Маъбари дуюм дар баёни «бо»-и арабӣ ва форсӣ буда, аз сию як заврақ иборат мебошад ва сию як вазифаю маъноҳои дастурии «бо»-ро дар таркиби калима нишон додааст.

Маъбари сеюм дар баёни «то» буда, дорои даҳ заврақ аст. Масалан, заврақи сеюм дар баёни «то»-и мафъулӣ мебошад ва муаллиф мегӯяд: «Ва он дар авохири афъол ва асмо мулҳақ шавад ва маънии «туро» диҳад, чунончи дар лафзи **нагӯямат**. Ҳофиз гӯяд, байт:

Нагӯямат, ки ҳама сол майпарастӣ кун,
Се моҳ май хуру нуҳ моҳ порсоӣ бош» [10, 12].

Тавре аз бозгӯйи ин чанд маъбар ва заврақҳо маълум гардид, муаллифи луғат ҳар як ҳарфи алифбои арабиро дар як маъбар ва чандин заврақ шарҳу эзоҳ додааст. Як вижагӣ дар тавзеҳи муаллиф ин аст, ки ӯ аввал саҳми ҳар як ҳарф (овоз)-ро дар заврақи аввал дар бунёд ё асоси калима нишон дода, сипас вазифаҳои дигари дастурии он ҳарф (овоз)-ро дар заврақҳои минбаъда шарҳ медиҳад.

Ба сифати намуна шарҳи муаллифи луғатро дар бораи ҳарфи «мим» матраҳ месозем. Шарҳи ин ҳарф (овоз) дар маъбари бистусеюми қулзуми ҳафтуми «Ҳафт қулзум» омадааст. Ин маъбар аз даҳ заврақ иборат буда, заврақи аввал «Дар баёни «лом»-и калима» унвон дошта, муаллиф дар ин заврақ муаллиф овози «мим»-ро дар асоси ё бунёди калима нишон дода, ҳазфи онро халал дар маънӣ медонад ва калимоти зеринро мисол овардааст: **бим, қадим, ғаним, насим, сим, калим, карим, надим** ва ғайра.

Воқеан, дар бунёди ин вожаҳо овози «мим» нақши муҳим дошта фуругузор шудани он аз таркиби ин калимаҳо сабаби халал дар маънии онҳо мешавад.

Дар заврақи дуюм оид ба «мим»-и мутакаллим ибрози назар кардааст ва онро дар робитаи феъл ба фоил ё хабар бо мубтадо муҳим шуморидааст, ки аз диди забоншиносии имрӯз бандакҳои феълӣ мебошад, чунончи: **гуфтам, гардидам, дидам, хандидем** [10, 12].

Хулоса, муаллифи луғати «Ҳафт қулзум» ба сифати як забоншиноси нозукфаҳм тамоми вазифаҳои дастурии ҳарфҳои алифбои арабиасоси забони форсии тоҷикиро шарҳу эзоҳ додааст, ки аз диди забоншиносии муосир низ аз аҳамият холӣ нест.

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. – Нашри академӣ. – Душанбе, 1985. – 350 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. – нашри академӣ. – Душанбе, 1989. –220 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3. – Нашри академӣ. –Душанбе, 1989. –225 с.
4. Содиқова, Ҷ., Алиаскарова, Т. Таҳқиқи донишмандони Озарбойҷон дар бораи забони форсӣ / Ҷ.Содиқова, Т. Алиаскарова. – Алҳудо, 1377 ҳ.ҷ.ш. – 186 с.
5. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X – XVI./Д. Хоҷаев. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. –343 с.
6. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
7. Шамс, Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам / Ш. Қ. Розӣ. – Душанбе, 1991. – 463 с.
8. خانلری: پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی. تهران، 1353ش. - 367 ص
9. صنیع: مهین بانو. سیري در دستور زبان فارسي. تهران، 1371-333 ص.
10. أبو ظفر معز الدین شاه زمن غازي الدین حیدر بادشاه غازي. هفت قلزم.، 1822-ص. 3-12.

ОПИСАНИЕ БУКВ ТАХАДЖИ (ГОЛОСА СЛОГЫ) В КУЛЬТУРЕ «СЕМЬ КУЛЗУМ» И ЕГО ЛИНГВИСТИЧЕМКОЙ ЦЕННОСТИ

В статье авторы предоставляют информацию о толковании таджикского алфавита (слоговые буквы) и лингвистическом значении «Семи Кульзум» Газиуддина Бодшахи Гази, а также объясняют лингвистические вопросы в нем. Исследователи в этой связи ссылались на многие другие источники по вопросам таджикского персидского языка и сравнивали свои взгляды.

Автор статьи отмечает, что Газиуддин Хайдар Бодшахи Гази, с одной стороны, продолжил традицию «Фарханги Джахонгири» и «Бурхони Котэ», с другой стороны, опираясь на труды трех литературных наук, в итоговом томе словаря. Персидская грамматика дари также предоставляет информацию об искусстве риторики и духовности, а также о науке рифмы и рифмы, которая напоминает «Четыре цветка» Ходжи Хасана Нисари.

Первый слог седьмого слога, «семь слогов», является выражением алфавита Тахаджуд и состоит из двадцати восьми могил. Первый имеет выражение «алиф» и состоит из тридцати семи лодок.

В заключение исследователи представили автора словаря «Семь кульзум» как непонятного лингвиста и объяснили все функции инструкций арабского алфавита таджикского персидского языка, что также важно с точки зрения современной лингвистики.

Ключевые слова: *Семь слогов, описание, шрифт, слово, мысль, языкознание, учебное пособие, образование, культура, словарь, звук, слог, значение.*

DESCRIPTION OF THE LETTERS TAHAJI (VOICE OF A SYLLABLE) IN THE SEVEN KULZUM CULTURE AND ITS LINGUISTIC VALUE

In the article, the authors provide information on the interpretation of the Tajik alphabet (syllabic letters) and the linguistic meaning of "Seven Kulzum" by Gaziuddin Bodshahi Gazi, and also explain linguistic issues in it. In this regard, the researchers referred to many other sources on the Tajik Persian language and compared their views.

The author of the article notes that Gaziuddin Haydar Bodshahi Gazi, on the one hand, continued the tradition of "Farhangi Jakhongiri" and "Burhoni Kote", on the other hand, relying on the works of three literary sciences, in the final volume of the dictionary. The Dari Persian grammar also provides information on the art of rhetoric and spirituality, as well as the science of rhyme and rhyme, which is reminiscent of the "Four Flowers" of Khoja Hasan Nisari.

The first syllable of the seventh syllable, "seven syllables", is an expression of the Tahajjud alphabet and consists of twenty-eight graves. The first has the expression "alif" and consists of thirty-seven boats.

In conclusion, the researchers presented the author of the Seven Kulzum dictionary as an incomprehensible linguist and explained all the functions of the instructions of the Arabic alphabet of the Tajik Persian language, which is also important from the point of view of modern linguistics.

Keywords: *Seven syllables, description, font, word, thought, linguistics, textbook, education, culture, dictionary, sound, syllable, meaning.*

Сведение об авторах:

Додаров Оятулло Мирзошарифович – *директор технический и инженерский колледж района Нуробод. Тел.: (+992) 918679441*

About the authors:

Dodarov Ayatolla Mirzosharipov *– Director of technical and engineering College of Nurobod district. Phone: (+992) 918679441*

СОХТИ СИНТАКСИСИИ ГЕРУНД ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА РОҲҲОИ ТАРҶУМАИ ОН БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Эмомов У.
Коллеҷи омӯзгориш ба номи Хосият Махсумова

Нақши муқоиса дар андухтани дониш ниҳоят бузург аст ва ҳар қадар объект мураккабтар бошад, ҳамон қадар нақши муқоиса чун методи тадқиқотӣ меафзояд. Забон дар байни дигар ҳодисаҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусеро ишғол карда ба гурӯҳи ходисаҳои мураккабтарин ва серасрортарини ҷамъиятӣ дохил мешавад.

Шояд бо ҳамин сабаб бошад, ки ҳанӯз дар давраи ташаккулёбии забоншиносӣ методи муқоисавии омӯхтани забонҳо чун яке аз методҳои асосҳои таҳлили илмӣ ба вуҷуд омада буд, ташаккул ёфт ва ҳоло ба муваффақиятҳои калони илмӣ ноил гардидааст. Ҳақиқатан ҳам маҳз методи таҳлили муқоисавии забонҳо имконият медиҳад, ки на танҳо барҷастатарин хусусияти забонҳо, балки хусусиятҳои баъзан назарногири онҳо низ пурратар ва амиқтар муайян гарданд.

Ин ҳам барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва ҳам барои омӯхтани забонҳои модарӣ аҳамияти махсусе пайдо мекунад ва ба сикли фанҳои забоншиносӣ дохил кардани курси грамматикаҳои муқоисавӣ ва мутаносибии забонҳои гуногун аз тарафи муаллимони факултетҳои филологии мактабҳои олии мо бо хушнудӣ пешвоз гирифта шуд.

Қонунҳои грамматика ва категорияҳои он танҳо ба шахсе аҳамияти бузург пайдо мекунанд, ки вай методи муқоисавии забонҳоро истифода бурда абстраксияи грамматикиро дуруст таҳлил ва маънидод карда тавонад. Чунин ҳикмати халқии русӣ маъмул аст, ки ҳама чиз дар муқоиса фаҳмида мешавад. Бесабаб нест, ки ин тарзи тадқиқи ҳодисаҳо дар забоншиносӣ низ истифода бурда мешавад.

Вале дар забоншиносӣ муқоисакунии забонҳо ва ҳодисаҳои забонӣ аз нуқтаи назари объект ва мақсаду характери тадқиқот фарқ карда меистад.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки вазифаи грамматикаи муқоисавӣ «сравнительная грамматика» дар тадқиқ намудани фарқият ва монандии тағйироту дигаргуниҳои забонҳои хеш ҳамоила мебошад. Таъин ва муқарар намудани таносуби ҳамдигарии забонҳои хеш ва ҳатто забонҳои гуногуноила ба ҳамдигар мутобиқат кардан ва ё мутобиқат накардани онҳо вазифаи грамматикаи мутаносибӣ «сопоставительная грамматика» мебошад.

Ҳиссаҳои нутқ ба ҳамаи забонҳои дунё хос буда, гурӯҳи калимаҳоеро тафсил мекунад, ки аз нуқтаи назари маънои лексикӣ -сементикӣ, хусусиятҳои морфологӣ, мавҷудияти категорияҳои грамматикӣ ва вазифаи синтаксисии худ аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Таълими грамматикаи ҳар як забон бевосита аз таснифоти ҳиссаҳои нутқ сар мешавад ва ин бе сабаб нест: Масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои асосии грамматика, мазмун ва мундариҷаи морфологияро ташкил мекунад.

Забони англисӣ яке аз забонҳои пешрафтаи дунё буда, дорои ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ мебошад. Мавзӯе, ки мо мехоҳем зери таҳқиқ қарор диҳем, ин яке аз ҳиссаҳои номустақили нутки забони англисӣ герундий мебошад. Гарчанде доир ба ин мавзӯъ забоншиносони дунё тадқиқотҳо гузаронидаанд, вале то ба ҳол мушкилотҳо ва гуногунфикри мушоҳида мешавад.

Чуноне ки мо аз бисёр забонҳои рӯстабор огаҳ ҳастем, герундий ҳамчун ҳиссаи нутқ вуҷуд надорад. Аз он ҷумла дар забони тоҷикӣ низ ин шакли феъли мавҷуд нест. Аз ин лиҳоз тарҷума ва роҳҳои истифодабарии он метавонад мушкилиятҳои гуногунро ба вуҷуд орад. Бо назардошти ин ҳама, мо аз тадқиқотҳои олимони соҳа Усмонов К., Камянова Т., Ильиш Б.А., Мамадназаров А. инчуни мисолҳо аз асарҳои бадеии «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей ва «Шарлотта Бронте»-и Ҷейн Эйр, ки дар яке аз асарҳои машҳур дар дунё ба ҳисоб мераванд, истифода намуда, дар масоили мавзӯи зикршуда маълумот хоҳем дод.

Бо истифода аз тадқиқотҳои олимони илми забоншинлоси ва ҷамъоварии маводҳои зиёд доир ба мавзӯи мазкур мо ба дастовардҳои зерин ноил гаштем.

Герунд дар забони тоҷикӣ якчанд усулҳои гуногуни тарҷумаро доро мебошад, ки дар мақолаи мазкур мо бештар ба вазифаи синтаксисии он такя менамоем.

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Каримҷон Усмонов дар китоби худ «Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» дарҷ намудааст, ки Герундий аз асоси масдар тавассути морфемаи «-ing» сохта мешавад: going, taking, being. Он дар худ хосиятҳои исм ва феълро таҷассум менамояд. Хосиятҳои барҷастаи исмии герундий дар вазифаи синтаксии он дар ҷумла зуҳур меёбад [6, с.183]

Дар китоби дигари хеш К. Усмонов «Грамматикаи назарии забони англисӣ» чунин баён намудааст: Ғайр аз хосиятҳои зикршудаашон, вербалияҳо боз чанд виҷагиҳои дигари умумӣ доранд:

1. Онҳо аз рӯи баъзе хусусиятҳои худ ба қатори феъл дохил мешаванд, вале аз рӯи якчанд аломатҳояшон дигар ҳиссаҳои нутқро мемонанд. Масдар ним феъл ва ним исм аст, сифатҳои феълии якум ва дуюм феълвор, сифатвор ва гоҳо чун зарф хизмат мекунанд. Герундий бошад, дорои хосиятҳои ҳам феъл ва ҳам исм мебошад. Ин вичагиҳои онҳо, инчунин маънои шаклҳои категориалию вазифаи синтаксисиашон дар гироиши онҳо бо дигар ҳиссаҳои нутқ аён мешавад.[5, с.152].

Забоншиносӣ рус Татьяна Камянова дар бисёре аз китоби худ доир ба герунд маълумотҳои муфассал гирд авардааст. Аз чумла дар китоби «Грамматикаи забони англисӣ: назария ва амалия» овардааст, ки истилоҳи «герунд» аз калимаи лотини «gerere» пайдо шудааст ва дар забонҳои аврупоӣ паҳн гашта, барои шаклҳои феълии бешахсро нишон додан истифода мешавад, вале дар забони русӣ ба мислаш мачуд нест. [4, с.616].

Бо пешрафти технология ба мо имкон даст медиҳад, ки аз китобҳо дар шакли электронӣ низ васеъ истифода намоем. Дар шакли электронии фарҳангӣ [Dictionary Merriam Webster] «герунд»-ро ба маъноҳои «бурдан», «кашонидан» тарчума намуда ва пайдоишашро марбут ба асрҳои XV-XVI медиҳанд.

Муҳаққиқи дигар B. Ilyish, ки дар илми забоншиносӣ ба дастовардҳои зиёд ноил гаштааст, дар китоби худ «таърихи забони англисӣ»- «History of the English language» оид ба истилоҳи герунд ва тағйироту роҳҳои истифодабарии он дар давраҳои забони англисӣ маълумоти назаррасе рӯи даст овардааст.

Роҳи тай намудаи забони англисӣ се давраро дар бар мегирад. Бо назардошти ин B. Ilyish истифодаи герундро вобаста ба давраҳо шарҳ ва тавзеҳ додааст. Давраи кӯҳани забони англисӣ, ки асрҳои V-XI- ро дар бар мегирад муҳақиқ амали феълиро, ки бо илова кардани пасвандҳои -inʒ, -unʒ сохта мешаванд, герунд номидааст.

Мисол: than schal we all have ynogh to done liftyng up his hevy drunken cors ~ then all shall have much to do in lifting his heavy drunken body. ё *I slough Samson in scharyng the piler* ~ I slew Samson by shaking the pillar [3, с.221].

Дар қисмати дигари ҳамин китоб муаллиф оид ба истифодаи герунд дар давраи миёнаи забони англисӣ маълумот додааст. Дар давраи миёнаи забони англисӣ герунд алакай арзи ҳастӣ дошт. Минбаъд низ густариш ёфта аз амали феълӣ бо худ -ing қабул кард ва ба таври возеҳ паҳн гашт [3, с.292].

Мутарчими шинохта Абдусалом Мамадназаров низ дар китоби хеш «Фарханги англисӣ точикӣ» герундро хамчун исми феълӣ тарчума намудааст.

Дар воқеъ герунд мавзӯи доманадорест, ки забоншиносон ва муҳаққиқони зиёд оид ба он фикру андешаҳои худро дарч намудаанд. Доир ба сохти лексикии он дар байни онҳо гуногунандешӣ қариб дида намешавад, яъне аксаран дар он назаранд, ки аз асоси феълӣ ва охирбандаки «ing» таркиб меёбад. Аммо фарқияти герунд аз сифати феълӣ ва таҳлили синтаксисии он баъзан гуногунфикриро ба миён овардааст.

Дар асл феълҳои забони англисӣ дорои чор шакли ғайритасрифӣ мебошанд, ки онҳо ба шахсу шумора тасриф намешаванд. Онҳо масдар, сифати феълии I, сифати феълии II ва герундий мебошанд. Дар ҳар кадом аз ин шаклҳои феъли истифодаи бандаки « – ing» мушоҳида мешавад, ки ифодагари вазифаҳои гуногуни синтаксисианд.

Герунд ба забони точикӣ ҳамчун исм, исми феълӣ, исм бо пешоянд, масдар, феъли ҳол ва сифат дар чумлаи пайрав тарчума мешавад, ки ба нақши синтаксисии герунд дар чумла мувофиқат мекунад.

Дар сохти синтаксисӣ герунд ба вазифаи мубтадо ҳамчун исм ё масдар тарчума мешавад:

The setting of the sun is a difficult time for all fish. [10, с.94]. ~ *Ғуруб* барои ҳамаи моҳиҳо замони душвор аст. [10, с.95].

Чумлаи овардашуда дар забони англисӣ герундро дар шакли ибора нишон додааст, вале тарчумаи он ба забони точикӣ бо як калима ифода ёфтааст, ки дар ҳарду забон ба вазифаи мубтадо омадаанд.

I could go *without sleeping,* he told himself. [10, с.100]. ~ *Бе хоб* ҳам корамро идома дода метавонам, - худ бу худ мегуфт ӯ. [10, с.101].

Дар ин чумла дар ҳарду забон герунд, ки бо пешоянд истифода шудааст, ба маънои исм омадааст, вале дар нақши синтаксисиаш дар забони англисӣ ба вазифаи муайянкунанда ва дар забоши точикӣ бошад, дар вазифаи мубтадо омадааст.

Instead *of speaking*, I smiled; [8, с.124]. ~ Ман ба чойи он, ки ***сухане*** бигуям, беихтиёр дар лабонам табассум накш баст [8, с.130].

Чунин ҳолатҳо мавқеияти герундро дар тарчумаи он ба забонҳои мухталиф ба кулли тағир медиҳад. Яъне дар мисоли овардашуда дар забони англисӣ ба вазифаи мубтадост, вале дар забони точикӣ ҳамчун исм тарчума шуда, ба вазифаи *муайянкунанда* омадааст.

Ба вазифаи пуркунанда герунд метавонад чун масдар, исм ё ҷумлаи пайрав тарҷума шавад.

After a while the fish stopped *beating* at the wire and started *circling* slowly again.[10, с.114] ~ Пас аз муддате моҳӣ бо сими чангак *заданро* бас кард ва боз оҳиста-оҳиста ба *чарх задан* даромад. [10, с.115]

Аз таҳлили ин ҷумлаи мураккаби тобеъӣ забони англисӣ, ки герунд дар харду қисмати ҷумла ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадааст, ба мо маълум гашт, ки тарҷумаи он дар забони тоҷикӣ маъноҳои гуногуни синтаксисӣ доранд. Дар қисми аввалӣ ҷумла вазифаи пуркунанда ва дар қисми дуюм ҳамчун масдар тарҷума шуда вазифаи хабарро иҷро мекунад.

I cannot keep him *from hitting me* but maybe I can get him. [10, с.132] ~ Наметавонам, ки *ҳамлаи онро* пешгирӣ кунам, вале шояд онро кушам [10, с.133].

Мисоли мазкури забони англисӣ нишондиҳандаи он аст, ки ибораи герундӣ дар якҷоягӣ бо пешоянди «from» ва падежҷонишини «me» иҷрокунандаи вазифаи пуркунандаи бавосита мебошанд.

Аммо тарҷумаи онҳо дар забони тоҷикӣ тамоман дар шакли дигар, яъне ҳамчун ибораи исмӣ вале на тарҷумаи ҷонишини баъд аз герунд омада, балкӣ тарҷумаи ҷонишини пеш аз он оварда шуда, мушоҳида мешавад. Аз ҷиҳати синтаксиси бошад дар забони тоҷикӣ низ вазифаи пуркунандаро иҷро мекунад.

Герунд дар вазифаи пуркунандаи бавосита аслан бо пешояндҳо меояд. Мисол:

You little sharp thing! you've got quite a new way *of talking* [8, с.33]. ~ Ана шумо чи гуна маккоред? Шумо комилан бо шеваи дигар *сухбат намуданро* шуруъ кардед [8, с.37].

I went *on thinking*[8,146]. ~ Ман бошам *дар банди андешахои* худ будам[8,152].

She began ***by felling*** my horse. [8, с.114]. ~ Вай корро аз он шуруъ намуд, ки мачбур кард, аспи ман *аз пой бигалтад*[8, с.19].

Ҳолатҳои истифодаи масдар ва герунд гуногунанд, яъне дар баъзе мавридҳо ҳеч гуна субекти амал вуҷуд надорад ва дар ҳолатҳои дигар чунин субект равшан аён мегардад. Барои мисол ҷумлаҳоеро овардан мумкин аст, дар онҳо масдар ва герунд ба вазифаи мубтадо ва ё хабар омадаанд:

To see is to believe. ~ Дидан ин бовар кардан аст.

Singing is a pleasure. ~ Сурудхонӣ фароғат аст.

Дар ин ҷо ҳеҷ гуна субекте ба назар намерасад.

Вале агар масдар ба вазифаи пуркунанда ояд, кор ранги дигар мегирад. Масалан дар ҷумлаи I like to sing. ~ Ба ман сурудхонӣ маъқул аст. Ин ҷо субекти to sing -1 мебошад. Ё дар чумлаи I hate being asked. ~ Ба ман пурсидан маъкул нест, I субекти being мебошад.

Аммо ҷумлаи I like singing маънои пурра дорад. Он ба маънои - ман сурудхониро дӯст медорам ба ҷумлаи **I like to sing** баробар аст. Дар ин ҳолат герунд аз субект ҷудо мешавад, бо мубтадои феъли хабарӣ ифода шудааст.

Дар ин маврид дар герунд ҷиҳати номии он боло мегирад.

In the dark the old man could feel the *morning coming* and as he rowed he heard the trembling sound as *flying fish* left the water and the hissing that their stiff set wings made as they soared away in the darkness [10, с.32]. ~ Торикӣ пирамард *дамидани субҳро* ҳис мекард ва вақте ки бел мезад овози ларзаи аз об берун ҷастани *моҳиҳои парон* ва ҳам садои фаш-фаши болҳои сахти онҳоро вақте ки боло мепариданд. [10, с.33].

Дар ҷумлаи навбатӣ, ки ҷумлаи мураккабӣ тобеъ мебошад, мо бо ибораҳои герундӣ вомехӯрем. Дар қисмати аввали ҷумла дар ҳарду забон ҳам герунд дар вазифаи пуркунанда омадааст, вале дар кисмати дуюми ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омадаанд.

But it was no worse than *getting up* at the hours that they rose and it was very good against all colds and grippes and it was good for the eyes [10, с.44].~ Аммо нӯшидани он сахттар аз *саҳархезӣ* набуд ва барои ҳар гуна сардиву зуком дору буд ва барои чашм ҳам нафъ дошт. [10, с.45].

Ҷумлаи навбатӣ истифодаи герундро пеш аз пешоянд ва дар шакли ибораи феълӣ, ки ба вазифаи мубтадо омадааст, нишон медиҳад.

Ба вазифаи муайянкунанда дар мавқеи баъдинаи исми муайянӣ герунд ҳамеша баъди пешоянд меояд (бештар баъди пешоянди of, лекин интихоби пешоянд бо мафҳум ва исми муайяншаванда муайян мегардад). Аз рӯи қоида, ба ин вазифа герунд ҳамчун масдар ё исм дар ҷумлаи тарҷума мешавад.

I was tired ***of sitting*** still in the library through a whole long morning [8, с.102]. ~ Ман дар китобхона аз ***нишастани*** тулони хаста шудам. [1, с.107]

I would never think *of running a hundred* miles to see an old lady who will, perhaps, be dead before you reach her [8, с.211]. ~ Ба гушаи хотири ман намеояд, ки ба хотири дидани кадом як кампир, ки шояд то расидани шумо ба он дунё меравад, *сад милро тай кунад*[1, с.220].

Тарҷумаи герунд дар ҷумлаҳои тобеъ низ мушоҳида мешавад.

Maybe we have them *without knowing* of it [10,128]. ~ Шояд мо ҳам дорем, аммо *ҳис намекунем* [10, с.129]

Шарҳи ин мисол дар тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ бештар равшан ва саҳеҳ аст, зеро дар он бо пайвандаки «аммо» пайвастшавии ду ҷумлаи содаро вомехӯрем, ки ба ҳам тобеъанд вале вазифаҳои синтаксисии онҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Герунд ба вазифаи ҳол низ омада метавонад.

He decided that he could beat anyone if he wanted to badly enough and he decided that it was bad for his right hand *for fishing*. [10, с.90]. ~ Ӯ ба хулосае омад, ки агар хоҳад, ҳар рақиберо мағлуб мекунад, аммо фаҳмид, ки ин кор ба дасти росташ, ки *барои моҳигирӣ* ба ӯ лозим буд, зарар дорад. [10, с.91].

Дар ин ҷумла герунд бо пешоянд омада ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ ба вазифаи ҳоли тарзи амал хизмат мекунад

Герунд дар грамматикаи забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ дар мақолаи мазкур роҳҳои гуногуни тарҷумаи онро бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун ва асарҳои бадеи зери таҳқиқ қарор додем.

Масъалаи тадқиқи хусусиятҳои тарҷумаи герунд аз забони англисӣ ба тоҷикӣ то ҳол шарҳу тавзеҳотро талаб мекунад, зеро мавзӯи мазкур бо моҳияти худ аз якчанд лаҳзаҳои мубоҳисанок иборат аст.

Ҳамаи усулҳои тарҷумаи герундро умумиистеъмолӣ номидан мумкин аст, лекин тамоми суханҳои дар боло зикршударо ҷамъ намуда, бояд қайд кард, ки новобаста аз тарафҳои мусбии усулҳои номбаршуда ҳангоми тарҷума маҳдудиятҳои бо он вобаста бояд ҳамеша ба назар гирифта шаванд. Масъалаи тарҷумаи герунд бинобар баҳснок будани худ майдони калон барои гузаронидани тадқиқотҳои гуногун мебошад, чунки номгӯи пурраи усулҳои тарҷумаи онро додан, ғайриимкон аст.

АДАБИЁТ

1. Бронте Ш. Ҷен Эйр. – Душанбе: Истиқлол, 2010. – 412 с.
2. Иванова И. История английского языка: учебник, хрестоматия, словарь Иванова И., Чахоян Л., Беляева Т. – СПб. Лань. 1998. – 509 с.
3. Ильиш Б.А. История английского языка. – Ленинград, 1973. –350 с.
4. Камянова Т. Грамматикаи английского языка. – М. 2015. –1023 с.
5. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ . – Душанбе, - 2009 –250 с
6. Усмонов К. Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. –Хуҷанд, –2015 –231
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. –

Душйанбе: Эр-граф, 2015. –1016 с.

8. Bronte Ch. Jane Eyre. – USA, 1986. – 435p.
9. [Dictionary Merriam Webster] (гунаи электрони).
10. Ernest Hemingway. The old man and the sea. «*Пирамард ва баҳр» – Душанбе, – 2014.* –167 с.

СИНТАКСИЧЕСКАЯ СТРУКТУРА ГЕРУНДИ В АНГЛИЙСКОИ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ЕГО ПЕРЕВОДА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Фактически, автор выбрал тему, которая была адресована и исследована. В этой статье используют множество книг, чтобы собрать мнения лингвистов о герундии. В то же время он объяснил лексикологическое строение герундия с использованием необходимых материалов, фактами и повсеместным его развитием. Он также рассказал о синтаксической структуре и ее переводе и сравнении на английском и таджикском языках.

Герунди не существует в таджикском языке, поэтому автор использует литературные произведения английских писателей, которые были переведены на таджикский язык, и объяснил способы их перевода.

Он отметил, что, несмотря на то, что было проведено много исследований в сфере перевода герундия, но до сих пор можно обнаружить неясность при переводе, и для решения этой проблемы, необходимы новые и новые исследования.

***Ключевые слова**: термин, расширение, сравнения, особенности, различия, синтаксическая функция, глагол, инфинитив, определенное существителный, подлежащее, определьение.*

SYNTAX STRUCTURE OF THE GERUND IN ENGLISH AND WAYS OF ITS TRANSLATION IN TAJIK LANGUAGE

In fact, the author has chosen a theme that has been addressed and researched. In this article, he used a variety of books to gather the opinions of linguists on the gerund. At the same time he explained the lexicological structure of the gerund by the use of the necessary materials, with the facts and the widespread development of it. He also spoke about the syntactic structure and its translation and comparison in English and Tajik languages. Gerund does not exist in Tajik language, so the researcher used the literary works of the English writers, which were translated into Tajik, and explained the ways of their translation.

He noted that although much researchs has been done about gerund, but there is still a lack of understanding in the ways in which translation works and new research is needed to be understood a.

Keywords: *term, expansion, comparison, character, difference, syntax function, verbal, infinitive, definitive noun, subject, attributive.*

Сведения об авторе:

Эмомов Умед - *старший преподаватель кафедры иностранных языков Педагогического колледжа имени Хосият Махсумовой Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни: (+992) 918416881. Электронный почта: umed-0508@mail.ru*

About the autor:

Emomov Umed is - *a senior lecturer at the Department of Foreign Languages of the Hosiyat Makhsumova Pedagogical College of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini: (+992) 918416881. Email: Umed-0508@mail.ru*

РЕГУЛЯРНЫЕ И ОККАЗИОНАЛЬНЫЕ АНГЛИЙСКИЕ СООТВЕТСТВИЯ ТАДЖИКСКИХ СОСТАВНЫХ ПРЕДЛОГОВ С КОМПОНЕНТОМ «БОЛОИ» И «РӮИ»

Карамхудоева Л.Т.

Хоругский государственный университет им. М.Назаршоев

Предлоги «ба болои» и «ба руи» и их английские соответствия

I. Регулярные соответствия «ба болои» и «ба руи».

Ба болои / ба руи - on

Ба болои / ба руи - upon

Ба болои - over

Ба руи - into

Основное различие компонентов болои и рӯи в ряде составных предлогов в том, что оба означают отношение верхнего к нижнему; но при боло может иметься в виду как конкретное отношение (соответствует английскому **on.** иногда **in**), так и дистантное положение (соответствует английскому **over**), в то время как ру означает лишь конкретное отношение (случаи передачи предлогов, включающих рӯ при помощи английского **over** чрезвычайно редки, **on** - регулярное соответствие). С учётом этого можно отметить, что ба болои и ба рӯи в значительной степени синонимичны. Наиболее распространено их значение - движение на поверхность или на поверхности некоторого объекта.

В этом случае они передаются при помощи on и употребляются прежде всего с глаголами движения.

Афтидан - 132. Сари ӯ бемадорона ба болои бистар афтод (Ст. Ҷ.Ҷ.19). – His head fell back on the pillow (St.T.1.21). 133. Вай ба рӯи курсӣ афтода (Ст.Ҷ.Ҷ.64)... - And. falling on a bench (St.T.1.62).

Партофтан- 134. ...вақте ки Алексей хуб аз об дида тақаррасзанон худро ба болои курсӣ партофт (П.Д.228). - ...when Alexei dropped completely exhausted on to a chair (P.S.188). 135. Бо ин гап вай се ё чортанга пулро ба рӯи остона партофт (Х.М.Б.5) - He threw down three or four gold pieces on the threshold (H.O.M.8).

Гузоштан - 136. Ӯ бачаро... ба болои як санги фарохе гузошт (В.3.147). - ... set him down on the wide stone balus trade (V.G. 155).

137. Павел ба хона даромад, халтаро ба рӯи фарши хона гузошт (0.0.268). - Pavel followed her into the room and laid his khapsack on the floor (O.H.90).

Баромадан - 138. Баъд ман ба болои кишти баромадам (Д.Р.К.159). - After this I went on board (D.R.C.221).

139. Командири полк аз ҳама пештар расида, чобукона ба рӯи самолёт хез зада баромад (П. Д. 396). - The Colonel ran ahead of them and jumped on to the wing (P.S.319).'

Отмечено следующее различие между ба болои и ба рӯи.

Во-первых, для ба болои характерно частное значение опоры на руки, на локти: 140. У ба болои дасти худ рост шуда нишаст (П.Д.58). - He roseuponhisarms (P.S.56). 141. «Андрей!» - гуфт Мересьев ва зӯр зад, ки хеста, ба болои оринҷ такьякунон нишинад (П.Д.86). - «Andrei!» called Meresyev feebly, trying to raise himself on his elbows (P.S.79). 142. «Варя, Варя!» - фарьёд кард Алексей ва зӯр зад, ки нимхез шуда, ба болои оринҷ нишинад (П.Д.84). - «Varya, Varya!» Alexei cried, trying to raise himself on his elbows (P.S.78).

Во-вторых, предлог ба болои, кроме on имеет английское соответствие over в тех случаях, когда речь идёт о движении над чем-то, а чаще всего о нависании: 143. Моҳиёни чаққон ба болои ҳардуи онҳо ғун шуда омаданд (Ст. Ҷ.Ҷ.194). - ... and the quick fishes steering to and fro over both (St.T.1.189). 144. Исьён ба болои сарҳои мо монанди абри мудҳиш наздик мешуд (Ст.Ҷ.Ҷ. 101). – Mutiny it was

plain hung over us like at hunder - cloud (St.T.1.96). 145. Пайпоқи намашро ба болои танур овезон кард (Ш.Д.12). - He hung his wets tockings over thes tove (Sh.Q.16).

Значение нависания над чем-то в таджикском обычно передается сложно-именными глаголами с компонентом хам. 146. Удар миёнаҳои хона истода, худро ба болои ман хам карда либосҳои маро мекашид (Г.Б.171). – She stood bending over me in the middle of the room (G.Ch.169). 147. Ҳар ду ҳам сарҳояшонро ба болои тахта хам карда буданд (Т.Т.С.73). – The two heads bowed together over the state (T.T.S.75). 148. Кокулдор ба болои дегчаи худ хам шуд (Ш.Д.58). – Ury up in bent over his tin (Sh.Q.63). 149. Занбур аз роҳ баромада ба болои як чизи сиёҳе, ки дар роҳи чархи ароба хобида буд, хам шуд (В.3.146). - He crossed the road and stooped down over a dark bundle that waslying a gainst the railings (V.G.154). 150. Тағоиам Михаил ба болои стол хам гашта (Г.Б.23) ... – Uncle Mikhail was bending over the table (G.Ch.23).

Таким образом, глаголы схам и с предлогом ба болои в таджикском тексте сигнализируют о необходимости употребления английского over.

Сопоставление таджикского материала с английским показывает, что различие между ба болои и ба руи в том, что ба рӯи предполагает обязательное соприкосновение, контакт одного объекта с поверхностью другого, в то время как для ба болои контакт, соприкосновение может присутствовать (on), или отсутствовать (over).

Соответствие ба рӯи - into также говорит о том, что для ба рӯи характерно значение более тесного контакта, понимаемого иногда даже как некоторое взаимопроникновение. Это соответствие, как правило, определяется именем, к которому предлог относится; чаще всего встречается ҳавлӣ - yard. 151. Ҳама ба руи ҳавлӣ баромаданд (0.0.72). - The audience emptied out into the yard (O.H.94). 152. Шитобон ба руи ҳавлӣ даромаданд (Г.Б.72). - Into the yard dashed an equestrian in a plumed metal helmet (G.Ch.71).

Ҳар як забон дар давоми тараққиёти таърихии худ системаи воҳидҳоро, ки барои ифодаи муносибатҳои сабабу натиҷа хизмат мекунанд, коркард кардааст, ки ҳамаи он дар шуури гӯянда ҷой шудааст. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бошад роҳу воситаҳои ифодаи муносибатҳои мазкур мавҷуданд ва ин воҳидҳо унвони ҳоли сабаб ва натиҷаро гирифтаанд. Ҳангоми таҳлили ҷумлаҳо бо ҳол сухан маҳз дар бораи ҳамин гуна муносибатҳо ҳангоми меравад. Дар грамматикаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ чунин истилоҳҳои ҳоли сабаб ва ҳоли натиҷа во мехӯранд. Ба ғайр аз ин, ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои мураккаб баъзан сухан дар бораи аъзои пайрави сабаб ва натиҷа меравад. Дар баробари ин дар дабиёти лингвистӣ истилоҳи ***муносибати сабабу натиҷа*** мавҷуд аст. Хусусан, диссератсияи номзадии Л.А.Дидковская «Причинно - следственные отношения в сложном предложении и в тексте» унвон гирифтааст. Аммо дар асари М.А. Ганщина ва Н.М. Василевская ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар бораи ҷумлаи пайравиҳоли сабаб ва ҷумлаи пайрави ҳоли натиҷа дар алоҳидаги сухан меравад. [4, с.420 - 421]

Савол ба миён меояд: Барои чӣ барои номгузории ду ҳодисаи олами материали – ***сабаб*** ва ***натиҷа*** – дар як ҳолат дар бораи ҳоли сабаб ва ҳоли натиҷа алоҳидагӣ сухан меравад ва дар дигар ҳолат ва дар дигар ҳолат дар бораи аъзои пайрави сабаб ва аъзои пайрави натиҷа, дар сеюм холат бошад истилоҳи муносибати сабабу натиҷа истифода мешавад?

В.В. Виноградов қайд мекунад, ки муносибатҳои синтаксисӣ дар ҷумлаҳои тобеъ ҳамоҳанги муносибаҳои ҷумлаҳои содда ва мураккаб (ҷумлаи мураккаби пайваст ва ҷумлаи мураккаби тобеъ) мебошанд ва дар ин ҳолат мебояд истилоҳи ***ҳоли сабаб*** ва ***ҳоли натиҷаро*** истифода бурд ва ё дар бораи ***муносибати сабаб*** ва ***муносибати натиҷа*** сухан кард. [1, с.384-435]. Азбаски сабаб ва натиҷа чун ҳодисаи воқеии олами материалӣ аз ҳам ҷудонашавандаанд, пас дар ин ҳангом набояд танҳо дар бораи сабаб ва ё танҳо дар бораи натиҷа дар алоҳидагӣ сухан кард, балки бояд дар бораи мутаносибии муносибати сабабу натиҷа ҳарф зад. Зеро ҳам дар таркиби ҷумлаҳои содда ва ҳам ҷумлаҳои мураккаб сабаб ва натиҷа дар як вақт ифода мегарданд. Одатан сабаб ифодаи эксплиситии худро меёбад, аммо натиҷа метавонад ноайён бошад. Масалан: **Қорӣ Ишкамба барои овардани пул шитобкорона ба тарафи банк нигоҳ карда давид**. [1, с.158]

The day being very wet indeed, this labour was suspended. [4, с.98]

Дар мисоли тоҷикӣ «***барои овардани пул***» сабабро ифода мекунад, «***шитобкорона ба тарафи бонк нигоҳ карда давид***» натиҷаро ифода мекунад, дар мисоли англисӣ бошад ***«the day being very wet indeed»*** сабабро ишора мекунад ва ***«this labour was suspended»*** -натиҷаро.

Муносибати сабабу натиҷа ҳам дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (ҶМТ) ва ҳам дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст (ҶМП) метавонанд ифодаи худро ёбанд.

1. Мо ҳарду аз тарс дарҳол хомӯш шудем, *зеро ки* бадҷаҳлӣ ва бераҳмии падарамонро медонистем. [2, с.247]

2. Сомеъҷон Шодиро мешинохт, борҳо дар райком вохӯрда буданд. (3, 86)

1. I never lock up money, *for* I've got none to lock. [4, с.389]

2. You don't believe simply *because* you're ignorant… [5, с.233]

Дар мисолҳои зери рақами 1 омада муносибати сабабу натиҷа дар намуди ҷумлаи мураккаби тобеъ омадааст ва дар мисолҳои рақами 2 дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст омадааст.

Дар маводи мазкур чунин ҳолатҳое вомехӯранд, ки дар он муносибати сабабу натиҷа ифодаи худро дар ду ва ё зиёда аз он ҷумлаҳои содда ёфтаанд.

Listen, I am dying! You have been good to me. I will give you the writing. (Haggard, 39)

- Эй гарнизон, бархез! Духтур омада истодааст! (Стивенсон, 217)

We are so awfully sorry to hear of Kit's illness. (*Galsworthy, 121)*

In vain did we huddle up closer and closer; there was no warmth in our miserable starved carcases. (*Haggard, 80)*

Дар мисоли англисӣ се ҷумлаи мустақил оварда шудаанд, ки дутои он сабабро ифода мекунанд ва сеюмин бошад ба натиҷа ишора мекунад ва барои ҳамин пеш аз ҷумлаи охирин метавонем **that's why** – ро гузорем.

Дар мисоли англисӣ як ҷумлаи амрӣ ва як ҷумлаи хабарӣ оварда шудаанд, ки ба сабаб ва ҷумлаи якум бошад ба натиҷа ишора мекунад. Ҳамин тавр, муносибатҳои сабабу натиҷа метавонад дар ҷумлаҳои гуногундараҷаи ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам англисӣ ифода мегарданд. Сабабу натиҷа, ки ҷудонашавандаанд метавонанд бо як воҳиди том ва ё бо якчанд воҳидҳои чудогона инъикос гарданд.

Зери мафҳуми воҳиди том мо ҷумлаи содда ва мураккабро дар назар дорем ва воҳидҳои чудогонаи забон пайдарҳамии як ё зиёда ҷумлаҳои мустақили содда, ки бо воситаи муносибати сабабу натиҷа аз ҳам вобаста мебошанд.

Чӣ хеле маълум аст, фаҳмиши аъзои ҷумла бо мафҳуми муносибатҳои синтаксисӣ зич алоқаманд аст. Мақсади ин муносибат дар он аст, ки ҳамаи аъзоёни ҷумла барои ифодаи муносибати синтаксисӣ хизмат мекунанд. Агар чунин бошад саволе ба миён меояд, ки барои чӣ муносибатҳои предикативӣ, объектӣ, атрибутивӣ ва қисми зиёди муносибатҳои адвербиалӣ дар ҷумлаҳои содда ва ё ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ифода меёбанд, вале муносибатҳои сабабу натиҷа бошад на танҳо дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб, балки бо ёрии дув а ё зиёда ҷумлаҳои мустақил ифода мегарданд?

Эҳтимол ҷавоб ба ин савол дар моҳияти сабабу натиҷа ҷойгир аст. Сабабу натиҷа категорияи фаҳмишро ташкил мекунад, вале фаҳмишҳои объектӣ, атрибутӣ ва адвербиалӣ ба ин гурӯҳ дохил намешаванд, зеро ин намуди муносибат характери субъектӣ дорад, яъне онҳоро дар раванди ҷараёни нутқ коммуникантҳо муайян мекунанд.

Чӣ хеле ки медонем мафҳуми сабабу натиҷаро коммуникантҳо муайян намекунанд, зеро он характери объектӣ дорад ва он новобаста аз хоҳиши гӯянда мавҷуд аст. Аз ин сабаб, муносибати сабабу натиҷа чун яке аз равандҳои шартии воқеияти оъективӣ буда, қонунҳои унверсалии мантиқии тафаккурро инъикос мекунанд ва мақоми категорияҳои консептуалиро доранд. [2, с.4]

Бар хилофи муносиботҳои сабабу натиҷа муносибатҳои атрибутивӣ ва зарфӣ ба категорияи консептуалӣ дохил намешаванд, аз ин рӯ ин намуди муносибатҳоро дар ҷараёни нутқ коммуникантҳо муқаррар мекунанд ва бо истифода аз сохтори муайяни забонӣ ифодаи худро пайдо мекунанд. Ин гуна муносибатҳо, дар асл бешубҳа мустақиланд, зеро онҳо дар натиҷаи ҳамкории онҳо чунин мафҳумҳо ба монанди раванд, яъне протсес (дар беша зиндагӣ кардан, каитоб хондан), предмет (зиндагӣ дар беша, хониши китоб), аломат (пурқувват будан) ва ғайра.

Муносибат ба сабабу натиҷа дар таносуби вазъият камтар дигаргун аст. Сабаб наметавонад бо дигар мафҳумҳо муносибат пайдо кунад ва натиҷа ҳам бо дигар мафҳумҳо намеояд. Ин ду мафҳум чун дугоникҳо ҳамдигарро пурра мекунанд ва аз ин лиҳоз, онҳоро ҷудо кардан мумкин нест. Сабаб натиҷпаро ба вуҷуд меорад. Бо гузашти вақт натиҷа ба сабаб мубаддал мешавад, ки он боз натиҷаи дигарро ба вуҷуд меорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муносибати сабабу натиҷа ин реаксия занҷириро мемонад. Ин намуди муносибат омили ташаккули оддаро нишон медиҳад.

Сабабу натиҷа ду таркиби ба ҳам алоқаманди як ҳолати экстралингвистиро дар бар мегирад. Норинский В.А. дуруст қайд мекунад «байни воҳидҳои забон ва воҳидҳои фикрронии мантиқӣ вобастагӣ доранд, кадоме ки сохтори синтаксисии онро муайян мекунад». [3, с.8]

Аз таҳлили мисолҳои овардашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, муносибати сабабу натиҷа ин ду ҳолати ба ҳам алоқаманди як ҳолати материалӣ мебошанд. Фикрронии инсон оиди олами материалӣ инъикоси худро дар ду ва ё се воҳидҳои предикативӣ меёбанд. Ин маънои онро дорад, ки

на ҳама вақт байни предикатҳои мантиқӣ ва предикатҳои лингвистӣ мувозинати баробар дида мешавад. Предикати мантиқӣ бояд аз дув а зиёда компонентҳо таркиб ёбад ва лингвистӣ бошад яктарикиба ва бисёртаркиба мешавад ва бо воҳидҳои забонӣ, ки муносибати сабабу натиҷаро ифода мекунанд, зич алоқаманд мебошанд.

АДАБИЁТ

1.Виноградов В. В. Основные вопросы синтаксиса предложения. Вопросы грамматического строя. М.: 1955.- с. 384-435.

2.Дидковская Л. А. Причинно- следственные отношения в сложном предложении и тексте.(на материале англ. яз.XVIII- XX в.). - АКД. М.:, 1985, с. 24.

3.Норинский В.А. Структурно – семантические особенности причинно – следственного периода (на материале соврем. анг. яз.). – АКД. Киев, 1987. – 22 с.

4.Ganshina M.A., Vasilevskaya N.M. English Grammar. M.: Higher school Publishing house, 1964.

БАДЕЙ

1.Айнӣ С. Ёддоштҳо (қисми 1 ва 2). Душанбе: Адиб, 1990.- 352 с.

2.Икромӣ Ҷ. Духтари оташ. Душанбе: Ирфон, 1968.- 527 с.

3.Икромӣ Ҷ. Шодӣ. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954.

4.Dickens Ch. Hard Times. Moscow. 1952.

5.Galsworthy J. A modern comedy. Book 3. M.: Progress publishing house, 1976.

6.Haggard R. King Salomon's mines. Progress publishers. Moscow. 1972.

ЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВЗАИМООТНОШЕНИЯ, ПРИЧИНЫ И РЕЗУЛЬТАТЫ И ЕЕ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ С ЯЗЫКОВЫМИ ОСНОВАМИ

Данная статья посвящена изучению проблем причинно-следственных отношений в простых и сложных предложениях. Автором отмечается, что появление причинно-следственных отношений возникло в экстралингвистических ситуациях. Причинно-следственные отношения являются единим целым, они не раздельные , так как причина проявляет результат. Такой вид отношений может выражаться несколькими простыми предложениями или одним сложным предложением.

Ключивые слова: *причинно-следственные, отношения, сложные предложения, предикативность, сложносочиненные предложения, экстралингвистические ситуации.*

LOGICAL FOUNDATIONS OF RELATIONSHIP CAUSES OF RESULTS AND ITS INTERACTION WITH LINGUISTIC FOUNDATONS

The given article is devoted to the learning of the causal and result relationship in simple and complex sentences. The author emphasizes such types of relationships in different extralinguistic situation. These two causal relationships are inseparable and they may have expressed by one complete unit or several small units. Thus, such relationship may be expressed by some simple or by one complex sentence.

Keywords: *cause and result relationship, complex sentences, predicativity, compound sentences, extralinguistic situations.*

Сведения об авторе:

Бабаева Зайнура Хамиджановна - *доцент общеуниверситетской кафедры английского языка, Худжандского Государственного Университета имени академика Бабаджана Гафурова Тел: (+992) 927203666*

About the autor:

Boboeva Zaynura Homidjonovna - *docent of the All-University Department of English languge of Khujand State University named after academician B. Gafurov Phone: (+992) 927203666*

УДК 491.550+491,71

МУТОБИҚАТИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ РУСИВУ АВРУПОӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ЗАБОНИ ПУБЛИТСИСТИКА (АЗ РӮЙИ МАВОДИ САРЧАШМАҲОИ СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ САДАИ ХХ)

Холова М.Б.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як забон, махсусан, забони хатти қадимӣ дошта, сохт, таркиб, махсусиятҳои савтӣ, сарфӣ ва маъноии худро дорад, ки бо мурури замон суфтаву коркард шуда, нишонаҳои тафовуткунандаи ин ё он забон ба ҳисоб меравад. Забон ҳодисаи ҷамъиятист, он дар раванди ташаккулёбии доимӣ қарор

дорад, вале ба ин нигоҳ накарда, сохтор, меъёрҳои он, масалан, меъёрҳои савтӣ, сарфӣ ё маъноӣ асрҳои аср нигоҳ дошта мешаванд, зеро агар меъёрҳои забонӣ дар ҳар як аср вобаста ба муҳит, тақозои замон, ё бо таъсири беруна (забонҳои дигар) тағйир ёбанд, робитаи гузаштаву имрӯзаи ин ё он забон бартамом канда мешавад. Маҳз дар тӯли асрҳо ҳифз мондани унсурҳои миллии забони тоҷикӣ мутолиа ва дарки мазмуни осори гузашта, дар аксарияти мавридҳо бе кӯмаки луғатҳои ҷудогона барои имрӯзиён имконпазир аст.

Албатта, мавридҳое низ ба назар мерасанд, ки забон ва таркиби он дар як сатҳ наистодаанд. Гоҳо тағйиротҳои таърихии ҳар як аср ба забон бевосита таъсир мерасонанд. Гоҳи дигар калимаҳо ё чанде қолабҳо бо таъсири муҳити нав мувофиқат намекунад ва соҳибзабонон аз истифодаи онҳо даст мекашанд, вале дар ҳар ду ҳолат ҳам ягон забони нав ба вуҷуд наомада, он ҳама идомаи ҳамон забон ба ҳисоб мераванд.

Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи ташаккули забонамон давраи наверо оғоз бахшид. Дар ин марҳила забони тоҷикӣ бар замми анъанаҳои гузашта, як қатор навовариҳоро, махсусан, дар қисмати таркиби луғавӣ аз сар гузаронид. То нимаи асри XIX забони тоҷикӣ, ки бо забонҳои арабӣ ва туркиву муғулӣ дар робитаи зич қарор дошт, дар ин давра калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ба он ворид шудан гирифтанд.

Сабабҳои қабули унсурҳои русиву аврупоӣ дар забони тоҷикӣ гуногунанд. Аз як тараф, муҳити сиёсӣ, пешрафт ва навигариҳои зиндагӣ, замина гардиданд, ки чунин калимаҳо ба забони тоҷикӣ қабул гарданд. Аз тарафи дигар, ин гурӯҳи калимаҳо, ки дар нутқи шифоҳии мардум роҳ меёфтанд, боис шуданд, ки дар забони адабӣ низ бо тавассути осори назмиву насрии маорифпарварони ин давра – Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Тошхоҷаи Асирӣ, Муҳаммадсидиқхоҷаи Ҳайрат дар забони адабӣ низ истифода гарданд.

Дар давраҳои аввали иқтибосшавӣ калимаҳои русиву аврупоӣ дар эҷодиёти маорифпарварон корбаст мегардиданд. Аввалин рӯзномаи тоҷик бо номи «Бухорои шариф» (фаъолияташ давоми солҳои 1912 - 1913) ба ибтидои асри XX рост меояд, аз ин сабаб намунаи аввалини калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар осори назмиву насрӣ омӯхта мешавад.

Дар осори то ибтидои асри XX таълифёфта, калимаҳои иқтибосии русиву ба тавассути он воридшуда, камтар ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар навиштаҳои Аҳмади Дониш вожаҳои **Аврупо**, **Амриқо**, **ангилис** (**инглис**), **газет**, **губурнат** (**губернатор**), **император**, **Итолиё**, **каравот**, **Ландан**, **миллион**, **Порич** (Париж), **Русия**, **Урунбурх** (Оренбург), **Фаронса**, **фаранг** (европеец), **Фарангистон** (Европа), **Фетербурх** (Петербург) дидан мумкин аст:

Ва бояд донист, ки адади халоиқи тамомати рӯи замин «иносан ва зукураи сагораи ва каборан» нӯҳсаду наваду панҷ **миллион** ба тахмини муҳосибин даромада, аз ин ҷумла адади халоиқи **Аврупо**, ки соири билоди **Фарангистон** аст ва Румия-ул-Кубро ва **Итолиё** аз ин ҳисса аст, яксаду ҳаштод **миллион** халоиқи **Амриқо**, ки Янги Дуньёст ва ин ҳам дохили **Фаранг** шуда, қабл аз ин ба сесад сол, шаст **миллион** тахмин шуда будааст [2, с.194]. Дар арсаи олам се шаҳр аст; - аввалаш **Ландан**, дувум **Порис**, сеюм **Фетербурх** [2, с.193].

Як миқдори чунин калимаҳо дар осори назмии ин давра низ роҳ ёфта буданд. Масалан, шоири боистеъдод Ҳайрат бархе калимаҳои русиву аврупоиро мувофиқ ба меърҳои талаффузии забони тоҷикӣ корбаст намудааст: **газит** (газета), **тилигроф** (телеграф), **зовут** (завод), **Абромуф** (Абрамов), **дуктур** (доктор), **вокзол** (вокзал), **истанса** (станция), **Маскав** (Москва), **урус** (руский), **пӯшида** (почта) [8, с.36-38].

Ин замон аз ҳирсу аз афтода анбони ғам аст,
Рӯз то шаб маслиҳатпирон ***кампони*** *ғам аст [8, с.37].*

Бо талаффузи тоҷикӣ корбаст гардидани калимаҳои иқтибосӣ аз ҷониби маорифпарварон бесабаб нест. Дар чунин раванд якчанд омилҳо боис гардидаанд:

Нимаи дуюми асри XIX давраест, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ саросар аз унсурҳои арабӣ пур буд. Инкишофи анъанаи содабаёнии давраи классикӣ ва истифодаи унсурҳои забони зидаи халқ дар намунаи калимаҳои русиву аврупоӣ дар осори маорифпарварон маҳз бо ҳадафи як андоза такмил ва мувофиқ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба давраи нав дониста мешуд.

Ҷиҳати дигар, раванди қабули калимаҳои бегона барои ҳар як забон бегона нест. Хусусияти муҳими истифода аз вожаҳои иқтибосӣ дар он аст, ки онҳо бар замми бо овозҳои хоси забони иқтибоскунанда талаффуз шудан, боз бо мурури вақт дар заминаи ҳазмшавӣ дар нутқи шифоҳӣ ва қабули онҳо ба таркиби луғавии забони адабӣ аз асолати хеш дур мераванд, зеро ҳар як забон ҷиҳатҳои хоси дар дигар забонҳо фарқкунандаи худро дорад. Чунончи, дар забони тоҷикӣ бо таҳқиқи профессор Маҷидов Ҳ. бо шиддат талаффуз шудани калима, омадани ду садоноки пасиҳам (ғайр аз калимаҳои сохта: мисли **ноошно**, **ноогох**), ду ҳамсадои пасиҳам дар оғози калима хос нест. Бар замми ин, ҳиҷои таркиби калимаҳои забони тоҷикӣ ё аз садоноку ҳамсадо (**остин**, **осмон**), ҳамсадову садонок (**бозу**, **шунидан**), садоноку дуҳамсадо (**асп**, **орд**), гоҳо садонок дар иҳотаи ду ҳамсадо (**боз**, **хом**) бештар ба назар мерасанд. Серҳиҷои низ (на зиёда аз панҷ ё шаш ҳиҷо) дар

забони тоҷикӣ маъмул нест [5, с. 246-262]. Чунин тафовутҳо ба ҷуз дар қолабҳои ҳиҷоӣ, дар овозҳо, меъёру қоидаҳои калимасозӣ ва чандеи дигар ба мушоҳида мерасанд. Аз ин ҷиҳат унсурҳои бегона, масалан, русиву аврупоӣ ҳангоми ворид шудан мувофиқ ба меъёрҳои тоҷикӣ корбаст мегарданд.

Дар осори назмиву насрии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX роҳу тарзҳои гуногуни мутобиқшавии калимаҳои аз забони русӣ воридшуда ба назар мерасанд. Аз ҷумла, гузариши садонокҳои русӣ бо садонокҳои забони тоҷикӣ: **а** ба **о** дар як ҳиҷо: **бонк** (банк), **зол** (зал), **корт** (карта), **жонр** (жанр), **мой** (май):

Гӯяд ба сухан Фотима: фотеҳ ба ***плон*** *аст,*
Гӯяд Саида: пахта дучандон сазад чид [7, с.181].
Дид, ки андаруни ***зол*** *нишаста,*
Марду занони нақиб, нек хуҷаста [9, с.37].

Чунин ивазшавӣ, махсусан, дар ҳиҷоҳои аввал: **афитсир** (офицер), **вагзол** (вокзал), **кантур** (контора), **кампония** (компания), **мотериёл** (материал), **мотор** (матор), **мошин** (машина), **обуна** (абонимент), **Омрика** (Америка), **фойтун** (фаэтон); байн: **анорхия** (анархия), **Испонӣ** (Испания), **мухоник** (механик), **послоник** (посланник), **пуштавой** (почтовый) ва охир: **Африқо** (Африка), **капитол** (капитал), **Лелингрод** (Лелинград), **пролетор** (пролетор) хос аст:

Дарон миён қаламат роли хеш мебозад,
Ба санъати қаламат ***пролетор*** *менозад! [9, с.14].*
Яъне: Амрику Инглису Япон,
Португалу Франца, ***Испонӣ****... [9, с.47].*
Фитода ларза ба таҳқурсӣ –
Решаи ***капитол****!.. [9, с.27-28]*

Тағйирёбии **у**-и вожаҳои русиву аврупоӣ ба **ӯ**-и тоҷикӣ низ аз ҳодисаҳои маъмулист: **буржӯ** (буржу), **бӯлка** (булка), **гӯлан** (гульден), **мӯза** (музей), **сӯтка** (сутки):

Фардои он ба тамошои маризхонаҳо ва **мӯзахона** рафтам [10, с.65]. Ҳашт **гӯлан** (гульден), ки иборати шаш манот бошад, явмия кирояи хона медодам [10, с.57]. Банда дар он ҷо белати вагонро ҷиҳати як **сӯтка** таваққуф қайди дафтар намуда, як шабонарӯз ҷиҳати тамошо кардани шаҳри мазкур бимондам [10, с.54].

Дар гурӯҳи калимаҳои мутобиқшудаи русиву аврупоӣ меъёрҳои зиёди қабули унсруҳои бегонаро дар забони тоҷикӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, агар иқтибосоти русиву аврупоӣ бо ду ҳамсадои пасиҳам ё бо ду садоноки пасиҳам шуруъ шуда бошанд, дар забони тоҷикӣ дар гунаи дигар корбаст мегарданд: **каператив**, **купиротиф** (кооператив), **айруплон** (аэроплан), **фойтун** (фаэтон), **билиёрд** (билиард), **искилет** (скелет), **Ишвитсариё** (Шведцария), **исчут** (счёт), **ишкоб** (шкаф), **бирилиён** (брилиант), **гаронитса** (граница), **кулуб** (клуб):

Кунун ба панҷаи бедоди ***Ингилис*** *асир,*
Забуну бекасу бадбахту аз ҳуқуқ ҷидо... [9, с.34]
Кам аст дар сифатат достону девонҳо,
Агар ҳазор бувад ё расад ба ***милёнҳо*** *[7, с.64].*

Дар дигар мавридҳо ҳамсадоҳои русӣ низ дар гунаи тоҷикиашон тағйир меёбанд. Масалан, агар дар калимаҳои русиву аврупоӣ дар мавқеъҳои байн ва охир ҳарфи **д** омада бошад, он бо **т** иваз мегардад: **зовут** (завод), **дакалот** (доклад), **Ишвитсариё, Шивисариёро** (Шведцария), **лимунот** (лимонад), **патнӯс** (поднос), **пудрат** (подряд), **саллот** (солдат), **филшир** (фельдшер):

Дар он ҷо як дӯкони **лимунот**фурӯши ва оби маъданфурӯши ҳам буд [10, с.82]. Мактаб ва мадрасаи **Шивисариёро** дигар давлатҳо надоранд [10, с. 84]. ... фавран дӯктори рус ва **филшир** (фельдшер), ки табиби табааи рус буд, ҷиҳати мудово омада, захмҳоро мудово намуд [10, с.104].

Дар дигар мавридҳо **ж** ва таркиби овозии **дж**-и калимаҳои русиву аврупоӣ бо **ҷ**-и тоҷикӣ ифода меёфт: **бағоҷ** (багаж), **барҷом** (боржом), **буҷа**, **буҷет** (бюджет), **луҷа** (ложа), **ҷондарм** (жандарм), **ҷурнол** (журнал):

Асбобҳои банда тамом дар **бағоҷ** буд [10, с.56]. Полис ва **ҷондарми** булғорӣ рӯйи вагзол гардиш мекарданд [10, с.52]. Бояд дар хотир дошта бошед, ки ман пештар ҳамеша **барҷом** менӯшидам, он барои ҳамин беморӣ буд [6, с.50]. Дар **луҷа** ғайри моҳо котиби кумитети облусти Самарқанд, котиби кумитаи шаҳрӣ ва раиси ичроияи облуст буд [6, с.83].

Дар ибтидои асри XX низ раванди гузариши калимаҳои русиву аврупоӣ ва қабулу мутобиқати онҳо дар забони тоҷикӣ бо суръат идома дошт. Дар ин давра бар замми осори назмиву насрӣ бо бунёду фаъолияти аввалин матбуоти тоҷик, аз ҷумла, «Бухорои шариф» (фаъолияташ давоми солҳои 1912 - 1913), «Оина» (фаъолияташ давоми солҳои 1913 - 1915) ва «Шӯълаи инқилоб» (фаъолияташ давоми солҳои 1919 - 1921) чунин калимаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо низ корбаст мегардиданд. Чунончи, дар рӯзномаи Бухорои шариф калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ҳамчун ифодакунандаи мафҳумҳои нави зиндагӣ нафақат аз Русия, балки аз Аврупо воридшуда, бе монеа

ҳанӯз дар нашри аввал роҳ ёфтаанд: **ёрморка**, **импиротур**, **одрес**, **пуста** (почта), **визит**, **генерол**, **кумиссиюн**, **Ландан**, **телегроф** [3]. Инак, чанд мисол:

Аз ҷониби Ҷаноби олӣ – амир, ки ҳамеша асбоби тараққии маорифро тарафдоранд, монеае набуда, ҳамчунин, элчии Аълоҳазрати **импиротури** аъзами Рус монеи тараққии аҳолии Бухорои шариф нашудааанд [11, с.44]. **Покетҳои** бе **морка** аз **пуста** гирифта нахоҳанд шуд [11, с.41]. Баъд аз наҳорӣ ва хушбошиҳо кардан, ҷаноби **генрол губурнотур** ҳамроҳи дигар меҳмонон аз барои **визит** ба ҷавоили вазоратпаноҳ қушбегӣ даромада, миқдори понздаҳ дақиқа нишастанд [11, с.52].

Таҳлили маводи забонии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX делели онанд, ки дар аввалҳои асри XX истифодаи калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони публитсистони он замон чандон зиёд набуданд. Ҳисоби оморие, ки дар зер пешниҳод карда мешавад, дар асоси мақолаҳои ҷудогонаи нашрашон солҳои гуногун 1926-1929-и рӯзномаҳои «Овози тоҷик», (Самарқанд), «Тоҷикистони сурх» ва маҷаллаи «Раҳбари дониш» (Тошканд) ба нашррасида, анҷом ёфтааст.

Дар ин ҳисоботи оморӣ (дар асоси 28 мақола) миқдори умумии калимаҳои таркиби мақола, ҳаҷми калимаҳои иқтибосӣ, фоизи иқтибосот муайян гардида, дар баробари ин аз миқдори умумии калимаҳои русиву аврупоӣ тарзи мутобиқшуда ва аслии он ҷудо карда шуд. Ин таҳқиқоти оморӣ дар асоси китоби «Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо» [3], ки дар он мақолаҳои ибтидои асри XX ҷамъоварӣ гардидааст, гузаронида шуд:

Муаллифи мақола	**Номи мақола**	**Номи рӯзнома ё маҷалла**	**Соли нашр**	**Рақам ё моҳи нашр**	**Миқдо-ри умумии калима**	**Ҳаҷми калимаҳои иқтибосӣ**	**Фоизи иқтибосот**	**Миқдори кали-маҳои иқтибо-сии а) тоҷики-шуда ва б) аслӣ**	
Т. Зеҳнӣ	Дар бораи забон	Овози тоҷик	1926	6 июн	315	4	1. 26	3	1
С.Айнӣ	Адабиёти сурх	Овози тоҷик	1926	14 июл	523	6	1.14	2	4
Азизӣ	Ба муносибати тақсимоти минтақагӣ	Овози тоҷик	1926	? август №93	550	3	0.54	2	1
Даҳонӣ	Забони модариро бояд риоя кард	Овози тоҷик	1927	30 август	581	4	0.68	2	2
Рустоӣ	Алифбои лотиниро барои чӣ қабул мекунем	Овози тоҷик	1927	5 сент-ябр	746	5	0. 67	5	0
Уйғур	Барои чӣ алиф-бои лотиниро қабул мекунем	Овози тоҷик	1927	1 декабр	1909	41	2.14	37	4
Аминзода	Масъалаи забон дар мактабҳои Бухоро	Овози тоҷик	1928	12 август	704	2	0.28	1	1
Лоҳутӣ	Дар гирди лои-ҳаи алифбои нави тоҷикӣ	Роҳбари дониш	1928	№1-2	820	7	0.85	5	2
Раҳими Мим	Дар гирди за-бони адабии то ҷик чӣ мена-висанд?	Роҳбари дониш	1928	№11-12	2075	24	1.56	16	8
Ҳалимзода	Дар бораи имлои мувақ-қатии нав	Тоҷи-кистони сурх	1929	26 июл	537	5	0. 93	2	3
Сертараддуд	Пленуми яку-ми алифбои на-ви тоҷик кушо-да шуд	Тоҷи-кистони сурх	1929	18 ноябр	364	7	1.92	3	4

Таҳқиқоти мавриди назар гувоҳӣ аз он медиҳад, ки истифодаи калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар забони публитсистони он давр чандон зиёд набудаст. Дар аксарияти мавридҳо калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ ба миқдори ниҳоят кам корбаст гардидаанд, ё умуман истифода нашудаанд. Инчунин, ҳаҷми иқтибосот аз миқдори умумии калимаҳо наздик ба 3 фоизро ташкил медиҳанд. Дар мақолаҳо чунин калимаҳои русиву аврупоие истифода гаридаанд, ки ба меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ мутобиқанд. Ба монанди **кумита**, **кунсул**, **лампо**, **мошин**, **развоска**, **рул**, **роюн**, **телегроф**, **технико**.

Риояи имлои аслии иқтибосот дар гурӯҳи калимаҳои ифодагари мафҳумҳои сиёсӣ: **бюро**, **комиссия**, **коммунист**, **округ**, **пленум**, **пролетар**, **район**; техникӣ: **аппарат**, **трактор**, ё баъзе исмҳои хос: **Берлин**, **Лелинград**, **Лондон**, **Париж** дидан мумкин аст.

Шояд сабаби миқдоран кам истифода гардидани калимаҳои иқтибосӣ дар маводи публитсистии ин давра ба он сабаб бошад, ки мақолаҳо доир ба масъалаҳои марбут ба забони тоҷикӣ баҳс мекарданд.

Ҳамин тавр, қабули калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ марҳилаи наверо оғоз бахшид. Ин гурӯҳи калимаҳо, ки ифодакунандаи воқеъияти давр, навигариҳои зиндагӣ ба ҳисоб мераванд, ҳанӯз дар давраи аввал дар нутқи шифоҳӣ ва забони адабии тоҷикӣ қабул гардида, талаффузи тоҷикӣ гирифтаанд. Он кӯшишу усулҳои хоси истифодаи калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ, ки аз ҷониби маорифпарварону зиёиён дастгирӣ ёфтаанд, бо ҳадафи нигоҳ доштани забони тоҷикӣ аз унсурҳои бегона ба амал омадаанд. Дар замони муосир низ, ки қабул ва истифодаи чунин гурӯҳи калимаҳо роиҷ аст, бояд ин ташаббуси гузаштагон идома дода шавад, то ки ба меъёрҳои истеъмолии забони тоҷикӣ хисора ворид нагардад.

АДАБИЁТ

1. Ғаффоров Р, Ҳошимов С, Камолиддинов Б. Услубшиносӣ (Китоби дарсӣ барои синфи 10-11). – Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с.
2. Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. – Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. – 287 с.
3. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Мураттибон: А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 720 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди 1. – Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 242 с.
5. Маҷидов Ҳ. Қонуни мутобиқат меъёри муҳим // Ҳ.Маҷидов. Сехри сухани форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 2014. – С. 246 - 263.
6. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 140с.
7. Раҳимӣ М. Сабоҳи сухан, шерҳо. – Душанбе, 1963. – 660с.
8. Сабзаев С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. – Душанбе, 1991. – 80 с.
9. Сулаймонӣ Пайрав. Асарҳои мунтахаб. – Сталинобод, 1954. – 83 с.
10. Ҳаким М. С Туҳафи аҳли Бухоро. (Сафарнома). – Душанбе: Адиб, 1992. – 272с.
11. Шарифзода Қ. «Бухорои шариф» назаре пас аз 100 сол. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 100 с.

СООТВЕТСТВИЕ РУССКИХ И ЕВРОПЕЙСКИХ ЗАИМСТВОВАНИИ НА ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И ЕГО СТАТУС В ЯЗЫКЕ ЖУРНАЛИСТИКИ (ПО ИСТОЧНИКАМ 20-30-Х ГОДОВ XX ВЕКА)

Русские и европейские заимствования являются неотъемлемой частью лексической структуры таджикского языка. Они как выражение новых представлений о жизни, научно-технические, производственные, культурные термины до сих пор широко используются с началной периода заимствования, восходящие ко второй половине XIX века.

До создания первой национальной прессы («Бухорои Шариф» (1912-1913), «Оина» (1913-1915) и «Шуълаи инқилоб» (1919-1921)), восходящей к началу XX века, первые образцы русских и европейских заимствований можно было найти в литературных и популярных произведениях просветителя.

В языке произведений, написанных до начала XX века, использовались различные методы таджикского русских и европейских заимствовании, которые нужно поддерживать и сегодня. Например, вместо русской гласной ***у*** *используется таджикская* ***ӯ****:* ***буржӯ****(буржу),* ***бӯлка*** *(булка),* ***гӯлан*** *(гульден),* ***мӯза*** *(музей),* ***сӯтка*** *(сутки). Или вместо русского* ***д*** *выражается таджикское* ***т****, особенно в среднем или последнем слоге:* ***зовут*** *(завод),* ***дакалот*** *(доклад),* ***Ишвитсариё,***

Шивисариёро *(Шведцария),* ***лимунот*** *(лимонад),* ***патнӯс*** *(поднос),* ***пудрат*** *(подряд),* ***саллот*** *(солдат) и некоторые другие.*

Растет количество заимствоваемых слов, которые усваиваются в устной речи в этот период и в какой-то мере соответствуют нормам таджикского языка. Такая адаптация также влияет на журналистику начала двадцатого века, но в меньшей степени. Статистический отчет, основанный на журналистских материалах, проливает свет на использование русских и европейских слов. Оказывается, при использовании таких слов таджикская интеллигенция учитывала произношение заимствования на таджикском языке и по возможности использовала слова основного фонда таджикского языка.

Ключевые слова: *заимствование, переписка, русские и европейские, таджикский язык, публицистика, начала XX века.*

CORRESPONDENCE OF RUSSIAN AND EUROPEAN LOANWORDS IN TAJIK LANGUAGE AND ITS STATUS IN THE LANGUAGE OF JOURNALISM (ACCORDING TO SOURCES FROM THE 20-30S OF THE TWENTIETH CENTURY)

Russian and European loanwords are an integral part of the lexical structure of Tajik language. They, as an expression of new ideas about life, scientific, technical, production, cultural terms are still widely used from the early periods of borrowing, dating back to the second half of the 19th century.

Before the creation of the first national press ("Bukhoroi Sharif" (1912-1913), "Oina" (1913-1915) and "Shulai inqilob" (1919-1921)), dating back to the beginning of the twentieth century, the first examples of Russian and European borrowing could be find in the literary and popular works of the educator.

Various methods of Tajikization of Russian and European borrowings were used in the language of works written before the beginning of the twentieth century, which need to be supported today. For example, instead of the Russian vowel u, Tajik ӯ is used: burzhӯ (bourgeois), bӯlka (bulka), gӯlan (guilder), mӯza (museum), sӯtka (day). Or instead of the Russian d, the Tajik t is expressed, especially in the middle or last syllable: zovӯt (plant), dakalot (report), Ishvitsariyo, Shivisariero (Sweden), limunot (lemonade), patnӯs (tray), pudrat (in a row), sallot (soldier) and some others.

The number of borrowed words is growing, which are learned in oral speech during this period and to some extent correspond to the norms of Tajik language. This adaptation also affects journalism in the early twentieth century, but to a lesser extent. A statistical report based on journalistic materials sheds light on the use of Russian and European words. It turns out that when using such words, Tajik intelligentsia took into account the pronunciation of the borrowing in Tajik language and, whenever possible, used the words of the main fund of Tajik language.

Key words: *borrowing, correspondence, Russian and European, Tajik language, journalism, early twentieth century.*

Сведение об авторе:

Холова Мохира Буриевна *– аспирант кафедры современного таджикского литературного язык Таджикского национальнного университета, Адрес: 734025, республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: (+992) 907531494*

About the author:

Holova Mohira Burievna *– a graduate student Department of modern Tajik literary language Tajik National University,. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaky Ave. 17. Tel.: (+992) 907531494*

МЕСТО ЛИНГВОСТРАНОВЕДЕНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВОДИДАКТИКЕ

Ашурова Т.М.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В последнее время очень много говорится о проблемах межкультурной коммуникации. Интерес к данной тематике не случаен: такие явления второй половины XX века как глобализация, взаимная интеграция, технический прогресс, развитие телекоммуникационных технологий и пр. стали причиной того, что межкультурная коммуникация сегодня является не просто процессом взаимодействия людей из разных культурных сообществ, но и феноменом, который является объектом исследования самых разных наук, в первую очередь социально-гуманитарных.

Комплексность и фундаментальность подобных исследований конца XX – начала XXI века заставляет говорить о межкультурной коммуникации как о междисциплинарном направлении научной мысли. Сегодня сквозь межкультурную парадигму актуализируются и по-новому рассматриваются вопросы социологии, культурологи, психологии, педагогики, лингвистики и других наук.

Притом, что межкультурное взаимодействие в эпоху глобализации затрагивает практически все сферы деятельности общества, больше всего оно изменило взгляды и представления об обучении иностранным языкам. Дело в том, что язык является основным средством коммуникации, а иностранный язык, особенно международный, соответственно, представляет собой основное средство коммуникации межкультурной. Следовательно, изучение иностранного языка в наши дни рассматривается в первую очередь как подготовка к межкультурному взаимодействию.

Притом, что межкультурное взаимодействие в эпоху глобализации затрагивает практически все сферы деятельности общества, больше всего оно изменило взгляды и представления об обучении иностранным языкам. Дело в том, что язык является основным средством коммуникации, а иностранный язык, особенно международный, соответственно, представляет собой основное средство коммуникации межкультурной. Следовательно, изучение иностранного языка в наши дни рассматривается в первую очередь как подготовка к межкультурному взаимодействию.

Межкультурная коммуникация служит сегодня парадигмой педагогического процесса преподавания языков. При этом она затрагивает как теоретические аспекты лингводидактики, так и практические аспекты методики обучения им. В таких условиях возрастает значимость подготовки к межкультурной коммуникации средствами иностранного языка как учебной дисциплины, при этом совершенно очевидно, что одних лингвистических знаний для этого недостаточно, потому что межкультурная компетенция включает в себя множество компонентов помимо лингвистического. Сегодня, когда в лингвистике всё больше внимания уделяется экстралингвистическим условиям общения, лингвистические знания выступают лишь условием для успешного формирования социокультурного и социолингвистического компонента межкультурной компетенции. В таких условиях лингводидактика активно использует потенциал другого междисциплинарного направления (тоже сравнительно нового, как и межкультурная коммуникация) – лингвострановедения.

При обучении любому неродному языку человек невольно обращается к культуре народа – носителя данного языка. Эту краеугольную мысль в разные времена отмечали многие ученые в области методики. Еще в прошлом столетии известный русский педагог К.Д. Ушинский писал, что «лучшее и даже единственно верное средство проникнуть в характер народа – усвоить его язык», так как «природа страны и история народа, отражаясь в душе человека, выражалась в слове. Человек исчезал, но слово, им созданное, оставалось бессмертной и неисчерпаемой сокровищницей народного языка» [10].

Изучение неродного языка (в нашем случае – русского языка), как об этом свидетельствует мировая практика иноязычного образования, протекает не только в условиях усвоение нового кода выражения мыслей, но и как источника сведений о национальной культуре народа – носителя языка, «ибо родной язык есть неистощимая сокровищница всего духовного бытия человечества» [1, с.4-5].

Проблема соотношения языка и культуры, языка и общества рассматривается в специальной области науки, которая известна под названием социолингвистика. Известные во всем мире ученые Е.М. Верещагин и В.Г. Костомаров отмечают, что важной с лингводидактической позиции является рассмотрение функций языка как средства общения и как средства познания мира:

а) дискурсивная (или дискурсивно-логическая) – язык является материальной базой мышления человека в вербальной форме;

б) кумулятивная (или накопительная) – в языке отражается, фиксируется и сохраняется информация о реальной действительности [3, с.116].

Нетрудно заметить, что для методики преподавания русского языка в школах с таджикским языком обучения важной, на наш взгляд, представляется кумулятивная функция, благодаря которой русский язык как достояние всего русского народа, говорящего на нем, является отражением национальной культуры, национальной самобытности народа.

А. Н. Щукиным лингвострановедение определяется как страноведчески ориентированная лингвистика, изучающая иностранный язык в сопоставлении с родным. При этом объектом рассмотрения выступает язык как носитель культуры изучаемого языка [12].

Что касается лингводидактики, то под страноведением понимаются сведения исторические, географические, общественные, литературные, политические, этнографические, которые применяются в процессе обучения русскому языку в иноязычной аудитории. Иначе говоря, страноведческие сведения полезны и необходимы для понимания культурной среды того или иного географического пространства. Отсюда, основным содержанием страноведения обязана быть

культура страны изучаемого языка П.Н. Милюков указывает на то, что «культура есть та совокупность технических и психологических навыков, в которой отложилась и кристаллизовалась… вековая работа ее интеллигенции. Культура – это чернозем, на котором расцветают интеллигентские цветки. Естественно, что между почвой и произрастанием должна существовать самая тесная связь» [5, с.109]

Анализ научной литературы показывает, что ученые при использовании термина «страноведение» выделяют два его компонента: общее страноведение и лингвострановедение. Так, общее страноведение представляет собой картину всеобъемлющего ознакомления со страной изучаемого языка, которое может осуществляться и на родном языке учащихся. Оно включает в себя страноведческий материал и общую методику презентации его в преподавании различных дисциплин – истории, географии, экономики и др. При этом к страноведению относится и внеаудиторная, вне учебная работа по ознакомлению со страной изучаемого языка - экскурсии, беседы, лекции, посещение музеев, кино и т.д.

Лингвострановедение – это ознакомление иноязычных учащихся с современной российской действительностью через посредство языка титульной нации - русского языка и в процессе его изучения [3, с.41], поскольку язык, «включаясь в понятие национальной культуры, отражает особенности жизни народа и тем самым является источником страноведческой информации.

По мнению известных ученых, лингвострановедение является методическим, лингводидактическим аналогом социолингвистики [3, с.117] отличаясь от нее, прежде всего, рассмотрением вопросов о путях и способах презентации и активизации в учебном процессе сведений о национальной культуре народа - носителя языка.

Лингвострановедение и общее страноведение всего лишь совпадают объектами преподавания (это сведения из истории, географии, этнографии, культуры и пр.), но существенно различаются предметами преподавания. Так, предметом лингвострановедения является языковой материал, языковые единицы с национально-культурным компонентом значения, которые накапливают и хранят в своей семантике экстралингвистические сведения об экономике, истории, искусстве, быте, психологии и др. национальных особенностях народа - носителя языка.

В научной литературе отмечается, что лингвострановедение, как лингводидактический коррелят лингвистической проблемы «язык и общество», «язык и действительность», «язык и цивилизация», рассматривается с позиции носителя языка и культуры титульной нации, и с позиции изучающего национальный язык (и культуру) как язык межнационального и межкультурного общения [4, с.8].

Основной целью лингвострановедения является обеспечение коммуникативности обучения русскому языку в иноязычной среде с одновременным представлением фактов жизни многонационального государства России. В нашем случае речь идет о совершенствовании и углублении знаний по русскому языку за ее пределами в рамках СНГ, в частности, в Республике Таджикистан.

Лингвострановедение выделяется как аспект обучения русскому языку в школах с таджикским языком преподавания на традиционных основаниях. Имеется страноведческий материал, который отбирается, минимизируется и классифицируется сточки зрения методической целесообразности.

В основу лингвострановедения входят также фоновые знания, которые характеризуются как информации, известные всем представителям той или иной языковой общности [9, с.86]. Нетрудно предполагать, что сущность предмета общего страноведения составляют сведения о стране изучаемого языка в контексте внелингвистической информации, которую можно получить из других общественных и гуманитарных дисциплин. Суммируя сказанное можно прийти к выводу о том, что если материал и методика общего страноведения относятся к дидактике, то содержание и методика лингвострановедения к лингводидактике.

Лингвострановедение основной упор делает на «особенности языковой картины мира, характерной для изучаемого языка» [9, с.87]. Учитывая, что язык является средством коммуникации и источником сведений о национальной культуре народа, лингвострановедение представляет собой аспект обучения языку, который «реализует в учебном процессе филологический способ вторичного познания действительности» [3, с.112].

В современной лингводидактике лингвострановедческий аспект выделяется как самостоятельное направление:

1) отражает экстралингвистическую внеязыковую семантику;

2) решает вопросы отбора и классификации учебного материала (на лексическом и фразеологическом уровнях выделяются единицы с национально-культурной семантикой);

3) имеет специальные приемы презентации лингвострановедческого материала (изъяснение лексического фона, зрительного и вербального представления языковой единицы, выявление страноведческого содержания адаптированного художественного текста, лингвострановедческое толкование и комментирование и пр.);

4) соблюдение этапов презентации, закрепления и активизации.

Презентация лингвострановедческого материала как аспекта преподавания русского языка в таджикской школе имеет свои конкретные цели (обеспечение коммуникативной функции), задачи (ознакомление учащихся с явлениями российской действительности), методику (ознакомление с культурой проводится через посредство русского языка и в процессе его изучения).

Содержание лингвострановедческого материала обычно включает в себя такие лексические единицы, которые являются носителями и источниками национально-культурной информации. Это, в основном, языковые единицы со страноведческим компонентом значения: лексика (безэквивалентная, фоновая, коннотативная), фразеологические единицы, афоризмы. Здесь задача сводится к тому, чтобы в сознании обучающихся были «размещены» новые понятия о предметах и явлениях, не имеющих аналогов в их родном языке.

Весьма примечательно и факт, что страноведческая лексика с национально-культурным компонентом отчетливо выражает фоновое значение. Это слова, которые в сознании человека вызывают расширенные и дополнительные знания, связанные со словом. В различных языках лексический фон отличает слова от их иноязычных соответствий.

Другая специфика страноведческих единиц состоит в том, что их культурный компонент имеют и коннотативно окрашенные слова - это ономастическая лексика: антропонимы, которые могут указывать на возраст, происхождение, социальную окраску, стилевую принадлежность, употребительность и пр.; топонимы, лексический фон которых содержит лингвострановедческую информацию об истории России (Полтава, Бородино), о русских промыслах (Хохлома, Палех) и пр. [3]

Некоторые фразеологические единицы также олицетворяют собой страноведческую ценность. В них весьма ярко и отчетливо проявляется их кумулятивная функция. Это, например:

1) фразеологизмы, отражающие национально-культурную семантику всей структурой своих элементов (похвальная грамота, бить в набат и др.);

2) фразеологизмы, отражающие национально-культурную семантику расчленено, единицами своего состава (ходить Фертом, семи пядей во лбу и др.);

3) фразеологизмы, отражающие русскую национальную культуру своими прототипами (начать с азов, с красной строки и др.).

В содержание страноведческого материала входят и афоризмы. Их можно делить на несколько групп:

1) афоризмы исторического характера (Москва не сразу строилась; Москва слезам не верит и пр.);

2) афоризмы, возникшие на основе трудовой деятельности различных классов, социальных групп и профессий (Рыбак рыбака видит издалека; Куй железо, пока горячо и пр.;

3) афоризмы, возникшие на основе русского народного быта, традиций и представлений людей, семейных и родственных отношений (Как аукается, так и откликнется; А ларчик просто открывался);

4) афоризмы, возникшие в новой исторической эпохе после распада Советского Союза, отражающие новые социально-политические и экономические отношения (экономическая блокада, парламентские слушания, демократическое лицо, социальные потрясения и пр.).

Основной социальной характеристикой человека является общение, которое происходит на вербальном уровне. И усвоение наибольшего объема знаний, в том числе и лингвострановедческих, происходит в вербальной форме. Таким образом, язык и российская действительность, выраженная национальной культурой носителя данного языка, неразделимы, «природу языка следует понимать, как диалектическое единство вербального средства общения и общественного сознания» (Верещагин, Костомаров, 1990, 15).

Общение является мотивационным фактором в овладении речью. Общение представляет собой речевое и неречевое поведение человека в определенной лингвострановедческой среде. «Культура общества состоит из того, что необходимо знать и во что необходимо верить, чтобы действовать приемлемо для членов данного общества и при этом выступать в любой роли, которую любой из членов общества считает приемлемой для себя» [14, с.38]. Таким образом, при изучении русского языка в таджикской школе необходимо учитывать социальные и страноведческие нормы, которые реализуются в межкультурной коммуникации и общении носителей языка.

У людей, принадлежащих к определенной страноведческой и культурной общности, обычно встречается нечто общее, что способствует межкультурному общению. Это, своего рода, языковая картина мира, формирующаяся за счет знаков и значений. Б.А. Серебренников писал: «Картина мира, отраженная в голове человека, представляет собой чрезвычайно сложное явление. Она необычайно вариативна, изменчива, непостоянна. Одновременно в ней есть элементы общности, обеспечивающие взаимопонимание людей» [8, с.6].

При обучении русскому языку в школах с таджикским языком преподавания необходимо формировать у учащихся новую национальную картину мира для адекватного восприятия русской речи и русского текста, поскольку национальная картина мира шире, богаче языковой картины мира. Конечно, говорить о формировании новой картины мира можно только условно и формировать можно только элементы общности, обеспечивающие взаимопонимание людей. Поэтому на уроках русского языка в таджикской школе необходимо формирование определенных базовых основ, фоновых знаний. Национальная картина мира и язык взаимосвязаны между собой, и познать одно без другого невозможно.

Общеизвестно, что человек воспринимает информацию на неродном языке через призму своего мировоззрения, а значит, и через призму своей национальной культуры. Язык – одна из форм фиксации национально-культурного наследия. Например, гусь в русском языке, помимо прямого значения, ассоциируется с важностью или жуликоватостью, в таджикском же с нескромностью. При обучении русскому языку в таджикской школе необходимо уделить существенное внимание формированию определенных фоновых знаний, способствующих относительному формированию новой национальной картины мира для адекватного восприятия и общения на данном языке, т.е. – на русском. Фоновые знания характеризуются как «обоюдное знание реалий говорящим и слушающим, являющееся основой языкового общения». Без наличия общих фоновых знаний общение как акт передачи информации невозможно.

Изучение русского языка в таджикской школе рассматривается в аспекте получения новых знаний о мире, а значит, расширения когнитивного сознания учащихся. Но ориентация только на языковые реалии, как отмечают исследователи, ведет к искусственному ограничению когнитивного сознания рамками языкового. При таком подходе есть риск «не увидеть сведений, не входящих в состав языкового сознания, т.е. непосредственно не означенных в словах, но составляющих часть когнитивного сознания и поэтому крайне важных для интерпретации и порождения, как отдельных речевых высказываний», так и целых текстов, произведений литературы и искусства» [13, с.27].

Практика обучения русскому языку в школах с таджикским языком преподавания показывает, что для учащихся важным и сложным является проблема усвоения расхождений в культурах родного и изучаемого языков, т.е. процесс аккультурации. В данном случае лингвострановедение расставит на свои места единицы, которые связаны с речевым и неречевым поведением, характерным для носителей языка. Речевое поведение включает в себя:

1) соблюдение речевого этикета;
2) умелое использование без эквивалентной лексики (БЭЛ);
3) использование характерных устойчивых сочетаний;
4) речевые образцы, необходимые для ведения диалогов и монологического высказывания.

К неречевому поведению относятся:

а) традиционные жесты;
б) особенности манер, традиций, привычек;
в) неадекватность ситуаций общения на родном и русском языках.

Как речевое поведение, так и неречевой поступок учащихся основывается на реальное существование лингвострановедческого аспекта в обучении русскому языку в таджикской школе. Иначе говоря, лингвострановедение представляет собой лингводидактический компонент социолингвистики, в котором рассматриваются реалия накопления национально-культурных сведений в языковых единицах, вопросы процедуры извлечения данных единиц, описание, систематизация и организация их для учебных целей.

Н.М. Шанский неоднократно подчеркивал, что своеобразие и специфика преподавания русского языка в национальной школе, обусловленное многонациональным составом нерусской школы, определили особую интерпретацию страноведческого, россиеведческого и краеведческого аспектов в курсе русского языка. Что касается понятия «россиеведение», то оно связано, по мнению известного ученого, с определением его полномасштабного статуса и миссии, соотношения с социолингвистикой, страноведением, лингвострановедением, этнокультуроведением, лингвокраеведением и родиноведением.

В последнее время в научной литературе часто употребляется термин «россиеведение», который рассматривается как социолингвистический феномен и страноведческий материал, в содержание которого входит «отражение в языке национальной культуры». Под россиеведение подразумевается ознакомление учащихся с национальной культурой русского народа (национально-культурное понятие).

Сущность рассматриваемого вопроса привела нас к убеждению, что следует сравнивать принципиально важные для нашего исследования терминов «россиеведение», «страноведение», «лингвострановедение». Такое сопоставление дало определенные результаты. В частности,

страноведение и россиеведение могут рассматриваться как идентичные понятия в контексте отражения сведений о стране изучаемого языка - России.

Методику ознакомления учащихся школ с таджикским языком обучения со страноведческими сведениями (с современной российской действительностью) на уроках русского языка и в процессе его изучения мы называем лингвострановедением. Это можно называть и россиеведением.

Как отмечают Н.М. Шанский, З.П. Даунене, Б.С. Гулакян, россиеведение рассматривается как лингводидактический коррелят социолингвистики (в плане содержания) применительно к целям и задачам обучения русскому языку в школах с таджикским языком обучения. Однако, следует подчеркнуть, что россиеведение ограничивается историческими, этнографическими, культурными сведениями из жизни русского народа.

В настоящее время трудно отличить россиеведение от лингвострановедения. Дело в том, что по истечении времени и развала бывшего социалистического государства и лингвострановедение и россиеведение знакомят учащихся со страноведческим национально-культурным компонентом значения, который содержит информацию о Российской Федерации. Для лингвострановедения и россиеведения актуальны тематические группы безэквивалентной и фоновой лексики. В частности: Общественно-политическое устройство в Российской Федерации; Русская душа; Русские поэты и писатели; Спорт; Образование. И лингвострановедение и россиеведение основываются на учете национально-культурных расхождений русской и восточной (в нашем случае – таджикской) культуры, отражающихся в лексико-семантической системе языка, в явлениях, отсутствующих в национальной культуре обучающихся, которые отражаются в фольклоре, символике, фразеологических единицах. Все это говорит о том, что предмет лингвострановедения и россиеведения - языковые единицы с русским национально-культурным компонентом значения, содержащим информацию о культуре, быте, традициях, обычаях, нравах, истории русского народа. В основном, все это передается с помощью безэквивалентной, фоновой и коннотативной лексики, фразеологических единиц, афоризмов, формул речевого этикета и пр.

Итак, одна из приоритетных предназначений лингвострановедческого материала – реализация коммуникативного обучения русскому языку в школах с таджикским языком преподавания с одновременным ознакомлением учащихся с типичными явлениями современной российской действительности. Овладение основами русской национальной культуры необходимо учащимся – носителям таджикского языка для формирования ассоциаций и понятий, свойственных носителям русского языка, для правильного осознания и усвоения языковых единиц с национально-культурным компонентом значения.

И лингвострановедение, и россиеведение представляют собой реальную информацию о культуре русского народа, прочно закрепленной в его сознании. По сути, речь идет о более глубоком ознакомлении со сведениями о культуре русского народа в синхронном и диахронном плане.

Определение статуса лингвострановедение, его целей, задач, содержания позволило определить его как аспект обучения русскому языку, который интегрирует данные социолингвистики и лингводидактики. Главное различие между ними состоит в том, что лингвострановедение решает вопросы выделения единиц языка с национально-культурным компонентом значения, отбора и организации их в учебных целях, методы и приемы презентации материала в иноязычной аудитории.

Ученые по-разному подходят к рассмотрению лингвострановедческого феномена. Так, учебное этнокультуроведение Л.А. Шейман рассматривает как «аналог лингвострановедческой методики», изыскивающая пути «приобщения обучаемых к национальной культуре главным образом через посредство ее образного языка и на основе соотношений между культурами обоих контактирующих народов» [11, с.72].

Для этнокультуроведения представляет интерес то, что является общим для русской и культур народов постсоветского пространства, но не одинаковые для традиций и культур иного региона. Этнокультуроведческий, в основном, служит целям преподавания русской литературы, фольклора, презентации художественных средств, образности, поэтому важным для учебного этнокультуроведения является «обеспечение учебной литературной коммуникации на уровне слов-образов» [11, с.73].

Этнокультуроведческий словарь в этнокультуроведческом преподавании русского языка и литературы является необходимой лексической базой для формирования у иноязычных учащихся новой словеснообразной «картины мира», сформированной средствами родной литературы. Все это говорит о том, что объект этнокультуроведения - область русской литературы и устного народного творчества.

В научном представлении Л.А. Шеймана наблюдается незаметное противопоставление учебного этнокультуроведения и россиеведения по линии содержания. По мнению Л.А. Шейман, россиеведение несколько уже термина «учебное этнокультуроведение». Россиеведение ориентирует учащихся на усвоение локально-территориальных, чем национально-культурных понятий. Оно

ориентирует одну сторону обучения - ознакомление со сведениями о той или иной стране изучаемого языка (другая сторона - процесс взаимосвязи национальных культур). Безусловно, такое утверждение не совсем объективный и не претендует на полноту концепции его автора.

Как было отмечено чуть выше, сейчас одновременно употребляются разные термины: россиеведение, лингвокраеведение, родиноведение и пр. Если россиеведение ориентировано на национально-культурное понятие, учитывающее процесс взаимовлияния и взаимопроникновения национальных культур России, то при краеведческом подходе к преподаванию русского языка (лингвокраеведение) наблюдается ознакомление учащихся не только с культурой русского народа, но и культурой народов, населяющих Россию.

Лингвострановедческий аспект преподавания русского языка предполагает использование россиеведческих, краеведческих, этнокультуроведческих сведений (по линии содержания), этнокультуроведческий комментарий используется как методический прием введения россиеведческого материала.

Следует отметить, что информативная значимость лингвострановедческого материала будет различной, что обусловлено разными обстоятельствами, в том числе, языковой близостью, сходством культур и пр. Поэтому при отборе лингвострановедческого материала для школ с таджикским языком обучения важными представляются учет специфики самого русского языка, особенности единиц языка с национально-культурным компонентом значения, функционирования русского языка в условиях поликультурного и многоязычного образования.

При изучении страноведческой лексики важной для формирования коммуникативной компетенции у таджикских школьников – носителей титульной нации является узус, который обусловлен поведенческими нормами, русским речевым этикетом. Лингвострановедческий материал, раскрывающий национально-культурное достояние русского народа, вводится в учебный процесс средствами этнокультуроведческого, исторического, узуально-поведенческого комментирования, которое позволяет формировать необходимые знания, представления, ассоциации, свойственные носителям русского языка.

Таким образом, в методике преподавания русского языка в таджикской школе проблема использования экстралингвистического материала, отражающего культуру русского народа, рассматривается в лингвострановедении, россиеведении, учебной этнокультуроведении, лингвокравведении. Данные аспекты преподавания русского языка в школах с таджикским языком обучения предусматривают изучение русского языка как языка межнационального и межкультурного общения в условиях поликультурной и многоязычной среды.

Взаимно дополняя друг друга, указанные аспекты позволяют обогатить словарно-фразеологический запас учащихся русскими реалиями и российской действительностью, знание которых необходимо для обеспечения межкультурной коммуникации, продуктивно усваивать единицы изучаемого языка с национально-культурным компонентом значения, устранить речевые ошибки, вызванные интерферирующим влиянием родного языка, повысить культуру речи учащихся, расширить страноведческий и россиеведческий лексический запас.

Лингвострановедение предполагает овладение основами русской национальной культуры, необходимых для формирования у учащихся таджикской школы ассоциаций, фоновых знаний, свойственных носителям русского языка, с целью создания поликультурной и многоязычной среды.

Итак, предметом лингвострановедения является языковой материал, отражающий экстралингвистические сведения об экономике, истории, быте, искусстве, психологии и других особенностях страны изучаемого языка и ориентированный на иноязычную аудиторию, совершенно не знакомую с данной культурой. Лингвострановедение представляет собой аспект методики обучения языку, который реализуете в учебном процессе вторичного познания действительности». Оно имеет в наличии:

а) языковой материал, отражающий экстралингвистическую семантику и имеющий лингвострановедческую природу, включаемый в учебный процесс;

б) приемы и способы преподавания, которые эффективны для данного языкового материала.

ЛИТЕРАТУРА

1. Буслаев, Ф.И. О преподавании отечественного языка. Сочинение Федора Буслаева, старшего учителя 3-й Московской реальной гимназии. Ч. 1–2. М.: Унив. тип., 1844. Ч. 1. 335 с.
2. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Язык и культура. Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. - М., 4-е изд. перераб. и доп. 1990. - 247 с.
3. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Язык и культура. Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. -М., 3-е изд., перераб. и доп.1983. - 269 с.

4. Гулакян Б. С., Даунене З. П. К вопросу а лингводидактическом характере «россиеведческого» материала в курсе русского языка / Б.С. Гулакян, З.П. Даунене // Научные основы обучения русскому языку в национальной школе. - М.: АПН СССР, 1978. - С.7-12.
5. Милюков П.Н. Интеллигенция и историческая традиция // Вопросы философии. – 1991. – № 1. – С. 106–159
6. Никитина О.А. Формирование социокультурной и страноведческой компетенции / О.А. Никитина // Технологии обучения иностранным языкам в неязыковых вузах: сб. науч. ст., Ульяновск. УлГТУ, 2005. – С. 107-108.
7. Репина Э.В. Лингвострановедческий компонент как средство повышения мотивации обучающихся, / Э.В. Репина // Современные технологии обучения иностранным языкам: сб. науч. тр. / отв. ред. Н.С. Шарафутдинова. Ульяновск: УлГТУ, 2011. – С. 49-52.
8. Серебренников Б.А. Роль человеческого фактора в языке. Язык и мышление / Б.А. Серебренников. - М., 1988. - 232 с.
9. Томахин Г. Д. Фоновые знания как основной предмет лингвострановедения / Г.Д. Томахин // Иностранные языки в школе, № 4. – М., 1980. - С. 84-88.
10. Ушинский К.Д. О первоначальном преподавании русского языка [Электронный ресурс] / К.Д. Ушинский. – Режим доступа: http://www.biografia.ru/arhiv/93.html
11. Шейман Л.А. Об учёте этнокультуроведческой лексики в русскоязычных курсах для нерусских учащихся // Рус. яз. в национальной школе. — 1978. № 5. С. 69-78
12. Щукин А. Н. Методика преподавания русского языка как иностранного: учебное пособие для вузов. М.: Высшая школа, 2003. – 334 с.
13. Этнопсихолингвистика. - М.: Наука, 1988. – 192 с.
14. Goodenough, W.H. 1964. Cultural anthropology and linguistics. In: Hymes, D. (ed.) Language in Culture and Society: A Reader in Linguistics and Anthropology. New York: Harper and Row. 36-40 p.

МЕСТО ЛИНГВОСТРАНОВЕДЕНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВОДИДАКТИКЕ

В статье рассматривается прежде всего место и роль лингвострановедения, материалов данной области при обучении русского языка. Также раскрываются основные аспекты взаимосвязи такие научные направления как лингвострановедение с лингводидактикой.

При изучении русского языка в таджикских школах часто у учащихся наблюдаются такие трудности, как непонимание новых слов не имеющие аналогов в таджикском языке. Это могут быть слова реалии, без эквивалентного слова или же понятия которые связаны с культурой русского народа. Особенно трудным считается выполнение самостоятельных работ, упражнении, перевод текстов и другие виды заданий в которых встречаются лингвострановедческие материалы.

Автор обосновывает дидактическую ценность лингвострановедческих материалов в условиях межкультурной коммуникации как парадигмы преподавания иностранных языков.

Страноведение представляет собой картину всеобъемлющего ознакомления со страной изучаемого языка, которое может осуществляться и на родном языке учащихся. Оно включает в себя страноведческий материал и общую методику презентации его в преподавании различных дисциплин – истории, географии, экономики и др. При этом к страноведению относится и внеаудиторная, вне учебная работа по ознакомлению со страной изучаемого языка - экскурсии, беседы, лекции, посещение музеев, кино и т.д.

Основной целью лингвострановедения является обеспечение коммуникативности обучения русскому языку в иноязычной среде с одновременным представлением фактов жизни многонационального государства России. В нашем случае речь идет о совершенствовании и углублении знаний по русскому языку за ее пределами в рамках СНГ, в частности, в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: *лингвострановедение, обучение, русский язык, культура, межкультурная коммуникация, взаимосвязь, методы, приемы, речевой этикет.*

THE PLACE OF LINGUO-COUNTRY STUDIES IN MODERN LINGUODIDACTICS

The article considers first the place and role of linguistics and materials of this field in teaching the Russian language. It also reveals the main aspects of the relationship of such a scientific direction as linguo-country studies with linguodidactics.

When learning Russian in Tajik schools, students often have difficulties with mis understanding new words that have no analogues in the Tajik language. These can be words of reality, without an equivalent word, or a concept that is related to the culture of the Russian people. It is especially difficult to perform independent work, exercises, translation of texts, and other types of tasks in which there are linguistic and cultural materials.

The author substantiates the didactic value of linguistic and cultural materials in the context of intercultural communication as a paradigm of teaching foreign languages.

Country studies is a picture of a comprehensive understanding of the country of the language being studied, which can also be carried out in the native language of students. It includes country-specific material and a General methodology for presenting it in teaching various disciplines-history, geography, Economics, etc. At the same time, country studies also include extracurricular, extracurricular work to get acquainted with the country of the language being studied - excursions, conversations, lectures, visits to museums, movies, etc.

The main goal of linguistics is to ensure the communication of Russian language teaching in a foreign language environment while presenting the facts of life of a multinational state of Russia. In our case, we are talking about improving and deepening knowledge of the Russian language outside of the CIS, in particular, in the Republic of the Tajikistan.

Keywords: *linguistics, teaching, Russian language, culture, cross-cultural communication, interrelation, methods, techniques, speech etiquette.*

Сведения об авторе:

Ашурова Тахмина Махкамовна - *соискатель кафедры методики преподавания Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни тел: (+992) 981024218 Электронная почта: ashurova.takhmina@inbox.ru*

About the author:

Ashurova Takhmina Mahkamovna *- researcher of the Department of teaching methods of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Phone: (+992) 981024218 E-mail: ashurova.takhmina@inbox.ru*

ХУСУСИЯТҲОИ КОРБУРДИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Давлатов Н.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ҷумла низ мисли дигар воҳидҳои нахвӣ ба навъҳои гуногун ҷудо шуда, бо баъзе вижагиҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунан. Яке аз намудҳои ҷумлаи пайрав – ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа буда, миқдор ва дараҷаю андозаи амалу аломати сарҷумларо шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ин намуди ҷумлаи пайрав, пеш аз ҳама, миқдори амалу аломати сарҷумларо эзоҳ медиҳад: *Издиҳом он қадар зиёд буд, ки онҳо базӯр ба худ роҳ мекушоданд, It was so overcrowded that people could hardly make their way. Рангҳо парида, чашмҳо дарун рафта, биниҳо теғ кашида, дастҳо ҷубла зада, кафида ва хуншор шуда, пойҳо обӣла карда ва ҷароҳат пайдо карда ва либосҳо дарида, ба андозае ки аз пероҳан танҳо шерозаи гиребон ва аз эзор фақат нефа мондааст. (С.Айнӣ). The face was pale, the eyes gone down, the nosethinned, the hands blistered, crackinged and became blood-stained, the feet corned and wounded and the clothes tomed to the extent that only embroidered tape remained of his shirt and an overcast of his pants [7, с.33]. Ҳаво чунон соф буд, ки роҳи калон бо дарахтони дар ду канораш сатор саф кушода то дур намоён буд. The weather was so bright that the highway with trees drawn up in two lines were seen from the distance.*

Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феъли хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав, ки ҷои он дар дохили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва интонатсияи тобеъ бо сарҷумла алоқаманд мешаванд. Аз таҳқиқу баррасии сарчашмаҳо аён гардид, ки ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа бо пайвандакҳои ***ки, ба дараҷае ки, то ба дараҷае ки, ба андозае ки, ба ҳадде ки, то ҳадде ки, ба қадре ки, ҳар қадар ки*** ба сарҷумла тобеъ мешаванд.

Дар низоми пайвандакҳои ин навъи ҷумлаҳои пайрав пайвандакҳои тобеъкунандаи чуфти *чи дараҷае ки...ба ҳамон дарача, чи андозае ки...ҳамон қадар, чи қадаре ки...ҳамон қадар, ҳар чи қадар ки...ҳамон қадар, ба қадре ки...ҳамон қадар* низ истифода мешаванд, ки аз пайвандакҳои таркибӣ ва калимаҳои ҳамнисбат ба амал омадаанд. Пайвандаки ***ки*** яке аз серистеъмолтарин пайвандакҳо дар ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа буда, доираи васеи истифода дорад [6, с.273]:

а) **ҳамин қадар:** Ҳамин қадар вай кашола кардааст, ки ҷон аз бадани рӯбоҳ баромадааст (Афсонаҳои халки тоҷик).

б) **он қадар, он миқдор:** Манн бошам он қадар саргардон, ки ба онҳо ҳар вақт маш ғул шуда наметавонам (Ҷ.Икромӣ) .

в) **ба андозае ки:** Ба андозае ки мо аз деворҳои дарадошта поён рафтем, ҳарорат паст мешуд (Сайр дар моҳ).

Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар дохили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мавқеи муайян дорад. Бояд гуфт, ки аксари ҷумлаҳои пайрави мазкур пеш аз сарҷумла меоянд.

Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа бо пайвандаки **ба ҳадде ки** пеш аз сарҷумла ҷойгир мешаванд, аммо дар таркиби онҳо **ба дараҷае ки, ба андозае ки** бошад, онгоҳ пеш аз сарҷумла ва ҳам пас аз он низ меоянд.

Ҷумлаҳои пайрави микдору дараҷа, ки маънои муқоисаро ифода мекунанд ва бо пайвандаки **ҳар кадар ки** ва дигар пайвандакхои ҷуфти монанди **чи дараҷае ки ба ҳамон дараҷа, чи қадар ки ҳамон қадар** ва ғайра ба сарҷумла тобеъ шудаанд, пеш аз он низ меоянд: «*Ҳар қадар ки фоида зиёд мешуд, иштиҳои пахтачиёни гурусначашм ҳам ҳамин қадар зиёд мегардид (С.Айнӣ). Ман аз тарси ғалтидан ҳар қадар ки ба ёли вай сахттар мечаспидам, динг-динги вай ҳамон қадар зиёдтар мешуд (С. Айнӣ)*».

Ҷумлаии пайрави миқдору дараҷа бар эзоҳи калимаҳои ҳамнисбат омада, ба воситаи пайвандаки **ки** ба сарҷумла алоқаманд шуда бошад, пас аз он ҷой мегирад: *Он қадар роҳ рафт, ки чоруқаш ғалбер, асояш сӯзан шуд, мӯи сараш расида ба миёнаш расид. (Афсонаҳои халқи тоҷик).*

Ҷумлаи пайрави монандӣ - Adverbial clause of comparison Дар забони англисӣ ин намуди ҷумлаҳои пайрав бо чунин ном вуҷуд надорад, вале пайвандакхои тобеъкунандаи онҳо ба ҳам монанд ҳастанд. Аммо бар хилофи ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ҷумлаи пайрави монандӣ сарҷумларо ба воситаи монандкунӣ ва муқоиса шарҳ медиҳад [5, с. 288]: Баногоҳ мисли он ки касе дар хонаи торик гӯгирд зада бошад, дар майнам фикре чароғак зада то қаъри дилам расид (А.Шукӯҳӣ)

Дар ҷумлаи мураккаби тобеъи зерин ҷумлаи пайрав монанди ба воситаи муқоиса ифода ёфта, тамоми сарҷумларо шарҳ медиҳад: Чи тавре ки як касбро ба касби дигар табдил додан ба осонӣ муяссар намегардад, омӯхтани ин сабақ ҳам осон набуд. (Ф.Ниёзӣ)

Дар забони англисӣ ҷумлаи пайрави муқоиса (*Adverbial clauses of comparison),* ки ба гурӯҳи чумлаҳои пайрави тарзи амали ин забон дохил мешаванд, то ҳадде ба ҷумлаи пайрави монандии забони тоҷикӣ шабоҳат дорад.: *He works as quickly as I do.*

Аз таҳлили сарчашмаҳои забони тоҷикӣ аён гардид, ки ҷумлахои пайрави ҳоли монандӣ бо пайвандакҳри зерин ба сарҷумла тобеъ мешаванд:

мисли ин (он) ки, монандӣ он (ин) ки, ба монандӣ он (ин) ки, чунон ки, чуноне ки, ҳамчуноне ки, гуё, гӯё ки, ки гӯё, гӯё ин ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, ба тариқе ки, чи тавре ки, чи хеле ки, чи навъ ки, ба чи тарзе ки ва ғ.: Чи тавре ки биринҷ бе қурмак намешавад, дар ҷамъияти мо низ ҳар хел одамон ҳастанд (С. Ғанӣ);

ба тарзе ки: Ман ин корҳоро, ба тарзе ки гурба ҳаракати мушро пояд, поида меистодам. (С. Айнӣ);

чи навъе ки: Сухани бад чи навъ ки гӯши касро мехарошида бошад, хатти бад ҳам барои чашми кас чунин аст. (Вақоеъномаи Аспанзод).

Ҷумлаи пайрави монандӣ аксар вақт пеш аз сарҷумла ё пеш аз амали он меояд. Ҷумлаи пайрави монандие, ки бо пайвандакҳои *ба тавре ки, ба тарзе ки, ба тариқе ки, чи хеле ки, чи навъ ки ва ба чи тарзе ки* алоқаманд шудаанд, пеш аз сарҷумла ҷой гирифтаанд [4, с.292].

Ҷумлаҳои пайрави монандие, ки ба воситаи пайвандакхои **мисли он ки, монанди ин ки, чунон ки** ва **гӯё ки** тобеъ гардидаанд, аксар пеш аз сарҷумла ва баъзан дар мобайн е пас аз он ҳам меоянд: Давлат руймолчаи сафеди пиромунаш гулдузиро дар ҳаво дошта гирифту беихтиёр, чунон ки касс гули нав аз буттааш чидаи садбаргро мебӯяд, бӯид ва аз он бӯи рӯю мӯи шамида мает гардид. (Р.Ҷалил)

Агар ҷумлаи пайрави монандӣ бар эзоҳи калимаҳои ҳамнисбат омада бошад, он гоҳ хатман пас аз сарҷумла меояд: Бибиоиша худро ба Ибод чунон намуд, ки гуё то хол одинаро ба хонаи хуҷаин рафта мепиндошт. (С. Айнӣ).

Ҷумлаи пайрави сабаб (Adverbial Clauses of Cause). Ҷумлаи пайрави сабаб одатан сабаби фикри (амали) дар сарҷумла ифодашударо шарҳ медиҳад. Ин намуди ҷумлаҳои пайрав пайвндакҳои зеринро доранд: *ки, чун, чунки, зеро, зеро ки, чаро ки, азбаски (зи баски, баски, зи бас), модом ки, модоме ки, барои ин ки, барои он ки, бинобар ин ки, бинобар он ки, аз он ки(з-он ки), бо он ки, аз он чо ки, ба сабаби ин ки, ба сабаби он ки, сабаб ки, сабаб ин ки, аз ваҷҳои ин ки, аз ҷиҳти он ки, ба туфайли он ки, дар натиҷаи он ки, ба муносибати он ки, дар асоси ин (он) ки дар забони точикй, ки шумораи тахминии онҳо 26 - то аст.* ***as, because, since, so, that, lest, seeing (that), considering, for, now that ва ибораҳои пайвандакии for the reason that, in view of the fact that, in so far as(insofar as) by eason of - дар забони англисй, ки миқцори онҳо 14 - то аст. Мисолҳои ин намуди ҷумлаи пайравро дар ҳар ду забон муқоиса мекунема) I went away because there was no one there*** [9, с.146].

Ҳоло мо шарҳу эзоҳи онҳоро дар таркиби ҷумлаҳо мушоҳида мекунем:

Ман рафтам, чунки дар он ҷо касе набуд

б) Since you have finished your work, you may go home.

Модоме ки корро тамом кардаед, метавонед ба хона равед.

в) ***Now that he is here,*** *he can tell you about them.*

Модоме ки ӯ дар инҷост, *вай ба шумо дар бораи онҷо нақл карда метавонад.*
г) He walked quickly for he was in a great hurry.
Вай тез роҳ мерафт, зеро хеле шитоб мекард.
д) Китобатонро ба ӯ надодам, чунки (зеро, зеро ки) уро надидам.
I did not give him your book ***because I had not met him.***
е) Дигар ба хонаи ман наравед, ки ба дидани шумо майл надорам.
Do not come to my house again ***as I do notwamt to see you***
anymore.
ж) ***Вай ки омад,*** *ин ҷо дарояд.*
Since he has arrived, let him come.
з) Саҳари барвақт биё, ки дар он вақт зеҳнам тоза ва фикрам бурро мешавад.
Come in the morning as I am more intelligent amd my thoughts are more distinct at that time.
и) Модом ки дар болои кӯҳ абр нест, тобиши офтоб яхҳро об мекунаду об бисёр мешавад.
As there are no clouds over the mountain, *the glitter of the sun melts ice and water will be in abundance [7, c.66].*

Дар ҷумлаҳои **а, г,** ҷумлаҳои пайрав, ки бо пайвандакҳои ***for*** ва ***because*** омадаанд, пас аз сарҷумла ҷойгир шудаанд. Акси ин тартибро дар мисолҳои б, в (бо пайвандакҳои ***since, now that***) мебинем. Ҷолиб аст, ки дар ҷумлаҳои **е** ва ж, ки аз забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, пайвандаки ***since*** ҷои худро тағйир намедиҳад, яъне ҷумлаи пайрав бо ин пайвандак ҳамеша дар аввал, пеш аз сарҷумла меистад: ***Since you are ill*** *I shall do the job myself.* ***Модоме ки ту бемори,*** ман худам корро иҷро мекунам.

Пайвандаки **модоме ки** - забони тоҷикӣ ба мисли ***since*** ҳамеша дар аввал, пеш аз сарҷумла бо ҷумлаи пайрав меояд: ***Модоме кӣ худи ин бача ҳам надидааст, ба гапи вай бовар карда намешавад. Since the boy has not seen himself****, one cannot believe in his words.*

Дар мисоли ж пайвандаки **ки** дар дохили ҷумлаи пайрав омадааст.

Ҷумлаи пайрави сабаб одатан ба тамоми сарҷумла тобеъ шуда меояд. Аммо ҷумлаи пайрави сабаб як аъзои сарҷумларо хам шарҳ дода метавонад. Дар ин сурат ҷумлаи пайрави сабаб бештар ба калимаҳои ҳамнисбат тобеъ шуда, ба воситаи онҳо сарҷумларо эзоҳ медиҳад: Ман ин амалро барои он тарк накарда гаштаам, **ки писарам аспро дуст медорад.** (С.Айнӣ)**.**

Ҷумлаи пайрави сабаб аз рӯи шарҳи сабаби амалу холат ва аломати сарҷумла ба ду хел ҷудо мешаванд: а) Он ҷо бештар сабаби амали сарчумларо эзоҳ медиҳанд.

Барои ҳамин ҳам аксарияти ҷумлахои пайрави сабаб пас аз сарҷумла меоянд (дар забони тоҷикӣ) : Ман тарсида қадамамро тезтар мондам, зеро ки онҳоро оворагард ва дузд гумон карда будам. (С.Улуғзода). *We took umbrellas, because we were afraid it would rain.*

б) Дар қисми дигари чунин ҷумлаи мураккаби тобеъ муносибати сабабу натиҷа мушоҳида мешавад. Ҷумлаи пайрави сабаб амали сарҷумларо эзоҳ диҳад, дар сарҷумла натиҷаи он амал ифода меёбад. Дар ин маврид пеш аз сарҷумла омадани ҷумлаи пайрави сабаб бештар дучор мешавад: Азбаски у чанд сол пештар аз Ятим дар сағирхона ҷойгир шудааст, хату саводи хубе баровардааст. **As it is wet,** *we shall stay at home.* **As there were no porters,** *we had to carry theluggage ourselves.*

Воситаҳои алоқаи тобеи ҷумлаи пайрави сабаби забони тоҷики пайвандакҳои сершумори тобеъкунанда ва калимаҳои ҳамнисбат мебошанд. Ҷои ҷумлаи пайрави сабаб дар таркиби ҷумлаи мураккаб муайян буда, ин хусусият ба забони англисӣ низ хос аст.

Пайвандаки тоҷикии **ки** ва муодилҳои англисии он **as** ва **because** аз серистеъмолтарин пайвандакҳо ҷумлаи пайрави сабаби забонҳои муқоисашаванда мебошанд. Онҳо ҳам дар забони китобӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ васеъ истифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ аз 4 мавқеи истифодаи пайвандаки сабаби **ки** ёдовар мешаванд:

1. Ин пайвандак дар аввали ҷумлаи пайрави сабаб пас аз сарҷумла меояд: Аммо ширбиринҷ мепазем нагӯй, **ки биринҷи паст медиҳад.**

2. Пайвандаки **ки** дар мобайни ҷумлаи пайрави сабаб меояд ва ҷои худро дар дохили ҷумлаи пайрави пеш аз сарҷумла омада иваз карда метавонад: Бой **ки ба тарафи Қарши сафар карда буд,** ҳавлии берун хомуш ва ором меистод.

Пайвандаки **ки** дар ҷумлаҳои пайрави чидаи пеш аз сарҷумла буда хусусияти аҷибе зоҳир менамояд. Дар ин маврид вай дар мобайни ҷумлаи пайрави сабаби чидаи аввал меояд, ҷумлаи пайрави сабаби чидаи дуввум ба пайрави якум фақат бо пайвандакҷои паихамчида шаванда пайваст мегардад [8, с.244]: Оймулло ки аз ин тавр хор карда шудани ҷунараш сахт меранҷид ва дилашро дарду алам пора мекард, дар ин кабил мавридҳо дигар на хонда метавонист, на навохта (Ҷ.Икромӣ).

3. Ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандаки **ки** ба эзоҳи калимаҳои ҳамнисбате, ки дар сарҷумла ба вазифаи ҳоли сабаб меоянд ва маъноии ҳамин пайвандакро таъин мекунанд, кор фармуда мешавад:

Аммо ӯ барои он посбонро аз вазифааш холи кард, ки шабона, дар вақти посбонӣ, хоб кардааст (Афсонаҳои халки тоҷик)

4. Дар охири чумлаи пайрави сабаб ҳам пайвандаки **ки** меояд.

Яке аз вежагиҳои пайвандаки **модоме ки** дар он аст, ки он серистеъмол буда, дар нутқи гуфтугӯйи ва китобӣ вомехӯрад. Ин пайвандаки сермаъно ҷумлаи пайрави сабаб ва шартро ба сарҷумла мепайвандад. Дар ҷумлаи пайрави шарт мутобиқати шаклҳои феъли хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав нақши муҳим мебозад. Хабари ҷумлаи пайрави шартӣ бо пайвандаки мазкур одатан ба шакли сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ ифода мешавад.

Пайвандакҳои **барои ин ки, барои он ки** ҳам дар нутқи гуфтугӯйӣ ва ҳам китобӣ кор фармуда мешаванд. Ин пайвандакҳо дорои маънои сабаб ва мақсад буда, ҷумлаҳои пайрави сабаб ва мақсадро ба сарҷумла мепайванданд.

Пайвандакҳо ҳангоми тарҷума ба забони англисӣ тағйир ефтанд, ки ин ба ҳар ду забон хос аст, яъне сермаъноии пайвандакҳ ба таври васеъ мушоҳида мешавад [9, с.211].

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои пайрави сабаб аксар вақт пас аз сарҷумла омода, сабаби иҷрои амали сарҷумларо шарҳ медиханд. Ғайр аз он, ҷои ҷумлаи пайрави сабаб ба пайвандакҳои сабаб низ вобастагӣ дорад. Масалан, ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандакҳои **чунки, зеро, зеро ки, чаро ки,** пас аз сарҷумла меоянд. Бо пайвандаки **чун** одатан пеш аз сарҷумла омадани ҷумлаи пайрав мушоҳида мешавад. Бо пайвандакҳои **азбаски, модом (е) ки** одатан пеш аз сарҷумла меояд [5, с.239].

Ҷои ҷумлаҷои пайрави сабаб дар забони англисӣ то ҳадде вобаста ба пайвандакҳои тобеъкунандаи таркиби он аст. Пайвандакҳои **as, since, now that** дар аввал омадани ҷумлаҳои пайравро таъмин мекунанд. Дар мавриди пайвандакҳои **because** ва **for** ҳаминро бояд гуфт, ки ҷои муқаррарии онҳо пас аз сарҷумла мебошад. Дар ҷумлаи мураккабе, ки дар таркибаш ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандаки **барои он ки** пайваст шудааст, ҳангоми ба забони англисӣ тарҷума кардан он ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла меистад, зеро муодили англисии он – **because** пас аз сарҷумла гузошта мешавад.

Як нуктаи дигарро роҷеъ ба пайвандаки **now that** бояд қайд кард, ки он гоҳо бидуни **that** истифода мешавад: **Now she has come,** she will type your letter immediately.

Ҳамин тавр, масъалаи омӯзиши ҷумлаи пайрав ва навъҳои он дар забонҳои таҳқиқшаванда яке аз мавзӯъҳои мураккаб ва баҳснок ба шумор рафта, то ҳол ҳам забоншиносон дар таҳқиқи он ба хулосаи зарурӣ наомаданд ва ин муамморо яке аз падидаҳои ҳалношудаи забон меҳисобанд. Масъалаи таҳқиқи мавзӯъи мазкур аз нигоҳи муқоиса ба бисёр муаммоҳои забоншиносии муқоисавӣ ҷавоб хоҳад гуфт.

Бояд ишора намуд, ки ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ва монандиву сабаб яке аз навъҳои сермаҳсултарин ва сертаркибтарин буда, аз дигар намудҳои ҷумлаи пайрав тафовут дорад.

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: «Дониш» – 1989 - 224 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Душанбе: «Ирфон» - 1970.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Душанбе: «Маориф» - 1984.
4. Зикриёев Ф. О сложносочиненном предложении в современном таджикском литературном языке. — Забоншиносии тоҷик. АФ РСС Тоҷикистон. «Душанбе» - 1984.
5. Зикриёев Ф. Паратаксис как синтаксическая единица. — Актуальные проб иранской филологии. (Материалы VIII Всесоюзной научной конференции) Душанбе: «Дониш», 1985.
6. Bractical English Grammar by Correspondence. Москва 1973 У.А. Natanson.
7. A Communicative Grammar of English Geoffrey Zeech Jan Svartik «Moscow» – Prosvesh – chenge – 1983.
8. A Grammar of the English Language. Просвещение 1961.
9. Bloch M.Y. Л course in Theoretical English Grammar. M.: Pravda 2000 - 265.p.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРИДАТОЧНЕ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье исследуются особенности использования придаточных предложений в английском и таджикском языках. В своей статье автор постарался глубоко и подробно изучить все аспекты актуальной проблемы. Следует отметить, что данная тема является одной из самых сложных и дискуссионных тем грамматики и отличается от других проблем синтаксических

единицах своей структурой и составом. Лингвистические источники утверждают, что большинство придаточные предложений, количество и степень в таджикском языке обычно встречаются перед главное предложение или действия. В современном английском языке, наоборот, придаточные предложения количество и степени всегда ставятся в конце или после главное предложения.

Ключевые слова: *придаточные предложения количество и степень количество и степень, придаточные предложения причина, сложный, производный, простой, составной, предложение, грамматика, категория, язык, лингвистика, придаточное предложения, придаточное предложение времени, подлежащее, сказуемое, определение, различия, глагол, главные члены предложения, простое предложение.*

THE PECULIARITY USE OF SUBORDINATE CLAUSES IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article deas with the use subordinate clauses in English and Tajik language. In his article, the author tried to stady deeply and in detail to all aspects of the current problem. It should be noted that this topic is one of the most difficult and complex topics of grammar and differs from other problems of syntactic according to their structure and composition. Linguistic sources state that most subordinate clauses of quantity and degree in the Tajik language usually comes before main clause or action. On the other hand, in modern English, the adverbial clause of quantity and degree comes at the end or after the main clause.

Keywords: *adverbial clause of quantity and degree, adverbial clause of reason, simple, compound, sentence, grammar, category, language, linguistics, subordinate clause, adverbial clause of time, subject, predicate, attribute, differentiation, verb, main clause, simple sentence.*

Сведение об автора:

Давлатов Назримад Муродзода - *соискатель кафедры лингвистики и сопоставительной типологии, Таджикского государственного педагогического университет имени Садриддина Айни. Электронная почта: nazir-davlat@bk.ru, тел: (+992) 981022494*

About the author:

Davlatov Nazrimad Murodzoda *– researcher of the Department of Linguistics and Comparative Typology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. E – mail: nazir-davlat@bk.ru, Phone: (+992) 981022494*

УДК 809.155.0:802.0

КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ЧЕНАКИ АНДОЗА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (аз рӯи асари «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ)

Сафарова Р.Б.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд қайд кард, ки ҳаргуна забон дорои сохтору шакли махсуси худ мебошад, ки бо меъёрҳову қоидаҳои худ дар замони ҷаҳоншавӣ ва иттилоотӣ амал мекунад. Дар ин замина чунин ифодаҳо муҳиммияти худро дар ягон марҳилаи таърихӣ аз даст надодааст.

Вобаста ба мавзӯи мазкур ифодаҳои ченаки дарозӣ аз қабили дигар ифодаҳоест, ки то замони мо ба таври томи худ дар забон мавқеъ пайдо кардааст. Зимни таҳлилҳои илмии забонӣ ифодаҳои ченаки дарозӣ дар соҳаҳои гуногун шаклҳои мухталифро ба вуҷуд овард.

Дар рафти таҳқиқи мавзӯи мазкур ифодаҳои ченаки дарозиро ба ду шакл ҷудо намудем:

- ифодаи ченаки дарозӣ дар забони гуфтугӯӣ;
- ифодаи ченаки дарозӣ дар забони адабӣ (китобӣ).

Боиси қайд аст, ки аз замонҳои қадим одамон дар баробари дигар ченакҳо андозаи ашёро ҳам чен карданд. Ифодаҳои ченаки дарозӣ бештар дар сарчашмаҳои таърихии риёзии қадим ба назар мерасад ва дар ҳар давлат унвонҳои гуногуни хоси худро дошт. Ҳатто дар баробари риёзиву ҳандаса, кимиёву физика ва илмҳои дақиқ, ченаки дарозӣ дар асарҳои бадеии шоирону нависандагон дарҷ гардиданд. Анъанаи мазкур аз давраҳои нахустини таърихӣ то замони мо ба навгониҳо ва тағйироти мухталиф дучор гардида, меъёри хурдтарини он низ дақиқ муайян шуд.

Ченаки дарозӣ дар замони рӯзмарра, ба мисли чен кардани андозаи замин (замини назди ҳавлигӣ), хона ва ҳатто масофаи муайяни шикор ва моҳигирӣ лозим аст.

Ифодаи ченаки дарозӣ дар забони адабӣ нисбат ба забони гуфтугӯӣ дақиқтар чен карда мешавад ва ифода меёбанд. Бинобар вобаста ба ин нукта Устод Айнӣ аз нахустин нависандагони тоҷик мебошад, ки дар асарҳои аришманди худ ченаки дарозиро муфассал ва дақиқ баён намудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи забони адабиёти шӯравӣ ва ҳозираи тоҷик, аз як тараф, барои муайян намудани хусусиятҳои забони адабии тоҷик, ба вижа воҳидҳои лексикӣ аҳамият дошта бошад, аз тарафи дигар барои такмил ва ошкор намудани раванди инкишофи забони адабии муосири тоҷик аҳамияти бузурги назарӣ ва амалиро дорад. Дар ин замина таҳқиқ ва баррасии забони осори С. Айнӣ, ки яке аз ситораҳои дурахшони илм, адабиёт ва забоншиносии пас аз классикии форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад, на танҳо аз ҷиҳати равшан намудани вижагиҳои забони адабии ин давра маводи фаровон медиҳад, балки ба бисёр паҳлуҳои осори адабии ӯ, ба хусус вожаҳои лексикӣ равшанӣ меандозад. С. Айнӣ чун устоди барҷастаи сухан бо тасвир кардани таассуроти худ ва ҳаргуна тасвирҳо, ба мисли табиат, ашё, мавзеъ, урфу одат, муҳити адабӣ-сиёсӣ, забони омма, ҳунар ва ғ., дар осори худ бойгарии забони адабии тоҷикро инъикос намудааст.

Осори С. Айнӣ дар таърихи афкори бадеӣ чун як донандаи хушзавқи табиӣ ва воқеӣ дар муддати даҳсолаҳо мавриди баррасии донишмандон қарор дода шудааст, аммо ҷиҳатҳои лексикӣ дар осори пуарзиши С. Айнӣ, ба хусус «Ёддоштҳо» аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ то ҳол пурра таҳқиқ нашудааст. Аксари олимону донишмандон ӯро чун як сухандони барҷаста ва нависандаи осонбаён ва серсоҳа муаррифӣ намуда, ба маҳорати суханварии ӯ баҳои сазовор додаанд. Дар заминаи мазкур забоншиноси тоҷик Ғаффоров Р., чунин гуфтааст: «Фаъолияти устод Айнӣ доир ба забони адабии тоҷик хеле серсоҳа аст. Вай дар солҳои аввали револютсия (инқилоб) барои эътирофи забони адабии тоҷик ба сифати забони мустақил муборизa бурда, дар айни замон сарчашмаҳои инкишофи онро муайян намуд ва барои ташаккули забони адабии ягона сардорӣ кард, кӯшиш намуд, ки ин асоситарин яроқи маърифат ва маданият ҳамеша покиза ва тавоно бошад, то ки вазифаи ҷамъиятии худро сари вақт ва хушсифат адо карда тавонад» [3, с.6].

Ҳамчунин «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз ҷониби мутарҷимони касбии англис Ҷон Р. Перри ва Речел Лехр ба забони англисӣ тарҷума шудааст. Мутарҷимон дар тарҷумаи асари мазкур кӯшиш намуданд то услуби С. Айниро нигоҳ доранд ва онро ба хонандаи англисзабон пурра шинос намоянд. Дар бисёр мавридҳо тарҷумаи англисӣ мазмуну маънои «Ёддоштҳо» тобиши дигар дорад ва мо онҳоро дар мақолаи мазкур мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор додем. Дар тарҷумаи калимаҳои ифодакунандаи андоза, масофа ва ченаки масофа мутарҷимон калимаҳои зиёдро, тибқи мантиқ ва маънои ҷумла, ба мисли фарсах – ***farsakh*** (ба англисӣ ***mile***), дар наздикии соҳил ***- on the banks***, байни - ***running through*** (аммо маънои аслиашро ифода намекунад) ва ғайра ба кор бурдаанд. Масалан, «Деҳаи Соктаре. Ин деҳа аз тобеоти райони Ғиждувон буда, ***як фарсах – 8 километр*** дуртар аз маркази район ва дар тарафи ***шарқии*** он дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст. Азбаски ин деҳа ***дар наздикии*** дарёи Зарафшон воқеъ шудааст ва аз ***байни деҳа*** ҳам ба номи Мазрангон як ҷӯйи калон мегузарад, сероб ва обод буда, бештарини ҳавлиҳояш рӯйидаричадор, чорбоғнок ва пурмева аст. Заминҳои ин деҳа ҳосилхез буда, дар онҳо киштҳои гуногун мерасиданд ва аз шолӣ гирифта то сабзавот, ки киштҳои серобиталаб мебошанд, дар ин деҳа кишта мешуданд» [1, с.6]. «The village of Soktare was in the province of Ghijduvon, ***one farsakh (five miles) east*** of the town of that name ***on the banks*** of the Zarafshon river. Because of its site, since it also had a fair-sized canal, the Mazrangon, ***running through***, it, Soktare was fertile and productive, and most of its houses boasted walled gardens with plenty of fruits trees. The fields around this village were rich and produced a varied crop, including rice and vegetables, which require a great deal of water» [8, с. 42].

Таркиби луғавӣ яке аз муҳимтарин шакли забонӣ мебошад, ки мувофиқи мақсад ва рангоранг нишон додани фикри муаллиф дар асар маҳсуб меёбад. Садриддин Айнӣ, ки заминагузори асосии натанҳо адабиёти нави тоҷик, балки забони адабии ҳозираи тоҷик ба ҳисоб меравад, дар офаридани осори худ теъдоди зиёди калимаҳоро истифода намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки Садриддин Айнӣ нахустин шуда, шакли дурусти забонро ба чаҳорчӯба дароварда, таҳлилу таҳқиқоти зиёди илмиро анҷом додааст. Ҳангоми офаридани осори худ Устод Айнӣ вожаву калимаҳоеро истифода кардааст, ки аз ҷиҳати мазмун ва таркиби луғавӣ, ба мисли воҳидҳои ченаку вақт ғанӣ мебошад. «Ёддоштҳо» дар баробари дигар асарҳои пурмазмуни Садриддин Айнӣ на танҳо дорои таркиби луғавии бой, балки дорои мазмуни баланд мебошад. Ӯ барои ҷаззобтар ва муассиртар нишон додани ҳодисаву ҳолатҳои қаҳрамонҳои худ хусусиятҳои луғавиро ба ҳар сурат нишон додааст.

Муҳаққиқи тоҷик С. Ҳалимов роҷеъ ба луғатнигории Устод Айнӣ асари ҷудогона таҳти унвони «С. Айнӣ – лексикограф» бахшидааст. Дар асари мазкур ӯ С. Айниро ҳамчун донандаи хуб ва луғатнигори варзида номидааст: «Фаъолияти С. Айнӣ дар соҳаи лексикография хеле гуногун аст. Вай худаш луғат менависад ва тарҳи онро мекашад. Садҳо ва ҳазорон калима ва ибораҳоро аз забони зинда дар асарҳояш гирд оварда шарҳ ҳам медиҳад» [5, с. 6].

Месазад гуфт, ки хизмати С. Айнӣ дар луғатнигорӣ басо ҳам бузург аст, зеро ӯ нахустин маротиба луғати тафсилии забони адабии тоҷикро тартиб додааст.

Ҳамчунин «Ёддоштҳо» асари нодиртаринест, ки ба ғайр аз маълумоти шарҳу ҳолӣ, муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабии шоир (охири асри XIX ва аввали асри XX) ва тасвири манзараҳову

воқеаҳои гуногуни таърихӣ, дорои маълумоти энсиклопедӣ мебошад. Дар ин бора донишманди маъруфи тоҷик М. Шукуров чунин ибрози ақида намудааст: «Ҳоло «Ёддоштҳо»-ро энсиклопедияи ҳаёти халқи тоҷик дар охирҳои асри XIX меноманд ва дар ҳақиқат чунин аст» [7, с. 55].

Бинобар ин лексикаи асар бо тақозои тасвири табиат, ҳаводису воқеот, тарзи зиндагии халқ, манзараи деҳот ва шаҳрҳо, хусусиятҳои табиӣ ва ҷуғрофии мавзеъҳо ва дигар мавзӯъҳоро дар бар мегирад. Дар «Ёддоштҳо» вожаю истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илму фан, ҳунармандӣ, фарҳанг, динӣ-мазҳабӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ғайра ба назар мерасанд. Бояд зикр намуд, ки таснифоти мавзӯи лексикаи «Ёддоштҳо» вижагиҳои корбурди луғату истилоҳоти замони нависандаро инъикос намуда, ба ташаккул ва таҳаввули таркиби луғавии забони ҳозираи тоҷик заминаи бунёдӣ гузоштааст. С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» сухани тасвириро тавассути тасвири мавзӯъҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, мазҳабӣ, табиӣ, ҷуғрофӣ ва соири паҳлуҳои ҳаёти маънавӣ ва иқтисодии нахустин давраи шӯравиро тасвир намудааст. Зимни мавзӯъҳои мазкур таснифи таҳқиқ намудани лексикаи он ба мақсад мувофиқ аст, зеро ба ин васила ба масъалаи ташаккул ва таҳаввули маъноии бисёре аз воҳидҳои луғавии чӣ аз лиҳози маънии луғавӣ ва чӣ аз лиҳози маънии истилоҳӣ метавон равшанӣ андохт.

Таҳлили дақиқ ва илмии таснифи лексикии «Ёддоштҳо» ба воситаи гуруҳҳое чун истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, истилоҳоти иқтисодӣ, истилоҳоти динӣ-ирфонӣ, истилоҳоти иқтибосӣ, истилоҳоти илмию фаннӣ, истилоҳоти меъморӣ ва сохтмонӣ, калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар ва шуғл, калимаҳои ифодакунандаи анвои ғизо, калимаҳои ифодакунандаи марбут ба солшуморӣ, калимаҳои ифодакунандаи ҳаводиси табиӣ, самт ва ченаки масофа, калимаҳои ифодакунандаи намудҳои варзиш ва ғайра таҳқиқ мешаванд:

С. Айнӣ вожаҳое, ки андоза, масофа ва ҳаҷми ашёҳоро ифода намудааст, ки дар «Ёддоштҳо» мавқеи калон додааст. Ҳамчунин ин масъала шаҳодати онро дорад, ки С. Айнӣ қисматҳои зиёди Осиёи Миёнаву Руссия сафар намудааст. Зимни сафарҳои худ ӯ бо вуҷуди намуди зоҳирии мавзеъҳову ашёҳо ба масофа, вазн ва шакли он диққати махсус додааст. Ба қавли ӯ «-Якта-якта баркашидам. Дар тарозу санги ***чоряки*** (***дукилогӣ***) монда баркашидам. Вақте ки ҳар тарозуро ба чувол меандохтам, дар як тараф як дона ғӯза мемондам. Баъд аз баркашида шудани ғӯза, он ғӯзаҳои барои гум нашудани шумур мондагиҳоямро шумурда дидам, як бистаку чор (24)-та баромад. Ин як бистаку чор чоряк гуфтан аст. Охир, шумо 16 **чоряк** баровардед»

Масофаи ӯ аз як мавзеъ ба мавзеи дигар, аз як шаҳр ба шаҳри дигарро бо вожаҳои ***рӯз, шаб, шабонарӯз, нисфирӯзӣ*** шарҳ додааст.

Ҳарчанд баёни ин масъала ба шакли сода аз ҷониби муаллиф навишта шудааст, калимаҳои ***фарсанг, газ***, ***арш, чакрим, фарсах.*** Масалан, «Деҳаи Соктаре. Ин деҳа аз тобеоти райони Ғиждувон буда, як ***фарсах*** – 8 километр дуртар аз маркази район ва дар тарафи шарқии он дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст. Азбаски ин деҳа дар наздикии дарёи Зарафшон воқеъ шудааст ва аз байни деҳа ҳам ба номи Мазрангон як ҷӯйи калон мегузарад, сероб ва обод буда, бештарини ҳавлиҳояш рӯйидаричадор, чорбоғнок ва пурмева аст» [1, с. 5]. Мутарҷимон калимаи фарсахро айнан дар англисӣ менависанд ва онро ба 5 километр (дар Аврупову Амрико ***мил*** аст) баробар мекунад: «The village of Soktare was in the province of Ghijduvon one ***farsakh*** (five miles) east of the town of that name, on the banks or the Zarafshon river. Because of its site and since this also had a fair-sized canal, the Mazrangon, running through it, Soktare was ferule and productive, and most of its houses boasted walled gardens with plenty of fruit trees» [8, с. 31].

Вожаи ***ваҷаб*** низ дар забони Устод Айнӣ бисёр истифода шудааст, ки то замони ҳозира дар забони гуфтугӯии мардуми тоҷик роиҷ аст. Нависанда вожаи мазкурро чунин шарҳ додааст: «Устои ҳалвогар ба коргарони худ: -Акнун бас, – гуфт ва худ корди калонеро ба даст гирифта он ҳалқаро ба дарозии ***як ваҷаб-як ваҷаб*** бурид ва яке аз он лӯндаҳоро дар тарозуе, ки дар як гӯшаи он суфа истода буд, ниҳода баркашид, ҳалво қадаре сабук баромад. Аз як лӯндаи дигар қадаре ҷудо карда ба болои он монда баркашашро баробар кард».

Дар баробари вожаҳои ифодакунандаи ченаку вақт ва масофа дар «Ёддоштҳо» вожаи ***газ*** бисёр ба кор бурда шудааст, ки бештар андозаи заминро муайян кардааст: «Вақте, ки кор сар шуда ҳар даҳа аз саҳни худ тахминан ***як-ду газ замин*** кофта буд, ки рӯз ҳам торик шуда омад ва бо фармоиши аминон пойкорон ба ҳашарчиён нидо дардоданд, ки: "имрӯз кор тамом, фардо барвақттар ба кор оянд, вагарна, "боқипулӣ"хоҳанд дод». Ана, рафти кор ҳамин тарз аст,–гуфт падар, дар охири сухани худ» [1, с. 92].

Пас месазад гуфт, ки вожаҳои ифодакунандаи ченак ва масофа дар китобҳои насрӣ нисбат ба маҷмӯаҳои назмӣ бештар ба назар мерасанд. Дар байни нависандагони солҳои 20 30уми асри осори С. Айнӣ нисбат ба нависандагонаш бештар буда, ҳар кадомашон ҷойгоҳи хосро ишғол кардааст.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо, Душанбе, 2009, 679 с.

2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 11, китоби дуюм, 498 с.
3. Ғаффор Р. Устоди бузурги сухан, Душанбе: Дониш, 1978, 62 с.
4. Нестеренко С. Новый алфавит // Коммунист Таджикистана, 18 июня 1939, 2 с.
5. Ҳалимов С. С. Айнӣ - лексикограф, Душанбе, 1964, 61 с.
6. Проект нового таджикского алфавита // Коммунист Таджикистана, 4 июля 1939, 3 с.
7. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и Устод С.Айнӣ, Душанбе: Дониш, 1966, 252 с.
8. John. R. Lehr. Rachel Lehr. The Sands of Oxus, USA: California, 1998, 269 p.

ИЗМЕРЕНИЕ ДЛИНЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (на основе «Воспоминания» в С. Айни)

В этой статье автор анализирует сроки измерения длины. В процессе развития языка лингвистами и исследователями изучаются любые единицы и выражения языковых частей, одним из которых является мера длины.

Со временем эти единицы и выражения вошли в состав произведений таджикских и современных персидских писателей, одним из которых является «Воспоминания» Сариддина Айни.

Ключевые слова: *измерение длины, произведения, английский язык, экспрессия, исследователь, литературные источники, лингвист, исследователь, исследователь.*

LENGTH MEASUREMENT IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES (based on "Remembrance" S. Ayni)

In this article, the author analyzes the timing measurement. In the process of language development, linguists and researchers study any units and expressions of language parts, one of which is a measure of length.

Over time, these units and expressions became the part of the works of Tajik and modern Persian writers, one of which is "Memoirs" by Sariddin Aini.

Keywords: *measurement of length, works, English, expression, researcher, literary sources, linguist, researcher, researcher.*

Сведение об авторе:

Сафарова Рухшона Бегназаровна *– ассистент кафедры инностранных языков Академии государственного управления при Президента Республики Таджикистан Тел.: (+992 907022983, Электронная почта: Raksana@list.ru*

About the autor:

Safarova Rukhshona Begnazarovna *- Assistant of the Department of Foreign Languages of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan Тел.: (+992 907022983, E-mail: Raksana@list.ru*

КОРБУРДИ МУРОДИФОТИ АРАБӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Рачабов А.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мувофиқи нигоштаи муҳаққиқон мафҳуми муродифот ё синонимия (юн. synonymia - ҳамномӣ) назар ба муродиф ва ё синоним (юн.synonymos- ҳамном) васеътар буда, ҳаммаъноӣ ва ё наздикмаъноии воҳидҳои сатҳҳои мухталифи забонро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки дар мавриди таҳлили муродифот истилоҳи силсилаи муродифӣ мавҷуд аст, ки онро сарфи назар намудан нашояд. Маҷмӯи калимаҳои бо ҳам синонимро силсилаи муродифӣ меноманд. Дар силсилаи муродифҳо, одатан, калимаҳо бо яке аз маъноҳои луғавии худ бо ҳам алоқаманд шуда, бо арзишҳои хосаи худ аз ҳам тафовут доранд. Дар силсилаи муродифӣ яке аз калимаҳо маънои умумиеро, ки робитаи байни калимаҳои ба ҳам муродифро ба вуҷуд меоварад, нисбатан пурратар дар бар гирифтааст. Ин калима **сарсилсилаи муродифӣ** ном дорад. Сарсилсила аз ҷиҳати хосиятҳои барҷастаи умумиистеъмол, мӯътадилоҳанг ва оммафаҳм будани худ тафовут дошта, дар мавридҳои зиёд калимаҳои дигари силсиларо дар матн иваз карда метавонад [1, с.79].

Зикр кардан зарур аст, ки ин хусусиятҳо ба муродифоти мансуб ба маводи шеваҳо низ дахл дорад. Махсусан, корбурди ин қабати семантикӣ фаровон ба чашм мерасад. Ин аст, ки дар ин мақола рӯйи ин масъала баҳс сурат гирифта аст.

Ҳоло барои далел чанд мисол меоварем: **аблаҳ** (Шк.) аблаҳ, беақл, нодон, гӯл; бемаънӣ: *одамой* ***аблаҳ*** *ай зан бафо металаба (Нр.);* **абох** 1) (Вқ.) нодон, сода, содалавҳ; бефаҳм, гаранг: *ма итари-да* ***абоҳи*** *бадум, фаҳм намерам (Яр.); 2. (Вд.,Ск.) суханрав; ахмақ: и одами* ***абоҳ****-ай, ҳар ке бъга мерава (Вд.);* ***абох кадан*** *а) табоҳ (бад) кардан: и ҳамсойа-му мо-ра ҳол-мун-а* ***абох кад****-ку (Куг); б) шарманда (шармсор) кардан: мо-ра* ***абох*** *накъ да пеши мардъм (Хум.); 2) (Ҷк.) дамдузд, хаппак;*

камгап; ***авал*** *1) аввал; ибтидо, оғоз; аввало:* ***авал*** *мол-ъ пода-ра ҳай мекъ-нан-ъ баʒд чакалак-а (Ним.); китобо мешиштаст (меистодаст)* ***авалтар*** *(Кп.);* ***авал*** *йа чъқър-а мекани (Ҳақ.); авал**и вада** (Дб.) аз ибтидо: очай келуни мо **авали вада**-да Дъшанби-да мехондас; авал**и дов** (Яр., Каҳ., Қлб., Нз., См.)* **аввал:** *дафъаи аввал; авали дов тъ-ра метем тахта-ра (Яр.); авали дов гандъм-а да дег медози (Каҳ.); хирман-а авали дов рос менем (Нз.); авали дов рафтаги-м понзасола бъдъм (См.);* ***авале*** *1. (Вк.) аввало; бори нахуст: аввале Помер-а гирифтас ҳъкъмат ҷо рос кардас (Қлб.); 2. (Вқ.). барвақт, пеш: борон бисйор авале борид (Қӯш.);* ***авалойе ки*** *(Лаг.). вақте ки… авалойе ки ҳъкъмат ташкил шидаги мълоҳойи къҳнаги бъд.*

Дар гурӯҳи дигари силсилаи муродифӣ вожаи «**авқот»- и** арабӣ ба сифати сарсилсила мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ин вожа дар забони арабӣ ба маънои вақт аст, вале дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он ба маънои хӯрок, таом меояд. Тавре маълум аст, дар забони арабӣ калимаи «**ақвот**» (ҷамъи «**қут**») маънои «**хурок, таъом**»-ро дорад. Ин аст, ки дар шева вожаи «**ақвот**» зимни таъсири ҳодисаи ҷойивазкунии овозҳо шакли «**авқот**»-ро гирифтааст. Чанд мисол: **авқот** хӯрок, таом: *ай ҳаму* ***авқот*** *камтар бъте (Ҳак.); ва ита бийо,* ***авқот*** *бъхър (Куг.);*

Вожаи авқот дар гӯйиши ҷанубӣ хусусияти сермаъноиро соҳиб шудааст: **авқот кардан** хӯрок хӯрдан, тановул кардан: *эй ҷъфгар, ҳичи нун дорӣ, ки* ***авқот*** *кънем (Сам.);* ***авқот гузарондан*** *(Қ.) як навъ зиндагӣ кардан, рӯз гузарондан: уво-ра* ***авқот****-шу (рӯзгузронӣ) акъ ай руй ҳаму ҳофиз-ай (Яр.).*

Муродифоти арабие, ки дар гӯйиши ҷанубӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст, чунин зергурӯҳҳоро ташкил медиҳанд:

а) Муродифоти арабии ифодагари мафҳуми динӣ: **маҳр//mahр, маҳър** (Дм., Лш., Қлб., Ҳал., Ҳич., Ял., Яр.) маҳр, кобин, бисот; маҳр бъридан муқаррар кардани маҳри духтар: *бачавара, ки умад, бад (баъд)* ***маҳр*** *мебарем (Қлб.);* маҳри мол либосворӣ ва ҳамаи он чизе, ки аҳли хонаводаи домод барои духтар медиҳад: ***маҳр-ъ мол*** *метийи бай дъхтар-а (Ҳал.); дъхтар-да* ***маҳр-ъ мол*** *бъридан (Ҳич.);* ***маҳрь мъҳр*** *(Лай.,Ҳак.,Ҳд.)* ***маҳр-ъ мол****.* ***Муазин;*** *азонгӯ муаззин;* ***маҳзаб, дин*** *мазҳаб: да мазҳаби ки-йи? (Хов.)*

б) муродифоти арабии ифодагари мафҳуми хоси табиат: ***ʒолам, олам*** (Ёх., Хов., Мт., Каҳ.) олам, ҷаҳон: *ҳама ки бъган ганда-ай, дар* ***ʒолам*** *ханда-ай (Хов.);*

в) муродифоти арабии ифодагари муносибат ва одоби муошират: **одам** 1. одам, инсон; шахс; одами **абох** (Вд., Нд., Кк., Ск.) одами суханрав: *йа одами* ***абох****-ай, ҳар ке бъга мерава (Вд.);* одами **асъл** (Ҳич., Яр.) *одами* ***асил*** *(пок): одами* ***асъл*** *ҳиш калапойи намехъра (Яр.);* одами **лойиқи** (Мт., Хт.) одами муносиб (мувофиқ): *аҷаб одами* ***лойиқи*** *бъдаст, мъхайник-ъш мекънем (Хт.);* одам**и қадима** (Хов., Шх.) одами қадима, одами одии риоякунандаи одатҳои пешина: *одами* ***қадима*** *воре пеши ма намийомадан (Шх.);*

Дар баробари ин, дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ дар асоси маводи «ФГҶЗТ» муродифоти арабӣ ва силсилаи арабии он ба назар мерасад ва онро соҳибони гӯйиш ба мақсади такрор накардани калимаву таркиб корбаст менамоянд. Инчунин, муродифоти ҷуфт дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он нақши муайян дошта, барои таъкид ва пурратар таҷассум намудани ҳодисаву воқеа корбаст мегардад.

Дар шаклгирии муродифоти ҷуфт нақши пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳамии «ва» дар шакли **-у** хеле назаррас мебошад. Муродифоти ҷуфт дар ҳамаи сатҳи гуфтор ва навиштори забони тоҷикӣ мавриди истифода мебошад. Муродифоти ҷуфтистеъмол ҳам дар забон аҳамияту вазифаҳои гуногун доранд: а) онҳо таркиби луғавии забонро ғанӣ мегардонанд; онҳо барои тасвир ва баҳо додан ба предмет яке аз воситаҳои муҳим мебошанд. Муродифоти ҷуфт барои аз такрори калима худдорӣ намудани гӯянда, адиб ва нигоранда бо мақсади аз сарвати луғавии забон дурусту ба мавқеъ истифода бурдан ва ба ин восита саҳеҳӣ, равонӣ ва қувватнокии гуфтаи худро таъмин намудан корбаст мегарданд. Дар «ФГҶЗТ» ҳам мо муродифоти ҷуфтҳои арабӣ ва арабӣ-тоҷикиро пайдо намудем, ки дар поён чанде аз онҳоро меоварем. Вожаҳои муродифӣ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ чанд роҳи пайдоиш доранд, ки баъзе аз онҳоро мухтасаран ба таври зерин нишон додан мумкин аст: 1) Муродифоте, ки аз калимаҳои сирф лаҳҷавӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба ин гурӯҳ вожаҳои мугача, миҷморуқ, япасқул (қадпаст) дохил мешаванд; 2) Муродифоте, ки аз калимаҳои лаҳҷавию халқӣ-гуфтугӯйӣ пайдо шуданд: турпӣ, сагалдак, сағера.

Маълум аст, ки муродифот берун аз қонунҳои грамматикии забон амал карда наметавонанд. Яъне, онҳо ҳамчун категорияи лексикӣ дар таркиби луғавии забон ба таҳқиқ гирифта шаванд ҳам, аз рӯйи муносибати худ ба категорияҳои морфологӣ дар доираи ҳиссаҳои алоҳидаи нутқ гардиш мехӯранд. Бинобар он, зарур аст, ки аз рӯйи муносибат ба ҳиссаҳои нутқ ва вазифа муродифҳои гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намоем:

а) Синонимҳои арабии мансуби исм. Доир ба вожаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор муҳаққиқ Сулаймонов И. чунин андеша кардааст: «Муҳаққиқон вожаҳои арабиро аз ҷумлаи қадимтарин унсурҳои иқтибосии забони тоҷикӣ арзёбӣ карда, омилҳои ба таркиби луғавии забонамон ворид шудани онҳоро дар забткории қавмҳои араб дар Осиёи Миёна, ҷорӣ гардидани

дини ислом, дар муддати дусад сол ҳамчун забони илму фарҳанг қабул гардидани забони арабӣ дар ин ҳавза медонанд». Ё дар ҷойи дигар ин муҳаққиқ доир ба мавзӯи мазкур чунин меафзояд: «раванди ба лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор роҳ ёфтани вожаҳои арабӣ баробари ба таркиби луғавии забони адабӣ шомил гардидани онҳо сурат гирифтааст. Муддати тӯлонӣ дар истеъмол будани калимаҳои арабӣ дар лаҳҷаи мазкур онҳоро ба унсури фаъоли луғавию грамматикии лаҳҷавӣ табдил додааст» [5, с.12]. Чунин унсурҳои нутқ дар таркиби луғавии шеваи ҷанубӣ дар шаклҳои зерин дучор меоянд: а) калимаҳое, ки бе тағйироти шаклу маъно боқӣ мондаанд; б) калимаҳое, ки ба тағйироти савтӣ дучор шуда бошанд ҳам, маънои асосии худро нигоҳ доштаанд; в) калимаҳое, ки маънои қаблии худро қисман ё пурра аз даст дода, дар ифодаи мафҳумҳои дигар ба кор мераванд; г) калимаҳое, ки дар лаҳҷа дар заминаи маҷоз тағйири маъно кардаанд; ғ) калимаҳое, ки ба ҳайси асоси калимасоз дар ташаккули вожаҳои нав хизмат мекунанд.

Ба гурӯҳи якум вожаҳои зеринро шомил кардан мумкин аст: *варам, даллол, зик, зот, ибо, имо, ирсол, исроф, ишва, иштиҳо, мазор, мамот, машқ, маъқул, мискин, моҷаро, мумсик, мунофиқ, муовин, муҳлат, мухтор, раҳм, садақа, сайр, салла, никоҳ, ният, наҳс, оҷиз, тамиз, халос, хотир, шал, ғалат, қадам, қадим, қарор, қасам, қасд, қассоб* ва ғ. Бештари ин вожаҳо ба ҳадде дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳазм гардидаанд, ки аз унсурҳои тоҷикӣ фарқ кардани онҳо душвор аст. Онҳо дар калимасозӣ низ аз ҷумлаи унсурҳои фаъол ҳисоб меёбанд. Қисми зиёдашон ҳатто баробари муродифҳои тоҷикии худ истеъмол шуда, торафт мавқеи синонимҳои тоҷикиашонро танг карда истодаанд: **азоб** (дард), **ғам** (шиканҷа), **либос** (пӯшок), **мискин** (бечора), **мунофиқ** (дурӯя), **саҳл** (осон), **соф** (пок, тоза), **қалам** (хома, килк), **қафо** (пас, пушт), **сурат** (намуд), **ҳайф** (афсӯс, дареғ), **ҳалол** (раво), **қувват** (зӯр), **ҳаммом** (гармоба) ва ғ. Зиёд истеъмол ёфтани вожаҳои мазкур имкон додааст, ки онҳо бо калимаҳои тоҷикӣ ҷуфти муродифотӣ банданд: **даму нафас, саҳлу осон, рақсу бозӣ, шарму ҳайо, қуввату тавон.** Кор ба ҳадде расидааст, ки вожаи **ҳаммом** бо муродифи **ҳуд-гармоба** умумияти маъноро гум карда, **гармоба** алҳол танҳо нисбат ба гармчашмаҳои тиббӣ (Хирманак, Обигарм) фаҳмида мешавад. Дар қатори калимаҳои зикршуда ба унсурҳои луғавие дучор омадан мумкин аст, ки онҳо муродиф надоранд ва, агар дошта бошанд ҳам, дар лаҳҷа касе аз муродифоти тоҷикии онҳо истифода намебарад. Чунончи: **арақ, дойира, иштиҳо, машқ, мерос, мукофот, мусулмон, муҳлат, намоз, насия, никоҳ, нуқра, оқ, сел, собун, сил** ва ғ.

Як қисми калимаҳои арабӣ ба хазинаи луғавии лаҳҷаи мазкур шомил шуда, дар ҷодаи калимасозӣ низ фаъолият мекунанд: **азо, азодор, азодорӣ, азо гирифтан; азоб, баазоб, беазоб; айб, айбҷӯ, айбмон, беайб; арӯс, арӯсбиёрӣ, арӯсбинӣ, арӯсталбон; дойра, дойрачӣ, дойрадаст, дойразан; димоғ, бедимоғ, димоғӣ, димоғсӯхта; зот, хушзот, бадзот, хонзот, зотӣ ва ғ.**

Теъдоди гурӯҳи дуюми вожаҳо низ зиёд аст, зеро калимаҳои арабӣ махсусияти орфоэпӣ-талаффузии худро доранд. Барои дуруст талаффуз кардани онҳо гӯяндаро лозим аст, ки машқи зиёдеро анҷом диҳад. Вале лаҳҷаҳо дар ин бобат озоданд. Ин аст, ки як зумра вожаҳои арабӣ бо тағйироти савтӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ин маврид чунин ҳодисаҳои фонетикӣ ба назар мерасанд: а) ҷойивазкунии овозҳо: **дуйно-дунё; қулф-қуфл;** б) бадалшавии ҳамсадоҳо: **ахса-атса, awсун -афсун, айнос-аҷнос, лиwос-либос, ғурwат-ғурбат, қawза-қабза, маҳрака-маърака, майлис-маҷлис, нахд-нақд, нухс-нуқс, машрафа-машраба, қаъм-қавм, нӯбат-навбат, исриф-исроф, пихил-бихил;** в) коҳиши овозҳо: **нал-наъл, дафа-дафъа, макру-макрух, лал-лаъл, мелок-меълок;** г) афзоиши овозҳо: **китиф-китф, ҳетиёт-эҳтиёт, атир- атр.**

Гурӯҳи сеюм маънои қаблии худро қисман ё пурра аз даст дода, барои ифодаи мафҳумҳои дигар ба кор мераванд, яъне ба архаизмҳои семантикӣ мансуб мешаванд: **изолат** (ташвиш, азоб, ранҷ), **изолат** (дафъ кардан, маҳв кардан); **касофат** (наҳс, шум, бадбахт, бе пои қадам), **касофат** (чиркинӣ, нопокӣ, наҳӣ,шумӣ); **лал** (навъи ангури сурхи донакалони маҳалӣ), **лаъл** (санги қиматбаҳои сурхчаи дурахшон); **лоло** (хушрӯ, зебо), **лоло** (дурахшон); **мадор** (қувват, дармон), **мадор** (маркази гардиши замин, асос,бунёд); **мазоқ** (масхара, таҳқир), **мазоқ**(ҳазл, шӯхӣ, зарофат); **муроат** (риоя кардан, таклиф); **талотуп** (бетартибӣ), **талотум** (ба ҳамдигар задании мавҷи дарё, тӯфон); сал(каме, андаке), **саҳл** (осон); **ғурwат**(тур-тур кардан, изҳори норозигӣ кардан), **ғурбат** (ғарибӣ, мусофирӣ) ва ғ. Ҳодисаи фавқ далели он аст, ки унсурҳои бегона пас аз ворид шуданашон ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар як ҳолат наистода, мудом дар таҳаввуланд.

Гурӯҳи **чорум** зимни ҳамнишинӣ бо калимаҳои тоҷикӣ дар заминаи ташбеҳу монандкунӣ ба маънои нав соҳиб мешаванд: **адаwчӯ** (чӯбдасти домуллои мактаби кӯҳна), **дуйно** (чизи бисёр), **қалб** (дузд), **аламон** (саросема коре кардан), **даврa** (муайян кардани синну соли майит), **даврон** (зиндагии хуб ва беғам), **киёна** (киноя), **манзил** (қабристон), **исроф** (харчи беҳуда), **лаҳм** (думба). Ин вожаҳо бештар вижагии услубӣ пайдо карда, гӯянда онҳоро бо мақсади нишон додани маҳорати суханӣ ва бо суханҳои ҷолибу ҷозиб мот кардани ҳамсуҳбат ба кор мебарад.

Гурӯҳи **панҷум** асосҳои калимасозро ташкил медиҳад. Иқтибосоти арабӣ дар лаҳҷа ба қонуну қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ мутобиқ мешаванд: онҳо пешванду пасванд қабул карда, калимаҳои муштақ месозанд ва бо решаҳои тоҷикӣ ҳамроҳ шуда, унсурҳои мураккабу таркибиро

рӯйи кор меоранд: а) бо пешванди **бе-: бебисот** (бечизучора), **бедимоғ**(хафа, ранҷида), **бекафан** (мурдаи бесоҳиб); б) бо пасвандҳои**-ча**, **-чӣ, -ӣ, -ак, -ин, -манд: ҳайоча** (боғча), **ғайбатчӣ**(бадгӯ), **муҳоботчӣ** (воҳимачӣ), **каззовӣ** (дуруғгӯй), **лозимӣ** (мач.: эзор), **раисак** (тамасхур нисбат ба роҳбар), **намозӣ** (либоси пок), **ғалатӣ** (аҷиб), **даллолӣ** (миёнаравӣ), **айолманд** (серфарзанд), **нухсинӣ** (касалӣ, нуқсдор). Калимаҳои арабӣ ба сифати асоси калимсоз бо вожаҳои тоҷикӣ якҷоя омада, диалектизмҳои мураккаб сохтаанд: Маҳтawхон // мактawрав (хонандаи мактаб), **арақчин** (каллапӯши сабуки мардона). Вожаҳои арабӣ бо ёварҳои тоҷикӣ таркиб баста, ҳамчун ҷузъи асосии феълҳои таркибии номӣ амал мекунанд: **алоқа доштан** (муносибати маҳрамона), **ҳайф шудан** (аз даст рафтани чизе), **соф кардан** (мурдан; мач.: сахт монда шудан), **қалам кардан** (пора-пора кардани чизе), з**арб хӯрдан** (лат хӯрдан) ва амсоли инҳо.

Қатори муродифоти исмро вобаста ба муносибаташон ба инсон ва ашёву ҳодисаҳо ба ду гурӯҳи калон тақсим мекунем: 1) синонимҳое, ки мафҳумҳои ба инсон тааллуқ доштаро ифода мекунанд; 2) муродифоте, ки барои ифодаи мафҳумҳои ғайри инсон ба кор мераванд. 1) Муродифоте, ки ба инсон тааллуқ доранд. Аз рӯи фарогирии мавзӯъ онҳоро ба таври зайл тасниф менамоем: а) силсилаи муродифоте, ки мафҳуми хешу таборирo ифода мекунанд: **арӯс - келӣн, ақрабо - авлод - зурйот // зирийод** (хешу табор), **аврат - айол // ийол-за‘иф-зан** (завҷа, ҳамсар), **волида - оча** (модар), **ворис - соҳибдарак - мътако - меросхур** (пуштупаноҳ), **ойила - хонавода - аҳли байт** (зану фарзандон), **сойиба - бева** (бевазан, бешавҳар) ва ғайра; б) қатори муродифоте, ки барои номгузории узвҳои бадани инсон ба кор мераванд: **қад - қомат, ме‘да - шкамб** (меъда), **тавқ - манаҳ - килйак** (ҷоғ), **ҳалқ - гулун** (гулӯ); в) муродифоте, ки мафҳуми шуғл ва пешаи одамонро нишон медиҳанд: **навкар - хизматгор, ходим - чокар** (пешхизмат), **маълим-устоз** (омӯзгор), **табиб-дъхтър** (духтур), **ҳофиз//офиз-артис** (сароянда, овозхон); г) муродифоте, ки мафҳуми муносибати байни одамонро ифода кардаанд: **рафиқ-шарик** (ҷӯра, дӯст, ошно), **ҳариф-рақиб, ноз-ишва-карашма** ва ғайра; ғ) муродифоте, ки номи амалҳои ба инсон хосро ифода мекунанд: **рақс-‘усъл-арғъшт** (бозӣ, рақс), **хайрот-назър-садақа** (бахшиш), **фатво-ҳъкм (**қарор), **мъзд-ойлик** (маош), **кайф-майишат** ва ғайра; д) муродифоте, ки мафҳуми абстракти ба инсон хосро далолат мекунанд: **иқбол-толи//толе‘-саодат** (бахт), **русум-қойида-та‘омил//та‘омъл (**анъана, урфу одат), **хавос-хавотир (ташвиш, бесаранҷом), хотир-хайол-фикр-орзу-ҳавас-гъмун** (гумон, андеша), **изо-ҳайо** (шарм) ва амсоли инҳо.

2) Муродифоте, ки барои ифодаи мафҳумҳои ғайри инсон ба кор рафтаанд. Калимаҳои ин гурӯҳро аз рӯи мавзӯъ ва маъноояшон ба тариқи зайл тақсимбандӣ мекунем: а) Исмҳое, ки мафҳуми маконро ифода мекунанд: **дънйо//дуйно-‘олам** (ҷаҳон, гетӣ), **бино-иморат, манзил-хуна, қавр-гӯр-търбат, ҳайот-томарқа-боғча, хазина-ганҷина, ‘арш-фалак, мабраз-ҳаллоҷо** (ҳоҷатхона), **марқад-мазор** (гур) ва монанди инҳо.

Пӯшида нест, ки миқдори калимаҳои исмӣ дар забон нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ хеле афзалият дорад. Дар ин ҷода муродифоти гурӯҳи исм, ки бо ширкати вожаҳои арабӣ ба вуҷуд омадаанд, истисно нест. Онҳо фарогири мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти одамон мебошанд. Қатори муродифҳои исмро вобаста ба муносибаташон ба инсон ва ашёву ҳодисаҳо ба ду гурӯҳи калон тақсим мекунем: 1) муродифоте, ки мафҳумҳои ба инсон тааллуқ доштаро ифода мекунанд; 2) муродифоте, ки барои ифодаи мафҳумҳои ғайри инсон ба кор мераванд. 1) муродифоте, ки ба инсон тааллуқ доранд. Аз рӯи фарогирии мавзӯъ онҳоро ба таври зайл тасниф менамоем: а) силсилаи муродифоте, ки мафҳуми хешу таборирo ифода мекунанд: **арӯс - келӣн, ақрабо - авлод - зурйот // зирийод** (хешу табор), **аврат - айол // ийол-за‘иф-зан** (завҷа, ҳамсар), **волида - оча** (модар), **ворис - соҳибдарак - мътако - меросхур** (пуштупаноҳ), **ойила - хонавода - аҳли байт** (зану фарзандон), **сойиба - бева** (бевазан, бешавҳар) ва ғайра; б) қатори муродифоте, ки барои номгузории узвҳои бадани инсон ба кор мераванд: **қад - қомат, ме‘да - шкамб** (меъда), **тавқ - манаҳ - килйак** (ҷоғ), **ҳалқ - гулун** (гулӯ); в) калимҳои синонимии исмие, ки мафҳуми шуғл ва пешаи одамонро нишон медиҳанд: **навкар - хизматгор, ходим - чокар** (пешхизмат), **маълим-устоз** (омӯзгор), **табиб-дъхтър** (духтур), **ҳофиз//офиз-артис** (сароянда, овозхон); г) муродифоте, ки мафҳуми муносибати байни одамонро ифода кардаанд: **рафиқ-шарик** (ҷӯра, дӯст, ошно), **ҳариф-рақиб, ноз-ишва-карашма** ва ғайра; ғ) муродифоте, ки номи амалҳои ба инсон хосро ифода мекунанд: **рақс-‘усъл-арғъшт** (бозӣ, рақс), **хайрот-назър-садақа** (бахшиш), **фатво-ҳъкм (**қарор), **мъзд-ойлик** (маош), **кайф-майишат** ва ғайра; д) муродифоте, ки мафҳуми абстракти ба инсон хосро далолат мекунанд: **иқбол-толи//толе‘-саодат** (бахт), **русум-қойида-та‘омил//та‘омъл (**анъана, урфу одат), **хавос-хавотир (ташвиш, бесаранҷом), хотир-хайол-фикр-орзу-ҳавас-гъмун** (гумон, андеша), **изо-ҳайо** (шарм) ва амсоли инҳо.

2) Муродифоте, ки барои ифодаи мафҳумҳои ғайри инсон ба кор рафтаанд. Калимаҳои ин гурӯҳро аз рӯи мавзӯъ ва маъноояшон ба тариқи зайл тақсимбандӣ мекунем: а) Исмҳое, ки мафҳуми маконро ифода мекунанд: **дънйо//дуйно-‘олам** (ҷаҳон, гетӣ), **бино-иморат, манзил-хуна, қавр-гӯр-**

тербат, ҳайот-томарқа-боғча, хазина-ганҷина, ‘арш-фалак, мабраз-ҳаллоҷо (хоҷатхона), **марқад-мазор** (гур) ва монанди инҳо.

б) Исмҳое, ки мафҳуми замонро далолат мекунанд: **вахт** (вақт)-**зъмон** (замон)-**ҳин-гох//гаҳ-ғот** (вақт), **даврa-замона-ме‘од-майор//ма‘йор** (вақт), **събҳ-саҳар** (бомдод), **зъҳр-пешин** (нисфирӯзӣ); в) Исмҳое, ки барои ифодаи мафҳуми чизу чора ба кор мераванд: **мол-мълк** (дорой, чизу чора), **мол-ҳайвон, авзол//авзор** (асбобу анҷом)-**коло** (чиҳоз), **бисот-қолин-палос-гилем, айнос-солим** (тӯҳфа, мукофот ба ғолибони мусобиқа), **маhр-қалинг//бисот** (чиҳози арӯс) ва ҳоказо; г) Исмҳое, ки номи зебу зиннати занонро ифода мекунанд: **ҳалқа // hалқа // алқа - гъшвор // гушвор, ақиқ//hақиқ-дур(р)-марҷон;** ғ) Исмҳое, ки мафҳумҳои диниро далолат мекунанд: **нъмоз-‘ибодат** (тоату ибодат), **фотийа** (фотиҳа)-**ду‘о** (дуо), **ҷаннат-биҳишт, қийомат-охират-ҳашър** (растохез), **закот-‘ушр** (андоз), **ихлос-боварӣ-эмун** (имон)-**эҳтиқод** (эътиқод), **қазо-қадир -тақдир, толи//толе‘-қимат** (сарнавишт) ва ғайра; д) Исмҳое, ки номи ҳодисаҳои табиатро мефаҳмонанд: **ҳаво-осмун, hавл//авл-бух** (буғ), **раъду барқ-тъндър-чъроғак - момақилдуроқ, тамуз//тамус-гармо (гармии тоқатфарсо), шамол-бод;** е) Исмҳое, ки мафҳумҳои тиббӣ ва номи бемориҳоро мефаҳмонанд: **ҷараб-хоръш, кътър-хоришак, върам//върамб-омос** (варам), **нъхс** (нуқс)-**илат** (иллат), **оҷиз-кӯр** (нобино), **даба-чури-върам** (омоси байни пойҳо), **сақов//сақав-тутала** (лакнатдор), **саҳат-солим** (тандуруст), **фълаҷ-шал-паралич** (фалаҷи дасту пой) ва ғайра; ё) Исмҳое, ки мафҳуми либос ва матоъро ифода менамоянд: **мато//мато‘-газвор-материйал, мол-мато‘, либос-пъшок//пушок** ва ҳоказо; ж) Исмҳое, ки мафҳумҳои асотирӣ ва фавқуттабииро далолат менамоянд: **иблис-шайтун//шайтон, ифрит-дев-ҷин, сеhр-ҷоду, бало-офат-зийун-ҷундор** (мавҷудоти ба чашм ноаён) ва монанди инҳо; з) Исмҳои маънӣ: **hазл//азъл//азл-мазоқ** (мазоҳ), **васваса-иғво, дайн-исбот** (собит), **диққат-э‘тибор//эҳтибор, ихтийор**-майл (хоҳиш), **қадър-қимат-овру** (обрӯй), **макр-ҳила, махсат-ният-қаст** (қасд, ҳадаф), **хотир-йод-хийол** (хаёл), **нанг-номус-ор** (шараф) ва мисли инҳо.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар қаторҳои синонимӣ падидаи таҳаввулоти калимаҳои арабӣ, муносибати онҳо бо вожаҳои адабӣ ва лаҳҷавии тоҷикиасл ва унсурҳои луғавии забонҳои дигар инъикос ёфтааст.

б) Муродифоти сифат. Ашё, чӣ қадаре, ки зиёд бошад, аломату хусусиятҳои он ҳамон қадар меафзояд. Маҳз аломату чигунагӣ барои фарқ кунонидани ашё аз предмети дигар хизмат мекунад. Теъдоди калимаҳои арабии сифатӣ, ки дар шеваи ҷанубӣ бо вожаҳои дигар силсилаи муродифотӣ барқарор кардааст, нисбат ба исмҳо камтар бошад ҳам, дар қиёс бо дигар ҳиссаҳои нутқ зиёдтаранд. Онҳо дар робита бо муносибаташон ба ашё ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) Сифатҳое, ки хоси инсонанд. Дар силсилаҳои муродифотии ин гурӯҳ хислат, хусусиятҳои ботинии одамон, аломату чигунагӣ, намуди зоҳирии одамон инъикос ёфтааст; а) муродифоти сифат, ки хислати одамонро ифода мекунад: **аблаҳ-аҳмақ-гӯл-нодун** (гаранг, кундфаҳм), **зу‘м-йарав-йалава-гарданшах** (нофармон), **ал//аҳл-қовил//қобил-гапдъро, ахс-нахс-йаграв** (гарданшах), **бахил-ҳасус-мумсък-кънъск-зихна** (чашмгурусна), **қобил-чаққон, дун-хасис-нокас, мъҷмал-мъғамбир-танбал-гаранг** (сусткор) ва ғайра; б) Муродифоти сифат, ки дараҷаи иҷтимоӣ, аломатҳои физиологӣ ва синнусолии одамонро нишон медиҳанд: **дақ-фартут** (пири барҷомонда), **фълаҷ-шал-паралич** (фалаҷ), **кофир-гунаhкор-бедин** (ғайридин), **солим-сиҳат, дайус-нобакор, қорун-бой** (бадавлат, сарватманд), **фақир- мъскин-бечора-қашшоқ** (камбағал), **ҷалав-фоҳиша, азим-лъмб-калун** (бузург), **сағера-йатим**, **шай-саҳат-саломат** (тандуруст), **сойиба- бевазан-мъҷаррад**, **далла-мунофиқ-ғайбатчӣ-хаваркаш** ва ғайра. 2) Муродифоти сифат, ки ба ашёҳои гуногун мансубанд: **афлос//ифлос-чиркин, қахт//қарт//қаат**-камчин (ноёб), **маҳкам-пушида-баста, рост-туғрӣ, салот-вайрон-хароб** (валангор), **серун-салқин, съкут- хомуш-ором, тойир** (тоҳир)-**пок-покиза-ҳалол-тоза, ҳаръм-макру//макруҳ-нопок-касиф** (мурдор), **ҷавс** (ҷафс)-**зич** (анбуҳ), **ҷазир-хароб-вейрун** (вайрон) ва ғайра.

в) Муродифоти феъл. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ синонимҳои феъл назар ба синонимҳои исму сифат аз лиҳози миқдор зиёд нестанд ва аз ҷиҳати сохт ду хел мешаванд: 1) **Муродифоти феълҳои сода ва** 2) **Муродифоти феълҳои таркибӣ.** Феълҳо ҳамчун воҳиди ҷудогонаи лексикӣ ба маънои мустақил ва тобишҳои гуногун маъноӣ меоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми баёни фикр барои ифодаи мақсад муродифҳои феълҳои таркибӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ муродифоти феълҳои таркибӣ нисбат ба феълҳои сода зиёдтаранд. Феъли **лоф задан** дар аксари мавридҳо дар шакли **лофу қоф задан** низ дар истеъмол аст. Ин таркиби феълӣ ҳам нисбат ба шахсе гуфта мешавад, ки гӯянда нисбат ба ӯ муносибати дуруштро раво мебинад: *Ай бисёр лоф задант да(р) кучайу туй Маҳмуди* ***лоф*** *ном карден (Б.).*

Таркиби феъли **зийон доштан** ин феъл арабӣ нест, балки худи калимаи зарар арабист ба маънои зарар, осеб меоянд: **зийон//зийун** 1.Зиён, зарар, осеб; зиён **доштан** зиён (зарар) доштан: барой дъл зийун доштаст сақич (Кд.); зийон **шидан** зарар (осеб, зийон) расидан; хароҷот шудан: сево пусан, бисйор зийони зур меша-да (Хов.); 2.(Дҷ.) *мач.* касалии рӯҳӣ (асабӣ), касалии саръ: сири дъл-т-а бъгу, зийун-да фойда дора; зийон **гирифтан** ба касалии саръ гирифтор шудан. Бо калимаи

мураккаб: **зийонвара//зийунвара** зиёндор, девонаавзоъ, каси ба беморий саръ (рӯҳӣ) гирифтор шуда; он кӣ ба касалии рӯҳӣ (саръ, масрӯъ) гирифтор аст: иҳо ҳама-ш зийонвара-йан (Кд.); арус зийонвара мешава, мъло-да чълйосун менан (Вд.);

Феъли таркибии **зийорат кардан** ба маънои зиёрат, вохӯрдӣ аст: ота-въ бача ба йагдигар зийорат кадан (Куг.). Бо калимаи мураккаб: **зийоратаки** зиёраткунанда, шахсе, ки барои зиёрати маҳали табаррук ё ҷойи муқаддас (аз қабили Байтулмуқаддас, Макка, Мадина ва ғ.) меравад: ҳар руз панҷ шаш зийоратаки мераван (Лан.); зийоратакийо Ҳазрати Сълтун меран (Хов.).

Феъли таркибии **зънък/зунук гирифтан** овоз, садо; **зънък гирифтан** хомӯш шудан, овоз (садо) набаровардан; лол шудан, гап зада натавонистан: ай тарс зънък-ъм гирифтаст (Сд.); ҳамиқа ки файрод-ъш мекънъм, зънък-ъш гирифтаги, ҷавов намета (Хов.); е, зънък-т-а бъги (Кан.);

Таркиби феълии **зълм//зълъм дидан** зулм, ситам, ҷабр, озор; зълъм **дидан** ситам, ҷабр дидан: съпор-а ҳуч карда наметунъм, зълм дидам; зълъм **каан** зулм (ситам) кардан: халқ-а бисйор зълъм мекааст Мири Иноқ (фолк.).

Феъли таркибии **идат//Ɛидат доштан** муддати муайян, ки дар ин давра зани талоқшуда ҳуқуқи шавҳар кардан надорад (дар хурофот): ман ду моҳ-у даҳ руз идат доръм (Крз.).

Феъли таркибии интиҳо кардан ба маънои ғайрат кардан меояд: *Камаров хъшмева-йай, пебол мекъна,* ***интиҳо мекъна****, тушкай арасот мегира.*

Муродифҳои зарф дар шеваи ҷанубӣ бештар зимни ифодаи мафҳумҳои тарзи амал, миқдору дараҷа, макон ва замон ба кор рафтаанд. Чунончи: а) тарзи амал: **чақун-зъд-тез, мъхайар-ҳайрун-ҳаросон, хуфйа-махфӣ** (пинҳонӣ), **ҷалд//ҷалт-фавран** (оҷилан, таъҷилан) ва ғайра; б) миқдору дараҷа: **зийот//зийод-фъраймон** (фаровон), **сал(саҳл)-андак-камтар, бутън-тамоман-пурра, ‘арасот-маҳшар-бисёр-мул** ва ҳоказо; в) замон: **мъдом//мъдъм-доим-ҳамеша, ҳозир-ҳолӣ**, **събҳ-саhар-кали саhар** ва ғайра; г) макон: **ақиб//ақив-қафо-пас-пъшт-дум-дъмбол, охир-анҷом-таг//таҳ-пойин-пойин // пойун** ва ҳоказо.

Аз тавсифи мухтасари синонимҳои зарф маълум мешавад, ки ин гурӯҳи вожаҳо бо вуҷуди кам будани теъдодашон барои амиқ нишон додани аломати аломат, аломати амал ва ҳолату вазъият дар нутқи лаҳҷавӣ истифода шудаанд. Муродифот ифодакунандаи як мафҳум, як предмет буда, бо вуҷуди монандӣ ва умумияти маънӣ бо тобишҳои гуногуни маъноию услубӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, муродифоти арабии дар гӯйишҳои ҷанубӣ мавҷудбуда барои таъсирбахш гардонидани гуфтор ва ҷолиби диққат сохтани мазмуну мундариҷаи он мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ихтисорахо:

Ан.-Анҷироб	Лш.-Лангари Шоҳ
Вқ.-вахиёй-қаротегинӣ	Пп.-Поҷеи Поён
Дб.-Данғараи боло	Ққ.-Қулқулӣ
Дҷ.-Даштиҷум	Хум.-Хумдон
Ёз.-Ёзганд	Шв.-Шашволон
Лан.-Лангар	Нр.-Наврӯҳо
Қӯш.-Қушағба	Куг.-Куглик
Каҳ.-Каҳдара	Ош.-Оби Ширин
Мс.-Марғзори Сир	Мум.-Муминобод

АДАБИЁТ

1. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Луғатшиносӣ. // Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 345 с.
2. Маҳмудов М.,Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. Лаҳҷаҳои ҷанубӣ. Ҷ.1. / М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш. 1997. - 380 с.
3. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б., Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. / М. Маҳмудов ва диг. - Душанбе: Пайванд, 2014. - 942 с.
4. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. /В.С. Расторгуева. – М., 1964.– С. 143-168.
5. Сулаймонов И.О. Лексика говора горного Гиссара. //Автореф...дисс.. на соискание ученой степени кандидата филологических наук/ И.О. Сулаймонов.-Душанбе,
6. 2019.- С. 24.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷ.2. - М. 1969. – 952 с.
8. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.4.– Душанбе: Дониш, 1984.– С. 218 – 245.
9. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, Дониш, 1980. – 420 с.

УПОТРЕБЛЕНИЕ АРАБСКИХ СИНОНИМОВ В ЮЖНОМ ГОВОРЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В настоящей статье рассматривается проблема примениния арабских синонимов в южным диалектах таджикского языка, которых повтор подразделяет на определенные семантические

группы. К первой группе относятся такие слова, как варам, даллол, зик, зот, ибо, имо, ирсол, исроф, шива, шитиҳо, мазор, мамот, машқ, маъқул, қасам, қасд, қассоб и. т.д. Многочисленные слова второй группы, которые имеют специфические орфоэпические свойства, требующие от говорящего особенные артикуляционные навыки. Однако, эти слова адаптированы к местному диалектному произношению, поэтому их фонетическая структура подвергается изменению по следующим признаком: а) метатеза: дуйно-дунё; қулф- қуфл; б) ассимиляция: ахса-атса; awсун-афсун, айнос-аҷнос, лиwос-либос, ғурwат-ғурбат, қаwза-қабза;Третья группа лексемчастично или поностью изменяет свое первоначальные значение и применяется для обозначения других понятий: изолат (озабоченность, мучение) изолат (уничтожать, стерать) касофат(зловещий, злоечатный, злополучный) касофат (нечисьта, грязь, подлость, злой рок), лал (сорт крупносортного красноговинаграда), лаъл (благородныйшпинель), лоло (красивый прекрасный), лоло (яркий). Пятая группа лексем составляет основу словообразования. Арабские заимствования в диалектах адаптируются к правилам словообразования таджикского языка. Статья изложена на материале «Словарь южного говора таджикского языка».

Ключевые слова: *морфология, лексика, содержание, структура, преффикс, суффикс, таджикский язык, анализ, говор, диалект, южный диалект.*

THE USAGE OF ARABIC SYNONYMS IN THE SOUTHERN DIALECT OF TAJIK LANGUAGE

This article deals with the problem of applying Arabic synonyms in the southern dialects of Tajik language, which were divided into certain semantic groups by the repetitions. The first group of includes such words as varam, dallol, ZIK, Zot, IBO, IMO, irsol, isrof, Shiva, shitio, Mazor, mamot, mash, mA'ul, nasam, NASD, nasob, etc. There are also numerous words of the second group, which have specific orthopedic properties that require special articulation skills from the speakers. However, these words are adapted to the local dialect pronunciation, so their phonetic structure is subject to change by the following signs: a) metathesis: Duino-dune; kulf - kufl; b) assimilation: Ahsa-Atsa; awcyn-afsun, Ainos-аноспоs, liwos-libos, gypwaat-gurbat, qawza-kabza; the third groups of lexemes partially or completely change their original meaning and are used to denote other concepts: isolate (concern, torment) isolate (destroy, erase) kasofat (sinister, malicious, ill-fated) kasofat (nechista, dirt, meanness, evil fate), Lal (sort of large-grade krasnogovinagrada), Lael (noble Pinel), Lolo (beautiful), Lolo (bright). The fifth groups of lexemes is the basis of word formation. Arabic borrowing words in dialects are adapted to the rules of word formation of Tajik language. This article is based on the material "Dictionary of the southern dialect of Tajik language».

Keywords: *morphology, vocabulary, content, structure, prefix, suffix, Tajik language, analysis, idiom, dialect, southern dialect.*

Сведения об авторе:

Раджабов Абубакр Ашурович - *соискатель кафедры теория и практики языкознании Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни, тел: (+992) 989106837.*

About the author:

Rajabov Abubakr Ashurovich – *resarchers of the Department of theory and practice of linguistics of Tajik State Pedagogical Universite named after S. Aini, tel: (+992) 989106837.*

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Сафаров А.Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносӣ буда, дар таркиби назарияи забоншиносии умумӣ мавриди муҳокимаю таҳқиқ карор мегирад. Масъалаҳои марбут ба маънои забоншиносии «истилоҳ» ва «истилоҳшиносӣ» дар забоншиносии муқоисавӣ дертар дар охири асри Х1Х ибтидои асри ХХ пайдо шуд. Мафҳуми «истилоҳ» дар илм асосан дар аввалҳои асри ХХ ба вуҷуд омадааст. Аввалин тавзеҳи калимаи «истилоҳ» дар «Энциклопедический словарь» Ф.А. Брокгауза ва И.А. Ефрона зикр шудааст[5, с.75].

Забоншиносоне, ки ба таҳқиқи илмӣ дар он вақт машғул буданд, ба таҳқиқи хусусиятҳои қисмати он маҳдуд шуданд.Корҳои илмӣ бахшида баомӯзиши махсуси истилоҳот то оғози асри ХХ амалан ба назар намерасад.

Аммо таҳқиқоти олимони хориҷа, ки то замони имрӯз анҷом ёфтааст, бештар ба масъалаи истилоҳ ва истилоҳотшиносӣ, истилоҳоти алоҳида ва системаи истилоҳот ё стандартикунонии истилоҳоти алоҳида дахл дорад.

Таҳлил ва хусусиятҳои истилоҳот дар забоншиносӣ мавриди таҳқиқи олимони зиёде гаштааст. [Авербух, 1985; Виноградов, 1961; Гринёв, 1993; Герд, 1980; Даниленко, 1977,1993; Марчук,1977; Канделаки, 1977; Капанадзе, 1965; Лейчик, 1973, 1976, 1981, 1991; Лотте, 1961; Суперанская, 1989; Татаринов. 1996; Шеглов, 1995,Ҷоматов С., Назарзода С., Султонов М., Фозилов М., Шарипов Т. ва дигарон.].

Таҳқиқи истилоҳшиносон на танҳо истилоҳоти алоҳидаро таҳлил менамояд, балки ба масъалаи коркардиумумии истилоҳотшиносӣ дахл дорад. Таваҷҷӯҳи забоншиносон ба масъалаи истилоҳот тасодуфӣ набуда, ба сохтори назарии истилоҳотшиносӣ, ҳамчунин талаботи амалии истилоҳ мебошад. Яке аз масъалаи муҳими назари истилоҳшиносӣ ин муайян намудани истилоҳ аст.

Дар адабиёти илмии забоншиносӣ дар бораи муайян намудани истилоҳот маълумоти гуногун мавҷуд аст, як иддаи муаллифон дар андешаи онанд, ки таркиби истилоҳ муҳимтар аст. Соли 1959 А.А.Реформатский таркиби истилоҳотро ҳамчун ҳаммаъно будан, «аз мавқеъ берун» бо модалӣ ва экпрессӣ, хусусияти байналхалқӣ, мантиқӣ ва системанокӣ доро будани онро муайян кард. Аммо ҳамаи ин хусусиятро танҳо якчанд истилоҳот доранду халос.

Истилоҳ бояд дорои хусусиятҳои зерин: мавҷудияти тафсир, дараҷаи муҷарраднокӣ, сермаъноӣ, надоштани тобиши зудӣ ва муассир, бетарафии услубӣ, *нейтралӣ,* мантиқ ва системаи дақиқ бошад.

Талаботи асосӣ ба истилоҳ: якмаъноӣ, мунтазамӣ, мухтасарӣ аз ҷониби мактаби истилоҳшиносии С.Лотте муайян карда шудааст. Дар ҳамин мавқеъ ҷонибдорони назарияи сохторӣ – субстатсионии истилоҳ, ки ба истилоҳро ҳамчун калимаи махсус, ки аз рӯи маъно ва сохтори грамматикии умумиистеъмоли он муқобил меистад, медонанд. Ҷонибдорони назарияи функционалӣ андеша доранд, ки истилоҳ ҳамчун калимаи махсус шубҳанок аст. Исбот гардид, ки истилоҳ – ин типи воҳиди лексикӣ аст, на типи махсуси воҳиди лексикӣ. (В.Г.Гак, Б.Н. Головин, В.И. Перебийнос, В.М. Лейчик, Ф.А. Циткина, Т.Р. Кияк,Т.И. Панько). Дар тадқиқоти истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ мо ҷонибдори консепсия оид пайдоиши функционалии истилоҳ ҳастем, ки натиҷаи он донистани забон ҳамчун шаклҳои гуногуни функционалии забони адабӣ мебошад.

Яке аз нишонаҳои асосӣ ва бартаридоштаи истилоҳ инсистеманок будани он аст. Ин нишона аввалин бор дар таҳқиқоти Д.С.Лотте ба назар мерасад. Лоттеқайд мекунад,ки " ҳар як истилоҳ дорои ҷои муайян (бо тобеият бо истилоҳоти дигар) буда, дар системаи истилоҳот, ба мавқеи мафҳуми ҷавобгӯ будани он дар системаи мазкур вобаста аст" (Лотте, 1961: 14). Илова бар ин системанокӣ ҳамчун тарҳи мазмун ва ҳам тарҳи ифода намудор мешавад (системанокии беруна). Нишонаи системанокии муайянкунандаи истилоҳ дар таҳқиқоти дигар олимон низ ба назар мерасад. (Герд, 1981: 12, Реформатский, 1968: 121; Сорокалетов, 1970: 12); Суперанская, 1976: 74). В.С.Кулебакин ва А.Я.Климовитский истилоҳро ҳамчун калима ва ибора, нишонаи забон, ки бо мафҳум дар системаи дарки ин ё он соҳаи илм ва техника мувофиқ аст, муайян кардаанд. [Кулебакин, Климовицкий, 1970: 19-20].

Мувофиқати истилоҳ бо муайян намудани мафҳум якмаъноии он дар соҳаи мазкур дар назар дошта мешавад [Пумпянский, 1977: 92; Ярцева: 1970: 10]. Алалхусус, якмаъноӣ ҳамчун хусусиятҳои истилоҳ нигоҳ дошта мешавад, асосан на танҳо дар доираи истифодаи истилоҳот, ҳамчунин истилоҳи алоҳидаи илми конкрет. [Лотте, 1961:75]. Дар доираи истилоҳотшиносии мазкур ин хусусияти истилоҳ бетаъсир мегардад, дар ин ҳолат ҳам истилоҳ бештар каммаъно мешавад. Ҳамин тавр, сермаъноии байнифанӣ дар истилоҳотисоҳаи сайёҳӣ, нисбат ба дохилифанӣ миқдори зиёди истилоҳот пешниҳод мешавад.

На ҳамаи нишонаҳои истилоҳоте, ки А.А.Реформатский зикр кардааст дорои дараҷаи яксон аст. Чунин талабот, мисли абстрактнокии нисбатан калонтар ва байналмиллалӣмебошад. Дараҷаи абстрактнокӣ, умумиятро дар истилоҳотшиносӣ паст мекунад. Аммо дар истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар баробари мафҳуми муҷаррад,истилоҳоти ҷамъбастӣ, истилоҳоти бештари маъноии конкретдошта низ мавҷуд аст. Ҳар як истилоҳ умумият мекунад, аммо дараҷаи муҷарраднокӣ ва ҷамъбастӣ гуногун аст.

Хусусияти талаботи дилхоҳ ин байналхалқӣ будани истилоҳ аст. Дар истилоҳотшиносиисоҳаи сайёҳӣ ин махсусан зарур аст. Новобаста ба он, ки истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ нисбат ба истилоҳоти дигар (масалан варзишӣ) дар дараҷаи баланди стандартикунонӣ қарор дорад, истилоҳоти қадимӣ дар ин соҳа миқдоран кам бошад ҳам, вуҷуд дорад.

Дар масъалаи нишонаҳои нейтралии истилоҳҳо дар миёни забоншиносон назарҳои гуногун мавҷуд аст. Аксари забоншиносон андеша доранд, ки истилоҳҳо ҳамеша дар ҳолати нейтралӣ аст, дар сохтори маъноии он табақабандии эҳсосӣ ва экспресӣ вуҷуд надорад. (Герд, 1981: 13; Даниленко, 1971: 11). Дар рисолаи мазкур мо бештар ба андешаи он муҳаққиқоне такя мекунем, ки бовар доранд, ки истилоҳоти алоҳидаи илмӣ метавонанд маъноии маҷозӣ низ дошта бошад. Барои намуна метавон чунин истилоҳот, мисли *chattering mania, snout spasm, (руҳафтодагии хандон).*

Аксари забоншиносон ба чунин хусусияти истилоҳот – тафсирӣ будани он аҳамияти махсус медиҳанд. Масалан, В.П.Даниленко дар зери мафҳуми истилоҳ «калима ё ибораи доираи махсуси

истифода, ки номгӯи маънои махсус дорад ва тафсир талаб мекунадро мефаҳмад " (Даниленко, 1977: 15).

Маводи таҳқиқшуда, талаботи болоро дар бораи истилоҳ ба инобат гирифта, дар рафти кор ҳангоми муайян намудани истилоҳ онро ба кор мебарем. Истилоҳ – ин калима ё ибора мутобиқ ба мафҳуми мувофиқ дар сохтори дарки соҳаи муайяни фан (дар айни ҳол- сайёҳӣ),дар сохтори муносибат бо калимаҳои монанд сохтори махсуси муайяни илмиро ташкил медиҳад.

Хусусиятҳои номбаршудаи истилоҳот танҳо дар дохили сохтори истилоҳот амалӣ мешавад, дар ҳолате, ки истилоҳ хусусиятҳои тафсирӣ ва сохториашро аз даст медиҳад, хусусияти муайянкунандагиро мегирад. (мисли ифодаи образнок дар забони адабӣ) Раванди муайяншудан (гузаштани истилоҳ ба лексикаи умумиистеъмолӣ) дар бораи ҳамтаъсирии истилоҳот ва лексикаи ғайри истилоҳӣ) аз он шаҳодат медиҳад. Дар баробари*терминологизацией* роҳи ташкили истилоҳ ретерминологизация - гузаронидани истилоҳи тайёр аз як соҳа ба соҳаи дигар қисман ё мазмунан мавҷуд аст. (масалан - "дифференциал" дар математика ва "дифференциал" дар забоншиносии равоншиносӣ). Истилоҳ метавонад аз забони дигар гирифта шавад (ба ин калима дохил мешавад), ҳамчунин метавонад аз морфемаҳои забони худӣва ё элементҳои байналмиллалӣ ташкил шавад.

Ҳарчанд раванди истилоҳсозӣ дар забонҳои муқоисашаванда кайҳо объекти таҳқиқи муҳаққиқони забоншиноси ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷумла дар асоси исм (Л.Авдрейко, М.Бонелис, З.Коломиец, Ф.Циткина,), феъл (Л.Макеева, К.Семко) сифат (О.Афанасьева, А.Ерченко, Л.Дацюк), қарор дошт, аммо масъалаи таҳлили системаноки раванди истилоҳсозӣ дар доираи забони алоҳида ҳанӯз ҳалли худро пурра наёфтааст.

Масъалаи ташаккул ва инкишофи забони истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ тоҷикӣ, мушкилот ва омӯзиши он дар таърихи забоншиносии тоҷик дар як қатор корҳои тадқиқотӣ,ки махсус ба таҳқиқи истилоҳоти забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, равшан мегардад. Дар маҷмуъ таърихи ташаккул ва инкишофи истилоҳоти забони тоҷикӣ ва таърихи забоншиносии тоҷик ба тариқи зайл намудор мегардад.

Аввалин кӯшиши коркарди истилоҳоти илмӣ дар асоси махсусгардонидани калима, иваз намудани калимаҳои арабӣ ба истилоҳи тоҷикӣ ба олими маъруфи асримиёнагӣ Абуалӣ Ибни Сино тааллуқ дорад. Абуалӣ Ибни Сино ин корро дар китоби «Донишнома»-и хеш ва бештар аз 20 офаридаҳои илмиаш, ки бо забони тоҷикӣ иншо намуда буд, анҷом додаст.

Саҳми арзишмандеро дар инкишофи илм, истилоҳоти илмӣ ва техникӣолими барҷастаи тоҷик Абурайҳони Берунӣ гузоштааст. Лексикаи соҳаи гуногуни ҳунармандӣ (профессионализм) дар «Сафарнома»-и Носири Хисрав , «Таърихи Бухоро»-и А. Наршахӣ ва фарҳангҳои зиёди тафсирӣ зикр шудааст. Ин луғатҳо дар инкишофи минбаъдаи лексикографияи забони тоҷикӣ, «Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ)» нисбат ба луғатҳои пешин нақши боризе гузоштаанд. Аҳамияти бузурги ин луғатҳо дар истилоҳотшиносии асбобҳои техникӣ, ки дар қатори калимаҳои серистеъмол истифода шудан ва инъикоси худро ёфтани калимаҳои камистеъмол ва ё архаистӣ мебошад. Дар луғат бештар историзмҳо, маънои луғавӣ ва лексики калимаҳо ба назар мерасад. Луғат бойтарин манобеъ на танҳо барои истилоҳоти техники солҳои гузашта,балки барои калимаҳои иқтибосии аз таркиби забони арабӣ, туркӣ, чинӣ ва забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ гузашта низ мебошад.

Истилоҳоти асбобҳои техникӣ, омӯзиши он, таҳқиқоти илмӣ инъикоси худро асосан дар адабиёти махсус ёфтаанд. Асосгузори ин таҳқиқот С. Иброҳимова мебошад. С.Иброҳимова лексикаи касбии лаҳҷаи Фарғона, ки хоси забони тоҷикӣ аст ва дар забоншиносии тоҷик аҳамият дорад, таҳқиқ намуд.Муаллифи лексикаи ҳунармандӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни тоҷикзабон - Хуҷанд, Чуст, Бухоро Самарқанд истифода мешавад таҳлил намуд. Маълумот дар бораи лексикаи ҳунармандӣ ва лексикаи касбӣ ҳамчунин дар таҳқиқоти А.Н.Шаропов, Т.Ҷураев, С.Усманов, Н. Ш. Абдуллоева, М.Д. Истамова ва дигарон ба назар мерасад. Дар ин рисола объекти таҳқиқ истилоҳоти асбобҳои техникӣ ва фанҳои умумитехникии забони тоҷикӣ қарор дода шудааст (1985).

Ҷанбаи муҳими истилоҳоти ҳозиразамон таҳқиқи муқоисавӣ- типологӣ мебошад. Ин самти таҳқиқоти истилоҳот бахусус солҳои охир хеле инкишоф ёфтааст.Дар рисолаҳои Мамадрасулов Т.С. Толибӣ тарҳи муқоисавӣ- таърихӣ мақсади таҳқиқ лексикаи астрономии забони тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Истилоҳоти соҳаи сохтмон объекти таҳқиқи М.М.Бекмурадов гардид. Истилоҳоти соҳаи обёрӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷониби С.Ҷоматов мавриди пажуҳиш қарор ёфт. Истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор ёфт. Миқдори истилоҳоти муқоисавшавандаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар кори таҳқиқоти Т.Тағоева мавриди таҳқиқ қарор гирифт.З.Мирзоева истилоҳоти варзишӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Истилоҳоти соҳаи бонк дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби муҳаққиқ М.Валиева мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дошт. Лексикаи демографӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар рисолаи И.Дадаҷонова ҳамаҷониба ҳалли худро ёфтааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳамчунин як қатор таҳқиқоти дигар, ки ба хусусияти таҳлили муқоисавии истилоҳоти

забони тоҷикӣ бо русӣ (М.К.Каримбаев, Л.Т. Рузиев ва диг.), олимонӣ (Т.Ғаффоров) ва забонҳои дигар бахшида шудаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар забоншиносии тоҷик, рус, англисӣ аз нуқтаи назари забоншиносӣ чандон таҳқиқ нашудааст.

Аввалин коркардҳо дар омӯзиши истилоҳоти англисии сайёҳӣ дар забоншиносии русӣ ва англисӣ пайдо шуданд. Аз нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX аввалин луғатҳои гуногун (якзабона, дузабона, тафсирӣ), ки ба лексикаи сайёҳӣ бахшида шудаанд, ба вуҷуд омад.

Дар давраи бозсозӣ талабот ба луғатҳо афзуд, зеро муносибатҳои хориҷӣ афзуд, нофаҳмиҳо зиёд буд, аз ин рӯ талабот ба шарҳи он бештар шуд.Одамон бештар ба соҳибкорӣ машғул мешуданд, аз ин рӯ донистани истилоҳоти ҳар соҳа зарур гардид. Дар ин давра нашри луғатҳо бештар гардид, то мардум ҳамқадами замон бошанд.

Дар солҳои 80-ум аввалин таҳқиқоти забоншиносӣ, ки ба истилоҳоти сайёҳӣ дахл дорад, пайдо шуд, аз ҷумла мақолаи О.В.Стельмак «К вопросу о терминологии» ва дигар.

Дар соли 1996 мақолаи М.В.Воронцова «Синтаксический способ образования терминов», ба табъ расид, дар ин мақола муҳаққиқ хусусиятҳои сохтории лексикаи истилоҳоти сайёҳӣ зиёд будани ибораҳо, ки бештар типи «муайянкунанда+муайяншаванда»-ро доранд, муайян намудаст. Истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ бо истилоҳоти соҳаҳои дигар дар муқоиса омӯхта мешавад.

Хулоса бояд гуфт, ки инқилоби илмӣ- техникӣ дар олами муосир ба фаъолнокии раванди ахборотӣ- коммуникативӣ, инкишофи зиёди истилоҳот дар соҳаҳои гуногун дар забони миллӣ ба вуҷуд овард. Ин раванд номи «Таркиши истилоҳот»-ро гирифт Ин нишон дод, ки дар забони адабии тоҷик ҳолатҳои ногувори истилоҳот дар соҳаҳои гуногуни илм ба вуҷуд омад, ки ба ин пайдоиши маъноҳои зиёд ё истилоҳоти номунтазам, аз рӯи сохтори маъноиву грамматикии мураккаб сабаб шуд.

АДАБИЁТ

1. Арнольд И.В. Семантическая структура слова в современном английском языке и методика ее исследования (на материале имени существительного). - Л., 1966. -286с.
2. Арутюнова Н.Д. О понятии системы словообразования. //Науч. докл. Высшейшк.Филол. науки.-1960. -№ 2. -С. 24-31
3. Байзоев А.М. Язык «Донишнома» Абуали ибн Сино (терминология и словообразование): Автореф.канд.филол. наук.-Душанбе, 1992. -24 с.
4. Бархударов Л.С. О значении и задачах исследований в области терминологии // Лингвистические проблемы научно- технической терминологии. – М.:Наука., 1970. –С. 7-10.
5. Бархударов Л.С. Штелинг Д. А. Грамматика английского языка.– М.:Высш. шк., 1973. – 423 с.
6. Бекмуродов М. М. Лексико-семантический и структурный анализ строительной терминологии (на материале таджикского и английского языков): Автореф. дис. канд. филол. наук. –Душанбе, 2002. – 23 с.
7. Бердиева Т. Назарияи иқтибос (Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ). - Душанбе, 1991.-128 с.
8. Бондарко А. В. Функциональная грамматика. - Л., 1984. - 136с.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТЕРМИНОЛОГИИ И ТЕРМИНОЛОГИИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена изучению терминологии и терминологии в современном таджикском литературном языке. Изучение терминологии и терминологии - одна из важнейших задач лингвистики, которая обсуждается и изучается в рамках теории общего языкознания. В своей статье автор исследует терминологию и терминологию современного таджикского литературного языка на основе достоверных источников. Внимание лингвистов к вопросу терминологии не случайно, а к теоретической структуре терминологии, а также к практическим требованиям, предъявляемым к термину. Одним из наиболее важных вопросов терминологии является определение терминологии. Термин или слово используется в определенной оси науки и техники. Лингвисты относят изучение терминологии и терминологии к XIX веку, и этот важный вопрос между лингвистами и терминологоми все еще глубоко изучается.

Ключевые слова: *терминология, слово, фраза, проблема, наука, лингвистика, лингвисты, источник, задача, настоящее, век, исследование, применение, система, семантика, значение, структура, понятие, современный таджикский литературный язык, научно-технический, современный мир, активность информационно-коммуникационного процесса, развитие терминологии в различных областях, национальный язык.*

FORMATION AND DEVELOPMENT OF TERMINOLOGY AND TERMINOLOGY IN THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

This article deals with the study of terminology and terminology in modern Tajik literary language. The study of terminology and terminology is one of the most important tasks of linguistics and is discussed and

studied as part of the theory of general linguistics. In his article, the author researches the terminology and terminology of the modern Tajik literary language on the basis of reliable sources. Linguists' attention to the issue of terminology is not accidental, but to the theoretical structure of terminology, as well as the practical requirements of the term. One of the most important issues in terminology is the definition of terminology. The term or word is used in a certain axis of science and technology. Linguists date the study of terminology and terminology to the nineteenth century, and this important issue between linguists and terminologists is still being studied in depth.

Keywords: *terminology, word, phrase, problem, science, linguistics, terminology, linguists, source, task, present, century, research, application, system, semantics, meaning, structure, concept, modern Tajik literary language, scientific and technical, the modern world, the activity of the information and communication process, development, terminology in various fields, the national language.*

Сведение об авторе:

Сафаров Аскарджон Шарифович – *соискатель кафедрой языкознания и сравнительной типологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 985792227 Электронная почта: safarov88@mail.ru*

About the author:

Safarov Askar *– an applicant of the Department of linguistics and comparative typology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 985792227 E – mail: safarov88@mail.ru.*

ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ ОМОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Сидикова Г.Н.

Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции

Новая полоса изысканий в области изучения омонимии все более четко проявляется в тенденции исследования обширного языкового контекста, в котором находят выражение омонимичные отношения между лексическими единицами. Данная тема представляет особую актуальность, так как объектом лексикологического исследования становятся связи единиц в области морфологии, лексики, синтаксиса. В современной науке особую остроту приобретает тема изучения омонимичных отношений единиц на разных языковых уровнях, которая обладает своими целями и задачами, своими приемами анализа материала. Особенно отчетливо эти тенденции раскрываются себя в исследованиях ученых Таджикистана на примере таджикского языка, имеющие для нас первостепенное значение и непосредственно направленные на решение, поставленных нами задач.

Прежде чем приступать к тщательной изучении омонимии в таджикском языке, надо отмечать, что в современной таджикской лингвистике омонимы лучше всего надо классифицируют по следующим критериям, как это сделал профессор Ш.А. Рустамов [1; 2], вносящий определенный вклад в исследование вопросов особенностей омонимов: а). по лексико-грамматическими признаками, по которыми выделяют лексические, грамматические, лексико-грамматические омонимы; б). по степени омонимичности лексические омонимы разделяют на полные (абсолютные) и неполные (частные); в) по словообразовании (ранее называли морфологичные) строением в составе лексических выделяют, которые в свою очередь бывают: простые (корневые, непроизводные) и производные (словообразовательные); г) по происхождению лексические омонимы, которые разделяются на: гомогенные и гетерогенные.

Поэтому, когда в таджикском языке также мы выделяем по лексико-грамматическим признакам выделяются такие группы омонимов, как лексические, словообразовательные, морфологиские и синтаксические, то в зависимости от степени омонимичности лексические омонимы делятся на полные, совпадающие во всех грамматических формах, и неполные, частичные. В составе неполных омонимов в таджикском языке тоже выделяются омофоны, омоформы и омографы. Омоформы - разные по значению слова, одинаковое звучание которых возникает только в отдельных грамматических формах. Омофоны - слова, разные по значению и написанием, но одинаковые по звучанию, а омографы — это слова, одинаковые по написанию, но разные по звучанию, отличаются ударением. [3, с.44-45].

В этом-то и есть важность выделения омографов, как орфографический тип омонимов, которые образуют слова, одинаковые по написанию, но различные по звучанию (разная позиция ударения как в лексических омонимов, так и в формах одного и того же слова), а омофоны появляются в таких случаях, когда имеющиеся несоответствия с правописанием, а в случае выделения по словообразовательной строением омонимы делятся на простые (корневые, непроизводные) и производные (словообразовательные). Простыми омонимами есть такие слова, одинаковое звучание

Министр культуры информации и туризма Азамат Жаманкулов заявил 17 июля 2019 года на XXI ежегодной центральноазиатской конференции СМИ, что стремительная трансформация информационных ресурсов, доступный интернет и смартфоны видоизменяют медиа и в Кыргызстане. Он считает, что при этом общество стало самостоятельным медиа, столкнувшись с массой проблем. «Вырос уровень медиа безграмотности, повысилась опасность фейковых новостей, когда людям сложно определить точность источника, и отделить его от фейка» – отметил министр Жаманкулов, добавив, что Кыргызстан всегда соблюдал плюрализм СМИ, и на данный момент нет никаких ограничений по открытию информационных ресурсов. Это подтверждают мировые рейтинги. Вопросы журналистики меняют мнение общественности, и у нас нет закрытых тем, которые не освещаются в СМИ, высказался министр. Жаманкулов также рассказал о тревожных тенденциях, физического насилия и вербальной атаки, психологического давления по отношению к журналистам которые расследуют актуальные темы, связанные с коррупцией. Однако, он считает, что из-за слабого развития рынка рекламы журналистика в Кыргызстане развивается менее активно, чем хотелось бы [1].

Нам в этой связи интересны два нюанса. Первый из них, связан с рынком рекламы. Мы видим указание на коммерциализацию в подаче информации, поскольку присутствует ориентир на брендовые продаваемые новости, с другой стороны, упоминается только коррупция. Особый интерес вызывает соображение министра о необходимости обсуждать и устранять некоторые темы. Что под этим имелось в виду? Обсуждение и устранения источника, или устранение факта обсуждения этой информации? Закрытых тем в сегодняшнем Кыргызстане действительно практически нет, есть вопросы, которые поднимать крайне нежелательно. Именно с ними связаны упомянутые министром «атаки». Представители информационного поля, не только журналисты, вынуждены считаться не только с возможностью силового воздействия, но и с прессингом со стороны организаций, не готовых к критике своих моделей поведения и оценочных позиций. Некоторые блоки информации откровенно табуированные самим государственным аппаратом, как не вписывающиеся в социальную ментальность.

Иллюстративно Мы предлагаем обратиться к материалу «Иски и опровержения. Почему власти судятся со СМИ в Кыргызстане», опубликованные интернет-порталом Kloop. Настоящая статья не предполагает подробного анализа конкретной проблемы, поэтому мы ограничимся достаточно кратким перечнем вопросов. Так, например, в начале марта семнадцатого года генпрокуратура защищая честь и достоинство тогда действующего президента А. Атамбаева обвинила онлайн-издания «Заноза» и «Азаттык» (филиал «Радио Свобода») в распространении ложной информации. «ЗанозЕ» изначально грозил штраф в размере 6 млн. сомов, у «Азаттыка» требовали 20 млн. Директор с кем-то ситуацию обсудил во время своего визита в Кыргызстан и личной встречи с президентом. Генпрокуратура подавала ещё три иска против «Занозы» (которая впоследствии сменила название на Кактус-Медиа) и соучредителей Дины Масловой и Нарына Айыпа. По одному из исков также проходила ответчицей правозащитница и экс-депутат Чолпон Джакупова, которая публично раскритиковала президента. Они проиграли Генпрокуратуре во всех судах различных инстанций, и несут обязательства выплатить президенту более 30 млн. сомов. Президент заявлял, что никогда не простит занозу и не отзовет иски, поскольку, по его мнению, подобное событие должно было стать уроком для всех журналистов, занимающихся критикой представителей власти.

Еще одно громкое дело, связанное с закрытием телеканала «Сентябрь», которых обвинили в распространении и призывах к национальной и религиозной нетерпимости, в итоге вышло постановление о закрытии телеканала. Он прекратил свою деятельность, однако, вскоре был переименован и под названием «Жалбырак» продолжил вещание в интернете. Телеканал был связан с Омурбеком Текебаевым – главным оппонентом А. Атамбаева, которого осудили по статьям

связанным с коррупцией на восемь лет лишения свободы. Вмешательство омбудсмена Кубата Оторбаева, назвавшего решение суда чрезвычайно суровым, не привело к изменению приговора.

Государственная регистрационная служба объявила о том, чтобы подать в суд на редакцию KLOOP из-за журналистского расследования о системе «Самара». Журналисты доказали, что на сервере ГРС в течение месяца содержался негосударственный сайт samara.kg, хранящий информацию о личных данных избирателей. В ГРС расследование и приведённые в нём факты назвали догадками и иллюзиями, а редакция заявление ГРС расценила как попытку давления на независимые СМИ с целью отвода внимания от преступлении. На момент публикации данного материала официальный иск подан не был.

Похожая ситуация сложилась в ряде других случаев. Правозащитная организация Freedom House полагает, что власти препятствуют развитию демократии в стране, подавая в суд на журналистов: «Кыргызское государство прямо атакует институты, которые обязательны для развития демократии в государстве» цитируют Freedom House. Правозащитная организация настаивает на том, чтобы власти страны прекратили преследование независимых СМИ и правозащитников, которые выражают различные от властей мнения, об этом сообщил директор программы Freedom House в Европе и в Азии Марк Берендт.

В общем-то, и сам тогда еще, будучи президентом, Алмазбек Атамбаев в своём последнем обращении к гражданам заявил, что увеличение источника информации породило безответственность, посчитав, что СМИ стали распространять ложную информацию затрагивающую честь, достоинство и деловую репутацию людей.

Там же публикуются материалы и об иске нынешнего главы государства С. Жээнбекова против информационного агентства 24.Kg. Речь в очередной раз идёт о миллионных исках на фоне сходных, по сути своей, обвинений. Подобная история случилась и с экс-депутатом Кабаем Карабековым. Во время предвыборной гонки в своей статье Карабеков упомянул о связях братьев Жээнбековых с радикальными арабскими организациями. Жээнбеков опротестовал статью, суд признал слова о его братьях не соответствующими действительности, порочащими его честь, достоинство и деловую репутацию, посчитав, что издание и автор материала должны выплатить по 5 млн. сомов в качестве компенсации морального вреда.

Сюда же можно отнести и события апреля пятнадцатого года, связанные с подачей Генпрокуратуры в суд на журналиста Дайырбека Арбекова. Суд обязал Арбекова выплатить А. Атамбаеву 2 млн. сомов. В июле семнадцатого года начался процесс против журналиста газеты «Учур» Зулпукара Сапонова. его обвинили в разжигании межнациональной розни из-за публикации книги «Кыдыр Санжырасы». В ДУМК заявили, что книга оскорбляет духовные ценности мусульман. Журналиста приговорили к 4 годам лишения свободы, омбудсмен Кубат Оторбаев назвал приговор суда в отношении Сапонова «возвратом к инквизиции», и суд пересмотреть свое решение в отношении журналиста. В итоге Бишкекский городской суд пересмотрел приговор журналисту и сократил срок с 4 лет заключения до 2 лет условно [2].

Примеры можно продолжать до бесконечности, их довольно много, и мы остановили свое внимание только на самых эпатажных, затронувших сравнительно большое количество материалов в СМИ, и вызвавших наиболее активную реакцию со стороны комментаторов. Говоря о цензуре в СМИ, следует добавить ещё два очень важных соображения – первое из них заключается в том, что на сегодняшний день публикуемые материалы чрезвычайно сильно зависят от конъюнктуры конкретного временного отрезка, и рекомендуемая реакции на происходящие события, таким образом, либо изначально предполагают заданный вектор оценочных позиций, либо от оценки происходящего. Всегда ли такая подробность идет исключительно на пользу восприятию материала? На наш взгляд, куда более важной является низкая профессиональная подготовка корреспондентского звена. К сожалению, на сегодняшний день процесс обучения дисциплинам гуманитарного и общественно исторического цикла в кыргызстанских школах и учреждениях высшего образовательного звена чрезвычайно плох, и служит как количественный параметр отводимых в учебных планах часов. Так и качественное содержание учебных программ оставляют желать лучшего. В результате, выпускники кафедры журналистики, там, где заведующие кафедрой своевременно не озаботились указанными проблемами, и не предприняли разовые хотя бы шаги по ликвидации наметившихся недостатков, имеют чрезвычайно слабую общественно-политическую подготовку, и практически не в состоянии пользоваться качественным терминологическим материалом. Очень часто бытовое определение слов, являющихся политологическими терминами, в репортажах используются в качестве приоритетных. Конечно, не будем забывать о модном ныне в журналистике веянии «популяризации науки», однако, не стоит забывать о том, что «желтая пресса» и новостные и аналитические СМИ имеют разные цели и функции, соответственно, и аудиторию [3, с.104-113].

Таким образом, на сегодняшний день можно с уверенностью говорить, что методологический контент подаваемых репортажей чрезвычайно слаб. Всё это ставит на повестку дня не только вопрос о повышении качества уровня образовательной деятельности в процессе подготовки специалистов журналистов, но и вынуждает не согласиться с уровнем качества подаваемых аналитических материалов. Часто в ходе аналитики предлагается позиция заказного характера, когда идущий на поводу личностных амбиций автор должен увязывать подаваемые материалы с общепринятой теоретической и методологической базой социально - политического общественного состояния.

Приведенные примеры – прекрасная иллюстрация для утверждения нелогичности простого механического переноса, сформированного в некой культурной среде феномена в общество с другой ментальностью. На наш взгляд, именно последняя, определяя фактор и тип легитимности власти конкретного государства, сформированный исторически, ложится в основу реально функционирующего политического режима.

ЛИТЕРАТУРА

1. «Власти Кыргызстана со своей стороны прекрасно осознают почему СМИ с их точки зрения развиваются плохо» https://kaktus.media/394645 [22.08.2019 10:30]
2. «Иски и опровержения. Почему власти судятся со СМИ в Кыргызстане» https://kloop.kg/blog/2017/11/07/iski-i-oproverzheniya-pochemu-vlasti-sudyatsya-so-smi-v-kyrgyzstane/ [20.08.2019 10:47]
3. Алексеев Д.В. Связи в диаде «политический дискурс – общественно-политические СМИ»: функционирование и значение /PolitBook – 2015 -2, 2015. С. 104-113
4. Космодемьянская К.В. Власть и СМИ: взаимодействие или противостояние? / Теория и практика общественного развития №4, 2014. С.176-179
5. СМИ Кыргызстанастановятся все больше похожи на четвертую власть http://www.region.kg/index.php?option=com_content&view=article&id=96:2011-01-24-12-15-16&catid=5:obshestvo&Itemid=6 [06.08.2019 10:30]

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКИХ СМИ В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ И ИХ ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ С ВЛАСТНЫМИ СТРУКТУРАМИ

В статье авторами рассматривается современное взаимодействие СМИ с политической властью в Кыргызстане, анализируются функции и значение института СМИ в современном Кыргызстане за последние 10 лет. Авторами статьи анализировано место СМИ их взаимодействие с властными структурами, а также определено их функции как своего рода, аудитора, предлагающего обществу отчет о действиях властидержателей. Кроме того, в статье исследованы традиции СМИ в разные годы существования власти. В статье основное внимание уделено принципам сакрализации власти, и оно предполагает наделение правителя рядом надличностных черт метафизического характера. В этом плане авторы статьи показали роль и место лидера в структуре власти и их взаимодействие со СМИ. Детально анализированы материалы СМИ на примере Киргизии на современном этапе развития.

Ключевые слова: *СМИ Кыргызстана, «четвертая власть», политическая власть, ресурсы власти*

THE CURRENT STATE OF SOCIO-POLITICAL MEDIA IN THE KYRGYZ REPUBLIC AND THEIR INTERACTION WITH AUTHORITIES

The article considers the modern interaction of the media with the political power in Kyrgyzstan, analyzes the functions and importance of the media Institute in modern Kyrgyzstan over the past 10 years. The authors of the article analyzed the place of mass media and their interaction with power structures, as well as defined their functions as a kind of auditor, offering the public a report on the actions of power holders. In addition, the article examines the traditions of the media in different years of existence of the government. The article focuses on the principles of the sacralisation of power, and it involves the endowment of the ruler with a number of transpersonal traits of a metaphysical nature. In this regard, the authors of the article showed the role and place of the leader in the power structure and their interaction with the media. Media materials on the example of Kyrgyzstan at the present stage of development are analyzed in detail.

Keywords*: Kyrgyz media, fourth power, political power, power resources*

Сведения об авторах:

Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой печатных СМИ и PR Российско – Таджикский (Славянский) университет Ул. М. Турсунзаде 30, 734025, Душанбе Республика Таджикистан Тел: (+992 44)6204206 Электронный почта mulloev_sharif@mail.ru*

Панков Виталий Вячеславович - *кандидат педагогических наук, доцент. Кыргызско-Российский Славянский Университет г. Бишкек, Кыргызская Республика. Ул. Абая 2а,*

кв.8, Первомайский район. Тел: +996 550 712 783 Электронный почта: pankov-vitaliy72@yandex.ru

Балашова Ирина Геннадьевна - *Ст. преподаватель кафедры ЮНЕСКО по изучению мировой культуры и религий Кыргызско-Российский Славянский Университет, г. Бишкек, Кыргызская Республика.Ул. Абая 2а, кв.8, Первомайский район. Тел: +996 556058085 Электронный почта: bagira_mia@rambler.ru*

About the authors:

Mulloev Sharif Bokievich *- doctor of Philology, Professor, head of the Department of print media and PR Russian-Tajik (Slavic) University Str. M. Tursunzade 30, 734025, Dushanbe Republic of Tajikistan Tel: (+992 44)6204206 E – mail: mulloev_sharif@mail.ru*

Pankov Vitaly V., *- candidate of pedagogical Sciences, associate Professor. Kyrgyz-Russian Slavic University Bishkek, Kyrgyz Republic. Abay street 2A, sq. 8, Pervomaisky district. Tel: +996550712783 E – mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru*

Irina G. *- Balashova Senior lecturer, UNESCO chair for the study of world culture and religions, Kyrgyz-Russian Slavic University, Bishkek, Kyrgyz Republic.Abay street 2A, sq. 8, Pervomaisky district. Tel: +996556058085 E – mail: bagira_mia@rambler.ru*

НИГОҲЕ БА ТАҲЛИЛҲОИ МУҚОИСАВӢ-ТАЪРИХИИ ОСОРИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА ВИЛЯМ ШЕКСПИР

Шозиёева Г.П.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Боиси зикр аст, ки таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихӣ масъалаҳои зиёдро аз даврaҳои асотирӣ (мифологӣ) то жанрҳои гуногуни навтаринро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Дар ин замина бояд қайд кард, ки омӯхтани онҳо кори саҳлу осон нест ва барои таҳлилу таҳқиқи онҳо пеш аз ҳама равобити фарҳангӣ-адабиро пурра омӯхт.

Таърих гувоҳ медиҳад, ки равобити фарҳангӣ-адабиро тарҷумаи сарчашмаҳо ва китобҳои аслӣ ташкил медиҳанд. Тарҷумаи бадеӣ аз муҳимтарин омили ҳамкориҳои маънавӣ-эстетикӣ маҳсуб ёфта, дар умқи таърих, тамаддун, фарҳанг ва адабиёти ҳар миллату халқ ва умуман инсониятро ташаккул додааст.

Роҷеъ ба равобити фарҳангӣ-адабии форсии тоҷикӣ ва англис, ки баъдтар меҳвари асосии он таҳлили муқоисавӣ-таърихии осори классикони бузург мегардад, назарҳои амиқу дақиқи илмӣ дар мақолаи мазкур баррасӣ шудаанд. Дарвоқеъ зимни мутолиаи ҷиддӣ ва таҳлилҳои илмии муқоисавӣ-таърихӣ миёни осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир ҳамгуниҳои бисёрро метавонем дарк намуд, ки фоҷеаҳои Вилям Шекспир аз 50 достони «Шоҳнома» ба 21 достони он бо ҷиҳатҳои маъноии худ шабоҳат доранд.

Дар ин бора шарқшиноси шӯравии рус Е.Э. Бертелс мақолаи худ зери унвони «Фирдавсӣ ва осори ӯ» чунин андешаронӣ намудааст: «Мо дар бораи Баҳром Гур, ки симои аслии осори Фирдавсӣ аст ва аҳли башарро мафтун намудааст, таҳлилҳои мухталиф дорем. Зимни масъалаи мазкур ҳолатеро бояд таҳлил намуд, ки дар он Баҳром Чубин бар зидди роҳбари худ муборизa бурдааст. Бо барҷаста нишон додани мафҳуми мазкур беихтиёр фоҷиаҳои Шекспир ба ёд меоянд. Сарнавишти Баҳром ба сарнавишти даҳшатбори қаҳрамони шотландии Шекспир Макбет басо ҳам монанд аст» [3, с. 108].

Гуфтаҳои дар боло зикршудаи шарқшинос ва донишманди рус Е.Э. Бертелс собит месозанд, ки осори арзишманди нобиғаи Ғарб Вилям Шекспир ба осори Абулқосим Фирдавсӣ ҳамгунии зиёд дорад.

Бинобар ин даврaҳои таърихӣ ва фарҳангии Шарқ ҳама вақт дар маркази диққати муҳаққиқон ва донишмандони Ғарб қарор ёфта буд. Ҳарчанд илми шарқшиносӣ дар Аврупо дар асри XVIII ташаккул ёфта бошад ҳам, чандин аср пеш (асри XIII) илму фарҳанг ва адабиёти Шарқ, ба вижа адабиёти форсии тоҷикӣ тавассути сайёҳон ба муҳаққиқон ва донишмандони аврупоӣ шиносонида мешуд ва бозёфтҳои зиёдро рӯи кор овард.

Дар ин бора донишманд ва шарқшиноси олмонӣ А. Ҳейзер, ки дар таҳқиқи осори бузургони форсии тоҷикӣ ва шуҳрати онҳо дар Аврупо саҳми бузург гузоштааст, дар китоби худ «Тоҷи заррин» навиштааст: «Дар мавриди ҳастии таърихии миллати тоҷик ва сарзамини он, аҳолии манотиқи мазбур аврупоиён на дар асрҳои нуздаҳу бист, балки хеле барвақт иттилоъ пайдо намуда буданд. Барои он ки тавассути хоки ин сарзамин бузургтарин роҳҳои тиҷоратии таърихии Шарқ ба Ғарб, аз ҷумла шоҳроҳи Абрешим мегузашт» [8, с. 11].

Пас гуфтан месазад, ки андешаи донишманди олмонӣ оид ба равобити гуногунҷабҳаи таърихӣ байни халқи форсу тоҷик ва аврупоиён ба куҳнатарин ва бузургтарин шоҳроҳи

ҷаҳон «Роҳи Абрешим» (асрҳои IV-VII нуфузи баландтарини робитаҳои адабӣ – Ш.Г.) баробар аст.

Масъалаи мазкур то ҳол мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст. Бо нишон додани ҳамгунии осори офаридаи онҳо тариқи таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ метавон таъсирпазириро низ баррасӣ кард, зеро Вилям Шекспир 600 сол пас аз Абулқосим Фирдавсӣ зиндагӣ намуда, тавонистааст аз «Шоҳнома»-и ӯ огоҳӣ пайдо намояд.

Нусхаи қадимтарини «Шоҳнома», ки то замони мо маҳфуз мондааст, дастхати китобхонаи Флоренсия мебошад, ки соли 614 ҳ.қ. китобат шудааст. Дастхати мазкур соли 1978 аз ҷониби шарқшиноси маъруфи итолиёвӣ Анҷело Миколо Пиёнмонтезе (Angello Michel Piemontese) дар миёни китобҳои дигари нодире, ки дар Италия, ба хусус дар Ғарб омӯхта нашудааст, дастрас гардида, ба маърази на танҳо олимону донишмандони ҷаҳонӣ, балки доираи калони хонандагон гузошта шуд [5, с. 256].

Дастхати мазкур аз ду қисмати ҷудогона иборат буда, дар қисми аввали он замони ҳукмронии Кайхусрав шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин дастхат аз 714 расми рангдор таркиб ёфтааст ва то ҳол дар ҳолати пешинаи худ маҳфуз аст. Дастхати қадимаи «Шоҳнома»-и китобхонаи Флоренсия дар тӯли ҳазорсолаҳо ба вазъи гуногуни сиёсии таърихӣ нигоҳ накарда, маҳфуз мондааст.

Ба ғайр аз ин дастхати дигари қадимаи ҷаҳонӣ дар китобхонаи британиёии Лондон маҳфуз аст, ки ба соли 675 ҳ.қ. (61 сол пас аз дастхати Флоренсия) рост меояд [4, с. 17].

Дастхати мазкур ба хатти насх (навъи хатти арабиасос) навишта шуда, расм, санаи нусхабардорӣ ва хаттотии он маълум нест. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Холиқи Мутлақ «нусхаи Флоренсия ҳарчанд қадимтар ҳисобида шавад ҳам, лекин таваҷҷӯҳи олимон ва донишмандони ҷаҳон ба дастхати маҳфузшудаи китобхонаи британиёии Лондон бештар аст» [6, с. 257].

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби донишмандон ва шарқшиносони бузурги рус низ мавриди пажӯҳиши дақиқ қарор дода шудааст. Барҳақ асарҳои ҷовидонаи ҷаҳониро, ки пас аз ин асари ҷовидона офарида шудаанд, метавон ба шаклҳои гуногуни муқоисавӣ таҳқиқ намуд. Шарқшиноси маъруфи рус К.И. Чайкин дар асари худ «Шарқ» («Восток») дар фасли алоҳида бо номи «Фирдавсӣ» асари ӯро пояи асосӣ ва сарчашмаи асарҳои таърихӣ ва миллии ҷаҳон меҳисобад. Ӯ роҷеъ ба ин масъала чунин андешаронӣ намудааст: «Дар маҷмӯъ «Шоҳнома» асари бемисл дар таърихи адабиёти ҳамосии ҷаҳонӣ буда, тамоми нуктаҳои таърихии миллӣ ва давлатиро аз антиқа то миёнаи асри VII дар бар мегирад. Бинобар ин давраи дурударози инъикосёфтаи таърих дар «Шоҳнома»-и безавол бо қисматҳои худ ҳарчанде, ки он қисматҳои як давраи таърихиро дар бар мегирад, муқоиса карда метавонад» [7, с. 85].

Зимни таҳлилҳои илмӣ маълум гардид, ки асарҳои бисёри ҷовидонии ҷаҳонӣ аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ сарчашма гирифтаанд. Дар ин радиф осори Вилям Шекспир исботи ин гуфтаҳоянд, зеро ӯ маҳз мисли «Шоҳнома»-и безавол мавзӯъҳои фоҷеавӣ (трагедӣ)-ро дороанд. Дарвоқеъ «Шоҳнома» асари ҳамосавиест, ки Фирдавсии бузург ҳар давраи таърихиро, ки пур аз фоҷеа буд, воқеӣ ба қалам додааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳарчанд роҷеъ ба ҳамгунии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир ягон таҳқиқоти комил вуҷуд надорад, мо афкору андешаҳои ин ду нобиғаи бузурги ҷаҳониро таҳти сарчашмаҳои таърихӣ ва фикру мулоҳизаҳои илмии бархе аз муҳаққиқони англис, русу тоҷик ва инчунин зимни таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихии пурра мавриди пажуҳиш қарор додем.

Зикр бояд кард, ки Ҳаким Фирдавсӣ аз зумраи бузургтарин шоир, мутаффакири адабиёту фарҳанги Шарқ мебошад, ки осори нотакрори ӯ аз тарафи олимон, донишмандон, муҳаққиқон, муаррихон, забоншиносон, файласуфон, санъатшиносон ва мутахассисони дунё таҳлилу таҳқиқ шудааст, аммо бисёр ҷиҳатҳои он ба пажуҳишҳои ҷиддии илмӣ ниёз дорад. Дар ин бора Аллома Шиблии Нуъмонӣ шуҳрати «Шоҳнома»-ро дар Ғарб, алалхусус дар Британиёи Кабир нишон дода, ба ҷойгоҳи баланди Фирдавсӣ дар донишгоҳҳои шарқшиносии Ғарб дар Британияи Кабир, Олмону Фаронса ишора кардааст. Инчунин Шиблии Нуъмонӣ ба «Шоҳнома» баҳои баланд дода, онро «доиратулмаориф» номидааст. Ӯ ҷойгоҳи «Шоҳнома»-ро дар оинаи таърих дар байни оламиён чунин ба қалам додааст: «Мазҳаб, фалсафа, ахлоқ, тарзи ҳукумату ташкилот, қавоиду низомоти миллӣ ва лашкарӣ, русуму одот ва билохира тамоми низомоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, робитаҳои адабӣ-фарҳангӣ тафсили ҳар якро метавон аз ин китоб ба даст овард» [9, с. 221].

Роҷеъ ба шахсият, фаъолият ва шуҳрати ҷаҳонии Абулқосим Фирдавсӣ муҳаққиқон ва донишмандони тоҷик, ба вижа А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, М. Шакурӣ, С. Саъдиев, Х. Мирзозода, Х. Шарифов, М. Муллоаҳмад, В. Самад, А. Сатторзода ва дигарон пажуҳишҳои

зиёдро анҷом додаанд ва ӯро аз зумраи нобиғони ҷаҳон чун В. Шекспир, Ҷ. Лондон, А. Пушкин ва дигарон ҳисобиданд. То ҳол паҳлуҳои зиёди асари безаволи «Шоҳнома» мавриди омӯзиш қарор ёфта бошанд ҳам, аммо дар муқоиса бо осори Вилям Шекспир ягон олими ватанӣ ва хориҷӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Дар баробари донишмандону пажуҳишгарони тоҷик ва умуман уламои Шарқ, олимон ва донишмандони Ғарб низ таҳлилу таҳқиқҳои бисёрро анҷом додаанд.

Бояд гуфт, ки барои таҳқиқи осори адибони хориҷӣ забони онро бояд омӯхт. Аз ин ҷост, ки ҳанӯз дар замони Вилям Шекспир Филиппо Сассети (Filippo Sassetti (1540-1588) ном сайёҳ ва тоҷири итолиёвӣ, ки чанд сол дар Англия зиндагӣ кардааст, аввал ба сарзамини Ҳинд ва сипас ба Форс сафар намуда, илму фарҳанги Шарқро ба Ғарб бурдааст [10, с. 76-83].

Лозим ба ёдоварист, ки «Шоҳнома» оинаест, ки тамаддуни мардуми Шарқ, ба вижа тоҷикону эронихо, афғонҳо ва умуман форситаборонро инъикос мекунад, яъне Фирдавсии бузург дар зери мафҳуми «тамаддун» ба ғайр аз забон, адабиёт, фарҳангу маданият боз инкишофи илми пешдодиёнро то замони худ ба оламиён нишон додааст ва дар робита бо адабиёти ҷаҳон хизмати беназир намудааст. Пас аз ӯ шоирон ва нобиғони олам ба ниёгони форсии тоҷик ва таърихи онҳо тавассути осори Ҳаким Фирдавсӣ шинос шуда, дар заминаи он осори худро меофариданд.

Замони зиндагии Вилям Шекспир, замони Эҳё (Ренессанс) буд ва дар он масъалаҳои таърихӣ дар ҷойи аввал қарор доштанд. Бинобар ин Вилям Шекспир чун Фирдавсии бузург кӯшиш намуд, ки таърихи халқи худро, яъне маданияту фарҳанги Ғарбро зинда намуда, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

Ҷ. Бобокалонова яке аз муҳаққиқони камназирест, ки роҷеъ ба дарки ҳамгунии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ мақолаи илмиро зери унвони «Ду симои ҷовид» таълиф намудааст [1, с. 17-18].

Дар баробари ин новобаста ба баррасии масъалаи мазкур паҳлӯҳои зиёди омӯхтанашуда мавҷуд аст, ки ҳамгунии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир адабиёти тоҷику англисро рушд медиҳад.

Ҳамчунин роҷеъ ба таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихӣ аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Ориёнӣ соли 2013 (1392 ҳ.) асаре таҳти унвони «Фирдавсӣ ва Шекспир (таҳлили зарфиятҳои намоишии «достони Фаридун» дар «Шоҳнома» ва муқоисаи татбиқии он бо «Лиршоҳ»-и Вилям Шекспир» ба табъ расидааст, ки танҳо як достони «Шоҳнома»-ро бо осори Вилям Шекспир мавриди баррасӣ қарор диҳем [2, с. 312].

Дар таҳқиқоти мазкур мо кӯшиш намудем дар асоси таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ баъзе достонҳои таълифнамудаи Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспирро биёмузем.

Усулҳои таҳқиқи мақолаи мазкурро осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқоти илмии мазкур усулҳои назариявии адабиётшиносӣ, матншиносӣ, таҳлилҳои ғоявӣ-мавзӯӣ ва ғояҳои адабии ду адабиёти куҳанбунёд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин ҳангоми навиштани мақола усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ фаровон истифода шудаанд. Зимни таҳлилҳо ва хулосаҳои назариявӣ, муаллифи мақола ба усулҳои муқоисавӣ ва таҳлилҳои сохторӣ такя намудааст.

Чунин усулҳои илмӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои назариявӣ ва генетикии осори классикии форсии тоҷикӣ ва англис, ба хусус мавзӯъҳои фоҷеавӣ ва драммавии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспирро ҳаллу фасл намоем. Масъалаҳои омӯзиши робитаҳои адабии форсии тоҷикӣ ва англис эволютсияи жанрҳои мухталифи чунин бузургонро рушд дода, таҳлилҳои филологиро дар самти омӯзиш, тарҷума ва таҳлили муқоисавӣ таъмин менамояд.

Бояд зикр кард, ки ғарбшиносии тоҷик зимни мавзӯи мазкур ташаккул ва рушд ёфта, дурнамои ҳамкориҳои адабӣ-фарҳангии дуҷонибаро муайян мекунад.

Манбаъҳои таҳқиқоти мазкурро осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ маълум шуд, ки асарҳои офаридашудаи Вилям Шекспир дар муқоиса бо осори Фирдавсӣ, яъне ба достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» хеле монанданд:

1. «Ҳамлет»-и Вилям Шекспир ба достони «Кушта шудани Заҳҳок Мардосро» ва «Подшоҳии Кайхусрав»-и Ҳаким Фирдавсӣ;
2. «Отелло»-и Вилям Шекспир ба достони «Достони Гарсеваз»-и Ҳаким Фирдавсӣ
3. «Шоҳ Лир»-и Вилям Шекспир ба достони «Фаридун ва писарони ӯ»-и Ҳаким Фирдавсӣ
4. «Ромео ва Ҷулетта»-и Вилям Шекспир ба достони «Рудоба ва Зол»-и Ҳаким Фирдавсӣ
5. «Соннетҳо»-и Вилям Шекспир бо доштани мавзӯъҳои рангоранги худ ба достонҳои бисёри «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ.

6. «Макбет»-и Вилям Шекспир ба достони «Сиёвуш ва Судоба», «Рустам ва Исфандиёр»-и Ҳаким Фирдавсӣ.

Асосҳои методологии мақоларо бештар таҳқиқот роҷеъ ба робитаи адабии форсии Шарқу Ғарб ва таҳлилҳои муқоисавӣ-таърихии осори Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир дар бар мегиранд. Зимни таҳлили назариявии таҳқиқ корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишмандоне чун Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, В.В. Бартолд, М. Морозов ва дигарон истифода шудаанд.

Ҳамчун ишораҳо вобаста ба симои ҷаҳонӣ будани Абулқосим Фирдавсӣ дар таҳқиқоти А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, М. Шакурӣ, С. Саъдиев, Х. Мирзозода, Х. Шарифов, В. Самад, А. Сатторзода, Ҷ. Бобокалонова, Н. Нурҷонов, М. Муллоаҳмад, А. Абдусатторов ва ғ. мавҷуданд, ки гиреҳҳои зиёди таҳқиқро мекушоянд.

Ҳамин тавр, мақолаи мазкур ҳамчунин барои минбаъд анҷом додани таҳқиқи вижагиҳои мухталифи фирдавсишиносӣ ва шекспиршиносӣ замина фароҳам меорад.

АДАБИЁТ:

1. Бобокалонова Ҷ. Ду симои ҷовид: [муқоисаи образи Рудоба аз достони «Зол ва Рудоба»-и Фирдавсӣ бо Ҷулетта аз фоҷеаи «Ромео ва Ҷулетта»-и Шекспир] // Занони Тоҷикистон, 1979, №7, с.17-18
2. Муҳаммад Ориёнӣ. Фирдавсӣ ва Шекспир (таҳлили зарфиятҳои намоишии «достони Фаридун» дар «Шоҳнома» ва муқоисаи татбиқии он бо «Лиршоҳ»-и Вилям Шекспир. Теҳрон, 1392, - 312 с.
3. Фирдовси 934-1934, Сборник ИВАН и Гос. Эрмитаж. Л.: АН СССР, 1934, - 489 с.
4. Фирдоуси А. Шахнаме. Перевод В.В. Державин, С.И. Липкин. Москва. 1978, - 341 с.
5. Холиқи Мутлақ, Ҷалол. Фирдавсӣ // Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-сароӣ. Баргузидаи мақолоти донишномаи забон ва адабиёти форсӣ. Ба муносибати ҳамоиши байналмилалии ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Ҷ. Холиқии Мутлақ. Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ, 1390. -1202 с.
6. Чайкин К. Фирдоуси. В книге «Восток» (сборник статей). Москва, 1935, - 324 с.
7. Ҳейзер А. Тоҷи заррин. Хучанд: Нури маърифат, 2015, -159 с.
8. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. Ҷилди IV. Душанбе, 2018, -308 с.
9. Muller Lean Claude. Early sstages of languages comparison from Sassetti to Sir William Jones. London, 1986, p.76-83.

ВЗГЛЯД НА СРАВНИТЕЛЬНО-ИСТОРИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ТВОРЧЕСТВА АБУЛЬКОСИМ ФИРДАВСИ И ВИЛЯМ ШЕКСПИР

В этой статье автор исследует лирические рассказы двух мировых поэтов, т.е. Хакима Фирдоуси и Уильяма Шекспир. Автор глубоко проанализировал сходство и сходство содержания этих двух рассказов. Трагические идеи Фирдоуси подробно описаны во многих произведениях Уильяма Шекспира.

Следует отметить, что сходства существуют и в других работах Востока и Запада. Чтобы найти такие проблемы, необходимо установить более литературные отношения между таджикскими и английскими учеными, исследователи и востоковедами.

Ключевые слова: *Хаким Фердоуси, трагическая поэзия, Уильям Шекспир, «Рудабе и Зал», гений,наследие, любовь, трагедия.*

VIEW TO THE COMPARATIVE-HISTORICAL ANALYSIS OF THE CREATIVITY OF ABULQASIM FIRDOUSI AND WILLIAM SHAKESPEARE

In this article, the author examines the lyrical stories of two world poets, i.e. Hakim Ferdowsi and William Shakespeare. The author deeply analyzed the similarities in the content of these two stories. Tragically ideas of Ferdowsi are described in detail in William Shakespeare's poetries.

It should be noted that similarities exist in other works of the East and West. To find such problems, it is necessary to establish a more literary relationship between Tajik and English scholars, researchers and orientalists.

Key words: *Hakim Ferdowsi, tragic poetry, William Shakespeare, Rudabe and the Hall, genius, heritage, love, tragedy.*

Сведения об авторе:

Шозиёева Гулмо Парвонашоевна - *кандидат филологических наук, учений секретарь Института изучения проблем стран Азии и Европы Национального академии наук Республики Таджикистан, Электронная почта: dr.shoziyoevag@gmail.com*

About the author:

Shoziyoeva Gulmo Parvonashoevna - *Candidate of Philology sciences, Academic Secretary of the Institute of studying of the issues of the Asian and European countries, E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com*

БАРРАСӢ ВА ТАҲЛИЛИ КОРБУРДИ АШЪОРИ ХОҶА КАМОЛ ДАР ОСОРИ МАНСУРИ СОИНУДДИНИ ХУҶАНДӢ

Мирзоев С.Х.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Мизони ҳузури ҳар як шоир ё ҳунармандро дар хотираи таърихӣ ва адабӣ метавон аз лиҳози баррасии бозтоби осор ва ҷаҳоншиносии ӯ дар миёни навишторҳои баъд аз худаш муайян кард. Ё ба сухани дигар, ҳар шоир ё ҳунарманд пайравону иродатмандони бештарро ба дунболаи ҳунар ва тафаккури худ бибарад, ба ҳамон андоза ҷовидонагии ӯ ҳам дар ҳофизаи таърихӣ, адабӣ ва ҳам дар олами шеъру тафаккур мондагор хоҳад буд.

Қаламрави маънавии Камоли Хуҷандӣ бар осоре, ки ба низоми тафак кури ирфонӣ вобастагӣ дорад, амре табиӣ аст. Аммо таваҷҷӯҳ ва бар дошти муносиби шоирону нависандагон дар адвори таърихии мухталиф ба шеъри Хоҷа Камол баёнкунандаи он аст, ки ӯ тавонистааст ба андеша ва тафаккури маънавии шоирони баъд аз худ асар гузорад ва шахсиятҳои мухталиф ба ӯ ва шеъраш таваҷҷӯҳ доштаанд. Аз ин ҷост, ки қалам рави шеъри Камол на танҳо дар Хуҷанду Табрез, балки ба бештари шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр, Шибҳи қораи Ҳинд, Покистон ва Осиёи Сағир роҳ ёфтааст.

Дарвоқеъ Камолиддин Муҳаммад Абӯаҳмади Хуҷандӣ аз зумраи орифон ва суханварони маъруфи шеъри форсии тоҷикӣ аст, ки ҳамзамонон ва адабпажӯҳони минбаъда бар фарози таққиқ ӯро ба унвонҳои эҳтиромии «афзалулмутааххирин», «фаридуласр», «Хоҷа» «Шайх» ва «Шайхи комил» ёд карда, дар малоҳати сухан ва нозукхаёлиҳои шоирона ӯро дар баробари Хоҷа Ҳофиз донистаанд.

Агарчи ба нақди шеъри хеш аз тариқи ифтихор ҳанӯз худи Хоҷа Камол шуруъ кардааст, ки:

Чун қасди Камол аз ғазал он сурати зебост,
Шеъри тар*и чун об нагӯем, чӣ гӯем ? [4, с.123].*

аммо қадимтарин мулоҳиза дар сират ва сифати шеъри Камол аз ҷониби бузургтарин шоири муосири ӯ Хоҷа Ҳофиз гуфта шудааст. Нақл аст, ки Ҳофиз сари ин мисраи Камол: «Ташнагонро мужда аз мо бубар. Гуфтам: Ба чашм «мулоҳиза кард ва гуфт: «Машраби ин бузургвор олист ва сухани ӯ софӣ» [5, с.307]**.**

Хоҷа Ҳофиз, ки ҳам тавонотарин ғазалсарои шеъри форсии тоҷикӣ ва ҳам дар мақому мартаба бузург буд, аз ҳамин мавқеъ ба шеъри Камол менигарад. Нахуст ба назари вай маслаку завқи Камол олист ё ба сухани дигар вай олимашраб аст. Яъне, мақоми маънавии Камол бузург аст. Дигар ин ки суханаш, шеъраш тоза ва беғаш аст, ки аксари донишмандони баъди ин латофати шеъри Камолро таъкид кардаанд.

Аз он рӯзгор то ба имрӯз 700 сол сипарӣ мешавад ва дар ин муддат донишмандони асримиёнагӣ Шайх Озарӣ, Давлатшоҳ, Ҷомӣ ва ховаршиносону адабшиносон ба монанди Иосиф Ҳаммер, Ҳерман Этте, Эраҷи Гулисурхӣ, Азизи Давлатободӣ, К.Шидфар, Эдвард Браун, И. Брагинский, Ш. Ҳусейнзода, С. Асадуллоев, А. Афсаҳзод, Х. Шарифзода, А. Насриддин, Б.Мақсудов ва дигарон дар шинохти зиндагинома, ирфон ва ҷаҳоншиносии Камоли Хуҷандӣ назар карда, ҳар яке мувофиқи завқу салиқа ва пиндори фикрии худ роҷеъ ба падидаҳои ҳунарӣ ва маънавии шеъри Камол таммул кардааанд, ки дар ин амр фазли таҳаддум насиби онҳост.

Баъзе адабшиносони муосир дар зимни китобу рисолаҳо ва мақолаҳои ҷудогона перомуни таъсири Камоли Хуҷандӣ ба шоирони ҳамзамонаш ва минбаъда ё нуфузи мактаби шоирии Камол ҳам мулоҳизаҳо иброз кардаанд [3, с. 42 - 43; 6, с. 148; 16, с. 129-212; 1, 7-11; 4. с. 315-324].

Аммо бо вуҷуди ин баҳсҳои фаровон ҳанӯз дар заминаи камолшиносӣ ногуфтаҳои бисёре ҳам ҳаст. Масалан, яке аз он баҳсҳо баррасӣ ва таҳлилу тавзеҳи корбурди ашъори Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ва арзишу аҳаммияти он дар осори мансури замони худ ва манобеи баъдӣ: осори адабӣ - фаннӣ, ир фонӣ, кутуби сиёсат ва ахлоқи иҷтимоӣ, манобеи ривоятӣ - достонӣ, шарҳ номаҳо, фарҳангҳо, тазкираҳо, маноқиб, навиштаҳои тарассулӣ, ҷунгу баёз, таърихномаҳо, осори ҷуғрофӣ ва мисли ин мебошад, ки ҳадафи мақолаи ҳозир ҳам яке аз аввалин кӯшишҳост дар ин замина.

Мулоҳиза ва мушоҳидаҳо муайян намудаанд, ки шоирону нависандагон, аҳли тафсиру ирфон, сиранависон, муаррихон ва нависандагони мухталиф дар мавридҳои зарурӣ барои сидқи навиштаҳои худ ба шеъри Хоҷа Камол рӯй оварданд, ки маҳалли таваллуд ё зиндагониашон қисматҳои марказӣ ва шимоли ғарбии Эрон, Хоразм, Мовароуннаҳр, Шибҳи қораи Ҳинд ва кишвари Руму Чин будааст.

Дар ҳамин росто яке аз нависандагони охири асри XIV ва қарни XV - и мелодӣ Хоҷа Соинуддин Хуҷандии Исфаҳонӣ (1370-1436) аст, ки вай сурудаҳои Камолро дар осори мансури хеш муносиб ва бамаврид ба кор гирифтааст, ки бештарашон аз гурӯҳи рисолаҳои ирфонӣ ҳастанд, ҳамчун «Ақлу ишқ»,»шарҳи «Назм - уд- дурар» ва монанди он.

Бинобар ин, мо нахуст ҳама абёте, ки дар осори мансури Соинуддини Хуҷандӣ ба номи Хоҷа Камол сабт гардида буд ва ё сурудаҳое, ки бидуни зикри номи шоир дар он рисолаҳо омада буд, онҳоро дар осори Камол пайдо карда, ҷамъ овардем. Сипас абёти пайдогардида, бар асоси мавзӯъ табақабандӣ гардид. Натиҷа чунин аст, ки Соинуддини Хуҷандӣ дар рисолаи «Шарҳи «Назм -уд-дурар» 30 маротиба ҷиҳати баёни матлабҳои зайл: мунозираи ақлу ишқ, ситоиши маъшуқ, зуҳду тақво, ишқи ирфонӣ, атвори сулуки сӯфия, аҳкоми ошиқӣ, ахлоқи иҷтимоӣ, мақоми инсон, интиқоди иҷтимоӣ, мазҳаби ошиқӣ, масоили фано ва бақо, дину ирфон ва аҳаммияти маънои Қуръон ба сурудаҳои Камолиддини Хуҷандӣ истинод кардааст.

Аслан **«Назм-уд-дурар»** қасидаи Абуҳафс Шарафуддин Умар ибни Алӣ, машҳур ба Ибни Форизи Мисрӣ (576 - 632ҳ. / 1181-1235м.) бузург тарин сарояндаи шеъри сӯфиёна дар адабиёти араб аст, ки Соинуддин ба монанди донишмандони дигар бар он шарҳ навиштааст. Абёти қасидаи «Назм-уд- дурар» бо ҳарфи «т» ба охир мерасад, аз ин рӯ, ба «Қасидаи тоия» шуҳрат дорад. «Ин қасида дар он ҳад (д) аз аҳаммият ва азамат будааст, ки бузургоне аз аҳли ирфон ҳамчун Садриддини Қунавӣ онро ба дарс мегуфта ва ба шогирдаш Саъдуддини Фарғонӣ дастур дода, шарҳеро, ки ҳамин Фарғонӣ ба форсӣ бар ин қасида дода буда, онро ба арабӣ боз гардонад, то дар сар то сари ҷаҳони ислом қа рор гирад» [12, с.панҷоҳу ҳашт].

Шояд Соинуддин Алӣ аз ин амр, ки миёни Садриддини Қунавӣ ва шогирдаш Саъдуддин воқеъ гардида буд, огоҳӣ ёфт ва бар ин қасида ду шарҳ яке ба форсии тоҷикӣ «Шарҳи «Назм -уд- дурар» ва дигаре ба забони арабӣ бо унвони « Шарҳ- ут-»тоияти-л- кубро» [13] бар мабонии ирфони назарӣ ба забони рамзу тамсил дар соли 806 ҳ. / 1404 м. нав ишт, ки шомили муқаддимае бар як асл ва чаҳордаҳ васл мебошад. Соинуддин байт ё абёте аз қасида оварда, сипас бо равиши хоси худ ба шарҳу тавзеҳи он мепардозад ва бисёре аз матолиби арабиро дар партави ашъори шоирони орифи форсии тоҷикӣ тавзеҳ медиҳад ва дилнишин мекунад. Ин қасида яке аз шоҳкориҳои адаби ирфонии манзум дар таърихи адабиёти арабӣ ба шумор меравад, ки дорои 760 байт аст ва муаллифи он аз манзари ҳунари шоирӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ танҳо бо Хоҷа Ҳофиз қобили муқоиса аст. Бузургии Соинуддин ҳам дар он аст, ки ин теъдодро бо усули таҳлили байт ба байт ва ба сабки насри фаннӣ тафсир кардааст. Илова бар ин, Хоҷа Соинуддин ин қасидаро ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума ҳам кардааст, ки матни он дар канори шарҳи форсӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи адабиётшинос Ҷудии Неъматӣ ба зевари табъ ороста гардидааст [14].

Масалан, Соинуддини Хуҷандӣ байти зайлро аз ин қасида:

Ва ҳавлий би-л- маънӣ тавофий ҳақиқатан, Ва саъйӣ ливаҷҳий мин сафои лимарватий

чунин шарҳ мекунад: «Ва дар ҳақиқат тавофе, ки ман мекунам, ҳам бар гардани худ мекунам ва саъйи, ки мебарам миёни сафои танзия ва марваи таш беҳ, аз ҷиҳати ҷомеияти ваҷҳи хеш мекунам» [14, с.215]. Сипас барои сидқи гуфтаҳояш ё ба таъбири дигар муодили маънои форсияш байти зерини Хоҷа Камолро меорад:

Чу саре бар остонаш зи сари сафо ниҳодӣ.

Ба Сафову Марва, ай дил, дигарат чӣ кор бошад? [14, с. 215].

Замоне ки ба девони Хоҷа Камол руҷӯъ мекунем, дармеёбем, ки байти мазкур аз байти ғазали маъруфи шоир аст, ба ин матлаъ:

Арафоти ишқбозон сари кӯи ёр бошад,

Ба тавофи Каъба з-ин дар наравам, ки ор бошад [9, с.199].

Мавриди дигар:

«Ва ло ғарва ан шудту-л- уло сабақу ва қад,

Тамассакту мин «Тоҳо» би авсақи ғурвати.

Ва ҳеҷ аҷабе нест, ки ман бузургу пешво шудам, он касонеро, ки гӯи сабқат рабудаанд дар ин майдони камол. Ва ҳол он ки манам, ки тамассук ҷустаам аз Ҳазрати хатмӣ, акмалӣ- ки оёти сабъулмасонӣ дар шаъни ӯст ва сураи «Тоҳо» нишони ӯ ба авсақи урвае ва аҳвои робитае, ки рақиқаи муҳаббат ва иттиҳод аст.

Бо моҳ гуфтам: К-ин ҳама ҳусн аз куҷо овардаӣ?

Гуфто: Зи хоки кӯи Ӯ молидаам бар рӯи худ « [14, с. 177].

Бо андак тафаҳҳус метавон дарёфт, ки байти болоӣ яке аз байти ғазали Камол мебошад, ки матлаи он ба д-ин қарор аст :

Гар дам занам бе рӯи Ӯ, шарм оядам аз рӯи худ.

Ошиқ наҷӯяд зиндагӣ бе суҳбати дилҷӯи худ [9,с.280].

Пайдост, ки Соинуддини Хуҷандӣ бад-ин васила на фақат маънии қасидаи Ибни Фориз, балки мазмуни шеъри Хоҷа Камолро ҳам мекушояд. Чунин тарзи корбурд ва таҳлили ашъори Камол дар расоили дигари Соинуддин низ ба мушоҳида мерасад, вале нависанда ин усулро бештар дар «Шарҳи « Назм-уд- дурар» ба кор грифтааст. Шарҳи байти 47-уми ин қасида матлаби моро таҳвият мебахшад:

«Факуллу азийя фи-л- ҳуббу минки изо бадо,

Ҷаъалту лаҳу шукрий макона шакайятий.

Пас ҳар ранҷе ва осебе, ки дар ишқ сурати зуҳур меёбад, чун аз маҳбуб мерасад, ба ҷойи шикоят шукр воҷиб медонам:

Чу воҷиб аст ба ҳар куштанат маро шукре,

Ҳазор шукр, ки чашмат ҳазор борам кушт» [14, с. 70].

Ҳини ба девони Камол муроҷиат кардан, хоҳем дарёфт, ки байти болоӣ яке аз абёти маъруфтарин ғазалҳои Камол аст, ба д-ин шарҳ:

Ҳазор шукр, ки он чашми пурхуморам кушт, Вагарна ҳасрати ӯ хост зор-зорам кушт.

Чу воҷиб аст ба ҳар куштани туам шукре, Ҳазор шукр, ки чашмат ҳазор борам кушт! [9, с.177].

Бояд гуфт, ки мисраи сеюми ғазали мазкур қариб дар ҳамаи нашрҳои девони Камол ба д-ин сурат омадааст: *Чу воҷиб аст ба ҳар куштани туам шукре.* [9, с.177; 11, с. 293; 7, с. 260]. Вале дар « Шарҳи «Назм-уд- дурар»-и Соинуддин, чунонки дар боло овардем, ба гунаи зайл омадааст: ***Чу воҷиб аст ба ҳар куштанат маро шукре*** [14, с. 70], ки аз нигоҳи шаклию ҳунарӣ ва диққатти маънӣ нусхаи истифодабурдаи Соинуддин беҳтар аст.

Намунаи дигар. «Қадаъ ъанка даъвийа-л- ҳубба вадоъу ли ғайриҳи

Фуудока ва адфаъ ъанка ғаййака би-л- латий

Пас модом, ки ту дар ин мақом хоҳӣ буд ва мулозими остони ҳавои нафс бошӣ ва ишқи хештан, маслиҳат он аст, ки даъвии ишқи ҳақиқиро як сӯ ниҳӣ ва даъвати дили хеш ба симоти дигар кунӣ ғайри ишқ, ки меъдаи дили туро қувввати гуворидани ин ғизо нест. Ва ин гумроҳӣ ва табоҳии ҳоли хешро, ки даъвии дуруғ ва шатҳи бемаънӣ аст, дафъ кунӣ ба беҳтар вачҳе.

*Ҳар ки **ишқаш** талабад, тарки сараш бояд кард,*

В-арна андешаи коре дигарш бояд кард « [14, с. 93].

Равшан аст, ки Соинуддини Хуҷандӣ ҷиҳати тавзеҳи байти Ибни Фориз ва ҳамзамон барои осонфаҳм гардидани нигориши насрии хеш байти Хоҷа Камол-ро шоҳид оварда, ба д-ин васила онро як навъ шарҳ ҳам кардааст. Вале муқоисаи баъзе нашрҳои девони Камол нишон дод, ки мисраи аввали байти мазкур дар нашрҳои осори шоир ба гунаи зайл омадааст:

*Ҳар ки **васлаш** талабад, тарки сараш бояд кард* [7, с. 501; 10, с. 543 ; 9, с.308]. Яъне Соинуддин дар байти мавриди баҳс ба ҷойи вожаи ***« васл», «ишқ»-*** ро ба кор гирифтааст. Шояд вай ба хотири муносиб ва шоиста шарҳу тавзеҳ кардани байти Ибни Фориз, ки ин ҷо сухан дар мавриди ишқ меравад:» *Қадаъ ъанка даъваи-л- ҳубба вадоъу ли ғайри»* ва дар заминаи он гунаи «*Ҳар ки **ишқаш** талабад, тарки сараш бояд кард»*-ро мувофиқтар донистааст. Ё Соинуддин нусхае қадимитар аз девони Хоҷа Камолро истифода бурдааст, ки аҳли таҳқиқ аз он бехабар ҳастанд, зеро Соинуддини Хуҷандӣ ва Камолидини Хуҷандӣ дар як замон зиндагӣ ва эҷод кардаанд ё қарибулаҳд ҳастанд, ки аввалӣ дар Исфаҳон зода ва парвариш ёфтааст, дигаре дар хоки Хуҷанд ба дунё омада, дар Табрез ба камолот расидааст. Албатта, манзур аз ин гуфтаҳо матншиносии осори Камол нест, зеро ин масъала замон ва макони муносибро мехоҳад ва мо танҳо баъзе абёти ба кор гирифтаи Соинуддинро танҳо дар асоси се- чаҳор нусхаи девони Камол муқоиса намудем. Аммо матлаб ин аст, ки бештари ашъори Хоҷа Камол, ки дар осори мансури Соинуддин ҷиҳати шоҳид корбурд шудаанд, айни ҳамон ашъор дар нашрҳои девони Камол ба гунаи дигар омадааст. Масалан, Соинуддин зимни шарҳу тавзеҳи васли дуюми қасидаи Ибни Фориз: «Зоти ошиқ ва иқтизои сифоти адамӣ ва итлоқ» ба ашъори зайли Камол рӯ меорад :

Ёр дар зери лаб чу ханда кунад, Ҳар киро кушт боз зинда кунад.

***Чашми масташ** чу куштанӣ талабад, Ӯ ишорат ба сӯи банда кунад [14, с. 17].*

Дар нусхаҳои девони Хоҷа Камол бошад мисраи сеюми ин ғазал ба шакли **« Чашму холаш** чу куштанӣ талабанд» омадааст [7, с.514; 9, с.315, 11, с.556]. Ба назари мо мантиқи байт таҳозо мекунад, ки шояд нусхаи истифодабурдаи Соинуддин ***«чашми масташ** чу куштанӣ талабад»* муно сибтар бошад. Луғот ва истилоҳоти «чашми маст», «куштан», « ишорат» ва « банда» дорои таносуби калом буда, махсусан «чашми маст» ба маънии чашми зебо ва махмур омадааст. Аслан таъбири «чашми маст» дар девони Камол ба касрат истифода шудааст:

Худро ба чашми масти ту дар айни ноз ёфт [9, с.51]. Ҳатто «чашми ниммаст», яъне дидаи хуморолуд ҳам дар шеъри Хоҷа Камол ба кор рафтааст:

Он чашми ниммасти ту ҷаҳоне хароб сохт, Дилҳо бисӯхт нимею ниме кабоб сохт [15, с. 530].

Аз ин даста ашъори Камол, ки дар осори мансури Соинуддин истинод шудаанд, метавон намунаҳои зиёде овард, вале дар ин маврид зикри чанд намуна кифоя аст. Натиҷа он аст, ки осори насрии Соинуддини Хуҷандӣ аз ҳар нигоҳ ҷолибу судманд буда, перомуни рӯзгор ва шинохти ҷаҳон шиносии Камол, шарҳу тавзеҳи ашъори ӯ қадимитарин сарчашма буда, барои ҳарчи тамомтар шинохтани аҳволу осор, ҷаҳоншиносӣ ва матншиносии осори шоир заминаҳои муносиб хоҳад гузошт.

Назди аҳли фан рӯшан аст, ки дар асрҳои миёна ба осори ғинои шоирони баландпарвози мо ба монанди Хоқонӣ, Анварӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ироқӣ, Ҳофиз, Бедил ва

дигарон шарҳҳои зиёде навишта шудаанд, ки то замони мо боқӣ мондаанд. Вале бар девони Камоли Хуҷандӣ шарҳ нанавиштаанд ва дар ин маврид аҳли тазкира ва маъхазҳои дигари асримиёна ҳам маълумот надодаанд. Вале Соинуддини Хуҷандӣ дар зимни шарҳу тавзеҳи қасидаи Ибни Фориз, мазмуну муҳтавои шеъри Хоҷа Камолро ҳам мекушояд. Ҳамин тариқ, баррасӣ ва таҳлили корбурди ашъори Камоли Хуҷандӣ дар осори мансури Соинуддини Хуҷандӣ моро ба натиҷаҳои зайл мерасонад:

1. Аз рӯи осори мансури Соинуддин Хуҷандии Исфаҳонӣ ба вижа «Шарҳи « Назм-уд- дурар» мо гуфта метавонем, ки вай нахустин шореҳи асримиёнагии ашъори Хоҷа Камол будааст. Соинуддин бо истинод ба ашъори Камолиддини Хуҷандӣ дар осори мансури хеш ҷиҳати тавзеҳи масоили ирфонии рамзӣ, адабӣ ва фалсафӣ саъй кардааст, ки ҳамзамон мазмуни шеъри вайро ҳам шарҳу тафсир намояд. Ба сухани дигар Соинуддин дар канори шарҳи ашъори Ибни Фориз зимнан 30 байти Камолро ҳам тавзеҳ додааст, ки ҷиҳати маърифати шеъри шоир аз ҳар ҷиҳат муҳим ва муфид хоҳад буд.

2. Осори мансури Соинуддин, ки дар замони Хоҷа Камол китобат шудаанд, ҷиҳати ҷаҳоншиносӣ ва маърифати шеъри Шайх Камол, хосса матншиносии осори шоир муфид буда, ба ҳайси сарчашмаи қадим метавон эътимод кард. Зеро Соинуддин ва Камолиддин ҳамзамон буда, ҳар ду аз Оли Хуҷанд мебошан д, ки яке дар Исфаҳон зода ва парвариш ёфта, дигаре дар хоки Хуҷанд ба дунё омада ва дар Табрез ба камолот расидааст.

3. Истифодаи ашъори Хоҷа Камол дар рисолаи «Шарҳи «Назм-уд- дурар»-и Соинуддин бозгӯи он аст, ки Камоли Хуҷандӣ аз шеъру забони адаби арабӣ ва улуми ақлию нақлӣ баҳраи вофир дошта, ба вижа аз ҷаҳоншиносӣ ва шеъри Ибни Фориз ба шоистагӣ огаҳ будааст. Зеро Соинуддин баъд аз шарҳу тавзеҳи баъзе абёти қасидаи Ибни Фориз ҷиҳати тасдиқи гуфтаҳояш ба ашъори Камол рӯ меорад, чунонки мо намунаашро дар боло овардаем ва шояд таъкиди Камол ҳам дар ин маврид ҳикмате доштааст:

Дар Аҷам фатҳи сухан кардӣ, Камол,

Ф-ифтаҳ абвоб-ал-маъони фи-л-Араб [2, с.19].

Бикшо дарҳои маъониро дар кишвари Араб гуфтани Камол ҳам шояд ба ҳамин маъност, ки вай донандаи сарфу нахв ва нозукиҳои шеъри арабӣ будааст. Мулоҳиза мешавад, ки осори Хоҷа Камол аз рӯзгори худаш то рӯзгори мо хонандагон ва пайравони худро доштааст. Ин ба д-он маъност, ки шеър ва ҷаҳоншиносии Камоли Хуҷандӣ дорои қобилияти ахлоқӣ, ирфонӣ ва иҷтимоии қобили таваҷҷӯҳ аст ва Соинуддини Хуҷандӣ ба вижа дар гузиниши ашъор завқи муносиб доштааст. Аз ин дидгоҳ осори насрии вай ҷунге аз ашъори шуарои бузурги шеъри форсии тоҷикӣ монанди Саноии Ғазнавӣ, Низомӣ, Мавлавии Балхӣ, Шайх Аттор, Авҳадӣ, Саъдӣ, Ироқӣ, Камоли Хуҷандӣ , Ҳофиз ва монанди он аст.

АДАБИЁТ

1. Абдуқодиров А. Пайравони туркигӯйи Камоли Хуҷандӣ. Маводи конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ:Ташаккули адабиётшиносӣ ва раво бити адабӣ» (Хуҷанд, 28-29 октябри соли 2016) / А. Абдуқодиров.- Хуҷанд: Ношир. 2016.- С 7-11;

2. Абдусаттор А. Маъхазҳои арабӣ-исломии ашъори Камоли Хуҷандӣ. Маводи конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ:Ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд, 28-29 октябри соли 2016) / А. Абдусаттор.- Хуҷанд: Ношир. 2016.- С.18-23;

3. Афсаҳзод, Аълохон. Ҷомӣ- шоири ғазалсаро\Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе, 1989

4. Раҳматов Б. Назаре тоза бар мактаби адабии Шайх Камол. Маводи конференсияи байналмилалии «Камоли Хуҷандӣ:Ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд, 28-29 октябри соли 2016) / Б. Раҳматов.- Хуҷанд: Ношир, 2016.- С. 315-324

5. Самарқандӣ, Д. Тазкират- уш- шуаро. Таҳияии Мухлиса Нуруллоева / Давлатшоҳи Самарқандӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2015,

6. Сатторзода А. Назариёти адабии Абдураҳмони Ҷомӣ / А Сатторзода. - Душанбе, 2014

7. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Иборат аз ду ҷилд.- Ҷилди 1. Таҳияи Шарифҷон Ҳусейнзода ва С. Асадуллоев / Камоли Хуҷандӣ.- Душанбе, 1983

8. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Иборат аз ду ҷилд.- Ҷилди 2. Таҳияи Шарифҷон Ҳусейнзода ва С. Асадуллоев / Камоли Хуҷандӣ.- Душанбе, 1984

9. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Таҳияи А. Суруш ва С. Саидов / Камоли Хуҷандӣ.- Хуҷанд: Андеша, 2011.- 631 с.

10. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Матни интиқодӣ ба эҳтимоми К. Шидфар. Китоби 1. Ҷилди 2 / Камоли Хуҷандӣ.- Москав : Дониш, 1975.- 631 с.

11.Хуҷандӣ, Камол. Девон. Матни интиқодӣ ба эҳтимоми К. Шидфар. Китоби 2. Ҷилди 1 / Камоли Хуҷандӣ.- Москав : Дониш, 1975.- 631 с

12. Хучандӣ, Соинуддн. ал - Маноҳиҷ фи-л-мантиқ.Тасҳеҳи Дебоҷӣ / Соинуддин Хучандӣ.- Теҳрон, 1376, 55 с.
13.Хучандӣ, С. Шарҳ-ут-тоияти-л-кубро. Тасҳеҳи Маҷид Ҳодизода / Соинуддини Хучандӣ.-Теҳрон: Пажӯҳиши ҳикмат ва фалсафа,1391.-218с.
14. Хучандӣ, Соинуддин. Шарҳи Назм-уд-дурар. Тасҳеҳ ва таҳқиқ аз Ҷудии Неъматӣ / Соинуддини Хучандӣ.-Теҳрон: Мероси мактуб, 1384.- 509 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Иборат аз ду ҷилд.- Ҷ.2 . Дар зери таҳрири М.. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ.- М.: Советская энциклопедия, 1969.- 951 с.
16. Usman Nazir. A look ar Kamals Guftam da cashm ghazal / Kamal Khujandi: Eros and its Importanse in the History of Central Asian Civilization / Dushanbe, 1996.-p 199-212

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПОЭЗИИ КАМАЛ В ПРОЗАИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ СОИНУДДИНА ХУДЖАНДИ

В статье исследуется использование поэзии Шейх Камола Худжанди в прозе Соинуддина Худжанди. Констатируется, что в прозаических сочинениях Соинуддина Худжанди в описании суфийских терминов, таких как восхваление возлюбленного, аскетизм, мистическая любовь, социальный нрав, мистический путь человека, суфийской теории и т.п., он более тридцати раз прибегает к поэзии Камол, при этом эти его стихотворения интерпретируются. Отмечается, что поэзия Шейх Камол всегда была востребованной и использовалась в качестве иллюстрации в произведениях его последователей. Доказано, что поэзия Камол имела высокий моральный и социальный смысл и Соинуддин проявлял большой интерес к ней при написании своих научных трактатов. С этой точки зрения его проза представляет собой коллекция - сборник стихов великих персидских поэтов, таких как Санаи Газнави, Низами, Мавляна Руми, Шейх Аттар, Авхади, Саади, Ираки, Камола Худжанди и Хафиза.

Ключевые слова: *поэзия Камола Худжанди, проза Соинуддина Худжанди, использование таджикско- персидской поэзии, комментарий к поэзия Ибн Фариза.*

Ба оби зиндагӣ ин хуш ибодат, Лавонат лова нач ман зилу кон баст…

Илова бар ин, Мансури Растагори Фасоӣ чунин андеша дорад, ки «навъе дигар аз навоварӣ дар маснавӣ сохтани маснавиёти зубаҳрайн ё мулавван аст» (Фасоӣ, Анвоъи шеъри форсӣ, 470).

Ҳамин тариқ, маснавӣ маҳсули ибтикороти шоирони маснависарои порсии тоҷикӣ буда, дар ин навъи адабӣ шоҳкорҳое чун «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, достонҳои ҳафтгонаи Амир Хусрав, «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ, «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба вуҷуд омаданд, ки мавзӯъҳои ғано, ҳамоса, ишқ, ахлоқ ва ирфонро дар адабиёти порсии тоҷикӣ вусъат бахшид. Дар канори ин, суханварони адабиёти форсу тоҷик дар идомаи суннатҳои хоси маснависаройӣ муваффақ бар он шуданд, ки гоҳо қолибҳои муқаррарӣ ва деринаи онро бо хотири таҷаддудгаройӣ ва такмили ҷанбаҳои ҳунариву мавзӯии маснавӣ шикаста, бо ғунҷоиши анвоъи дигари шеъри ғиноӣ, аз ҷумла ғазалу қасида тозакориҳое ибдоъ намоянд,ки ин шеваи нигориш ҳам асосан ба адабиёти форсу тоҷик нисбат мегирад.

МОДЕРНИЗМ В СТРУКТУРЕ МАСНАВИ

Автор произведения убежден, что маснави как разновидность поэзии является одним из начинаний поэтов-просодоистов Аджама, а также одним из особенных форм таджикско-персидской поэзии. В этой связи следует отметить, что в настоящей статье маснави классифицирован по тематике и объему. В нашей литературе существуют четыре вида маснави по тематике: эпическо-исторический, лирическо-суфийский (ирфан), морально-поучительный (дидактический). Также, существуют 7 типов стихотворной системы, с помощью которых поэты таджикско-персидской литературы сочиняли маснави. Упомянутые системы не очень то распространены в арабской литературе. Хотя Башшар ибн Бурд и Абан Лахики являются сочинителями маснави в арабской литературе, но и они по крови являются иранцами. Другая причина заключается в последовательности отдельных самостоятельных рифмов. Подобная практика стихотворения не распространена в арабской литературе

Таджикско-персидские поэты ввели изменения в структуре маснави, что можно назвать поиском разнообразия и новшества. В частности, Айюки считается первым поэтом, который в середине маснави «Варка и Гульшах» впервые вместил газель с соблюдением ритма маснави. В этом маснави есть 10 газелей.

Позднее, подобные инициативы по видоизменению структуры маснави были предприняты Амир Хосровом Дехлави, в частности, это можно наблюдать в его маснави «Киран-ус-саъдайн». Амир Хосров в упомянутом маснави (год сочинения – 688 г. по лунному календарю) ввел четыре новшеств: 1) Он, подобно поэту Айюки, вместил газель в содержание маснави, но различие его произведения заключается в том, что ритм газели отличается от ритма маснави; каждый газель был сочинен отличным ритмом; 2) Он впервые в содержании маснави вместил касыду и ритмы касыды также отличны; 3) Заглавия глав и разделов были названы им таким образом, что если собрать их вместе, то образуется касыда «в красивой форме рамала мусаммана»; 4) автор антологии «Семь небес» следующим образом высказывает свои соображения в «Киран-ус-саадайн» о других изобретениях Амир Хосрова: «В этом маснави, Амир Хосров описал Дели, соборную мечеть, минарет и бассейн самыми красивыми словами, применив искусные приемы и мастерства красноречия и тем самым «возвысив искусство метафоры до высших ступеней, и в середине сказания выразил сочнейшие газели, приоткрыв весь смысл сказания в стихе из одной рифмы и одного ритма, что если собрать все вместе, то получится одна целая касыда – это одно из его изобретений».[1]

Среди других поэтов – разрушителей правил и шаблонов можно назвать Убейда Закани. Однако, Убейд Закани (1270-1371гг.) главным образом следует за Айюки. Хотя Убейд Закани был современником Амира Хосрова, но очевидно, что он не был осведомлен о разрушении шаблонов Аиром Хосровом в структуре маснави. Убейд Закани сочинил маснави «Ишшак-наме» (год

сочинения 757 г. по лунному календарю) в размере хазаджа удлиненного или сокращенного мусаддаса (мафоъӣлун мафоъӣлун фаъӯлун), следуя примеру Айюки. Новшество в работе Убейда Закани заключается в том, что он в своих газелях, соблюдая ритмику маснави, добавляет двустишие с псевдонимом. Подобная практика прежде в сочинительстве газелей и маснави не существовала.

Подобное структурное преобразование впоследствии заложил основу в формировании нового поэтического жанра – «газель-маснави» в таджикско-персидской литературе.

Маснави является плодом творения таджикско-персидских поэтов-сочинителей маснави. В этом поэтическом жанре были созданы такие шедевры как «Шах-наме» Фирдоуси, «Хамса» Низами, произведение из семи легенд Амира Хосрова, «Хафт авранг» (Семь тронов) Джами, «Бустон» Саади, «Маснави маънави» Мавлоно Джалалуддина Балхи, которые способствовали раскрытию таких аспектов жизни как богатство, героизм, любовь, нравственность и познание (ирфан) в таджикско-персидской литературе.

Ключевые слова: *маснави, разрушение правил и шаблонов написания маснави, истинная разновидность таджикско-персидской поэзии, газель-маснави, Айюки, Варка и Гульшах, Амир Хосров Дехлави, Кирану-с-саъдайн, Нух сипехр (Девять миров), Убейд Закани, Ушшакнаме, Мухаммад Икбал, Джавид-наме, Мусафир (Странник), «Шах-наме» Фирдоуси, «Хамса» Низами, «Семь тронов» Джами, «Бустон» Саади, «Маснави маънави» Мавлоно Джалалуддин Балхи.*

INNOVATIONS IN STRUCTURE OF TEXT/MASNAVI

The author of the thesis emphasizes that masnavi as the new literature genre came from the Ajam foundations and portrays a fundamental role in formation of the Tajik-Persian poetry and literature. It should be noted that this article is based on the subject and its scope. In our publications, there are four types of articles: mutual, historical, educational, and ethical. Also, there are 7 types of weight that poetry of the Tajik Persian literature was filmed with them. These are not so common in Arabic literature. Although Bashshor ibni Burd and Aboni Lohiqi were pointed in Arabian literature, they were of Persian root. Another reason is that there is an independent passage that is not known in the Arabic literature.

The Tajik Persian was transformed into a restructuring structure, which can be called a novelt. In particular, Ayuqi is the first poet, who has been in the midst of the "Varqa and Gulshoh" mausoleum for the first time, with the weight of the mausoleum. There are 10 poems in Ayuqi's masnavi.

After that, the structural initiatives of Amir Khusraw Dehlavi have been released in the context of the "Kironu-s-sadain". He entered into a novel "Kironu-s-sadain" (688 year): 1) As Aiyuqi was in the mood of recreation, however, the difference in his work was that the weight of the bull's weight differs from the weight ; He was shouting for a moment; 2) The first time the composition of the masonry is attached to the gravitational structure and its elasticity is different; 3) the titles of chapters and chapters as well as the fact that if they are gathered together, "the sting of the pseudonyms of the infamous"; 4) The author of the "seven heavens" on the other hand, Amir Khusrav, in the "Kironu-s-sadain" commented: "Amir Khusrav, the Chief of the Dervish, the mosque, the turtle and the pilgrim ... "It's a good thing," he said. "It's a good idea." "It's a good idea."

Another poet innovator could be Ubaidu Zoconi. But Ubaidi Zoconi (1270-1371) mainly was following the poetry of Aiyuqi. Even though Zoconi is a modern/predecessor of Amir Khusrav, but as it is seen, he did not know his skeletal role in the mental structure. The Zoconian uses the "Wizard" (the year of 757 th) used in the literary sage of the Holy Spirit, or of the wretched (untrustworthy) minded, from the Ayuqi practice. The report of Zokoni newspaper is that he is in a nuisance with his pseudonyms, which have not been found in the past.

The same level of institutionalization goes on in the Tajik Persian literature as «gazzalmasnavi» (poem - masnavi).

The masmavi was invented and used in writings of Tajik poetry/literature like "Shahnameh" Firdavsi, "Hamza" of Nizomi, stories of Amir Khusrav, "Haft Avrang" of Jomi, "Bulshan" of Saadi», «Masnavii Mainavi" of Mavlono Jaloluddin Balhki. These writings have arisen the topics of, ritual, moral, love, behavior and poetry.

Key words: *masnavi, innovations in masnavi, new genre in Tajik-Persian literature/poetry; ghazalmasnavi, Ayuqi, Varqa and Gulshoh, Amir Khusrav Dehlavi, Qironu-s-sadain, Ubaidi Zokoni, Ushshoqnoma, Muhammad Iqbol, Jovidnoma, Musofir, Shohnoma of Firdavsi, "Hamza" of Nizomiya, Haft Avrang of Jomi, Buston of Saadi, Masnavii Mavnavi of of Mavlono Jaloluddin Balkhi.*

Сведение об авторе:

Юсуфов Умриддин Абдукофиевич - *Докторант Института языков и литературы имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, главный редактор газеты «Вахдат» Тел: (+992) 919045575; Электронная почта: nushin74@mail.ru*

About the autor:

Yusufov Umriddin Abdukofievich - *Doctoral Candiate Institute of language and literature named after Rudaki under the Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 919045575; E-mail: nushin74@mail.ru*

ВЕЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ ВА ИБОРАҲОИ РЕХТА ДАР ЭҶОДИЁТИ СОРБОН

Ӯлмасова З.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар байни жанрҳои фолклори тоҷик жанри зарбулмасалу мақол мавқеи махсус дорад. Дар зарбулмасалу мақол ғояи баланду амиқ, андешаҳои ахлоқию дидактикӣ, маъниҳои баланди бикр дучор мешаванд, ки аз таърихи тафаккури ҷамъияти гузашта шаҳодат медиҳад.

Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта инъикосгари тарзи ҳаёту руҳия ва психологияи одамон, орзую ормони онҳо мебошанд. Бино ба таъкиди забоншиноси маъруфи тоҷик Р. Ғаффоров «Аҳамияти истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо чун яке аз воситаҳои пурқувати тасвир дар адабиёти бадеӣ бағоят бузург аст. Агар онҳо дар мавқеи худ истеъмол шаванд, забони нависанда пуробуранг ва салису таъсирбахш шуда, хусусияти миллии он барҷастатар мегардад» [1, с.89].

Дар романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал»-и Сорбон зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта асосан дар нутқи қаҳрамонони марказӣ, аз ҷумла Искандар, Ох, Дорои Кудумон, Олимпиада, Боҳӯй, Моҳуй, Бесус, Туғрал, Шатенин, персонажҳои дигар ҷой дода шудаанд. Сорбон мақолу зарбулмасалҳо ва фразеологизмҳоро мувофиқи предмети баён ва мароми эҷодӣ, мавқеъшиносона мавриди истифода қарор дода, бо ин роҳ ба забони асари худ обуранги махсус ва фасоҳату салосат бахшидааст.

Аз лиҳози тарзи истифода зарбулмасалу мақол ва фразеологизмҳоеро, ки дар романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал» ба чашм мерасанд, ба гуруҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтае, ки бе тағйир ва ё бо тағйири ҷузъӣ ба кор рафтаанд. Масалан, «мазза аз қайла гузаштан» [4,1, 165]; «гӯсфандро ба пои худ овезанд, бузро низ» [4,2, 15] «ҳар киро гӯр ҷудо, аъмол ҷудо: бузро ҳам бо пои худаш кашол кунанд, гӯсфандро ҳам» [4,2,27]; «то сухани шумо шикастана, гардани шайтон шиканад» [4,1,168]; «сари хамро шамшер набурад» [4,1,69]; нияти нек- ними давлат [4,1,230], «бо собуни касе ҷома шустан» [4,1,462; 4,2,34], «ҳарфи бисёр- харба бор» [4,1, 173], «ҳар кас ба мурдаи худ мегиряд» [4,2,36]; «мурдаро монда тутхӯрӣ» [4,1, 213;4,1,215], «душманро ба шакар куштан» [4,1, 244; 4,1,518], «чизеро об карда хӯрдан» [4,1, 176] «тир аз камон ҷаста ва мурғ аз қафас раста» [4,2,81], «ба кайк ситеза карда, пӯстинро сӯхтан [4,2,147;4,2,176], «кирми дарахт – аз худи дарахт» [4,2,150; 4,2,244], «ҳам ба лаъл задану ҳам ба пошно» [4,1,326], «гови пир кунҷола хоб бинад» [4,1,294], «кафши касеро пеш гузоштан» [4,1,227], «қадри зар заргар донад» [4,1,228] (4,1,228), «ҷӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд» [4,2,430], «танобро дароз андохтан» [4,1, 163], «гӯсола мурад ҳам алоии чашмаш мемонад» [4,2,435] «аз нӯги хамир фатир» [4,1,282;4,410], «гурги борондида» [4,1,273,277,416;4,416;4,2,465] «ба кӯрпа нигоҳ карда по ёзонидан» [5,3,13]; «сутуни миёни замину осмон шудан» [5,3, 13], «тушбераро хом шумурдан» [5,4,32], «ду понздаҳ як сӣ» [5,4,30] ва ғайра, ки миқдори онҳо дар роман хеле зиёд аст. Табиист, ки ин гуруҳ қисми асосии зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи романро ташкил мекунад.

2. Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ оид ба воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ, дар як мавзуъ мақолу зарбулмасалҳои гуногун гуфта шудаанд. Ва ё ҷузъҳои гунаҳои мухталифи мақолу зарбулмасалҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Сорбон баъзан дар ҷойҳои гуногун вариантҳои мухталифи онҳоро корбаст кардааст. Масалан, «барраи танҳоро гург хӯрад» [4,2,14], «сутури танҳоро гург хӯрад» [4,34], «магар надонӣ, моли аз рама мондаро гург мехӯрад» [4,1,422]. Ҳар се зарбулмасал дар матн ба маънои «нерӯ дар якҷоягиву муттаҳидист» омадааст. Ё мисоли дигар: «Сар кафад зери кулоҳ» [4,2,162], «сар кафад зери каллапӯш» [4,2,229]. Ибораи «бо думи шер бозӣ кардан» байни тоҷикон хеле маъруф аст, он ба маънои «1. Кори хавфнок кардан, 2. Ҷони худро ба таҳлука андохтан, 3. Муқобилат бо қувваи «нобаробар» [6,1,430] ба кор меравад. Сорбон дар романи «Туғрал» варианти зеринро мавриди истифода қарор додааст:

– Ҳаас… Ба қитиқи паланги хуфта расидӣ, халос нест. Аз гулӯяш мегирад. Зинда-зинда хунатро мемакад [5,4,31]. Вале аксаран он вариантеро интихоб мекунад, ки ғайри ихчаму пурмазмун будан ба матни асар мутобиқату мувофикати том дошта бошад.

3. Дар баъзе мавридҳо дар роман як қисми асосӣ, образнок ва ба матлаби муаллиф дар ҳамин контекст мувофиқи зарбулмасал оварда мешавад. Ва қобили зикр аст, ки ин намуди истифодаи мақолу зарбулмасал дар романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал» ба нақши услубии онҳо, яъне мӯъҷаз ва буррову таъсирбахш баромадани тасвири нависанда, пурра ва равшантар тасвир ёфтани

характери персонажҳои асар таъсири манфӣ намерасонад: «Обро нодида мӯза кашидан хуб нест, Мино» [4,1,153].

«Обро дида бояд мӯза кашид» [4,1,636].

Асли ин зарбулмасал: «Обро бину мӯза каш, ҳаворо бину ғӯза каш» аст.

«Рӯзе гургзода гург шавад» [4,1,48] Нусхаи комили ин зарбулмасал бешубҳа байти маъруфи Саъдист:

Оқибат гургзода гург шавад,

Гарчӣ бо одамӣ бузург шавад.

Ё шоҳзода Ох дар суҳбат бо Боҳӯй мегӯяд: «Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ» [4,1,210].

Мисраи дуюми ин зарбулмасал «Бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ» дар ин контекст ба матлаби нависанда мувофиқат намекунад, бинобар ин Сорбон онро ҳазф кардааст.

Ибораи «Пул чирки даст» дар романи «Туғрал» ба тариқи зайл корбаст гардидааст:

– Ғами ҷонро хӯред, ғами пулро нахӯред. Ин чирки даст аз сари ҳама мемонад [5,4,42].

Дар ҷои дигар Искандар мегӯяд: «Шаф- шаф магӯ Эвмен» [4,1,366]. Шакли дигари ин мақол «шаф-шаф нагӯю шафтолу гӯ» аст.

Ибораи рехтаи маъруфи «аз бом тароша афтодан» ба маънои сухани беҳудаю бемавқеъ гуфтанро Сорбон ба тариқи зайл корбаст кардааст:

–Падарро дӯст доштед бону? – аз бом тароша пурсид Искандар (мухотаби шоҳ Гулгун -духтари шоҳи Эрон аст –З.Ӯ.) [4,1,347].

– Ҳамаи занҳойи Шарқ якрав ва шахгардан ҳастанд? – тарошае аз бом пурсид Искандар ва Барзин ба чашми шоҳ нигариста китф дарҳам кашид… [4,1,453].

Мақоли «Ҷав корӣ ҷав даравӣ, гандум корӣ-гандум»-ро низ Сорбон дар шакли ихтисор мавриди истифода қарор додааст: «Ҷав корӣ, ҷав даравӣ» [4,1,490].

Вобаста ба мақсаду мароми эҷодӣ ва мавқеи сухан баъзе калимаҳои мақолу зарбулмасалро тағйир дода, ба ин восита таъсири матнро зиёд ва ҳодисаро барҷаста тасвир кардан як равиши услуби Сорбон дар романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал» аст:

«… Шоҳ ба давлатдорӣ машғул бошад. Хирман кӯбидан на кори ҳар буз аст…

– Кори барзагов аст… – кафид шоҳ Доро ва гӯш дод» [4,1,325].

Гунаи комили манзуми зарбулмасал чунин аст:

Кори ҳар буз нест хирман кӯфтан,

Гови нар мехоҳаду марди куҳан.

Шакли мансури зарбулмасал «Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷат ба барзагов набуд» аст.

Ё зарбулмасали «зери коса нимкоса»-ро Сорбон ҳам дар ин гуна [4,1,169;4,1,273;5,3,30] ва ҳам дар гунаҳои «зери косаро, ки намедонист, чизе ногуфта хомӯш монд» [4,2,209], ба андеша рафт. То зери коса чӣ нимкосае бошад» [4,1,169], «нимкосаи зери косаро надониста…» [4,1,203], «таги коса нимкосае ҳаст» [4,1,378] корбаст кардааст.

Дар романи «Туғрал» аҳёнан зарбулмасалу мақолҳои камистеъмолу камроиҷро мавриди истифода қарор медиҳад.

«– Тири замона хунрез аст. Гап занам мезананд, гап назанам, деги мазорро мебаранд. Лаб дӯхтаву хомӯш будан авлотар аст, рӯзе хоҳанд фаҳмид ё донист, ки чаро ин қадар забон мегазидаам» [5,3,80].

Дар байни халқ бештар варианти «Гап занам, мезанамо, гап назанам, деги мазора мебарано» [2,261] интишор ёфтааст, ки ба маънои … гуфта наметавонам аз биму ҳарос, вале ба хомӯш будан, виҷдонам роҳ намедиҳад» ба кор меравад. Вале умуман, ин зарбулмасал камистеъмол аст.

Зарбулмасалу мақол ва ибораи рехта вобаста ба мақсади дар назди худ гузоштаи гӯянда метавонанд дар аввал, мобайн ва дар охири нутқ воқеъ шаванд [1,95]. Агар онҳо дар аввали нутқ воқеъ шаванд, нутқи минбаъда мазмуни масал ё ибораи рехтаро шарҳу тавзеҳ медиҳанд:

– Аёнро чӣ ҳоҷати баён … Агар ин кор аз дасти сипаҳсолор наёяд, тақдири маро ба дасти шоҳ биспорад [4,1,401].

Дар мобайн бошад гӯянда дар бораи чизе ё ҳодисае сухан ронда, дар рафти сухан гуфтаҳои худро ба воситаи ҳикмати халқӣ пурқувват менамояд. Сипас, барои он ки мухотаб ба суханонаш эътимод кунад, ҳикмати халқро шарҳ, медиҳад. Масалан, сипаҳсолор Пармиён ҷавобан ба андешаи Искандар, ки душмани захмӣ – Дорои III ҷавзи осоншикан набувад, мегӯяд:

– Гумон надорам, шоҳ. Моргазида аз ресмони ало тарсад. Муқобилати ӯ дер напояд. Андаке зӯр ояд, боз фирор кунад. Ҳазимат одат шуд ӯро [4,1,384].

– Дидед, Тӯрабек, – ба ҳамроҳаш рӯ овард Султонбек. – Мардум зада шудагӣ. Моргазида аз ресмони ало метарсад. Ба шумо дӯстони ӯртеппагӣ, мастчоҳиҳойи ҳузарб бояд ҳамроҳ бошанд, ки гапашонро ба ин мардуми қайсар гузаронанд» [5,4,36].

Вақте ки муаллиф зарбулмасалу мақолро дар охир меорад, ба онҳо характери ҷамъбасткунанда медиҳад:

– На Барзин! Аз рӯи кинаю оз қасд ситонидан бузургтарин гуноҳ бувад. Ту, ки аз дудмони паст нестӣ, чаро пастӣ кунӣ? Атои ӯро ба лиқояш бубахш… [4,1,414].

– Андешаманд буд гетери боназокат: «Агар дар Отин будам; назди падари тавоноям будам, гӯш надода будам Искандари булҳавасро. Бал дасти Биталамуси бовафоро гирифта, бурун омада будам аз чунин давраи дилгир. Вале ҳолиё биринҷ набардорад обро» [4,1,515].

– Чунон фаҳмид Туғрал ашки чашми ӯро ва сар афшонд: «На, худро озор надеҳ, гунаҳкор маълум мегардад! Мӯй аз хамир ҷудо мешавад» [5,4,60].

Сорбон зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаро дар диалогу монологҳо низ васеъ истфода мебарад, баъзан қаҳрамонон дар диалог бо ёрии ҳикматҳои халқӣ суол мекунанд ё ҷавоб медиҳанд. Масалан, Тоис шабона ба назди Искандар омада, ба тарафи хайма ишора карда мегӯяд:

– Чаро муштро ба торикӣ занад шоҳ? [4,1,372]

Мисоли дигар: Модари Барзин жӯлидамӯю фурӯрафтачашм ва бемадору хаста ба қасри Димишқ меояд ва мегӯяд, ки духтарам арӯси шоҳ Искандар аст:

– Духти ман гардунасавор омада буд. Танҳо… зебо… ниҳоят зебо… Ба ҳадде зебо, ки забони гуфтор надорам.

Ҳоҷиби дарбор мегӯяд:

– Зоғ ҳам чӯҷаашро «сапедакам» гуфтааст [4,1,438].

Ба мисоли зерин аз романи «Туғрал» ба ин маврид истифода шудааст:

– Мақсаду муроди шӯроҳо ҳам ҳамин, Мирзоҷон, – тасдиқ кард Ғафур оқсақол.

– Лекин бо собуни мастчоҳӣ ҷомашӯйӣ накардем, – ғурунгид Бобоҷон.

– Инро ҳама медонад. Лекин ман фикр накарда будам, ки сояи Бобоҷон ин қадар тунук! – фармуд оқсақол.

– Ҳааа… Ба қитиқи паланги хуфта расидӣ, халосӣ нест. Аз гулӯят мегирад… [5,4,31].

Чи тавре ки мебинем. Сорбон пай дар пай се ибораи рехтаро аз забони қаҳрамонони асар овардааст.

Дар бисёр мавридҳо ҳикматҳои халқӣ бевосита дар нутқи тасвирии нависанда чун яке аз воситаҳои таҳвиятдиҳандаи ҳолату вазъият ва арзёбии одамону ҳодисаҳо истифода мешаванд. Барои мисол ибораи рехтаи «косаи сабр лабрез шудан»-ро дар нутқи Сорбон мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

«Сипаҳсолор аз тамкин ва оромии Барзин дар шигифт буд, косаи сабр шикаста пурсид» [4,1,399].

«Порсиён зӯран марзу бум идора кунанд. Косайи сабри мардум лабрез аст. Нигарон буданд омадани начотбахши хешро» [4,1,542].

Бисёр вақт қаҳрамонони Сорбон «ҳикматҳои халқиро… барои асоснок кардани фикр ва собит намудани ҳақиқати гуфтаҳои худ ба кор мебаранд» [3,78]. Дар мисоли поён Дорои Кудумон ба сабаби мағлубият дар ҷанг Ориёбарзанро мазаммат мекунад ва дар ҳаққи лашкар зарбулмасалу ибораи рехтаи сахту дуруштро мавриди истифода қарор медиҳад:

Ориёбарзан:

– Ҷанги шадид шуд, вале…

Дорои Кудумон:

– … вале, шумо эзоратонро тар кардед!? Куни гӯзинро орди ҷав баҳона ! [4,2,14]

Дар романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал»-и Сорбон аҳёнан ҳодисаҳои бемавқеъ ва нодуруст омадани зарбулмасалҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки масоили зерин собит менамояд:

Дар яке аз маҳфилҳои Искандар дар Мақдуниё Антипатри сипаҳсолор дар рафти суханронӣ мегӯяд:

«Порсиён гӯянд: Бе пир марав дар амонӣ… Сухан барои табрик ба чунин пири хирад ва ботадбир Арастуи Кабир…» [4,1,73]

Дар ҳамин ҷилд дар с.531 мехонем: «Искандар Пармиёни далеру диловарро… сатрапи Димишқ хонда буд ва ҳини зӯромади набарди Тир ёд овард: «Бо пир марав, ки дар монӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ» борҳо шунида буд ин масалро…»

Байни иқтибоси аввал ва дуюм чанд сол сипарӣ гаштааст ва ҳангоми масалро ба хотир овардан Искандар зери итоати худ Осиёи Наздику Сағирро дошт. Дар матнҳои иқтибосшуда чанд нуқтаи мавриди тардиду шубҳа мавҷуданд.

Аввалан, ба назари муаллифи ин сатрҳо, гунаи дар иқтибоси аввал омадаи зарбулмасал хато аст, ҳарчанд ҳамин шакли он бо тағйироти ҷузъӣ дар маҷмӯаҳои ҳикматҳои халқӣ чанд дафъа ба чоп расидааст [2,216;6,1,91].

Дуюм, дар мисраи аввали масал дар иқтибоси дуюм, калимаи «дармонӣ» бояд «дарбимонӣ» хонда шавад, то халали вазн рафъ гардад: «Бе пир марав, ки дарбимонӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ». Ин масал дар байни тоҷикон бо ҳикояааш, дар бораи сарбозе, ки ба лашкаркашиҳои Искандар бар хилофи амри қатъии шоҳи ҷавон пинҳонӣ падари пирашро ҳамроҳ гирифта, бо

маслиҳатҳои пири хирадманд аз чанд мушкилот Искандар ва лашкариёнашро начот дода буд, маъруфу машҳур аст ва ҳоҷати дар ин ҷо такрор кардани он нест. Ва пайдост, ки офаридаи давраи баъди юришҳои Искандар ба Осиёи Марказӣ аст. Сеюм, дар ин матн ҳодисаи анахронизм ҷой дорад. Сорбон масалеро, ки баъди лашкаркашиҳои Искандар ба вуҷуд омадааст, ба давраи зиндагии ӯ ва он ҳам бошад, ба давраи ҳанӯз аз Мақдуния ба ҷанги Эрон нарафтани лашкаркаш нисбат медиҳад. Агар иқтибоси якумро қобили қабул шуморем, тасдиқ кардан лозим меояд, ки масали мазкур пеш аз ба ҷаҳонгирӣ баромадани Искандар, яъне пеш аз вуқуи ҳодисае, ки асоси масал аст, арзи ҳастӣ кардааст. Ин фикр бошад тамоман хилофи мантиқ мебошад.

Дар аввали ҷилди дуюм монологи Дорои Қудумон оварда шудааст, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Аз дасти ҷумла мардум коре наояд, шоҳ айбдор бошад; акси калла ба шӯрбо занад: «Шоҳ натавонист, аз дасташ коре наёмад, гӯянд». Ҳолиё чунин шоҳи ноуҳдабаро манам» [4,2,44]. Ба назар чунин менамояд, ки зарбулмасал дар ин иқтибос нодуруст корбаст гардидааст. Мураттиби «Фарҳанги ибораҳои рехта» ибораи «Акси калла ба шӯрбо задан»-ро оварда, чунин тавзеҳ додааст: «таъсири бади касе, ба касе задан, ба таъсири касе афтодан. Сипас, аз маҷаллаи «Хорпуштак» батаъйиди ин ибора мисоли зеринро овардааст: «Чӣ шуду чӣ нашуду якбора акси калла ба шӯрбо зад. Мудири собиқи анбор… ҳам ба монанди ӯ чапаву роста қадам мемондагӣ шуд» [6,1,15].

Ҳамчунин ибораи рехтаи «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» дар роман нодуруст истифода шудааст.

Дар китоби «Фарҳанги ибораҳои рехта» ин ибора дар гунаи «гӯр сӯзаду дег (қаландар) ҷӯшад» ба шарҳи зерин мазкур аст: «Ҳар чӣ ба касон шавад шаваду манфиати шахсе аз даст наравад; манфиати худро аз зарари каси дигар болотар донистан» [6,1,254] Ба тарзи корбасти ин ибора дар роман диққат медиҳем:

– Пайк овард, шоҳ фармуд! Ман гуфтам! Рай шуморост. Шоҳ шоҳи ҳама…

– На! Шоҳ шоҳи ту ва чанде дигарон, ки барояшон фарқе намекунад, гӯр сӯзад ё дег ҷӯшад… Эронро ватан гӯянд ё Юнонро [4,2,69].

Аввалан, гунаи аслию саҳеҳи ибора «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» аст, яъне табдили пайвандаки «у» бо пайвандаки «ё» қобили қабул нест, зеро маънои ибораро дигар мекунад. Дуюм, дар гунаи дар матни китоб омадаи ибора он нукта, ки дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» таъкид шудааст, яъне «манфиати худро аз зарари каси дигар болотар донистан» аз байн меравад. Сорбон ҳамин зарбулмасалро дар романи «Туғрал» хеле бомаврид истифода бурдааст:

– … Аммо қозиро фарқе нест: гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» [5,3,43]. Ногуфта намонад, ки зарбулмасали мазкур табиати персонажи манфӣ Қозӣ Исохонро возеҳтару равшантар карда медиҳад.

Сорбон дар романи «Туғрал» дар ду маврид зарбулмасали «гушна ба шер мезанад, ташна ба дарё»-ро истифода бурдааст, ва ба назари нависандаи ин сатрҳо дар мавриди зерин зарбулмасал фикри муаллифи романро таъйид намекунад.

Сорбон дар бораи қашшоқ будани куҳистониҳо ва кӯлвортиҳӣ ба куҳистон омадани босмачиёни Эргаш кӯрбошӣ сухан ронда мегӯяд:

– Онҳо ба аскарони шикастхӯрдаву фирорӣ монанд буданд. Харобу лоғар, даридалибос, тиҳипой; ғамзадаву кӯфта ва пирона миёнашон хамида буд. «Кӯлворашон тиҳӣ ва шикамашон ба пушт часпида буд. «Гушна ба шер мезанад»- мегуфтанд куҳистониҳо. Аммо гуруснагон ба ғорат ва талаву торочи мардум пардохта, ба сӯи Фарғар нишеб шуда, қурут аз сабади бевазанон ва ҳаво аз ҳамайи нодор мебурданд» [5,4,47].

Дар фарҳангҳои зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи ба мо дастрас «лом нагуфтан» ва «лому мим гуфта натавонистан» ба маънои «ба касе эрод гирифта натавонистан; чизе нагуфтан, эроде нагирифтан, хомӯш мондан» [6,1,601] зикр шудааст. Вале дар ҳеҷ як аз онҳо гунаи «лом баровардан», ки Сорбон дар «Туғрал» овардааст, дучор нагардид:

– Бобоҷон даст бар тани ӯ мерасонад. Боз мегирад. Ба огоҳ гардонидани ҳамроҳон гулӯ равшан мекунад. Аммо онҳо лом намебароранд, ки як нафас ором бошад, субҳ наздик аст [5,4,33].

Сорбон дар корбасти мақолу зарбулмасал ва ибораҳои рехта маҳорату эҳсоси баланди сухансанҷӣ зоҳир менамояд, бинобар ин гунаҳои мухталифи дар роман мавриди истифода қарор гирифтаи онҳо, аз қабили «бо як тир ду фохта задан» [4,1,35], «арзанро гунҷишк бихӯрад, калтакро вартиш» [4,2,44], «ду вазир дар як девон нагунҷад» [4,2,25], «бардошта нашавад оби рехтаро» [4,2,5] «чӯшбарраро хом шумурдан» [4,1,503], «кабк аз даҳони худ тир хӯрад» [5,415] ва ғайра ба батни матн таркибан омехта шудаанд.

Метавон гуфт, ки яке аз сабабҳои ҷаззобию шевоӣ ва фасоҳату малоҳати забону сабки романҳои «Достони писари Худо» ва «Туғрал»-ро маҳз корбасти устодонаи ҳикматҳои халқ шуморидан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил [Дар асоси материали «Одамони ҷовид»] / Р.Ғаффоров – Душанбе: Дониш. 1966. – 224 с.

2. Калонтаров, Я.И. Мудрость трёх народов / Я.И.Калонтаров – Душанбе: Адиб, 1989. – 552с.

3. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Хаким Карим / Б. Камолоддинов – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
4. Сорбон. Достони писари Худо / Сорбон: Дар 2 ч. – Душанбе: Адиб, 2005. – Ҷ.1 – 704 с.; Ҷ.2 – 627 с.
5. Сорбон. Зарафшон: Туғрал // Садои шарқ, 2007, № 3, С. 12-84; №4, С. 13-61.
6. Фарҳанги ибораҳои рехта: Дар ду ҷилд. Ҷ.1 [Тартибдиҳанда М. Фозилов.] – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 952с.

СПЕЦИФИЧНОСТЬ ПРИМЕНЕНИЕ ПОСЛОВИЦ, ПОГОВОРОК И ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ТВОРЧЕСТВЕ СОРБОНА

В статье автором рассмотренны пословицы, поговорки и фразеологизмы, отражающие образ жизни, душевное состояние и психологию людей, которые олицетворяют их мечты и чаяния.

Надо отметить, что Сорбон проявляет мастерство и писательское чутье в использовании пословиц, поговорок и фразеологических оборотов, в связи с чем их различные варианты, которые встречаются в романе, такие как «бо як тир ду фохта задан» (одним выстрелом убить двух зайцев), «ду вазир дар як девон нагунҷад» (два тигра не уживутся на одной горе), «ҷӯшбарраро хом шумурдан» (делать поспешный вывод) и т.д. успешно и органично вписались в текст произведения. Можно утверждать, что одним из факторов, обеспечивающих выразительность языка и изящество стиля романов «Повесть о Божьем сыне» и «Туграл», является именно мастерство автора в использовании образцов народной мудрости.

Ключевые слова: *Проза эпохи независимости, исторические романы, проза Сорбона, использование видов фолклора, пословицы и поговорки, фразеологизмы.*

SPECIFICITY OF THE USE OF PROVERBS, SAYINGS AND PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE WORKS OF SORBON

The author considers in the article proverbs, sayings, and phraseological units that represent the lifestyle, state of mind, and psychology of individuals who embody their aspirations and dreams.

It should be noted that through the use of proverbs, sayings and phraseological expressions, the Sorbon demonstrates ability and writing flair, through connection with which their different variants contained in the novel, such as "Two birds with one stone," "Two tigers will not get along on the same mountain," "To make a hasty conclusion," etc., fit into the text of the work effectively and organically. "It can be argued that the author's ability to use the models of folk wisdom is precisely one of the factors that guarantee the expressiveness of the language and the beauty of the style of the novels "The Tale of God's Son» and «Tugral.»

Key words: *Prose of the era of independence, historical novels, Sorbon's prose, the use of types of folklore, proverbs and sayings, phraseological units*

Сведение об авторе:

Ульмасова Замирахон -*доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедры современной таджикской литературы Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, Республики Таджикистан, Согдийская область, город Худжанд 735700, улица Исмаила Самани 199 кв.80 Тел.: (+992) 927714470, Электронная почта: zamira_ulmasova @ mail.ru*

About the autor:

Ulmasova Zamirakhon *- Doctor of Philology, Professor, the Head of the Department of Modern Tajik Literature, Khujand State University named after academician B. Gafurov Republic of Tajikistan 735700 Kujand, Tel.: (+992) 927714470 Email: zamira_ulmasova @ mail.ru*

ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ ТВОРЧЕСТВА А.ТОЛСТОГО И ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

Бегматова С.А.
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки
Валиев Н.У.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Изучение проблем взаимосвязей литератур остается одним из актуальных в современном литературоведении, как в историко-литературном, так и в теоретическом аспекте. При рассмотрении таджикско-американских литературных взаимосвязей большое значение имеет изучение вполне конкретных литературных контактов, в частности, не только переводы-переложения, точные переводы, подражания, но и критические или историко-литературные суждения одного народа о литературе или отдельных писателях другого народа, преломление явлений.

Брайнина Б писала : «Под литературным сознанием понимается определенная система образов, сюжетов, поэтических приемов, жанровых особенностей, с помощью которых образ России получил свое словесно-художественное выражение» [4, с.76].

Характеристика развития истории литературные связи творчества А.Толстого и совершенствования и организация дидактические формы развития имеет связь с развитиями истории и литературы XX века, которые развиваются на основе различного методы, где связаны с такими занятиями, как русского языка и другими предметами высшего учебного заведения. О роли развития творчества А.Толстого с таджикской литературы в совершенствования жизни учителя русского языка говорили еще рано в XX веке великий критик Иванов А.Н., который показал в своих произведениях, что во время обучения в школе и высшем учебном заведении должны соблюдать обучения с эмоциональной устойчивости и умственное развитие будущего учителя русского языка и организовать различные методические упражнения .

Великий русский писатель Алексей Толстой в своих литературный работах исследовал, что во время занятия и урока можно принимать положительные результаты в воспитательной работе.

На основания этой работы в двадцатом веке великие литературные ученые Георгий Кершентейнер, Д. Дюи, П.П. Бланский, С.Т. Шоцкая и др. исследовали и показали на педагогической практике эмоциональной устойчивости и воспитательной возможности дидактических условии развития эмоциональной возможности устойчивости будущих учителей русского языка в педагогической форме.

Основоположник развития литературной жизни XX века Алексей Толстой в России является известныи писателем , который выступил в своих произведениях за свободу и независимости литературного героя в романе «Хождение по мукам» . Он писал, что «удовлетворяет в герое развитие к деятельностью и творчесткой работе по русскому языку для студентов высшего учебного заведения, развивает волю, внешние чувства, учит любить и уважать всякое практическое делои высшое учебное заведение же, «как и при преподавании всех прочих предметов, с занятиями английского языка соединяет чисто воспитательные, педагогические цели» [2, с. 41].

Анализ исторического опыта в произведениях русского писателя показывает, что эта проблема была актуальной в литературе на всех этапах становления и развития литературы.

Творчество русского писателя Алексея Толстого сохранял деление героев на обязательные и необязательные. К обязательным предметам относились русский язык, с добавлением сведений, относящихся к различными условиями развития эмоциональной устойчивости будущих учителей русского языка. То, что среди перечисленных предметов находилось язык, говорит о существенной роли этого вида деятельности для развития будущего учителя русского языка и получения полноценного образования.

Надо отметить, что в начале XX века опубликованы произведений Алексея Толстого на таджикский язык. Поэтому этот документ развивает и показывает различное удовлетворительное состояние литературы достигает новой уровни, и она показывает новые сведения о формировании и совершенствовании английского языка на современном этапе изучения русского языка.

Брайнина П.И. писала: «В середины XX века в высших учебных заведениях и школах стали развыться еще больше к изучению проблемы творчества Алексея Толстого » [4, с. 88].

В это время развивается новое направление в литературе , где начинается изучение эмоциональной устойчивости будущего героя , который этому развивается изучение дидактические условия этого направления в высшем учебной заведении и школах, стало больше аудиторий. Для творчества Алексея Толстого особое место занимает его большой исторический роман «Хождение по мукам», где они показывают различные проблемы современной жизни.

Необходимо отметить, что в таджикской литературе первый перевод А.Толстого был опубликован в 1977 году, и с этого времени его прозы прочно входит в жизнь таджикского народа. В двенадцатом номере журнала *в* 1977 году был напечатан повести А.Толстого. Автор перевода был известный таджикский поэт, автор таджикского гимна Республики Таджикистан Гулназар Келди. Но любопытен сам по себе факт перевода именно этого рассказа, известного лишь узкому кругу специалистов и любителей прозы. Это дает основание предполагать, что переводчиком названного рассказа был писатель и поэт широко образованный, прекрасно владеющий русским языком и стихотворной техникой. Сейчас этот перевод, можно сказать, забыт, а между тем он представляет определенную художественную ценность и введение его в литературный обиход обогатило бы таджикскую литературу. Появление в 1977 г. этого перевода является подтверждением того, насколько велик был интерес к творчеству А.Толстого в таджикских литературных кругах.

Бурсаков В. И. писал: «Следует выделить две стороны таджикско-русских литературных связей и взаимодействия. Одна сторона – это влияние литературы народов Востока, в том числе таджикского народа, на русскую литературу, а вторая заключается во влиянии русской литературы на таджикскую литературу XX века, в особенности современного периода» [3, с.88].

Сейчас проблему творчества русского писателя изучают как Мухторова С. «Конспекти мухтасари адабиёти Русия » («Краткий конспект русской литературы») Душанбе 1987, Турсунов А. «Устоди каломи бадеъ» (Таҳлили эчодиёти А.Толстой)» («Анализ творчества А.Толстого») в газете «Маданияти Точикистон» 1983, 18 января, Шукуров М. «Ҳақиқатсарои бузург» (Ба ёдбуди А.Толстой) в газете «Маориф ва маданият» 1961, 26 августа, Бақозода Н. « Таърихнависи Октябри Кабир» (Бахшида ба зодрузи А.Толстой), Ҳайдаршо Т.У. «Адиби машҳури рус » (Бахшида ба эчодиёти Алексей Толстой) в газете «Бадахшони Совети» в 1957 году, 28 февраля, Шодиқулов Х. «Нависандаи рус» (Бахшида ба эчодиёти А.Толстой) в газете Точикистони Совети в 1962 году 21 октября, Табаров С. «Тарчимаи асарҳои манзум», Ю.Акобиров «Шоир ва инсондусти бузург» (бахшида ба 150 солаи рузи таваллуди нависандаи рус А.Толстой» и другие.

Баранов В. И писал: «Следует различать воздействие иноязычного писателя на литературу и распространение его произведений в читательской среде, ибо это явление разного порядка и обусловлены они различными причинами: первая – внутренними потребностями воспринимающей литературы в процессе ее развития, вторая – общим ростом культуры». [2, с.11].

Таким образом, следует сказать, что творчество Алексея Толстого занимает особое местоя и его романы и повести, рассказы были переведены на таджикский язык.

ЛИТЕРАТУРА

1. Баранов В. Взлеты и «падения» Алексея Толстого.- Литература в школе. М., 1989.
2. Баранов В.И - Революция и судьба художника. А. Толстой и его путь к соцреализму. - М.: Советский писатель, 1967
3. Бурсаков В. И - Трилогия А.Н.Толстого "Хождение по мукам". (Учебное пособие для пед. ин-тов) М.: Высшая школа, 1984
4. Брайнина Б - А. Н. Толстой (критико-библиографический очерк).- М.: Лит. газета, 1946
5. Толстой А. Белая гвардия: Роман. М., 2000.
6. Векслер И. А. Н. Толстой. Жизненный и творческий путь.- Л.: Сов. писатель, 1984
7. Крюков А. М. А. Н. Толстой.- М.: Московский рабочий, 1989
8. Метченко А. И., Петров С. М. История русской советской литературы. М.:1975
9. Налдеев А. П. Революция и Родина в творчестве А. Н. Толстого.- М.: Московский рабочий,1968
10. Переписка А.Н.Толстого: в 2 т. М., - 1989.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ ТВОРЧЕСТВА А.ТОЛСТОГО И ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

В этой статье автор анализирует литературные связи творчества А.Толстого в таджикской литературе. Автор статьи на основе обширного материала исследует традиции творчества А.Толстого в таджикской литературе.

В таджикской литературе первый перевод А.Толстого был опубликован в 1977 году, и с этого времени его прозы прочно входят в жизнь таджикского народа. В двенадцатом номере журнала в *1977 году было напечатано повесть А.Толстого. Автор перевода был известный таджикский поэт, автор таджикского гимна Республики Таджикистан Гулназар Келди. Но любопытен сам по себе факт перевода именно этого рассказа, известного лишь узкому кругу специалистов и любителей прозы. Это дает основание предполагать, что переводчиком названного рассказа был писатель и поэт широко образованный, прекрасно владеющий русским языком и стихотворной техникой. Сейчас этот перевод, можно сказать, забыт, а между тем он представляет определенную художественную ценность и введение его в литературный обиход обогатило бы таджикскую литературу. Появление в 1977 г. этого перевода является подтверждением того, насколько велик был интерес к творчеству А.Толстого в таджикских литературных кругах.*

Ключевые слова*: А.Толстой, перевод, традиция, таджикская литература, поэты и писатели.*

THE TRADITION OF A. TOLSTOY'S CREATIVITY IN TAJIK LITERATURE

In this article, the author analyzes the traditions of A. Tolstoy's work in Tajik literature. The author of the article, on the basis of extensive material, explores the traditions of A. Tolstoy's work in Tajik literature.

In Tajik literature, the first translation of A. Tolstoy was published in 1977, and since that time his prose has firmly entered the life of the Tajik people. In the twelfth issue of the magazine in 1977, the story of A. Tolstoy was published. The author of the translation was a famous Tajik poet, author of the Tajik anthem of the Republic of Tajikistan Gulnazar Keldi. But the very fact of translation of this particular story, known only to a narrow circle of specialists and lovers of prose, is curious in itself.

This gives grounds to assume that the translator of the named story was a well-educated writer and poet, fluent in Russian and in poetic technique. Now this translation, one might say, is forgotten, but meanwhile it represents a certain artistic value and its introduction into literary use would enrich Tajik literature. The appearance in 1977 of this translation is a confirmation of how great was the interest in the work of A. Tolstoy in Tajik literary circles.

***Key words**: A. Tolstoy, translation, tradition, Tajik literature, poets and writers.*

Сведение об авторах

***Бегматова Сония Аскаровна -** Докторант Phd 2 курса Кулябского государственного университета им. А.Рудаки, ассисент кафедры русского языка и литературы Электронная почта: soniya_begmatova@mail.ru тел. (+992) 985734423.*

***Валиев Нурали Умарович -** Зав.кафедрой русской и мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, Электронная почта: nurali_56hhhh@mail.ru тел. (+992) 909091612*

About the authors

***Begmatova Sonia Askarovna -** Phd 2 year student of Kulob State University named after A. Rudaki, Assistant of the Department of Russian Language and Literature E – mail: soniya_begmatova@mail.ru tel. (+992) 985734423.*

***Valiev Nurali Umarovich** – the Head of the Department of Russian and World Literature Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E – mail: nurali_56hhhh@mail.ru Tel. (+992) 909091612*

МУХЛИСИ БАДАХШОНӢ ВА МАВЗӮОТИ ҒАЗАЛИЁТИ Ӯ

Ҳикматов Ҷ.Ҳ.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ

Адабиёти классикии форсии тоҷикӣ аз оғози пайдоиш то ба имрӯз барои дар рӯҳи ахлоқи неки инсонӣ тарбия намудану ғанӣ гардонидани маънавиёти башарият хидмат менамояд.

Яке аз давраҳои муҳим ва пурбори ин адабиёт, адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Устод Садриддин Айнӣ дар китоби худ «Намунаи адабиёти тоҷик» (Москва 1926) омӯхтану нашр кардани осори шуарои асрҳои XVI ва ибтидои асри XX-и Мовароуннаҳрро таъкид намуда буд. **[2]**

Ҳарчанд рӯзгору осори қисме аз адибони ин давра, ба монанди Аҳмади Дониш, Савдо, Возеҳ, Ҳайрат, Ҳасрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Тошхуҷа Асирӣ, Туғрал ва дигарон як дараҷа омӯхта пешкаши аҳли илм ва дӯстдорони каломи бадеъ шуда бошанд ҳам, аммо ҳанӯз адибони зиёде ҳастанд, ки дар бораи онҳо танҳо дар тазкираҳову баёзҳо ва асарҳои илмии ҷудогона маълумоти хеле кӯтоҳ ва ё нопура мавҷудасту бас. **[1,4,5,6,7,8,10,11,12]**

Яке аз ҳамин гуна шоирон Мухлиси Бадахшонӣ мебошад. Вай аз зумраи он шоирони адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва авали асри XX мебошад, ки то ба имрӯз рӯзгору осораш комилан омӯхта нашудааст

Мухлиси Бадахшонӣ шоири соҳибдевон мебошад. Хушбахтона, то замони мо нусхаи девони ӯ омада расидааст. Ин нусхаи девони шоир ягона буда, ҳоло таҳти рақами 66 дар захираи дастхатҳои шарқии маркази мероси хаттии АИ Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад. **[3]**

Девони Мухлис 335 ғазал, 234 мухаммас, 26 рубоӣ, 2 баҳри тавил, 14 мусаддас, 9 мувашшаҳ, 6 наът, 5 таърих, 3 мусамман, 3 қасида, 2 ғазал дар санъати саволу ҷавоб, 1 тарҷеъбанд, 1 мураббаъ, 1 мусаббаъ ва 1 ишқномаро, ки дар шакли маснавӣ суруда шудааст, дар бар мегирад. Қисми зиёди девони Мухлисро аз ҷиҳати шумора аввал ғазал ва аз ҷиҳати миқдори абёт мухаммас ишғол мекунад.

Ғазалҳои девон аз 335 адад иборат буда, 3716 байтро ташкил мекунанд. Мухаммасоти шоир 234 адад буда, 3890 байт мебошад.**[3]** Абёти боқимондаи девонро дигар шаклҳои шеърӣ ташкил мекунанд, ки номгӯи онҳоро дар боло зикр кардем.

Ғазалиёти Мухлис дар мавзӯъҳои ишқу муҳаббати поки инсонӣ, танқиди золимон ва зоҳидони риёкор, шикоят аз замона ва фалаки каҷрафтор, тасвири ҳоли бади худ, фикрҳои панду ахлоқӣ ва монанди инҳо суруда шудаанд.

Тасвири ишку муҳаббати поки инсонӣ яке аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Мухлиси Бадахшонӣ мебошад. Ишку муҳаббат дар ғазалиёти Мухлис гоҳе дар алоҳидагӣ ва гоҳе дар алоқамандӣ бо дигар мавзӯъҳо тасвир шудааст.

Аз ҷумла, дар байтҳои ғазали зерин симои ошиқи дилдодаву беқароре тасвир шудааст. Шоир тавонистааст бо забони содаву фаҳмо ин рӯҳияи ошиқи бечораро дар пеши назари хонанда ҷилвагар созад:

Эй шӯх, маро волаву шайдо накунӣ чӣ?
Саргашта ба ҳар кӯчаву саҳро накунӣ чӣ?
З-он шаккари лаб бӯса диҳӣ баҳри ҳаётам,
Мӯҳтоҷ ба он Хизру Масеҳо накунӣ чӣ?
Бар рағми рақибон бинигар рост ба сӯям,
Каҷ-каҷ ба таҳи чашм тамошо накунӣ чӣ? [3.вар. 126 б]

Дар ғазали дигари шоир, ки дар пайравии ғазали машҳури Сайидо «Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд…» суруда шудааст, мавзӯи ишқу муҳаббат оҳанги иҷтимоӣ касб кардааст:

Дар дили шаб тори зулфи дилбарам омад ба ёд,
Накҳати кофуру мушку анбарам омад ба ёд.
Гулрухонро баски улфат буд бо аҳли ғино,
Дида бар рухсори хубон шуд, зарам омад ба ёд [3.вар. 45 а].

Ҳилолӣ дар байте аз як ғазали худ шиква мекунад, ки ғамҳои беҳадду канори ӯро ба ягон чизе ё ба ғамҳои касони дигар монанд кардан ғайри имкон аст:

Ғами маро ба ғами дигарон қиёс макун,
Ки ман нишонаи ғамҳои беқиёс шудам [1 с.,74].

Мухлис низ чун ошиқи сӯхтадил ва бечора аз ғами фироқу ҷафои ёр ҳилоливор шикоят мекунад:

Як сӯ ғами фироқ, дигар сӯ ҷафои ёр,
Мухлис ба зери чарх чу ман бедимоғ нест [3.вар. 23 а].

Мавзӯи дигаре, ки дар ғазалиёти Мухлис дида мешавад, шикоят аз замонаи худ мебошад. Ин, албатта, бесабаб нест. Амирони хонадони манғит зулму ситамро нисбат ба халқи мазлум бештар карда буданд ва онро асоси давлатдорӣ меҳисобиданд. Аҳли илму фарҳанг зиндагии қашшоқона доштанд ва баръакс бехирадону ҷоҳилон аз моли дунё бениёз буданд. Мухлиси Бадахшонӣ дар ғазале ҳофизвор аз ин нобаробарӣ шикоят мекунад:

Эй дил, биё кунем зи даврон шикояте,
Дар лавҳи рӯзгор бимонад ҳикояте.
Дар ин замона фарқ надорад дур(р) аз садаф,
Санҷидаам ба табъи амал бениҳояте.
Хуни ҷигар хӯранд ҳарифони нуктадон,
Қанду шакар насиб ба ҳар бедарояте [3.вар. 127 а].

Мавзӯи шикоят аз ҳоли бади худ ва ғарибӣ дар ғазалиёти Мухлис дар алоқамандӣ ба ҳамдигар омадаанд. Мухлис, ки аз Бадахшон ба Бухоро барои таҳсил омада барои якумрӣ дар он ҷо монд, зиндагии осуда надошт. Ба болои ҳаёти осуда надоштан, ҳар лаҳза хумори ватан ва фироқи ёру дӯстон шоирро азият медод. Аз ин рӯ, дар ғазале аз ҳоли бади худ ва меҳнати ғурбат бедилсон фарёд мекунад:

Ғубори хоки роҳам, зери доман гардро монам,
Асири зулфи ёрам дуди оҳи сардро монам.
Фалак бозичаи пиру ҷавонам сохт дар ғурбат,
Ба чашми аҳли сурат нақши рӯи нардро монам.
Ба рӯи сафҳаи айём дур аз дӯстон, Мухлис,
Ба кас рабте надорам, байтҳои фардро монам [3.вар. 94 а].

Шоир дар ҷои дигар шикоят аз фалаку дунё мекунад, ки ҳамеша ӯро гирифтори ғаму андӯҳ кардааст. Дар байте афсӯс аз он меҳӯрад, ки аз «суфраи роҳат» нон нахӯрдааст:

Ноне аз суфраи роҳат начашидам афсӯс,
Баҳри ҳар луқма фалак санг ба дандонам зад. [3.вар. 47а]

Ҷое аз бетолеъии худ шикоят мекунад, ки аз ҳар кас умеди вафо карда ҷафо дидааст:

Чу ман бетолеъе набвад ба олам,
Ки аз ҳар кас вафо ҷустам , ҷафо кард [3.вар. 51б].

Дар ғазалиёти Мухлиси Бадахшонӣ фикрҳои зиёди панду ахлоқӣ мавҷуданд, ки ин ҷо ба таври иҷмолӣ чанде аз онҳоро дида мебароем. Албатта, фикрҳои панду ахлоқӣ дар ғазалиёти шоир давоми андешаҳои шоирони гузаштаи мо мебошанд.

Мухлис дар зиндагӣ мисли сарв озод ва бебанду бор зиста, аз ҳирси андӯхтани молу сарват ва ё ба хотири ин пой дар ҳалқаи банди аҳли сарват доштан ва умуман бори тоқатфарсои миннатро нанг дониста, аз он парҳез кардааст. Шоир бо вуҷуди имкониятҳои зиёде, ки дар дарбори шоҳон аз ин ваҷҳ дар ихтиёр дошт, ғубори ҳирсу оз дар ойинаи хотири

ӯ ва савдои ҷамъ овардани молу зар дар қалби поки вай роҳ наёфт. Камбизоатиро аз ин амали нангин афзалтар донист. Мавсуф даъват менамояд, ки дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ аз мардуми мумсику паст чизе нахоҳем:

Менашояд сар фурӯ кардан ба пеши мумсикон,
Эҳтиёҷ ҳарчанд боло гашт, истиғно кунед. [3.вар. 48 а].

Мағрурию худписандӣ аз шумори хислатҳои бади инсонианд. Аз ин рӯ, дар байти дигар Мухлис хоксориро, ки беҳтарин хислати инсонист, бо онҳо муқобил мегузорад:

Доимо бош ту бар хоки мазаллат, Мухлис,
Мӯри ланге чи кунад тахти сулаймониро [3.вар. 3 а].
Ё худ:
Макаш сар то ба зери по наафтӣ,
Ки найро саркашиҳо зери по кард [3.вар. 51 б].

Мухлис зотан инсони накӯкор, хайрхоҳу хайрандеш ва нисбат ба ҳамнавъон дилсӯзу ғамхор буд. Саъй мекард бо ҳар василаву чорае ба мардум ёрӣ расонад ва дар зулматободи замони феодалӣ бо нури шамъи донишу маърифат роҳи онҳоро равшан намояд. Вай ба қадри ҳол кӯшиш мекард дасти одамони афтодаро бигирад. Зеро ба ақидаи шоир ҳосили умри гузарон барои инсон ба даст овардани номи нек аст. Аз ин рӯ шоир моро ба накӯкорию накӯномӣ даъват мекунад:

Ғайри ном аз мо дар ин манзил нишоне беш нест,
Ҳастии моро суроғ аз байзаи анқо кунед ***[3.вар. 48 а].***

Мухлис хушсуханиро аз гавҳар барин чизи пурқимат ва аз сухани бад даҳони морро боло медонад. Вай моро ба хушсуханӣ даъват мекунад:

Ҳарфи хуш аз гавҳари шаҳвор беҳ,
Аз сухани бад даҳани мор беҳ,
Гул, ки аз он бӯ нарасад дар машом,
Ғунчаи нашкуфта бари хор беҳ [3.вар. 121 а].

Ғазалиёти Мухлиси Бадахшонӣ 5-19-байтӣ буда, аз ҷиҳати забону услуб хеле содаву равон мебошанд ва сурудҳои зебои халқиро ба ёд меоранд. Шоир кӯшиш кардааст, ки ғазалҳояшро ба забону дили мардум наздик гӯяд. Гувоҳи гуфтаҳои мо чанд мисраи ғазали зерини Мухлис аст:

Эй кош, бувад дасти ману зулфи ёраке,
Чун шона зулфакаш бикунам тор-тораке.
Бошам ҳамеша бар сараки кӯякаш муқим,
Чун хоксоракон ба дараш хоксораке.
Мухлис, дилам ба оташи ҳиҷрон кабоб кард,
Он шӯхаки ситамгараки беқарораке [3.вар. 120 а].

Ғазлиёти Мухлис барои мо бо мазмунҳои ҳаётию тасвирҳои воқеӣ, бо оҳангҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ақидаҳои инсондӯстӣ қимати калон доранд. Мо дар ашъори Мухлиси Бадахшонӣ шикваю шикоятҳои ҳаёти вазнин, тасвири авзоъи муҳити тира ва танқиду мазаммати пурҳарорати онро мутолиа мекунем ва ба хубӣ пай мебарем, ки ҳама оҳангҳои пурсӯзу гудози шоир, оҳу нола ва фарёди аҳли заҳмати замонро ифода намудааст.

Хулоса, бо тамоми паҳлуҳояш мавриди баррасӣ қарор додани ғазалиёти Мухлиси Бадахшонӣ таҳқиқоти алоҳидаеро талаб менамояд. Кӯшиш менамоем дар оянда ин мавзӯъро пайгирӣ намоем ва бардошти худро пешкаши аҳли илму адаб ва дӯстдорони каломи бадеъ гардонем.

АДАБИЁТ

1. Адабиёти тоҷик барои синфи IX.- Душанбе: Маориф, 1987. 315с.
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.- Москва, 1926

АНДЕШАҲОИ БАШАРДӮСТОНАИ ҚУТБӢ КИРОМ

Латифзода А.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Муайян намудани шарҳи ҳоли адиб, рӯзгор ва саҳифаҳои зиндагии ӯ яке аз вазифаҳои муҳими илми адабиётшиносӣ мебошад. Осори эҷодкорро бидуни донистани роҳи тайнамудаи ӯ, ки одатан аз нишебу фарозҳои зиндагӣ иборат мебошад ба таҳқиқ гирифтан амри муҳол аст. Яъне, осори адиб ба зиндагиномаи ӯ бояд муштарак мавриди таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор бигирад. Адиби воқеӣ ҳарчи менависад сараввал мавзӯю маънии онро аз рӯзгор ва сарнавишти худ ҷустуҷӯ менамояд. Вақте ки шеър натиҷаи эҳсоси шоир аст мегӯем, ин чунин маъноро дорад, ки эҳсоси ӯ баёнгари эҳсоси ҳам миллаташ ва ҳам мардумаш мебошад. Дарди шоир ва дарди миллат дар якҷояги шеъри асилро ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, мо адабиётшиносони қарни XXI-ро зарур меояд, ки ба рӯзгор, сарнавишт ва осори адибони барҷастаи худ бо назари тозае нигаранд ва пеш аз ҳама ононро аз нав омӯзем сипас осорашонро ба асоси зинаҳои рӯзгори адиб кашф намоем.

Шоири ватансарову иҷтимоъгаро, боҳунару суханаш коргар, ғамдидаву дардкашида, созандаву барозанда, баркамолу нозукхайёл Қутбӣ Киром яке аз шоирони маъруфи нимаи дуюми садаи XX -и адабиёти тоҷик буда, аз худ мероси пурарзише боқӣ гузоштааст.

Қутбӣ Киром як деҳқонзодаи шарафманду заҳматкашу намакҳалол, якрӯю якзабон, ҳақталошу адолатпеша, худогоҳу худшинос ва банангу номус буда, дар ашъораш бо ҳамин сифатҳои нақшиби худ ҳамдиёрон ва халқи бузургворашро тараннуму тасвир намудааст. Шояд нафаре ба монанди Қутбӣ Киром сифатҳои баргузида, аз ҷумла, одамияти баланд, меҳмоннавозию инсондӯстдорӣ, ростгӯию ростқорӣ ва садоқату вафодории мардуми Фалғарро ҳамчунон зинда, воқеӣ, дилкашу дилнавоз ва самимӣ тасвир накарда бошад.

Рӯи ҷаҳонро дидаам, чун нони Фалғар нест нон,
Дар сахтию тоқатоварӣ чун ҷони Фалғар нест ҷон.
Бо селу оташ ҳамнишин марду занони дурбин,
Бар оби равшан хобгӯ бо мурғу моҳи ҳамзабон [7, с.25].

Шоири хушзавқ Қутбӣ Киром шеъри аввалини худро соли 1957 дар журнали «Шарқи Сурх» ба чоп расонидааст.

Баъди гузашти солҳо шоири хушклом ва ширинбаён маҷмӯаи нахустини ашъори хешро бо номи «Парвози меҳр» соли 1963 бо сарсухани раҳнамои устоди зиндаёд Мирсаид Миршакар интишор намудааст. Дар китоби номбурда шеъре бо номи «Тӯҳфа» (1961) чоп шудааст, ки дар он сухан аз боби дар рӯзи ид ба модари азиз тӯҳфа овардани фарзанд рафтааст. Ҳадяи устод Қутбӣ ба модар ин аст:

Биравам баҳри Ватан кор кунам, Чӯли лабташна чу гулзор кунам.
Раваму қалби адӯ чок занам, Байрақи шуҳра бар афлок занам.
Адаб омӯзаму мардию вафо, Гум кунам аз ҳама ҷо макру риё.
Баҳри мардум каси даркор шавам, Машъали раҳ ба шаби тор шавам.
Пас ба ту тӯҳфа кунам сарфароз, Номи неку шарафи дасти дароз [2, с.17].

Шоир ба модар дар рӯзи идаш на тӯҳфаи дурӯғину моддӣ, ки фаношаванда аст, балки армуғон ё ҳадяи маънавию ахлоқӣ, ки муносиби аҳли ҷамъият мебошад, ҳадя намудааст.

Бояд гуфт, ки «Парвози меҳр» маҷмӯаи нахустини устод Қутбӣ Киром мебошад. Дар китоби номбурда шоир дар шеърҳои худ бо обу ранги нав, бо эҳсосоти пурҷӯшу хурӯш ҳаёти одамони советиро тасвир намудааст.

Дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш яқин дарк кардааст, ки дар байни ҳамсолону ҳамсафон, ҳамкасбону ҳамнабардонаш «оҳанги дигар» ва «зодаи ҳақиқати тӯфонии худаш» аст.

Соли 1962 шоир орзуи навиштани шеъри шакарбор карда, шеъре бо номи «Ин аст талаб» эҷод менамояд.

Чун Зарафшон зода туғён ба сад ҷӯшу хурӯш,
Доимо пеш равам ҳамраҳи ёрони баҳуш.
Карда аз ҷоми вафо бодаи ишқатро нӯш,
Ба Ватан шеъри шакарбор нависам ба хурӯш [2, с.52].

Завқу рағбати шоир ба эҷод намудани шеъ сол то сол зиёд мешуд, устод ба эҷод намудани шеъ дарди худро рӯи авроқи сафед меовард.

Дар шеъри «Роҳ» (1965) маромнома ва хитобномаю ормонҳои дили шоир ҷиддитару мушкилтар шуданд:

Роҳ бар ағбаи касногузарам мебояд, Ки дар он тармафуро бими ҷаҳаннам бошад.
Роҳ гар дам, ки дилу дида муаллақ бинам, Умр андар сари як барг чу шабнам бошад.

Сел аз сари аґба расад, банд кунад роҳи маро, Ҷон гарав монда равам дар ҷарии оҳугузар.
Кафи по сӯзад аз облаву дил пой занад, Мижа асо кунаму сина ба ҳар санг сипар!. [*5, 12*].

Дар «Шоир» (1966) ном шеъраш ҷаҳони маънавию ахлоқӣ, олами мураккабу пурзиддияту мутаґайир ва таҳрикаҳои қалбӣ роҳию равонии инсони шоирро чунин ба қалам овардааст:

Гоҳ ґарқи ба қатраи шабнам, Гоҳ дарё бувад дар оґӯшаш.
Гоҳ оби рӯйи санг астӣ, Ки алавро надида меҷӯшад.
Гоҳ ҳадаф ту ба тири нохалафе, Гоҳ гардан ба ҳалқаи дорӣ.
Қудрати раъду барқ дар суханат, Метавони ҷаҳон бисузони. [4, с. 107].

Чун аз шеъри Қутбӣ Киром сухан мегӯем аз шеъри «Бӯи нон» наметавонем нодида гузашт. Чунки шеъри номбурда шиносномаи Қутбӣ Киром дар ҷодаи назми муосир мебошад. Дар ин шеър солҳои вазнини ҷанг, солҳои қаҳтиву ночорӣ тасвир ёфтааст:

Солҳое, ки Ватан дар ҳифзи ному нанг буд,
Танг ҳоли халқ аз дасти балои ҷанг буд.
Дар ҳамин айём, дар як рӯзи пурфайзи баҳор,
Гушнагӣ бо дасти шахшулаш рабуд аз ман мадор [*6, с. 5*].

Ин шеър яке аз беҳтарин шеърҳоест дар сифати нон ва қадри он.

Хушбахтона, нигоштаҳои дардолудаю бо хуни ҷигари бирён намудаи устоди зиндаёд, шоири закию хирадманд Қутбӣ Киром машъали тобноку бурҳони қотеъ дар баёни ҳақиқати таърихи пурфоҷиаи миллат дар ибтидои солҳои Истиқлолият мебошад. Шоири якрӯю дардошнои миллат дар шеъри «Дарди миллат» ҳақиқат ва асли фоҷиаи ибтидои солҳои 90-умро дақиқу шоирона ва далерона баён сохтааст:

Худоё, тоҷиконатро амон бахшо зи худхоҳӣ, Дилам сад пора шуд аз маншаи»инҷоӣ»- онҷоӣ...
Суҳандонон, суханнодидаҳо имрӯз пурҳарфанд, Дарего, нуқтадоне, нуқтасанҷе, нуқтафармое,
Ба ҳар кӣ бингарам, теғи забонаш қатл мехоҳад, Зи чашми мардуме ҷои муҳаббат кина мерезад[8, с.35].

Шеърҳое, ки устод Қутбӣ аз ёддоштҳои замонҳои ҷанг ва дарки беолоиши бачагиаш ба рӯи қоґаз меовард, бисёр зинда ҳаётӣ ва боварибахшанд. Шоир онҳоро намебофад, ҳамчун эҷодкори нодиркор пораҳои равшану хотирнишини зиндагиро интихоб намуда, онҳоро моҳирона ба қалам медиҳад. Дар шеъри «Суҳбат бо фарзандон» манзараи мудҳиш ва фоҷеабореро, ки ба сари чӯпонписари гурусна омадааст онро шоири оянда бо чашмони тифли худ дидааст, магар маҷоли фаромӯш кардан ҳаст?

Подаро бурда ба арзанпайае ӯ ҷо кард,
Нон ба каф, шодикунон азми лаби дарё кард.
Об мавҷ заду бурд аз кафи чӯпон нонро,
Сарвати аз ҳама камёбтари давронро [3, с.17].

Ашъори дар солҳои гуногун офаридаи ӯ дар авроқи маҷмӯаи «Бӯи нон» (1966), «Илҳом» (1968), «Рези кӯҳсор» (1970), «Остони баланд (1972)», «Хоки пайвандӣ» (1974), «Камон» (1974), «Чашми Дил» (1976), «Пули Сангин» (1980), «Ҷонфидо» (1980), «Сари баланд» (1982), «Ҷоми нур» (1983), «Дили бародар» (1986), «Субҳи содиқ» (1989), «Нишот» (1982), «Ёр меояд!», (1992), «Аз гулу хоку шуълаи оташ», «Оташи меҳр» ва «Минбари виҷдон» (2012) фароҳам овардаанд.

Устод Қутбӣ Киром аз китобе то китоби дигар ҳамчун шоир месабзиду қомат меафрохт, доираи мавзӯъҳои шеърияш то рафт васеътару ҷаззобтар мешуданд, ба жанрҳои гуногуни адабӣ рӯй меовард ва пайи ҳам достонҳои «Камон», «Антон», «Достони Лола», «Қуллаҳои ноаён», «Достони хуб», «Аввалин дидор», «Нафаси ошиқӣ», «Ҳарфи аввал», «Посбони мақбара», «Дафтари Порис» – ро ба табъ расонидааст.

Дар ашъораш хисоиси ҳамидаи сарбаландию, ҷавонмардӣ, инсондӯстию ватанпарварӣ ва бардошти таҷрибаи рӯзгорро самимӣ ба тасвир овардааст. Дилбохтагони шоир ӯро ҳамчун марде маҳфилоро ва шоире хушқариҳа мешиносанду дар ёдҳояшон зинда медорад.

Муаллифи қиссаи «Қатли Туғрал» (1984) драммаҳои «Тори муҳаббат» ва «Тири маломат» филмномаҳои «Бӯи нон», «Чор тан дар пайраҳа», «Антон» ва ґайра мебошад.

Ашъори ба русӣ баргардонидашудааш дар маҷмӯаҳои «Напевы вершин» (1976), «Горный кряж» (1979), «Мост времени» (1983) ва «Закон любвы» (1985) ба чоп расидаанд. Иддае аз навиштаҳои ӯ ба дигар забонҳо ҳам тарҷума ва чоп шудаанд. Худи ӯ китоби ашъори В. Шекспир, А. Блок, А. Мискевич, М. Лермонтов, Н. Некрасов, Л. Украинка, Ф.А. Файз, М. Карим, С. Вурғун, Зулфия, В. Костров ва дигаронро ба тоҷикӣ гардонидааст.

Ба қавли муҳаққиқ Юсуф Акбарзода устод Қутбӣ Киром аз оғози фаъолияти шоирии хеш бо роҳи ноозмудаву мушкилгард рафта «аз сангпули асрҳо танҳо», «аз зери теґ бо сари боло», «гоҳ зи тангроҳаи дилҳо гузаштааст», «гоҳе ба оби дидаҳо ґарқ» гашта, ба нокомиҳо рӯ ба рӯ шудааст, вале аз аҳду паймони худ рӯ натофта дар аҳдаш устувор истода шеъре бо номи «Шеъри аввалин» эҷод

намудааст [№51, 2012]. Оре вақте ашъори устодро аз нигоҳи ҳунариву мавзӯй назар андохта мешавад, ба ақидаи фавқуззикр меой.

Ман шеъри аввалини худ бевазн гуфтам,
Зери замину осмон худ кони нола буд,
Чун дасти кӯтаҳи амак, чун фанди хола буд...
Будам ба даст номаи марги бародарам.
То ки ба тори хотире боре наоварад.
Ин шеъри ман ба кӯдаки бемодари замон.
Ман шеъри аввалини худ он лаҳза гуфтаам,
Ба ҷои «мурд» «зинда аст» иншо намуда худ… [7,с. 65].

Ин аст, ки шеъри устод Қутбӣ Киром аз ибтидо шеъри дарду мотами халқу миллат, шеъри ифшокунанди фиғону нола, шеъри хунин, шеъри ҷасорату матонату диловарӣ, созандагию офаридгорӣ ва хушбинию нафосату худсозист.

Устод Қутбӣ қудрати кушандагӣ, созандагӣ, офаридгорию барҳамзанандагии шеър, шеъри асилу нобро ноил мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки шоирӣ, шефтагӣ, ҷунунӣ ва «девонагӣ» дар сиришт, дар бунёд, дар узву ҷузв дар рагҳои хунгард дар ҳар як қатра хуни устод Қутбӣ нуҳуфтаву дарҷ гардидааст ва ба пиндошти худи шоир, сиришти ӯ саропо шеър буд («Шеъраст олами ман»), ӯро аз лойи Хайём офаридаанд («Маро аз лойи Хайём офаридаанд»), аз ин рӯ шеъри устод Қутбӣ шеъри асил мебошад. Аксари навиштаҳои шоир ҳосили ҳунари воло ва завқи баланду салиму истеъдоди комил мебошад.

Устод Қутбӣ Киром шоири ҳақиқатнигор воқеъанигор, вуқуъгӯст. Дар аксари мутлақи ашъори ӯ қаҳрамонон шахсони воқеӣ ва бо исму валаду сарнавишту зиндагонии воқеиашон зикру тасвир шудаанд. Ӯ, асосан, воқеа ва рӯйдоди бо чашми сар дида ва шунидаҳояшро аз суҳони ақл гузаронида, мавриди таҳлилу барраси қарор дода, аз ин рӯйдод хулосаю натиҷа гирифта, аз ин натиҷагириҳо бо як илҳом аз паси эҷоди шеъри наве мешуд.

Шеъри шоирони воқеӣ ва огоҳдил барои ҳидоят ва тарбияти мардум ва миллат мебошад, сухани устоди зиндаёд Қутбӣ Киром аз ин истисно дур нест. «Шоир барои миллати худ аз меҳру муҳаббат ва ишқ, чароғе фурӯзон кардааст, ки ин чароғ чун аз нури меҳру ишқ равшан аст ва ҳаргиз хомӯш намешавад». [1, №51- 2012].

Шахсияти устод Қутбӣ Киром низ нотакрор буда, бисёре аз рафтору кирдори ӯ имрӯз ҳам мавриди ёдовариву гуфтугузори дӯстону шогирдон буда, ҳар нақлу ҳар хотираи устод маҳфилҳоро гарм медораду табъҳоро хуш ва ба дилҳо фараҳу ба лабҳо табассум мебахшад.

АДАБИЁТ

1. Акбарзода Юсуф. Адабиёт ва санъат. - №51 (1658), 20.12.2012
2. Киром Қутбӣ. Парвози меҳр. Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон 1963-98 с.
3. Киром Қутбӣ. Илҳом – Душанбе: «Ирфон» 1968-38 с.
4. Киром Қутбӣ. Рези кӯҳсор.-Душанбе: «Ирфон», 1970-167 с.
5. Киром Қутбӣ. Қуллаҳои ноён. – Душанбе: «Маориф», 1979.-64 с.
6. Киром Қутбӣ. Дили бародар. - Душанбе: «Ирфон», 1985.-224 с.
7. Киром Қутбӣ. Сари баланд. – Душанбе: Ирфон, 1982.-452 с.
8. Киром Қутбӣ. ...Ёр меояд! – Душанбе: «Адиб», 1992.-128 с.

ГУМАНИСТИЧЕСКИЙ УЧЕНИЯ КУТБИ КИРОМА

В статье предоставлены сведения о гуманитарных взглядах народного поэта Таджикистана Кутби Кирома. Эта статья станет хорошей основой для изучения жизни и литературного наследия великого поэта. Также в статье анализируются отдельные части поэзии и на их основе оценивается поэтическое искусство Кутби Кирома. В статье говорится о выборе темы, отношении поэта к общественной жизни своего времени, анализируется и обсуждается идея благотворительности поэта.

Ключевые слова: *Кутби Киром, поэт, поэзия, патриотизм, гуманитарные идеи, поэтическое мастерство.*

THE HUMANISTIC TEACHING OF KUTBY KIROMA

The article provides information about the humanitarian views of the People's Poet of Tajikistan Kutbi Kirom. This article will be a good basis for studying of the life and literary heritage of the great poet. Also, the article analyzes certain parts of poetry and, on their basis, evaluates the poetic art of Qutbi Kirom. The article talks about the choice of the topic, the poet's attitude to the public life of his time, analyzes and discusses the idea of the poet's charity.

Keywords: *Qutbi Kirom, poet, poetry, patriotism, humanitarian ideas, poetic skill*

Сведение об автора:

Латифзода Анзурат Абдунасим *- доктор (Ph.D) кафедры теория и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Адрес: Таджикистан, 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.*

About the author:

Latifzoda Anzurat – *PhD student of the Department of Theory and literature of the Tajik State Pedagogical university named after Sadriddin Aini.* ***Address:*** *Tajikistan 734003, city Dushanbe street Rudaki 121*

ПАНДУ АНДАРЗ ДАР АШЪОРИ НИЗОМУДДИН АҲМАДИ СУҲАЙЛӢ

Зокиров Х.Ҷ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Адабиёти форсу тоҷик бо ғояҳои баланди башардӯстона ва инсонпарварона, мазмуну мундариҷаи олӣ дар кохи ахлоқи олии инсонӣ ва тамаддуни башарӣ ганҷури арзишманд ва оламшумулеро афзудааст, ки ин падидаҳои нодири маънавӣ дар таърихи фарҳанги инсоният рисолати бузург ва беназиреро анҷом доданд. Ин рисолати бузург, пеш аз ҳама дар касби мазмуни баланди ҳаёт, бозтоби масоил ва муаммоҳои арзишманди ҳастӣ, дарки баланди мақом ва ҷойгоҳи инсон дар ҷаҳони омадшуд, фалсафаи зиндагӣ дар муҳтаво ва дарунмояи он таҷассум ёфта, арзишҳои адабиро ба унвони дастури олии инсонпарварӣ, маҷмӯи хираду маърифат ва таълиму тарбия муаррифӣ кардааст. Мусаллам аст, ки мазмуну мундариҷаи баланд, ғояҳои олии инсонпарварона омил бар он гардида, ки адабиёти форсу тоҷик ба адабиёту фарҳангҳои дигар халқҳои ҷаҳон таъсири амиқи хешро гузорад. Чернишевский мафтуни симои офаридани Гурдофариди Фирдавсӣ, Гёте ошиқи ғазалиёти дилошӯби Ҳофизи Шерозӣ гардида буданд. Робиндранат Тагор ба арзишҳои ахлоқии китоби муқаддаси Авасто баҳои баланд дода, ҳикмати «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»- ро олитарин таълимоти башарият унвон намудааст. Дар осори оламшумули Л. Н. Толстой таъсири адабиёти ирфонии тоҷик ба мисли осори Аттору Саноӣ хеле чашмрас аст, ки ин бори дигар бузургии ин адабиёти моро таъйид мекунад.

Ифодаи матлабҳои барҷастаи ахлоқӣ ва маънавӣ дар сурати панду ҳикматҳои пурмазмун ҳанӯз аз даврони қадим дар адабиёти форсу тоҷик мавқеи хоссе дошта, бо пайдоиши дини ислом он бо маърифату фарҳанги ҷадид зоҳир гардид, ки тамоми осори гузаштагони моро дар бар мегирад. Ба таъбири дигар, яке аз аввалин намунаҳои осори насри кӯҳани тоҷикӣ маҳз андарзнома ба шумор меравад, ки тарҳу бунёди нахустин падидаҳои тафаккури адабиву ахлоқии инсонӣ дар он таҷассум ёфтааст: «Суннати андарзнависӣ ва пандгӯи, ки дар маҷмӯъ бо унвони «Андарзнома» машҳур аст, дар адабиёти форсӣ беш аз 2500 сол таърих дорад. Нахустин намунаҳои андарзу пандҳо ҳарчанд дар бахшҳои мухталифи китоби «Авесто» ё сурудаҳои маъруфи «Готҳо» зуҳур намудааст, аммо бо дар адабиёти паҳлавӣ дар замони Сосониён (224- 661 мелодӣ), хосатан давраи подшоҳии Хусрави Первиз (531-579), ки бо лақаби Анӯшервони Одил маълум аст, дар охири аҳди Сосониён «Андарзномаки Анӯшервон» ва «Пандномаки Нӯшервон» ва «Пандномаки Бузургмеҳр» хеле машҳур будаанд» [1, 465].

Ҳамзамон, дар таркиби осори паҳлавӣ намунаҳои барҷастаи андарзномаҳое бо номҳои «Андарзи Ушанри Доно», «Андарзи пешиниён», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Андарзи Озарбади Маҳраспандон», «Вожае чанд аз Озарбади Маҳраспандон», «Андарзи Ушнари доно», «Андарзи Ҷамшед», «Андарзи Саена», «Андарзи Хусрави Қубодон» ва амсоли ин ҷой доранд, ки ба ривоҷи адабиёти ахлоқӣ ва таҳкими пояҳои он дар аҳди аввали ташаккули адабиёти тоҷик ишорат мекунанд. Самараҳои мавҷудияти чунин зербинои мустаҳками ахлоқӣ дар адабиёти тоҷик боис шуд, ки дар даврони баъдии ташаккули адабиёт баробар бо асари фарҳанг ва ахлоқи исломӣ ҷавҳари ахлоқии анвоъи адабӣ боз ҳам таҳким пазируфт.

Дар осори адибони гузаштаи мо аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Саноӣ, Аттор, Рӯмӣ, Камол, Ҷомӣ мавзӯи мазкур ҷойгоҳи муайян касб намуд, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт, масоили мухталифи ҳастӣ тавассути панду ҳикмат инъикос ёфтааст. Осори панду ҳикматии мавзӯъҳои тавозӯву хоксорӣ, омӯзиши илму ҳунар, сабру қаноат, босамар гузаронидани умр ва ғайра гуфта шудааст.

«Исоният аз рӯзи валодат то охири умр ба панд гирифтан ва соҳибахлоқ шудан ниёз дорад. Ин ниёзмандӣ дар натиҷаи таъсири мутақобилаи шахс ба ҷомеа ва баръакс, ҷомеа бо шахс бароварда мегардаду ҳаёти инсониро ба маҷрои муайяну муаддаб ворид месозад, ки муҳаррики он инсони адиб аст[2, с.73].

Низомуддин Аҳмади Суҳайлӣ аз зумраи шоироне мебошад, ки панду андарз дар осори ӯ дар баробари дигар мавзӯоти муҳими адбиёти тоҷик мақоми хосаеро ишғол мекунад. Дар асоси

мутолиаи сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки замони зиндагии Суҳайлӣ ноадолатию беинсофӣ ва нобаробарии синфи ҳукмрон мамлакатро фаро гирифта буд: «Аммо ҳангоми ҳукмронии Абӯсаид пуст кандану дар оби ҷуш пухтани одамони саркаш, мӯи сари занонро тарошидан ва амсоли инҳо басе ривоҷ дошта, қатли фоҷиатангези завҷаи Шоҳрух Гавҳаршод (соли 861/1457), дар пои қалъаи Ихтиёруддин дар дег ҷӯшонда шудани вазир Хоҷа Муизуддини Шерозӣ ва пӯст канда дар дарвозаи Малик овехта шудани сарроф Шайх Аҳмад (соли (866/1462), куштори шоҳи Бадахшон Лаълӣ ва писараш Ибни Лаълӣ (соли 871/1466) мисоли қатъии бедодгариҳои ӯст. Табиист, ки дар чунин шароит адабиёт, санъати меъморӣ ва илмҳои дақиқ наметавонистаанд, ки ба дараҷаи кофӣ сабзанд. Баръакс хурофот, дуздӣ, ришвадиҳӣ, порахӯрӣ, авбошӣ, бетартибӣ ва зулм мамлакатро печонда гирифта буд. Аз ҳамин сабаб муаррихони он замон ҳангоми тасвири аҳди Абӯсаид аз зикри мавҷудияти маркази адабию илмӣ ва номбар кардани шоирону мутафаккирони намоён хомӯш мемонданд» [3, 17-18с].

Таъсири бевоситаи муҳити зист, сиёсати ҳар давру замон, сохти ҷамъиятӣ ва ҳолати зиндагии ин ё он шоиру адибу мутафаккир боиси эҷоди асарҳое мешаванд, ки агар аз нуқтаи назари таҳлилӣ нигарем, зарурат ва аҳамияти таълифи онҳо равшан мегардад. Дар тамоми давраҳои минбаъда ҳангоми баҳо додан ба рӯзгору осор ва замони зиндагӣ бояд заминаҳои фавқуззикр дар мадди назар қарор бигиранд. Мусаллам аст, ки инсон дар ҷамъият зиста аз таъсири ҳаводису воқеоти он берун умр ба сар бурда наметавонад.

Биноан, Аҳмади Суҳайлӣ чун фарзанди замони худ нисбат ба авзои ичтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бетараф буда наметавонист. Ба вижа он вазъияти муҳлик, ки заҳматкашонро ба дод оварда буд, шоир дар эҷодиёти худ бадиву бадкирдориҳое, ки ба чашми худ медид, зери тозиёнаи танқид гирифта, онҳоро барои инсон амали ношоиста шуморида даъват ба амал овардааст, ки аз ин корҳои бад даст кашанд. Худи Суҳайлӣ низ аз ин гирудорҳо ба дод омада буд. Дар байти зерин шоир чун қаҳрамони лирикӣ ба хонандааш хабар додааст, ки аз гирудори зиндагӣ хиҷил набояд шуд, зеро мерасад рӯзе, ки ҷои машақату заҳматро фараҳу шодӣ бигирад:

Шаби ҳаҷри туро субҳи висоле бардамад охир,
Шикоят, эй Суҳайлӣ, то ба кай аз рӯзгори худ [2, 34 а].

Ҳатто дар чунин ашъоре, ки оҳанги интиқодӣ доранд, шеваи насиҳат ва андарз додан ба чашм мерасад. Бо он ки навмедӣ аз расидани рӯзи васл мекунад, аммо бо насиҳат ба худ ба тамоми аҳли замон андарз медиҳад, ки хоҳу нохоҳ шаби ҳиҷронро субҳи висол мубаддал мешавад. Аз ин рӯ, шикоят кардан аз рӯзгори ҷорӣ начандон қобили қабул аст. Шоир ба насли тамоми даврони таърихӣ андарз медиҳад, ки ҳаргиз аз рӯзгор шикоят накунанд.

Ӯ ки худ ходими давлатӣ буд, вазъияти замонаро сарфи назар намекард. Суҳайлӣ марди қаноатпеша, хоксор буд ва аз пайи ҷоҳу ҷалол намекӯшид. Касоне ки дар пайи молу зар ҳастанд, гумроҳтарин инсони рӯи замин мепиндошт. Ин суханвари мумтоз ҳирсу тамаъҷӯиро, ки аз хислатҳои зишти инсон ба шумор мераванд, яке аз воситаҳое ба шумор меоварад, ки боиси коҳиш ёфтани иззати нафс, шаъну шарафи инсонӣ ва далели сар задани кашмакашиҳои хунин мегарданд. Бо ин сабаб пайваста чунин хислатҳои замимаи инсониро мавриди интиқод қарор медод. Ба таъкиди шоир нафароне, ки аз паи молу зар мераванд, шаъну шарафи баланди инсонро аз даст хоҳанд дод. Суҳайлӣ дар шеъри худ хитобан фармудааст, ки «хаёли тоҷи мурассаъ»-ро аз сар бадар кун, зеро он ба ту вафо нахоҳад кард:

Эй дил, хаёли тоҷи мурассаъ бинеҳ зи сар,
Фарқат ба санги фитна гирифтор, гӯ, мабош [2, 92 б].

Дорӣ ва хаёли ба даст овардани ҷоҳро ба санги фитна шабоҳат дода, таъкид карданист, ки мехоҳӣ сарат ба санги фитна бар нахӯрад, хаёли тоҷи мурассаъ доштанро аз сар берун кун, яъне аз андешаи расидан ба мақому манзалат ва мансаби дунёӣ даст каш, зеро оромиш ва осоиш дар қаноат ва ризо аст:

Дар пеши чун худӣ пайи хидмат камар мабанд,
Ин бутпарастиву зуннор, гӯ, мабош [2, 92 б].

Шоир фармудааст, ки инсон пеши ҳеҷ кас ҳоматашро дуто накунад. Ҳамагуна амали ноҷо ва ношоиста лоиқи инсонҳои озода ва шариф нестанд. Аз сӯи дигар, зимни ин андешаҳо суханвар таъкид медорад, ки инсонҳо чоплусиву хушомадгӯи накунанд зеро хушомадгӯй ба навъи аҳли башар шабеҳи бутпарастӣ бошад, ки воқеан, пеши аҳли дилу назар гуноҳе азим аст.

Низомуддин Аҳмади Суҳайлӣ муддате дар дарбори Абӯсаид Мирзо ва зиёда аз 20 сол аз муқаррабони Султон Ҳусайни Бойқаро будааст ва дар охири умр бо сабабҳои номаълум аз хизмат даст кашидааст. Ба дарбор ҷамъ овардани аҳли илму адабу санъат, ҳунармандон ва доираи адабиву ҳунарӣ ташкил намудан, аз анъанаҳои хуби давлатдорӣ маҳсуб меёфт, ки инро Султон Ҳусайни Бойқаро огоҳона дар дарбори худ амалӣ кард ва ҳамин фазилат омили афзудани эътибори сиёсиву маънавии вай гардидааст. Ин анъанаи хуб, ки хонадонҳои нави ба сари қудратомада барои афзудани шаъну шукӯҳӣ давлатдориашон истифода мекарданд ва бо ин роҳ гӯё адолатхоҳиву пуштибони

раъият пуштибони раъият будани хешро намоиш медоданд. Аммо Суҳайлӣ фармудааст, ки фармондеҳиву фармонбардориро аз сари худ дур кун, зеро он монанди мори хунхор ва «афъӣ» мебошад, ки дар ҷайб мегардонӣ. Ба ибораи дигар, зулму таадӣ, ки дар зери фармондеҳӣ қарор дорад, навъе инсонро ба мори «афъӣ»- и хунхор бадал мекунад:

Бигсил зи банди хотами фармондеҳӣ умед,
Ҷайбат макони афъии хунхор, гӯ, мабош [2, 92 б].

Ё:

Дил бад макун, ки қасри гарон нест бар сарат,
Андешаи фитодани девор, гӯ, мабош [2, 93 а].

Шоир мефармояд оё андеша дорӣ, ки он кирдорҳои бади ту норавшан хоҳад монд, баръакс он монанди қасре мебошад, ки дар болои сар қомат рост мекунад ва ту андешаи онро кун, ки ин қаср то абад барпо нахоҳад монд ва мерасад рӯзе , ки он ба сари ту фурӯ хоҳад рехт. Дар байти дигар шоир ба қаноат таваҷҷуҳ зоҳир карда фармудааст, ки:

Пас аз қаноатат адами эҳтиёҷ агар,
Нафъе дигар набошад аз ин кор, гӯ, мабош[2, 93 б]..

Суҳайлӣ дар ин ҷо таъкид доштааст, ки агар қаноатро пеша кунӣ, чизи дигаре беҳтар аз он нахоҳад буд. Зеро агар шахс қаноатмандиро сармашқи кори худ қарор диҳад, рафтор ва гуфтори ӯ устувор хоҳад гашт, зеро дар қаноат варзидан адами эҳтиёҷ, ки яке аз рукнҳои барҷастаи тасаввуф низ мебошад, ҳосил мешавад. Ин нуктаи муҳими ҳадафи зиндагонии аҳли ирфон низ мебошад, ки дар навбати хеш пайванди афкори ахлоқии Суҳайлиро бо ахлоқи ирфонӣ нишон медиҳанд.

Ҷои дигар шоир андешаи даст кашидан аз дӯстиву муҳаббати дунёро талқин намуда, бо истиқбол ҳамон шеваи Ҳофиз талқин менамояд, ки ҳаргиз ба арӯси даҳр дил мабанд ва ба ақди ин ачӯзаи маккор мабош, ки бевафост:

Дил бар арӯси даҳр чӣ бандӣ, Суҳайлиё?
Дар ақдат ин ачӯзаи маккор, гӯ, мабош[2, 93 б]..

Тавре таъкид шуд, ин ҷо навъе истиқболи Суҳайлӣ аз ин каломи Ҳофиз ба чашм мерасад, ки фармуда:

Маҷӯ дурустии аҳд аз ҷаҳони сустниҳод,
Ки ин ачӯза арӯси ҳазор домод аст[2, 94 б]..

Суҳайлӣ танҳо зимнан ишорат мекунад, ки ақди ин ачӯзаи маккор, яъне арӯси дунё пойдор нест, чун арӯси бевафост. Ин маъниро шоир дар ҷои дигар ба таври зайл баён доштааст:

Машав, фирефтаи турфа ҷаҳон, эй дил,
Ки бӯйи меҳру вафо нест дар ҷибиллати ӯ[2, 98 б]..

Дар мавриди дигар, Суҳайлӣ таъкид бар он медорад, ки барои ман на моли дунё даркор на тахту тоҷ. Маълум аст, ки Искандар бо ҳамон ҷаҳонгириву ҷаҳондории худ ё Фаридун ба ҳамон бузургии ҳашамати хеш оқибат аз ин дунё рафтанду амммо ба худ чизе набурданд. Ҳамчунин дар мисраи дуюми байти зер метавон қиссаи Искандар ва Фаридунро ба ёд овард, ки дар бораи ин ду марди таърихи даҳҳо ривояту қиссаҳо мавҷуданд. Чунончи, образи Искандарро дар адабиёт аз Низомӣ сарр карда то Ҷомӣ ҳамчун образи мусбӣ нишон додаанд, ки сабаби аслии он ба адлу инсоф даъвати шоҳони пасин маҳсуб мешавад. Ба таъбири дигар, истифодаи ин образҳои имконият додааст, ки суханвар бо нишон додани чеҳраҳои мазкури таърихӣ мехоҳад, мардумро ба адлу дод ва дарки бевафоии олам даъват намояд:

Оқибат чун зери сар хишт асту бар болин алам,
Тоҷи Искандар чӣ суду чатри Афредун маро[2, 12 а]..

Суҳайлӣ мавриди дигар фармудааст, ки дилатро холӣ кун аз молу сарват, зеро он фишори санги озу тамаъ намегузорад, ту роҳат бошӣ. Аз ин рӯ, ҳамеша инсонро ба покиза нигоҳ доштани дил аз хаёли молу сарвати дунё даъват мекунад. Чун мавҷудияти хаёли симу зар мисоли зангор дар оинаи вуҷуд аст:

Бикшо зи уқдаи дили софӣ хаёли сим,
Ойинаат муқорани зангор, гӯ, мабош[2, 93 а]..

Ба назар мерасад, ки дар маврид ҳам афкори ахлоқии Суҳайлӣ ҷанбаи ахлоқӣ касб намудаанд, зеро яке аз рукнҳои муҳими тасаввуф даст кашидан аз хаёли муҳаббати дунё ва соф намудани дил аз андешаи ғайр маҳсуб мешавад.

Дигар аз афкори ахлоқии ҷолиби таваҷҷуҳ, ки дар ашъори Суҳайлӣ ба назар расид, ин талқини одоби сухан гуфтан ва сирро нигоҳ доштан ба шумор меравад. Шоир дар мавриди сухан ва сирро нигоҳ доштан изҳори назар намуда, таъкид медорад, ки бояд сирру асрорро дар миёни дигарон нагузорӣ:

Сир бо забони хеш ҳам андар миён манеҳ,
Ҳар сустқавл воқифи асрор, гӯ, мабош[2, 93а]..

Яъне сирреро ки бояд пинҳон бимонад набояд ба нафаре гуфта шавад, зеро он ошкор хоҳад шуд. Аз сӯи дигар анешаи Суҳайлӣ пайванд ба он дорад, ки бояд сирри дигаронро ҳам ки ба ту бовар карда мегӯянд дар миёни дигарон набояд гузошт. Мавлоно Балхӣ ҳам дар ин маврид фармудаанд:

Сирри худ бо ёри худ ҳарчанд битвонӣ магӯ,
Ёрро ёре бувад аз ёри худ андеша кун[2,].

Дар мавриди дили касеро наранҷонидан ин матлаи ғазал хуб эҷод шудааст. Албатта, ин дар асл мавзӯи ишқӣ дорад ва сухан дар бораи шикастани дили ошиқ аст ва шоир таъкид дорад, ки агарчи дили ошиқро шикастаӣ, вале онро аз даргоҳат марон, чун ин ҳол мисоли он бошад, ки мурғи шикастаболро боз ба санги ҷафо мезанӣ. Ӯ худ шикастабл аст, вале чар обоз ҳам ба санги ҷафо мезанӣ. Вале зимнан, шоир дар ҳошияи ин байти ошиқона инсонҳоро ба даст кашидан аз шикастани дилҳо ва ранҷониданидигарон даъват кардааст:

Дил ҷу шикастаӣ, марон ошиқи хастаҳолро,
Санги ҷафо чӣ мезанӣ мурғи шикастаболро[2, 10 б].?

Дар мавриди тавозӯъ ва хоксорӣ, ки беҳтарин хислатҳои инсон шинохта шудаанд, дар ғазалиёти Суҳайлӣ борҳо таъкид шудааст ва барои касби ин фазилатҳо даъват карда мешавад. Ҳарчанд шоир худ шахси олимақом буду дар вазифаҳои роҳбарикунанда адои хидмат намудааст, аммо аз рӯи хоксориву таҳаммул ӯ зиндагии фақиронаро аз зиндагии шоҳонаи дигарон боло медонад. Ба назар мерасад, ки ӯ аз таҷрибаи зиндагонии хеш, ки фурсатҳо дар дарбор дар миёни аҳли кибор ва бузургон фаъолият бурдааст, ба чунин хулоса расидааст, ки ҳаргиз инсонҳо бояд дар ин фикр набошанд:

Набошад манзари заркории шоҳӣ ҳавас моро,
Ки ин девори меҳнатхонаи андуҳ бас моро[2, 8 б]..

Назари шоир ба он пайванд мегирад, ки моро ҳаргиз ҳаваси пероҳани дебову заркории шоҳӣ, зеро нест ба таъбири вай ин ҷомаи фохира ва ин мақоми баланди давлатмардӣ дар асл «девори меҳнатхонаи андӯҳ» аст, зеро барои одамӣ ранҷи бисёр меоварад.

Суҳалӣ мисли дигар саромадони адабиёти классикии форсу тоҷик бар он ақида аст, ки инсон аз зумраи он офаридаҳои Парвардигор аст ва бар асоси ин, одамро сарвари тамоми махлуқоти олами вуҷуд медонад. Пас ӯ бояд аз тамоми кирдорҳои баде, ки манъ гардидаан даст кашад. Инсон бояд ҳамчун соҳиби ахлоқи ҳамида, бо донишу фазлатҳои хуб, накӯкору хирадманд дар зиндагӣ мақому мартабаи худро соҳиб бошад. Мақсади шоир аз пешниҳоди чунин масъалаҳо дар навбати аввал таблиғу тарғиби хислатҳои неки инсонӣ дар зиндагӣ мебошад. Агар шоир аз афкору ақоиди пешиниён баҳра бардошта бошад ҳам, хулосаҳои мустақил ва мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи хешро, ки дар раванди зиндагӣ ба вуҷуд мепайвст, алалхусус он кирдори баде, ки дар байни афроди ҷомеа ва табақаҳои гуногун сар мезад , мушоҳида намуда аз он бардоштҳое карда, ба сурати панду андарз барои дигарон арз кардааст. Мурур ба чанд байти як ғазали шоир ин матлабҳоро бештар шарҳу тафсир мекунад, ки ҳамагӣ афкор ва андешаҳои ахлоқии суханварро таҷассум намудаанд:

Дар ин хароба гарат орзуи айвон аст,
Равоқи дилкаши Кисро нигар, ки вайрон аст[2, 27 а]..

Шоир дунёро ба харобае монанд карда, таъкид медорад, ки агар орзӯи қасри бошукӯҳ ва хонаҳои боҳашамату ҷоҳу ҷалол ҳаст, намунаи барҷастаи он қасри Нӯшервон аст, ки дар замони худ шукӯҳу шаҳомати хоса дошт ва бо ҳамон ббузургии хеш баъд аз муддате вайрон шуд. Аз ин рӯ, ту аз пайи қасри ҷоҳ нашав, ки бебақост, мисоли он қасри Кисро ҳанӯз дар рӯзгори хеш шикаставу афтода буд, ки достонаш маъруф аст.

Дар байти баъдии ин ғазал шоир ҳамин матлаби боло пайгирӣ намуда, ба инсонҳо талқин мекунад, ки ҳаргиз дар фикри иморат кардан, аз санги хона ё шукӯҳу нусрат додани хонаҳои хеш мабош, ки дар пешорӯи сели фано хору хора яксон аст. Ба таъбири дигар, ҳама чиз заволпазир аст ва беҳтар он бошад, ки дар хоксориву тавозуъ умр ба сар бибарӣ:

Магӯ, бинои иморат зи хора хоҳам кард,
Ки пеши сели фано хору хора яксон аст[2, 27 а]..

Дунё ба андешаи Суҳайлӣ худ як сарочаи нопойдор аст, аз ин рӯ дар ин ҷаҳони фонӣ инсони оқил дар фикри иморати дил хоҳад буд, яъне дилро аз ҳама гарду ғубори андӯҳ ва муҳаббати дунё тоза мекунад, зеро ба ҷуз ин кор дигар ҳама мазаррату ҷубронталаб бошад:

Дар ин сарочаи нопойдор бар оқил
Ба ҷуз иморати дил ҳар чи кард, товон аст[2, 27 а]..

Инсони оқил, ки дар ин чаҳони дурӯза худ меҳмон аст, набояд дар фикри савдои оламу ҳарчи дар он аст, амал кунад, зеро ин амал боиси таассуф ва надомати вай хоҳад гардид. Инсонҳое, ки дар фикри ин амал ҳастанд, худ шахси оқил набошанд:

На оқил аст, ки савдои он сарой напухт,
Дурӯзае, ки дар ин тобхона меҳмон аст[2, 27 б]..

Шоир бештар майл менамуд ва ҳамгт,уна молу зарпарастӣ, фиребу найранг ва ба ин ддунё дил бастанро маҳкум карда, изҳор медоошт, ки набояд ба иморати инҷаҳонӣ фиревта шавӣ, зеро даричаи ин иморат дар сарочаи ҷон қарор дорад, яъне рӯзе ҷони туро ҳам бо худ хоҳад бурд. Ба ин хотир Суҳайлӣ талқин менамояд, ки бояд дар фазои айвони дунё инсон бо эҳтиёт нишасту хез кунад, ки дар ҳар маврид як ҳодисаву воқеае метавонад аз он сар зада, ҳамаро ба бод диҳад:

Машав фирефта, ҳарчанд к-аш иморатро
Даричае зи ҳарам дар сарочаи ҷон аст.
Ба эҳтиёт нишин дар фазои айвонаш,
Ки шахси ҳодиса дар ҷавфи хона пинҳон аст[2, 27 б]..

Ҳамин тавр Суҳайлӣ дар ашъори хеш бештар бо шеваи ахлоқии сӯфиёна амал намуда, инсонҳоро барои дурӣ ҷустан аз тааллуқи дунё ва дил набастан ба он даъваткардааст. Баробари ин, таъкид медорад, ки дар ин дунё ба ғурур ва фиребу найранг одат накардану фирефтаи ҷоҳу ҷалол нагаштан ягона роҳи наҷот аз ҳама бадиву зиштӣ ва палидии он хоҳад буд.

ар умум, баҳсу баррасӣ, дар мавриди афкори ахлоқии Суҳайлӣ ва ҷойгоҳи панду андарз дар ашъори вай метавонад ба натиҷаҳои муайяне расид, ки онҳоро ба ҳукми хулосаҳои мақола чунин зикр намуд:

1. Шайх Аҳмади Суҳайлӣ бо такя бар назарияи ахлоқи орифона ва ҳамчун инсони адолатхоҳу инсонпарвар инсонҳоро бар шинохти ин ҳикмат ва андарзи бузург даъват кардааст, ки ин дунёи нопойдор ба инсон ҳаргиз вафо нахоҳад кард. Аз ин рӯ, кӯшиш намо то бо касби хисллатҳои ҳамида онро ба поён барӣ ва муҳимтар аз ҳама чун орифони роҳи ҳақ дилро аз муҳаббати дунё софу покиза нигоҳ дорӣ.
2. Дар ашъори шоир фазилатҳои ҳасанаи инсонӣ чун тавозӯъ ва хоксорӣ ба унвони беҳтарин беҳтарин хисоли олами васф ва талқин шудаанд, ки яке аз муҳимтарин мавзӯи ахлоқии ашъори шоирро ташкил медиҳанд. Хоксориву фурӯтанӣ ҳамеша дар муқобили кибру ғуурур гузошта мешавад, ки мақоми он ҳамеша аз ин баландиҳои такаббур барои шоир болост.
3. Суҳайлӣ ба ин андеша аст, ки касоне аз паи молу сарват ва ҷоҳу ҷалоли дунёӣ ҳастанд, ҳаргиз зиндагии хуб надоранд, чуун ин хушиҳои онҳо дар ҷаҳони омадшуда навъе ғафлат аст, ки рӯзе бо аз даст рафтани ин ҳама шукӯҳи нопойдор аз ин хоби ғафлат бедор мешаванд. Барои ҳамин шоир талим медиҳад, ки бояд дар фикри молу маноли дунёӣ набошед, то ки рӯзе бо пушаймонӣ барои аз даст рафтани он аз беҳӯда гузаштани умр тассуф хӯред.
4. Дар умум, таҳлилу баррасии чанд намуна аз ашъори саршор аз ғояҳои ахлоқӣ, ки сурудаҳои шоирро ба панду андарзи зиндагонӣ табдил додаанд, маълум мешавад, суханвар афкори ҷолиби таваҷҷуҳи хешро тавассути таҷрибаҳои андӯхтааш баён дошта, зеро худ ба унвони яке аз давлатмардон ин ҳамаро ба чашмони худ дида, барои пешгирӣ аз ҳама ҳолу ҳавои мазкур дар зиндагонӣ ба дигарон насиҳат мекунад, то ба ҷоҳи бетагӣ ғафлат ва нохудогоҳӣ наафтанд.

АДАБИЁТ

1. Пандномаи Анӯшервон.- Душанбе: «Адиб», 2005-48 с.
2. Рӯзгор ва осори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ.- Душанбе: «Ирфон», 2017.- 160 с.
3. Афсаҳзод А. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV/А.Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш - 1987.
4. Мирзозода Х. Таъриҳи адабиёти тоҷик, (асрҳои 13-15) Китоби 2./Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф - 1977.
5. Шайх Аҳмади Суҳайлӣ. Девони ашъор. Дастхати рақами 762. Маркази мероси хаттии назди АИ ҶТ.

ПАНДУ АНДАРЗ В ПОЭЗИИ НИЗАМУДДИНА АХМАДА СУХАЙЛИ

Выражение выдающихся моральных и духовных проблем в форме значимых советов и мудрости занимает особое место в персидской и таджикской литературе с древних времен, а с приходом ислама оно нашло отражение в новых знаниях и культуре, которые включают в себя все произведения наших предков. Иными словами, одним из первых образцов древнетаджикской прозы является меморандум, воплощающий замысел первых явлений человеческой литературной и нравственной мысли.

Ключевые слова: *совет, поэзия, Сухайли, этика, духовность, мудрость, эпоха, древность, литература, литературный, произведение, таджикский, происхождение, просвещение, культура, проза, поэзия, воспоминания, явления, мышление, человек, воплощение и др.*

PANDU ANDARZ IN THE POETRY OF NIZAMUDDIN AHMAD SUKHAILI

The expression of outstanding moral and spiritual issues in the form of meaningful advice and wisdom has a special place in the Persian and Tajik literature since ancient times, and with the advent of Islam it was reflected in the new knowledge and culture, which includes all the works of our ancestors. In other words, one of the first examples of ancient Tajik prose is the memorandum, which embodies the design of the first phenomena of human literary and moral thought.

Keywords: *advice, poetry, Suhaili, ethics, spirituality, wisdom, epoch, antiquity, literature, literary, work, Tajik, origin, enlightenment, culture, prose, poetry, memoirs, phenomena, thinking, man, embodiment, etc.*

Сведение об авторе:

Зокиров Хусрав Джобирович *- докторант PhD-и кафедри теории и истории таджикской литература Таджикского государственного педагогического университета имена С.Айни. Тел: (+992) 937717639.*

About the author:

Zokirov Khusrav Jobirovich *- PhD student of the Department of Theory and History of Tajik Literature of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tell: (+992) 937717639.*

МАВҚЕИ ФЕЛЕТОН ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ЎРУН КӮҲЗОД

Каримова Ҳ.Қ.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Осори публитсистии Нависандаи халқии Тоҷикистон Ўрун Кӯҳзод аз ҳаҷвӣ нозук, нешханду шакарханд, киноява истеҳзои нишонрас бархурдор аст, ки услуб ва лаҳни гуфторашро ҷаззобу намакин кардааст. Ґаронмоятарини онҳо фелетонҳои «Кирои гиря надошт, вале...», «Ҷолиби адабӣ» ё худ «Дастурамал», «Ґукҳои беадаб» ва ғайраҳо мебошанд. Аксари фелетонҳои нависанда дар маҷмуаҳои «Сареву савдое»(1971), «Як сару сад хаёл»(1983), «Ҷамъи парешон» (2003) ва «Бурротар зи теґ»(2019) ҷамъоварӣ шудааст.

Фелетон аз жанрҳои маъмули публитсистика ба ҳисоб меравад, ки дар он бештар ҳаҷв истифода мегардад. Дар шинохти фелетону памфлет муҳаққиқ А. Саъдуллоев чунин нигоштааст: «Чунонки қавоиди жанрҳои публитсистика далолат медиҳанд, ҳаҷв ба памфлету фелетон созгор аст. Вале агар памфлет хусусияти маҳвкунӣ дошта бошад, пас фелетон хусусияти созандагӣ ва тарбия намуданро дорад. Инчунин дар фелетон тасвир ва образ дар ҷойи аввал меистад»[8, с.175]. Ўрун Кӯҳзод бо истифода аз ҳаҷв фелетонҳое офаридааст, ки тарбиятгари насли наврас мебошад ва онҳоро дар рӯҳияи созандагӣ тарбият менамояд.

Дар китоби «Ҷамъи парешон» фелетони «Кирои гиря надошт, вале...» ҷой дода шудааст. Сужаи фелетони номбурда гирди ном ва кору кирдори мири шаҳри Чилҳосил Умари Валӣ чарх мезанад. Дар фелетон ҷиҳатҳои манфии хислати зумраи инсонҳо – тамаллуқ, ришва, риё ва чоплусӣ бо ишораҳои басо нозук ҳаҷв шудааст, ки ба талаботи жанри фелетон ҷавобгӯ мебошад. Умари Валӣ се шогирд – се дӯсту рақиб дорад, – Саидумар, Умархоҷа, Умархон, хислату мансубияти онҳо ба тоифаҳои гуногун дар номашон гузошта шудааст. Ҳар сеи онҳо аслан ҳарифи Умари Валианд, вале дурӯягиашон ба ошкоргӯйӣ имкон намедиҳад, ҳарчанд гоҳ – гоҳе аз муколама шиорпартоиҳо маълум шуда меистад, ки ба Чилҳосил «баҳори демократия» омадааст, «ґап бисёру кор мурдор» шудааст, марҳалаи гилагузорӣ тунд рафтаву «тарафдорӣ ва муқобилравӣ» тадриҷан ошкор мегардад. Тазоди байни гурӯҳҳо шиддат мегирад, фарохондаш аз марзи шаҳрҳо мегузарад, ноқили асар ба андозае ғарқоби «облойкунӣ» аст, ки гоҳо худаш аз таъсири ривояташ ангушти ҳайрат мегазад.

Мақсади нависанда дар фелетони мазкур ба тарзи ҳаҷву танз ошкор, фош ва таҳлил намудани зуҳуроти манфии воқеаҳо, маҳкум намудани норасоиҳо ва хиёнати шахсони алоҳидаро ошкор кардан мебошад. Бояд гуфт, ки худи жанри фелетон низ ҳаминро тақозо дорад. Ҳарчанд фелетон аз аносири бадеӣ ва ҳаҷвӣ баҳра мегирад, жанри публитсистика мебошад. Зеро мавзӯи баҳси фелетон ҳамеша воқеаҳои ҳаётии зишт ва хислату характери ношоями ашхоси реалӣ буда, камбудиву норасоиҳое, ки дар он мавриди танқиду мазаммат қарор мегиранд, ба муносибати инсонҳои муайян иртибот мегирад. Аз тарафи дигар, асоси ҳар гуна фелетонро факти мушаххас ташкил медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев, дар фелетони «Кирои гиря надошт, вале...» як ҷузъи сужавие ҳаст, ки чандон табиӣ нест. «Умари валӣ, Умари хӯса ва Умари ваъда – мири шаҳри Чилҳосил бо ҳамон амиқандешиҳо ба талқини кормандони амнияти бовар карда, ба шиори «Ман баъди сиву ҳашт соат зинда мешавам» эътимод дорад. Ўро ба дор мекашанд, соатҳову рӯзҳо мегузаранд, шиори «вай ғамхори халқ буд» ба шиорҳои «вай хунхори халқ буд» табдил меёбад. Давр даври Облойкунак аст, вай аз гурӯҳе ба гурӯҳе сар халонда, якеи онҳоро ба ҷойи Умар сазовор медонад. Онҳое, ки солҳои навадуми асри гузаштаро ба чашми сар дидаанд, ба умқи ин рафтору гуфтор зуд сарфаҳм мераванд, барои онҳое, ки баъди ин солиён ба дунё омадаанд, бо гузаштаи наздики воқеа ошно мешаванд, сабақ меомӯзанд, ибрат мегиранд»[7, с.83]. Яъне мақсади нависанда аз тасвири ин воқеа дар жанри фелетон ба наслҳои оянда сабақ омӯхтан аст, то ки рафторҳои номатлубро такрор накунанд ва ҳамеша аз пайи ободии диёри хеш ва ба мардуми одӣ кумаки худро расонанд.

Ба андешаи мо, ин фелетон аз рӯи мундарича ба гурӯҳи фелетонҳо оид ба масъалаҳои дохилӣ мансуб мебошад, зеро ин навъи фелетон асосан, рафтору кирдори номатлуби ашхоси воқеиро дар бар гирифта, як навъ моҳияти тарбия намудани дигаронро ифода мекунад. Ин хусусиятҳоро дар фелетонҳои дигари нависанда низ метавон мушоҳида намуд.

Фелетони дигари Ӯ.Кӯҳзод, ки бо сарлавҳаи «Қолиби адабӣ» ё худ «Дастурамал» дар ҳафтаномаи «Маориф ва маданият» 15 июли соли 1965 нашр шудааст гуфтаҳои болоро тақвият мебахшад. Муаллиф дар фелетон ба ҳоли бархе аз нависандагон, ки танҳо барои ҳаққи қалам, яъне барои маблағ ба даст овардан асар таълиф мекунанд, ханда мекунад. Ва ҳатман таъкид мекунад, ки агар ҳамин хел асар офаранд, дере нагузашта асарашон аз хотирҳо фаромӯш мешавад. Адиб ба воситаи ин фелетон ба эҷодкорони ҷавон хушдор медиҳад, ки дар ҳама ҳолат бояд эҷодкор эҷодкори асил бошад. Эҷодкор бояд асаре офарад, ки асараш садсолаҳо зинда монад ва ба дили хонанда роҳ ёбад. Дар фелетон адиб тавонистааст, ки ба воситаи ҳаҷв ба навқаламон дарси ибрат омӯзад.

Дар тамоми осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод масъалаҳои маънавии зиндагӣ, савдои умр ва «ҳисобот» аз кору амали аз сар гузаронида мавриди таҳлилу андеша қарор гирифтаанд. Нависанда дар тасвиру таҳқиқи ин масъала бозёфтҳо дорад ва дар баробари асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев ва Саттор Турсун ин тамоюлро тақвият медиҳад.

Қаҳрамонони фелетонҳои нависанда, метавон гуфт, табиату хислати ҳарисонаву тамаъкорона доранд: ҳариси мансаб, ҳариси шуҳрат, ҳариси молу чиз, ҳариси сиёсатбозӣ. Ба ин қабил ашхос орзую ормонҳои инсонӣ, сифатҳои ҷавонмардию олиҳимматӣ тамоман бегона аст. Меъёри зиндагӣ ва рафтору амали онҳо ба худхоҳиву риёкорӣ асос ёфтааст. Ӯрун Кӯҳзод ба ҳоли ин гуна ашхос ханда мекунад ва мехоҳад дигарон доканд, ки чунин амалҳо ба инсони комил созгор нест. Фелетони нависанда «Се раҳакӣ аз се ҳизб» («Садои Шарқ», 2003, № 1 – 3) гувоҳи ин гуфтаҳост. Беҳуда нест, ки нависанда ба василаи яке аз персанажҳо ба намояндаи ҳизбҳо муроҷиаткунон мегӯяд: «Шумо худбин ҳастед. Худбинҳо мансабдӯст мешаванд...»[3, с.12].

Адиб дар фелетон замина ва сабабҳои иҷтимоию сиёсӣ, равонию бемасъулияти ва сиёсатбозиҳои Мирбаҳо, Мирвафо, Мирризоро нишон дода, он бадбахтию фоҷиаеро, ки ба сари мардум (мусофирони овора) оварданд, ҷолиб, табиӣ, воқеъбинона ва бо истифода аз образҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қаҳрамонҳои номбурдаи асар бо нияту роҳҳои мухталиф ба майдони сиёсат омада, худро зуд ба руҳияву муҳити муташанниҷи замон мутобиқ намудаанд. Барои онҳо доштан ва ё надоштани ақлу тамиз, фаросат, маърифату дониши сиёсӣ фарқе надорад.

Фелетони «Се раҳакӣ аз се ҳизб»- ро муҳаққиқ Ҷӯра Баҳозода ва худи муаллиф дар жанри қисса муаррифӣ намудаанд, вале таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯи меъёру услуби навишт он ба хусусиятҳои жанри фелетон наздикӣ дорад. Албатта, дар ин асар образ бештар истифода шудааст, вале ин маънои онро надорад, ки ба жанрҳои публитсистика дохил намешавад. Махсусияти жанри фелетон дар он аст, ки тасвиру образ дар ҷойи аввал қарор мегирад. Инчунин дар фелетон ягон масъалаи мубрами ҳаётӣ пеш гузошта мешавад ва дар такя ба факту далел нависанда андешаҳояшро ба воситаи образу ҳаҷв иброз медорад. Дар фелетони мавриди назар ҳақиқати талх ба таври ошкор гуфта шудааст, ки аз хусусияти дигари жанри фелетон ба шумор меравад. «Дар асар масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, мавқеъ ва роҳҳои мухталифи давраи мушаххас – охири солҳои ҳаштод ва аввали навадро фаро гирифтааст. Ҳақиқати талхеро, ки дар асар тасвир намудааст, нависанда (Ӯрун Кӯҳзод – Қ. Ҳ.) ошкоро, бетараҳум, пуршиддат нишон медиҳад, вай чизеро нарм, сабук намекунад, ҳамаро рӯшод ва бепарда баён месозад»[1, с.101].

Дар фелетон нависанда асноду далелҳои зиндагӣ, фазои муташанниҷи сиёсии замон, митингбозиҳо, садои тиру туфанг ва ҳар он чизе, ки дар он солҳо рух дода буд ва ҳар шахс шоҳиди онҳо гаштааст, ҳамаи онҳоро дар тасвири манзараи фурудгоҳ моҳирона ба қалам додааст: «Фурудгоҳи тайёра, нисбат ба солҳои гузашта, як ташвиш ва тараддуди таҳлукаомез дошт. Мардум анбӯҳ ва парешонҳол будан ва дар ваҷоҳаташон бетоқатӣ, саросемагӣ, қаҳр ва қатъият ва ҳатто ночориву ноумедӣ сайр мекард. Даруну беруни бинои фурудгоҳ аз одам меҷӯшид. Як ғавғои пурдаъвои фучуркучур, монанди ғуч – ғучи солҳо дар шоми тирамоҳ дар шохи дарахти чанор – баланд, шунаво, серсадо, аммо нофаҳмо ва аралаш. Тӯдае дар таги дари Раис, иддае дар остонаи расторан, анбӯҳе дар таги даричаи касса ва гурӯҳ – гурӯҳе дар толору рӯи ҳавлӣ»[3, с.4].

Дар фелетони «Се раҳакӣ аз се ҳизб» рамзу тамсил истифода шудааст. Ва аз номи қаҳрамонҳо (Мирбаҳо, Мирвафо, Мирризо), макон (Себароз, Шаҳри Шаҳрҳо) ва ҳизбҳо (Бародарон, Ҳамагон, Ранҷбарон) маълум мегардад, ки рамзу тамсил ва инчунин санъати киноя низ корбурд шудааст. Узви ҳизбҳои навбаромад яксар мардуми аз яккаҳизбӣ дилмондаю дилгиршуда, шахсони мансабталаб, бекорон, ҳангоматалабон, беҳунарон, даҳонялагон буданд. Ҳизбҳо як даъво доштанд: «Рӯзгори халқ талх аст, халқ ба ҳаёти ширине ҳаҳ дорад». Мақсад як, вале даъвоҳо гуногун. Аз тарзу оҳанги нигориши муаллиф, мундаричаи баҳсу мунозираҳои қаҳрамонҳо равшан эҳсос мешавад, ки онҳо ояндаро начандон фикр мекунанд, бо вуҷуди он ки муҳтавои ҳадафашон обод кардани кишвар ва бунёди ҷомеаи демократист. Вале дар охир ин се нафар бо мақсадҳои нопокашон қурбони

фаъолияти сиёсати моҷароҷӯёнаи худ мегарданд. Ҳамин тариқ нависанда хислатҳои нопоку манфиатҷӯёнаи ашхоси алоҳидаро маҳкум менамояд. Дар фелетон тасвир тезу тунд, вале созанда сурат гирифтааст. Инчунин тарзи баён ва забони асар хеле равону табиист. Умуман, ба сабки нависанда бархӯрди шадиди воқеаҳо, қувваҳои тазод, тарзи истифодаи нишонраси ҷузъиёти ҳаётӣ хос аст.

Умуман дар фелетонҳояш муаллиф бо истифода аз қобилияту истеъдод ва маҳорати нигорандагӣ дар тасвири ҳодисаву воқеа ва тарзи баён – забони фаҳмову равон саҳми муносиб гирифтааст. Барои Ӯрун Кӯҳзод ба муҳокима гирифтани печидагиҳои ҳаёт, муаммоҳои доғи зиндагӣ чӣ дар осори публитсистӣ ва чӣ дар асарҳои бадеӣ монандиҳои зиёде дорад. Нависанда аз воқеият ва муаммоҳои он басо нозук кор мегирад, зимни баррасии рӯйдодҳои рӯзмарра масъалаҳои ҷиддии ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ ба таҳқиқ гирифта мешавад. Фаъолмандии нависанда ӯро ба таҳқиқи масъалаҳои мубрам мутаваҷҷеҳ сохтаанд. Камбудиҳои мавҷуда дар бораи хислатҳои номатлуби баъзе аз ашхоси алоҳида, ҳавобаландӣ, худситоиҳои беасос ва амсоли ин ӯро ба таҳқиқи асосҳои иҷтимоиву фарҳангии гурӯҳҳои одамон водор намудаанд. Ба ин манзур Ӯрун Кӯҳзод аз тамоми имконоти махсусиятҳои публитсистика истифода кардааст.

Ҳамин тариқ, фелетонҳои нависанда беҳтарин фелетонҳо дар публитсистикаи тоҷик ба шумор рафта, бо сохтору бандубаст, муҳтавову мундариҷа ва баёну таҳлили равиши воқеот вижагиҳои махсус доранд.

АДАБИЁТ

1. Бақозода Ҷ. Эътироз ба бесомониҳо/ Ҷ. Бақозода // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 101-107.
2. Кӯҳзод Ӯ. Як сару сад хаёл/ Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
3. Кӯҳзод Ӯ. Се раҳакӣ аз се ҳизб // Садои Шарқ. – 2003. – №1-3.-С.3-5
4. Кӯҳзод Ӯ. Қолиби адабӣ ё «Дастурамал» // Маориф ва маданият. 1965, 15 июл.
5. Муродов М. Аз замон то замон/М.Муродов.– Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 248 с.
6. Муродов С. Ҳаҷви публитсистӣ. – Душанбе, 2003. – 64 с.
7. Саъдуллоев, А. Дирӯз ҳам имрӯз аст/ А. Саъдуллоев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 80-96.
8. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт/ А.Саъдуллоев.– Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
9. Солеҳов С. Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 20 – 30. – Душанбе, 1967. – 143 с.
10. Усмонов, И. Назарияи публитсистика/ И.Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
11. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика. – Душанбе, 2009. – 140 с.

МЕСТО ФЕЛЬЕТОНА В ПУБЛИЦИСТИКЕ УРУНА КУХЗОДА

Фельетон является одним из знаменитых жанров в публицистике и литературе. Таджикски писатели активно используют жанр фельетон в своих произведениях для анализа и решения социальных проблем. С помощью фельетона литераторы рассказывают обществу насущие проблемы, анализируя их и дают правильный ориентир на происходящие события.

В формировании творческой личности Уруна Кухзода огромная роль принадлежит профессиональной среде, которая обеспечивала его последующую духовную и профессиональную зрелость. Публицистическая деятельность литератора в печати (журналы «Хорпуштак» и «Садои Шарк» и газета «Маориф ва маданият») являлась новой ступенью формирования его писательской индивидуальности. Урун Кухзод, начав свою писательскую деятельность с написания юмористических рассказов, фельетонов и памфлетов, с созданием интересных очерков и рассказов, повестей и романов занимает определенное место и роль в истории новейшей таджикской литературы. Писательский облик Уруна Кухзода определяют его первые юмористические рассказы и сборник «Сареву савдое» отображает идею и содержание публицистического юмора. Писатель в своих юмористических рассказах делает объектом критики и юмора неприемлемые поступки и действия алчных, ограниченных, невежественных людей. Ирония, юмор, насмешка и интенсивность изображения составляли характерную особенность его сатирических рассказов. Сборник «Як сару сад хаёл» считается новой ступенью формирования психологического рассказа в творчестве писателя. Также в этот период в его творчестве особую роль приобретает критическая и публицистическая сатира, являющаяся выражением его духовно-нравственной концепции. Урун Кухзод с созданием серьезных рассказов, способствуя усилению аспекта размышлений и психологизма в этом жанре, добился успехов в раскрытии человеческой сути и психологического состояния своих героев. В его произведениях и мыслях преобладает дух реформаторства и целями его творчества являются индивидуальное развитие человека, связь индивида с обществом, социальный прогресс и избавление от духовного застоя.

В данной статье автор отслеживает публицистическую деятельность Уруна Кухзода и дает ответ на вопрос место фельетона в публицистике писателя.

Ключевые слова: *фельетон, образ, сатира, юмор, актуальные вопросы, хвала, социальная и политическая жизнь, неприятные ситуации, осуждение, конкретные личности, повседневные события.*

THE PLACE OF THE FEUILLETON IN URUN KUHZOD'S PUBLICISM

Feuilleton is one of the most famous genres in publicism and literature. Tajik writers actively use the genre of feuilleton in their works to analyze and solve social problems. With the help of a feuilleton, writers tell society about the problems that are coming, analyze them and give the right guide to the events that are happening.

In the formation of the creative personality of Urun Kuhzod, a huge role belongs to the professional environment, which ensured his subsequent spiritual and professional maturity. The writer's publicism activity in the press (the magazines «Horpushtak» and «Sadoi shark» and the newspaper «Maorif wa Madaniyat) was a new stage in the formation of his writer's personality. Urun Kuhzod, who began his writing career with writing humorous stories, feuilletons and pamphlets, with the creation of interesting essays and short stories, novels and novels, occupies a certain place and role in the history of modern Tajik literature. Urun Kuhzod's writing style is defined by his first humorous stories and the collection "Sarevu savdoe" reflects the idea and content of publicistic humor. The writer in his humorous stories makes unacceptable actions and actions of greedy, limited, ignorant people the object of criticism and humor. Irony, humor, mockery, and intensity of image were a characteristic feature of his satirical stories. The collection "Yak Saru sad hael" is considered a new stage in the formation of a psychological story in the writer's work. Also during this period, critical and journalistic satire, which is an expression of his spiritual and moral concept, plays a special role in his work. Urun Kuhzod with the creation of serious stories, contributing to the strengthening of the aspect of reflection and psychology in this genre, has achieved success in revealing the human nature and psychological state of his characters. In his works and thoughts, the spirit of reformism prevails and the goals of his work are individual development of the individual, the connection of the individual with society, social progress and getting rid of spiritual stagnation.

In this article, the author tracks the journalistic activity of Urun Kuhzod and gives an answer to the question of the place of the feuilleton in the writer's publicism.

Keywords: *feuilleton, image, satire, humor, topical issues, praise, social and political life, unpleasant situations, condemnation, specific personalities, everyday events.*

Сведения об авторе:

Каримова Хилола Кадиралиевна - *докторант (Ph.D) кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе. пр. Рудаки 17. Тел.: (+992) 906555663.*

About the author:

Karimova Khilola Kadiralievna *- (Ph.D) student of the Department of the Theory of the modern Persian-Tajik literature of Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. Tel.: (+992) 906555663.*

ФАРҲАНГИ «БАҲОРИ АҶАМ» ВА МАЪРИФАТИ ШЕЪР

Саидов С.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Пайванду иртиботи мардуми форсзабони Мовароуннаҳру Хуросон ва Шибҳи Қораи Ҳинд таърихи тӯлонӣ дорад ва дар дунболаш самари беназири илмиву адабиро ба бор овардааст. Ин ҷо ироаи андешаи суханшиноси маъруф Саид Нафисӣ дар бораи пайванди дерина ва ногусастании ин ду қавм бамаврид мебошад:: «Тамаддуни ориёиҳои Ҳинд ва Эрон дар ҳафтҳазор сол қабл аз мелоди Масеҳ яке буд ва эътиқодот ва забонашон бо ҳамдигар иртибот дошт. Аз»Ринведо» ва «Занд»- и «Авесто» ном мебарем, ки дар давраи қабли торих ориёиҳо дар Помир бо ҳам зиндагӣ кардаанд ва аз он ҷо ба ҷоҳои мухталифи Ҳинд ва Эрон рафтанд» [1, с.147].

Асноди мӯътамади таърихие, ки андешаи болоиро тасдиқ менамояд ин рушди фарҳангнигорӣ дар сарзамини Ҳинд тӯли асрҳои дароз мебошад. Ҳатто чунин ба назар мерасад, ки дар ин ришта донишмандони Ҳинд аз фарҳангнигорони сарзамини Фароруду Хуросон фаъолтар будаанд. Воқеан Ҳиндустон дар рушди фарҳангнависии форсӣ дар таърих хидмати бузургеро адо кардааст. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки фарҳангнависии форсиро дар Ҳинд метавон ба се марҳала қисмат кард, ки онҳо ҳар яке дорои вежагиҳои хеш мебошанд. Аз ҷумла рушди фарҳангнависӣ то замони истилои муғул яъне садаи сездаҳи милодӣ, дар даврони салтанати муғул ва баъди он мавриди омӯзиш қарор мегирад. Инкишофи бемайлони фарҳангнигориро дар Ҳиндустон муҳаққиқон ба

тариқи мухталиф шарҳу тавзеҳ медиҳанд, ки баъзеи онҳо нисбат ба Ҳиндуён таваҷҷуҳи кам ба фарҳангнависии форсӣ доштани Эрониёнро амри воқеии таърихӣ медонанд. Аз ҷумла муҳаққиқи номдор ва фарҳангнависи маъруф дуктур Муҳаммад Муин дар ин маврид чунин зикр менамояд, ки :»Эрониён ба муносибати он ки забони форсӣ , забони модарии онон аст, худро аз луғатномаи форсӣ бениёз медонистанд. Аз ин рӯ, камтар ба таълифи фарҳанги забони хеш таваҷҷӯҳ кардаанд. Чунонки араб ҳам худро ба тадвини қомуси арабӣ муҳтоҷ намедид ва чун забони арабӣ забони динии эрониён шуд, онон ба таълифи қомусҳои арабӣ пардохтанд.Аз ҷумла нахустин фарҳангҳои форсӣ , ки ба дасти эрониён таълиф шуда аз фарҳанги Абуҳафси Суғдӣ ва Қатрони Армуӣ ва «Луғати фурс»и Асадӣ бояд ном бурд. Анқариб дувисту панҷоҳ фарҳанги форсӣ ба форсӣ ё форсӣ ба забонҳои дигар, ки дар даст аст, фақат ҳудуди чиҳил фарҳанги форсӣ ба дасти эрониён навишта шудааст ва асоми эрониёне, ки дар Ҳиндустон ба таълифи фарҳанги форсӣ иқдом кардаанд, низ дар ин ҳисоб ба шумор омадааст». [1, с.149]

Аз ҷониби дигар аксари муҳаққиқон бар он фикранд, ки бинобар забони форсӣ ҳамчун забони расмии дарборӣ ва забони давлатии Ҳиндустон ба кор рафтан талаботи рӯзафзун барои дарку маърифат ва истифодаи забон ба миён меомад ва тадвини фарҳангҳо амали ногузир маҳсуб меёфт. Дар мавриди сатҳу савияи фарҳангҳои дар ин сарзамин иншо гардида низ андешаҳо мухталифанд. Гурӯҳе аз муҳаққиқон дар баробари эътирофи заҳматҳои фаровони луғатнигорони ин кишвар андеша доранд,ки аксари муаллифон, ки «аҳли забон набуданд, эшонро дар таълифот иштибоҳоти бисёр даст додааст».Муҳаққиқ Ҳилолиддини Ҳумоӣ бошад ба хидмати фарҳангнависони Ҳинду Покистон арҷгузорӣ менамояд ва чунин менигорад: «Эҳтимоме, ки дар кишвари Ҳиндустон ба маънии оми қадим, ки шомили ҳар се мамлакат Ҳинду Покистон ва Бангладеш феълӣ аст, нисбат ба забон ва адабиёти форсӣ махсусан дар қисмати фарҳангнависӣ ва тазкираи шуаро мабзул шуда чунин баробаркорӣ аст, ки худи эрониён дар ин бора анҷом додаанд... ва назири хидмате бошад, ки эрониён ба забон ва адабиёти араб анҷом додаанд, ки ҳазор мартаба бештар аз худи арабҳо дар ин замина кор ва кӯшиш карда ва китоб навиштаанд» [1, с.152].

Мутобиқи ахбори сарчашмаҳои мӯътамади илмиву таърихӣ «Фарҳанги Фахри Қаввос» - куҳантарин фарҳангнома дар фарҳангнигории Шибҳи Қораи Ҳинд маҳсуб мешавад, ки дар байни солҳои 1290-1310 мелодӣ тасниф шудааст. Муаллифи он Фахриддин Муборакшоҳ Каввоси Ғазнавӣ суханвари маъруфи замони хеш буда, бо донишу истеъдодаш дар доираи илму адаби форсигӯёни Ҳинд обрӯю эътибори арҷманде доштааст. Фарҳанги мазкур бо эҳтимоми устоди Донишгоҳи Алигарҳи Ҳинд Назир Аҳмад соли 1974 тавассути Анҷумани китоб дар Техрон интишор ёфтааст. Вале фарҳангнависӣ дар сарзамини ҳинду Покистон асосан аз садаи 16-милодӣ вусъати тоза пайдо кард ва комилтарин фарҳанги шеърии ин давр «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» мебошад, ки дар замони Акбаршоҳ соли 1017 ҳиҷрии қамарӣ навишта шудааст. Дар ин давра «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Сироҷ-ул-луғот», низ аз лиҳози арзиши лексикографиву адабӣ шӯҳрати беандоза пайдо кардаанд. Фарҳангҳои дар Шибҳи Қораи Ҳинд ба қалам омадаро метавон аз лиҳози хронологӣ ба се давра тақсим намуд.

1.Давраи пеш аз истилои Муғул яъне аз қарни сездаҳум то шонздаҳи мелодӣ.

2.Давраи бобуриён ё муғул, яъне, қарнҳои шонздаҳум то ҳаждаҳуми мелодӣ

3.Давраи нав, яъне қарни ҳаждаҳум то бистуми мелодӣ

Давраи нави фарҳангномаҳоро метавон аз назари усули тасниф ва фарогирии мавод ба якчанд гурӯҳ қисмат кард:

Нахуст фарҳангҳое, ки муаллифони онҳо ҳадафи аслии худро дар ҷамъ овадардани вожа медонистанд ва кӯшиш мекарданд,ки таълифоти онҳо аз луғатномаҳои қаблӣ бо фарогирии луғати ҷадид имтиёз дошта бошад. Ба ин зумра луғатномаҳо «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ»-и Мирҷамолиддин Ҳусайн Ибни Фахриддин Ҳасани Инҷу ва «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезиро метавон марбут донист,ки ин ду луғат аз назари фарогирии теъдоди луғат аз фарҳангҳои дигар афзалият дорад.

Гурӯҳи дигари луғатномаҳо аз қабили «Фарҳанги Рашидӣ»- Рашидуддини Татавӣ, «Сироҷ-ул-луғот», «Чароғи ҳидоят» - и Алихони Орзу, «Баҳори аҷам»-и Рой Тик Чанд Баҳор, ва «Мусталиҳот-уш-шуаро»- и Вораста дорои хусусияти пажуҳишӣ ва интиқодӣ буда, дар шарҳу тавзеҳи мафҳуму ибороти шеърӣ пешдастанд.

Двр гурӯҳи аввали луғатномаҳо бештар ба назм таваҷҷӯҳ доштанд ва забони шеърро бештар бар риштаи тавзеҳу ташреҳ мекашиданд.Ҳадафи ин луғатнигоронро муҳаққиқон дар қофияёбиву истифодаи санадҳои баландмазмуни шеърӣ донистаанд ва ба забони гуфтугӯӣ таваҷҷӯҳ надоштанд, ки ин ба ҳақиқат наздик мебошад. Боиси зикр аст,ки ин усули таснифи фарҳанг дар фарҳангнигории Шибҳи Қораи Ҳинд аз оғоз ба назар мерасид ва масоили забонӣ аз қабили эъроб ва тавзеҳи маъноии вожаҳо дар сабку услуби луғатнигорон арзиши бештар надошт ва онҳо бештар ҷанбаи адабиро молик буданд. Дар аглаби фарҳангҳо аз қабили «Фарҳанги Фахри Қаввос», «Дастур-ул-фазоил», «Баҳр-ул-фазоил», «Адот-ул-фузало», «Шарафнома», «Мифтоҳ-у-л-фузало, «Тӯҳфаи саодат»

таҳқиқоти забонӣ сарфи назар шуда, фарҳангнигорон танҳо бо шарҳи вожаҳо бо истифодаи муродифоти онҳо иктифо варзидаанд. Вале дар гурӯҳи дувуми луғатномаҳо ҳамчуноне, ки зикр шуд ба масоили забон,услуб сарчашмаи ин ё он вожа ва монанди инҳо бештар эътибор дода шудааст. Вобаста ба таваҷҷӯҳи подшоҳону ҳокимони давр ва густариши забони форсӣ дар Ҳинд, луғатномаҳо низ ҳам аз назри хусусиятҳои лексикогрфӣ ва ҳам адабӣ такмил ёфтанд. Ин ҷо сухани мо дар бораи «Баҳори Аҷам»- Рой Тик Чанд Баҳор аст, ки арзиши баланди адабиро дорост ва мероси гарнбаҳои адабиёти садаи 18 маҳсуб мешавад. Дар радифи маъруфтарин фарҳангҳое, ки дар ин давра иншо гардиданд монанди фарҳанги «Фатҳ-ул-китоб»и Абулхайри Нисорӣ, «Маҷма-ул-луғот»-и Абулфазл, Фарҳанги Шерхонӣ «Анис-уш-шуаро»-и Абдулкарим, «Мадор-ул-фозил»-и Файзӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҷамол Ҳусайни Инҷу, «Дурри дарӣ»-и Алӣ Юсуфи Шервонӣ, «Чаҳор унсур»-и Амонуллоҳ Ҳусайнӣ, «Бурҳони Қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн Бурҳони Табрезӣ, «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдурашиди Таттавӣ, «Сироҷ-ул-луғот» ва «Чароғи Ҳидоят»-и Сироҷиддин Алихони Орзу фарҳанги «Баҳори Аҷам»- и Рой Лоло Тик Чанд Баҳор ҷойгоҳи хосаи хешро аз назари арзиши илмиву адабӣ дорост. «Баҳори Аҷам» - фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикист, ки соли 1739 аз ҷониби фарҳангнигор Рой Лоло Тикчанд Баҳор таълиф шудааст. «Баҳори Аҷам» -ро фарҳанги шеърӣ ном кардаанд ва дар он бештар аз 10 ҳазор муфрадот, таркибот ва ибороти форсӣ ҷойгузин буда, бо асноди шеърӣ аз осори суханварони форсизабон тавзеҳу маънидод шудаанд. Рой Лоло Тикчанд Баҳор ҳамчун сарчашма бештар аз 200 номгӯй девону баёзи суханваронро истифода кардааст. Дар фарҳанг амсол ва киноёту ибороти зиёди форсӣ тавзеҳ ёфтаанд, ки қаблан дар луғатномаҳо ба назар намерасид ва ин мавод имконияти фарохеро барои ошноӣ бо ашъори сабки ҳиндӣ фароҳам меоварад. Дар «Баҳори Аҷам» намуна аз ашъори суханварони форсизабон аз даврони устод Рӯдакӣ то замони муаллиф ба назар мерасад. Аз ҷумла, намунаҳои зиёди абёт аз осори Рӯдакӣ, Низомӣ, Хоқонӣ, Амир Хусрав, Камолиддин Исфаҳонӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, , Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил ва даҳҳои дигар дар ташреҳи вожаҳои луғавӣ ва таъбироти шеърӣ зикр ёфтааст. Аҳамияти адабии фарҳанг на камтар аз арзиши лексикографии он буда, дар мавриди тасҳеҳи осори суханварон, муқаррар кардани муаллифи воқеии ин ё он намунаи осори адабӣ, дарку маърифати маъниҳои ашъори шоирон тавассути тавзеҳи воҳиди луғавӣ зоҳир мешавад. Аз ҷониби дигар фарҳанги «Баҳори Аҷам»-ро метавон чун ҳамаи фарҳангҳои дигари форсӣ-тоҷикӣ ба масобаи сарчашмаи мустақили адабӣ пазируфт,ки муаллифи он дур нест аз маъхазу манбаъҳое истифода кардааст,ки онҳо нусхаҳои қаламӣ ё аққалан ба асл наздик буданд. Аз ин чашмандоз ҳини омӯзиши намунаи осори суханварон дар партави девону баёзҳо ва ҷунгҳои адабӣ ба нуқтаи боло бештар эътимод пайдо мешавад ва фарҳангҳо бо маводи мӯътамади худ дар ҳалли масоили матншиносии осори адабӣ саҳм мегузоранд. Гузашта аз ин шарҳу тавзеҳи дақиқ ва амиқи воҳидҳои луғавӣ бо назардошти маънипардозиву маънисозии шоир фарҳанг нақши мифтоҳи дари ганҷи суханро бозидааст. Чунончи дар «Баҳори аҷам» аз осори Хоҷа Камоли Хуҷандӣ бештар аз 100 байт ҳамчун санади шеърӣ истифода шудааст. Ҳини омӯзиш ва муқоисаи ин намунаҳо бо нусхаҳои мавҷудаи илмиву интиқодии ашъори шоир баробари илова кардани ҳарфи нав ва ёфтаҳои ҷадид дар матншиносии осораш барои хонандаи имрӯз укдаҳои маърифати шеъри Хоҷа Камол боз мешавад. Зеро мазҳ дарку маърифати дурусти вожа ё ибора хонандаро ба асли матлаб - идроки маънии ашъори шоир мушарраф мекунад.

Инак аз чанд фазилати адабии фарҳанги «Баҳори Аҷам»дар мисоли намунаҳои ашъори Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ёд мекунем.

1.Арзиши текстологии фарҳанг. Дар фарҳанг таҳти воҳиди луғавии «оби даҳон» омадааст:

Оби даҳон: Хив, ки аз даҳон бияфкананд ва истеъмоли он бо лафзи «дар даҳон гаштан» шоеъ аст ва бо лафзи «фурӯ хӯрдану фурӯ бурдан», ҳар ду муҳовара заиф.

Он чи зоеъ шавад маро зи лабат,

Бар рух оби даҳон дашном аст. Камоли Хуҷандӣ .[2, с.18]

Ин байт дар ҳамин шакл танҳо дар фарҳанги мазкур мастур буда, кулли нусхаҳои илмиву интиқодии ашъори Хоҷа Камоли Хуҷандӣ байти мазкурро дар ин сурат сабт кардаанд:

Он чи зоеъ шавад ба мо зи лабат

Бар рухат он дуову дашном аст [4, с.93]

Ё таҳти шарҳи таркиби луғавии дигар омадааст:

Пеш кашидан: масхара гардонидан касеро. Гӯянд:» Ӯро хуб пеш кашидӣ». Ва дар пойи ҳисоб овардан, ва дар истилоҳот ба маънии мулотифат кардан ва дар итоб гирифтан:

Пеши ту кашам ду чашми равшан

Гӯям назари сафост эй дӯст. [2, с.460]

Ин байт дар ҳамаи нусхаҳои интиқодии шоир бад-ин тариқ омадааст,ки афзалияти нусхаи «Баҳори аҷам» ҷиҳати шарҳи маъной таркиби луғавӣ ва таҳлили маъниии байт равшан мегардад:

Пеши ту ниҳам ду чашми равшан

Гӯям назари сафост эй дӯст.[4, с.118]

2.Сарчашмаи ғановатмандии забон. «Баҳори аҷам» ҳамчун фарҳанги шеърӣ ба хотири истифодат аз калимоту таркибҳои мавзун ва дилпазир кӯшиш кардааст муродиф ё ташбеҳоти ин ё он воҳиди луғавиро ба қалам оварад. Чунончи дар тавзеҳи вожаи «бӯса»,ки байти Хоҷа Камоли Хуҷандӣ дар радифи бештар аз 40 байти шоҳид аз суханварони дигар истинод шудааст 28 ташбеҳи ин калимаро зикр мекунад:

Бӯса: бӯс муараби он, ва сероб, тар, шукромез, гулусуз, ҷонпарвар, баҷо, ташнаи лаб, бикр, сарҷӯш, аз сифоту хайри матоъ, шурур, найшакар, қанди мукаррар, самара, ҳалво, май, нуқл, шароб, шарбат, абрешим, рӯзӣ, хироҷ, гуҳар, селӣ, марказ, мӯҳр, дузд ва гул аз ташбеҳоти ӯст:.

Пири мо бӯсе аз он лаб барнаканд

Чун кунад бечора дандонеш нест. [2, с.341]

Ҳамчунин дар мақолаҳои алоҳидаи луғавӣ воҳид ва таркибҳои «бӯса бар даби хеш задан», «бӯса ба пайғом», «бӯсаҷой», «бӯсачин ва бӯсахор», «бӯсадон», «бӯсадузд», «бӯсарабо», «бӯсарез», «бӯсазеб» «бӯсаи соғар», «бӯса шумурдан», «бӯсафиреб», «бӯсагоҳ», «бӯсагоҳшинос», «бӯсагустох», тавзеҳ ёфта бо асноди шоҳид зикр ёфтаанд.

Ё дар тавзеҳи воҳиди луғавии **«талхӣ»** маъниҳои гуногуни онро тазаккур меиҳад, ки дар шеъри суханварони классикӣ фаровон ба назар мерасад:

Талхӣ: марорат, чун талхии бодом ва талхии гулоб ва дар талхии май ва саҳбо, киноя аз тундии май ва талхии дарё, киноя аз шӯрии оби дарё, талхии марг ва талхии ҷон кандан, киноя аз сахтии марг ва назъ ва талхии дашном ва ҷавоб роҷеъ ба маънии аввал аст. Ва бо лафзи кашидан ва дидан ва буридан ва бурдан шикастан мустаъмал.

Набинад талхии ҷон кандан он кас,

Ки лаъли ҷонфазоядро газидаст. [2, с.537]

3.Маърифати шеър. Маводи фарҳанги «Баҳори аҷам» дар маърифати маънӣ ва мазмунҳои осори суханварон низ судманд аст. Зикри тобишҳои мухталифи маънии воҳидҳои луғавӣ имкон фароҳам меоварад то аз ашъори суханварони классикӣ маъниҳои аслиро маърифат намоем:

Ҳаҡ: билфатҳа ва ташдид ва форсиён ба тахфиф истеъмол намоянд, ба маъни рост ва дуруст ва номе аз номҳои Бор Таъоло ва ҳисса ва насиб ва бад-ин маънӣ бо лафзи доштан ва хӯрдан ба ташдид ва бе ташдид мустаъмал ва ба маънии мурдан.

Бо мухтасиб бигӯ ва матарс аз касе Камол

Гар бода мехурем ҳаҡи кас намехурем. [2, с.732]

Ҳалқа бар дар рехтан, **ҳалқа бар дар кӯфтан, ҳалқа бар дар задан:** киноя аз талаби фатҳи боб кардан ва он чунон бувад, ки тангаи оҳаниро бар тахтаи дар бо мех бизананд ва то агар касе бар дари он хона ояд ва хоҳад, ки аз омадани худ соҳиби хонаро огоҳ созанд ҳалқаро бар он тангаи оҳан бизананд.

Камол ин ҳалқа бар сандон задан чист

Гарат ҷо нест, дар боз аст дар боз. [2, с.741]

Дар ин маврид «Баҳори аҷам» дар шарҳи таъбиру киноякҳо воҳидҳои фразеологӣ низ мумтоз буда, онҳо дар дарку маърифати маъниҳои мармузи ашъори шоирон раҳнамоӣ мекунад:

Хар рафту расан бурд: дар маҳале гӯянд, ки шахсе худаш биравад ва чизе аз ин кас бо худ бубарад.

Бистонд рақибам сари зулфат зи кафу рафт

Шуд нав масали кӯҳна, ки хар рафту расан бурд. [2, с.794]

Ё ҷои дигар омада:

Доман ба дандон кард, доман ба данон гирифтан: киноя аз аҷз (оҷизӣ) ва фурӯтанӣ кардан ва низ ба суръат рафтан ва гурехтан ва бар ин қиёс: доман ба дандон.

Бар мо хабари хоки кафи пойи ту гуфтанд

Доман бигрифт ашк ба дандону давон рафт. [2, с.895]

Аз намунаи зерин бошад тавассути шарҳи луғатнигор метавон ба асли матлаби Хоҷа Камоли Хуҷандӣ даррасид:

Ростпо омад: аз ҷое ба ҷое омадан бе таъхир дар роҳ.

Дар чаман мерафт зикри қомати дилдори мо

Сарв доман бар заду омад ба бӯстон ростпо. [2, с.1057]

Шоир дар ин байт изҳор мекунад,ки дар чаман чун сухан аз қомати волои маҳбубаи мо рафт сарв аз сари рашку ҳасад доман барзад, яъне омодаи баҳсу талош гардид ва саросема бетаъхир ба бӯстон ҳозир шуд.

Ҳамин тариқ, «Баҳори Аҷам»-и Рой Лоло Тик Чанд Баҳорро ҳамчун фарҳанги тафсирии дорои луғот ва истилоҳи шеърӣ метавон дар радифи сарчашмаҳои мӯътамади илмиву адабӣ ном бурд.

Омӯзиши маводи фарҳанг аз назари илми адабиётшиносӣ, хоса нақди адабӣ ва матншиносӣ муфид мебошад. Таҳқиқи амиқи ин фарҳанг ҳамчун сарчашмаи адабӣ метавонад бозёфтҳои тозаи илмиро рӯи кор орад.

АДАБИЁТ

1. Алим, Ашрафхон. Сироҷиддин Алихони Орзу ва фарҳанги «Чароғи ҳидоят». Фарҳангнависӣ.Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ-Теҳрон, 1388
2. Баҳор, Рой Лоло Тикчанд. Баҳори Аҷам. Фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ. Дар се ҷилд. – Теҳрон , 1390.
3. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Тасҳеҳ ва муқобалаи Аҳмади Карамӣ. – Теҳрон, 1372.
4. Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. Девони комил.Тасҳеҳ ва муқаддимаи Маҷиди Шафақ. – Теҳрон, 1389.
5. Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. Девон, ба тасҳеҳу эҳтимоми Азизи Давлатободӣ. – Табрез, 1375.
6. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Бо эҳтимоми Козим Шидфар, иборат аз ду ҷилд ва чаҳор китоб. – Маскав, 1975.
7. Нақавӣ Ш. Фарҳангнависи форсӣ дар Ҳинду Покистон. –Теҳрон, 1341.
8. Муҳаммад Подшоҳ. Фарҳанги мутародифот ва истилоҳот. –Теҳрон, 1364.
9. Сангинов А. Словарь «Бахори аджам» и его лексикографическая характеристика. Автореф. дис… канд. филол. наук. –Душанбе: 1973. – 24с.
10. Сиёлкутӣ Мал Вораста. Мусталеҳот-уш-шуаро. Тасҳеҳи дуктур Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1380. – 808 саҳ.
11. Таълифи Сироҷиддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят. – Теҳрон, 1359.
12. Шайх Камоли Хуҷандӣ. Девон. Бо эҳтимоми Эраҷи Гулисурхӣ. Дар ду ҷилд. – Теҳрон. 1374.

СЛОВАРЬ «БАХОРИ АДЖАМА» И ВОСПИТАНИЕ ПОЭЗИИ

В этой статье рассматривается словарь «Бахори Аджама» и просвещение поэзии. В своей статье автор сначала обращается к культурам, в которых авторы знали свою основную цель при составлении слова, и пытался обеспечить, чтобы их написание превосходило предыдущие словари, включив новый словарь. Следует отметить, что такие словари включают «Фарханги Джахангири» Мирджамолиддина Хуссейна ибн Фахриддина Хасана Инджу и «Бурхани Котэ» Мухаммада Хусейна ибн Халафи Табрези. У других культур есть преимущество, которое также обсуждалось молодым исследователем с достоверными источниками. Следует отметить, что культура весны - одна из самых оригинальных и устойчивых культур по сравнению с другими комментаторскими культурами.

Ключевые слова: *шибхи Индийского субконтинента, культура, культурология, поэтическая культура, «Аджамский источник», литературная ценность, литература, энциклопедия, комментаторские культуры, источник, мировая культура, Сильный аргумент.*

DICTIONARY "BAHORI AJAM" AND EDUCATION OF POETRY

This article examines the Bahori Ajam vocabulary and the enlightenment of poetry. In his article, the author first addresses cultures in which the authors knew their primary purpose in composing a word and tried to ensure that their spelling was superior to previous dictionaries by including a new vocabulary. It should be noted that such dictionaries include the Farhangi Jahangiri by Mirjamoliddin Hussein ibn Fakhriddin Hasan Inju and Burkhani Kote by Muhammad Hussein ibn Khalafi Tabrezi. Other cultures have an advantage, which was also discussed by the young researcher with reliable sources. It should be noted that the spring culture is one of the most original and enduring crops compared to other commentator cultures.

Keywords: *shibhi of the Indian subcontinent, culture, cultural studies, poetic culture, "Ajama source", literary value, literature, encyclopedia, commentator cultures, source, world culture, Strong argument.*

Сведение об авторе:

Саидумрон Саидов - *кандидат филологических наук, доцент Худжандского государственного университета имени Бободжона Гафурова.*

About the author:

Saidumron Saidov *- Candidate of Philology, Associate Professor of the Khujand State University named after Bobojon Gafurov.*

АНЪАНА ВА НАВПАРДОЗИҲОИ АБДУҶАББОРИ СУРУШ ДАР ФАРҲАНГНИГОРИИ МУОСИР

Умарова Ӯ.Т.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

«Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» - навиштаи Абдуҷаббори Шоҳаҳмад (А. Суруш), адиб ва донишманди тоҷик, дар шарҳу тафсири калимот, таъбирот ва баъзе аз абёти душвори ашъори Камоли Хуҷандӣ буда, ягона қомусе пиромуни шарҳу тавзеҳи осори Камоли Хуҷандӣ дар адаби форсӣ ба шумор меравад. Тартиби фарҳанги мазкур мутобиқи алифбои кириллии тоҷикӣ ва ҳар луғату таркибу истилоҳи ашъори Камол ба тартиби ин алифбост, мадхалҳо бо ҳуруфи форсӣ низ сабт шудаанд. Ҳамроҳи ҳар луғат, таркиб ё истилоҳ намунаҳое аз шеъри Камол ба унвони мисоли шоҳид ироя гардидааст. Бино бар ишораи Абдуҷаббори Шоҳаҳмад дар сарсухани нашри дуюм, ӯ дар ибтидо фарҳангро зоҳиран дар се ҷилд таълиф карданӣ будааст. Аммо бахше аз он (шомили ҳуруфи А то М) соли 1996 мунташир шуда, сипас бо сабабҳои гуногун, чопи баъдии он ба таъхир гузошта мешавад. Ва соли 2015 ин асар ба таври ҷомеъ, дар ҳаҷми бузург 731 саҳифа, бо теъдоди ҳазор нусха чоп шуд. Абдуҷаббори Шоҳаҳмад худ менависад, ки бо дастуру роҳнамоии донишманди луғатшинос, Абдуманнони Насриддин ба нигориши ин фарҳанг пардохт ва вироиши дастхатту мошинчопи онро худи устод А.Насриддин анҷом дод [6, 5-6]. Муаллиф аз дигар шахсияти адабӣ, устод Лоиқ Шералӣ низ барои «тасҳеҳи мӯшикофона»-аш [6, с.6] изҳори сипос кардааст.

«Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» шомили чаҳор бахш аст, ки аз сарсухан ва дебочаи нависандаи он (бо ду хат – ҳам кириллӣ ва ҳам форсӣ) оғоз шудааст. Дар бахши дувум, барои ошноии хонанда, ба таври фишурда аз сохтори фарҳанги мазбур ва равиши кори муаллиф маълумот омадааст; ҳамчунин китобномаи муаллиф дарҷ ёфтааст, ки ӯ беш аз 20 маъхаз, аз ҷумла, аз ҳашт девони Камоли Хуҷандӣ, чопҳои Тоҷикистон ва Эрон, дастнависҳо, фарҳангҳои муъатамади форсӣ ва чанд асари дигар баҳра бурдааст ва зимни тафсиру ташреҳ саросари куллиёти Шайх Камолро (ҳудуди 8150 байт) ғавр кардааст.

Бахши севум, қисмати умдаи ин асар, ҳовии луғоти машруҳа мебошад.

Дар бахши чаҳорум – «Охирсухан», ки низ бо ҳуруфи кириллӣ ва форсӣ омадааст, Абдуҷаббори нигоштааст, ки пас аз 22 соли ранҷи бедорхобию хастагӣ, кори таълиф ба поён расид. Ӯ паём мерасонад, ки ин фарҳангро барои ҷумла форсизабонон, чӣ дар Варорӯд ва чӣ дар Афғонистону Эрон нигошт, то баҳраманди умум гадад, ки ин асар «моликияти зеҳнии тоҷикистониёну афғонистониёну эрониён аст» [6, с.731].

«Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» -и Абдуҷаббори Суруш соли 2015 дар нашриёти «Хуросон» дар шаҳри Хуҷанд ба нашр расид. Фарҳанги мазкур маҳсули заҳмати бештар аз 22-солагии муаллифи он аст, ки ҳанӯз ҷилди аввали он соли 1996 дар нашриёти «Пайванд» дар шаҳри Душанбе ба истиқболи ҷашни 675-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ интишор ёфта буд. Тавре дар муқаддимаи нашри комили фарҳанг Абдуҷаббори Суруш таъкид намудааст, «ин нусха комилан аз нусхаи номукаммали чопи аввал (соли 1996) тафовут дорад, зеро ҳосили кори сангину умркоҳи бемузду беподоши 22-солаи ин мардикори фарҳанги тоҷик аст... Ва ин фарҳанг мисли муаллифи он дар ин 22 сол бисёр корхӯрда ва солхӯрда ҳам шуда» [6, 7]. Илова бар ин, агарчӣ нусхаи таҳияшудаи фарҳанг дар соли 1996 шарҳу тафсири 12 ҳазор вожаву таъбир ва таркибҳои ашъори Шайх Камол маҳсуб ёбад, нашри мукаммали фарҳанг тафсири наздик ба ҳафтдаҳ ҳазор калимаву ибораҳои корбурда дар шеъри шоирро фаро гирифтааст. Ҳар хонандаи ҳушманд, ки нашри нахустро агар дар ихтиёр дорад, зимни муқобалаву қиёс бо нашри навини он, пай мебарад, ки устод Абдуҷаббори Суруш ба таври хеле назаррас нусхаи ҷадиди фарҳангро такмилу таҷдид ва таҳрир намудааст.

Дар пешгуфтори аввал ва ҳам дувуми муаллиф вежагиҳои хоси фарҳанг ва шеваи тафсиру ташреҳи вожаву таъбирҳо тавзеҳ ёфтааст. Баробари вуруд ба ин боғистони маъонӣ, ки моро ба ҷаҳони фикрӣ, андешаҳои фалактоз ва ҳунари шоирии Шайх Камол раҳнамоӣ мекунад, эҳсос мешавад, ки муаллиф дар тадвини фарҳанг ва дарёфти маъонии мавриди назари шоир заҳмати фаровон кашидааст. Ин ҷо авлавияти шоир будани муаллифи фарҳанг дар шарҳу тафсири дақиқи маонии вожагону калимот равшан ҳис мешавад, чун кашфи маъниҳои шоирона ва мавриди назари шоир бештар тавассути нигоҳи шоиронаи фарҳангнависон муяссар мешавад, чун эҳсоси ҳолат ва бардошт аз тавсирҳои нодири суханварон ба аҳли шеър фаротар аз дигарон даст медиҳад, зеро ҳисҳои ба ҳам монанди шуаро метавонад ин роҳро рӯшантар ҷилвагар созад. Аз аввалин саҳифаи матни аслии фарҳанг ин вежагии хоси фарҳангнависии устод Абдуҷаббори Суруш бозтоби мунавваре касб мекунад, вақте мо тафсири вожаи «абр»-ро аз диди шоир дар каломи Шайх Камол ба мушоҳида мегирем:

АБР ابر 1. бухорҳои баҳамомадаи об дар ҳаво, ғубори ҳаво, меғ, саҳоб; аз миён рафтани абр از میان رفتن ابر а) киноя аз борон шуда, фурӯ рехтани абр; б) дар ашъори ирфонӣ тимсоли бардошта шудани монеъаи ҳиҷоб аз дилу чашми солике, ки орзуи дидани дидори Ҳақ мекунад.

Қатра ба дарё расид, абр бирафт аз миён,
Нур фурӯ шуд ба шамъ, шамъ баромад зи дуд [6, с.19].

2. дар истилоҳи шоирони ориф мурод аз раҳмати бениҳоят ва ҷоннавози Офаридгор.

Сӯхтам аз ҳасрат, эй абр, афкан он ҷо сояе,
То дигар бар хоки пояш рух насояд офтоб.» [6, с.19].

Аз ин тавзеҳи муаллифи фарҳанг ҳувайдост, ки дар равиши кори худ ӯ нахуст маҷмӯи маъниҳои вожаро дар фарҳанги куллии забони форсӣ тавзеҳ мебахшад, яъне ҳар маънии воқеӣ ва ё киноӣ, ки вожаи мазкур дорад, нахуст тафсир мешавад ва баъдан ибороте, ки шоир тавассути ин вожа дар шеъри худ офаридааст, шарҳу тафсир мешаванд. Баробари ин, бар асари нуфузи андешаҳои ирфонӣ дар шеъри Шайх Камоли Хуҷандӣ ҳам вожагон ва ҳам таркибҳои ирфонӣ аз нигоҳи аҳли ирфон шарҳ ёфтаанд, ки ин шеваи кори муаллиф барои маърифати ҷанбаҳои ирфонии ашъори шоир ба хонанда кӯмаки фаровоне хоҳанд намуд. Аз сӯи дигар, агар танҳо тавзеҳи ирфонии вожаву таркибҳои дар фарҳанг ҷойгирифтаро аз дохили он бурун кашем, як фарҳанги мустақили вожаву таркиб ва истилоҳоти ирфонии шеъри Шайх Камоли Хуҷандӣ ҳосил мешавад. Ин таҷрибаи тозае ҳаст, ки дар фарҳангҳои муаллифии шеъри то ин замон дар Тоҷикистон таълифшуда камтар ба мушоҳида мерасад.

Як хусусияти муҳими равиши кори таълифи фарҳанг дар он зуҳур меёбад, ки муаллиф зимни тафсири маъонии вожаҳо баробари тазаккури маънии умумии роиҷи вожа ба таври махсус маънии мавриди назари шоирро дар байти шоҳид таъкид менамояд. Аз ҷумла, дар идомаи тафсири таъбирҳои сохташуда тавассути вожаи «абр» зимни шарҳи ибораи «абри бало» ба таври хоса таъкид мекунад, ки «аммо дар байти шоҳид ба маънии дарду ранҷи умрҳоҳи ишқ омада» ва пасон маънии ирфонии ибораҳоро тафсир кардааст: б) аз нигоҳи суфиёни ориф киноя аз ҳиҷобе, ки аз зулмати афъоли нафсонӣ ва руҳонӣ дар дили солик пайдо шуда, монеъи мушоҳадаи таҷаллиёти зоти пок мегардад.

Абри балост ҳаҷри туву гиряи Камол
Борони меҳнате, ки зи абри бало чакад [6, с.19].

Вижагии дигари муҳими фарҳанги мазкур, ки онро аз дигар фарҳангҳо имтиёз мебахшад, дорои хусусиятҳои шарҳнигорӣ будани он ба шумор меравад. Дар баробари ин ки муаллиф ҳам маъонии аслӣ ва ҳам киноёт, мазмунҳои ирфонии вожагону таркибҳоро тавзеҳ медиҳад, гоҳо абёти ҷудогонаеро низ шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки чунин равиши кор дар фарҳангҳои дигари форсӣ камтар ба назар мерасад. Ҳатто дар «Луғатнома»-и Деҳхудо, ки аз ҷумлаи фарҳангномаҳои мукаммали забони форсии имрӯз ба шумор меравад, шеваи мазкур ба кор гирифта нашудааст. Аз ин лиҳоз, вуҷуди шарҳҳои мухталиф ва тафсири маъонии абёти Шайх Камол дар дохили фарҳанг падидаи нодир ва қобили мулоҳиза буда, зуҳури хусусиятҳои барҷастаи фарҳанги тафсирӣ ва аносири шарҳнависиии классикиро дар оинаи фарҳангномаи шеърӣ бозтоб мебахшад. Масалан, зимни тафсири ибораи «аҳли қибла» баъд аз тавзеҳи маъниҳои аслӣ ва маҷозии он бо таъкиди шарҳи байт ва ҳосилии маънии онро ба гунаи зайл тафсир мекунад: «аҳли қибла اهل قبله дар ин таъбир иҳом аст ва ба ду маънӣ: а) мурод аз мусалмонон, аҳли ислом; б) истиора ва киноя аз абрувони маъшуқа. Шарҳи байт: Аз аҳли қибла мурод абрувони маъшуқа аст ба ваҷҳи он ки ошиқони ориф абрувонро меҳроби ниёиш ва раҳнамои тариқати солик хондаанд; аз туркон муроди Хоҷа чашмони шӯху бераҳми маъшуқ аст, ки сабаби озори ошиқ бошанд; ҳосили маънии байт: Миёни меҳру раҳнамоӣ (аҳли қибла-абрувон) ва қаҳру ситезу бераҳмӣ (туркон - чашмҳо), ки маъшуқа дошт, ба бахти ошиқ мусоидат ва созиш афтод, яъне мобайни навозишу гудозиши ишқи ёр тафовут намонд, пас чаро ғамзаҳояш вақте ба рӯи маъшуқ менигарам, садди расидан ба ҷалоли ҷамоли ӯянд?

Ба аҳли қибла чу карданд оштӣ туркон,
Чаро ба ошиқи он рӯст ғамзаҳоро ҷанг?» [6, с.50-51].

Ба назар мерасад, ки дар «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» бо иқтизои равиши кори муаллиф бештар аз 150 байти мукаммал ва бештар 2000 ҳазор ибораҳои калидӣ дар абёти ҷудогона шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки онҳо низ дар кашфи асли матлаби шоир ва маърифати маънии мавриди назари ӯ дар ҳамон байт хидмат мекунанд. Ба ибораи дигар, шарҳи ин ибороти калидӣ низ баробар ба шарҳи куллии байт муаррифӣ мешаванд, чун фаҳму дарки маънии таъбири мазкур асли матлаби суханварро бозгӯй мекунад. Устод Абдуҷаббори Суруш ин равиши шарҳнависиро дар дохили матни фарҳанг пеш аз ҳама ба он хотир пайгирӣ карда, ки аксари чунин таркибу ибораҳо дорои маъонии ирфонӣ ҳастанд ва зарурати тавзеҳи матлабро пеш мегузоранд. Гурӯҳи дигари абёт ва иборот бо назардошти мавҷудияти муаммо дар таркиби байт ва фаҳми матолиби шоир барои хонандаи имрӯз

метавонад мушкилоте эҷод кунад. Аз ин ҷиҳат, вуҷуди ин шарҳҳо дар таркиби фарҳанг дар баробари аҳамияти муҳимми онро дар фаҳми амиқи маъонии манзури шоир ва расидан ба умқи матолиби ӯ нишон додан, идомаи суннатҳои шарҳнависии классикиро дар таркиби фарҳанг бозгӯӣ мекунанд. Аз сӯи дигар, мунтахаби ин байтҳои тавзеҳёфта ҳам метавонад ба унвони китоби ҷудогонае дар шарҳу тафсири афкор ва вижагиҳои ҳунари шоирии Камол муаррифӣ шуда, баробари ин заминаҳоро дар таълифи шарҳи комили девони вай фароҳам оварад.

Истифода аз равиши тасҳеҳи матн ва ба таъбири аҳли таҳқиқ барқарор намудани сиҳатии матн дар фарҳанг аз вижагиҳои муҳим ва қобили арзиши шеваи таълифи муаллиф ба шумор меравад. Ба иттифоқи аҳли таҳқиқ муҳимтарин рукни маърифати шеър барқарор намудани сиҳҳатии матн ба шумор меварад, чун танҳо матни сиҳҳат метавонад шореҳу фарҳангнигор ва ҳатто хонандаро ба асли матлаб раҳнамоӣ кунад. Аз ин лиҳоз, устод Абдуҷаббори Суруш дар мавориди зарурӣ қабл аз тафсири маъонии ин ё он таркибҳо нахустин иқдом ба тасҳеҳи матн намуда, нусхаи дурусти онро нахуст ва хонанда манзур мекунад ва баъдан ба шарҳи он мепардозад. Бидуни тардид ҳамин усули кори муаллиф арзиши кори ӯро дар матншиносии осори Шайх Камоли Хуҷандӣ низ боло бурда, ҷанбаи муҳими матншиносии фарҳангро низ таъкид мекунад. Маҷмӯан, тавре муаллиф дар муқаддимаи фарҳанг ишорат менамояд, дар он зиёда аз 300 байти шоир тасҳеҳи тоза ёфтаанд ва аз ғалату нодурустхонӣ барӣ гардонида шудаанд [6, 4]. Аз ҷумла дар муқаддима худи муаллиф чанд намуна аз ин абёти тасҳеҳшуда ва равиши кори хешро дар ин самт ба гунаи зайл тавзеҳ додааст:

Мисоли аввал:

Қиёмат аст ба хубӣ рухат, ки дар вай зулф,
Ба ҷурм зери паре номаи сияҳ дорад.

(Камоли Хуҷандӣ. Девон. Душанбе; Ирфон,-1983, ҷ. 1, с. 389)

قیامت بخوبی رخت ، که در وی زلف،
به جرم زیر پری نامهٔ سیه دارد.
(کمال خجندی، دیوان، دشنبه، عرفان - ۱۹۸٦، جلد اول . ص.۷۲۳)

Дар «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» байти мазкур чунин тасҳеҳ ёфтааст:

Қиёмат аст ба хубӣ рухат, ки дар вай зулф
Ба ҷурми зербурӣ номаи сияҳ дорад [6, с.4]. .

Нигоранда дар такмили маънову мафҳуми моддаҳои луғавӣ гоҳе ҳам **«Тавзеҳ»**, **«Ташреҳ»** ё **«Эзоҳ»** меоварад, ба ин гуна: «**ВАСЛА** а. وصله пораи матоъ, ки ба ҷои даридаи либос медӯзанд, пина, дарбеҳ. **Тавзеҳ**: Байти шоҳид аз нусхаи нодиру қадимаи дастхати девони Камоли Хуҷандӣ, ки дар китобхонаи шахсии ҳофизи зиндаёд Маъруфхоҷа Баҳодури Румонӣ маҳфуз буд ва камина дар ҳузури эшон чанд рӯз онро мутолиа ва тафовутҳои баъзе ғазалҳоро рӯнавис кардам (тобистони соли 1993), ҳамчун шоҳид истифода шуд, зеро дар дигар нусхаҳои хаттиву чопӣ ба ҷои «васла» «пора» омада ва ягона шоҳид барои вожаи мавриди шарҳ ҳамин як байт аз як нусхаи қадимист. Андеша мекунам, ки шакли аввалин ва саҳеҳи байт шояд мисоли зерин бошад (А. Суруш).

Гар аз он доман бад-ин дарвеш васле мерасид,
Васлае медӯхтам ин ҷони пора-пораро»[6, с.109-110].

Дар канори ин, муаллиф зимни тафсири вожагону таъбирҳо ғалатхониҳои дар вақти баргардон ба хати сириллик рухдодаро низ бартараф намуда, шакли саҳеҳи абётро мавриди истифода қарор додааст.

Бешак, ҳамин заминаҳои муҳим дар кори матншиносии осори Шайх Камол дар асоси таълифи фарҳанги мазкур буд, ки роҳи тасҳеҳи матни Девони ашъори суханварро ҳам, барои муаллиф ҳамвор намуда ва дар натиҷа баробар ба таълифи ин фарҳанг нусхаи боэътимоди Девони Шайх Камоли Хуҷандиро низ таҳия намуд, ки соли 2015 дар нашриёти «Хуросон» бо ду хат – форсӣ ва сирилик чоп расид.

АДАБИЁТ

1. Нуров Амон. *Фарҳанги осори Ҷомӣ* (ду ҷилд). - Д., 1984
2. Нуров Амон. *Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ*. - Д., 1990.
3. Нуралӣ (Нуров). *Дарёи маърифат. Дар бораи «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ»* // Хуҷанд.–№3-4.–1997.
4. Нурзод Нуралӣ. *Ҷоми ҷаҳоннамои шеъри Шайх Камол* // Минбари халқ.– 2015.
5. №15 (994)
6. Шоҳаҳмад (А. Суруш), Абдуҷаббор. *Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ*. Душанбе, 1996.
7. Шоҳаҳмад (А.Суруш), Абдуҷаббор. *Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ*. Хуҷанд, 2015.

ТРАДИЦИЯ И НОВАТОРСТВО АБДУДЖАББОРА СУРУША В СОВРЕМЕННОЙ ЛЕКСИКОГРАФИИ

«Словарь творчества Камола Худжанди» - написанный Абдуджаббором Шохахмади (А. Суруш) таджикского литератора и ученого в раскрытие смысла, интерпретации и некотором сложеном в стихах Камола Худжанди, считается единственной энциклопедией в выяснении и толковании творчества поэта в персидском литературном круге. Порядок данного словаря соответствует таджикскому алфавиту кириллицы и каждый состав слова и термин творчества Камола написано в порядке данного алфавита и вступления также записаны персидскими буквами. С каждым составом слова и термином даны примеры подобно заглавию из стиха Камола Худжанди.

Из объяснения автора словаря видно, что в ходе своей работы он впервые в сборе разъясняет значения слов в полном словаре персидского языка, то есть каждое подлинное или враждебное значение, которое имеет данное слово, впервые поясняется и затем объясняется выражение, которое поэт сочинил посредством этого слова. Наравне с этим в связи с влиянием мистических мыслей, в стихах Камола Худжанди, и слова и мистические составы комментированы взглядами мистических людей, в которыя манера работы автора может быть помощью для читателя в познании мистических аспектов творчества поэта. С другой стороны, если выписать только мистические объяснения слова и составы, содержащие в словаре, получается самостоятельный словарь слов состава и мистических терминов стихотворений Шейха Камола Худжанди.

Важная особенность процесса работы составления словаря в том, что автор в ходе толкования значения слов наравне с общими значениями слов особо подчеркивает значение взгляда поэта в данных стихах. В «Словаре творчества Камола Худжанди» по требованию хода работы автора комментированы свыше 150 самостоятельных бейтов и более тысячи ключевыю словосочетаний в отдельных стихах. Иными словами, толкование этих ключевых словосочетаний предоставляются равно с объяснением полного бейта, как понимание и восприятие значения данного выражения излагает основную цель поэта.

***Ключевые слова**: Камол Худжанди, Абдуджаббор Суруш, словарь, творчество, слова, словосочетания, мистические термины, комментарий, объяснение, изложение, васла.*

THE TRADITION AND INNOVATIONS OF ABDUJABBOR SURUSH IN MODERN LEXICOGRAPHY

"Dictionary of Kamol Khujandi's Creativity" - written by Abdujabbor Shokhakhmadi (A. Surush) of Tajik writer and scientist in revealing the meaning, interpretation and some complex verses of Kamol Khujandi, is considered the only encyclopedia in elucidating and interpreting the poet's work in the Persian literary circle. The order of this dictionary corresponds to Tajik Cyrillic alphabet and each word composition and term of Kamol's creativity is written in the order of this alphabet and the introduction is also written in Persian letters. With each word composition and term, examples are given like a title from a verse by Kamola Khujandi.

From the explanation of the author of the dictionary it is clear. ... Along with this, in connection with mystical thoughts, in the poems of Kamol Khujandi, and the words and mystical compositions of the comments of mystical people. On the other hand, if you write out only mystical explanations of the words and compounds contained in the dictionary, you get an independent dictionary of the words of the composition and mystical terms of the poems of Sheikh Kamol Khujandi.

An important feature of the process of compiling a dictionary is that the author, in the course of interpreting the meaning of words, along with the general meanings of words, emphasizes the importance of the poet's gaze in these verses. In the "Dictionary of the Creativity of Kamol Khujandi", at the request of the author's work progress, over 150 independent beits and more than 2000 thousand key phrases in individual verses are commented on. In other words, interpretations of these key phrases are provided along with an explanation of the full bayt, as understanding and perceiving the meaning of a given expression sets out the poet's main purpose.

***Keywords:** Kamol Khujandi, Abdujabbor Surush, dictionary, creativity, words, phrases, mystical terms, commentary, explanation, presentation, wasla.*

Сведение об авторе:

***Умарова Угулой Турсунбоевна** – старший преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка факультета таджикской филологии Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова.*

About the author:

Umarova Uguloy Tursunboevna *- senior lecturer all University-wide Department of Tajik Language, Faculty of Tajik Philology, Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov.*

УДК: 891.550

ҶОЙГОҲИ ЖАНРИ ДОСТОН ДАР ЭҶОДИЁТИ МУҲАММАД ҒОИБ

Каримов Ш.М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Эҷоди жанри достон дар адабиёти классикию муосири тоҷик ҳанӯз аз давраҳои қадим маъмул буд, намунаи аввалини он «Дарахти асурик ва буз» ҳисоб мешавад, вале ҳамчун истилоҳи адабӣ шинохта намешуд. Дар адабиёти классикӣ бошад, достон чун як навъи жанри мустақили адабӣ шинохта мешавад. Достон дар эҷодиёти адибони классикӣ: Ҳаким Унсурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Бедил ва дар адабиёти муосир дар эҷодиёти–С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва дигарон мақоми хоса пайдо кардааст. Достон дар адабиёти классикӣ бештар дар қофиябандии маснавӣ аа, бб омадааст ва гоҳе ин қолаб вайрон карда мешуд. Мавзӯи достонҳои адабиёти классикӣ дар мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, қаҳрамониву ҷавонмардӣ, панду ахлоқ ва амсоли он бештар эҷод мегардид. Дар адабиёти муосир достон қолабҳои нав пайдо карда, гоҳе дар навъҳои мусаммат, шеъри чорпора низ гуфта мешаванд ва қариб дар ҳама мавзӯъҳои ҳоли имрӯза эҷод мешаванд. Мо ҳамин хусусияти навҷӯию навпардозиро вобаста ба жанри достон дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб фаровон дучор омадем, бинобар ҳамин ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор додаем.

«Тути дара» маҷмӯаи сеюми шеъру ҳикояҳо, достону қиссаҳои шоир буда, соли 1984 ба табъ расидааст. Дар ин маҷмӯа достоне бо номи **«Чаро зиндагӣ мушкил?»** ба табъ расидааст, ки аз 37 банд иборат буда, дар шакли устухонбандии **мусаммати мураббаъ** ва қофиябандии **ааба, вага** омадааст. Мавзӯи достон ёфтани макони зиндагӣ, зиндагӣ чисту дар қуҷост, ташкил додаст. Маънои зиндагӣ дар достон чунин тасвир гардидааст: яке аз кӯча мегузарад, нафаре мошинаш вайрон мешавад, марде ду дарза хас дар пушт, гурбае дар даҳонаш чӯҷа, омадани пире дар кӯча ва аз он пир пурсидани маънои зиндагӣ, дар куҷост, хонаи ӯ дар осмон ё замин аст? Мӯйсафед мегӯяд:

Зиндагӣ аз ҳама зӯр,
Маконаш дар ҳар қадам.
Лекин фаҳмида монед,
Зӯр аст аз ҳама одам.
Агар аз хурдӣ хонед,
Шавед оқилу доно.
Он гаҳ осон мешавад,
Зиндагонии шумо [1, с.19].

Дар китоби «Хирмани моҳ» (1989) як достон бо номи **«Данғара»** омадааст, ки аз дигар достонҳояш аз рӯи қофиябандӣ ва қолаби эҷодаш-**мусаммати мураббаъ ва маснавӣ** фарқ мекунад. Достони «Данғара» аз рӯи анаъанаи достонсароӣ аз - «Оғоз» 11 банд, дар қофиябандии **бава**, қисми асосии достон - «Оғӯши дашт» аз127 банд иборат буда, аз он114 банд дар қофиябандии рубоӣ - **ааба**, банди шашум дар қофиябандии **аааа**, аз банди 95 то 105 дар қофиябандии **бава** ва банди 115 дар қофиябандии маснавӣ- **аабб** омадааст. Қисматҳои ҷудогонаи достон бошанд, аз рӯи сюжет ба қисми асосӣ вобаста гардидаанд, ки чунинанд: «Обдони кӯчар» 3 банд, қофиябандии **бава**, «Дарёчаи Тоҳир» 5 банд, қофиябандии **бава**, «Рози шоир» 6 банд, қофиябандии **ааба**, «Сангтӯда» 2 банд, қофиябандии **бава**, «Руҷӯъ» (Ҳадя ба фотеҳи дашт Абдулло Қодиров) дар шакли маснавӣ **аа, бб** 15 байт, «Ҳикмат» маснавӣ 15 байт, «Коргоҳи нақбканон» 6 банд, қофиябандии **абав**, «Суруди нақбканон» 5 банд, қофиябандии **бава**, «Ҳасрати санг» 8 банд, қофиябандии **ааба**, «Николай Януков» 4 банд, қофиябандии **абаб** ва «Анҷом» 4 банд, дар қофиябандии **ааба** эҷод гардидааст. Хусусияти дигари достони **«Данғара»** дар он мебошад, ки шоир пеш аз ба қисми дигар гузаштан, аввал ба он қисм ишора мекунад, қисми «Коргоҳи нақбканон»:

Данғара, васфи туро шоир кунад эҷод агар, Коргар бахшад ба ту тақдиру иқболи дигар.
Коргоҳи нақбканҳоро бубинад ҳар касе, Беш гардад эътиқоду меҳри ӯ бар коргар [2, с.144].

Истифодаи санъатҳои бадеӣ, ба монанди ташбеҳ, тавсиф, талмеҳ, маҷоз, киноя ва муболиға, ки ба достон обу ранги бадеӣ мебахшад, моҳирона истифода шудаанд:

Русия дар синаат бо ҷангалаш ғунҷидааст, Бо Сибири беканору Байкалаш ғунҷидааст.
Ӯзбекистону Қазокистону мулки Украина, Бо замини ғаллаву кӯҳу талаш ғунҷидааст [2, с. 133].

Аз мазмуни ин банди достон бармеояд, ки дар замони Шӯравӣ ҳам ҳисси милливу хештаншиносиро баъзан шоирони мо дар эҷодиёти худ ҳифз менамудаанд.

Мавзӯи асосии достон тасвири дашти беоби Данғара буда, чӣ гуна дар замони Шӯравӣ ба водӣ овардашавии об ва кору пайкори нақбканон ба тасвир омадааст. Муҳаммад Ғоиб оғози достонро ба тасвири даштҳои беканори Данғара ва дар кадом сатҳ қарор доштани зиндагии мардум бахшидааст. «Оғӯши дашт» - қисми асосии достони «Данғара» - ро ташкил дода, мавзӯи меҳварии достон ин нарасидани оби ошомиданӣ ба мардуми ноҳияи Данғара будааст:

Ташнаам ман, ташнаам ман, обу обу об – об, Ин садо ояд мудом аз пуштаҳои кишт боб.
Дар замин чарандагону дар фазо парандагон, Гӯиё чизе намегӯянд ғайри об, об ... [2, с.129]

Шоир масъалаи бартараф намудани мушкилоти обро дар қаҳрамониҳои Нуриддин Маҳмуди котиб, Розиён, Абдулло Қодиров, Ҳикмат, Николай Януков ва дигар нақбканон барчаста тасвир намуда, қаҳрамониҳои ҳар яке аз ин шахсиятҳоро барои ҳал намудани мушкилии об дар достони «Данғара» тасвир намудааст. Нуриддин Маҳмуд ва Розиён нақшаи корро омода намуда бошанд, Абдулло Қодиров ва Ҳикмат барои сероб кардани даштҳо саҳми худро гузошта ва Николай Януков бо нақбканон дастаҷамъона барои кандани нақби обгузар аз дарёи Вахш ба ноҳияи Данғара аз худ қаҳрамониҳои шоиста нишон додаанд. «Суруди нақбкан» дар достон ба ин ишора мекунад:

Мегузарам мисли об, Аз таги кӯҳу замин,
Вахши дигар офарам, Рехта оби ҷабин [2, с.145].

Муҳаммад Ғоиб қаҳрамонҳои достони **«Данғара»** - и худро реалӣ офарида ва ишорае ба достони **«Хусрав ва Ширин»**-и Низомии Ганҷавӣ низ кардааст:

Лозим ояд, ҳар тане кори ду танро мекунад,
Кори хешу кори чандин Кӯҳканро мекунад.
Дар ҳамин аст иқтидори безаволи коргар,
Нанги ӯ машҳуртар номи Ватанро мекунад [2, с.148].

Дар достони «Хусрав ва Ширин» Фарҳод барои расидан ба висоли худ кӯҳро канад, аммо нақбканон дар достони «Данғара» барои хидмати Ватану миллати хеш ин кори бузрго анҷом медиҳанд.

Аз рӯи мазмун ва мундарича достони «Данғара» - и Муҳаммад Ғоиб бо достони «Ҷанги одаму об» - и Садриддин Айнӣ шабоҳат дорад, агар достони Муҳаммад Ғоиб ба тасвири даштҳои беоби Данғара бахшида шуда бошад, достони С. Айнӣ ба тасвири даштҳои беоби Вахш бахшида шуда бошад, аз рӯи устухонбандӣ – достони **«Ҷанги одаму об»** дар қофиябандии маснавӣ қарор дошта, достони **«Данғара»** дар устухонбандии мусаммати мураббаъ, макони тасвир ин достонҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Достони дигари шоир **«Қаҳрамон»** ном дошта, дар китоби «Дидор» (1997) ба табъ расидааст, ки дар шакли **мусаммати мураббаъ** эҷод гардидааст. «Қаҳрамон» ба монанди достонҳои анъанавӣ аз оғоз, нуҳ қисм ва анҷом иборат мебошад ва дар маҷмӯъ аз 132 бандро ташкил карда, дар қофиябандии **баба** 128 банд, қофиябандии рубоӣ- **аааа** бандҳои 3, 20 ва 57, қофиябандии маснавӣ **аабб** бандҳои 30 ва 50 омадаанд. Навҷӯиву навпардозии Муҳаммад Ғоиб дар достони «Қаҳрамон» ин бандҳои 3, 20 ва 57 аст, ки берун аз достон як рубоии мустақилро ташкил дода, вале аз рӯи мавзӯъ ба сюжети достон пайваст мебошанд, мисол аз банди 57:

Ҷаҳони одамӣ ранги ба ранг аст,
Яке чун хок, дигар мисли санг аст.
Яке шеру дигар мисли паланг аст,
Хатарнокаш бахилу чашмтанг аст [3, с.170].

Мавзӯи асосии достони «Қаҳрамон» ин тасвири шоҳкориҳои марди баруманди ноҳияи Данғара Умари Шарифро дар бар мегирад, ки ба достони дигари шоир «Данғара» аз ҷиҳати макони тасвир наздикӣ дорад. Агар шоир достони «Данғара» - ро ба тасвири дашту биёбонҳои беоби ноҳияи Данғара бахшида бошад, достони «Қаҳрамон» - ро ба тасвири кору фаъолияти фарзанди баруманди ин диёр - Умари Шариф бахшидааст:

Аз миёни ғамгусорони замин,
Дар дилам меҳри ту имшаб ҷо гирифт.
Достонам байту ҳарфи аввалин,
Аз хату аз донаи саҳро гирифт [3, с.159].

Умари Шариф дар достони «Қаҳрамон» ҳамчун шахси фаъоли ҷомеа шинохта шуда, барои хидмат кардан ба Ватан ҳамеша тайёр буда, ҳатто дар замони пиронсолияш ӯро ҳокимияти Шӯравӣ ба Қазоқистон барои ҷамъоварии ғалла мефиристонад, ӯ ба пиронсолии худ нигоҳ накарда, ба хидмати халқу Ватан тайёр аст. Дар Қазоқистон Умари Шариф бо Ҳасан ном анборхоначӣ барои

гирифтани оҳанпорае ба наздаш меояд, Ҳасан ба ӯ мегӯяд, дасти холӣ омадӣ, ӯ дар ҷавоб чунин посух медиҳад: **«Дар бисоти пушта ғайри хок нест, Навбати дигар ба ту хок оварам.»** – аз ин суханон Ҳасан ғазаболуд бо ӯ ҷанҷол мекунад ва Умари Шариф ӯро порахӯр меномад, Ҳасан ин суханро нисбати худ тӯҳмат шуморида, аз болои ӯ шикоятномае менависад, вале Ҳукумати Шӯравӣ аз тарафи Умари Шариф ҳеҷ хиёнате намебинад. Баъдан ӯро ба устохона ба ҳайси коргари оддӣ қабул мекунанд, аммо барои Умари Шариф сари замину даруни устохона яке буд, чунки мақсади ӯ мубориза бар зидди шахсоне, ки муфтхӯриро пешаи худ кардаанд, мебошад.

Муфтхӯрҳо баъд пайдо гаштаанд,
Дар диёри нӯш нешан он ҳама,
Мор буданд, аждар онҳо гаштаанд,
Марги халқи синарешанд он ҳама [3, с. 179].

Қаҳрамони достон дар ҷодаи меҳнат аз худ корномаҳои зиёд нишон дода, барои ҳифзи манфиатҳои мардуми маҳалла ба ҳама мушкилиҳои замон тоб оварда, мардумро ба меҳнати ҳалолу ризку рӯзии пок даъват намуда, онҳоро аз хӯрдани моли безаҳмат нигоҳ медорад.

Достони **«Пайванд»** аз китоби «Девон» (2009) шоир, дар қолаби **мусаммати мураббаъ** аз 97 банд иборат буда, дар қофибании **баба** омадааст. Мавзӯи асосии достон ин муносибати хонаводагии мардум, ки нисбати якдигар раво дида, баъдан пушаймон мегарданд, мебошад:

Чун насим оҳиста бикшодам дарам,
Пайкареро дидам дар хона хоб.
Тофт андар дида мисли модарам,
Гуфтам аз деҳ омадаст ӯ бо азоб [4, с. 844].

Шоир дар достон аз рӯзгори худ сухан карда, яъне субҳгоҳон дари хонаро мекушояду дар хона занеро мебинад, ки хоб аст. Ин зан дар дидаи шоир мисли модараш тофта, аммо ҳангоми аз хоб хестани меҳмон шоир ба ӯ нигоҳ мекунад, ки ин зан аммааш аст. Ба дидани қиёфаи аммааш шоир якбора чеҳрааш дигаргун мешавад ва айёми кӯдакии худро ба хотир меорад, ки аммааш чӣ гуна модарашро ранҷу азоб медод, ӯро бо чӯбу санг ҳар рӯз мезад ва дашном медод, то он ҷое аммааш ба модари шоир ранҷ медиҳад, ки бародарашро маҷбуран аз ӯ ҷудо карда, ба бародараш ҳамсари нав медиҳад. Модари шоир ба ин тақдири бади худ тан дода, фарзандони худро тарбия менамояд, аммо баъди чанд соле модар аз дунё мегузарад ва кӯдакон ятим мемонанд. Вале ин зан аз он бехабар, ки дасти дуои модару фарзандони ятимондаи модар ба ӯ бетаъсир мемонад. Тақдир ба ин зан чунон бузургии худро нишон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ бародару шавҳараш ва фарзандонаш аз дунё мегузаранд ва ин зан дар зиндагӣ танҳову бечора мемонад:

Шаш писар ҷон додаанд аз пушти ҳам,
Пора – пора шаш канори синаам.
Оҳи он занҳо гирифту ғайри ғам,
Нест аз қисмат дигар ганҷинаам [4, с. 858].

Китоби «Достони Пешво» - маҷмӯаи нави шеъру достонҳои Муҳаммад Ғоиб аст, ки соли 2018 нашр шуда ва ба тасвири қаҳрамониҳои фарзанди фарзонаи миллат – Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Аз ҷумла, дар ин китоб як достон бо номи **«Достони Пешво»** зикр шуда ва аз рӯи устухонбандӣ аз достонҳои дар боло зикршуда фарқ дорад. Достони **«Достони Пешво» дар ду жанри адабӣ – мусаммат ва мусаммати мураббаъ 15 банд, дар қофиябандии маснавӣ - аа, бб бандҳои 1, 2, 4, 5, 9, 12 – 15, 18, қофиябандии рубоӣ - ааба 3, 10, 11, 16 қофиябандии аааа 17. Дар шеъри тарҷеъбанд бандҳои 6, 7, 8 буда, дар ду тарзи қофибандӣ маснавӣ 6, 8 қофиябандии рубоӣ 7, байтҳои васила бошад, дар қофиябандии маснавӣ** омадаанд. Мазмуни «Достони Пешво» аз номи достон муайян аст, ки ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоистааш, ки дар ҳаққи миллати тоҷик кардааст, бахшида шудааст. Сюжети асосии достон аз замони ба вазифаи президентӣ омадини Эмомалӣ Раҳомон фаро гирифта, то замони ба ӯ унвони Пешвои миллат медиҳанд, баён мегардад.

Ин ҳама умедҳоро дарк кардӣ хубтар,
Ҷонфидоӣ кард дар ин раҳ туро маҳбубтар.
Авфҳо ҷои ҷазоҳоро зи нав бигрифтаанд,
Ҷашнҳо ҷои азоҳоро зи нав бигрифтаанд.
Достони ҷони ширин канданат донад ҳама,
Қаҳрамону Пешвои миллатат хонад ҳама [5, с. 92].

Аз рӯи таҳқиқ ва пажӯҳиш маълум гардид, ки жанри достон дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб назар ба дигар жанрҳои бадеӣ мақоми баланд надошта бошад ҳам, аммо аз нигоҳи илми адабиётшиносӣ достонҳои эҷоднамудаи шоир бо навҷӯиву навпардозиҳои худ, дар қолабҳои нав, қофиябандиҳои гуногун ва истифодаи санъатҳои бадеӣ низ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи хосса доранд. Достонҳои шоирро аз рӯи замони эҷодашон метавон ба ду давра замони Шӯравӣ – достони **«Данғара»,**

«Қаҳрамон» ва «Чаро зиндагӣ мушкил», даврони истиқлолият **«Пайванд» ва «Достони Пешво»** метавон ҷудо кард.

АДАБИЁТ

М. Ғоиб. Тути дара. - Душанбе: Маориф, 1984. – 59 с.
М. Ғоиб. Хирмани моҳ. - Душанбе: Адиб, 1989. – 165 с.
М. Ғоиб. Дидор. - Душанбе: Шарқи озод, 1997. - 223 с.
М. Ғоиб. Девон. - Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ
М. Ғоиб. Достони Пешво. – Душанбе: ЭР – гарф, 2018. – 172 с.

МЕСТО ЖАНРА ПОЭМЫ В ТВОРЧЕСТВЕ МУХАММАДА ГОИБА

Создание жанра в поэзии Мухаммеда Гойба не является традиционным в классической литературе, а скорее в современной литературе, потому что поэт сочинил свои четыре стиха в квадратном жанре и поэму «Лидер поэма» в жанре. Рассказы поэта по сюжету, языку, стилю, образу, использованию изобразительного искусства, шедеврам сыграли особую роль в современной литературе.Содержание и содержание стихов Мухаммеда Гойба олицетворяет боль, надежду, надежду, национальную гордость, национальную самобытность и самопознание. Изображения событий, событий и событий соответствуют действительности в поэтической истории, а также потребностям общества, показывая героев своих рассказов Мухаммеда Гойба, изображая их в качестве активных членов сообщества, чей вклад в процветание страны уникален. Таким образом, поэт работал над созданием жанра рассказа, выражая себя с огромными поэтическими навыками, способствуя новизне костей, рифмованному и простому языку своих рассказов в современной литературе.

Ключевые слово: *поэма, литература, мусаммат, тарджебанд, рубаи, маснави, Мухаммада Гоиба, аллегория, гипербола, иносказательность, герой, рифма, изображение.*

THE POSITION OF GENRE EPOS IN MUHAMMAD GOIB'S CREATIONS

Creating a genre in the poetry of Muhammad Goib is not traditional in classical literature, but rather in modern literature, because the poet composed his four poems in the square genre and the poem "Leader of the epos" . The poet's stories on the plot, language, style, image, use of fine art, masterpieces played a special role in modern literature. The content and content of the verses of Muhammad Goib personifies pain, hope, national pride, national identity and self-knowledge.Images of events, events and events correspond to reality in poetic history, as well as to the needs of society, showing the heroes of their stories Mohammed Goib, portraying them as active members of the community, whose contribution to the country's prosperity is unique.Thus, the poet worked on the creation of the story genre, expressing himself with great poetic skills, contributing to the novelty of the bones, the rhymed and simple language of his stories in modern literature.

Keywords:*epos, literature,musamat, targeband,rybai, pastiche, Mohammad Ghoib, allegory, hyperbola,allegorical, hero,rhythm, description.*

Сведения об авторе:

Каримов Шарифхудж Муллоджонович - *докторант (PhD) второго курса кафедры теории и истории литература Таджикского государственного педагогического Университета имени С. Айни. Телефон (+992) 918186748*

About author:

Karimov Sharifkhuja Mullojonovich – *second year (PhD) student of the theory and history of literature Department, Tajik State Pedagogical University named after Sadridddin Ayni. Phone: (+992) 918186748*

ТАТАББҮЪОТИ АМИРШОҲИИ САБЗВОРӢ БА ҒАЗАЛИЁТИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ НИГОҲИ РӮҲ ВА РАВИЯИ ТАХАЙЮЛОТИ ОБРАЗҲОИ ЭҶОДӢ

Саидова Б.Т.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Шоир Камоли Хуҷандӣ дар фаъолияти эҷодии худ диққати махсусе ба хаёл ҳамчун раванди муҳими донистагирии олами берунӣ додааст.

Ба андешаи ӯ образҳои эҷодӣ асоси тахайюлот буда, тағйирдиҳии маърифати воқеӣ аз нав кор карда баромада мешавад, ки ин образ дар хотираи инсон нигоҳ дошта шуда, хусусиятҳои рӯҳию равонии инсонро дар доираи қавигардонии сифатҳои иродавии шахс тақвият мебахшад.

Тавре ки равоншиносон дар таҳқиқотҳои худ баён намудаанд, назм яке аз омилҳои асосии ташаккули равандҳои маърифатӣ ба шумор меравад. Дар ин асос, Амиршоҳии

Сабзворӣ дар татаббӯот ба ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ аз нигоҳи рӯҳ ва равияи тахайюлоти образҳои эҷодӣ пайгирӣ намудааст, ки ин назирасароӣ маҳсуб меёбад.

Профессор Х. Шарифов ва У. Тоиров дар китоби «Назмшиносӣ» дар бораи назирасароӣ чунин менависанд: «Назирасароӣ дар адабиёти баъди асри XV хеле ривоҷ ёфтааст» [9, с.280]. Инро дар мисоли Амиршоҳии Сабзворӣ ба шоирони пешин ва баъдан дигар шоирон ба ашъори ӯ назирагӯӣ кардаанд, дидан мумкин аст.

«Шарти асосии назира, бо вуҷуди умумияти мавзӯъ оҳанги гуфтор, тозагии маънӣ мебошад. Агар шеъри назира ба мақоми истиқлол ва навии сухан нарасад, тақлид аст» [9, с.281].

Назирасароён ба мавзӯъ, композитсия, вазн, шакл, баъзан ба мазмуни ғазал пайравӣ карда, ба ин жанри адабӣ (ғазал) аз чакидаҳои қалами худ мазмуну муҳтавои тозае бахшиданд. Анъанаи назирасароӣ бештар аз ҳама дар эҷоди ғазал, махсусан, ғазалҳои ишқӣ ва ирфонӣ истифода шуда, образҳои тахайюлот дар хусуси орзуҳои ояндасозе, ки махсусияти маърифатии он дар ашъори бузургтарин шоириони ғазалнавис Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Рӯмӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон таҷассум гардидааст, инъикоси худро дарёфт.

Бояд қайд намуд, ки назирасароӣ дар таърихи адабиёти Шарқи Наздик ва Миёна ривоҷ ёфта, дар адабиёти Ғарб ва рус низ маъмул мебошад.

Инчунин, назирагӯӣ ҳамчун равобити адабии байни шоирону нависандагони адабиёти халқҳои гуногун, ё ин ки новобаста аз замони эҷодиаш ба вуқӯъ пайваста, ин гуна равобити илмиву адабӣ намунаи барҷастаи дӯстии халқҳо мебошад. Мақолаҳое, ки доир ба назирагӯиҳои шоирони форсу тоҷик дар маҷаллаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд, аз ҷумла, Асириддини Ахсикати ва Ҳофиз, Саъдӣ ва Салмони Совачӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ, Ҷомӣ ва Навоӣ, Фонӣ ва Ҳофиз ва ғайраҳо метавонанд дар зуҳуроти тахайюлоти образҳои эҷодии ассотсиатсияи монанди ин ҳолати ҳодисаҳои аз нав ба хотир овардани образҳои ба аввала монандро ба миён гузошта, маҳорати эҷодии тозаеро падид меорад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» оид ба муҳтавои ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ баҳои ҳаққонӣ дода, чунин менависад: *«Шайх Камоли Хуҷандӣ (ва раҳматуллоҳи таъоло) вай дар латофати сухан ва диққати маонӣ ба мартабаест, ки беш аз он мутасаввир нест, аммо муболиға дар он шеъри вайро аз ҳадди салосат берун ва аз чошнии ишқу муҳаббат холӣ монда»* [8, с.156].

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи хусусиятҳои ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ маҳорати суханварии ӯ баҳои баланд додааст.

Аз миёни сарчашмаҳои адабию таърихии асри XV ва асрҳои минбаъда мебинем, ки роҷеъ ба хусусиятҳои ашъори Амиршоҳии Сабзворӣ маълумоти аввалинро Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» додааст.

Дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» Абдурраҳмони Ҷомӣ доир ба ашъори Амиршоҳии Сабзворӣ чунин менависад: «Ва дигар, Шоҳии Сабзворист ва *вайро ашъор латифу якдасту ҳамвор, бо ибороти покиза ва маонии пурчошнӣ*» [8, с.107].

Абдурраҳмони Ҷомӣ ба эҷодиёти Амиршоҳии Сабзворӣ баҳои баланд ва воҷеӣ додааст. Ашъори ӯро *«латиф»*, *«якдаст»* ва *«ҳамвор»* дониста, бо истифода аз ибораҳои тоза дар маъниҳои гуворову дилпазир офарида шудани онро махсус қайд кардааст.

Муаллифи тазкираҳое чун Қозӣ Нуруллоҳ, Хондамир, Алишери Навоӣ, Давлатшоҳ ва Амин Аҳмади Розӣ номи Амиршоҳии Сабзвориро чун: *«Муслими аҳли олам», «меҳри сипеҳри суханварӣ», «фориси майдони сухангузорӣ» ва «Амири сарири фасоҳат ва шоҳи сипоҳи балоғат»* [5,7,1,3,2] гуфтаанд.

Амиршоҳии Сабзворӣ дар ғазал аз ӯҳдаи талаботи мусобиқаи адабӣ (дар ягонагии вазну низоми қофияҳо, ҳамоҳангии мазмуну мундарича ва интихоби лафзу калимаҳо) ба хубӣ баромада, иқтидор ва маҳорати баланди шоирии худро дар ташаккули маърифати худшиносӣ нишон додааст.

Якум, дар ҳақиқат Амиршоҳии Сабзворӣ як қисми ғазалиёти худро дар пайравӣ, татаббӯъ ва таъсири ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ суруда, сабку равияи шоирони гузаштаро давом дода будааст.

Дуюм, Амиршоҳии Сабзворӣ дар байту ғазалҳои ҷавобияаш баробари нигоҳ доштани рӯҳ ва равияи ашъори шоирони гузашта, дар мазмуну мундарича ва сохтани образҳо иқтидор ва симои худро нишон дода тавонистааст, ки маънии тоза бигӯяд. Амиршоҳии Сабзворӣ ба воситаи назира сухани нави тахаюлоти эҷодиро ифода кардааст.

Камоли Хуҷандӣ:

Ай бод, макаш, тураи ҷононаи моро,

Занҷир маҷунбон дили девонаи моро [4, с.28].

Амиршоҳии Сабзворӣ:
Чашми ту барандохт ба май хонаи моро,
Бикшуд ба риндӣ дари майхонаи моро [6, с.9].
Камоли Хуҷандӣ:
Аз он лаб шунидани ҳикоят хуш аст,
Суханҳои ширин ба ғоят хуш аст [4, с.96].
Амиршоҳии Сабзворӣ:
Ҷафои ту бар дил ба ғоят хуш аст,
Зи шаҳ бар раият риоят хуш аст [6, с.13].

Чуноне ки мебинем, умумияти байтҳои боло на танҳо дар шакли зоҳирӣ, балки дар мавзӯъ, мазмуну мундариҷа ва руҳияи баланди худшиносӣ ифода шудаанд.

Мо ин байтҳоро тамоман тақлиди маҳзи ғазалҳои Камол дониста наметавонем. Дар байтҳои Амиршоҳии Сабзворӣ гоҳе мазмунҳо як навъ такрор менамоянд, аммо бо вуҷуди ин, дар онҳо аз ҷиҳати тарзи ифода ва ороиши мазмун мустақилиятро дида метавонем.

Агар Камол шунидани ҳикоят ва суханҳои ширинро хуш ҳисобад, Амиршоҳии Сабзворӣ бошад ба шоҳ муроҷиаткунон мегӯяд барои подшоҳ «бар раият риоят хуш аст».

Сабку услуби Амиршоҳӣ, дар навбати худ, ба маънои васеи сухан ҳамон сабку услуби адабии Камол (албатта, ҳар кадом шоир услуби хосаи худро низ дорад. Дар ин ҷо сухан доир ба равияи умумии шоирон меравад, ки адабиётшиносон онҳоро ба ин ё он мактаби адабӣ дохил кардаанд) мебошад.

Камоли Хуҷандӣ:
Саре ки пеши ту бар остони хидмат нест,
Саре буд, ки сазовори тоҷи иззат нест.
Амиршоҳии Сабзворӣ:
Кадом дил, ки зи ишқат асири меҳнат нест,
Кадом сина, ки аз доғи ту ҷароҳат нест.

Тадқиқот нишон дод, ки оид ба назирагӯии Амиршоҳии Сабзворӣ ба бештар аз ҳашт ғазали Камоли Хуҷандӣ, ба воситаи пайравӣ ба мавзӯъ, тавири ҳолатҳои мухталифи ишқ, овардани таркибҳо, ибораҳо, қофияҳо, радифҳо ва вазнҳои ғазалҳои ӯро, ки ҳамаи ин аз талаботи назира сар мезанад, робитаи эҷодии худро бо Камоли Хуҷандӣ қавӣ гардонида, дар ҳусни баён, таносуби сухан, мутобиқати алфоз бо маъонӣ, равонӣ ширинӣ, борикандешӣ, хушоҳангӣ, нуктасозӣ, латифапардозӣ, сафои афкор ва салосату балоғат бо ӯ мусобиқа мекунад. Вале хусусияти ба назар намоёнтари ғазалиёти Амиршоҳии Сабзворӣ ва Камоли Хуҷандӣ он аст, ки Амиршоҳии Сабзворӣ ғазалҳои Камоли Хуҷандиро ҳатман дар вазн пайравӣ карда, радиф ва баъзан калимахои қофияшавандаи онро мегирад. Мавзӯи умумӣ ва мазмунҳои ишқӣ қаробати ин ғазалҳоро бештар мегардонанд.

Аз лиҳози мазмун дар ин ғазалҳо бештар васфи баҳор, зебоиҳои табиат, тасвири гулу булбул, бодаву ёр ва ғайраҳо оварда шудааст.

Оид ба масъалаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва фароҳам овардани ибораҳою таркибҳо ҳам дар байни ғазалҳо умумияти томе дида мешаванд.

Камоли Хуҷандӣ:
Ай аз ҳадиси зулфи туам бар забон гирех,
Бикшой барқаъ аз рӯҳу аз зулф он гирех.
Амиршоҳии Сабзворӣ:
Ай баҳри қатли мо зада бар абрувон гирех,
Бикшо ба ханда он лабу аз абрӯ, он гирех.

Амиршоҳии Сабзворӣ бо эҷодиёти гаронбаҳои худ пайравони ашъори худро низ ёфтааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ эҷодиёти ӯро ҳар тарафа омӯхта, дар асараш «Баҳористон» ба ашъори мухталифаш ба тарзи сухану ифодаи маънии ашъори Амиршоҳии Сабзворӣ ва афкори ӯ баҳои баланд дода, дар истиқболи бисёр ғазалҳои ӯ пайравӣ низ кардааст.

Услуби ғазалиёти Амиршоҳии Сабзворӣ хеле гуворою дилкаш буда, ӯ бештар ба таносуби сухан ва ифодаи дурусти маънӣ эътибори ҷиддӣ медиҳад.

Амиршоҳии Сабзворӣ аз адибони хеле сермаҳсул буда, мероси гаронбаҳои ӯ ҳанӯз дар замони зиндагии худи ӯ ва минбаъд низ машҳур гардидаву пайравони худро ёфтааст.

АДАБИЁТ

1. Амир Алишери Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. Ба сайъ ва эҳтимоми Алиасғари Ҳикмат. –Теҳрон, 1323 шамсӣ. -555с.
2. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Ба тасҳеҳ ва таълиқи Ҷаъфари Фозил. –Теҳрон, 1443 шамсӣ. -1378с.

3. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббос. –Теҳрон, 1338 шамсӣ. -649с.
4. Камоли Хуҷандӣ. Девон. – Душанбе: Ирфон, 1984.
5. Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ. Маҷолис-ул-муъминин. – Теҳрон, 1248ҳ.қ. -557с.
6. Сабзаворӣ А. Мунтахаби ашъор / Тарт. Мамедова М. – Душанбе: Дониш, 1987.- 104 с.
7. Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. –Теҳрон, 1333 шамсӣ. -759с.
8. Ҷомӣ А. Баҳористон. – Душанбе: Ирфон, 1966. -147 с.
9. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2005. -384с.

ПРИЛОЖЕНИЕ АМИРШАХИ К ГАЗЕЛЯМ КАМОЛ ХУДЖАНДИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ДУХА И ВООБРАЖЕНИЯ ТВОРЧЕСКИХ ОБРАЗОВ

В статье рассматриваются исследования психологов, которые рассматривают дисциплину как один из основных фактов формирования познавательных процессов.

В этом контексте за газелями Амиршаха последовали газели Камол Худжанди с точки зрения духа и воображения творческих образов, которые отразили его психику в человеческом сознании и продемонстрировали новое творческое мастерство в истории персидской и таджикской литературы.

Общность стихов газелей Камола Худжанди и Амиршахи выражается не только во внешнем виде, но и в содержании и высоком духе самопознания.

Исследования показали, что изучение газелей Амиршахи в более чем восьми газелях Камола Худжанди укрепило его творческую связь с Камола Худжанди, следуя описанию различных ситуаций любви, фраз, ритм, метрия его газелей. Пропорция речи соперничает со значением слова со сладостью души, со сладостью тонкости, с красноречием.

С точки зрения содержания, в этих газелях дается описание весны, красота природы, цветов, соловьев, ветра, друзей и так далее.

Однако самой яркой особенностью газелей Амиршахи и Камола Худжанди является то, что Амиршахи следует по метрику газелям Камола Худжанди и иногда получает достаточно слов.

Существует общее сходство газелей в средствах художественного выражения, создании фраз и композиций.

Ключевые слова: *воображение, дух, мягкость, плавность, красноречие, содержание, самосознание, природа, цветы, соловей, ветер, поэзия.*

AMIR SHAH'S TREATMENT OF KAMOLI KHUJANDI'S GHAZALS IN TERMS OF THE SPIRIT AND IMAGINATION OF CREATIVE IMAGES

This article discusses the research of psychologists, who consider discipline as one of the main factors in the formation of cognitive processes. In this context, Amir Shah's ghazals in terms of the spirit and imagination of the creative images, which reflected his psychological reflection in the human mind and demonstrated a new creative skill in the history of Persian and Tajik literature.

The commonality of the verses of Kamol and Amirshahi ghazals is expressed not only in appearance but also in the content and high spirit of self-knowledge.

Research has shown that the study of Amirshahi in more than eight ghazals of Kamoli Khuchandi strengthened the creative connection with Kamoli Khuchandi by following the description of different situations of love, phrases, suffixes and weights of his ghazals. The proportion of speech competes with the sweetness of the soul, the sweetness of the subtlety, the eloquence.

However the most striking feature of the ghazals of Amirshahi and Kamoli Khujandi is that the Amirshahi of the ghazals of Kamoli Khujandi necessarily follows the weight of the ghazals of Kamoli Khujandi and sometimes takes enough words. The general theme and content of the love of these ghazals is enhanced.

Key woks: *imagination, spirit, gentleness, smoothness, eloquence, content, self awareness, nature.*

Сведения об авторе:

Саидова Барно Турахоновна - *кандидат филологических наук, преподаватель кафедры общей психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел: (+992) 917777403*

About the author:

Saidova Barno Turakhonovna *- Candidate of Philological Sciences, the teacher of the Department of General Psychology, of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 917777403*

МЕТРИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПЕРЕВЕДЕННЫХ БАСЕН И.А. КРЫЛОВА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Галимова М.Б.

Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М.Турсунзаде

Творчество великого баснописца русской литературы И.А. Крылова является важным феноменом для переводчиков. Особое внимание уделяется его басням.

Перевод является одним из кардинальных факторов взаимосвязи и взаимообогащения литератур [8].

Нужно отдать должное, что наряду с переводчиками других стран также в таджикском литературоведении поэты и писатели обращались к творчеству великого русского баснописца Ивана Андреевича Крылова. Издано немало труды, посвященных творчеству поэта, среди которых особое место занимают исследования Х. Шодикулова, Рахима Хошима, А.Дехоти.

Четыре сборника переводов басен И.А. Крылова сыграли важную роль в ознакомительном процессе с баснями поэта и в пропаганде русской культуры в таджикском литературном мире подрастающего поколения: «Масалхои мунтахаб» («Избранные басни») (1944), «Маймун ва айнак» («Мартышка и Очки») (1977), «Масалхо» («Басни») (1986), «Харгуши сайед» («Заяц путешественник») (1999).

Переводы басен Крылова на таджикский язык начали публиковаться с 30-40-х годов XX столетия, принеся большую известность своему автору. Их вклад, внесенный в формирование детской и подростковой литературы огромен, тем более что тогда еще не было детской национальной литературы. Наряду с другими детскими произведениями русских литераторов, таких как Пушкин, Лермонтов, Некрасов, Тургенев, Чехов, Лев Толстой, в таджикские дома вошли басни Крылова: «Осел и Соловей», «Лебедь, Щука и Рак», «Две бочки», «Крестьянин и Смерть», «Волк и Ягненок», «Мартышка и Очки», «Волк и Журавль» и многие другие.

Переведенные произведения становятся частью национальной литературы, способствуют ее обогащению и развитию [9, с. 598].

В таджикском литературоведении из 236 его басен переведено на таджикский язык всего 88, 49 из которых принадлежит Х. Рахмату, 15 – А. Дехоти, 12 – Дж. Сухайли и К. Улугзаде, 2 – Б. Фируза, 2 – Сируса, 4 – М. Миршакар, 4 – М. Аминзода. Можно сказать, что его популярность все еще растет, так как, ни один из русских или других баснописцев этого жанра не могут достичь его уровня.

Важным моментом является метрический анализ переведенных басен И.А. Крылова на таджикский язык. А. Дехоти, как опытный переводчик, прошедший огромную школу перевода С. Айни, закалялся в классической школе нашей литературы. Он неспроста обращается к басням, так как в нашей классической литературе басни занимают весьма важное место. Дехоти, обладая опыт, мастерски перевел басни И.А. Крылова, использовав наиболее употребительный стихотворный размер – аруз, благодаря которому переводы у него получились удачными, самое главное, он смог верно передать идею текста-оригинала.

Приведем сравнительно-сопоставительный анализ оригинала и некоторых переведенных на таджикский язык басен, например басни «Крестьянин и Змея».

Одна змея, приползая к крестьянину, сказала:

Я-ке- мо-ре/ су-и- деҳ-кон/ ха-зи-да о/ма-ду- гуф-то:
(мафойлун/мафойлун/ мафойлун/мафойлун/)

Би-ё,- хам-со/-я! Бо- хам- дус/-то-на зин-да-гӣ –со-зем.
(мафойлун/мафойлун/ мафойлун/мафойлун/)

В этом художественном тексте вместо мусамман, то есть трехразового повторения мафойлуна в одной строке, используется мусаддас, то есть шестиразовое повторение мафойлуна в одной строфе, и в одной только строке три раза используется мафойлун.

Та-бар ба каф ги-риф-та мар-ди Деҳ-кон
(мафойлун/ мафойлун/фойлотун/)

Би-гуф-то: «Пус-тат гар-чи ди-гар шуд…»,
(мафойлун/мафойлун/ фойлун/)

Следующая басня – «Петух и Жемчужина» («Хурус ва Дурдона»), переведена в размере Ҳазаҷи: она рифмуется, как газель. Вначале использован размер Ҳазаҷи – мусаддаси маҳзуф, где сначала идет мораль, а потом содержание. В размере хазачи мусаммани мусаббаг, то есть когда последний слог каждой строки является ударным, он составляет полтора слога.

Ху-ру-се аз/ да-ру-ни по/-ру-ву хок
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Я-ке дур-до-/на пай-до кар-/ду гуф-то
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Чи ло-зим аз/ ба-ро-и аҳ-/ли дунь-ё
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Чу-нин бе-ҳу-/да як чи-зи/ ҷи-ло-нок?
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

А-зи-за-ли/ кардан бе ахмақи не?
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Ба ман як до/-на ҷав сад бо-/р а-з ин беҳ
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Ки ҷав гар-чан/-д чун дур(р) нес/-т раҳ-шон,
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Ху-ро-ки се/-ри ас-ту қув/-ва-ти ҷон!
(мафойлун/мафойлун/ фаулун/)

Ҳа-ме-ша ҳук/-ми ҷо-хил-хо/ ҳа-ми-н ас-ту/ чу-нин бу-даст,
(мафойлун/мафойлун/ мафойлун/мафойлун/)

Ки ҳар як чи/-зи но-фаҳ-ми/-да-ге-шон пу/-чу бе-ҳу-даст.
(мафойлун/мафойлун/ мафойлун/.

В басне «Лебедь, Щука и Рак» сначала приводится мораль, а затем следует содержание басни, которая переведена в размере Хазаҷи – мусаддас мақсур в рифме маснавӣ, то есть аа, бб, вв:

Чу со-зиш нес/-т дар бай-ни/ ра-фи-қон,
(мафойлун/ мафойлун/ мафоил/)

Наёбад кори онон ҳеҷ сомон
(мафойлун/ мафойлун/ мафоил/)
Шавад балки аз он кулфат фаровон
(мафойлун/ мафойлун/ мафоил/).

В басне «Волк и Лисица» используется размер Рамали – мусаддаси маҳзуф рифма в форме аб, вб, гб. Сначала приводится мораль басни, а затем её сюжет:

Он чи худ на/-до-рад бар /мо на-до-рад/ ло-зи-мӣ ?
(фоилотун/ фоилотун/ фоилун/)

Ро-ги-бан бах/-ше-м мо ба/- ди-га-рон
(фоилотун/ фоилотун/ фоилун/)
Ин ҳа-қи-қат/-ро, ки ним-пӯ/-ши-да аст,
(фоилотун/ фоилотун/ фоилун/)

Со-за-д ин аф/-со-на рав-шан/тар ба-ён
(фоилотун/ фоилотун/ фоилун/).

Часть басни тоже написана в этом размере, то есть в Рамали, однако не в Рамали – мусаддаси маҳзуф, а – мақсур:

Мо-да-рӯ-боҳ/ хур-да се-рӣ/ гӯш-ти мург
(фоилотун/ фоилотун/ фоилон/)

Чун за-хи-ра/ кар-д қис-ме/-ро ни-ҳон
(фоилотун/ фоилотун/ фоилон/).

Кажется, что в некоторых баснях переводчик выходит из рамок арӯза, так как в диалоге в одной строке только одно слово. Но это слово является тем же элементом (рукн) того же размера. В размере Ҳазаҷи – мусаммани мусаббаг, то есть последний слог каждой строки состоит из полутора слога:

А-ҷаб наг-зу/-а-ҷаб фо-рам,/ ху-рӯ-сак-ҷон,/ са-до-и ту,
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/)
Шу-нав, ку-ку,/ са-рам бо-до/ фи-до-и ту,
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/)

Ки дар ин бе/-ша-зо-рон ху/-бу бе-ҳам-тост
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлон/)

Са-до-и ту,/ на-во-и ту,
(мафойлун/ мафойлун/) («Кукушка и Петух»)

Очевидно, поэт в этом случае не допускает неритмичности, ничто здесь не мешает мелодичности его стиха, то есть его ритму.

Хочется отметить, что в этих переводах басен перевод отмечается своей гармоничности по форме и содержанию, то есть нововведения поэта в размере арӯз очень кстати, или четки и вполне соответствуют содержанию произведения. Наиболее употребляемые размеры стихосложения таджикского арӯза, как Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, Муттақориб, Хафиф, используются поэтом при переводе басен. Различные формы рифмы в основном использованы в форме қитъа. газели, маснави.

Следует отметить, что некоторые басни переводились несколькими переводчиками, как, например, примеру басня «Волк и Ягнёнок». Перевод, сделанный М. Миршакаром полностью соответствует содержанию басни Крылова. Хикмат Рахмат не только смог передать содержание текста, но и обратил внимание на рифму и ритм текста. Первые четыре строки, переведенные М. Миршакаром, не соответствуют размеру арӯз, первая строка состоит из 10 слогов, а вторая – из 9. Перевод, сделанный Х. Рахматом, соответствует размеру Ҳазаҷ:

Гу-наҳ го-ран/-д-пе-ши-зӯ/р-ҳо-ҳам-во/ра-но-зу-рон/
V ---/ v---/ v---/ v---
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/)
Ша-ҳо-дат-ме/ди-ҳад-ин-ро/та-мо-ми-ҳас-/ти-и-ин-сон/
V ---/ v---/ v---/ v---
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/)
Ва-ле-бин-вис/та-ни-таъ-рих/на-б(у)-вад-и/да-о-и-мо/
V ---/ v---/ v---/ v---
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/)
Фа-қат з-ин бо/-б-ме-гӯ-ям/шу-мо-ро як/ма-сал-ин-ҷо/
V ---/ v---/ v---/ v---
(мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/ мафойлун/)

Хикмату Рахмату удалось профессионально перевести текст. Так например его перевод басни «Орёл и Куры»

То-ки бар-до/рад-ҳа-ло-ват/аз-ҳа-во-и/ бе-гу-бор/
-V --/- v--/- v--/ -v-
(фоилотун/фоилотун/фоилотун/фоилон)
Муд-да-те-пар/во-з-кар-дан/дар-ба-лан-ди/ҳо-У-коб/
-V --/- v--/- v--/ -v-
(фоилотун/ фоилотун/ фоилотун/фоилон/).

Так данный перевод осуществлен в размере аруз-рамали. И вполне можно его считать удачным.

Соответствовать всем параметрам переведенного текста – очень сложное дело, особенно если учитывать его ритм, рифму, его содержание.

Как нам известно, предшественники Крылова писали басни только в прозе, но под пером Крылова басня приобрела стихотворную форму. Крылов отличается от других баснописцев особым написанием, то есть у него ярко выражены интонационные паузы, способствующие образованию ритма. В основном в стихотворной форме рифмы служат для смысла текста, поэтому поэты в эту часть ставят важные для смысла слова, а у Крылова доминирует интонация.

Как известно, в русской художественной литературе существуют пять основных метров хорей, ямб, дактиль, амфибрахий, анапест и несколько вспомогательных. В результате анализа большинства басен Крылова, нами был сделан вывод, что автор писал их рифмованным разностопным ямбом, который восходит к народному раешному стиху. К примеру возьмём басню «Ворона и Лисица».

- *Уж сколько раз твердили миру*, (v/ v/ v/ v/v)

Что лесть грустна, вредна; но только все не впрок, (/ /v / v/ //v /v/)

И в сердце льстец всегда отыщет уголок. (v/ v / v/ v/ vvv/)

Эта басня написана разностопным ямбом с использованием пиррихиев (пропуск удержания в стопе ямба) и спондеев (стопа с двумя ударными), потому что чистый ямб получить очень сложно.

Н.А. Добролюбов очень тонко подметил: «Понять истину может всякий умный человек, стремиться к добру должен и хочет каждый человек, не лишенный благородства души. Но сильно почувствовать и правду, и добро, найти в них жизнь и красоту, представить их в прекрасных и определенных образах – это может только поэт и вообще художник» [7, с. 30].

Исходя из этого тезиса можно с полной уверенностью утверждать, что один из факторов удачных переводов басен И. Крылова на таджикский язык – это схожесть сюжетов и образных фигур, которыми изобилуют басни этого автора и притчи таких персидско-таджикских поэтов, как Лукмони Хаким, Саади, Джами и Дж.Руми.

В результате проведенных анализов мы пришли к следующим выводам:

1. Перевод басен И.А. Крылова на таджикский язык сыграл существенную роль в обогащении таджикской литературы.
2. Переводы произведений русского баснописца на таджикский язык в основном можно считать удачными.
3. Любая критическая оценка может быть опровергнута другой критической оценкой так же, как и любой перевод, может быть *«опровергнут»* другим. Таким образом, и наш метрический анализ перевода басен во многом условен и ни в коей мере не умаляет художественных достоинств изученных переводов.
4. Переведенные тексты в таджикском литературоведении принесли известность не только Крылову, но и самим переводчикам тоже.

ЛИТЕРАТУРА

5. Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри точикӣ / С. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1992. – 175 с.
6. Инжи Левый. Искусство перевода / Л. Инжи. - Москва. «Прогресс», - 1974. – 396 с.
7. Крылов И.А. Масалхои мунтахаб [матн] /И.А.Крилов.- Сталинобод: Нашрдавточик, 1944. – 67 с.
8. Крылов, И.А. Басни // Иван Андреевич Крылов. - Москва: Издательство АСТ, 2018. – 222, (2) с.
9. Крылов, И. А. Харгӯши сайёд. (Перевод с русского Х.Рахмата). Душанбе. 1999. – 70 с.
10. Крылов, И.А. Маймун ва айнак. - Душанбе. «Маориф»-1977. – 47 с.
11. Кузичева, А.П. Творчество: загадки, иллюзии, правда / А.П. Кузичева. Кн. для учащихся ст. классов. – М.: Прсвещение, 1991, – 127 с.
12. Макибаева, А.М. Перевод как одно из форм литературных
13. взаимосвязей (на примере перевода поэзии Гёте). [Электронный ресурс]. – Режим доступа:// https://articlekz/com/article/23669
14. Чернец, Л.В. Введение в литературоведении: учебник для студ. учреждений высш. проф. Образования / Л.В. Чернец, В.Е. Хализев, А.Я. Эсалнек и др.; под ред. Л.В. Чернец. – 40-е изд., испр. и доп. - М., Издательский центр «Академия», 2011. – 720 с.

МЕТРИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПЕРЕВЕДЕННЫХ БАСЕН И.А. КРЫЛОВА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье рассматривается особенности метрического анализа басен И. А. Крылова на таджикский язык. А также вопрос литературоведческих источников творчества русского поэта писателя И. А. Крылова и выявляется место его творчества в таджикском литературоведении. Автором статьи подчеркивается, что в развитии переводческой сферы в таджикском литературоведении сыграли значительную роль переводы басен И. А. Крылова на таджикский язык.

Автор статьи провел метрический анализ некоторых переведенных текстов. В качестве примера приведены переводы А.Дехоти, М.Миракара, Х. Рахмата и др.

По словам автора статьи наиболее употребляемые размеры стихосложения таджикского арӯза, как Хазаҷ, Рамал, Рачаз, Муттақориб, Хафиф, используются поэтами при переводе басен. Различные формы рифмы в основном использованы в форме қитъа, газели, маснави.

По словам автора, соответствовать всем параметрам перевода сложное явление, особенно если учитывать его ритм, рифму, его содержание. Дело в том, что многие поэты чтобы придать ритм и рифму в эти части ставят важные слова, а в баснях И.А. Крылова доминирует интонация.

Любая критическая оценка может быть опровергнута другой критической оценкой так же, как и любой перевод, может быть «опровергнут» другим.

Автор подчеркивает, что приведенный метрический анализ переведенных текстов во многом условен и ни в коей мере не умаляет художественных достоинств изученных переводов.

Ключевые слова; *басня, аруз, Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, Муттақориб, Хафиф, литературоведение, перевод, читатель, метрический анализ, ритм, рифма.*

METRIC ANALYSIS OF TRANSLATED FABLES BY I.A. KRYLOV INTO TAJIK LANGUAGE

This article examines the features of the metric analysis of I. A. Krylov's fables into the Tajik language. And also the question of literary sources of creativity of the Russian poet writer I.A.Krylov and the place of his work in Tajik literary criticism is revealed. The author of the article emphasizes that in the development of the translation sphere in Tajik literary criticism, the translations of I.A.Krylov's fables into the Tajik language played a significant role.

The author of the article conducted a metric analysis of some of the translated texts. As an example, the translations of A. Dehoti, M. Mirakar, H. Rakhmatom and others are given.

According to the author of the article, the most used sizes of versification of the Tajik arӯz, like Khazaҷ, Ramal, Ragaz, Muttaқorib, Hafif, are used by poets when translating fables. Various forms of rhyme are mainly used in the form of it'a, gazelle, masnavi.

According to the author, complying with all the parameters of translation is a complex phenomenon, especially if we take into account its rhythm, rhyme, and its content. The fact is that many poets, in order to give rhythm and rhyme to these parts, put important words, and in the fables of I.A. Krylov's intonation dominates.

Any critical appraisal can be refuted by another critical appraisal, just like any translation can be "refuted" by another.

The author emphasizes that the above metric analysis of the translated texts is largely conditional and in no way diminishes the artistic merits of the studied translations.

Keywords*; fable, aruz, Ҳazaҷ, Ramal, Ragaz, Muttaқorib, Hafif, literary criticism, translation, reader, metric analysis, rhythm, rhyme.*

Сведение об авторе:

Галимова Мохинур Баротовна *– старший преподаватель русского языка Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, Телефон: (+992) 908892619;Электронная почта: mohinur.galimova-40@mail.ru*

About the author:

Galimova Mohinur Baronovna - *Senior teacher of Tajik State Institute of culture and art named after M. Tursunzade: tel: (+992) 908892619; E - mail: mohinur.galimova-40@mail.ru*

ШАРҲИ ҲОЛ ВА РОҲИ ЭҶОДИИ ШОИРИ ХАЛҚӢ САИД ХОЛЗОДА

Самиева Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Пас аз ғалабаи Инқилоби Халқии Бухоро (с. 1920) дар миёни мардуми тоҷик шоироне арзи вуҷуд карданд, ки осорашон ба мавзӯъҳои анъанавии адабиёти классикии форсу тоҷик ва ҳам ба мавзӯъҳои рӯзмарра, инқилоб, озодии занон, ба мактабҳо ҷалб намудани занону духтарон, маҳви бесаводӣ ва ғ. бахшида шуда буданд. Бояд гуфт, ки аксари ин шоирони мардумӣ аз хату саводи замони шӯравӣ бебаҳра бошанд ҳам, аммо мавзӯъҳои осорашон ба замона мувофиқ буданд. Дар ин давра шоирони маъруф, мисли: Карим Девона, Бобоюнус Худойдодзода, Юсуф Вафо, Сайдалӣ Вализода, Ҳомид Саид, Ҳикмат Ризо, Саид Холзода, Қурбон Ҷалил ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Осори аксари ин шоирони халқӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба чоп мерасиданд ва пешкаши хонанда мегардиданд. Ин шоирон дар эҷодиёти худ анъанаҳои назми классикиро идома медоданд.Рӯзгору осор, ҳунари шоирӣ, сабки баёни шоирони халқӣ дар таҳқиқоти В.Асрорӣ ва Р. Амонов, Равшани Раҳмонӣ, Ҳ.Назаров, А.Сӯфиев, С.Чалишев, С.Саидов ва дигарони мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фолклоршиносон Воҳид Асрорӣ ва Рачаб Амонов шоиронеро, ки хату савод надошта шеър эҷод кардаанд, «шоирони халқӣ» номидаанд [1, с.284].

Мо маълумоти муфассал ва дақиқ роҷеъ ба рӯзгор ва осори шоири халқӣ Саид Холзода аз сарсухан ва тавзеҳоти мураттиби «Куллиёти ашъор»-и Саид Холзода Саидраҳмон Саидов пайдо намудаем [3, с3-36] пайдо мекунем.

Мувофиқи маълумоти ин сарчашмаи муътамад Саид Холзода «10-уми майи соли 1916 дар деҳаи Марзичи Заҳматобод (ҳоло ноҳияи Айнӣ) дар оилаи косиби мӯзадӯз Холи Такфонӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст» [3, с.5]. Дар ин сарчашма таъкид мешавад, ки «…волидайнаш дар синни ҳафтсолагии писари нахустинашон Саидбек аз водии Фалғар ба водии Ҳисор кӯч бастаанд. Сабаби асосии ин амали волидайни ӯ дар тангии маишат, набудани манбаи даромади оила, гуруснагӣ, қаҳтсолии замони тоинқилобӣ дар деҳаву ноҳияҳои кӯҳистон, аз он ҷумла водии Фалғар маҳсуб меёфт» [3, с.5].

Шароити бади иқтисодии рӯзгори пешазинқилобии халқи тоҷик бешак, дар ҳаёти шоир низ таъсир гузоштааст. Ин ҳолати ниҳоят ҳузнангез рӯзгори шоирро мо дар достони «Ишқи модар» мушоҳида мекунем. Шоир дар ин достон замони кӯдакии худро ба хотир оварда нақл мекунад, ки: «Модарам дар деҳаи Марзич дар хонаи Юсуфбой шабу рӯз нон мепӯхт ва оқибат ба бемории сахте гирифтор шуд. Ӯ падарамро ба назди худ хонда аз ӯ хоҳиш кард, ки духтари холаашро, ки дар ҳамон хонаи бой низ хизмат менамуду шабашро дар хонаи мо рӯз мекард, ба никоҳи худ дарорад. Гӯё ӯ мурданашро пешакӣҳис карда мехост, ки писари ягонааш баъд аз сари ӯ бесоҳиб намонад»[3, с.5].

Шоир ин ҳолати рӯзгори сахту шуми худро дар достони «Ишқи модар» чунин тасвир кардааст:

Дар дил намонда буд ҳеҷ, Ӯро мадори гуфтор.
Рухсора зард гашта, Монанди коҳи девор [2, с.172]...

Инқилоби Октябр ва Инқилоби Халқии Бухоро шӯълае дар рӯзгори тираву тори мардум гардид. Мардуми меҳнатзадаву азияткашидаи кӯҳистон ом адани аскарони сурхро ҳамчун рамзи раҳоӣ аз мушкиливу тирагӣ дониста, бо онҳо ҳамкорӣ менамуданд. Падари шоир Холи Такфонӣ дар сафи ин мардуми меҳнатзада бо якҷаҳон шодиву сурур бо аскарони сурх ҳамкорӣ намудааст. Ин маълумоти шарҳиҳолии шоирро мо аз достони «Ду ҳаёт» пайдо мекунем. Таъкид мешавад, ки падари шоир арзу доди мардуми камбағалу азияткашидаи водии Фалғарро ба аскарони сурх расонида, дар муборизa бар зидди мири Фалғар ва мири Масчоҳ ба аскарони сурх кӯмак намудааст:

…Ними шаб буд вақти хоб, Додом баӯ дод ҷавоб.
Гуфто, ки: «эй хонадон, Аз дунё хабар дорӣ
Аскари Сурх ҳам омад, Имрӯз расид дар Ёрӣ.
Ман хат мебарам он ҷо , Мефаҳмонам ҷо баҷо»…
Шабу рӯз нахуфта, Ба касс сухан нагуфта.
Бисёр азоб кашид ӯ, Лек ба Ёрӣ расид ӯ.
Бурд номаро баӯ дод, Командир гирифт, кушод.
Яксар бихонд номаро, Номаи бечораро.
Пас назар кард ба ин мард, Рангаш чу заъфарон зард.
Дар пояш чоруқи қоқ, Ҷомааш ҳафтод ямоқ…
Баъд гуфт баӯ камандир: «Гапи маро ба гӯш гир.
Ҳамроҳи мо сафар кун, Гаҳ-гаҳ моро хабар кун»[2, с.66].

Баъдтар аҳли хонаводаи шоир дар деҳаҳои Такфон, Урметан, Вешкан зиндагӣ карда, роҳиҲисорро пеш мегиранд. Ба андешаи падари шоир зиндагӣ дар водиҳо бахусус дар Ҳисор имконияти бештаре дошт, ҳарчанд Холи Такфонӣ барои таъмини як пора нон ба мӯзадӯзӣ, мардикорӣ, подабонӣ машғул шуда, оиларо аз марг раҳо медиҳад, аммо андешаи аз кӯҳистон ба води Ҳисор рафтан ӯро ором намегузошт.

Ӯ гуфт: Дар ин бандагӣ, Мемурем ба гандагӣ.
Кӯчида Ҳисор мерем, Дар шабҳои тор мерем.
Дил гушнаю зор мерем. Лучу дилафгор мерем» .
Гиряҳои бисёр кард, Хест кӯчамонро бор кард.
Рӯ ба ҷониби Ҳисор, Роҳ рафтем шабҳои тор...[2, с.38]

Мушкилоти сафар, машаққати роҳ, роҳҳои мушкилгузар, бо маҳорати хос дар фасли аввали достони «Ду ҳаёт», ки «Ёди рӯзҳои аламнок» ном дорад, хеле ҷаззоб ва таъсирбахш ба қалам дода шудааст. Мавзеъҳои мушкилгузари ҷуғрофие, ки дар роҳи ағбаи Анзоб вуҷуд дошт, мисли «Нови

мурдаҳо», «Дуотеба», «Сиёма», кӯпруки Сайфиддин, «Зиддӣ», ки барои омадани оилаи онҳо мушкилот эҷод намудааст, дар достон хеле бо тафсил ва реалӣ тасвир мешавад:

Рафтем Нови мурдаҳо, Дадам гуфтанд мундаҳо.
Лек аз гуруснагӣ Дар қар-қар шуд рӯдаҳо…
Дуотеба сар кардем, Харамонро ҷар кардем.
Ҷуллу ҷиғелҳомонро, Маҷбур тори сар кардем…
Расидем дар Сиёма, Ба сад биму воҳима.
Як чӯби сиёҳ ларзон, Дар рӯи об овезон…[2,с. 38].

Бо сахтию душвориҳои зиёд аҳли оилаи онҳо аввал ба деҳаи Ҳушёрӣ ва пас аз он ҷо ба деҳаи «Широтола» меоянд ва дар хонаи Хоҷисодиқ ном бой ба хизмат медароянд:

Ҳоҷисодиқ ном як бой, Соҳибмулку соҳибҷой.
Ӯ даҳҳазор гӯсфанд дошт, Дар хонааш шаш зан дошт
Дар хизмати ҳамон бой, Додои ман гирифт ҷой[2, с.38].

Андешаи ба Ҳисор рафтан аа ба зиндагии осонтаре рӯз гузаронидан ҳамеша падари шоирро ором намегузошт. Ҳамин буд, ки пас аз чанд муддат аҳли оилаи онҳо ба деҳаи «Шайнак»-и Ҳисор мераванд ва дар хаскапае зиндагӣ ихтиёр мекунанд ва модари шоир- Бибиоиша пас аз бемории тӯлонӣ аз олам мегузарад. Марги модар барои Саидбеки 8-9 сола талафоти бузург буд. Падараш аҳли хонаводаро аввал ба деҳаҳои Алхучу Сарикӯтали ноҳияи Варзоб ва пас ба деҳаи Момоҳавоии ҳамин ноҳия меоварад ва он ҷоро манзили доимии худ қарор медиҳанд. Падари шоир дар ин деҳа ба подабонӣ ва мӯзадӯзӣ машғул мешавад. Пас аз чанди вафоти модар падари Саидбек низ аз олам мегузарад.

Пас қалби пургудозаш,
Аз кор бархӯрушид.
Ӯазҷаҳон ба ҳасрат,
Он лаҳза чашм пӯшид [2, с.39]…

Ҳамин тавр, «…бори вазнини зиндагӣба дӯши Саидбеки 12-13 сола меафтад, чунки ӯ дар оила фарзанди аз ҳама калон буд ва ду бародару хоҳаракаш ҳоло хеле хурдсол буданд. Дигар ин ки ӯ илоҷе надошт, зеро пас аз вафоти падараш «нон» гуфта нола кардани додаракони хурдсолаш ӯро маҷбур мекунад, ки чорае андешад»[3, с.11].

Бародарони хурдам,
Нон гуфта кардан нола.
Оби ду чашмашон рехт,
Дидам мисоли ҷола [2, с.45].

Бори гарони зиндагӣ бар дӯши Саидбек афтод ва тақрибан чор сол дар ҳамин деҳа подабонӣ мекунад. Бадбахтии дигар дунболи хонаводаи онҳо мерафт, додараконаш дар синни хурдсолӣ аз олам гузаштанд, модарандару хоҳараш танҳо монданд.

Панди модар пайваста дар гӯши Саидбек садо медод, ки ба ҳама мушкилиҳо нигоҳ накарда, илоҷе карда хонад, худомӯзӣ кунад, чун марди бо ору номус ба камол расад. Ба андешаи шоир модараш «камтар саводхон буд» аз ин рӯ тавонистааст, завқи ӯро ба адабиёт, ашъори адибони классикии форсу тоҷик бедор намояд. Шоир ба ин маънӣ дар достони «Ишқи модар» чунин хабар медиҳад:

Оре, модари азизам камтар саводхон буд,
Аз одамони деҳа ӯ нақлу қиссадон буд[3, с.11].

Маълум мешавад, ки «…модари шоир Бибиоиша зани босавод буда, аз намунаҳои осори гузаштагон огоҳии хуб доштааст, инчунин қиссаву ривоят ва афсонаҳои халқии зиёдеро аз ёд медонистааст. Ба писари ягонааш Саидбек аз ҳамон ду-сесолагиаш ҳар шаб дар вақти аз кор фориғ афсонае ҳикоя мекард, ё пораи шеърие аз Саъдӣ, Фирдавсӣ ва Ҳофизу Туғрал қироат намуда, ба ҳамин васила завқу ҳаваси ӯро ба адабиёт аз ҳамон синни кӯдакӣ ба вуҷуд оварда буданд»[3, с.11].

Саидбек баъд аз ҳодисаи нохуше, ки ҳангоми подабониаш рӯй дода буд аз деҳаи Момоҳавоӣ ба Душанбе меояд, вале дар Душанбе имконияти кор пайдо намудан ба ӯ муяссар намешавад. Пас, ҳамроҳи чанд нафар писарбачагони зарафшонӣ аввал ба води Фалғар ва баъд аз он ҷо ба Хуҷанд мераванд. Дар шаҳри бостонии Хуҷанд дар курси семоҳаи маҳви бесаводӣ таҳсил намуда, ба сифати муаллим ба деҳаи дурдасти Фалғар, Яғноб фиристода мешавад. Вале баъд аз як соли муаллимӣ бо

сабабҳои номаълум муаллимиро тарк намуда, ба ноҳияи Варзоб ба деҳаи Момоҳавоӣ бармегардад, чунки он ҷо ӯро хоҳару модарандараш интизор буданд. Адабиётшинос С.Саидов дар бораи шоири халқӣ С.Холзода маълумот дода, таъкид мекунад, ки «Боре аз падарам пурсидам, ки чаро фаъолияти муаллимиашонро идома надодаанд? Қиблагоҳам чунин посух доданд, ки …ман дар деҳаҳои Яғноб, Хишортоб ба марду занҳое, ки ба модару падарам ҳамсол буданд дарс медодам, калимаву ҳарфҳое, ки дар тахтаи синф ё рӯи дафтар навишта мешуданд, онҳо ба забони яғноби байни худ шарҳ медоданд ва ҳатто баъзе калимаҳои ғайри одобро истифода намуда, механдиданд. Ман дар давоми се моҳ забони яғнобиро пурра аз худ карда будам, вале онҳо аз ин бехабар буданд, хандаву тамасхури онҳо ба ман хуш наомад, бинобар ин хоҳиши минбаъд муаллимӣ намудан маро тарк намуд»[3, с.13].

Шароити зиндагӣ ба Саидбек имкон надод, то дар ягон мактабе таҳсил намояд, ӯ ба таври худомӯзӣ хату савод мебарорад. Хотираи қавӣба шоир имкон додааст, ки ҳамаи ҳодисаву воқеаҳои дидаву шунидааш, нақлу ривоятҳои аз модараш шунидаро дар хотирааш нигоҳ дорад.

Шоирони халқӣ таъкид мекунад, фолклоршинос А.Сӯфиев онҳоеанд, ки таълими расмии мадраса ва мактабро надидаанд ва аз рӯи истеъдод ва маҳорат бо услуби авомона ва ба ин ё он шеваи маҳал эҷод менамоянд. Карим-Девона, Бобоюнус Худойдодзода, Саидалӣ Вализода, Ҳикмат Ризо, Юсуф Вафо ва Ҳомид Саид намояндагони барҷастаи фолклори тоҷиканд [4, с.128].

Саид Холзода низ дар ягон мактабе расман таҳсил накардаю аз ягон шахси босавод таълим нагирифта бошад, ҳам бо алифбои крилӣ ва форсӣ-арабӣ хондаву навишта метавонист. Намунаҳои боқимондаи мероси адабиашон асосан бо хати кирилӣ ва қисман арабӣ навишта шудаанд. Шоир дар достонҳои тарҷумаҳолиаш «Саргузашти ҷабрдида» ва «Ишқи модар» ба таври манзум ҳикоят мекунад, ки охири солҳои бистум ва ибтидои солҳои сиюм ҳангоми подабонӣ дар деҳаи Момоҳавоӣ аксари рӯзномаҳои он вақтаро, ки бо хати форсӣ ва лотинӣ ба табъ мерасиданд аз паси пода, ҳангоми истироҳати пода, нисфирӯзӣ шишта мутолиа менамудам:

Шавқи ман бар китоб зиёда буд,
Хонданам беш аз пайи пода буд [2, с.128].

Тавассути рӯзномаҳои онвақта чун «Овози тоҷик», «Тоҷикистони Сурх» ва маҷаллаи илмӣ-адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» шоир қариб аксари ашъори инқилобии Мунзим, С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, П.Сулаймонӣ намунаҳои ашъори А.Ҳамдӣ, Сиддиқии Аҷзӣ ва чанде дигаронро хонда аз ёд кардааст.

Ҳофизаи пурқувват ба шоир имкон додааст, ки ғазалҳои Ҳофиз, Бедил, Туғрал, Лоҳутӣ, достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома»-и Фирдавсиро аз ёд намояд. «Ҳамин хотираи модарзодӣ ва худодод ба ӯ имконият додааст,- менависад С. Саидов -падарам дар баробари ашъори адибони классикӣ, намунаҳои насри ривоятию халқӣ, динию мазҳабӣ, аз ҷумла: «Қуръон», «Чаҳоркитоб» ва қиссаҳои «Амир Ҳамза»-ю «Меъроҷнома»-ро ҳам рӯнавис ва аз ёд карда будаанд» [3, с.10].

А. Сӯфизода ба масъалаи қувваи бузурги ҳофизаи шоирони халқӣ таваққуф намуда, таъкид мекунад, ки «…ҳофизӣ, шеъргӯӣ ва достонсароӣ дар фарҳангу адаби мардуми тоҷик таърихи қадима ва тӯлонӣ дорад ва ин касбу пешаро намояндагони боистеъдод ва шоиртабъ тараннум менамоянд. Сарояндаи шеър ва махсусан, достониқаҳрамонӣ бояд қувваи бузурги ҳофиза, хотираи қавӣ ва истеъдоди комили шоирӣ дошта бошад. Бе чунин хислатҳои мавзун достонсаро шудан аз имкон берун аст. Хушбахтона, аз байни халқи тоҷик шоирон ва достонсароёни зиёде ба камол расидаанд, ки онҳо дар тӯли садсолаҳо мардумро лаззати маънавӣ бахшидаанд ва фарзандони ватанро далерӣвақаҳрамонӣ илҳо намудаанд»[6, с.6].

Саидбек то солҳои чилум аввал дар сохтмони канали ГЭС-и Варзоб, баъд чун колхозчии колхози ба номи Кӯйбишев дар корҳои гуногун ширкат меварзад. Соли 1942 оиладор шуда, соҳиби шаш фарзанд мегардад. Шоир солҳои пас аз ҷанг ба ҳайси назоратчии шӯъбаи молияи ноҳияи Варзоб ба кор даромада, дар ин вазифа то соли 1956 кор мекунад. Ӯ соли 1968 аз деҳаи Момоҳавоӣ бо аҳли оила ба деҳаи Чорбоғ мекӯчад ва дар вазифаҳои масъули колхози ба номи Кӯйбишев то солҳои 1990 кор кардааст. Саид Холзода соҳиби се писар ва се духтар ва 46 набераву абера буданд. Саид Холзода 14.04.2002 аз олам чашм пӯшид. Мазораш дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Варзоб воқеъ буда, зиёратгоҳи хешу ақрабо ва мухлисони адабиёт аст.

АДАБИЁТ

1. Асрорӣ В, Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик - Душанбе: Маориф, 1980.-304 с.
2. Саид Холзода. Куллиёти ашъор (мурттиб ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳот С.Саидов). – Душанбе: Бухоро, 2013.- 383 с.

3. Саидов С. Саид Холзода ва мероси адабии ӯ. //Куллиёти ашъор. Душанбе: Бухоро, 2013.- 383с.3-36.
4. Сӯфиев А. Фольклор-санъати сухан. - Душанбе: Ирфон, 1985.- 128 с.
5. Сӯфизода А. Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 1992.-272 с.
6. Суфизода Асадулло. «Қомуси фолклори тоҷик Гуруғлисаро Бобоюнус Худойдодзода». // Адабиёт ва санъат,2009 № 8 (1459), с. 6)

«НОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ О ЖИЗНИ САИДА ХОЛЗОДА»

В данной статье автор приходит к выводу на основе исследования исследователей Саид Холзода родился в селе Марзича Захматабадского района (ныне район Айни) в семье Холи Такфони. Трудная дореволюционная жизнь, переселение от горных районов сначало в Гиссар, потом в кишлак Момохавои Варзобского района, новая жизнь поэта в обстановке колхоза описивится в статье. Поэт всю жизнь честно трудился в колхозе и был одним из передовиков в производстве.

***Ключевые слова**: Хол Такфони, Саид Холзода, переселение, народный поэт, преданность к труду, жизнь и творчество, поэт.*

THE NEW INVESTIGATION ABOUT THE LIFE OF SAYEED KHOLZODA

The article deals with information about the life of Sayeed Kholzoda based on the investigations of researches. The author points out that Sayeed Kholzoda was born in Mazricha village of Zahmatobod district (present Ayni district) in the family of Kholi Takfoni. Before the revolution he moved from the mountainous district to Hisor district and then resided in Momohavo village of Varzob district. Also, the new life of the poet is described in the condition of collective farm in the article. The poet worked hard and honestly all his life and was one of the best workers.

***Keywords:** Kholi Takfoni, Sayeed Kholzoda, resettlement (movement), peoples poet, organizational citizenship behavior, life and work, poet.*

Сведение об авторе:

***Самиева Нисо** – соискатель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета именни С. Айни. Тел: (+992) 918990019*

About the author:

***Samieva Niso** – applicant of the Department of the theory and history of Tajik literature of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni Tel.: (+992) 918990019*

БАҲСУ МУНОЗИРАҲО ОИД БА «ЁДДОШТҲО» ВА ҶАВОБИ С. АЙНӢ БА ОНҲО (Дар асоси мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода)

Шарифзода Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баҳс дар хусуси эътирози муқарризони «Ёддоштҳо» ва ҷавоби С. Айнӣ ба онҳо, ки мо дар ин мақола оид ба онҳо таваққуф менамоем, то имрӯз ҳалли ду масъаларо ба миён гузоштааст: яке ин ки оё муқарризони «Ёддоштҳо» дар замони таълифи асар, ки дар партави сиёсати ҳоким сурат гирифтаасту хоси фармонфармоии идеологияи вақт буд, имрӯз чӣ гуна баҳо мегиранд? Масъалаи дувум аз ҷавоби мусбат ё манфии саволи якум сар мезанад, яъне бавуҷудоии дарки нави моҳияти эҷодиёти намояндагони адабиёти шӯравии тоҷик, нахуст пас аз Анҷумани таърихӣ ва сиёсии ХХ-и ҲКИШ (1956) ва баъдан давраи бозсозӣ (1985-1990) ва хосса замони Истиқлолият чӣ омилҳои мусбат ва манфиро ба бор овард? Сабаби гузориши суоли аввал бадеҳист. Маълум аст, ки баъди тасарруфи Осиёи Миёна аз ҷониби Россия ва махсусан пас аз табаддулоти октябрӣ ва ба вуҷуд омадани сохти нави ҷамъиятӣ вазъи муносибатҳои маданию адабии халқҳои таҳти тасарруфи идеологияи коммунистӣ ва муносибат ба адабиёти бадеӣ аз он иборат будааст, ки адибон ва мунаққидон дар баробари он ки аз илму маданияти русҳо истифода карда, ба дараҷаи баландтаре расидаанд дар осори худ аз зобитаҳои синфӣ бар канор намондаанд. Ин мубодила ва синфиятгароиро дар солҳои таълифи «Ёддоштҳо» (1948-1954) равшан мушоҳида метавон кард. Вале С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» бо ин мубодила пурра ҳамраъй нест. Агарчи дар «Ёддоштҳо» амалан мебинем, ки муаллиф кӯшиши баромадан аз зобитаҳои синфиятгаро кардааст, ин мухолифат дар номаҳои С. Айнӣ равшантар ва ошкоро ба дида мехӯрад.

Аз нуқтаи назари баҳси мо, метавон қазоват кард, ки нома ва номанигорӣ дар фаъолияти эҷодии устод Айнӣ аз чанд ҷиҳат муҳим ва арзишманд аст. Аз як тараф, пазируфтани суннати қадимаи адабии ниёкон ва ба ин восита робитаи ӯ бо гузаштагон муайян карда шавад, аз тарафи дигар, саҳми устод Айнӣ дар тарбияи насли нави адабиёт ва иртиботи ӯ бо замона маълум мегардад. Инчунин барои донистани фаъолияту пояи нависандагӣ ва ҳунари нигорандагии адиб низ номаҳо дорои аҳаммияти бағоят калон мебошанд. Вале мо дар ин мақола номаҳои С. Айниро ҳамчун воситаи ифодаи афкори танқидӣ-адабӣ мавриди истифода қарор додем. Зеро онҳо муҳимтарин ҷиҳатҳои афкори С. Айниро дар нисбати таърихи адабиёти тоҷик ва воқеиятҳои он бозгӯ менамоянд. Ҳамин паҳлуи ҷолибияти мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷикро адабиётшинос Х. Отахонова ба назар гирифта, хотирнишон мекунад, ки «мукотиба бо таърих зич алоқаманд буда, муҳимтарин ҳодисаҳои ҳаёти маданӣ ва ҷамъиятиро инъикос менамояд» [24, с. 143]. Бинобар ин, метавон гуфт, ки сабаби бавуҷудоии номаҳо дар фаъолияти номанигории С. Айнӣ ду замина дорад: нахуст, муҳити иҷтимоӣ, яъне дур будани С. Айнӣ аз маркази нави адабии тоҷикон – Душанбе (дар он солҳо Сталинобод); дувум, вазифа ва ҳадафи устод Айнӣ, ки иборат буд аз тарбияи насли нави адибон то онҳо дар рушди минбаъдаи адабиёт саҳмгузор бошанд. Вале мо бар замми ин паҳлуҳои мукотибаи С. Айнӣ бо адибон ва зиёиёни шӯравӣ, ки дорои аҳаммияти илмӣ, адабӣ ва таърихӣ мебошанд баҳс накарда, дар ин мақола, бештар аз эрод ва эътирозҳои мунаққидони замони шӯравӣ ва ҷавоби С. Айнӣ ба онҳо, ки асосан тариқи нома сурат гирифтааст, кор гирифтем, то сарчашмаи пайдоиши эътирозҳои муқарризони «Ёддоштҳо» муайян гардад ва дурустию нодуристии онҳо санҷида шаванд.

Аз ҳамин ҷиҳат, мубоҳисаҳои илмию адабии устод Айнӣ, ки дар номаҳои худ (аз ҷумла номаи 14 декабри 1948) ба М. Турсунзода оид ба эроди муқарризон ва адибони шӯравии тоҷик сурат гирифтааст, аз ҳар ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳи махсус аст. Аз мазмуни номаи «Ба рафиқ Турсунзода» маълум мегардад, ки устод Айнӣ нисбат ба ҳар як персонаж ва образи «Ёддоштҳо» муносибати амиқ дорад. Ин нома ба мавзӯъҳои қисми якуми «Ёддоштҳо» бахшида шудааст.

Матни нома, ки қисмати асосии нома аст, фарогири чанд масъалаи асосӣ ва якчанд мулоҳизаҳои нависанда дар бораи омӯзиш аз ҳаёти одии воқеист:

– Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ҳамчун қозии раиятпарвар;
– Образи саги устод Айнӣ – Хайбар дар «Ёддоштҳо»;
– Худро фош кардани Қорӣ Маҳмуди ширинкор;

Бояд хотирнишон сохт, ки ин се масъалаи номаро эътирози баъзе адибон ва адабиётшиносони он замон, ки ислоҳашро аз нависанда хостаанд ва мо онҳоро ба сифати муқарризони «Ёддоштҳо» ёд менамоем, ба миён овардааст. Бояд гуфт, ки устод Айнӣ барои он ки бисёре аз роҳбарон, адибон ва ҷавононро, ки дар мактаби идеологияи Шӯравӣ тарбият ёфта буданду ба таърихи гузаштаи миллати худ назари ғайривоқеӣ ва ноадолатона доштанд ва ба бисёр падидаҳои пеш аз инқилобӣ назари манфӣ доштанд, мехост онҳоро бо роҳи дурусти дарки воқеияти таърихи гузашта раҳнамоӣ намояд. Аз ин рӯ, устод Айнӣ барои дарки дурусти моҳияти шахсияту эҷодиёти адибоне, ки ба ин ё он сабаб ба дарбори амирони манғит бастагӣ доштанд ё маъмури ин ё он вазифае дар дарбор буданд ва дар назари бисёре аз адибони замони шӯравӣ манфӣ ҷилва меёфтанд, мекӯшидааст, ки воқеияти онро кушояд ва моҳияти онҳоро равшан намояд. Вале кушодани ин воқеият барои С. Айнӣ осон ҳам набудааст. Устод Айнӣ дар ҳамаи асарҳои худ барои он ки шахсони одилу ҳақиқатпеша, ки онҳоро ӯ дидааст ё фаҳмидааст, гумном намонанд ва «душмани замони нав» дониста нашаванд ва моҳияти фаъолияту шахсият ва эҷодиёти онҳоро насли замони шӯравӣ дуруст фаҳманд, бисёр хидмат кардааст. Хусусан, ин хидмати устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба таври объективию одилона сурат гирифтааст, вале на ҳамеша аз ҷониби адибони шӯравӣ хуб пазируфта шудаанд. Ва гоҳе ҳам шудааст, ки устод Айнӣ персонажи худро бо номи ғайривоқеӣ ёдовар шавад. Чунончи, дар соли 1950 дар ҷилдҳои севуму чоруми «Ёддоштҳо» яке аз образҳои дӯстоштаи адиб – Шарифҷонмаҳдум бо фишор ба Латифҷонмаҳдум иваз карда шудааст. Муҳаммадҷони Шакурӣ, ки фарзанди қозӣ Шарифҷонмаҳдуми Садри Зиё буд ва дар ин солҳо аз ин фишорҳо дар канор намонда будааст, оид ба муносибати адибон ба ин кӯшишҳои С. Айнӣ, менависад: «Бисёр касоне, ки дар ҳаққи «тозагии ғоявӣ»-и адабиёти шӯравӣ аз ҳад зиёд ғамхорӣ мекарданд ё аз замона метарсиданд, ба ин кӯшиши Айнӣ монеъ мешуданд. Аз ҷумла, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ ва С. Бородини тарҷумон сахт истода Айниро маҷбур карданд, ки соли 1950 дар ҷилди севуму чоруми «Ёддоштҳо»-яш номи Садри Зиё «Шарифҷонмаҳдум»-ро ба «Латифҷонмаҳдум» иваз кунад. Дар сурате ки дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ҳама персонажҳо ба номи аслии худ зикр шудаанд ва устод номи нафареро дигар накардааст, ба ӯ лозим омад, ки ба тағйир додани номи Шарифҷонмаҳдум розӣ шавад» [19, с. 162]. Муҳаммадҷони

Шакурӣ дар идомаи сухани худ аз дастхати «Ёддоштҳо» далел оварда, мегӯяд: «Боз ҳам дар сурате, ки дар дастнависи Айнӣ, инчунин дар чопи якуми ҷилди дувуми «Ёддоштҳо» ҳама ҷо «Шарифҷонмахдум» навишта шудааст, чопи якуми ҷилди савуму чорум ба тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбакӣ бо «Латифҷонмахдум» баромад. Фақат аз охири солҳои панҷоҳ аз рӯйи дастхати муаллиф номи аслӣ барқарор шуд, аммо ба ӯзбакӣ ҳоло ҳам «Латифҷон-махдум» чоп шуда истодааст» [19, с. 162].

Акнун ба баррасии масъалаҳои ин нома мепардозем, ки баъзе ба таври шифоҳӣ дар миёни аҳли адаби он замон гуфта шудааасту баъзе дар хилоли мақолаҳои адабиётшиносон ва адибони замони Шӯравӣ омадааст, ки баъзе аз онҳо дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо ба мо маълум гардиданд.

Дар натиҷаи муроҷиат ба матбуоти солҳои 1949-1950 маълум гардид, ки дар матбуоти бо забони русӣ ва тоҷикӣ нашр шудаи ҷумҳурӣ чунин фикре баён шудааст, ки гӯё Садриддин Айнӣ дар тасвири образи Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир аз ҷиҳати ғоявӣ ба хатоӣ роҳ додааст. Чунончи, дар мақаллаи «Шарқи сурх» [9, с. 12-15], мақмӯаи «Таджикская советская литература» [28, с. 62-69] ин иддао омадааст. Инчунин адабиётшинос Ю. Бобоев низ тасвири Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарирро аз ҷумлаи камбудии асар қайд кардааст [15, с. 115-123]. Чунончи, дар сармақолаи идораи мақаллаи «Шарқи сурх» чунин омадааст: «Муаллиф (С. Айнӣ – Л. Ш.) дар тавсифи қозӣ Абдулвоҳид ба объективизми нодаркор роҳ додааст... Ҳоҷати баҳс нест, ки дар байни амалдорони амири Бухоро одамони софдил ва боадолат вомехӯрданд, вале дар таърих ҳанӯз мисоле дида нашудааст, ки ин гуна одамон дар вазифаи худ дер вақт монанд ва ба манфиати оммаи меҳнаткаш кор бурда ба мукобилияти амири Бухоро ва наздикони вай дучор нашаванд. Мумкин аст, муаллиф дар ҷилдҳои навбатии ёддоштҳои худ ин фикрро пурра кунад, ки ҳеҷ як софдили аморати Бухоро кори худро муддати дароз давом дода наметавонист, вале дар ҷилди як, мааттаассуф, Айнӣ ҳикояи худро дар бораи тақдири Абдулвоҳид то ба нуқтаи мантиқӣ нарасонидааст» [9, с. 15].

Пеш аз он ки ба радди ин гуна даъвои муаллифи мақола, ки аз гуфтани номаш худдорӣ кардааст, гузарем, сарчашмаи ин даъворо муйян намудан ба ҳадаф наздиктар аст. Аз рӯйи мушоҳидаҳо ба мо маълум гардид, ки маншаи ин даъво тарҷумаи русии «Ёддоштҳо» аз ҷониби Сергей Бородин мебошад. Умуман, тарҷумаи русии «Ёддоштҳо», ки бо номи «Бухоро» чоп шуда буд, бисёр камбудӣ доштааст [3]. Худи устод Айнӣ низ ҳам дар мактубҳои ба М. Турсунзода фиристодааш ва ҳам дар мактубҳои ба Ҷ. Икромӣ ирсолдоштааш аз баъзе худсариҳои ин тарҷумон норозигӣ баён кардааст [2, с. 46].

Чунонки аз сатрҳои аввали нома маълум мегардад, пеш аз чоп шудани ҷилди аввали «Ёддоштҳо», дар он вақтҳое, ки устод Айнӣ дастнависи асарро ба воситаи А. Деҳотӣ ба муҳокимаи Союзи нависандагон аз Самарқанд ба Сталинобод фиристода будааст, баъзе адибон ба образи қозӣ Абдулвоҳид эрод мегиранд. Устод Айнӣ дар номаи фиристодааш ба М. Турсунзода мегӯяд: «...Дар ин рӯзҳо (14-уми декабри 1948 – Л. Ш.) рафиқ Деҳотӣ дастнависи «Ёддоштҳо»-ро пеши ман оварда, фикрҳои баъзе рафиқонро ба ман нақл карда, ислоҳашро талаб намуд. Лекин аз нақли рафиқ Деҳотӣ маълум шуд, ки рафиқон ба тарзи читка, коллективона нахондаанд ва ҳар кадом ҷудогона - ҷудогона хонда бошанд ҳам, ғайр аз Ҷалол Икромӣ ҳеҷ касе пурра нахондааст. Ва ҳол он ки дар ҳар асар баъд аз тамоман хондан, фикр баён намудан мумкин аст, вагарна монанди мунозараи мулло бо Машраб мешавад, ки «Худо»-ро шунида «бердӣ»-яшро ҳанӯз нашунида Машраби бечораро кофир карда буд.

Эътирозҳои асосии рафиқон дар бораи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ва рӯди нави Шофиркомро баровардани ӯ, баъд аз зулму толону торочи қозӣ ва амлокдори дигар будааст...

Бо ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ман барои ба ҳеҷ шубҳа роҳ нагузоштан, дар паси боби «Рӯди Шофирком» як боб илова карда, оқибати он раёнро баъд аз ҷорӣ шудани рӯди нав ва оқибати қозӣ Абдулвоҳидро дар он боб даровардам.* Вагарна аз рӯйи планам мазмуни ин боби иловагӣ дар қисми дувум, дар мавриде ки ба Чӯли Қизил саёҳат кардаам, медаромад. Дар ин сурат ҳеҷ эътирози мафкуравӣ намонд...» [1, с. 105-106].

Чунонки мушоҳида шуд, устод Айнӣ танқид ва маслиҳату пешниҳоди рафиқонро ба назар гирифтааст. Вай кӯшиш намудааст, ки нисбат ба асараш «ҳеҷ эътирози мафкуравӣ намонад» ва ғояи он равшану возеҳ бошад. Боби нав, ки устод Айнӣ бо пешниҳоди муқарризон илова намудааст, хеле ҷолиби диққат аст. Дар ин боб ба ҳамаи эродҳои муаллифи мақолаи мазкур, хосса ба эроди «Айнӣ ҳикояи худро дар бораи тақдири Абдулвоҳид то ба нуқтаи мантиқӣ нарасонидааст» ҷавоб ҳаст. Вале ин боби нав дар тарҷумаи русии «Ёддоштҳо» наомадааст [3], пас ин мақола дар асоси матни

---

*. Манзури нависанда боби «Аҳволи тумани Шофирком баъд аз ҷорӣ шудани рӯди нав» аз қисми якуми «Ёддоштҳо» аст [6, с. 57-59]. – Л. Ш.

тарҷумаи русии асар навишта шудааст. Агар муаллифи ин мақола бе муқоиса ба матни аслии асар чунин эрод гирифта бошад, пас ин эродро бояд аз тарҷумон гирифт на ин ки аз муаллифи асар. Вагарна амали онҳо ба ифодаи устод Айнӣ «монанди мунозараи мулло бо Машраб мешавад, ки «Худо»-ро шунида «бердӣ»-яшро ҳанӯз нашунида, Машраби бечораро кофир» [1, с. 106] эълон мекунанд.

Ба андешаи мо, устод Айнӣ образи Қозӣ Абдулвоҳидро комилан ба нуқтаи мантиқӣ расонидааст. Вале роҳи ба ин нуқта расонидани адиб ин образро дар сурате дарк мешавад, ки хонанда «Ёддоштҳо»-ро пурра хонад ва аз мақсади асосии адиб огоҳ гардад ва аз ҳама муҳим ба назари амиқи таҳлилӣ молик бошад. Дар ин сурат ҷойи баҳс намемонад.

Дар алоқа ба ин масъала андаке дар бораи образи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ва эътирози муқарризон тафаккуф менамоем. Яке аз намояндагони зиёён, ки дар «Ёддоштҳо» тасвир шудааст, образи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир мебошад. Нависанда дар образ ва рафтору гуфтори ӯ як навъи муборизаи зидди зулми феодалӣ ва ноадолатиро нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, образи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, ки дар қисми якуми «Ёддоштҳо» [6, с. 54-57] тасвир шудааст, қобили диққати махсус аст.

Дар симои Абдулвоҳиди Садри Сарир, нависанда намунаи қозиеро тасвир кардааст, ки ӯ бар зидди ноадолатиҳои зимомдорон амал карда, фаъолияти худро ба манфиати халқи меҳнаткаш равона кардааст. Кӯшиши ӯ доимо барои сабуктар кардани аҳволи вазнини мардуми заҳматкаш нигаронида шудааст.

Нависанда барои нишон додани хислатҳои қозӣ Абдулвоҳид асосан чанд лаҳзаи хурди ҳаёти қозиро мегирад, вале танҳо лаҳзаи роҳбари ҳашарчиёни рӯди Шофирком будан ва лаҳзаи кофтани рӯди навро дар маркази тасвир қарор медиҳад. Дар ин лаҳзаи масъулиятнок мо қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарирро ҳамчун роҳбари халқдӯст, поквичдон ва ташкилотчӣ мебинем. Ӯ бар хилофи чор ҳокими Шофирком, ки маъракаи кандани рӯдро ба манфиати худ ва истисмори халқ табдил дода буданд, рафтор карда, тамоми корро аз рӯйи баробарии манфиат ба роҳ мемонад. Ин роҳбарии ӯ дар муқобили чор ҳокими куҳнаи туман тасвир карда шудааст. Яъне муқобилгузории ду роҳбарият (дурусттараш қувва) низ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми маърифати образи асосӣ истифода шудааст. Ин як махсусияти услуби ҳунари нависандагии устод Айнист.

Агар дар вақти рӯдковии он ҳокимон кори рӯдковӣ барои деҳқонон меҳнати бефоида ва маҷбурӣ бошад, акнун ҳашарчиён бо роҳбарии қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир бо мамнуният ва хоҳиши тамом кор мекардагӣ шуданд. Агар чор ҳокими собиқ ҳашарро ба манфиати худ кашол медоданд ва натиҷа ба чашм наменамуд, қозӣ Абдулвоҳид корро чунон ба роҳ мемонад, ки натиҷа дар пеши чашм аён мешавад ва ҳашар дар кӯтоҳтарин муддат ба охир мерасад.

Рафти кори қозӣ Абдулвоҳид бар хилофи дигар қозиён, ки ҳамагӣ ҳаромхӯр ва тороҷгар буданд, ҳамчун инсони ҳалолкор ва бовиҷдонест, ки аз торочи халқ ҳазар мекунад, на танҳо хӯрок, балки чойи нӯшиданиашро ҳамроҳи худ меорад. Вай хоксорест, ки бо суханони неку созгор дили ҳашарчиёнро ба кор ҷалб кардааст. Кӯдаки деҳқони одиеро баробари сараш бардошта дӯстдорӣ кардан, ҳамроҳи худ дар як халтаи чармин пиёла ва чойнӯш бардошта гаштан ва монанди ин фурӯтаниҳои ӯ низ аз хислатҳое буданд, ки аз дигар амалдорони феодалӣ сар заданашон аз имкон берун буд. Инро нависанда низ таъкид мекунад. Вале ин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар назари мунаккидони замони шуравӣ, ки дар матбуоти русӣ ва тоҷикӣ чоп шудаасту ба «Ёддоштҳо» бахшида шудаанд, барои офаридани образи қозии замони амирӣ ғариб менамудааст. Ба пиндори мунаккидоне, ки мулоҳизаҳои эътирозии онҳо асоси бавуҷудоии мактубе муфассал гаштааст, мансуб донистани хислатҳои инсонӣ, аз қабили раҳму шафқат, ҳамдардӣ ба мардуми одӣ, ба назар гирифтани хостаҳои қалбии инсон, қадр намудани меҳнати дигарон, ба назар гирифтани манфиати меҳнаткашон, ба инобат гирифтани назари дигарон дар кор ва ҳалолкорию поквичдонӣ ба қозиёни замони амир ин аз будаш ва ё моҳияти ҳақиқаташ зиёдтару волотар офаритани симои қозиён будааст, ки тасвири воқеият дар ин сурат бо обу ранги аз ҳад зиёд соҳиб гашта, гӯё ба «идеализатсияи образ» рафта мерасад. Аз ҷумлаи дигар аз норозиёни ин масъала Ю. Бобоев мебошад, ки ин фаҳмишро пайгирӣ намудааст [13, с. 115-123; 14, с. 102-109]. Бояд қайд кард, ки агар дар сармақолаи идоравӣ ба дараҷаи мантиқӣ нарасидани образи қозӣ Абдулвоҳидро камбудии асар гуфта бошанд, Ю. Бобоев онро «ба идеализатсия кардани образ» нисбат медиҳад. Ӯ дар баробари он ки чанд ҷиҳати хуби «Ёддоштҳо»-ро муайян кардааст, ба образи Қозӣ Абдулвоҳид хурдагирӣ намуда Қозӣ Абдулвоҳидро на чун қозии ҳалолкор, поквичдону раиятпарвар, чунонки дар «Ёддоштҳо» омадааст, балки ӯро ба мисли қозиёни давраи амир «хунхор, фиребгар ва ҳаллоб» бояд бошад, мегӯяд ва инро аз ҷумлаи

камбудии асар донистааст. Гӯё устод Айнӣ дар симои қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир типи қозиёни давраи амириро (феодалӣ) офаридааст, ки ҳамагӣ мисли қозӣ Абдулвоҳид ба манфиати халқи заҳматкаш фаъолият мекардаанд. Аз чумла Ю. Бобоев чунин менависад: «Ба фикри мо, саҳифаҳои (101-108) бахшида ба қозӣ Абдулвоҳид, хонандаро ба як фикри ғалат меандозад. Маълум, ки қозӣ - қозӣ аст... Вале, қозӣ Абдулвоҳидро назар ба дигар қозиён фарқ кунондан, «боадолат», «донишманд»-и қозиён шумурдан ба идеализатсия кардани ин қозӣ бурда мерасонад» [13, с.122]. Бояд қайд намуд, ки кор ва фаъолияти қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир дар замони зиндагияш низ барои баъзеҳо, чунончи С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» баён намудааст, барои занони бесаводи деҳа, писанд набуд ва ӯро мисли дигар қозиён «кундаи дӯзах» меномиданд. Аз чумла, яке аз ин гуна занҳо мегӯяд: «Баъд аз қозӣ шудан, одил шудан мумкин нест. Агар қозӣ Абдулвоҳид дар вақти қозигии худ корҳои хуб бисёр карда бошад, ниҳоят аз чорбоғ ва аз ҳавлии оташини дӯзах халос мешавад. Лекин дар ҳар ҳол, ҳеч набошад, дар қатори гунаҳгорони дигар як кӯрпача барин ҷойро аз дӯзах мегирад» [6, с.93]. Занони дигар низ ин фикрро аз ягон ҷиҳат образ дода пайгирӣ мекардаанд. Занон дар ин ҷо ғайриихтиёр аз «корҳои хуб бисёр» кардаи қозӣ Садри Сарир «дар вақти қозигии ӯ»-ро иқрор мекунанд. Вале С. Айнӣ баҳои ҳаққониро аз забони падар ба ин шахсият медиҳад, ки дар поёнтар мебинем.

Чунонки дар боло гуфтем, устод Айнӣ ҳанӯз пеш аз нашри «Ёддоштҳо» (14-уми декабри 1948) ба ин «камбудӣ» ҷавоб додааст.* Устод Айнӣ ба эроди онҳо розӣ нашуда, бо далелҳои муътамад фардӣ будани образи қозӣ Абдулвоҳидро собит мекунад. Дар номае, ки зикраш дар боло рафт, С. Айнӣ менависад: «Охир модом, ки ман зулму торочи қозӣ ва амлокдорони дигарро, ки пеш аз вай дар кандани ҳамон рӯд (Шофирком – Л. Ш.) карда буданд, нақл кардаам, кори Садри Сарир ягона шуда мемонад, на типи қозиҳои замони амир» [1, с. 105].

С. Айнӣ барои аз ғалатфаҳмӣ берун кардани Ю. Бобоев ва ҳамбоварони ӯ, қозӣ Абдулвоҳидро аз пайравони Аҳмади Дониш дониста, таъкид мекунад, ки «қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир аз ҳамфикрони Аҳмади Калла буд... Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки Аҳмади Дониш фаъол буда, Сарир пассив (ғайри фаъол будани Қозӣ Абдулвоҳид, албатта, дар нисбати Аҳмади Дониш гирифта шудааст, вагарна Абдулвоҳиди Садри Сарир аз чумлаи зиёиёни муборизи ва ҳақталоши замони худ аст – таъкид аз мо – Л. Ш.) буд». «Аммо, – мегӯяд устод Айнӣ, – қозӣ будан ба Сарир айб намешавад, зеро Аҳмади Калла ҳам аввал дар Хузор, дувум дар Наҳрпай (Зиёуддин), савум дар Вобканд қозӣ шудааст» [1, с.105].

Илова бар ин, С. Айнӣ барои бовар кунонидани мухотаби нома – М. Турсунзода ва муқарризон, ки мухотаби аслии ин номаанд, аз ҳуҷҷат ва далелҳои раднашаванда кор мегирад. Аз се муллои замони амир: Шарифмахдуми Муътасим, Исомахдуми Исо (шоир), Абулфазли Сират, ки онҳо низ ҳамагӣ фуқаропарвар буданд, мисол меорад. С. Айнӣ ба ин мазмун номаро дар мавриди мулло – қозиёни замони амир, ки адолатпеша буданд, бахшида ба шахсияти онҳо баҳои эътидолӣ дода, ба ин восита, агарчи давраи амирро мазаммат мекунад, аз ҳақиқати таърих дур намеравад ва на ба қавли Ю. Бобоев «қозӣ Абдулвоҳидро назар ба дигар қозиён фарқ кунонда, «боадолат», «донишманд»-и қозиён шумурда» ва «ба идеализатсия кардани ин қозӣ рафта мерасонад», балки симои Абдулвоҳидро чун қозии ҳақталошу ҳақҷӯйи гӯё танҳо ҷилва медиҳад. Вале мебинем, ки устод Айнӣ мисли Абдулвоҳиди Садри Сарир шахсони дигарро, ки ҳамагӣ дар мансаби қозигӣ фаъолият кардааанду масъалаҳои баҳсноку ҷиноятҳои содиршударо аз рӯйи нишондоди шариат ҳал мекардаанд, мисол меорад. Ба ин восита ҳақталошии баъзе шахсонеро, ки қозигӣ кардаанд нишон медиҳад. Вале ин тарзи ифода низ, ҳанӯз моро ба ҳукм кардани умумиятдиҳии нависанда дар нисбати ин образи нисбатан муборизи ба сарҳади мақсуд намегузаронад.

Чизи дигаре, ки метавон онро як навъ умимияти образи зиёиёни замони амир донист, ин дар охири умр ба хорию зорӣ вафот кардани онҳо, аз ҷумла Садри Сарир мебошад. Дар охири умр ба бечорагию тангдастӣ рехлат кардани Садри Сарир тақдири фоҷеаноки бисёр шахсони фарҳангии замони амириро ифода мекунад. Агар қозӣ Абдулвоҳид озодфикр ва раиятпарвар намешуд, бе ариза кардан ба амир аз қозигӣ намерафт. Одамони пешқадами халқи тоҷик дар Бухоро дар ҳамин гуна шароитҳо муборизо мебурдаанд, ки С. Айнӣ мушоҳидакори бевоситаи онҳо буд. Ин боз як бори дигар исбот мекунад, ки фаъолияти онҳо, мисли роҳбару пешсафашон – Аҳмади Дониш барин инсонҳо дар чунин шакли истибдодӣ, як ҷасорати беназире буд.

---

*Яъне устод Айнӣ ҳанӯз 19 моҳ пеш дар мактуби худ ба М. Турсунзода ба ин ғалатфаҳмии муқарризон ҷавоб додааст, вале Ю. Бобоев аз он хабар надоштааст – Л. Ш.

Вале мутаассифона, Ю. Бобоев ин ҷиҳатҳоро ба назар нагирифта, образи қозӣ Абдулвоҳидро образи «идеализатсияшуда» медонад. Вале ин чандон баҳои воқеъбинона нест, чунки ин роҳ дар шароити истибдоди Манғитиён, ки аксар зимомдорон золим буданд, роҳи нисбатан фаъоли муборизa бар зидди зулм ба шумор мерафт. Рафтору гуфтор, сурати зоҳирӣ, суҳбату ҳикояти қозӣ Абдулвоҳид дар чунин шароит ҳар кадом мисли дигар муборизон, ба ифодаи устод Айнӣ «шакли як шеъри муҷассами пурмаъно»-ро пайдо карда метавонад.

Як ҷузъиёти дигар, ки далели қозии одил будани қозӣ Абдулвоҳид гардидааст, ин як мурофиа – никоҳи қозихонагии Ҳабиба ва писари косагар аст. Лекин худи ҳамин як ҳолат ҳам шоҳиди одилона ва аз рӯйи инсоф мурофиа гузаронидани қозӣ Абдулвоҳид шуда метавонад. Нависанда аз забони падараш – Сайид Муродхоҷа дар бораи ин никоҳ мегӯяд: «Никоҳи духтару писари калонсол бо ризои худи онҳо мувофиқи шариат аст. Ин корро ҳар қозӣ ҳам мекунад. Аммо фарқ дар ин ҷост, ки қозиҳои дигар баъд аз никоҳ кардани духтари гуреза ҷанҷолҳоеро, ки дар паси он кор мебарояд, пурсида, сабаби харобии он хонадони навобод мешаванд. Некии қозӣ Абдулвоҳид дар ин кораш дар ин ҷост, ки баъд аз никоҳ кардани Ҳабиба даъвоеро, ки арбобҳо тайёр карда буданд, напурсид ва даъвогарҳои сохтаро пеш кард. Ин кораш, албатта, хуб буд» [6, с. 93]. Ин, аз як ҷониб, адолатдӯстии қозиро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, ягонагии симои ӯро бозгӯ менамояд. Чунин аст хислатҳои инсонӣ ва образи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир дар «Ёддоштҳо». Агарчи ӯ «ғайри фаъол буда, ғазаби иҷтимоии худро изҳор карда натавонист ва монанди каҳдуд дарун – дарун сӯхта мурд», фаъолияти иҷтимоии вай дар асоси муҳаббат ба мардум, ғамхорӣ ба бечорагон, ҳақшиносӣ, адолатпарварӣ ва то ҳадди имкон муборизa бар зидди зулму ноадолатӣ касб карда будааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар солҳои баъд, донишманди тоҷик Муҳаммадҷони Шакурӣ низ ба ин масоил таваҷҷуҳ кардааст. Образи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарирро, ки дар «Ёддоштҳо» омадааст, донишманди муҳтарам чунин шарҳ додааст: «Дар симои Садри Сарир типи шоири пешқадами давраи феодалӣ, ки ҳаёти худро ба хизмати халқ бахшидааст, ба вуҷуд оварда шудааст. Худро аз дилу ҷон ба хизмати халқ супурдани вай дар шаклҳои типие, ки хоси шоирони пешқадами давраи феодализм аст, зоҳир гардидааст...» [31, с. 104].

Баҳси то куҷо ҳақиқат доштани ин суханонро як сӯ гузошта, ин нуктаро ёдрас мешавем, ки образи қозӣ Абдулвоҳид дар чанд лаҳзае, ки дар «Ёддоштҳо» омадааст, ҳамчун қозии адолатпарвар тасвир шудааст.

Чи тавре гуфта шуд, устод Айнӣ образи қозиро типи қозиёни давраи амир намедонад, вале далелҳои қотеъ аз шахсиятҳои таърихӣ оварда собит месозад, ки монанди ӯ инсонҳо буданд, ки бар зидди зулму истибдоди сулолаи Манғит муқобилият мекарданд. Ин амали С. Айнӣ барои мо дари суолеро боз менамояд, ки чаро ӯ чунин кард ??? Ба андешаи мо, ин тарз муносибат аз сиёсати давр сарчашма мегирад. Ба таъбири Н. Аслонова «рӯҳияи қозибадбинию муллобадбинӣ аксари фарҳангиёни тоҷики даврони шӯроиро фаро гирифта буд» [8, с. 275].

Ба гуфтаи Муҳаммадҷони Шакурӣ ҳастанд касоне, ки корашон аз таги нохуни дигарон чирк кофтан аст. Ба хусус танқидгарони ҳизбӣ хоҳонанд аз домани шахсиятҳои намоён, накукорону некномон, ки аз синфи поин нестанд, доғе биёбанд ва ба ҳама нишон бидиҳанд. Онҳо фақат ҳаминро ҳаққҷуиву ҳақгӯӣ медонанд. Дар ҷомеаи Шӯравӣ аз аввали инқилоб пиндоре пайдо шудааст, ки гӯё пеш аз инқилоб ҳама қозиён золим ва беадолат буданд. Касе дар ҷомеаи истибдодӣ вазифаи қозигӣ карда бошад, бе чуну чаро зидди оммаи заҳматкаш ва ҷафодидагон ба шумор меомад. С. Айнӣ низ маҷбур буд, ки мувофиқи диди сиёсии расмӣ персонажҳои асарашро тасвир намояд. Вале дурандешӣ ва бузургии устод Айнист, ки дар доираи андешаи ҳизбие (зобитаҳои синфиятгарой) маҳдуд нагардид ва ба нуктаҳои умумиахлоқии инсонҳо такя мекунад. Ин ишораҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ҳақиқати ҳолро дарёбем.

Як чиз мусаллам аст, ки эҷодкор образҳои бадеиро аз ҳаёти воқеӣ чи аз таърих ва чи аз замони худ бардошта онро ё фардият мекунонад ва ё умумият медиҳад. Аз рӯйи ин тезис метавон гуфт, ки устод Айнӣ образи қозӣ Абдулвоҳидро, огоҳона, ба зинаи умумият набурдааст.

С. Айнӣ ҳамчунин аз забони падараш ба қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир чунин баҳо медиҳад: «Ба болои ин ки ин одам олимтарин, донишмандтарин, оқилтарин ва боинсофтарини уламои замони мо будааст, баданаш ҳам аз оҳан сохта шуда будааст...» [6, с. 56]. Вале ин меҳнати қозӣ Абдулвоҳид аз ҷониби амири Бухоро қадршиносӣ нашуд ва самараи ранҷаш барбод рафт. Ин ҳол сабаби аз қозии Ғиждувон рафтани ӯ гардид. «Ӯ дар натиҷаи ин корҳо, – мегӯяд устод Айнӣ, – на танҳо аз қозӣ Сафӣ ва Муродбек нафрат кард, аз амир ва мансабдории ӯ ҳам нафрат карда, бе он ки ба амир аризаи

истеъфо диҳад, намоишкорона қозигии Ғиждувонро пардофта ба Бухоро – ба хонаи худ рафт ва дар он ҷо якчанд рӯз хобида ғуссамарг шуда вафот ёфт» [6, с. 59].

Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир аз ҷиҳати ақоиди сиёсию иҷтимоӣ бо маорифпарварону мунавварфикрони замонаш Аҳмади Дониш, Исомаҳдум ҳаммаслаку ҳамфикр буд. Дар ин хусус устод Айнӣ мегӯяд:

«Қозӣ Абдулвоҳиди Сарир аз ҳамфикрони Аҳмадмаҳдуми Дониш буд, аммо ӯ ғайрифаъол буда, ғазаби иҷтимоии худро изҳор карда натавонист ва монанди каҳдуд дарун-дарун сӯхта мурд» [6, с. 59].

Нуктаи дигаре, ки дар бораи дониш ва ҷаҳонбинии Садри Сарир баён шудааст, ин аст, ки С. Айнӣ дар номаи ба М. Турсунзода фиристодаи худ Садри Сарирро ҳамчун донандаи назария ва амалияи мусиқӣ дониста, чунин мегӯяд: «Аҳмадмаҳдум менавохт, Исо месуруд ва Сарир (Садри Сарир – Л. Ш.) адвор (нота)-и ҳар ҳаво ва мақомро дар вақти иҷро менавишт» [23, с. 3]. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо будааст, ки устод Айнӣ Садри Сарирро дар ёддоштҳои худ бо некӣ ёд карда аз забони мардум «Худо раҳмат кунад, ӯ одами хуб буд!» гуфтааст. Ин сухан баландтарин баҳои халқ бар инсони начибу шарифаш аст.

Хулоса, нависанда образи қозӣ Абдулвоҳидро ҳамчун қозии одилу адолатпарвар, некхӯву некҷӯ, поквиҷдону ҳақшинос офаридааст. Ин кор, аз як сӯ, ҳақиқатнигории нависандаро нишон диҳад, аз сӯйи дигар, воситаи амалӣ гаштани орзуҳои яке аз қаҳрамонони асар – Сайид Муродхоҷа гардидааст.

Дар робита ба он чи гуфта шуд, метавон тасдиқ кард, ки С. Айнӣ баъзе аз эродҳои муқарризонро ба назар гирифта, дар охири боби «Рӯди нави Шофирком» як боб илова карда, оқибати раён ва аҳволи дамимаргии Қозӣ Абдулвоҳидро дар он баён кардааст. Дар ин бора С. Айнӣ мегӯяд: «Вагарна аз рӯйи планам мазмуни ин боби иловагӣ дар қисми дувум, дар мавриде, ки ба Чӯли Қизил саёҳат кардаам, медаромад...» [1, с. 106]. С. Айнӣ ин бобро ғайри принсипи таърихӣ, барои ба вуҷуд наомадани «шубҳаи мафкуравӣ» дохил карда будааст.

Ба ҳамин тариқ, мо яке аз образҳои нисбатан фаъоли «Ёддоштҳо»-ро, ки боиси норозигӣ ва эътирози баъзе нависандагон ва мунаққидони Шӯравӣ гардидааст, дида баромадем. Акнун доир ба образи саги давраи бачагии С. Айнӣ – Хайбар ва эътирози муқарризон монд, ки ҳоло ба муҳокимаи он мегузарем.

Ин образ, ки ба эътироз дучор шудааст, аз боби «Хайбар»-и «Ёддоштҳо» аст [6, с. 39-42]. Тасвири амалу одати ин саг дар «Ёддоштҳо» ҳам дар боби алоҳида ва ҳам дар чанд лаҳзаи хурд тасвир шудааст.

Муқарризон ин гуна тасвирҳоро, ки корҳои майда ва хусусии муаллифанд ва дар «Ёддоштҳо» омадааст, номуносиб ва бефоида шуморидаанд ва ба образи Хайбар эрод гирифта зикри онро дар хотироти нависанда зиёдатӣ медонанд. Чунончи, устод Айнӣ шояд ҷиҳати эҳтиром бошад, ки эътирозгаронро «рафиқон» мегӯяд. Ин фикр, ки баъзе корҳои майда ва хусусии адибро нолозим шумурдаанд, дар матбуот гуфта нашудааст. Вале аз суханони устод Айнӣ метавон фаҳмид, ки ин фикр дар миёни аҳли адаби он солҳо ба миён омада будааст. Мутаассифона, ин навъи бардошт ҳоло низ садо медиҳад. Нисбат ба ин навъи муносибати онҳо С. Айнӣ мегӯяд: «Агар ман дар хурдӣ сагбозӣ намекардам ва характери «Хайбар»-и худро намеомӯхтам, ё ки ба характери ӯ диққати махсус намедодам, ҳеҷ гоҳ ман он «Хайбар»-и романиамро* бо он тарзи реалӣ тасвир карда наметавонистам» [1, с. 106].

Маълум аст, ки С. Айнӣ бо он табиати кунҷковонае, ки дошт, ба хурдтарин хислат, характер, рафтори ҳар чиз мароқ зоҳир карда, онро таҳлил менамуд. Чанд сифате, ки Хайбар дорад, мо дар ҳар саги маҳаллӣ дида метавонем. Аз ҷумла вафодорӣ, рӯзхобию шаббедорӣ, посбони хона будан дар ҳар саги маҳаллӣ дида мешавад. Ҳатто мардуми деҳа дар бораи саги хона мегӯянд: «Саг дарвозаи хона аст». Ин баҳои баланди халқ нисбати ҳайвони хонагӣ аст. Бояд гуфт, ки образи саг ва вафодории ӯ дар адабиёти халқии мо реша дар таърих дорад. Ҳанӯз дар китоби халқии «Чор дарвеш» дар боби Хоҷа-сагпараст образи саг тасвир шудааст, ки дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ ёрирасони қаҳрамони асар аст.

Баҳси эътирози муқарризон оид ба Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ва ҷавоби устод Айниро ба онҳо, ки ба масъалаи тасвири ҳақиқати ҳаёт ва таъсири эътирозоти мафкуравӣ ба он марбут аст, баррасӣ намудем. Инчунин, диққати махсуси С. Айниро ба саги давраи бачагияш – Хайбар овардем.

---

*. Боби «Хайбар»-и романи «Ғуломон» дар назар аст – Л. Ш.

Акнун, дар идомаи мақола эътирози адибонро дар бораи «худро фош кардани» Қорӣ Маҳмуди ширинкор меорем.

Устод Айнӣ дар мактуби зикршуда ба эътироз ва махсусан ба эроди муқарризон оид ба худро фош кардани Қорӣ Маҳмуд таъкиди ҷиддие намуддааст. Ӯ менависад: «...Ё ин ки дар бораи «худро фош кардани» қорӣ Маҳмуд ном эшони шӯтқарӣ (шӯх) эътироз кардаанд. Ва ҳоло он ки ҳамон мусоҳибае, ки дар байни ман (С. Айнӣ – Л. Ш.) ва қорӣ Маҳмуд дар «Ёддоштҳо» қайд шудааст [6, с. 89-91], дар романи «Дохунда»** айнан ва бо талаффузи қорӣ Маҳмуд, дар мусоҳибаи байни Ёқуббой ва эшон Султони босмачии Дарвозӣ гузаронидаам» [1, с. 106].

Ин таъкиди устод Айнӣ хеле муҳим ва нозук аст. Эътирози муқарризони «Ёддоштҳо»-ро устод Айнӣ дар каммутолаагӣ ва таваҷҷуҳ накардан ба дигар асарҳои бадеӣ мебинад. Ба назари устод Айнӣ ҳамин ҷузъиёти зиндагӣ дар офаридани асарҳои бадеии ӯ материалҳои асосӣ шудаанд. Вале, мутаассифона, барои муқарризон нуқси асосӣ дониста шудааст. Ба назари онҳо камбудии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ дар он аст, ки адиб персонажро аз забони худаш ошкор намудааст. Ғайр аз ин, гӯё «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз камбудиҳои дигар ҳам хорич нест. Дар масъалаи худро фош кардани қорӣ Маҳмуд гумон аст, ки ҳақ ба ҷониби муқарризон бошад. Яъне дар масъалаи худифшоӣ ва баёни воқеият аз забони худи персонаж дар асарҳои бадеии С. Айнӣ, ки дар «Ёддоштҳо» ба онҳо ишора ва қайдҳо шудааст, бингарем, ин усулро С. Айнӣ дар офаридани образҳои манфии «Ёддоштҳо», аз ҷумла Абдуллохоҷа ва Парвардигорхӯҷа хуб истифода кардааст. Ба қавли адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурӣ, «асоси усули адабии худифшоӣ дар ин аст, ки нависанда гӯё ба мазмуни мақоли «сухан аз даҳони Лукмон беҳ» амал кардан мехоҳад. Қаҳрамони манфӣ дар пеши хонанда худ ба айбу нуқсони худ иқрор мешавад, худ ба забони ҳол омада, аҳмақию бемаънигии худро тасдиқ менамояд. Вале ин эътирофи қаҳрамон аз ғайри хоҳиши ӯ ба вуқӯъ меояд, зеро вай худаш ин айбҳоро айб ҳисоб намекунад. Балки ҳодисаи муқаррарие медонад» [33, с. 176]. Чунонки аз ин андешаи адабиётшинос равшан гардид, устод Айнӣ дар тасвири гуфтору рафтори қорӣ Маҳмуд низ аз ин усул истифода намудааст. С. Айнӣ дар оғози ҳикояи «Парвардигорхӯҷа», дар бораи қорӣ Маҳмуд маълумот дода, ба воситаи мусоҳибаи худ бо ӯ, аҳмақӣ ва нодонии ӯро ба хонанда равшан менамояд. Қорӣ Маҳмуд пешаи қоригии худро «як пешаи осуда» дониста, дар кандани пӯсти мардум роҳи бо пахта гирифтани ҷон мехонад. Лекин бояд қайд намуд, ки устод Айнӣ дар маркази таваҷҷуҳ ширинкор, хушгап ва ҳозирҷавобии Қорӣ Маҳмудро қарор додааст, на қоригии ӯро. Чунончи, унвони Сайид Акбари калонгиру назарбаланд, ки худро аз одамони дигар босаводтар медонад, маҳз бо хушгапии Қорӣ Маҳмуд ба «Парвардигорхӯҷа» мубаддал мегардад. Аз ин ваҷҳ, эроди муқарризон ба ҷуз беаҳаммиятӣ ва изҳори фазлу доноӣ дар назди сиёсати замон чизи дигаре нест.

Лекин аз ҷиҳати дигар, ба назари мо, бо ин восита устод Айнӣ ба муқарризон, ки ҳамагӣ нависанда буданд, роҳи дурусти тасвири ҳақиқати ҳаётро бе таъсири мафкураи замон нишон додааст. Яъне, кӯшиши тасвири ҳақиқати ҳаёт ва таъсири мафкураи замон дар асари бадеиро С. Айнӣ ба насли ҷавон фаҳмонида, чӣ тавр тасвир намудани ҳақиқати ҳаётро дар асари бадеӣ нишон медиҳад. Ҳақиқати ҳаёт, яъне он чизе, ки аз тафаккури таҳлилии нависанда гузаштааст, асоси асари бадеиро фароҳам овардааст. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ дар номаи худ мегӯяд: «Яке аз корҳои зарур тамом кардани «Ёддоштҳо» аст. Маълум аст, ки нависандагони ҷаҳоншумули халқи рус, дар асри Х1Х чунон асарҳои пурра доданд, ки баъд аз Инқилоб ба гардани нависандагони советии рус фақат равшан кардани зиндагонии советӣ монд. Аммо дар мо дар асри Х1Х ва то револютсия (Инқилоби Октябр – Л. Ш.) чизе ба майдон наомад. Танҳо дар майдон асарҳои Аҳмадмахдум аст, ки онҳо, аз як тараф, ба танқиди дарбор маҳдуд буда, аз тарафи дигар, то ҳол чоп нашудаанд ва ба сабаби усули таҳрирашон дар замони мо айнан чоп кардани онҳо ҳам мумкин нест. Бинобар ин, ман дер боз орзу доштам, ки ҳаёти замони амирро то метавонам фош кунам, ки ҷавонони мо чӣ будани он ҳаётро донанд» [1, с. 108].

Ин равиши эҷодӣ дар офаридани «Ёддоштҳо» ва дигар асарҳои устод Айнӣ мебинем, ки равиши асосӣ дар эҷоди осори бадеӣ дар аҳди шӯравӣ буд ва устод Айнӣ, онро, чунонки аз ин нома маълум мегардад, барои ин ки ҳақиқати замони зиндагии халқи тоҷик (дигар халқиятҳои ҳамзистро низ)-ро падид биоварад, истифода кардааст. Ин равишро истифода аз меъёрҳо ва равишҳои маҷбурии замон барои расидан ба мақсуди олии эҷодӣ бояд шинохт. Устод Айнӣ дар идомаи номаи мазкур таъкидан мегӯяд: «Ҳарчанд дар «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» як қисми он аҳволро акс карда бошам ҳам, басанда нест» [1, с. 108].

**.Боби «Ҷаноза» аз романи «Дохунда» дар назар аст – Л. Ш.

Ба ин тарз устод Айнӣ дар офаридани «Ёддоштҳо» исбот мекунад, ки халқи тоҷик дар замони пеш аз Инқилоб низ дар бештарини деҳаҳо соҳибмадраса, соҳибсавод буда, намояндагони фаъоли он, чун Абдулвоҳиди Садри Сарир қозӣ ё монанди падари нависанда – Сайид Муродхоҷа шахсони саводнок ва шоиру шеъррас буданд, ки андешакори поктинат буданд, ба таъбири муқарризони замони шӯравӣ бигӯем, ҳамеша ба хизмати халқ мешитофтанд, фаъолияти иҷтимоӣ ва эҷодии онҳо ба он чӣ дар аҳди шӯравӣ халқияти адабиёту санъат шиор шуда буд, хилоф набудааст, балки моҳиятан метавонанд насли баъдиро тарбият намоянд.

Аз баррасии мукотибаи С. Айнӣ ва эътирози муқарризон метавон ба чунин натиҷа расид: андешаҳои устод Айнӣ оид ба тасвири ҳақиқати ҳаёт ва таъсири мафкураи ҳоким раҳнамои нависандагон буда, ҳар эҷодкорро ба роҳи дурусти тасвири ҳақиқати ҳаёт ва рӯзгори мардум сафарбар менамояд. Лекин эроди муқарризон ба худифшоии Қорӣ - Маҳмуд аз ду вачҳ нодуруст аст. Аввало, қорӣ Маҳмуд сипоҳигарии худ ва эшонию дуохонии худро барои «як лаб нони беминнат ёфта шикам сер кардан» [6, с. 89] медонад ва аз ғайри хоҳиши худ мардумфиребии худро ифшо менамояд. Баъд, чунонки гуфтем, нависанда ширинкор, хушгап ва ҳозирҷавобии Қорӣ Маҳмудро дар маркази таваҷҷуҳ қарор додааст, на қоригии ӯро. Аз тарафи дигар, маҳз ҳамин мусоҳибаи нависанда бо Қорӣ - Маҳмуд заминаи тасвири як ҳиссаи муҳимми рӯзгори мардумфиребони замон, аз ҷумла Султон босмачии Дарвозӣ дар романи таърихии «Дохунда» шудааст. Ниҳоят, аз ин қазия равшан мегардад, ки баъзе мушоҳидаҳои нозуки устод Айнӣ дар офаридани асарҳои бадеӣ материали асосӣ шудаанд. Ин тарафи қазия баёнгари ҷузъиёти бадеӣ дар тасвири реалистии воқеияти зиндагиро бозгӯ менамояд, ки дар асарҳои С. Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо» аҳаммияти калони методӣ ва адабӣ доранд. Масъалаи умумӣ-назариявӣ, ки қисме аз онро дар ин мақола дида баромадем, арзиши «Ёддоштҳо»-ро ҳамчун асари бунёдии С. Айнӣ ва принсипи интихоби нависандаро дар тасвири реалистии воқеияти зиндагӣ ва аҳаммияти ҷузъиёти зиндагиро дар он хеле меафзоёнад. Ин таъкидҳои устод Айнӣ имконият медиҳанд, ки дар асоси онҳо оид ба ҷузъиёти бадеӣ ва аҳаммияти он дар асари бадеӣ ва тасвири реалии воқеияти зиндагӣ дар замони ҳокимии методи ягонаи шӯравӣ – методи реализми сотсиалистӣ муҳокима ронем, ки ин тарафи масъала лоиқи назари дигар аст.

Ҳамин тавр, мубоҳисаҳои илмию адабӣ ва андешаҳои устод Айнӣ дар номаҳо, хусусан мукотибаи эшон бо М. Турсунзода, ки асосан ҷавоб ба эътирози муқарризони асари худ – «Ёддоштҳо»-ст, дорои аҳаммияти бузурги илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ ва адабӣ буда, дарбаргирандаи муносибатҳои эҷодӣ ва дӯстии ин ду устоди сухан низ ҳаст. Ин мукотибот баёнгари он аст, ки устод Айнӣ дар ҳама гуна ҳолат мекӯшидааст, ки ба насли ҷавони ҳаваскори адабиёт маслиҳатҳо диҳад ва ба ин восита онҳо ва муқарризони «Ёддоштҳо»-ро аз роҳи ғалати системаи мафкуравии Шӯравӣ, инчунин инкори таърихи гузаштаи худ берун орад, то онҳо таърихи дирӯз ва имрӯзи худро бо дидаи ҳақиқати таърих ба риштаи тасвир кашанд. Мактаби номанигории устод Айнӣ омӯзанда буда, инсон, хусусан аҳли эҷодро ба роҳи ҳақиқатнигорӣ ва тарғиби адолати таърихӣ раҳнамун месозад.

АДАБИЁТ

1. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1956. – №4. – С.100-114.
2. Аз мукотибаи С. Айнӣ бо адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: Х. Айнӣ) // Шарқи сурх. – 1963. – №4. – С. 43-48.
3. Айни С. Бухара (Воспоминания. Часть 1) / Перевод с таджикского Сергея Бородина /. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1949. – 207 с.
4. Айни С. Воспоминания (Перевод с таджикского Анны Розенфельд) (Издание подготовили А. Розенфеьд, А, А. Семёнов, Н. А. Кисляков, А. Н. Болдырев). – Москва-Ленинград: Из-во Академи наук СССР, 1960. – 1088 с.
5. Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ (Таҳия ва танзими Абдухолиқи Набавӣ ва Фирӯз Набиев). Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 2008. – 256 с.
6. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм дар як китоб) // Энтсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе: Сарредактсияи илмии Энтсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
7. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик (Аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод). – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
8. Асари барҷаста // Шарқи сурх. – 1949. – №10. – С. 12-15.
9. Аслонова Н. Андешаҳои адабӣ – эстетикии Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 335 с.
10. Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ (Мақмӯи мақолаҳо). – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 208 с.
11. Бечка И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон (Мутарҷимон: Саид Абонажоди Ҳичрондӯст, доктор Маҳмуди Ибодиён). – Теҳрон: Чопхонаи Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1372. – 253 с. + 27 с.
12. Bechka J. Sadriddin Aini of Modern Tajik Culture. – Neples, 1980. – 111p.
13. Бобоев Ю. «Ёддоштҳо»-и Айнӣ (қ.1-2) // Шарқи сурх. – 1950. – №6. – С. 115-123.
14. Бобоев Ю. Қисми сеюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1951. – №1. – С.102–109.
15. Брагинский И. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с.

16. Выдающееся произведение // Коммунист Таджикистана. – 1949. – 29 ноября. – №6. – С. 40.
17. Имомов М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 120 с.
18. Маҳмадаминов А. Садриддини Айнӣ – олим. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.
19. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. «Тазкори ашъор» ва масъалаи пайдоиши шеъри нав // Садри Бухоро. Чопи дувум (Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо). – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 101-132.
20. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
21. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. Равшангари бузург. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
22. Номаҳои Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода (Бо пешгуфтори Камолиддин С. Айнӣ) // Ҷумҳурият. – 2001. – 12 апрел. – №36 (20316). – С. 3.
23. Номаҳои Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода // Ҷумҳурият. – 2001. – 14 апрел. – №37 (20 317). – С. 3.
24. Отахонова Х. Пайванди ҳис ва андеша. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
25. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // Ҷумҳурият. – 2019. – 26 декабр. – № 249 (23 852). – С. 1-3.
26. Раҳмонов Ш. Эътибори як мактуб // Садои Шарқ, – 1987. – №6. – С. 126-129.
27. Табаров С. Дар бораи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ // Газетаи муаллимон, – 1949. – 6 сентябр. – № 34 (890). – С. 3.
28. Таджикская советская литература. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1954. – С. 62-69.
29. Ҳодизода Р. Садри Сарир // Энтсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредактсияи илмии Энтсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. – С. 81.
30. Шеърдӯст А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон. – Теҳрон: Катиба, 1390. – 758 с.
31. Шукуров М. Инъикоси муҳимтарин протсесҳои таърихии ҷамъият дар образҳои мусбати «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қисмҳои 1 ва 2) // Шарқи сурх. – 1956. – № 5. – С. 90–105; № 6. – С. 101-117.
32. Шукуров М. Чопи илмии «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ба забони русӣ // Шарқи сурх. – 1961. – № 12. – С. 154-157.
33. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. – Душанбе: Донишҷ, 1966. – 260 с.

ПОЛЕМИКА ВОКРУГ «ВОСПОМИНАНИЙ» И ОТВЕТЫ АЙНИ
(на основе переписок С. Айни и М. Турсунзаде)

Данная статья посвящена исследованию переписи Айни с Турснзаде на основе материалов периодики и писем Айни таджикским литераторам, где основательно приводится научно обоснованные возражения и протесты Айни недобросовестным критикам касательно «Воспоминаний». Как заявлено в статье, автор придерживается мнения, что все высказанные кртические суждения оппонентов после выхода данного мемуара из печати и ответы автора этим рассуждениям должны заново с точки зрения современных достижений литературоведческой мысли подвергаться анализу.

С этой точки зрения, автор статьи подробно излагает свою позицию на критику Ю. Бобоева и С. Табарова и других оппонентов на образ Абдулвохида Садри Сарир, изображения деталей жизнедеятельности самого автора книги и самоанализа других образов. По мнению автора статьи, устод Айни для полного и беспристрасного познания личностей и творчества тех литераторов, которые находились на службе во дворе мангитских эмиров и которые для большинства литературных критиков советского периода являлись отрицательными образами, старался изменить эту догму и правдиво, вполне объективно отражать всю правду о жизни таких личностей. Однако изложить всю картину действительности и истины вещей даже для Айни было нелегким делом.

Нацеленность Айни на объективную действительность, на изображения честных и заслуживающих уважения людей, на необоснованные развешивание ярлыков «врагов народа» образованным и честным литераторам того времени, ныне являются эталонами познания истины и правды жизни для тех, кто занимается критикой художественного слова. В своих мемуарах Айни строго придерживается данной позиции, однако его позиция не была понята некоторыми деятелями литературы и культуры советской эпохи. Исходя из этого, устдоу Айни приходилось изменить имена некоторых исторических личностей. К примеру, в 1950 году в третьей и четвертой томах «Воспоминаний» имя любимого автору персонажа Шарифджонмахдум была изменена на Латифджонмахдум. Большая заслуга Айни состоит в том, что он старался предостеречь советских критиков литературы от необоснованных обвинений в адрес некоторых личностей, от заблуждения, исходящих из нигилизма касательно культуры и литературы прошлого столетия. Все эти вопросы подробно проанализированы в письмах Айни к Турсунзаде.

Ключевые слова: *«Воспоминания», эпистолярная школа Айни, письма Айни Турсунзаде, возражения критиков, идеология эпохи, детали жизни, образ кази Абдулвохида Садри Сарира, справедливый кази, положительные и отрицательные образы, историческая правда, правдивое изображение, образованный народ.*

POLEMIC AROUND «MEMORIES» AND AINI'S RESPONSES
(based on the correspondence of S. Aini and M. Tursunzada)

This article is devoted to the study of Aini's census with Tursnzada based on materials from periodicals and letters from Aini to Tajik writers, which thoroughly cite Aini's scientifically sound objections and protests to unscrupulous critics about «Memories». As stated in the article, the author has an opinion that all expressed critical judgments of opponents after the publication of this memoir from the press and the author's answers to these arguments should be analyzed again from the point of view of modern achievements of literary thought

From this point of view, the author of the article sets out in detail his position on criticizing U. Boboev and S. Tabarov and other opponents on the image of Abdulvohid Sadri Sarir, depicting details of the life of the author of the book and introspection of other images. According to the author of the article, ustod Aini for a complete and unbiased knowledge of the personalities and works of those writers who was in the service of the courtyard of the mangit emirs and who for the majority of literary critics of the Soviet period were negative images, tried to change this dogma and truthfully, quite objectively reflect the whole truth about the life of such individuals. However, explaining the whole picture of reality and the truth of things, even for Aini, was not an easy task.

Aini's focus on objective reality, on images of honest and deserving people, on unjustified labeling of «enemies of the people» to educated and honest writers of that time, are now standards of knowledge of the truth and truth of life for those who criticize the literary word. In his memoirs, Aini strictly adheres to this position, but his position was not understood by some figures of literature and culture of the Soviet era.

Proceeding from this, ustod Aini had to change the names of some historical figures. For example, in 1950, in the third and fourth volumes of «Memoirs,» the name of the character beloved to the author, Sharifjonmahdum, was changed to Latifjonmahdum. Aini's great merit is that he tried to warn Soviet literary critics against unreasonable accusations against some individuals, from the misconception emanating from nihilism regarding the culture and literature of the last century. All these issues are analyzed in detail in Aini's letters to Tursunzada.

***Keywords**: «Memories», Aini epistolary school, letters by Aini to Tursunzada, critics' objections, ideology of the era, details of life, image of kazi Abdulvokhid Sadri Sarira, fair kazi, positive and negative images, historical truth, truthful image, educated people.*

Сведения об авторе:

***Шарифзода Лутфулло Абдулло** – аспирант кафедры теории и новейшей перситско-таджикской литературы Таджикского национального университета, заведующий отделом литературно-мемориального музея Мирзо Турсунзаде. Тел: (+992) 985868646. Электронный почта: sharifzodal@mail.ru.*

About the author:

***Sharifzoda Lutfullo Abduiio** – the aspirant of Deportment of theory and the latest tajik-persian of Tajik national university, Head of the department of the literary and memorial museum Mirzo Tursunzade. Phone: +(992) 985868646. E-mail: sharifzodal@mail.ru.*

ИСТИҚБОЛИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ АЗ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Маҳмудзода О.Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Мирзо Муҳаммадсоиби Табрезӣ, ки ба номи Соиби Исфаҳонӣ низ маъруф аст, яке аз суханварони мумтози адабиёти классикии тоҷик ва аз бунёдгузорони сабки ҳиндӣ эътироф шудааст, ки ҳатто бархе аз соҳибназарон ба эҳтироми ибтикор ва тозагӯиҳои вай сабки ҳиндиро сабки исфаҳонӣ низ унвон додаанд. Ҳарчанд Соиб дар сурудани ғазалҳои ноби хеш аз суханвари зиёди адабиёти гузаштаи мо, чун Саъдиву Мавлонову Ҳофиз истиқбол намудааст, вале бо чанде аз шоирони ҳамзамони хеш низ муҳаббати хоса дорад. Дар баробари васфу ситоиши мақоми суханварии онон бо шеваҳои хос ғазалиёти шоирони ҳамаҳдашро истиқбол кардааст. Назирии Нишопурӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна шоиронест, ки Соиб дар баробари истиқбол аз шеваи суханварии ӯ мақоми ҳунарӣ ва шоири соҳиби сабки хоса буданашро эътироф намуда, ба корномаҳои адабии вай баҳои баланд додааст. Вобаста ба ин, баҳсу баррасии мавзӯи меҳварии мақоларо метавон дар се бахши муҳим ба риштаи

таҳқиқ кашид:

1.Эътирофи мақоми ҳунарии Назирӣ аз ҷониби Соиб ва баҳои баланди ӯ ба шеъру андешаи вай.

2.Шеваи хоси тазмин бар ғазалҳои Назирӣ бо зикри номи ӯ.

3.Истиқбол аз авзони шеърӣ ва сабки суханварии Назирӣ.

Тавре таъкид гардид, Соиб дар заминаи ошноӣ ба ашъори Назирӣ аз ҷумлаи аввалин шоироне ба шумор меравад, ки азамату бузургии каломи Назирӣ ва тозакориҳои ӯро эътироф намуда, ҳатто бо он ҳама наҷобат ва мақоми хоса дар адабиёти тоҷикзбони Ҳиндустон қайд мекунад, ки ба ин суханвари мумтоз баробар шудани ман танҳо хаёл аст, зеро Урфии Шерозӣ ҳатто пояи суханвариро ба Назирӣ нарасонид:

Соиб, чи хаёл аст, шавад ҳамчу Назирӣ,

Урфӣ ба Назирӣ нарасонид суханро [5, 396].

Маълум мешавад, ки Соиб ба шеъру ҳунари шоирии Урфии Шерозӣ ҳам эҳтиромӣ хоса доштааст.

Дар ҳамин ҳоле, ки Соиб аз Назирӣ васф мекунад, ҳатто ба мушоҳида мерасад, ки дар чунин ғазалҳои марбут ба эътирофи мақоми шоирии ӯ низ кӯшидааст, ки дар қолиби ғазалҳои Назирӣ шеър гӯяд ва дар заминаи истиқбол аз як сурудаи шоир ба васфи вай лаб кӯшояд. Ҳамин тавр, мутолеаи Девони Соиб маълум месозад, ки дар асл байти мазкур аз ғазале баргирифта шудааст, ки дар ҷавоби ғазали Назирии Нишобурӣ навишта шудааст, ки матлаи он ба гунаи зайл аст:

Гул хилъати нав дод дигар шохи куҳанро,

Бар салтанати ҳусн сиҷил сохт чаманро [1, 25].

Чунин шеваи васфу ситоиши Назирии Нишопурӣ ҳангоми иншои ашъори истиқболия ё тазмини ғазалҳои ӯ низ дар сурудаҳои Соиби Табрезӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, ҷое ҳангоми тазмини як мисраи Назирӣ ӯро бо лақаби «Булбули Нишопур» васфу ситоиш менамояд, ки ин таъкид ҳам ба шинохти мақоми шоирии вай ишорат дорад:

Ҷавоби он ғазали булбули Нишопурист,

«Ки ранги лолаву гул бар қарор мебандад» [4, 2304].

Ин мисраи як байт аз ғазали Назирист, ки чунин шакл дорад:

Чаман зи савти баланди ҳазор пиндорад,

Ки ранги лолаву гул бар ҳазор мебандад [1, 117].

Бо таваҷҷуҳ бар ин шеваи истиқбол аз калом ва андешаи Назирӣ аз ҷониби Соиб маълум мегардад, ки тазмини ғазалҳои Назирӣ дар Девони Соиб аз ҷойгоҳи хоса бархурдор мебошад. Бештар аз 10 ғазалеро метавон аз таркиби Девони Соиб пайдо кард, ки танҳо дар тазмини ғазалиёти Назирӣ ба қалам омадаанд. Равиши махсуси истиқболи Соиб дар ин ғазалҳо ба гунае мушоҳида мерасад, ки дар байти мақтаъ ҳатман ба номи Назирӣ ишорате намуда, баъдан мисрае аз ғазали ӯро тазмин мекунад. Ҳамин шеваи махсуси ишорат ба номи Назирӣ ҳам навъе эътирофи мақоми ҳунарӣ ва баҳои баланд ба каломи вай аз ҷониби Соибро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Аз ҷумла, дар як ғазали Соиб, ки байти матлааш чунин аст:

Доғи умри рафта афсурдан намедонад, ки чист?

Оташи ин корвон мурдан намедонад ки чист? [6, 622].

Мисрае аз як ғазали Назирии Нишопурӣ бо ишорат ба номи ӯ чунин тазмин шудааст:

Ин ҷавоби он ки мегӯяд Назирӣ дар ғазал,

«Ҳар ки дилро бохт, дил бурдан намедонад ки чист» [6, 622].

Дар навбати аввал ин ҷо равшан мегардад, ки худи Соиби Табрезӣ ба таври равшан ишорат мефармояд, ки ин ҷавобияе бар ғазали Назирӣ мебошад. Аз ин рӯ, тавре таъкид гашт, мисраи тазминшуда, аз байти ғазале аз Назирии Нишопурӣ баргирифта шудааст, ки дар девони ӯ ба сурати зайл омадааст:

Ғанҷу афсуни Зулайхо кор дар Юсуф накард,

Ҳар ки дилро бохт, дил бурдан намедонад ки чист? [1, 71].

Ба назар мерасад, ки ин ҷо вожаи «ғанҷ» ба маънии ишваву ноз ва карашма дар ин байт ба кор рафтааст, чун сухан дар бораи ишваву карашмаи Зулайхо меравад, ки ҳеҷ коре барои

Юсуф карда натавонист.

Матлаи ин ғазали Назирӣ, ки мисраи онро Соиб тазмин бастааст, ба сурати зайл аст:

Доғи дил дар ишқ афсурдан намедонад, ки чист?,

Лолаи ин боғ пажмурдан намедонад, ки чист? [1,70].

Тавре қаблан ҳам таъкид шуд, яке аз шеваҳои пайравии Соиби Табрезӣ аз Назирии Нишопурӣ истиқбол аз вазну қофия ва радифҳои ғазалиёти ин суханвари мумтоз ба шумор меравад. Ба ибораи дигар, Соиб гоҳо ҷавобияҳое бар вазни ғазалҳои Назирӣ ҳам бидуни ишорат ба номи вай ё тазмин кардани мисрае ба қалам меоварад. Аз ҷумла, ғазали дигаре бар ин вазн навиштааст, ки дар ҷавоби ҳамин ғазали Назирӣ мебошад ва матлаъи он чунин аст:

Доғи умри рафта афсурдан намедонад, ки чист?

Оташи ин корвон мурдан намедонад ки чист?[6, 622].

Аз қаробатҳои дигаре, ки миёни ду байти матлаъи ғазалҳои Назирӣ ва Соиб ба мушоҳида мерасад, пайванди маъноии онҳо мебошад, зеро агар Назирӣ сухан аз доғи дил мекунад, ки аз ишқ афсурданро намедонад, Соиб бошад аз доғи умри рафтан сухан ба забон меоварад, ки он ҳам аз афсурдан огаҳ нест. Ин ҷо низ қофияи ягонаи аввалин мисраъ дар ҳар ду ғазал боз ҳам пайванде миёни абёти матлаъ эҷод намудааст, ки ба таври равшан аз сабк, шеваи суханварии Назирӣ суд ҷустани Соибро бозгӯӣ мекунад.

Дар мақтаи ғазали дигари Соиб бошад, мисраи зерини Назирии Нишопурӣ ба шеваи зайл тазмин шудааст:

Ин он ғазали Хоҷа Назирист, ки фармуд,

«Ашкам зи тамошои чаман ранг баровард» [4, 2104].

Мисраъ аз байти матлаъи як ғазали Назирӣ гирифта шудааст, ки сурати зеринро ба худ касб кардааст:

Гул омаду лаълам зи дили санг баровард,

Ашкам зи тамошои чаман ранг баровард [1, 114] .

Дар аксар маврид Соиби Табрезӣ асосан дар байти мақтаъи ғазалаш ба рӯшанӣ истиқболи хешро аз ғазали Назирӣ бо зикри номи вай таъкид меварзад. Ин ҷо мебинем, ки дар мақтаъи ғазали дигараш чунин ишорат фармудааст ва ин ҷо низ ҳамон як мисраи худро такрор мекунад, яъне «ин он ғазали Хоҷа Назирист, ки фармуд»:

Ин он ғазали Хоҷа Назирист, ки фармуд,

«Эй мутриби ҷон, сӯхт дилам, роҳ дигар гир» [4, 2295].

Такрори як мисраъи Соиб дар чанд ғазал ба гунаи дар боло зикршуда ишорат бар он ҳам мекунад, ки ин суханвари мумтоз бар чандин ғазалҳои ҳамвазни Назирӣ истиқболияҳо сурудааст ё бар онҳо тазмин бастааст. Такрори ин мисраъ дар ду ғазали мазкур баёнгари он аст, ки онҳо дар як вазн суруда шудаанд.

Мурур ба Девони Соиб маълум месозад, ки мисраъи дар байти боло тазминнамудаи шоир сатри аввалини ғазале аз Назирист, ки бо чунин шакл ба қалам омадааст:

Эй мутриби ҷон, сӯхт дилам, парда дигар гир,

Ё парда аз ин роз ба як мартаба баргир [1, 152].

Ба мушоҳида мерасад, ки дар мисраи тазминнамудаи Соиб гунаи дигари ин мисраъ бо тағйироти андак ҷой дорад, яъне ба ҷои вожаи «парда», «роҳ» омадааст. Маълум мешавад, ки шояд Соиб аз нусхаи дигаре истифода кардааст, ки гунаи мазкури байт дар он ҷой дорад. Аммо дар асл ҳар ду вожа ҳам ин ҷо ба ҳамон маънии истилоҳи мусиқӣ ба кор рафтаанд ва маълум мегардад, ки шояд худи шоир ё котибе дар нусхае ба матни ин байт таҳрир ворид кардааст. Ба маънии истилоҳи мусиқӣ ба кор рафтани ҳар ду вожа аз рӯи он муайян мешавад, ки шоир матлаби худро бо муроҷиат ба мутриби ҷон оғоз мекунад ва таъкид менамояд, ки оҳанг ё пардаву роҳро дигар соз, ки дилам аз ин навои ҷонкоҳи ту сӯхт. Дар мисраи дувум бошад, бар он таъкид меварзад, ки ин оҳангро танҳо як маротиба бинавоз, ки дилро беш аз пеш месӯзад. Ба эҳтимоли зиёд, таъкид бар таҳрири байт бар он асос мувофиқи мақсад мебошад, ки вожаи «парда» дар мисраи дувум такрор шудааст ва гунаи он ба роҳи иваз гардидааст.

Ҳангоми тазмини мисраи дигари Назирӣ бошад, Соиб мушаххасан ишорат мекунад, ки ин

ғазал ба забону тарзи Назирӣ эҷод шудааст. Ин ҷо маълум мегардад, ки баробари тазмин дар ғазали хеш Соиб аз тарзи баён ва забони ин шоири дӯстдоштааш истиқбол кардааст:

Забони тарзи Назирист, Соиб ин мисраъ,

«Ки пеш аз он ки нагардидаӣ, гарон бархез» [4,2321].

Ин мисраъи байте аз ғазали Назирист, ки ба чунин шакл дар девони шоир омадааст:

Пиёла медиҳам даври умру мегӯяд:

«Ки пеш аз он ки нагардидаӣ, гарон бархез» [1, 170].

Муҳаммадризо Тоҳирӣ, тасҳеҳкунандаи девони Назирии Нишопурӣ дар ҳошияи ин ғазал ба гунае аз ин байт ишорат фармудааст, зимнан таъкид доштааст, ки шакли дигаре аз он чунин сурат дорад:

Пиёла медиҳаму даври умр мегӯяд,

Ки пеш аз он ки нагардида саргарон бархез [1, 170].

Матлаи ғазали мазкури Назирии Нишопурӣ бошад, ба сурати зайл аст:

Фитодаам ба миёни ғам аз карон бархез,

Ба тири ғамза абрӯи чун камон бархез [1,169].

Нуктаи дигаре бояд афзуд, он аст, ки Назирии Нишопурӣ бо ҳамин вазну ҳамин қофияу радиф ду ғазал сурудааст, ки матлаъи ғазали дувумин чунин аст:

Нишаст ахтари Парвин зи парниён бархез,

Ғубори Коҳкашон рафт, майкашон бархез [1, 170].

Тазмини мисраъ аз ғазали аввал маълум менамояд, ки Соиб аз он истиқбол намуда, вале бегумон руҷӯъ бар ғазале бо чунин радифу қофия ишорате бар он ҳам мекунад, ки шоир аз маҷмӯи чунин ғазалиёти Назирии Нишопурӣ бо мутолеаи тамоми девони вай огаҳии комил дорад. Таҳқиқи қиёсии ин ғазал ҳам бо ғазали Соиб аз дидгоҳи сабкӣ ва поэтикӣ метавонад умумиятҳоеро муқаррар созад, ки ба бардоштҳои шоир аз ин сурудаи Назирӣ таъкид фармояд, ки мавзӯи баҳсу баррасии ҷудогона мебошад.

Дар тазмини дигари анҷомдодаи Соиби Табрезӣ шакли дигари мисраи ишорат бар истиқболия будани сухани вай ба мушоҳида мерасад:

Ин он ғазал, ки гуфт Назирии хушсухан,

«Иқболи аҳли дил зи қабули Худошинос» [4, 2343].

Ин мисраъ ҳам аз байти нахустини яке аз ғазалҳои Девони Назирии Нишопурӣ тазмин шудааст, ки ба шакли зерин омада:

Иксири ҳусн дар назари порсошинос,

Иқболи аҳли дил зи қабули Худошинос [1, 175].

Байти дигаре, ки Соиб мисрае аз онро тазмин намуда, дар таркиби мақтаъи ғазали Назирии Нишопурӣ ҷой дорад. Байти Соиб ба сурати зайл иншо гардида:

Соиб ин он ғазали Хоҷа Назирист, ки гуфт:

«Ҳар кӣ бурҳон талабад, қавли ту бурҳони ту бас» [2, 2340].

Байти Назирӣ бошад ба ин шакл дар таркиби девони вай ҷой гирифтааст:

Бар ту ҳусни сухан имрӯз Назирӣ хатм аст,

Ҳар кӣ бурҳон талабад, қавли ту бурҳони ту бас [1,179].

Чанд мавриди дигар дар девони Соиби Табрезӣ чунин шеваи тазмини ашъори Назирии Нишопурӣ ба мушоҳида мерасад, ки бо зикри намунаҳое аз он ин ҷо иктифо менамоем. Маълум аст, ки мисраъҳои дар дохили нохунак омада, аз Назирии Нишопурӣ мебошад, ки Соиб тазмин намудааст:

Назирӣ:

Файзи суҳбат то саҳар нагсаст аз дунболи ман,

То кавокиб сабҳа гардонид, ман соғар задам [1, 245].

Соиб:

Ин ҷавоби он ки мегӯяд Назирӣ дар ғазал,

«То кавокиб сабҳа гардонид, ман соғар задам» [4, 2590].

Назирӣ:

Муҳр бар лаб чу сари шишаи мумсик задаем,

То сари шишаи май вонашавад, вонашавем [1, 232].

Соиб:

Ин ғазал он ғазали Хоҷа Назирист, ки гуфт:

«То сари шишаи май вонашавад, вонашавем» [4, 2758].

Муҳаммризо Тоҳирӣ дар ҳошияи ин ғазал дар девони Назирӣ таъкид доштааст, ки дар баъзе нусхаҳои хаттии девони шоир ба ҷои «шишаи май», «шишаи бат» омадааст [1, 232]. Дар асл шакли мазкур ҳам ғалат нест, чун дар гузашта бархе шишаҳои майро ба сурати бат, яъне мурғобӣ омода менамуданд.

Назирӣ:

Эй гулбуни толеъ чӣ ниҳӣ рӯй ба зардӣ

Фасли нагузаштаст зи сарсабзии боғам [1, 248].

Соиб:

«Ин он ғазали Хоҷа Назирист, ки мегуфт»,

«Фасли нагузаштаст зи сарсабзии боғам» [4,2862].

Назирӣ:

Сӯи ин бодия ҳаргиз навазидаст насим,

Сина бар барқ кушоем, ҷигар тоза кунем [1,246].

Соиб:

Ин ғазал он ғазали Хоҷа Назирист, ки гуфт:

«Сина бар барқ кушоем, ҷигар тоза кунем» [4, 2755].

Ҳамин тавр, баҳсу баррасии шеваҳои шоиронаи истиқболи Соиб аз Назирии Нишопурӣ амри муҳимеро муқаррар месозад, ки дар навбати аввал ин шоири соҳибноми адабиёти тоҷикзабони Ҳинд бо пайравӣ аз Назирӣ ба мақоми ҳунарии вай қоил аст ва ба тарзи сухан, сабки нигориши ӯ баҳои баланд додааст. Баробари ин, дар заминаи таҳқиқи усулҳои истиқболи Соиб аз сабки сухани Назирӣ ва тазминҳои анҷомдодаи дар чанд нуктаи муҳим мушаххас мегардад, ки метавон ба ҳамчун хулосаҳои мақолаи мазкур зикр намуд:

1.Соиб дар заминаи истиқболи ашъори Назирии Нишопурӣ зимнан ҷойгоҳи ӯро дар ташаккули тарзи тоза дар қаламрави сабки ҳиндӣ эътироф намудааст, барои идомаи равиши вай иқдом намудааст, ки ин матлаб дар аксари ҷавобияҳои вай маълум мешаванд.

2.Соиб бо тарзи махсус ғазалҳои Назириро тазмин мекунад, ки умумиятҳое дар аксари онҳо дар байти мақтаъ ба чашм мерасанд. Яъне, ба номи Назирӣ ё сабки сухани вай ишорат намуда, махсусан мисраи ин шоир будани сатри дувуми байти мақтаъро таъкид менамояд. Бояд эътироф намуд, ки ин шеваи тазмини Соиб минбаъд дар адабиёти классикии тоҷик роиҷ гардид, ки намунаҳои онро мо дар таркиби ашъори Бедил низ ба мушоҳида мегирем. Ин равиш баъдан дар миёни шоирони мактаби пайрави Бедил роиҷ гардид, ки беҳтарин намунаҳои он ғазалҳои тазминии Нақибхон Туғрал бар ашъори Бедил ба шумор мераванд.

3.Соиб шумораи зиёди ғазалиёти Назирии Нишопуриро тазмин кардааст ва дар баробари ин аз сабку шеваи ғазалиёти ин шоири тозаназар истиқбол намудааст, ки ба намунаҳое аз он ишорат рафт. Ин нукот гувоҳ бар он ҳастанд, ки воқеан Назирии Нишопурӣ аз пешравони сабки ҳиндӣ шуморида мешавад, ки шоирони зиёде ин мақоми ӯро баробари эътироф намудан хеле такмил бахшидаанд, ки Соиби Табрезӣ дар сафи пеши онҳо қарор дорад.

4.Тазминҳои Соиби Табрезӣ аз Назирии Нишопурӣ аз он дарак медиҳанд, ки ҳарчанд ӯ ба шумораи муайяни ғазалҳои ҳамвазн ин корро анҷом додааст, аммо мурур ба радифҳои нодири ғазалиёти мазкур аз он гувоҳ бар онанд, ки шоир бештар ғазалҳоеро аз Назирӣ интихоб мекунад, ки дар сохтори онҳо тозагиҳое ба мушоҳида мерасанд. Ин навовариҳо бештар дар истифодаи радиф ва қофияҳои нодир ба чашм мерасад, ки ба шинохти ибтикори Назирӣ аз сӯи Соиби Табрезӣ ва иқдом дар ташаккули чунин ҷанбаҳои ашъори шоир таъкид меварзанд.

АДАБИЁТ

1. Нишопурӣ, Назирӣ. Девон. Тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Тоҳирӣ.- Теҳрон: Нигоҳ, 1389.- 672с.
2. Табрезӣ, Соиб. Девон. Ҷ.3. Ба кӯшиши Муҳаммади Қаҳрамон. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ. 1391. 1142-1568 с.
3. Табрезӣ, Соиб. Девон. Ҷ.4. Ба кӯшиши Муҳаммади Қаҳрамон. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-

фарҳангӣ. 1391. 1571-2195 с.
4. Табрезӣ, Соиб. Девон. Ҷ.5. Ба кӯшиши Муҳаммади Қаҳрамон. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ. 1391. 2196-2888 с.
5. Табрезӣ, Соиб. Девон. Ҷ.1. Ба кӯшиши Муҳаммади Қаҳрамон. – Теҳрон:, Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384, 396 с.

ВОСПРИЯТИЕ НАЗИРИ НИШОПУРИ СО СТОРОНЫ СОИБА ТАБРЕЗИ

В статье исследовано восприятие поэзии Назири Нишопури со стороны Соиба Табрези. Автором в ходе проведенных исследований и поисков по заимствованиям Соиба Табрези из поэзии Назири Нишопури установлен, что Соиб заимствовал в основном 10 газелей Назири приспособив их к своему стилю. В результате анализа автор приходит к выводу, что следование Назири и его восприятие со стороны Соиба наряду с продолжением специфической традиции классической таджикской литературы указывает на то, что это знаменитый поэт высоко оценивает поэзию Назири и следует его поэтическому стилю. Этим в ходе заимствования газелей Назири со стороны Соиба последний также показывает своего уважения и любви к поэзии и взглядам Назири.

Ключевые слова: *Соиб, Назири, литературное наследие, тазмин (заимствование), газели одного размера, радиф, рифма, стиль, бейт.*

SOIBI TABREZI WELCOMES NAZIRII NISHAPURI

This article is talking about the reception of Soibi Tabrezi the poetry of Naziri Nishapuri. In the course of his research, the author found that Soibi Tabrezi provided more than 10 ghazals of Nazirii Nishapuri in his own way. In the course of researching the subject, the author came to the conclusion that Soib's following and welcoming Naziri, along with the continuation of one of the unique traditions of classical Tajik literature, indicates that this well-known poet appreciated Naziri's poetry and welcomed his approach. At the same time, in the process of using Naziri's ghazals by Soib, mentioning his name, he also showed a special will and love for the poems and thoughts of this poet.

Keywords: *Soib, Naziri, literary heritage, use, weighty ghazals, rhyme, style, two-verse.*

Сведение об авторе:

Махмудзаде Обиджони Бекназар*, кандидат филологических наук, старший приподаватель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни, (Республика Таджикистан, г. Душанбе),E-mail: mirobid-26@mail.ru*

About the author:

Mahmudzoda Obidjoni Beknazar *- Candidate of Philological Sciences, lecturer of Department of theory and history of literature of the Tajik state pedagogical University named after S. Ayni (Republic of Tajikistan, Dushanbe), E-mail: mirobid-26@mail.ru*

УДК 047.004.02

ЛИРИКА ВТОРОГО ТОМА А. БЛОКА В ТАДЖИКСКИХ ПЕРЕВОДАХ

Холбуторова С.С.
Таджикский технический университет им. М. Осими технический колледжа
Ибрагимова З.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Надо отметить, что в современный период, также в начале 70-годов XX века на таджикский язык перевели стихотворений Александра Александровича Блока «Под масками», «Город в красные пределы» и «Памяти А.А.Фета».

В начале XX века выходит второй том лирики Блока, который составляет стихотворения 1904-1907 годов, которые отмечены не только появлением новых мотивов и образов, но также другими авторами русской литературы. По справедливому утверждению русского литературоведа З.Г. Минц, стихотворения этих лет отразили разочарование поэта «Соловьевском утопии преображения мира

силами мистической любви – скепсис, в конечном итоге, побеждает «мистические чаяния» и становится важнейшим ключом к блоковскому творчеству революционных лет» [2, с.88]. «Главным художественным орудием разрушения мистико-утопических воззрений, так и Минц З. Г. символ у А. Блока. В современный период, начиная с соответствующей системы символов» становится, по утверждению исследователя, романтическая ирония. Именно поэтому образы блоковского творчества в этот период З.Г. Минц называет анти- символами. Иначе говоря, символы превращаются в пародии на символы. Характерными примерами творчества русского поэта является известнейшее стихотворение 1906 года «Под масками», не случайно привлекшее внимание таджикских переводчиков именно это стихотворение русского поэта. Надо отметить, что это произведение русского поэта «Под масками» (1906) является одно из самых известных стихотворений Блока, который ярко отразившее «новое мироощущение» поэта, что, в свою очередь, определило и поиски «новой поэтики». Но сама суть «нового мироощущения» осмыслялась современниками поэта и исследователями его творчества по-разному.

Следует отметить, что резко отрицательно на это стихотворение отозвался С. Соловьев, который увидел здесь измену «заветам» Вл. Соловьева. «Не любил», это стихотворение, по его собственному признанию, и другой «Соловьев» – А. Белый, увидевший в нем «надрыв» Блока. Более драматичной и противоречивой представляется суть интенций, определяющих «новое мироощущение» поэта, З.Г. Минц, которая отметила как новацию «Под масками» «сложное сочетание преклонения перед красотой, волнующим чувством тайны жизни», «неутолимой потребности ее разгадать» и – признания «иллюзорности истины». Алексеев А.Н. писал: «Чувства и переживания лирического героя этого стихотворения, действительно, отмечены явными противоречиями»[1, с.10]. И столь же противоречивыми предстают и новая муза героя, загадочная героиня, и окружающий весенний мир. По справедливому утверждению З.Г. Минц, опорными в описании петербургского пригорода становятся, на первый взгляд, традиционные для Блока периода «Стихов о Прекрасной Дамы» символы: весна, вечер, дух, озеро, туман и т.д. И даже в цветовой гамме доминирует характерное для раннего Блока «золото». Однако в контексте стихотворения эти символы обретают прямо противоположный смысл, они травестируются, «превращаются в пародии на символы», что и позволяет исследователю назвать их «антисимволами».

Назаров Н.И. писал: «Так, весенний дух назван и тлетворным, что предстает весну временем не возрождения, а смерти. Вечер не соотносится с мечтой о мистической встрече с Душой мира и надеждой на преображение мира, его описание подчеркнуто прозаично: это – время прогулок испытанных остряков «среди канав с дамами» [3, с.10].Золотом покрыт крендель булочной, и это соединение золота и столь обыденной «булочной» также лишает описание мистического ореола.

Надо отметить также, что в картине мира, который созданАлександром Блоком, ключевыми становятся иные звуковые символы: не песня и смех, как в первом томе блоковской лирики, а «визг», «окрики пьяные», «детский плач» и т.д. И завершает эту картину безыдеального земного существования столь же безыдеальный небесный образ – образ луны-диска, «бессмысленно кривящегося». Метафора луна-диск подчеркивает безжизненность небесного тела, некогда опоэтизированного поэтом как Российская Венера, а глагол «кривится» уподобляет луну – маске, что акцентирует не только мысль о дисгармонии, но и о смерти. Еще более усиливает мысль о безыдеальности мира лейтмотив «И каждый вечер», указывающий на однообразие и повторяемость и земного уклада, и жизни неба. В этот безыдеальный мир органично входит и ресторанная жизнь, подчиняющаяся тому же закону повторяемости. Этот мир отмечен не только однообразием: он кажется и лишенным жизни. На мертвенность этого мира указывает и описание лакеев, которые «торчат» у столиков и кажутся абсолютно неразличимыми, одинаковыми, как и завсегдатаи ресторана – «пьяницы с глазами героя» .

Известная латинская фраза: «Invinoveritas» завершает описание мира, лишенного высокой истины. На фоне безыдеального земного и небесного мира и предстает лирический герой. В описании лирического героя автор подчеркивает, прежде всего, его одиночество. Но это одиночество все же не отделяет его от окружающего мира, он – часть этого мира, хотя всего лишь как созерцатель. Но кто героиня? Прекрасное видение? Явление Красоты или тоже часть этого «страшного мира»? По утверждению З. Г. Минц, разгадки в стихотворении нет: «лирический герой взволнованно

вглядывается в прекрасную посетительницу загородного ресторана, тщетно пытается узнать, кто перед ним: воплощение высокой красоты, образ «древних поверий» или под масками – женщина из мира пьяниц с глазами кроликов. Миг – и герой готов поверить, что перед ним просто пьяное видение, что «истина в вине».

Надо отметить, что образ главной героиня строится на основе антитезы, и эта антитетичность определяет и сопутствующие мотивы и образы (духи – и туманы, траурные перья на шляпе – и древние поверья), и чувства, которые она вызывает у лирического героя. Внутренние противоречия образа, передаются и с помощью рифмовки, объединяющей слова, которые в контексте стихотворения становятся антонимами (перьями – поверьями), и с помощью изменяющегося жизненного пространства героини: она – и здесь, в этом без идеальном мире, она проходит «меж пьяными», но она – и в идеальном пространстве, она принадлежит «очарованному берегу» и «очарованной дали»: ее очи «цветут на дальнем берегу». Характерно, что в стихотворении она всегда предстает и на фоне окна, а описанию окна сопутствует мотив тумана: окно или называется «туманным», или садится у окна, «дыша духами и туманами». И «окно», и «туман» – традиционные символы иного мира, мира потустороннего, и эти символы, сопутствующие героя, также подчеркивают ее необычность на фоне обычного мира.

Сидоров А. Н. писал: «Видение героя как будто пробуждает «ко всему приученную» душу лирического героя, и мы видим, что эта душа мучается сомнениями и противоречиями» [4,с.10]. Герой помнит, что ему «вручено чье-то солнце», что в его душе «лежит сокровище» и что «ключ» поручен только ему. В контексте ранней блоковской лирики эти строки обретают особенно трагический смысл: речь идет о той высокой миссии, которую призван был и стремился исполнить герой стихотворения «Под масками».

Оригинал: *Под масками*
А под маской было звездное. *Улыбалась чья-то повесть,*
Короталась тихо ночь. *И задумчивая совесть,*

Перевод Кутби Кирома:

Зериниқоб

Дар зерини қоб ахтаре буд, *Аз бахти касе ҳикоя мегуфт.*
Кутоҳнамуда, шоми марбуд. *Вичдони хаёлию парешон.*

Надо отметить, что в переводе данного стихотворениярусского поэта демоническое начало в поэтической жизни героя все же явно приглушено, не становится доминантой. Следует отметить, что доминирует ощущение тайны и красоты, что и привлекло, вероятно, внимание таджикского переводчика.

Надо подчеркивать, что в таджикском литературоведении известны четыре перевода блоковского стихотворения «Под масками» на таджикский язык. Его переводили В.Мухамад (1981), Юсуф Аброр (1985), ШералиМастон (1990) и Кутби Киром в 2006 году.

Таким образом, перевод Кутби Кирома , – известного таджикского поэта и переводчика, представляется одним из наиболее удачных. Александр Александрович Блок относится к числу любимых поэтов таджикского поэта Кутби Кирома. Являясь поклонником Александра Блока, он перевел многие его известные произведения, в том числе стихотворения «Под масками», «Памяти А.А.Фета», поэму «Возмездие», которые являются очень актуальными в таджикском литературоведении.

ЛИТЕРАТУРА

1.Адамович Г.В. Дальние берега: Портреты писателей эмиграции. М., 1994. - 453 с.

2.Адамович Г.В. А.А.Блок / Г.В.Адамович/. Одиночество и свобода.— М.: Республика. 1966. - с.37-52.

3.Айхенвальд Ю.И. А.А.Блок / Избранная поэзия. Книга для ученика и учителя (Под ред.А.С.Гуровой).— М.: Олимп. 1996. — С.579-609.

4.Айхенвальд Ю.И. И. А.А.Блок / Ю.И.Айхенвальд / Силуэты русских поэтов. М.: Республика, 1998. — С.115-132.

5.Алексеев А.Н. Дооктябрьская поэзия А.Блока.- М.: Наука, 2010.- 232с.

6.Альберт, Д.И. Проблема памяти в системе этико-философских и эстетических взглядов А.Блока /Д.И.Альберт/ Вопросы русской литературы. Львов: Изд-во при ЛГУ издательского объединения «Вища школа», 1983. Вып. 1(41).с.113-120.

7.Архангельский А.Н. Последний классик /А.Н.Архангельский / А.А. Блок. Избранная проза. Книга для ученика и учителя. Под ред. А.С.Гуровой. М.: Олимп, 1996. с.5-19.
8. Минц З.Г. Особенности творчества А.Блока.- М.:Наука, 2001.- 201с.
9.Назаров Н.И.Характеристика поэзии русского поэта.- М.: Наука, 2007.- 243 с.
10. Сидоров А.Н. Русский поэт XX века А.Блок.- М.: Художественный мир, 2008.- 287 с.

ЛИРИКА ВТОРОГО ТОМА А. БЛОКА В ТАДЖИКСКИХ ПЕРЕВОДАХ

В статье автор анализирует переводы на таджикский язык великого русского поэта XX века Александра Блока. На обширном материале автор статьи анализирует переводы произведений русского поэта на таджикский язык. Следует отметить, что типичным примером является знаменитое стихотворение «В маске», не случайно привлекшее внимание таджикских переводчиков. Поэма «Под масками» - одно из самых известных стихотворений Блока, ярко отразившее «новое мировоззрение» поэта, которое, в свою очередь, определило и поиск «новой поэтики». Но суть «нового мироощущения» современниками поэта и исследователями его творчества постигалась по-разному. Следует отметить, что метафора лунного диска подчеркивает безжизненность небесного тела, когда-то поэтического поэта называемого русской Венерой, а глагол «скручивает» уподобляет Луну - маску, которая подчеркивает не только идею дисгармонии, но и смерть. Идея мира без идеальности подкрепляется лейтмотивом «И каждый вечер», указывающим на единообразие и повторяемость как земного пути, так и жизни небесной. Ресторанная жизнь, подчиняющаяся тому же закону повторяемости, также органично входит в этот несовершенный мир.

Ключевые слова: *стихотворение, перевод, А.Блок, таджикский язык, метафора, вечер, под масками*

THE LYRICS OF THE SECOND VOLUME OF A. BLOK IN TAJIK TRANSLATIONS

In this article, the author analyzes the translations of the great Russian poet of the twentieth century, Alexander Based on extensive material, the author of the article analyzes the translations of the works of the Russian poet into Tajik.It should be noted that a typical example is the famous poem "Masked", which did not accidentally attract the attention of Tajik translators. The poem «Under the Masks» is one of Blok's most famous poems, which vividly reflected the poet's «new outlook», which, in turn, also determined the search for «new poetics».

But the essence of the «new attitude» was comprehended by contemporaries of the poet and researchers of his work in different ways. It should be noted that the moon-disk metaphor emphasizes the lifelessness of the celestial body, once poetized by the poet as the Russian Venus, and the verb «twists» likens the moon - the mask, which emphasizes not only the idea of disharmony, but also death.The idea of without ideality of the world is further reinforced by the leitmotif «And every evening», indicating the uniformity and repeatability of both the earthly way and the life of heaven. Restaurant life, which obeys the same law of repeatability, also organically enters into this imperfect world.

Keywords: *poem, translation, A. Blok, Tajik, metaphor, evening, masked.*

Сведениеобавторах:

Холботурова Суфия Субхонкуловна *- заведующей кафедры иностранных языков Таджикского технического университета имени М.Осими технического колледжа Электронный почта: xolboturova@inbox.ru*

ИбрагимоваЗулайхо -*ассистент кафедры социальной психологии и семейных отношений Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Тел. (+992) 988208828 Электронный почта: xolboturova@inbox.ru*

About the authors:

Kholboturova Sufia Subkhonkulovna - *Head of the Department of Foreign Languages of the Tajik Technical University named after M. Osimi Technical Colleg; E-mail: xolboturova@inbox.ru*

Ibragimova Zulaykho *- the assistant of Department of Social Psychology and Family Relations of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: xolboturova@inbox.ru Phone: (+992) 988208828*

УДК: 323.13 (575.3)

АРЗИШИ ТАЪРИХӢ ВА ПАҲЛӮҲОИ ГУНОГУНИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ғаффорӣ Н.У.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Муҳиддинова С.М.
Институти илмӣ тадқиқотии ДМТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1992 - 1997 дар таърихи худ душвортарин давр, ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки он сабабҳои худро дошт. Бо андешаи мо сабабҳои ба амал омадани ин ҷанг мухтасар инҳоаянд:

Сабабҳои иқтисодӣ. Дар ҷумҳурӣ нобаробар ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ, яъне дар ноҳияҳои Шимол бештар ва дар ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубӣ камтар ҷойгир шудани онҳо, боиси норозигии баъзе гурӯҳҳои ҷанубӣ гардида буд.

Муносибати Ҳокимияти Шӯравӣ нисбат ба дин. Бо сабабҳои маълум руҳониён ҳеҷ гоҳ нисбат ба Давлати Шӯравӣ хайрхоҳ набуданд. Сиёсати Давлати Шӯравӣ ҳам нисбат ба дин чандон дуруст набуд. Ҳамин ки сиёсати горбачёвӣ ҷамъомаду гирдиҳамоиҳоро ба вуҷуд овард, фаъолияти руҳониён пешвои ҳаракати зиддикоммунистӣ ва зиддишӯравӣ гардиданд;

Сабабҳои иҷтимоӣ. Бо канда шудани алоқаи байни корхонаҳои саноатӣ ва аз кор бозмандани онҳо боис гардид, ки дар ҷумҳурӣ рӯз аз рӯз сафи бекорон афзуд. Чунин ҳолат вазъи иҷтимоии қисми зиёди аҳолиро бад кард. Ин қисми аҳолӣ сабабгорӣ бад шудани аҳволашонро дар сиёсати ҳукумати ҳамонвақта медиданд, бинобар ин ба муқобилашон бархестанд;

Сабабҳои сиёсӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 70 сол дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ буд ва дар ин давр ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ (КПСС) ҳизби яккаҳукмрон ба ҳисоб мерафт. Ҳар гуна амри ин ҳизбро ҳизбҳои коммунистии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳам бе чуну чаро иҷро мекарданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ мустақилона сиёсат набурдаанд. Истиқлолият барои тоҷикистониён, аз ҷумла роҳбаронаш, тӯҳфае буд, ки аксарият интизораш набуданд. Бо ҳамин сабабҳо Президенти ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев сиёсати дурусти мустақили муттаҳидкунанда ва пешбарандаро муайян карда натавонист. Дар замони роҳбарии ӯ, дар ҷумҳурӣ баъзан ҳолатҳои ҳатто беҳокимиятӣ мушоҳида карда мешуд.

Хулоса, сабабҳои дар боло ишораёфта боиси ҷанги шаҳрвандӣ гардидаанд, ки минбаъд мо бояд ҳамаи ин ҳолатҳоро ба эътибор гирифта, баҳри пойдории ҷумҳурии соҳибистиқлоламон кӯшиш ба харҷ диҳем, то ин ки дигар ягон нишонае чунин музаффарияти бебаҳои халқамон – истиқлолияти давлатиро халалдор нанамояд.

Эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои нооромии мамлакат мегузашт. Махсусан дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоиҳои беохири зиддикоммунистӣ мегузаштанд. К. Аслонов, ки дар замони Шӯравӣ то ба мансаби котиби кумитаи марказии ҳизби коммунистии Тоҷикистон расида буд, дар давраи нав, вазифаи раиси Шӯрои Олӣ ва иҷрокунандаи вазифаи Президенти ҷумҳуриро ба ӯҳда гирифта, тамоман мавқеи зиддикоммунистиро ишғол намуд.

23 сентябри соли 1991 иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Аслоновро аз вазифаи раиси Шӯрои Олӣ озод намуд ва ба ин вазифа Раҳмон Набиевро интихоб намуд. Р. Набиев дар як вақт иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ҳолати ногувори Душанбешаҳрро ба инобат гирифта, дар шаҳр то январи соли 1992 ҳолати фавқулодда эълон карда шуд. Вале он 5 октябри ҳамон сол бекор гардид.

24 ноябри соли 1991 дар ҷумҳурӣ интихоботи Президент гузаронида шуд. Дар он номзадии 9 нафар Р.Набиев, Д.Худоназаров, И.Давлатов, С.Тураев, Қ.Аслонов, Х.Насриддинов, Н.Махсумов, Б.Шоев, Б.Салимов пешниҳод гардида буд ва Раҳмон Набиев Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон интихоб шуд. Баъди он 12 декабри соли 1991 Сафаралӣ Кенҷаев раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардид.

Дар асоси сабабҳои дар боло ишораёфта дар ҷумҳурӣ то моҳи октябри соли 1991 ҳам нишонаҳои мухолифат вуҷуд доштанд. 26 марти соли 1992 дар шаҳри Душанбе, дар майдони назди қасри Президент, ки майдони Шаҳидон ном дошт, гирдиҳамоии тӯлонии мухолифини ҳукумат ба амал омад. Дар он мақомоти роҳбарӣ дар ихтиёри ҳизби наҳзати ислом буд. Ҳизби демократии Тоҷикистон ва маҳфилҳои сиёсии «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва ғайра иттифоқчиёни ҳизби наҳзати ислом буданд. Ҳозирини майдон, минбари онро ба хубӣ истифода бурда, бештарашон

нисбати ҳукумат суханҳои танқидӣ гуфта, истеъфоашро талаб мекарданд. Дар чунин лаҳзаи ҳассос вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ ҳам бетерафии вазорати худро эълон карда, дар амал мухолифинро дастгирӣ мекард. Бо талаби ин майдон С.Кенҷаев ба истефо рафт ва Акбаршо Искандаров раиси Шӯрои Олӣ гардид.

Охири моҳи апрели соли 1992 дар майдони дигари Душанбешаҳр, ки он вақт майдони Озодӣ ном гирифта буд (ҳоло майдони Ваҳдат), ба тарафдории ҳукумати расмӣ гирдиҳамоии нав ба амал омад. Иштирокчиёни ҳар ду майдон рӯз ба рӯз зиёд мегардиданд. Маркази шаҳрро хаймаҳои тарафҳои муқобил фаро гирифта буданд. Дар майдони «Шаҳидон» даромадгоҳи қасри Президент, дар майдони «Озодӣ» бошад даромадгоҳи вазорати корҳои хоричӣ ва Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ба минбари тарафҳои муқобил табдил ёфта буданд. [1. 1992]

Хулоса, аз баҳори соли 1992 дар Душанбешаҳр, дар натиҷаи ба ду майдони ба ҳам муқобил тақсим гардидани мардум, нисбат ба ҳамдигар истифода бурдани суханҳои таҳкиромез мегуфтанд ва ин вазъиятро хеле муташанниҷ гардонида буд. Ҳамон вақт Душанбешаҳр, пойтахти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба як бочкаи пур аз маводи тарканда монандӣ дошт, ки ҳар лаҳза интизори таркидан буд. Ниҳоят, ин бочка аввали моҳи майи соли 1992 таркид ва дар натиҷа ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд.

Оғози амалиёти ҷангӣ: 5 майи соли 1992 дар гардиши Олӣ Совет, шоҳроҳи Душанбе – Ёвон хуни одамӣ рехт ва он барои оғози муқовимати муссалаҳонаи тарафҳои муқобил баҳона гардид. Сабаби хунрезӣ он буд, ки тарафдорони майдони «Шаҳидон» аз ҳамин гардиш нагузоштанд, ки хӯроквории аз гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб, барои майдони «Озодӣ» овардаро гузаронанд. Ба муқобили онҳо аз аслиҳа оташ кушоданд. Дар натиҷа якчанд нафар ҳалок ва захмӣ гардиданд. Бо ҳамин воқеа ҳозирини майдони «Озодӣ» ба ноҳияҳои худ пораканда шуда рафтанд. Вале гирдиҳамоии майдони «Шаҳидон» то 17 майи соли 1992 идома ёфт.

Дар чунин вазъи душвори ба амаломада, дар шаҳри Душанбе, як гурӯҳ равшанфикрони ҷумҳурӣ, аз ҷумлаи олимон, фаъолони меҳнат, ва ғайра оқибати бади воқеи «5 – уми май» - ро эҳсос карда, кӯшиш карданд, ки ҳар ду тарафи муқобилро созиш диҳанд. 7 майи он сол ҳатто протоколи созишномаи ҳукумати ҷумҳурӣ ва тарафи мухолифин имзо гардид. Аммо ин созишнома ҳам дер давом накард.

Ҷанги шаҳрвандӣ баъди Душанбешаҳр зуд бисёр ноҳияҳои водии Ҳисор ва Вахшро фаро гирифт. Дар ин ноҳияҳо ҳам аввалин қурбониҳо, маҷрӯҳон ва гурезаҳо ба амал омаданд. Аммо вазъи фоҷеавии Душанбешаҳр он ноҳияҳоро ба ҳолати боз ҳам сангинтар гузошта буд.

Дар Душанбешаҳр тарафи мухолифин мавқеи худро рӯз аз рӯз мустаҳкам менамуд. Бо ташаббуси онҳо 24 августи соли 1992, дар рӯзи равшан, додситони генералии ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев, ки муқобили онҳо буд, кушта шуд. Қӯмандони гвардияи Президенти ҷумҳурӣ, генерал Б. Раҳмонов, ки ҳамон вақт қасри Президентиро мудофиа мекард, ба қасами худ хиёнат карда, ба тарафи мухолифин гузашт. Ӯ инчунин ҳамроҳи худ қисми зиёди лавозимоти оташфишонро низ ба тарафи мухолифин гузаронид. Чунин ҳолат имконият дод, ки 31 августи ҳамон сол тарафи мухолифин қасри Президентро ишғол намуда, молу мулки онро ғорат намояд. Президент Р. Набиев, аз тарс як ҳафта дар Қаратоғ пинҳон шуд. 7 сентябр ӯ ба кор баромад ва ҳангоми ба сӯи Ҳуҷанд гурехтан, дар фурудгоҳи Душанбешаҳр, аз тарафи гурӯҳи яроқноки мухолифин маҷбур карда шуд, ки ба истеъфо барояд.

Ҳамин тавр, дар Душанбешаҳр - пойтахти Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳокимият пурра ба ихтиёри тарафи мухолифин гузашт. Дар чунин ҳолат Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҳам озодона фаъолият карда натавонист. Тарафи мухолифин хар лаҳза намояндагони мардумӣ ва аъзоёни ҳукуматро, ки аз рӯи нақшаи онҳо амал намекарданд, гаравгон мегирифтанд. Радио ва оинаи нилгуни ҷумҳурӣ ҳам дар ихтиёри тарафи мухолифин буд.

Хулоса, дар Душанбешаҳр тамоми рукнҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида буд. Чунин ҳолат зарурияти ҳокимияти нави қонунии ҷумҳуриро ба вуҷуд овард, ки онро бояд ҳар ду тарафи муқобил эътироф намоянд. Чунин ҳокимиятро бояд иҷлосияи Шӯрои Олӣ ташкил медод, ки барояш дар шароити ҳамонвақтаи Душанбешаҳр, холисона ташкил намудани чунин ҳокимият ғайри имкон буд.

Музокироти байни тоҷикон ва имзои созишномаи сулҳ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ якчанд маротиба кӯшишҳои муросои миллӣ карда шуд. Ба ин кӯшишҳои моҳи майи соли 1992 дар Душанбешаҳр, августи он сол дар Хоруғ, ноябри ҳамон сол дар Ҳуҷанд ва ғайра мисол шуда метавонад. Аммо онҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Зеро, он давр дар баробари боло гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ, мавқеи ҳукуматӣ ва мухолифин низ аз ҳамадигар дуртар мешуд. Ба ғайр аз ин тарафи ҳукумат барои ҳамчун қувваи ягонаи ҳарбию сиёсӣ эътироф намудани мухолифин, аз ҷумла гурӯҳҳои муссалаҳи он дар ҳудуди Афғонистон, ҳанӯз омода набуд. Ба қавли ин ҷониб, бо мухолифини дохилӣ забон ёфтан имконпазир аст. Аммо таъкид мекарданд, ки гурӯҳҳои мусаллаҳи дар Афғонистон буда, баъди ҳалли силоҳ, ба сифати гурезаҳо бояд баргардонида шаванд.

Танҳо аз соли 1993, баъди он ки амалиётҳои ҷангӣ каме суст гардид зарурияти муросои миллӣ боло гирифт. Ба ин вазъи ҳамонвақтаи Афғонистон низ таъсири худро расонид. Зеро, дар ин ҷо толибон ҳокимиятро ба даст даровардaнд. Ҳукумати қонунии Афғонистон бо сарварии Президент Раббонӣ дар қисми шимолии мамлакат ҷой гирифт. Муқовимати зидди толибонро Аҳмадшоҳи Масъуд сарварӣ мекард. Баъди чунин ҳолат Созмони Миллали Муттаҳид, давлатҳои Русия, Эрон ва ғайра ҳукумати Раббониро дастгирӣ намуданд. Алоқаи мухолифини тоҷик аз толибон тамоман канда шуд. Ин ҳама дигаргуниҳо мухолифини тоҷикро водор намуд, ки мавқеи худро бо мавқеи ҳукумати Тоҷикистон наздик намояд. Музокироте, ки августи соли 1993 байни намояндагони ҳукуматӣ ва мухолифин барпо гардид, мавқеи тарафҳо дар музокиротҳои минбаъда аниқ карда шуд. **Аз ҷумла ҳукумати ҷумҳурӣ мавқеи худро дар ҳалли 5 масъалаҳои зерин медид:**

1. Бозгашти таъҷилии ҳамаи гурезаҳо аз шимоли Афғонистон;
2. Гуфтушунидҳои бисёрҷониба бо ҳукуматҳоои Афғонистон, Эрон, Покистон, Арабистони Саудӣ ва дар ин масъала истифода бурдани кӯмаки Созмони Миллали Муттаҳид (ООН);
3. Даст кашидан аз истифодаи қувва;
4. Барои нигоҳдории оромӣ, ба сарҳади Афғонистон ҷалб намудани қуввaҳои Созмони Миллали Муттаҳид (ООН);
5. Ҳалли ҳама гуна масъалаҳо бевосита бо роҳи гуфтушуниди тарафҳо.

Тарафи мухолифини тоҷик мавқеи худро дар ҳалли 4 масъалаҳои зерин пешниҳод карда буд:

1. Ҳалли масъалаи гурезаҳо;
2. Кафолати амнийт ва дахлнопазирии гурезаҳо;
3. Авфи умум;
4. Ноил гардидан ба ҳалли масъалаи қуввaҳои мусаллаҳи мухолифини тоҷик, ки дар хоки Афғонистон қарор доранд.

Ҳамин тавр то апрели соли 1994 дар байни намояндагони ҳукуматӣ ва мухолифини тоҷик ҷараёни наздиккунии ақидаҳо ва мавқеъҳо идома ёфт. Аз ҳама муҳимаш тарафҳо якдигарро эътироф карданд.

Аз 5 то 19 апрели соли 1994 дар шаҳри Москва, даври аввали гуфтушуниди байни тоҷикон, баргузор гардид. Дар он гурӯҳи тарафи ҳукуматиро Ш. Зуҳуров (хамон вақт вазири меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ) ва тарафи мухолифинро О. Латифӣ (ҷонишини роҳбари ҳайат) сарварӣ мекарданд. Масъалаҳои асосии музокирот: оиди оташбас, гурезаҳо ва муҳоҷирон буданд.

Аз 18 то 28 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон даври дуюми гуфтушунид ба амал омад. Масъалаи асосии музокирот оташбаси муваққатӣ ба ҳисоб мерафт. Аз 20 октябр то 1 декабри соли 1994 даври сеюми музокирот дар шаҳри Исломобод, масъаларо дар бораи комиссияи муштарак оид ба татбиқи созишномаи оташбас муҳокима намуд. Музокиротҳои минбаъда, аз ҷумла давраи чаҳорӯм, аз 22 май то 2 июни соли 1995 дар шаҳри Алма Ато; даври панҷум, аз 30 ноябр то 23 декабри ҳамин сол дар шаҳри Ашқобод баргузор гардиданд. [2. с.43.]

Соли 1996 байни тоҷикон ягон даври расмии гуфтушунид ба амал наомад. Вале худи ҳамин сол намояндагони ҳар ду тараф дар Ашқобод, Теҳрон, Хостдеҳи Шимолии Афғонистон ва Москва во хӯрданд. Дар ин сол дар гуфтушуниди байни тоҷикон дигаргунии куллӣ ба амал омад. 11 декабри соли 1996 дар Хостдеҳи шимоли Афғонситон бори аввал Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари «иттиҳоди мухолифини тоҷик» Саид Абдуллои Нурӣ ба ҳам вохӯрданд. Бинобар ҳамин ҳам барои бо ҳам наздик намудани мавқеи ҳукуматӣ ва мухолифини тоҷик ва дар сатҳи баланд ташкил намудани музокирот, онҳо мақоми бузургеро бозидаанд.

Дар ҳамин давр дар дохили ҷумҳурӣ ҳам руҳияи сулҳхоҳӣ хело боло гирифта буд. 9 марти соли 1996 қариб 30-ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон»-ро имзо намуданд. Мақсади асосии он ҳар чӣ зудтар ноил гардидан ба сулҳи байни тоҷикон ба ҳисоб мерафт.[3, с.133.]

Маҳз дар сатҳи баланд барпо гардидани мулоқоти тарафҳо, минбаъд музокироти байни тоҷиконро сермаҳсул намуд ва чунин музокиротҳо тез – тез ба амал омаданд. Аз ҷумла, даври шашуми музокирот аз 4 то 19 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон; даври ҳафтум аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар шаҳри Москва; даври ҳаштум 8 – 18 апрели, 21 – 29 майи он сол дар шаҳри Теҳрон ба амал омаданд. Албатта сермаҳсул будани ин музокиротҳо имконият доданд, ки 24-27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва даври хотимавии музокироти байни тоҷикон барпо гардад. Баъзан ин даврро даври нуҳум ҳам меноманд, ки дар сатҳи баланди тарафайн гузашт.27 июни соли 1997 ҳуҷҷати барои тоҷикон ва Тоҷикистониён муҳимтарин «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» аз тарафии Президенти ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари «Иттиҳоди мухолифини тоҷик» Саид Абдуллои Нурӣ имзо гардид. Дар қатори ин ҳуҷҷат боз «Изҳороти Москва», «Протоколи ҳамдигарфаҳамӣ» ва ғайраҳо имзо шуданд. [4, с.214-215.]

Ҳамин тавр, музокироти байни тоҷикон, ки баҳри сулҳ ва вахдати миллӣ дар Тоҷикистон аз моҳи апрели соли 1994 оғоз гардида буд, 27 июни соли 1997 бо натиҷаи хуб анҷом ёфт. Яъне, ин музокирот 40моҳ давом карда, душвориҳои зиёдро паси сар намуд ва ниҳоят ба мақсад расид. Бо ҳамин чанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 5 майи соли 1992 сар шуда буд, 27 июни соли 1997 бо вахдати миллӣ анҷом ёфт. Бинобар ҳамин ҳам дар ҷумҳурии мо ҳар сол 27 – уми июн ҳамчун «Вахдати миллӣ» ҷашн гирифта мешавад.

Бо мақсади пайдор нигоҳ доштани чунин дастоварди таърихӣ, яъне вахдати миллӣ ҳанӯз 18 июли соли 1997 «Ҳаракати вахдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикитсон» - ро ташкил доданд. Президенти ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон раиси он интихоб гардид. Дар амал ин ҳаракат баҳри мустаҳкам намудани асосҳои вахдати миллӣ хизматҳои босазое карда истодааст. Ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ ва ноил гардидан ба вахдати миллӣ аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Он на танҳо давлатдории соҳибистиқлоли тоҷиконро аз парокандагию нестшавӣ раҳоӣ дод ва ҷариб ҳамаи гурезагони иҷбориро баргардонид, балки исбот намуд, ки ҳангоми дар мадди аввал гузоштани манфиати миллат ҳар гуна душвориҳоро паси сар кардан мумкин аст. Бо ҳамин сабабҳо бисёре аз ташкилотҳои байналхалқӣ ва давлатҳои ҷаҳонӣ таҷрибаи сулҳи тоҷиконро аз ҳар ҷиҳат омӯхта истодаанд.

Комиссияи оштии миллӣ. Ҳанӯз 11 декабри соли 1996, ҳангоми вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ, ки дар Ҳосдеҳи Шимоли Афғонистон барпо гардид, масъалаи ташкил намудани комиссияи оштии миллӣ ба миён гузошта шуда буд.

Мақсади комиссияи оштии миллӣ – ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдор нигоҳ доштани сулҳ ба ҳисоб мерафт. Комиссияи оштии миллӣ бо фармони Президенти ҷумҳурӣ Э. Раҳмон 4 июни соли 1997 бунёд карда шуд. Барои фаъолияти он меҳмонхонаи «Вахш» - и шаҳри Душанберо интихоб намуданд. Машварати нахустини комиссия дар шаҳри Москва, аз 7 – то 11 июли ҳамон сол барпо гардид. Дар шаҳри Душанбе аввалин машварати он 15 сентябри он сол ба амал омад. Сарвари комиссия, роҳбари мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ таъин гардид. Комиссия аз 4 зеркомиссияҳои зерин иборат буд: сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва оиди гурезагон.[5. 22 июня.]

Дар давоми фаъолияти комиссия, то ин ки тарафҳо бо ҳам наздиктар шаванд, баъзе кӯшишҳои ҷиддӣ карда шуд. Аз ҷумла, бо талаби тарафи мухолифин 26 сентябри соли 1999 бо роҳи райпурсии умумихалқӣ ба қонуни асосӣ – Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тағйироту иловаҳо дароварда шуд. 28 сентябри соли 1999 Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, ба тарзи расмӣ, номнавис карда шуд. [6. 10 января.]

27 феврали соли 2000 интихобот ба Маҷлиси Намояндагон гузаронида шуд, ки дар он аз 6 ҳизбҳои сиёсии дар ҷумҳурӣ номнавис шуда, 3 ҳизбҳои зерин шарти 5% - ро иҷро намуда, ба он ширкат варзиданд: ҳизби халқӣ – демократии Тоҷикистон, ҳизби комунистии Тоҷикистон ва ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон. Дар натиҷаи ин интихобот аз 63 намоянда, 60 нафарашон интихоб шуданд. Се нафари дигар баъдтар, интихоб шуданд.

23 марти соли 2000 интихобот ба Маҷлиси Милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид. Дар натиҷаи он 34 нафар аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ба мӯҳлати 5 сол таъин гардиданд.

Ҳамин тавр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парламенти касбӣ, дар шакли Малиси Намояндагон ва Маҷлиси Миллии Маҷлисӣ Олӣ, яъне ду палатагӣ ташкил ёфт. Дар натиҷа комиссияи оштии миллӣ вазифаи худро иҷро намуд. Бо назардошти ин 1 апрели соли 2000, дар асоси Укази Президенти ҷумҳурӣ, комиссияи оштии миллӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро қатъ намуд. Ин комиссия дар натиҷаи фаъолияти 998 рӯзаи худ (ё худ 2 солу 8 моҳу 25 рӯза) тавонист барои амалӣ намудани натиҷаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон кӯшишҳои ҷиддӣ намояд ва бо ин барои пойдории сулҳи тоҷикон ҳиссаи босазое гузорад. Барои бо мувафақият анҷом ёфтани кори комиссия, ташкилотҳои байналхалқӣ, махсусан Созмони Миллали Муттаҳид (СММ - ООН), Созмони амнияти ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲЕ - ОБСЕ) ва дигарон ҳиссаи худро гузоштанд. [7. 1998, №2]

Ба хотири дарки арзиши таърихии истиқлолият ва дарёфти роҳҳои таҳкими он мо паҳлуҳои гуногуни ин неъмати азизи худододро гаштаву баргашта мавриди арзёбӣ қарор медиҳем. Зеро истиқлолияти Тоҷикистон на фақат дар асри охир, балки дар садсолаҳои дарози сарнавишти куҳан ва тақдири иҷтимоии халқамон пирӯзии бузург маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ

1. Постановление Верховного Совета Республики Таджикистан «Об освобождении от ответственности участников митинга на площади «Шахидон»г.Душанбе от 22 апреля 1992г. // Вечерний Душанбе, 1992 24 апреля».
2. Деклорасия Ашкобод дар бораи чамъбасти мархалаи дувуми гуфтушуниди байни точикон оид ба оштии милли зери сарпарастии СММ. Аз 18 мохи феврали соли 1996.// Рохи сулх...-с.43.
3. Неруи муттахид кунандаи миллат.– Душанбе: Шарки озод, 2011.–С. 133.
4. Совместное заявление делегации правительства Республики Таджикистан и делегации Объединенной таджикской оппозиции по итогам раунда межтаджикских переговоров в Москве с 26 февраля по 8 марта 1999 года//Дорога мира

(Документы межтаджикских переговоров). - Душанбе, 1997.-С.214-215.
5. Нури С.А. «Мы добились самого главного-мира и стабильности в стране»: 27 июня-День национального единства // Вечерний Душанбе.-2001.-22 июне.
6. Протокол об основных функциях Комиссии по национальному примирению // Народная газета.-1997.-10 января.
7. Закон Республики Таджикистан «О политических партиях». // Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон.- 1998, №2

ИСТОРИЧЕСКИЙ ЦЕННОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ УСТАНОВЛЕНИЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО СОГЛАСИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В этом резюме раскрывается историческое значение изучения и обобщения вопросов гражданской войны. Борьба таджикского народа за мир и национальное единство в Таджикистане, начавшаяся в апреле 1994 года, завершилась 27 июня 1997 года с хорошими результатами. Другими словами, эти переговоры длились 40 месяцев, преодолели множество трудностей и наконец достигли цели. Таким образом, гражданская война в Республике Таджикистан, начавшаяся 5 мая 1992 года, закончилась 27 июня 1997 года национальным единством.

Мы должны принять во внимание все эти обстоятельства и приложить все усилия для обеспечения стабильности нашей независимой республики, чтобы не было другого знака столь бесценного достижения нашего народа - государственной независимости.

Чтобы независимость Таджикистана была стабильной, а наша страна заняла особое место в мировом сообществе и заняла место в рядах развитых стран, мы должны понять свое прошлое и с удвоенной энергией и решимостью противостоять вызовам сегодняшнего и будущего.

В целях защиты независимости нашей страны и обеспечения устойчивого экономического и социального развития нашей страны мы обязаны разрабатывать и проводить нашу государственную политику с учетом национальных интересов, реальных возможностей и ресурсов, национального опыта государственности и международно признанных стандартов.

Ключевые слово: *гражданская война, право, закон, мир, история, соглашение, политика, национальное примирение, переговоры, консультации, беженцы, независимость.*

HISTORICAL VALUE AND FEATURES OF ESTABLISHMENT OF PEACE AND NATIONAL CONSENT IN TAJIKISTAN

This summary covers the historical significance of studying and summarizing the issues of the civil war. The struggle of Tajik people for peace and national unity in Tajikistan, which began in April 1994, ended on June 27, 1997 with good results. In other words, these negotiations lasted for 40 months, overcame many difficulties and finally reached the goal.

Thus, the civil war in the Republic of Tajikistan, which began in May 5, 1992, ended in June 27, 1997 with national unity. We must take into account all these circumstances and make every effort to ensure the stability of our independent republic, so that no other sign of such an invaluable achievement of our people - state independence.

In order for the independence of Tajikistan to be stable and our country to find its special place in the world community and take a place in the ranks of developed countries, we must understand our past and face the challenges of today and the future with renewed vigor and determination. In order to protect the independence of our country and ensure the sustainable economic and social development of our country, we are obliged to develop and conduct our state policy, taking into account national interests, real opportunities and resources, national statehood experience and internationally accepted standards.

Keywords: *Civil War, Law, Law, Peace, History, Agreement, Politics, National Reconciliation, Negotiations, Consultations, Refugees, Independence.*

Сведение об авторах:

Гаффори Нуъмонджон Усмонзода - *доктор исторических наук, профессор, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Адрес: проспект Редаки 121. Электронная почта: numonjon – gmail.ru*

Мухиддинова Савсангул Мирзоолимовна *- научный сотрудник одела гуманитарных социально-экономических наук научно исследовательского Института Таджикский национальнный университет Адрес: пр. Рудаки 17 Телефон (+ 992) 555503435*

About the authors:

Gaffori Nu'monjon Usmonzoda - *Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Address: Avenue Revii 121 E – mail: numonjon – gmail.ru*

Mukhiddinova Savsan Mirzoolimovna *- researcher clothed the humanities and social sciences of the Scientific Research Institute of the Tajik Nanional UniversityAddress: Rudaki Avenue 17, Phone (+ 992) 555503435*

УДК:930(575)

СОТРУДНИЧЕСТВО ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКИХ СТРАН ПО ВОПРОСАМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Мирзоев Н.М., Мирзоева Ф.Б.
Таджикский национальный университет

Глобализация является феноменом нового тысячелетия, которая внесла в мир много положительных аспектов, и страны региона начали быстро использовать её для улучшения качества жизни государств региона. Но также стоит помнить, что процессы глобализации столкнули государства Центральной Азии с негативными последствиями, которые несут в себе определённые опасности и риски. Такие явления нового времени, как терроризм, политический и религиозный экстремизм, организованная и трансграничная преступность, сепаратизм, незаконный оборот наркотиков и оружия, межэтнические конфликты и многое другое, в данное время представляют собой новые вызовыи угрозы для стабильности и безопасности стран Центральноазиатского региона и всего мира в целом. Распространения новых вызовов и угроз приобрел мировой характер, и именно поэтому необходимо действовать сообща, так как данные проблемы способны разрушить всю цивилизацию мирового сообщества.

Данные вопросы для коллективных действийи общего сотрудничества в целях уничтожения угроз происходящих из новых вызовов, являются весьма актуальными для всех стран Центральноазиатского региона. Это показано тем, что влияние вышеназванных факторов в современной политической и экономической ситуации Центральноазиатского региона характеризуется недостаточной стабильностью, а также увеличением напряженности. Кроме того, само географическое расположение региона – это близость стран исламского мира, Афганистана, ядерных держав, границы Китая и России, наличие природных и энергетических ресурсов, всё это делает регион центром внимания ведущих держав и причиной экономических и военно-политических взаимодействий и разногласий, которые могут послужить отправной точкой для дестабилизационного начала в молодых независимых государствах, и Евразийского континента в целом.

Доктор политических наук,Малышева Д.Б. подчёркивает, что до сих пор «сохраняется в Центральной Азии и террористическая угроза, обусловленная, в числе прочего, распространением в ряде государств региона подпитываемых извне течений и движений религиозно-экстремистской направленности. Вызов безопасному развитию центральноазиатских государств несет и региональная трансграничная преступность, но особую проблему создает одно из наиболее нестабильных государств региона – Афганистан» [3, с.48]. Новые угрозы, исходящие из нестабильного Афганистана остаются одним из главных пунктов нерешенной ситуации не только Евразийского континента, но мира в целом, проблема распространяется как «всеобщая цепь».

Нестабильная ситуация в стране и многолетний хаос, бедность, превратили Афганистанв источник распространения международного терроризма, экстремизма и наркотиков. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмонотметил, что - «Процесс восстановления мира и стабильности в Афганистане на нынешнем этапе особо нуждается в развитии человеческого фактора. Поэтому налаживание регионального сотрудничества в целях обеспечения необходимыми специалистами различных секторов национальной экономики Афганистана должно стать одним из ключевых направлений деятельности международных партнеров» [10, с.214]. Также стоит отметить, что действия, которые предпринимаются международным сообществом для улучшения ситуации и качества жизни Афганистана, является сложным или почти неодолимым началом длительного процесса, который требует от ключевых заинтересованных государств при проведении единой согласованной политики в урегулировании ситуации Афганистана.

По мнению научного сотрудника кафедры международных отношений Казахского университета международных отношений и мировых языков Тулеева М.С.: «Одним из факторов проявления международного терроризма в странах Центральной Азии является наркотрафик из Афганистана. В последнее время во всех постсоветских республиках наблюдается заметный рост потребления наркотиков афганского происхождения»[7, с.191].Тем самым, мы становимся свидетелями того, насколько дестабилизирующе сказывается общая граница с Афганистаном, и для этого первым делом необходимо укрепить государственную границу[4, с.31].

Одной из причин обильного выращивания опиума в Афганистане, это разрушенная экономика страны, причина которой вырубленные сады и поля, так как земледелие – это основное занятие населения, а выращивание опиума-сырца является легким и выгодным делом.

Как отмечал Идинов А.К. - высокая прибыльность способствует быстрому развитию незаконного оборота наркотических средств. По данным международных экспертов ООН и Интерпола, 1 доллар, вложенный в наркобизнес, приносит 12.240 долл. прибыли [1, с.94].

Поэтому наркобизнес стал не только средством выживания для населения, но и основой экономики Афганистана, куда в последние годы переместился центр мирового нелегального производства (75%) и контрабандного транзита наркотиков [5].

Необходимость принятия во внимание и другого фактора объективной реальности Центральноазиатского региона, это увеличениеколичества стран, имеющие в регионе свои геополитические и геоэкономические интересы. Именно поэтому, странам региона следует провести сложную работу по сближению своих национальных позиций, так как державы, определилисьв степени своего присутствия в регионе со своими вооруженными силами.

Другие причины, которые могут поспособствовать развитию межэтнических конфликтов и дестабилизации - это наличие различных диаспор в приграничных зонах. Как подчёркивает профессор кафедры истории и теории международных отношений РТСУ, экс-директор ЦГИ (центр геополитических исследований) - Майтдинова Г.М.:«Существование в приграничных зонах многочисленных диаспор, представляющих титульные для сопредельной стороны этнические группы, усиливает межэтническое напряжение» [2, с.197]. Этнотерриториальный состав расселения народностей в Центральной Азии достаточно сложный.Деление по национальным слоям усложняет социально-политическую устойчивость и стабильность стран региона, а многочисленные проблемы и сложности внутреннего и внешнего характера, становятся причиной дестабилизации для интесресующих лиц. «Межэтнические конфликты могут возникать по целому ряду причин, но основной является социально-экономическое благополучие. Качество планирования и реализации региональной экономической, социальной и миграционной политики оказывает на уровень жизни населения, негативное влияние и создает предпосылки к ухудшению этнической ситуации» [8, с.36].

Сильное геополитическое соперничество за влияние в регионе приводит к необходимым мерам создания эффективной общей системы региональной безопасности, для совместных и взаимовыгодных результатов, интересов и подходов пяти республик к принятию мер, а также решению вопросов безопасности.

В этом плане особое значение приобретают вопросы и задачи координирования потенциала республик ЦАР с целью создания активно действенных региональных механизмов для противостояния вышеназванным транснациональным угрозам.

На самом деле в регионе уже существуют некоторые механизмы для противостояния транснациональных угроз, идёт многоплановое сотрудничество и взаимодействие на дву-и многосторонней основе, то есть в рамках международных организаций, таких как СНГ,ОДКБ, ШОС.

Реализация Договора Ташкентского Соглашения по борьбе с терроризмом в рамках Содружества Независимых Государств (СНГ) по налаживанию Антитеррористического центра, а также действенные механизмы Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ), как военно-политической региональной организации, и Шанхайская Организация Сотрудничества (ШОС) со своим пакетом противодействия трём силам зла: терроризм, экстремизм и сепаратизм, в некоторой степени уменьшили угрозы международного характера.

«Содружество независимых государств, организация Договора о коллективной безопасности, Шанхайская организация сотрудничества имеют многосторонние цели, но одной из них является борьба с терроризмом. Для реализации контртеррористического взаимодействия в рамках указанных организаций были заключены два значимых многосторонних договора. Это Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 15 июня 2001 г. (далее – договор ШОС) и Договор о сотрудничестве государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом от 04 июня 1999г. (далее – договор СНГ)» [9, с.122]. Эти организации стали базисами региональной и международной практики, как формы взаимодействия и сотрудничества по вопросам международного терроризма.

Необходимо эффективное содействие данных организаций по борьбе с международным терроризмом, перевозки и незаконного распространения оборота наркотиков, экстремизм, все это приводит к тесному и углубленному взаимодействию и выработки общих планов стран-участников по актуальным международным транснациональным проблемам.

Хотя, заместитель директора Центра стратегических исследований при ПрезидентеРТ Сафаров С.С. иного мнения, - «ни ОДКБ, ни ШОС против международного терроризма, наркобизнеса, неконтролируемой миграции, распространения религиозного и политического экстремизма,

сепаратизма, пока не имеют эффективных механизмов противодействия. Даже не сформирована философия и идеология таких совместных действий, а без этого приходится отвечать перед своим народом и мировым сообществом сполна» [6, с.44].

Стоит подчеркнуть, что многосторонние взаимодействия государств региона по вопросам обеспечения региональной безопасности в данный момент находится на переходном процессе своего существования. То есть, несмотря на их множество, они не стали активно действенным, как фактор обеспечения безопасности региона, поэтомувсем странам-участникам необходимо раскрыть свой потенциал.

Для укрепления решений по вопросам обеспечения безопасности одним из главных и ключевых факторов является дальнейшее усиление и углубление экономического вопроса, то есть необходима экономическая интеграция в Центральноазиатском регионе.

Ходы интеграции в Центральной Азии связанны с укреплением политической, социальной, экономической и культурной новизны, с учетомих национального суверенитета. Интеграционные процессы отчасти становятся успешными, а если учитывать короткую независимую историю стран ЦА, то в регионе были успешно созданы организации внутрирегионального и международного характера, которые служат опорой в вопросе обеспечения региональной безопасности и стабильности в целом.

Процессы интеграции в регионе также имеют ряд особенностей, которые нельзя не принимать во внимание, главные из которых относятся по вопросам укрепления и развития многостороннего сотрудничества в сфере коммуникаций, использования водно-энергетических ресурсов Центральной Азии, проблемы экологии и государственных границ.

Экономические отношения Центральноазиатских республик по этим вопросам являются основой для экономических взаимоотношений государств Центральной Азии. При построении взаимовыгодного сотрудничества по вышеназванным аспектам больше всего страны региона зависят от экономической безопасности. Следовательно, без построения взаимных и дружественных межгосударственных отношений сотрудничество по вышеназванным направлениям для интегрирования региона будет иметь неполноценный характер. Эффективное устранение данных проблем в большей степени зависит от единой внешнеполитической линии при урегулировании внешних вызовов и угроз.

Изучая все аспектыпроблем носящие экономический характер, необходимо недопущение их политизации. То есть решать проблемы стоит на равноправных основах, с учётом национальных интересов народов ЦАР и соблюдением всех договоренностей.

ЦАР – это регион и часть мирового сообщества, все страны которых являются участниками всех перемен и не способные оставаться в стороне от происходящих вокруг процессов.

Для стран ЦАРнеобходима консолидация и усиление обеспечения коллективной безопасности и устойчивой стабильности регионав целом. То есть, стабильность и безопасность в ЦАР подчеркивает стратегические задачи каждых стран в отдельности и направлены на создание благоприятных внешних условий для решения и конструирования жизненно важных необходимых вопросов экономического и социального развития государства.

Следовательно, для сокращения очагов распространения новых вызовов и угроз, таких как, международный терроризм, политический и религиозный экстремизм, незаконный оборот наркотиков, организованная и трансграничная преступность необходимы согласованные меры.

ЛИТЕРАТУРА

1. Идинов А.К. Наркомания – угроза национальной безопасности // Вестник КРСУ. 2015. Том 15. № 12. С. 94.
2. Майтдинова Г.М. Фактор новых границ как проблема безопасности Центральной Азии / Проблема безопасности в геополитическом комплексе Центральной Азии / Материалы международной конференции. (г. Душанбе, 16-17 июня 2003 года). – Душанбе, 2004. – С.197.
3. Малышева Д.Б. Политическая обстановка в Центральной Азии: Новые вызовы безопасности / Перспективы сотрудничества Казахстана и России в новых геополитических условиях: материалы 4-й двусторонней международной научно-практической конференции КИСИ–ИМЭМО (г. Москва, 9 апреля 2009 г.) /Отв. ред. Б.К. Султанов. – Алматы: Казахстанский институт стратегических исследований при Президенте РК, 2009. – 208 с. С.48.
4. Мирзоева Ф.Б. Влияние геополитических факторов на безопасность государств Центральной Азии // Вестник Таджикского национального университета. 2018. №8. С.31.
5. Молдалиев О. "Нетрадиционные" угрозы безопасности в Центральной Азии // https://ca-c.org/journal/2001/journal_rus/cac-01/04.moldalr.shtml (дата обращения 28.05.2020)
6. Сафаров С.С. Возможные линии развития событий по обеспечению безопасности в центральноазиатском регионе на фоне изменений в международной политик / Мировая политика: взгляд из будущего. Материалы V конвента РАМИ. Под общей редакцией проф. а. Ю. Мельвиля. - М., МГИМО — Университет. - 2009. С.44.
7. Тулеев М.С. Геополитическая стратегия и безопасность в Центральной Азии: проблемы и перспективы // Вестник КРСУ. 2016. Том 16. № 6. С.191.

8. Факторы внешнего влияния на межэтнические отношения в Республике Казахстан: коллективная монография / Под ред. Б.К. Султанова. – Алматы: КИСИ при Президенте РК, 2010. – 112 с. С.36.
9. Чернядьева Н. А. К вопросу об институциональном оформлении контртеррористического противодействия на постсоветском пространстве // Ученые записки Крымского федерального университета имени В. И. Вернадского Юридические науки. – 2015. – Т. 1 (67). № 4. – С. 122.
10. Эмомали Рахмон Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том двенадцатый. – Душанбе, «Ирфон», 2017, 576 с. С.214.

СОТРУДНИЧЕСТВО ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКИХ СТРАН ПО ВОПРОСАМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В данной статье рассматриваются влияние новых вызовов и угроз на Центральноазиатский регион, и как страны региона сотрудничают для обеспечения региональной безопасности, ведь эти вызовы несут в себе определённые риски и опасности. В статье отмечены угрозы, влияющие на регион, такие как международный терроризм, политический и религиозный экстремизм, организованная и трансграничная преступность, сепаратизм, незаконный оборот наркотиков и оружия, межэтнические конфликты и т.д. Также рассматривается влияние данных факторов на военно-политическую и экономическую ситуации Центральноазиатского региона, которая характеризуется недостаточной стабильностью, с возможным возникновением разногласия и увеличения напряженности. Отмечается геополитическое расположение регионаи причины, которые делают его настолькопривлекательным для игроков.

Ключевые слова: *Центральноазиатский регион, вызовы, угрозы, сотрудничество, региональная безопасность, Афганистан, ресурсы, мировой, политика, экономика.*

COOPERATION OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES THE ENSURING SECURITY

The article examines the impact of new challenges and threats on the Central Asian region, and how the countries of the region cooperate to ensure regional security, because these challenges carry certain risks and dangers. Threats affecting the region, such as international terrorism, political and religious extremism, organized and cross-border crime, separatism, illegal drug and arms trafficking, inter-ethnic conflicts, etc. are noted. It is emphasized that the influence of these factors in the military-political and economic situation in the Central Asian region is characterized by insufficient stability, with the emergence of disagreements and increased tension. The geographical location of the region is considered, which makes it so relevant and the center of attention of world powers.

Keywords*: Central Asian region, challenges and threats, cooperation, regional security, Afghanistan, resources, world, policy, economy.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Ниёз Мирзобадалович*– доктор истарических наук , профессор, главный научный сотрудник отдела экономических и гуманитарных наук НИИ Таджикского национального университета. Адрес 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Электронный почта: nmmirzoev@mail.ru Тел: (+992) 919160026.*

Мирзоева Фарангис Бадриддиновна *– аспирант кафедры международных отношений Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки,17. Электронный почта: Juliya.doc55@gmail.com Тел: (+992) 501000760.*

About the authors:

Mirzoev Niez Mirzobadalovich *– Doctor of historical sciences, Professor, the chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, RudakiAvenue 17. E-mail:nmmirzoev@mail.ru Phone: (+992) 919160026.*

Mirzoeva Farangis Badriddinovna - *postgraduate student of the Department of International Relations, Tajik National University. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan. E-mail:Juliya.doc55@gmail.com Phone: (+992) 501000760.*

УДК:323.21 (575.3)

ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

Искандаров Қ.
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муҳиддинова С.М.
Институти илмӣ тадқиқотии ДМТ
Нурова Л.
Институти илмӣ тадқиқотии ДМТ

Созмони Милали Муттаҳид – созмони бонуфузи байналмилалӣ мебошад, ки ба мақсади таҳкими сулҳу субот дар ҷаҳон ва рушди ҳамкорӣ миёни давлатҳо соли 1945 таъсис ёфтааст. Номи «Милали Муттаҳид» бори аввал дар Эъломияи Милали Муттаҳид, ки 1-уми январи соли 1942 ба тасвиб расидааст, истифода шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки ҳамасола, рӯзи 2-юми март ҳамчун рӯзи узвияти СММ-ро касб намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

Омӯзиши таҷрибаи татбиқи равандҳои таҳаввулотӣ дар фаъолияти СММ дар равандҳои муосири байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳими илми сиёсатшиносии байналмилалӣ ба шумор рафта, аз масоили хеле ҷолиб мебошад ва пеш аз ҳама, дар таҷрибаи амалии дипломатии кишварҳое монанди Тоҷикистон амри рӯз ва зарурати муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, бояд осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди меъёрҳои ҷорӣ ва марбут ба таҳаввулоти фаъолияти СММ, ҳамкориҳои СММ бо кишварҳои ҷаҳон, махсусан бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Хусусан, ҳамкориҳои кишвар бо ташкилоту муассисаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла СММ баъди таҳия ва татбиқ гардидани «сиёсати дарҳои кушод» густариш ва тобиши бештаре пайдо кард.[1. С.673-674]

29 январи 1992 дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид (СММ) қатънома оид ба тавсияи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ба сифати аъзо қабул шуд. 2 марти 1992 зимни иҷлосияи 46-уми Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи 46/224 оид ба шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ба иттифоқи доро қабул гардид. Пайвастани кишвар ба Ҷомеаи Миллатҳо асоси устуворро барои рушди ҳамкории он бо ташкилотҳо, муассисаҳо ва ниҳодҳои тахассусии СММ эҳё гардонид. Дар тӯли давраи таърихан начандон дарозмуддати аъзогӣ дар СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаҳои муайяни ҳамкориро бо Созмони Милали Муттаҳид паси сар кард. Тавре, ки маълум аст, дар оғоз дар натиҷаи вазъияти дохилӣ дар Тоҷикистон ҳамкорӣ баҳри сулҳ ва субот дар кишвар афзалиятнок буд. Намояндагии аввали СММ - Дафтари нозирони СММ дар Тоҷикистон (ДНСММТ) - 1 феврали 1993 дар Душанбе кушода шуд. Фаъолияти ДНСММТ пешравии раванди сулҳ дар Тоҷикистон, мусоидат ба амалиётҳои сулҳпарвар ва кумаки фаврии башардӯстонаро таъмин намуд. Бинобар иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон моҳи майи 2000 дар асоси ДНСММТ бо ташаббуси Дабири кулли СММ Кофи Аннан Дафтари СММ оид ба мусоидат ба сулҳпарварӣ дар Тоҷикистон (ДСММСТ) таъсис дода шуд.[2.С.312]

Дар сулҳи тоҷикон СММ нақши барозандае дошта он, аслан аз аввалин давраи шуруи низо ба масъалаи мамлакат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуд. Барои дарки ин ба мисолҳо муроҷиат менамоем.

16 декабр МУ СММ Рамиро Парис Баллонро намоянда оид ба масъалаҳои Тоҷикистон таъйн кард.

Конвенсияи Генералии СММ ва Созишномаи тибқи он ҳосил шудаи байни СММ ва Россия (ва сипас, дигар кишварҳое,ки дар он ҷо музокироти байни тоҷикон барпо шуд), заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳайатҳоро ва ризоияти ҷонибҳоро барои дар Москав гузаронидани музокирот ифода менамуд. Ва албатта натиҷаи музокирот натанҳо аз мавқеи тарафҳои музокиракунанда, балки аз фаъолияти шахсии музокиротчиён низ сахт вобаста буд. [3, с.158]

Пас аз 5 соли ҷанги бародаркушӣ, ки бо тавтиъа ва ширкати бевоситаи баъзе кишварҳои ҳамҷавори Тоҷикистон сар зада буд, билохира тоҷикон дарк намуданд, ки давом ёфтани ҷанг боиси нобудии миллат ва харобии кишвар хоҳад гашт. Бинобар ин, тоҷикон манфиатҳо милӣ ва ватаниро аз манфиатҳои шахсӣ ва гӯруҳӣ боло гузошта, роҳи сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмиро пеш гирифтанд.

Ҳамин тавр, музокироти байни тоҷикон, ки баҳри сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аз моҳи апрели соли 1994 оғоз гардида буд, 27 июни соли 1997 бо натиҷаи хуб анҷом ёфт. Яъне, ин музокирот 40 моҳ давом карда, душвориҳои зиёдро паси сар намуд ва ниҳоят ба мақсад расид. Бо ҳамин чанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 5 майи соли 1992 сар шуда буд, 27 июни соли 1997 бо ваҳдати миллӣ анҷом ёфт. Бинобар ҳамин ҳам дар ҷумҳурии мо ҳар сол 27 – уми июн ҳамчун «Ваҳдати миллӣ» ҷашн гирифта мешавад. [4, с.283]

ҶТ хоҳони он аст, ки низоми навини ҷаҳонии дар ҳоли ташаккул бояд комилан озод аз ҷангҳову даргириҳо, зулму ситам, хушунату таасуби фарҳангиву мазҳабӣ, бегоначитезӣ ва устувор бар пояи ҳамкориҳои баробару мутақобилан судманд ва мушорикати ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бошад. Ва мубориза бо таҳдиду чолишҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, дар ҳамбастагии зич ва ҳамкории якҷояи давлатҳои дунё бар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, сурат пазирад.

Ташаббусҳои саривақтӣ ва иқдомҳои фаъолонаи Президенти Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои доғи сайёра аз қабили таъмини аҳолии руйи замин бо оби нушокӣ, дар ин росто, эълон намудани соли 2003 соли оби тоза ва таҳияи барномаи дарозмуддати Даҳсолаи байналмилалии фаъолияти «Об барои ҳаёт» (2005-2015), ки аз тарафи СММ бо ҷонибдории 141 кишвар ба тасвиб расид, эътибор ва нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон хеле боло бурд. Тоҷикистон дар доираи ин барнома як силсила тадбирҳои муҳими сатҳи байналмилалро дар шаҳри Душанбе созмон дод, ки аз ҷониби мутахассисон ва коршиносони хориҷӣ баҳои баланд гирифтанд. [5, с.79-84]

21 марти соли 2018 дар шаҳри Ню Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ҳошияи кушодашавии чорабинӣ бахшида ба Оғози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш мулоқот карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Антониу Гутерриш барои дастгирии доимӣ аз ташаббусҳои марбут ба оби Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид миннатдорӣ карда, бо итминон иброз доштанд, ки Даҳсолаи «Об барои рушди устувор» ҷиҳати ҳалли масъалаҳои об ва пешбарии Ҳадафи шашуми рушди устувори марбут ба он дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ мусоидат хоҳад кард. Дар мулоқот масъалаҳо вобаста ба татбиқи Рӯзномаи 2030, ислоҳоти Низоми Созмони Милали Муттаҳид дар самтҳои сулҳу амният, низоми рушд ва мудирият, инчунин Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар доираи Барномаи рушди Созмони Милал таҳиягардида ба хотири ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор татбиқ мегарданд, баррасӣ карда шуданд.

Ба туфайли сиёсати созанда ва муваффақи хориҷӣ имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи беш аз 150 давлатҳои дунё расман эътироф гардида бо 130 кишвари олам робитаҳои дипломатӣ барқарор карда шудаанд.

Сиёсати оқилона, озмудашуда ва мутавозини хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият самараи нек ба бор овард. Мавқеи ҷумҳурии моро дар арсаи байналмилалӣ хеле баланд бардошт. Ҳамасола дар шаҳри Душанбе доир гардидани форум ва конференсияҳои сатҳи олии байналмилалӣ, ташрифи чандкаратаи роҳбарони олимақоми давлатҳои дунё президентҳо ва сарварони Русия, Чин, Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Туркия, Афғонистон, Австрия, Полша, Япония ва ғайра ҳайатҳои бонуфузи созмонҳои байналхалқӣ, муншиҳои умумии СММ Кофи Аннан ва Пан Ги Мун ва дигарон ба Тоҷикистон аз эътибори баланди байналмилалии Президенти Тоҷикистон ва мавқеи рузафзояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари сиёсии он дар арсаи ҷаҳонӣ башорат медиҳад.

Дар замони муосир нақши СММ дар ҳаёти инсон бамаротиб меафзояд. Сиёсати сулҳҷӯёна ва башардӯстонаи Тоҷикистон ва мавқеи устувори он дар мубориза бар зидди падидаҳои номатлуби замони муосир имконияти фарохеро барои иштирок дар фаъолиятҳои СММ ва ташкилотҳои махсуси он медиҳад. Бинобар ин барои Тоҷикистон муҳим аст, ки масъалаи узвияташро ба сохторҳои СММ ҳамчун Шӯрои амният, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (ЭКОСОС), Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон пешбарӣ намояд. Иштирок дар кори сохторҳои интихобии СММ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, то эътибор ва нақши худро дар қабули қарорҳои сатҳи байналмилалӣ баланд бардорад.

Истиқлоли моро ҳамагӣ 29 сол аст, ки ин муддат марҳилаи ободонӣ, ҳувият ва фарҳангсозӣ, ба аҳолии ҷаҳон муаррифӣ гардидани тоҷикон гардид. Бо баргузории Иҷлосияи ваҳдатофари ХУI Шӯрои олӣ 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд, пеш аз ҳама, нишонаҳои давлат ва давлатдории тоҷикон таҳия ва қабул гардид, ки баъди ташкили давлати мустақил аввалин нишонаҳои давлатдорӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин Иҷлосияи тақдирсоз қарорҳое ба тасвиб расиданд, ки минбаъд барқарор намудани сохти конституцсионӣ, муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакат, андешидани тадбирҳои мукаммали баромадан аз бухрони сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, нуқтаҳои таъмини амнияти он, меросбарии фарҳанг ва тамаддуни қадимаи тоҷиконро муайян намуда фароҳам овард. Иҷлосия мадади дасти тоҷикон шуд, ки оғоз ба таҳрири таърихи навтарини худ кард.[7.7 ноябри соли 2017]

Татбиқи тадбирҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар сатҳи олӣ аз ҳар як кишвари узви СММ Ҳиддияти комил, омӯзиши ҳаҷми бузурги маводи иттилоотӣ, босуръат ворид шудан ба соҳаи иқдомҳои масъулиятноки сиёсиро дар мавриди воқеоти дар ҷаҳон зоҳиршаванда талаб

менамояд. Мақсаду ҳадафҳои нави фаъолияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ҳудуди СММ бояд доимову пурра дар Консепсияи сиёсати хориҷии ҶумҳуриитТоҷикистон, ки 27-уми январи соли 2015 қабул шуда, дар он ҷанбаҳои асосии ҳамкориҳои босамари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ифодаи худро пайдо намудааст, дарҷ гардад.

Боз ҳам эътибори худро афзудани СММ дар ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи сулҳофаринӣ мубрамияти мавзӯи моро меафзояд. Дар айни замон минтақа сол то сол мавқеи манфиат ва сиёсати фаъолонаи дигар кишварҳои ҳамҷавор ва дуру наздик гардида, мувоҷеҳ ба таъсироти бештари ҷаҳоншумулӣ, ҳадафҳои зери назар ва ғайриоддии дохиливу хориҷӣ шуда истодааст, ки дар байни онҳо мубрамтаринаш рушди радикализми динӣ ва экстремизм, терроризм ва кибертерроризм, интиқоли маводи мухаддир ва рушди ҷиноятҳои марбут ба он, хавфу хатарҳои манфии характери глобалидошта ба шумор меравад.[7, с.25]

Омилҳои мазкур, аз ҷумла, ҷанги ба дарозо кашидаи Афғонистон ва хатари афзудаистодаи терроризм, экстремизм, кибертерроризм, ифротгароии динии вобаста бо он, ки дар зуҳури чунин мушкилоти глобалӣ, монанди дар наздикии марзҳои Тоҷикистон ҷойгир шудани ДИИШ ва афзудани нақши таъсири он ба минтақа, аз ҷумлаи зуҳуроти мубраме ба ҳисоб мераванд, ки онҳоро бидуни иштироки СММ ва сохторҳои таркибии он ҳал кардан ғайриимкон аст. Вазъияти Афғонистон, ки дар шароити қисман берун шудани Қуввоҳои эътилофи ғарбӣ дар соли 2014 боз ҳам муташаннӣҷ шуда, аз таҳти назорат баромада истодааст, таъсирашро боз ҳам бештар ба кишварҳои ҳамҷавор - Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркманистон, инчунин Чин ворид намуда, ҳар чӣ бештар сифати манфиати миллии ин кишварҳоро ба худ касб менамояд.[8, с.26-27]

Дар ин робита ҳамкориҳои СММ дар соҳаи амнияти минтақавӣ, ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба хеле муҳим ба назар мерасад.

АДАБИЁТ

1. Сазонова К.Л. Таҳлили мавқеи кишварҳои абарқудрат дар мавриди ислоҳот дар СММ // Вестник Башкирского университета. 2008. Т.13. №3 (ISSN1998-4812).-С. 673-674.
2. Рахмонова Р.Э. Асосҳои хизмати дипломатӣ. Душанбе, 2017. -312с.
3. Иброҳим Усмон. Сулҳнома . - Душанбе: Ҷамъияти саҳҳомии навъи кушодаи «Матбуот»,2001. С.158
4. Иброҳим Усмон. Сулҳнома . - Душанбе: Ҷамъияти саҳҳомии навъи кушодаи «Матбуот»,2001. С. 283
5. Раҳмонова Р.Э. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаи дарк ва ҳимояти онҳо.// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ, № 3(1) 2017. ISSN 0235-005X. -С. 79-84.
6. Функции и полномочия Генеральной Ассамблеи. Оф. сайт ООН. 7 ноябри 2017.
7. Энсиклопедияи Миллии Тоҷик,Чилди 2. АСОС-БОЗ –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2013, - с. 25
8. Энсиклопедияи Миллии Тоҷик,Чилди 2. АСОС-БОЗ –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2013, - с. 26-27

СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА С ОРГАНИЗАЦИЕЙ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ

Данное резюме, учитывая историческое значение исследований и деятельности Организации Объединенных Наций, современных международных процессов является одним из наиболее важных вопросов в международной политической науке.

Провозгласив свою идентичность и независимость в 1992 году, Таджикистан вступил на путь демократического развития, активно продвигаясь к интеграции с остальным миром и приобретая значительный положительный опыт в этой области. Членство Республики Таджикистан в Организации Объединенных Наций (ООН) - одно из важнейших событий в формировании и реализации внутренней и внешней политики, обеспечивающее участие страны в работе важнейшего глобального центра и принятии решений мирового значения.

***Ключевые слова**: организации, Общественные советы, международные отношения, референдумы, выборы, организации, независимость, сотрудничество, мир, национальное право.*

CONSIDERING OF TAJIKISTAN WITH THE UNITED NATIONS

This summary, given the historical significance of the research and activities of the United Nations, contemporary international processes is one of the most important issues in international political science.

Having declared its identity and independence in 1992, Tajikistan embarked on the path of democratic development, actively moving towards integration with the rest of the world and gaining significant positive experience in this area. Membership of the Republic of Tajikistan in the United Nations (UN) is one of the most important events in the formation and implementation of domestic and foreign policy, ensuring the country's participation in the work of the most important global center and decision-making of world importance.

Keyword: organizations, *Public councils, international relations, referendums, elections, organizations, independence, cooperation, peace, national law.*

Сведения об авторах:

Искандаров К. *–и.о. главного учёного секретаря Национальнный академии наук Республики Тадикистан, доктор исторических наук. Тел: (+992) 904478989, Электронный почта: ikas_53@inbox.ru*

Мухиддинова С.М. *- научный сотрудник одела гуманитарных социально-экономических наук научно исследовательского Института Таджикского национального университета Адрес: пр. Рудаки 17 Телефон (+ 992) 555503435*

Нурова Лутфия Нуровна *– младший научный сотрудник Научно-исследовательского института Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел: (+992) 919509950, Электронный почта: lutfiyanurova.83@mail.ru*

About the autors:

Iskandarov K.- *acting chief scientific Secretary of the Academy of Sciences, doctor of historical Sciences. Phone.: +992904478989, E-mail: ikas_53@inbox.ru*

Mukhiddinova Savsan Mirzoolimovna - *researcher of the Humanities and Social Sciences Deportment of the Scientific Research Institute of the TNU Address: Rudaki Avenue 17 Telephone (+ 992) 555503435*

Nurova of Lutfia Nurown *– Junior researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences of the Scientific Research Institute of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: (+992) 919509950. E-mail: lutfiyanurova.83@mail.ru*

УДК: 930.22(575.3:549)

ДУРНАМОИ ҲУЗУРИ НАТО ДАР АФҒОНИСТОН

Мирзоев Н.М., Нурова Л.Н.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯзҳо чун бист сол муқаддам Афғонистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб менамояд. Воқеоти солҳои охири кишвари ҳамсоя ва дӯсти мо Афғонистон дер боз мавриди назари сиёсатмадорону коршинос қарор гирифта, боиси нигаронии аҳли башар гирдидааст. Изтироб ва нигаронии аҳли бештар ва хосатан кишварҳои минтақа бар он аст, ки воқеоти фоҷиабори Афғонистон ҳалли мусбии худро наёфтаанд, тадбирҳои низомии кишварҳои хориҷ ва ҳукумати феъли Афғонистон натиҷаи дилхоҳ ба бор наоварда истодааст.

Ҳамаи дӯстони хориҷии Афғонистон хоҳиши онро доранд, ки ҳар чи зудтар дар ин кишвар сулҳу суббот барқарор гардад, мардуми ҷафокашидаи Афғонистон ба зиндагии осудаву осоишта баргарданд. То он даме, ки вазъи Афғонистон ноором ва мутаҳшаниҷ аст, вазъи сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои ҳамҷавори он, яъне кишварҳои Осиёи Марказӣ ноором ва хатарбор боқӣ хоҳад монд.

Чаро си сол инҷониб дар кишвари ҳамсоя, ҳамзабон, ҳамкеши мо ҷанги хонумансӯз идома дорад? Кай ва чӣ тавр ба хонаҳои афғон сулҳ оварда мешавад. Кай дари мактабҳову донишкадаҳо боз мегардад? Кай ва чи тавр деҳқони афғон ба замин на маводи заҳрнок балки тухми гандум пош медиҳад? Ва ниҳоят мардуми Афғонистон низ инсонанд ва бо умед ва орзуҳои зиёд ба асри бисту як ворид шуданд ва ҳаққу ҳуқуқи зиндагии шоистаро доранд.

Чаро имрӯз давлатҳои муқтадири замон, давлатдорони дунё дар ҳалли масъалаи Афғонистон оҷизанд. Чаро созмони қудратманди НАТО, ки даъвои ҷаҳонгирӣ дорад наметавонад тӯдаи ҷангиёни толибонро саркуб созад.

Имрӯз, НАТО дар Афғонистон воқеан оҷиз аст ё асрори дигаре дар стратегияи НАТО дар ин минтақа маҳфуз аст? НАТО ва дар роси он Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз кишварҳои ҷангнадида, заиф ва нотавон нестанд. Онҳо дар ихтиёри худ силаҳҳои навтарини ҳарбӣ, теъдоди кофии ҷангиёнро доштанд. Дар сафи нерӯҳои сулҳофарини НАТО намояндагони 40 кишвар иштирок доштанд, теъдоди онҳо бештар аз 50 ҳаз. ташкил медиҳанд. Аммо дастовардҳои НАТО дар Афғонистон ночиз аст. Илова бар ин мавқеъ ва нуфузи толибон рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Аз рӯи нишондоди тахминии оморӣ 60-65 % ҳудуди кишвар таҳти назорати толибон қарор дорад.

Барои равшани андохтан ба пешомадҳои НАТО дар Афғонистон ба маврид аст, ки таърихчаи амалиётҳои миссияи НАТО-ро дар Афғонистон саҳифагардон созем.

Афғонистон имрӯз марҳилаи сеюми ҷанги шаҳрвандиро аз сар мегузаронад. Он ҳанӯз сентябри соли 1978 аз табаддулоти давлатии Ҳафизулло Амин оғоз ёфта, бо вуруди қушунҳои шӯравӣ ба Афғонистон шиддат гирифт. Ҳолати имрӯзаи НАТО ва Америка солҳои 80-уми асри гузашта, ҳолати

шӯравиҳоро дар Афғонистон ба ёд меорад, ки 10-сол дар ин кишвар бесамар ҷангиданд ва билохира шикаст хӯрда, онро тарк карданд ва аз иттифоқчиёну дӯстони худ низ рӯ тофтанд, ки баъдтар бар асари оқибатҳои фоҷиабори он Иттиҳоди шӯравӣ пош хурда аз байн рафт.

Соли 1996 давраи авҷу барори ҳаракати толибон ба ҳисоб мерафт. Сентябри он сол пойтахти кишвар шаҳри Кобул ва қисми зиёди мамлакатро толибон ба даст даровардaнд. Афғонистон ба паноҳгоҳи гурӯҳи террористӣ табдил меёфт. Саркардаи террористон ба истилоҳе террористи рақами 1 Усома Бен Лоден низ дар Афғонистон паноҳ мебурд. Баъди силсилаи таркишҳо дар сафорати Амрико дар Кения ва Танзания (соли 1998) толибон Бен Лоденро таҳти ҳимояи худ гирифтанд. Аз муввафақиятҳои худ саргарм шуда, толибон 11 сентябри соли 2001 ба маркази тиҷоратии Нью-Йорки ИМА ҳамла намуданд.

21-сентябри соли 2001 ҳукумати Амрико аз толибон қотеъона талаб намуд, ки Бен Лоден ва ҳамаи роҳбарони гурӯхи террористии Ал – Қоида дастгир ва ба Амрико супорида шавад. Ин ултиматуми Амрико аз тарафи толибон рад карда шуд.

Пас Амрико эълон намуд, ки террористон дар лонаи худ несту нобуд карда хоҳанд шуд.

Баъди чанде 7-октябри соли 2001 ИМА бо иттифоқчиёни худ ва НАТО амалиёти ҷангиро муқобили толибон дар Афғонистон оғоз намуданд.

Баъди як моҳи зарбазаниҳои иншонрас иқтидори ҳарбии толибон несту нобуд карда шуд. 9 ноябри соли 2001 мутаносибан ҳамлаи ҷавобии нерӯҳои эътилофи шимоли Афғонистон оғоз ёфта ш. Мазори Шариф аз толибон озод карда шуд. Сафҳои толибон раҳна гардид. Қисме аз қумондонҳо сафҳои толибонро тарк карда, ба сафи эътилофи шимол мепайвастанд.

13 ноябри соли 2001 толибон шаҳри Кобулро тарк намуданд. Охири ноябри соли 2001 дар ихтиёри толибон фақат ш. Қандаҳор боқӣ монду халос. Роҳбари онҳо мулло Умар низ дар ин ҷо мавқеъ гирифта буд.

25 ноябри соли 2001 аввалин гурӯҳи калони низомиёни ИМА ҳудуди 1000 нафар аз киштиҳо тавассути чархболҳо ба ҷануби Қандаҳор фуруд омаданд.

7 декабр Қандаҳор гирифта шуд. Қисми толибон ба Покистон ва қисми онҳо бо сарвари мулло Умар ба минтақаи кӯҳии шарқи мамлакат ақибнишинӣ карда, пинҳон шуданд. Аз 12 то 17-декабри соли 2001 амалиётҳо дар минтақаи кӯҳии Тора-Бораи ҷануби шарқии Афғонистон қароргоҳи эҳтимолии Бен Лоден гузаронида шуда, он низ ишғол карда шуд. Ҳамин тариқ марҳилаи аввали амалиёти ҳарбии ИМА ва иттифоқчиёни он бомуваффақият ба анҷом расида, ҳадафҳои аслӣ ба даст омаданд. Толибон аз ҳукумат барканор ва иқтидори ҷангии онҳо шикаста шуд.

Мутаносибан бо амалиётҳои ҷанги масъалаҳои сиёсӣ низ ҳаллу фасл гардида, 20 декабри соли 2001 дар ш. Бонн (Германия) ҳукумати муваққатӣ бо номи маъмурияти интиқолии Афғонистон бо сарвари Ҳамид Карзай ташкил карда шуд ва моҳи июни соли 2002 Лойа- Ҷирга -парламент ӯро президенти муваққаттии Афғонистон интихоб намуд. Барои таъмини амният дар Афғонистон мутобиқ ба қарори №386 Шӯрои амнияти СММ аз 20-уми декабри соли 2001 нерӯҳои ҳарбии сулҳофарини НАТО таҳти унвони ИСАФ таъсис дода шуд. Дар ибтидо фаъолияти он таъмини амнияти ҳудуди пойтахт шаҳри Кобулро дарбар мегирифт, баъдан доираи фаъолияти он дар тамоми мамлакат паҳн гардид. Соли 2002 нерӯҳои сулҳофарини НАТО амалиёти ҳарбиро дар ноҳияи Гардез таҳти унвони «Анаконда» анҷом дода, толибонро шикаст дода, ба фирор маҷбур сохтанд. Гуруҳи начотёфтаи толибон таҳти фишори нерӯҳои НАТО ба кӯҳҳо ва минтақаи наздисарҳадии сукунати қабилаҳо ақибнишинӣ менамуданд. Ба андешаи мо НАТО бо ҳамин суръат дар ҳамин самт ҳамларо бояд давом медод. Бо пешвоёни қабилаҳои сарҳадӣ созиш намуда, ҳукумати Покистонро маҷбур месохт, ки бо НАТО дар саркубсозии толибону Ал-қоида ҳамкорӣ намоянд. Аммо НАТО ба истилоҳе «тайм-аут» эълон намуд, ки ба фоидаи толибон анҷом ёфт. Дар минтақаи сукунати қабилаҳо толибон ҳудро то андозае боамнтар ҳис карда ба худ омадан гирифтанд, сафҳои ҳудро аз ҳисоби толибони мадрасаҳо ва ашхоси гуногун, аксаран бекору беҳимоят барқарор менамуданд. Ба манбаи маводи мухадир даст ёфтанд. Солҳои 2003-2004 толибон қисман иқтидори нерӯи ҳудро барқарор намуда, дар қисми ҷанубу шарқии Афғонистон ба ҷангҳои партизанӣ гузаштанд.

Дар баробари амалиётҳои ҷангӣ ҳукуматӣ интиқолӣ бо дастгирии сарпарастон ба азнавбарқарорсозии сохторҳо ва ниҳодҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ даст зад. Моҳи январи соли 2004 Лойя Ҷирга қонуни асосӣ (конституцсия)-и навро қабул намуд. 9-уми октябри соли 2004 интихоботи аввалини раиси ҷумҳур баргузор гардид, ки дар натиҷа оғои Ҳомид Карзай ғолиб омада ба мақоми президенти Чумҳурии Исломии Афғонистон интихоб гардид.

Дар доираи фаъолияти худ НАТО ба азнавсозӣ ва таъсиси ниҳодҳои қудратии кишвар артиши миллии Афғонистон ва пулиси миллии Афғонистон машғул шуд. Мутобиқи ин барнома бояд артиши миллии Афғонистон дар ҳудуди 120-130 ҳаз. ва пулиси миллӣ дар ҳудуди 80-90 ҳаз. созмон дода шавад. Айни замон ин ниҳодҳо бо мадади НАТО таъсис ва ташаккул ёфта истодаанд. Аз ҷумла ИМА дар таъсиси артиши миллӣ, Германия дар таъсиси пулиси миллӣ, Италия дар ташаккули системаи судӣ саҳм гирифтанд.

ИМА ва НАТО ба ин ниҳодҳо аҳамияти зиёд медиҳад ва онҳо бояд дар оянда НАТО ва неруҳои хоричиро дар Афғонистон иваз намуда, таъмини амният ва суботи кишварро ба дӯши худ гиранд.

ИСАФ (неруҳои муштараки хорӣҷӣ) ҳамчунин ба фаъолияти гуманитарӣ ба роҳандозии лоиаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, азнавсозиҳо ва ғ. машғуланд.

Аммо аз рӯи мушоҳидаҳо солҳои охир муқовимати толибон ҳудуди нуфузи онҳо афзуда истодааст. Чи омилҳо ва заминаҳо боиси афзоиши нуфузи толибон гардид?

Шумораи толибон ва пайравони онҳо рӯз ба рӯз меафзояд. Ҳоло теъдоди онҳо 15 -20 ҳаз. ташкил медиҳад, ки дар минтақаҳои гуногуни сарҳадӣ, ҳудуди Покистон ва ғайра маскан гирифтанд. Қароргоҳашон дар шаҳри Кветта (Покистон) воқеъ аст.

Чӣ қисме ёдовар шудем ҳузури ҳарбии толибон дар 60-65 % ҳудуди Афғонистон ба қайд гирифта шудааст. Соли 2008 якқатор марказҳои вулусволӣ ва музофоҳои ҷануби мамлакат таҳти назорати толибон қарор гирифт. Дар музофотҳои Вардак, Луғар, ҳатто Uазнӣ, ки ба Кобул наздиканд, толибон хеле фаъоланд. Якқатор саракҳо ва роҳҳои калони кишвар таҳти назорати онҳост. 28 апрели соли 2008 ба ҷони президент Ҳ. Карзай суиқаст ташкил карда шуд, августи соли 2008 дар назди сафорати Ҳинд инфиҷор ба амал омад. Дар ҳудудҳои зери назорати худ толибон тартиботи худро ҷорӣ менамуданд.

Дар манотиқи ҷануб толибон аз ҷониби аҳолӣ, ё аз рӯи тарс, ё аз рӯи амалҳои нобаробари мақомотҳои ҳукуматӣ толибон дастгирӣ мебинанд. Дар ҷанубу шарқ толибон нуфузашон бештар аст нисбат ба шимол.

Дар ҷануб 25-30% аҳолӣ онҳоро ҷонибдор аст. Таблиғоти толибон дар ин минтақаҳо хуб ба роҳ монда шудааст. Толибон худро сипоҳиёни аллоҳ, размандагони роҳи ҳақ, зидди фасоду коррупсия нашъамандиву нашъаҷаллобӣ, муборизони роҳи озодӣ алайҳи ғосибону яғмогирони ачнабӣ эълон намуда байни мардуми тарғиботу ташфиқоти зиёд мебаранд.

Илова ба ин толибон ва «Ал-қоида» аз рӯҳияи мардум, мафкура, анъанаҳо, расму ойин, мавқеи мардуми маҳалҳо бештару хубтар огоҳӣ доранд. Ин омилҳоро толибон ба хубӣ истифода менамоянд.

Нотавониву бесалоҳиятии сохторҳои ҳукуматӣ дар марказ ва ноҳияҳо, (ноамниҳо, бекории сартосарӣ, фақру қашшоқӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, саргардонии гурезаҳо) мебошанд, ки аҳолиро ба толибон наздик ва хайрхоҳ месозад. Ба қавли раиси комиссияи оштии миллӣ С. Муҷаддидӣ «Толибон-бародарони мо,-онҳо як қисми халқи моянд».

Махсусан ҳузури нерӯҳои НАТО дар кишвар ва бомбаандозиҳои беробти онҳо, ки боиси ҳалокати садҳо аҳолии осоишта гардид, назари мардумро ба нерӯҳои НАТО тайъғир дода, норозигӣ ва эътирозӣ онҳоро нисбат ба НАТО ва ҳукумати оғои Ҳ. Карзай зиёд месохт. Аз рӯи маълумотҳо бар асари амалиётҳои ҳарбии НАТО беш аз 3.500ҳаз. аҳолии осоиштаи Афғонистон ба ҳалокат расидааст. Дар натиҷаи як амалиёти НАТО 4-уми маи соли 2009 дар музоффоти Фароҳ 150-нафар кушта шуда, даҳҳо нафар захмӣ шуданд. Собик котиби давлатии ИМА Ҳиллари Клинтон аз ин ҳодиса изҳори нигарони номида изҳор дошт, ки «ИМА аз ин ҳодиса бисёр таассуф мехӯранд».

1 октябри соли 2009 Мулло Умар аз НАТО талаб намуд, ки кишварро тарк намоянд, вагарна онҳоро низ қисмати Шӯравӣ нигарон аст.

Оқибатҳои дигари манфии ҳузури нерӯҳои НАТО дар Афғонистон афзоиши истеҳсол ва содироти маводи мухаддир (героин, гашиш, марихуан ва ғ.) мебошад. Аз соли 2001 то соли 2008 истеҳсоли маводи мухаддир дар кишвар 44 маротиба афзудааст. Аз 32 музофоти Афғонистон дар 29 тои он нашъа истеҳсол карда мешавад, 3,5 млн. нафар аҳолӣ бо истеҳсоли он машғуланд. Ба Афғонистон 92% истеҳсоли героини ҷаҳон ба беш аз 8 ҳаз. истеҳсоли маводи мухаддир рост меояд. Он бештар дар музофотҳои назди сарҳадии Хилманд, Нангарҳор, Қандаҳор, Нимрӯз ва ғ., ки нуфузи толибон бештар аст ба назар мерасад. Нашъаҷаллобӣ сарчашмаи хеле даромадноки гуруҳҳои террористӣ ва шарикони дохилӣ ва хориҷии онҳо ба ҳисоб меравад. Сабаби зиёд шудани истеҳсоли маводи нашъадор ин афзоиш ва талабот ба героин ва арзон будани қувваи корӣ, нисбатан каммасраф будани истеҳсол ва коркарди ҳосил нисбат ба дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, камфаъолиятии тадбирҳои ҳукуматӣ баҳри маҳв сохтани минтақаҳои истеҳсоли зироати маводи мухаддир ва ғ. мебошад. Маҳз афзоиши истеҳсол ва содироти ин маводи заҳрогин ҷомеаи ҷаҳониро сахт ба изтироб овардааст. Фақат дар Лондон 3,5 млн гирифтори нашъамандӣ ҳастанд. Ҳар сол дар Россия 30 ҳаз. нафар аз нашъамандӣ талаф мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки нерӯҳои сулҳофарини НАТО ва ҳукумат қотеъона ба маҳви маводи мухадир муборизa намебаранд.

Солҳои охир фаъолияти нерӯҳои НАТО дар Афғонистон камсамар шуда истоданд. Оё миссияи НАТО ба мисли ҳузури ҳарбии Шӯравӣ ноком анҷом хоҳад ёфт?

Нокомиҳои НАТО водор намуд, ки онҳо аз нақшаҳои ниқорталабонаву ҷангҷуёнаи худ даст кашанд. Соли 2014 теъдоди зиёди неруҳои НАТО Афғонистонро тарк намуданд. Барои таъмини суббот ва амнияти муассисаҳо ва иншоотҳои муҳими давлатӣ теъдоди муйаяни неруҳои НАТО

(ҳудуди 7ҳаз.) боқӣ мондаанд, ва НАТО пойгоҳҳои низомии худро дар минтақаҳои гуногуни Афғонистон мустақар намуд. НАТО ба ҳадафи ниҳоии худ пурра саркубсозии толибон нарасид.

Дар тули қариб 20 сол НАТО натавонист, ки истеҳсол ва содироти маводи мухаддир героинро дар Афғонистон пурра решакан созад. Мавқеи толибон ва нуфузи он дар мамлакат коста нагардид. Афғонистон дар минтақа кишвари ноамн, хатарзо ва ҷангзада боқӣ монд. Як қатор кишварҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ аз ҷумла Россия низ ҳалли мусоламатомези қазияи Афғонистонро роҳандозӣ намуда истодаанд. Бо чанде намояндагони гуруҳҳои толибон чанд кушиши музокирот баргузор гардид, ки ҳануз он натиҷаи дилхоҳ надод. Сиёсатмадорон ва коршиносои бо интихоби раиси нави ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ашраф Ғанӣ ва раиси ҳукумати мусолиҳаи миллӣ Абдулло Абдулло умед ба он доранд, ки мардуми Афғонистон тавоноии ҳалли мушкилоти худро дорад ва рузе фаро мерасад, ки дар сартосари кишвари Афғонистони ба мо дуст ва бародар сулҳи пойдор барқарор хоҳад гардид.

АДАБИЁТ

1. Эмомали Раҳмонов. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Д.1995.
2. Эмомали Рахмонов. Независимость Таджикистана и возрождения нации. Состоит из 8 томов, Т 1-2. Д.2004
3. Мирзоев С. Афганистан: вызовы и угрозы. Д. 2017.
4. Зуев Г.А. Афганистан в современной мировой геополитике. М.1999.
5. Акимбеков С.М. Движения «талибан»: от Кандагара до Герата (1994-1996). Астана, Алматы, 2016.
6. Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана. Д.2004.
7. Рашид А. Талибан, ислам, нефть и новая Большая игра в Центральной Азии. М.2004.

ПЕРСПЕКТИВЫ ПРЕБЫВАНИЯ НАТО В АФГАНИСТАНЕ

Дружественная нам страна Афганистан переживает тяжелые времена. В течении многих десятилетий в этой стране идет гражданская война, которая повлекла за собой, многочисленные жертвы, массу беженцев, нищету и безработицу. Ситуацию в стране усугубила еще и военная миссия стран НАТО и США.

В статье рассматривается военно-политическая ситуация в Афганистане, анализируется причины и последствия ввода войск НАТО в Афганистан, освещается военная миссия стран НАТО, итоги пребывания НАТО в этой стране.

***Ключевые слова**: Афганистан, НАТО, армия, безопасность, талибы, войска, политика, сотрудничество, миссия, гражданская война.*

PROSPECTS FOR NATO'S PRESENCE IN AFGHANISTAN

The friendly country of Afghanistan is going through difficult times. For many decades, there has been a civil war in this country, which has caused numerous victims, a lot of refugees, poverty and unemployment. The situation in the country was also aggravated by the military mission of NATO and the United States.

The article examines the military and political situation in Afghanistan, analyzes the causes and consequences of the entry of NATO troops into Afghanistan, highlights the military mission of NATO countries, and the results of NATO's stay in this country.

***Keywords:** Afghanistan, NATO, army, security, Taliban, troops, politics, cooperation, mission, civil war.*

Сведения об авторах:

***Мирзоев Н.М.** доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук НИИ Таджикого национального университета. **Адрес:** Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 Электронный почта: nmmirzoev@mail.ru Тел: (+992) 919160026*

Дар натиҷаи ҳамкории СММ бо давлати Афғонистон, иқдомот ва фаъолиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар рушди маорифи Афғонистон дар тӯли 13 сол, дар солҳои 2001-2013 анҷом дода шуданд [12, 81].

Зимнан бояд қайд намуд, ки яке аз таҳаввулоти бузурге, ки баъди нобудии гурӯҳи «Толибон» ба вуқуъ пайваст ин таъсиси ҳукумати нав дар Афғонистон таҳти номи “Ҳукумати муваққат” бо роҳбарии Ҳомиди Карзай ба ҳисоб меравад, ки аз соли 2001 то соли 2014, тӯли 13 Афғонистонро роҳбари намудааст. Дар рафти ин солҳо Ҳомиди Карзай ба ҳайси раиси Ҳукумати муваққат, Раиси Идораи интиқолии исломӣ ва Раиси ҶИА дар як марҳалаи муҳим ва таърихӣ кишварро роҳбарӣ намуд. Давраи робарии 13 солаи Ҳомиди Карзай, ки баъд аз конфронси таърихии Бон шурӯъ шуд, давраи нисбатан хубе барои кишвари Афғонистон маҳсуб мешуд. Зеро дар ҷараёни ин давра сулҳи нисбӣ дар кишвар ҳукмфармо гардида ва сокинони Афғонистон тавонистаанд бо вуҷуди як силсила мушкилот дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ, рушди маориф ва дигар бахшҳои зиндагӣ, инчунин ба як идда пешрафтҳои назаррасе ноил шаванд. Ҳамзамон асоси зербиноҳои вайроншудаи Афғонистонро то ҳадди тавон бозсозӣ ва навсозӣ намоянд.

Бояд қайд кард, ки конфронси Бон, ки бо иштироки намояндагони гуруҳҳои мухталифи Афғонистон соли 2001 дар кишвари Олмон доир шуда буд Ҳомид Карзайро ба ҳайси Президенти Идораи муваққатии Афғонистон интихоб намуд. Ба ҳолати ҷангӣ, ки баъд аз табаддулоти 7-уми декабри соли 1978 дар кишвар ҳукмфармо буд, хотима бахшид. Бо рӯйи кор омадани низоми нав ба ҳамкориҳои махсуси СММ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса сурат гирифт ва умедвориҳо ба ояндаи таълиму тарбияи Афғонистон нисбат ба замони сиёҳи «Толибон» зиёдтар шуд [8, 22].

Дар рафти ин таҳаввулоти сиёсӣ, кӯмакҳои байналмилалӣ аз ҷониби созмонҳои ҷаҳонӣ, кишварҳои бузурги ҷаҳон ва ҳимояи СММ барои беҳбудии вазъи беҳдоштӣ, тавсеаи маориф, пуштибонӣ аз кӯдакону занон, инчунин пуштибонии байналмилалӣ аз гурезаҳо ва беҷошудагони афғон, беҳбудии шароити ҳуқуқи башар, чалби кӯмакҳои башардӯстона, ҳокимияти қонунӣ, ҳукуматдории хуб, ҳамкориҳои техникӣ дар ростоӣ истифодаи сулҳомез аз технология ва энергияи атомӣ ва ҳимоя аз муҳити зист, аз ҷумла барномаҳои ҷадиди СММ буд, ки ба ин васила дар заминаи ҳамкориҳои густурда, иқдомоти ҳимоятиро анҷом додааст [14, 46].

ЮНИСЕФ яке аз созмонҳои пешгоми СММ дар таъмини кумаки техникӣ, барои тамоми вазоратҳо бахусус Вазорати маориф нақши басо назарраси худро дошта, пайваста кишвари Афғонистонро пуштибонӣ мекунад ва иддао дорад, ки мо ҳама дар ин нақшаҳои самаранок саҳми бориз дошта ва барои рушди мардуми Афғонистон кӯшиш менамоем.

[1] ISAF - International Security Assistance Force

Омӯзиши муаллимон низ яке аз заминаҳои дигаре аст, ки бояд дар ин бахш таваҷҷуҳи зиёде ба харҷ дода шавад. Агар муаллимони хубу мутахассис интихоб ва омӯзиш дода шаванд, дар он сурат маорифи Афғонистон пешрафт гардида, барномаҳои асосии дарсӣ, низ дар шакли дуруст татбиқ мешаванд [4].

Сандуқи СММ соли 2008 барои таълиму тарбияи кӯдакон ба маблағи 46 миллион доллар ба соҳаи маорифи Афғонистон кӯмак кард, ки санади ин кӯмак миёни ЮНИСЕФ ва Вазорати маорифи ҶИА ба имзо расидааст. Адил Хизр намояндаи ЮНЕСКО дар Афғонистон изҳор дошта буд, ки таваҷҷуҳи мо бештар ба кӯдаконе хоҳад буд, ки аз таҳсил дур мондаанд. Мо бояд роҳҳоеро ҷустуҷӯ намоем, ки кӯдакон дубора ба мактабҳои хеш боз гарданд. Ин дар ҳолест, ки борҳо мақомоти аршади Вазорати маориф ба истифодаи нодурусти маблағҳои ин вазорат муттаҳам шудаанд ва гузоришҳое аз мавҷудияти мактабҳо ва муаллимони хайёлӣ ба нашр расидаанд, ки ҳукумат ин гузоришҳоро ҷиддӣ нагирифтаст [10].

Баҳри барномарезии нав барои аз миён бардоштани мушкилот дар бораи татбиқи омӯзиш ва парвариш, ин бор СММ по дар миён карда аст [7]. Барои тақвияти таълиму тарбияи Афғонистон Бакво Ируно, раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) рӯзи 18-уми майи соли 2013 дар шаҳри Кобул иброз доштааст, ки созмони мазкур Вазорати маорифи Афғонистонро аз лиҳози молӣ ҳимоят ва пуштибонӣ мекунад.

Бакво Ируно, раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) дар як сафари расмӣ бо даъвати роҳбарияти Афғонистон вориди Кобул шуд ва дар як нишасти хабарии муштарак ҳамроҳ бо Форуқи Вардак-вазири маорифи Афғонистон гуфт, ки созмони ЮНЕСКО дар канори Афғонистон хоҳад монд ва кӯмакҳоро дар соҳаи маорифи Афғонистон боз ҳам бештар мерасонад.

Бакво Ируно, раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) дар ҷараёни суханрониаш аз пешрафти назарраси соҳаи маорифи Афғонистон афзуд, ки таълиму тарбия дар ҳеҷ дине манъ нашудааст ва ин созмон аз духтароне, ки аз рафтан ба мактаб бо мушкилот мувоҷеҳанд пайваста ҳимоят ва пуштибонӣ мекунад [6].

Вазорати маориф дар тӯли солҳои 2001-2014 равобити худро бо муроҷиати кӯмаккунандагони хориҷӣ ба манзури гузор аз ҳолати хароб ва бади идора ва беҳбудии сатҳи барномаҳои судманд ва роҳҳои таъсиргузор барои сармоягузорӣ дар бахши маориф то ҳадди ҷаҳонӣ кушиш ба харҷ додааст. Стратегияи соҳаи маориф барои рушди миллии Афғонистон тарҳ ва тавсеаи қонуни нави таълиму тарбия мушаххас ва муайян мегардад, ки дар мутобиқат бо Қонуни асосии кишвар нақш ва салоҳияти мақоми вазорати маорифро таин намояд. Зарурияти он эҳсос мешавад, ки Вазорати маориф аз ҳамкорони муттаҳиди байналмилалӣ, бахусус СММ, ки барои рушди маорифи Афғонистон уҳдадор аст, бояд истифода намояд [1, 55].

Кӯмакҳои байналмилалӣ барои беҳбудӣ ва вазъи беҳдоштӣ ва тавсеаи маориф аз ҷониби СММ баъд аз конфронси Бон сурат гирифта аст, ки дар ҳақиқат аз таъсиргузории мусбӣ бархурдор мебошад. Вазири маорифи Афғонистон доктор Асадулло Ҳаниф Балхӣ илова намуд, ки рӯи идораи тавсеаи саноати СММ бо арзиши 400 ҳазор доллари амрикоӣ дар 5 мактаби вилоятҳое чун, Кобул, Нангарҳор ба хотири таълимоти умумӣ аз 7 то 19 синф ва таҳсилоти нимаи олиро за 12 то 13 синф ва 500 нафар шогирд барои 250 нафар муаллим бо мақсади қудрат бахшидани маҳорат ва усулҳои дарсӣ ба муддати 14 моҳ омӯзиш доданд. Ҳамчунин қобили қайд аст, ки бо дар назар надоштани ду созишнома бо Муассисаи саноатии инкишофӣ, ки арзиши он ба 120000 доллари амрикоӣ мерасад ёдовар шуд. Дар мактабҳо ва мадрасаҳои олии динӣ 7 ноҳияи вилояти Форёб фанни дарсӣ бо номи фанни сулҳ ва дар шаҳри Маймана ва 7 ноҳияи он заминаи бунёди 24 синфхонаи саводомӯзӣ ва 10 то маркази саводомӯзиро фароҳам сохт. Баъдан намоянгони муассисаҳои зикршуда ҳар кадом бо навбат суханронӣ намуда бо пуштибонӣ аз барномаҳои Вазорати маориф дар соҳаҳои мухталиф, хусусан дар бахши таълимоти техникӣ ва маслакӣ ваъдаи кӯмак ва ҳамкорӣ намуданд [14, 1].

Созмони пуштибонӣ аз кӯдакони Афғонистони марбути СММ (ЮНИСЕФ) баён намуд, ки боз ҳам ба кӯмакҳои худро барои кишвари ҷангзадаи Афғонистон идома мебахшад ва баъд аз ин бештарин барномаҳои ҳимоятӣ ва инкишофиашро дар манотиқи дурдасти Афғонистон татбиқ хоҳад намуд.

Гето Гупто, муовини Раиси умумии Идораи ҳимоят аз кӯдакони СММ дар нахустин сафараш ба кишвари Афғонистон аз вилояти Бомиён боздид намуд ва ба идораи умумии кӯмакҳои ин созмон дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, рушди деҳаҳо ва корёбӣ таъкид намуда, ҳамзамон ваъдаи кӯмак намуда буд. Чунончи хонум Гето Гупто иброз дошт, ки таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳо ва муборизa бо тангдастӣ ва бекорӣ метавонад тағйироти чашмгире

дар вазъияти зиндагии сокинони Афғонистон эҷод кунад. Хонум Гупто дар идомаи суханони худ афзуд, ки кӯдакон ва занон дар Афғонистон ниёз ба кӯмаки доимӣ доранд, бояд онҳоро дастгирӣ намуд [2, 235].

Хулоса дар натиҷаи ҳамкориҳои СММ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз соли 2001 то соли 2014, тайи 13 сол иқдомот ва фаъолиятҳои сиёсии зиёде анҷом додашуд. Таҳвияти ҳамкориҳо бо созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ бо ҳадафи тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ҷиҳати амалӣ намудани нақша-чорабиниҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пайванд бо Афғонистон, ки дар конфронсҳои байналмилалӣ қабул гардидаанд ба монанди "Конфронси Лондон" дар моҳи (январи соли 2010), "Конфронси Кобул", (июни соли 2010) дар "Конфронси Токио" (июни соли 2012) дар ростои обод намудани Афғонистони нав ва эҷоди амният, осоиш ва оромӣ, таҳвияти ниҳодҳои демократӣ ва таъмини ҳокимияти миллӣ, нигаронида шуда аст. Бояд ёдовар шуд, ки ҷаласаи таърихии Бон, ки бо иштироки намояндагони гурӯҳҳои мухталифи Афғонистон баргузор гардида буд дар раванди рушд ва беҳбудии вазъи сиёсӣ, ба хусус соҳаи маорифи кишвари Афғонистон саҳми боризи худро гузоштааст. Шурӯъ аз ҷаласаи таърихии Бон як давраи на ҷандон муҳим барои Афғонистон маҳсуб мегардад, ки тайи ин давра сулҳи нисбӣ дар ин кишвар ҳукмфармо гардид ва мардуми ин кишвар бо вуҷуди як силсила мушкилот дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ, рушди маориф ва дигар арсаҳои зиндагӣ пешрафтҳои ҷашмгиреро ба даст оварда ва асосҳои зербинои вайроншудаи Афғонистонро то ҳадди тавон бозсозӣ ва навсозӣ карданд.

АДАБИЁТ

1. Аббосӣ М. К. Таҳкими равобити Вазорати маорифи Афғонистон бо ниҳдоҳои байналмилалӣ // Маҷаллаи "Ирфон". -Кобул, 2014. -88 с.
2. Аҳмадӣ Ҷ. Х. Нигоҳе ба таърихи муосири Афғонистон. -Кобул, 2016. -240 с.
3. Вазорати маориф. Барномаи кӯмакҳои 35 миллион долларои се муассиса ба маорифи Афғонистон // Ҳафтаномаи "Маориф". -Кобул, 2016. -№ 211, С. 4-10.
4. Гупол Ш. ЮНИСЕФ дар Афғонистон // Конфронси матбуотии дафтари Созмони Милали Муттаҳид дар Афғонистон (манбаи электронӣ). https://unama.unmissions.org/sites/default/files/old_dnn/UNAMA/ Press%20 Conferences/UNAMA%20PRESS (санаи истифодабарӣ: 07.08. 2019).
5. Ирфонӣ А.Ф. Афғонистон дар чор даҳаи ахир. -Кобул, 2008. -144 с.
6. Изҳороти Ируно Букво раиси умумии Созмони омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии СММ (ЮНЕСКО) дар мавриди кӯмакҳои молиявӣ барои маорифи Афғонистон дар нишасти хабарӣ дар Кобул (манбаи электронӣ) http://ara.tv/mh2tr (санаи истифодабарӣ: 15.09. 2019).
7. Изҳороти Ируно Букво раиси умумии Созмони омӯзиш, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) дар Афғонистон, дар конфаронси хабарӣ дар Кобул (манбаи электронӣ) https://tolonews.com/fa/afghanistan/ (санаи истифодабарӣ:12.08.2019).
8. Комгор М.Ҷ. Таърихи маорифи Афғонистон. -Кобул, 2012. -222 с.
9. Мисбоҳулло А. Афғонистон пас аз воқеаҳои 11-уми сентябр. -Кобул, 2005. -168 с.
10. Муҳаммад И.Ш. Вазорати маорифи Афғонистон // Конфронси матбуотии Вазорати маорифи Афғонистон (манбаи электронӣ) https://kokchapress.com/779349 (санаи истифодабарӣ: 21.11.2019).
11. Носирӣ И. Макси бар ҳодисаҳои Афғонистони навин. -Теҳрон, 2002. -195 с.
12. Расулӣ Н. Афғонистон ва кӯмакҳои ҷаҳонӣ. - Пешовар, 2014. -187 с.
13. Самадӣ А.Ф. Рӯйдодҳои панҷ даҳаи ахир дар Афғонистон. -Пешовар, 2004. -533 с.
14. Фозилёр Ф. Ҷомеаи ҷаҳон ва давлат-миллатсозӣ дар Афғонистон. -Кобул, 2014. -245 с.

РОЛЬ ООН В РАЗВИТИИ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ АФГАНИСТАН НА 2001-2014 ГГ.

Боннская конференция была одна из первых и новых инициатив и программ ООН, при сотрудничестве и поддержке США и соседнего с Афганистаном государств, в рамках «2 + 6» и с участием афганских групп и партий, состоявшаяся в сентябре 2001 года в Бонне Германии с целью восстановления мира, политического, экономического, социального развития и в частности развития образования в Афганистане. В течение 13 лет, с 2001 по 2013 год сотрудничества ООН с Правительством Афганистана по политическому, экономическому и образовательному развитию в Афганистане были очень успешными.

Статья посвящена политическим событиям в Афганистане, международной помощи со стороны международных организаций, крупных мировых держав и Организации Объединенных Наций для улучшения сферы образования, поддержки детей и женщин оставившие (бросившие) школу, а также международной поддержки афганских беженцев и перемещенных лиц, и в частности привлечение гуманитарной помощи для восстановления правопорядка.

Ключевые слова: *ООН, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Афганистан, образование, обучение, школа, воспитание, наука, культура, развитие образования.*

THE ROLE OF THE UN IN THE DEVELOPMENT OF THE EDUCATION SPHERE IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN FOR 2001-2014

The Bonn Conference was one of the first and largest new UN initiatives and programs, held in September 2001 in Bonn, Germany, with the cooperation and support of the United States and neighboring Afghanistan in the framework of "2 + 6" and with the participation of Afghan groups and parties. Restoring peace and political, economic and social development, and in particular the development of education in Afghanistan.

As a result of UN cooperation with the Government of Afghanistan, political, economic and educational development initiatives and activities in Afghanistan for 13 years from 2001 to 2013 have been very successful.

The article is devoted to the political events in Afghanistan, international assistance from international organizations, major world powers and the United Nations to improve education, support children and women who left school, as well as international support for Afghan refugees and displaced persons, and in particular attracting humanitarian aid for restoration of law and order.

Key words: *UN, UNESCO, UNICEF, Afghanistan, education, training, school, upbringing, science, culture, education development.*

Сведения об авторах:

Кудратов Комрон Абдунабиевич *– кандидат исторических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Электронная почта: komron.kudratov@gmail.com Тел .: (+992) 93528 28 62;*

Кушо Фахим Мухаммадазам - *доктор Ph.D., второй курс Таджикского национального университета. Электронная почта: kosha.Fahim2019@gmail.com*

About authors:

Kudratov Komron Abdunabievich - *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: komron.kudratov@gmail.com Tel.: (+992) 93 528 28 62;*

Kusho Fahim Muhammadazam - *Doctor Ph.D., second year of the Tajik National University. E-mail: kosha.Fahim2019@gmail.com*

УЧЕНИЕ ИБН РУШДА О ДВОЙНОМ РАЗДЕЛЕНИИ ДУШИ, УМА И ИНТЕЛЛЕКТА

Давлатов Р. Л.

Таджикский государственный педагогический университет им С. Айни

Ибн Рушд обращается к высказываниям Аристотеля и обращает внимание на то, что необходимо, чтобы в душе, которая является интеллектом, существовал интеллект в той мере, в какой он становится в каждой вещи, и интеллект, который является интеллектом в той мере, в какой он заставляет рассуждать о каждой вещи, и интеллект в той мере, в какой он рассуждает о каждой вещи, подобно диспозиции, подобной свету, ибо свет определённым образом делает потенциальные цвета действительными цветами [4, с.350].

По словам, Ибн Рушда, сущность интеллекта и разума подобна средству между непостоянством и постоянством потому, что они появляются и исчезают в той мере, в какой допускают своё увеличение и уменьшение по количеству в процессе их конечного совершенства. Ибн Рушд затрагивает вопрос о двойном разделении интеллекта / разума и отмечает это таким образом: *«Надо полагать, что разум - четвёртый род, ибо точно так же, как разумное было разделено на форму и материю, так и разумное должно быть разделено на двойников этих двух, а именно: на нечто подобное форме и нечто подобное материи. В «Первой философии» уже было объяснено, что единственная форма, абсолютно свободная от потенциальности - это «Первая форма», которая ничего не рассуждает вне себя, и действительно, её существование - это её сущность, в то время как другие формы тем или иным образом различаются по отношению к сущности и существованию. Если бы не было этого рода существ, которые мы знаем по отношению к науке о душах, то мы не могли бы рассуждать о множестве вещей, отделяющих от материи, точно так же, как если бы мы не знали природу рассудка здесь, то мы не могли бы рассуждать о том, что движущиеся силы, отделяющие от материи, должны быть интеллектами»* [3, с.348].

Почему же Ибн Рушд так долго рассуждает об интеллекте и его формах и каково его отношение к душе?

Начнём с определения души и с того его убеждения, что, если здесь не раскрывать природу интеллектов, как двигающие силы, то невозможно понять суть души и её разновидности, и для понимания этой сути он написал отдельный трактат - комментарий к вопросу о Души Аристотеля под названием «Комментарий к книге «О души» («Талхис китаб ал-нафс»).

В данном произведении для определения души Ибн Рушд убеждает читателя в том, что достичь **знания** о сути души и о том, что прикрепляется к этой сути, возможно только самыми совершенными и простыми способами и поэтому для начала обращается к разъяснению степени бытности формы, отделённой от материи, и ставит вопрос о том, что, если она существует, то от каких субъектов и какими методами можно узнать о её существовании? Он подчёркивает, что разделение может существовать только в отношении вещей, связанных с материальными вещами, в той мере, в какой они связаны друг с другом, не по отношению формы к материи. Более того, если мы признаем, что форма существует до того, как она существовала в обозначенной первоматерии (*фи ал-хайула мушар илайха*), то не будет никакой необходимости ни в её существовании, ни в следовании за ней, ни в её изменении, или же вообще не будет никаких изменений формы [2, с.5].

Ибн Рушда заключает: *«…и все эти аргументы (истизхарат) должны быть использованы по отношению к тем, кто* ***отрицает*** *их существование, а не в том смысле, что они являются проявлениями, посредством которых проясняется то, что неизвестно через то, что известно. И одна из задач такого рода дискурса состоит в том, что он может быть использован в науке метафизики, поскольку именно это искусство гарантирует поддержку того, что определённое искусство позиционирует себя как свои принципы и субъекты»* [2, с. 6].

Из того, что было сказано в этом рассуждении, для Ибн Рушда становится ясно, что душа - это форма естественного органического тела потому, что, если каждое тело состоит из материи и формы, то в этом отношении в живом существе есть душа и тело, и из природы души ясно, что это не материя для естественного тела, то ясно, что это форма. И поскольку природные формы - это, прежде всего, совершенства, принадлежащие телам, которые являются их формами, то необходимый элемент, сказанный в определении души, - это то, что это, как было указано в отношении интеллекта, - первичное совершенство для естественного органического тела.

Ибн Рушд подчеркивает, это определение, в связи с тем, что оно касается того, что очевидно, сказано двусмысленно обо всех силах души, и это потому, что данное высказывание о том, что *«…питательная душа является совершенством, относится к иному намерению человека, чем наше изречение о том, что чувствительные и творческие души, или более уместно, то, что сказано двусмысленно в данном случае о рациональной силе, а также остальных частей её определения, не является достаточным для того, чтобы в совершенстве раскрыть сущность всех частей этого определения для того, чтобы раскрыть то, что является совершенством, существующим как в питательной душе, и в каждой из остальных»* [2, с.6].

Из этого фрагмента можно вычесть, что Ибн Рушд имеет в виду пять видов души: первая из них существует во времени, то есть в материальном существе, где приоритетом является вегетативная душа; затем - чувствительная, воображаемая, рациональная и возделывающая души, которая подобна сопутствующей (*ка ал-лахик*) этим двум силам, то есть, воображаемой и чувствительной.

В силах этих душ мыслитель определяет различные способности, например, в чувствительной душе он выделяет способность видеть, слышать, обонять, чувствовать вкус и осязать. Кроме того, различие между этими силами Ибн Рушд видит не только в видах их деятельности, но и в том, что некоторые из них могут быть отделены от других по своему субъекту. И это, как утверждает Ибн Рушд, потому, что растительную душу можно встретить в растениях без чувственного, а чувственное без воображаемого, присуще организмам многих животных, таких как муха, даже если в них не может существовать обратное положение вещей, т.е. чувствительная душа существует без питательного, или воображаемое без чувственного. И причину в этом мыслитель видит в том, что всякое, что занимает место материи среди них, для одного из них не может быть отделено от его материи в этом единственном случае, в то время как эта способность, которая имеет ранг материи для этого последнего, может быть отделена, но не в той мере, в какой это имеет значение для чего-то, а, скорее, в той мере, в какой это является совершенством вещи. И по этой причине невозможно в случае первичной материи отделить её, поскольку в ней нет формы, посредством которой она готова получить другую форму, в то время как это возможно с композиции души и тела, которая является в одном отношении веществом, а в другом - формой [2, с.8].

В статье «Опровержение опровержения» по утверждению ал-Газали говорится о том, что «среди множества душ» нашлась бы такая душа, которая бы имела особые свойства и могла бы «производить как тела, так и бестелесные сущности?». На что Ибн Рушд отвечает: *«Он, т.е. ал-Газали хочет сказать: почему невозможно, чтобы среди душ в телах нашлись души, которые*

имеют способность создавать другие живые и неодушевленные формы? Странно, что ал-Газали искренне уверен в том, что в чувственном мире тела не могут производиться телами, тогда, как ничего другого и не наблюдается!» [1, с.349].

Так же Ибн Рушд, обращаясь к ал-Газали отмечает, что он должен понять, что, когда заявления философов не опираются на доказательные науки, они приобретают диалектический характер, причём независимо от того, являются ли они общепризнанными или повсеместно отрицаются и рассматриваются как чудачества [1, с.348]. Или в другом месте разъясняет: *«…а, что касается этого* ***ума****, то предлагаемая посылка, о том, что каждый ум либо мыслит сам по себе, либо мыслит о чём-то ещё, либо мыслит и о том, и о другом вместе - необоснованно»* [1, с.349]. *Но если эту посылку принять, то можно сказать следующее: если ум мыслит о других вещах, то самоочевидно, что он должен мыслить и о самом себе. Однако, если он мыслит о самом себе, то нет никакой необходимости, чтобы он мыслил и о других вещах».* [1, с.370].

Картина становится более чёткой и очевидной, когда Ибн Рушд в этой же книге не относит душу к двигателю остальных телесных существ, например, небесных тел*: «…когда речь идёт о душе небесных тел, термин «душа» определяется неоднозначно и здесь скорее применим термин «природа», ибо имеется в виду потенция, выполняющая умное действие, т.е. действие, которое отвечает порядку и устройству, наличествующим в умных вещах»* [1, с.406].

По сравнению с учениями восточных перипатетиков, исмаилизма и суфизма, где говорящая душа иногда упоминается под названием разумной души, аверроэский человеческий материальный интеллект является, таким образом, вечной субстанцией, самой низкой ступенью в бесплотной иерархии. Он прикрепляет себя к человеческому организму несущественным образом, соединяясь с человеческой **способностью** и играет роль получателя в **интеллектуальном процессе**. Аргументы, показывающие, что человеческая мысль является вечной, рассматривают человеческую мысль как принадлежащую материальному интеллекту, в то время как аргументы, показывающие, что она генерируется разрушаемой и индивидуальной, рассматривают человеческую мысль в той мере, в какой она принадлежит изобретательским способностям отдельного человека.

Когда Ибн Рушд утверждает, что действительные мысли людей присутствуют в материальном интеллекте вечно, это не означает, что материальный интеллект обладает человеческими мыслями через себя. Вместе с тем, Аверроэс никогда не объясняет, когда и как материальный интеллект становится связанным с индивидуальным человеческим организмом. Как человеческие усилия могут подвигнуть материальный интеллект на выполнение своих желаний, видя, что материальный интеллект является вечной субстанцией, лишь цепко связанной с человеком, и как материальный интеллект, являющийся получателем действительных человеческих мыслей, отвечает взаимностью и наделяет индивидуального человека интеллектуально осознающим существом.

Ибн Рушд комментируя фрагменты из высказываний Аристотеля, выделяет три различия в понимании души: **первое**, та часть которая называется «интеллектом», в которой, по его словам должна быть другая часть, «на которую влияет всякое подобие и восприимчивость» окружающего; **второе**, он называет «интеллектом», но в той мере, в какой она заставляет этот потенциальный интеллект рассуждать о каждой вещи, ибо причина, по которой она заставляет этот потенциальный интеллект рассуждать о всех вещах, есть не что иное, как причина, по которой он является действительным и потому, что он является действительным, есть причина, по которой он на самом деле рассуждает о всех вещах; **третье**, также называется «интеллектом», и оно таковое, что делает каждый потенциальный интеллект реальным.

Исходя из всего этого, Ибн Рушд, по-видимому, хотя бы в этой книге соглашается с мнением Аристотеля о таком соотношении души и интеллекта, при этом высказывая свою мысль о том, что необходимо, чтобы в душе был интеллект, который является интеллектом поскольку, он становится всякой вещью, имея в виду, что под этим подразумевается материальный интеллект. Таким образом, это и есть его вышеупомянутое описание, а также подчеркнул, что интеллект находящийся в интеллекте, поскольку он заставляет рассуждать всякую вещь, имел в виду то, что приходит в себя, находясь в положительном состоянии [1, с.350]. Несмотря на такие сложные умозаключения и логические комбинации, Ибн Рушд, как было сказано, аргументирует истину существования метафизических явлений посредством реальных, простых вещей.

Возвращаясь к рассмотрению двойственного соотношения формы и материи, он отмечает, что поскольку обнаружено, что формы вещей, которые не производятся семенами, порождены чем-то иным, чем их род или вид, то, возможно, необходимо, чтобы существовали определённые, отдельные формы, которые обеспечивают формы вещей, которые не производятся семенами. Он подчеркивает, что это может предполагаться не только в отношении того, что не производится из семян, но и в отношении того, что производится из семян, ибо душа на самом деле не находится в сущности семени, а находится в нем только потенциально.

Далее он пишет: «Теперь, что бы ни было в силе, требуется то, что есть в действительности, и то же самое относится и к тому, что есть в самих семенах; ибо душа не актуализируется в семени таким образом, что есть душа в действительности, и не утверждается, что душа является чем-то, произведённым в результате смеси, за исключением мнения того, кто думает, что душа является смесью. Таково мнение современных философов, которые называют такую отдельную форму, как «Активный интеллект» в противоположности философии Аристотеля» [1, с.333].

Как нами было выше отмечено, Ибн Рушд в отдельных случаях по конкретным вопросам не имеет устойчивую позицию: здесь, говоря об «активном интеллекте», он приближается к теории эманации восточных перипатетиков, которую часто подвергают критике и опровержению. Дело в том, что в данном случае наш мыслитель рассматривает «активный интеллект» как даритель не только формы душ существенных форм, принадлежащих к схожей её специфике, но и существенных форм, принадлежащих элементам, ибо очевидно, что элементы действуют только благодаря своим качествам, а не благодаря своим существенным формам. В целом может показаться, что во взглядах Ибн Рушда активных сил нет, кроме четырёх качеств, т.е. горячих, холодных, влажных и сухих, которые не являются существенными формами. Таким образом, не следует говорить о том, что лёгкие и тяжелые - это либо активные, либо пассивные силы.

Вообще, эта головоломка разворачивается на определённых предпосылках, одна из которых заключается в том, что всякое, что находится в силе, становится реальностью только в результате чего-то внешнего по отношению к своему виду или роду. Другая предпосылка, которую он включает, состоит в том, что существенные материальные формы сами по себе не являются активными и пассивными. Наконец, другая предпосылка заключается в том, что только первичные качества являются активными и пассивными способностями. Когда же эти предпосылки устанавливаются, то необходимым выводом является то, что силой этих форм являются определённые первоначал, которые он считает несущественными. В этом заключается двойной принцип изложения комментарий Ибн Рушда о том, что в одном случае, он наотрез отказывается от перипатетической теории эманации, а точнее, от истечения Души от Разума и последующих их развития в земном мире, а в другом, мыслитель говорит об этом процессе, не используя слово «файз» или «фаязан» в значении эманации, когда разъясняет активные и пассивные силы интеллекта и разума и их передачи от одного существа в другом. При этом статус интеллекта ставится выше души и других сущих форм, например, он отмечает: *«Кроме того, можно было бы сказать, что формы стихии происходят только от «Дарителя форм», указывая на то, что мы верим, что движение, из которого на самом деле рождается огонь, происходит от того, что потенциально является огнём, но мы не можем сказать, что движение производит существенную форму, принадлежащую огню. Таким образом, форма огня, возникающая из движения, должна существовать только в результате «Дарителя форм»* [4, с.333].

Очевидно, что Ибн Рушд в таком смысле рассматривает все генеративные силы, как передающие естественные силы в теле живого организма в их разнообразных проявлениях. Эти силы актуализируют действие практического, или материального интеллекта, тем не менее, они действуют посредством определённого телесного инструмента и определённых органов живого организма. Роль материального интеллекта состоит в том, чтобы получать универсальные формы в своей деятельности по различию и познанию намерений сущих, которые таким образом становятся понятными в действии, т.е. «универсальные формы».

Но, как мы видели, то, что принимается в конкретную существующую сущность, само конкретизируется, когда оно принимается в конкретную личность. То, что является телом или силой тела, не может получить универсальны формы, не превратив их в особые познания, которые являются потенциальными, а не реально существующими интеллектами.

Таким образом, можно сделать определённый вывод, что Ибн Рушд в своём натурфилософском учении рассматривая двойную истину с точки зрения религии и философии, философии и природы, выступил в поддержку вышеупомянутой теории в другой форме.

Точный анализ теории путём рассмотрения метафизических и реальных событий, за которыми последовало приписывание этой точки зрения данному философу, позволяет сделать вывод о различных последствиях теории и можно вычислить следующее разделение:

- **первое**, онтологические последствия, т.е. вера в существование двух типов реальностей во Вселенной, которые могут быть описаны двумя способами, двумя противоречивыми или дополняющими друг друга вещями и явлениями во Вселенной;

- **второе**, эпистемологические последствия двойной реальности:

а) два способа достижения одной реальности;

б) два способа описания одной реальности;

в) двойственность реальности на практике;

г) два уровня одной реальности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Аверроэс (Ибн Рушд). Опровержение опровержения. С. 349.
2. Averroes. Epitome of the De Anima. Transl. Deborah L. Black.
3. Toronto, 2009 p.5
4. Ibn Rushd. Commentary on Metaphysics, Zeta 9a, p.348.
5. Classical Arabic Philosophy. An Anthology of Sources, p. 350.

УЧЕНИЕ ИБН РУШДА О ДВОЙНОМ РАЗДЕЛЕНИИ ДУШИ, УМА И ИНТЕЛЛЕКТА

В статье автор пытается рассмотреть двойную истину Ибн Рушда с точки зрения религии и философии, философии и природы об интеллекте и его взаимосвязи с душой, телом и формой и приходит к умозаключению, что великий философ выступил в поддержку вышеупомянутой теории, где делит её на онтологические и эпистемологические последствия, которые видит в вере существования двух типов реальностей во Вселенной и которые могут быть описаны двумя способами, двумя противоречивыми или дополняющими друг друга вещями и явлениями во Вселенной в двух способах достижения одной реальности и их последствий: онтологические и эпистемологические.

Автор считает, что попытка Ибн Рушда об аргументации своей идеи о том, что тело или сила тела, не может получить универсальные формы, не превратив их в особые познания, которые являются потенциальными, а не реально существующими интеллектами имеет своё место в философии.

Ключевые слова: *интеллект и разум, непостоянство и постоянство, двойное разделение интеллекта / разума, «Комментарий к книге «О души» («Талхис китаб ал-нафс»), знания о сути души, форма естественного органического тела, питательная душа, чувствительная душа, виды их деятельности, материальный интеллект, интеллектуальный процесс, интеллектуально осознающее существо, человеческий материальный интеллект.*

IBN RUSHD'S TEACHING ON DOBLE DIVISION OF SOUL MIND AND INTELLECT

In the article, the author tried to consider the double truth of Ibn Rushd from the point of view of religion and philosophy, philosophy and nature about intelligence and its relationship with soul, body and form, and comes to the conclusion that the great philosopher supported the aforementioned theory, where he divides it into ontological and the epistemological consequences that the belief in the existence of two types of realities in the Universe sees and which can be described in two ways, two contradictory or complementary things and phenomena in the Universe in two ways ah the achievements of one reality and their consequences: ontological and epistemological.

The author believes that the attempt by Ibn Rushd to argue his idea that the body or the strength of the body cannot receive universal forms without turning them into special knowledge, which are potential and not really existing intellects, has its place in philosophy.

Keywords: *intellect and reason, inconstancy and constancy, double division of intellect / reason, «Commentary on the book» On the Soul «(Talhis kitab al-nafs), knowledge of the essence of the soul, form of a natural organic body, nourishing soul, sensitive soul , their activities, material intelligence, intellectual process, intellectually aware being, human material intelligence.*

Сведение об авторе:

Давлатов Р.Л.- *кандидат филисофических наук, доцент кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*

About the autor:

Davlatov R.L. - *Candidate of Philisophic Sciences, dosent of the department Philosophy, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*

НАҚШ ВА МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР МУНОСИБАТ ВА МАСОИЛИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Айнуллозода Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Таҷрибаи таърихӣ собит намудааст, ки ҳуқуқи байналхалқӣ бо пайдо шудани давлатҳо ва зарурати объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ба вуҷуд омадааст. Зеро пайдоиши давлат ва муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо зарурати танзими онҳоро ба миён овард.

Бояд қайд намуд, ки субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ танҳо он давлатҳое ба ҳисоб мераванд, ки соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд бошанд. Соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқбунёдӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои давлатҳои мустақил ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ ба ҳисоб мераванд. Ин хусусиятҳо дар он

зоҳир мешавад, ки бинобар соҳибихтиёрӣ давлатҳо субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ гардида, дорандаи ҳуқуқу ухдадориҳое мегарданд, ки онҳоро меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ муқаррар менамоянд. Ғайр аз ин, давлатҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқиро дар қонунгузории давлати худ татбиқ менамоянд. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки дар ҳуқуқи байналхалқӣ субъектнокии ҳуқуқи давлатро, пеш аз ҳама, соҳибихтиёрии он муайян мекунад. [9]

Дар таърихи давлатдории Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 ҳамчун рӯзи ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин рӯз изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон гардидани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки дар он омадааст: «Дар муносибатҳои байналхалқӣ ҶТ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ баромад намуда, дар фаъолияташ барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани аслиҳаи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодабарии қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳои байни давлатҳои соҳибихтиёр саъй намуда, ҳамкориро байни онҳо дар ҳалли масъалаҳои ҳаматарафа, ки дар назди башарият истодаанд, вусъат медиҳад». [4, с.88] Инчунин дар қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» оварда шудааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратиро барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналхалқӣ мебандад». [8,с.50] Бояд гуфт, ки дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи муҳими ҳуқуқ мебошад. [6, с.461] Муҳимияти ин санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар он мебошад, ки онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ дар ҷаҳон муаррифӣ менамоянд.

Заминаи дигари ҳуқуқии ба вуҷуд омадани соҳибихтиёрии ҶТ ин Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олӣ қабул гардидааст.

Тоҷикистон дар байни кишварҳои дигари ИДМ дуввумин кишваре гардид, ки баъд аз Русия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конституцсия худро қабул кард. Мақоми соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ҳоло дар Конституцсия қонунан сабт шудааст, ки стандартҳои умумичаҳонии эътирофшударо дарбар мегирад. [1, 311-315] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул гардид, хусусиятҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр эълон кард. Мавриди қайд аст, ки нақши конституцсия на танҳо барои расмӣ гардонидани бунёди давлати нав, балки мувофиқи он асосу заминаҳое муқаррар шудаанд, ки барои таъмини рушду инкишофи он муҳим аст. [4, с.87]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият худро дар муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуд ва эълон дошт, ки фаъолияти ӯ ҳамчун давлати комилҳуқуқи мустақил барои расидан ба сулҳи пойдор, барҳам додани аслиҳаи қатли ом, монеъ шудан ба истифодабарии қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофотҳои миёни давлатҳои соҳибистиқлол равона менамояд. Ин масъала дар моддаи 15-и Эъломияи истиқлолияти ҶТ баръало ифодаи худро ёфт, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар алоқаҳо барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналхалқӣ мебандад».[5]

Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чандин кишварҳои ҷаҳон робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор кардааст, ба узвияти чандин созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилаливу минтақавӣ дохил гардидааст ва бо ҳамаи онҳо пайваста муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро анҷом медиҳад.

То имрӯз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналхалқӣ аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба расмият шинохтаанд. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои зиёди дуру наздик равобити дипломатӣ барқарор намуда, дар қаламрави кишварамон сафоратхонаҳои даҳҳо кишварҳои ҷаҳон, аз қабили Эрон - 8 январи соли 1992, Ҷумҳурии Мардуми Чин -13 марти соли 1992, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико - 16 марти соли 1992, Ҳиндустон, Олмон, Туркия, Руссия ва ғ. фаъолият менамоянд. Инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар кишварҳои зиёди ҷаҳон намояндагии дипломатии хешро кушодааст. Бояд таъкид кард, ки ба расмият шинохтани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри рушди мутавозини робитаҳои дӯстона ва густариши ҳамкориҳои дуҷониба аҳамияти калон дорад. Зеро эътироф кардани Тоҷикистон мавқеи байналхалқии онро устувор намуда, ба рушди ҳамкориҳо дар арсаи байналхалқӣ мусоидат мекунад. Соҳибистиқлолӣ, яъне ҳамчун давлати соҳибихтиёри миллӣ эътироф шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ба кишвари маҳбуби мо имкон дод, ки ҳамкориҳоро вусъат дода, узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад. [9]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 30.04.2007 қайд намуданд: «Замони мо - замони муттаҳид сохтани саъю талошҳо ва

ба ҳам овардани кӯшишҳои муштарак дар самти ҳаллу фасли масоили умдаи инсоният аст, ки созмонҳои минтақавию байналмилалӣ таҷассумгар ва ҳамоҳангсози чунин фаъолиятҳо мебошанд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар кори ин созмонҳо ширкати фаъолона дошта, хоҳони густариши ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони конфронси исломӣ ва Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ аст. Мо равобити созандаи худро бо тамоми институтҳои байналмилалии молиявӣ ҳамоно таҳвият хоҳем бахшид. Мо чун узви комилҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ бояд дар асоси риояи қотеъонаи санадҳои умумибашарӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо манфиатҳои олии миллат ва давлат амал намоем, ҳамчунин ҷузъиёти мушаххаси ширкати Тоҷикистонро дар фаъолияти ин созмонҳо пешбинӣ созем». [2, 2007]

Ҳамкориҳои рушдёбанда ва босамари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, Созмони конфронси исломӣ, Созмони амният ҳамкори Аврупо ва ташкилотҳои дигари байналхалқӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ сол то сол ва давра ба давра густаришу таҳвият меёбанд. Рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҶТ бо сохторҳои номбаршуда ба нафъи истиқлолият, манфиатҳои ҳастӣ ва пешрафти кишварамон мусоидат хоҳад кард. [9]

Яке аз тарафҳои муҳими сиёсати берунаи ҶТ иштирок намудани он дар кори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи мақсадҳои ин иттиҳод дар имрӯзҳо пурра иҷро мешаванд, лекин ба и н нигоҳ накарда ИДМ ҳоло ҳамчун баёнгари дастаҷамъӣ ва кафили манфиатҳои миллионҳо одамони қаламрави собиқ Иттифоқи Шӯравӣ мебошад.

Тоҷикистон дар баробари ИДМ инчунин ҳамкориҳоро бо ду ташкилоти дигари дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолияткунанда - Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё низ ба роҳ мондааст.

Дар давоми солҳои ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба дар иҷлосияҳои Маҷмаи кулли ин созмон ширкат намуда, бо пешниҳодҳои фарогири манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳон таваҷҷӯҳи давлатҳоро ба проблемаҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ ҷалб намуданд.

Алҳол дар Тоҷикистон сафоратҳои як катор давлатҳо ба монанди Эрон, Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҳиндустон, Франсия, Арабистони Саудӣ, Афғонистон, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Олмон, Озарбойҷон, Ҷумҳурии Корея, Туркия, Покистон, Туркманистон, Чин, Ӯзбекистон, Ҷопон, Қазоқистон ва Қирғизистон ташкил шуда, фаъолияти худро шурӯъ намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол гардидан барои мустаҳкам намудани муносибатҳои байнидавлатӣ бо якчанд давлатҳо аз ҷумла бо Эрон, Федератсияи Россия, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Арабистони Саудӣ, Афғонистон, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Миср, Белгия, Австрия, Ҷумҳурии Куба, Ҷопон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон, Швейтсария, Покистон, Қирғизистон, Туркманистон, Украина, Чин, Қазоқистон, Ҳиндустон ва Туркия сафоратҳо ва дар назди, Созмони амният ва ҳамкории дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони конфронси исломӣ, НАТО ва Иттиҳоди Аврупо намояндагиҳои доимияшро кушодааст.

Дар Тоҷикистон намояндагии зиёда 30 созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, 9 намояндагҳои муассисаву агентиҳои сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид фаъолият менамоянд. Айни замон да ҷумҳурӣ 46 намояндагии созмонҳои байналмилалии ғайридавлатӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки якҷо бо созмонҳои байниҳукуматӣ дар рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамеа саҳми худро гузошта истодаанд. [7]

Баъд аз соҳибихтиёр гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҳуқуқи байналхалқӣ акнун дар муносибатҳои байналхалқӣ фаъолона иштирок намуда, ба аксар шартномаҳои байналхалқӣ ҳамроҳ мешавад. Ин маънои онро дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз тамоюлҳои байналхалқӣ дур мондани нест. Бояд қайд намоем, ки Тоҷикистон дар Конституцсияи замони соҳибистиқлолӣ афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналхалқиро нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ эътироф намудааст. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳамроҳшавӣ ба санадҳои ҳуқуқӣ-байналхалқӣ, ки аз ҷониби аксарияти давлатҳо пазируфта шудаанд, ба раванди умумии байналхалқӣ, ки бо аз нав дида баромадан ва қабули гардидани ин санадҳои байналхалқӣ ба вуҷуд меояд, саҳми худро мегузорад.

Дар давраи истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии чандин созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналхалқӣ ва байниҳукуматӣ гардидаасст. Аз ҷумла 4 ноябри соли 1995 ба Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои дипломатӣ аз 18.04.1961, Конвенсияи Вена «Оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ» аз 23.05.1969 ва 13.11.1998, ба Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966. Ғайр аз ин Тоҷикистон ба чунин шартномаҳои байналхалқии дуҷониба ба монанди Созишномаи байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бораи супоридани ашхос ба Суди байналхалқии ҷиноятӣ аз 8 октябри соли 2003, Созишномаи байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ФР оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва

ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар ҶТ аз соли 2004, Созишнома оид ба ҳамкориҳои техникии байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷопон ва ғ. муваффақ гардидааст. [9]

Ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф намудани санадҳои робитаҳои байналмилалӣ ба монанди Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Асноди хотимавии Хелсинки, Баёнияи Париж ва ғ. зербинои сиёсати дохилӣ ва хориҷияшро боз ҳам мустаҳкамтар намуда, инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онро, новобаста аз мансубияти мазҳабӣ, миллӣ, ҷинсӣ ва нажодӣ арзиши олӣ эълон намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз ҳолати мураккаби дохилӣ умдатарин манфиатҳои миллии худ ва самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии худро саҳеҳ муайян намуд. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз баромадҳои худ таъкид карда буданд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад. Ҳавзаи якум Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷониба тамоюли ботинӣ дорад. Ҳавзаи дувум Осиёи Марказист, ки рушди ҳамкории минтақавӣ ва муттаҳидсозии имконоти иқтисодии кишварҳои қаламрави он ба манфиати кулли давлатҳо ва мардумони ин минтақа аст. Ҳавзаи сеюм аз фазои зисти давлатҳои ҳамсояи форсизабон иборат буда, ҳавза бо вуҷуди он, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасидааст, аммо онро ҳамбастагии таърихӣ, динию фарҳангӣ ва дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷазб мекунад. Ҳавзаи чаҳорум доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро нафақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои динӣ, балки имконият ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайвандад. Ниҳоят, ҳавзаи панҷум ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни умумибашарӣ роҳ мепаймояд». [7]

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқ намудани стратегияҳои комплексӣ ва санҷидашудаии сиёсати хориҷӣ дар замони истиқлолият, алалхусус дар солҳои охир ин тамоюлу равандҳо ва дигар ҷиҳатҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳоли тағйиру таҳаввули босуръатро дар мадди назар дошта, пайваста кӯшиш меанмояд, ки манфиатҳои стратегии давлат ва халқи кашварро дар чаҳорчӯбаи сиёсати «дарҳои кушода» дар сатҳи баланд амалӣ намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, ки 26 декабри соли 2019 баргузор гардид, изҳор намуданд, ки «Ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода», ки ҷавҳари равобити байналмилалии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, мо тавонистем бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, таҳвият бахшем.» [3, 2019] Сиёсати хориҷии Тоҷикистон бар пояи «дарҳои кушод» барои ҳамкорӣ бо ҳамаи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар заминаи эҳтиромӣ усулу меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналхалқӣ устувор мебошад. Баъди эълони чунин тасмим дар самти муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ такони ҷиддӣ ба амал омад. Маҳз бо шарофати сиёсати муваффақонаву боровари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва азму иродаи қавӣ, талошҳои пайвастаи президенти кишвар дар роҳи ободӣ ва осоиштагии мамлакат, арҷгузоштан ба таърихи пурғановати миллати тоҷик ва ташаббусҳои созандаи ӯ бо нигоҳи хайрхоҳона ва боэътимод назар дорад. Ҳамин буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муҳлати кӯтоҳ аз як минтақаи даргири нооромӣ ба маркази баргузории чорабиниҳои минтақавию ҷаҳонӣ табдил ёфт. Чунончи дар Паём қайд гардид, «Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф гардида, эътибор пайдо кардааст». [3, 2019] Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки самти муҳими сиёсати хориҷӣ иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад, ки дар ин маврид низ муваффақиятҳо хело зиёданд. Аз ҷумла, чандин ташаббуси кишвар, бахусус дар баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои муҳим ба мисли обу энергетика, мубориза алайҳи экстремизму терроризм, ҷудоихоҳиву тундгарой ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти қазияи Афғонистон аз ҷониби соири кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфта, тадриҷан амалӣ мешаванд. Тоҷикистон дар оянда низ ин сиёсатро бо дарназардошти воқеиятҳои нави байналхалқӣ давом дода, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамкориҳояшро бо шариконі стратегӣ ва байналмилалию минтақавӣ ба сатҳи сифатан нав барорад.

АДАБИЁТ

1. Рахмонов Эмомали. «Независимость Таджикистана и возрождение нации». Том первый.– Душанбе: «Ирфон», 2006, 480 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 30.04.2007. –Душанбе, 2007
3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019. –Душанбе, 2019

4. Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2010. -512с.
5. Мирзоев Ҳ. Сиёсати хориҷӣ дар меҳвари паёми Пешвои миллат. https://osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/766-sijosati-khori-dar-me-vari-pajomi-peshvoi-millat (санаи мурочиат 10.03.2020).
6. Сотиволдиев Р. Ш. назарияи давлат ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2018. 784 с.
7. Ҷомеаи ҷаҳон. https://tajembqatar.tj/tj/world-community/ (санаи мурочиат 28.03.2020).
8. Шарипов Н., Рисолати Р. Ҳуқуқи байналхалқӣ (дастури таълимӣ- методӣ).- Душанбе 2018. –150 с.
9. Шоев С. Истиқлолияти сиёсӣ ҳамчун хусусияти ҷудонопазири давлати соҳибихтиёр//Дин ва ҷомеа. Http://www.jomea.tj/tj/node/314 (санаи мурочиат 10.03.2020).

РОЛЬ И ПОЛОЖЕНИЕ ТАДЖИКИСТАНА КАК СУБЪЕКТА МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА В ОТНОШЕНИЯХ И ВОПРОСАХ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА

Субъектами международного права являются только те государства, которые обладают суверенитетом и верховенством права. Суверенитет и верховенство права являются одной из важнейших черт независимого государства как субъекта международного права. Эти особенности отражаются в том, что в силу своего суверенитета государства становятся субъектами международного права и имеют права и обязанности, которые определяются нормами международного права. Кроме того, суверенные государства применяют нормы международного права в законодательстве своих государств. Поэтому можно сказать, что в международном праве субъективность права государства определяется, прежде всего, его суверенитетом.

В истории государственности Таджикистана 9 сентября 1991 года является днем обретения государственного суверенитета. Во время независимости Республика Таджикистан выступила в международных отношениях как независимый субъект международного права и заявила, что ее деятельность как полностью независимого государства заключается в достижении прочного мира, отмене ядерного оружия и других видов оружия массового уничтожения, неприменении силы в разрешении споров и конфликтов между независимыми государствами. Этот вопрос четко выражен в статье 15 Декларации независимости Республики Таджикистан, в которой говорится, что «Республика Таджикистан как независимый субъект международного права устанавливает дипломатические, консульские, торговые и другие отношения с зарубежными странами».

За этот период Республика Таджикистан установила политические и дипломатические отношения с несколькими странами, является членом нескольких международных и региональных организаций и учреждений и регулярно поддерживает двусторонние и многосторонние отношения со всеми из них.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, субъект международного права, декларация независимости, международные организации, внешняя политика, международно-правовые акты.*

THE ROLE AND POSITION OF TAJIKISTAN AS A SUBJECT OF INTERNATIONAL LAW IN RELATIONS AND ISSUES OF INTERNATIONAL LAW

The subjects of international law are only those states that have the sovereignty and rule of law. The sovereignty and rule of law are one of the most important features of an independent state as a subject of international law. These features are reflected in the fact that, due to their sovereignty, states become subjects of international law and have rights and obligations that are determined by international law. In addition, sovereign states apply the norms of international law in the legislation of their states. Therefore, we can say that in international law the subjectivity of state law is determined, first of all, by its sovereignty.

In the history of statehood of Tajikistan, September 9, 1991 is the day of gaining state sovereignty. During independence, the Republic of Tajikistan appeared in international relations as an independent subject of international law and stated that its activity as a fully independent state is to achieve lasting peace, the abolition of nuclear weapons and other weapons of mass destruction, the non-use of force in the resolution of disputes and conflicts between independent states. This issue is clearly expressed in Article 15 of the Declaration of Independence of the Republic of Tajikistan, which states that "the Republic of Tajikistan as an independent subject of international law establishes diplomatic, consular, trade and other relations with foreign countries."

During this period, the Republic of Tajikistan has established political and diplomatic relations with several countries, is a member of several international and regional organizations and institutions, and regularly maintains bilateral and multilateral relations with all of them.

Keywords: *Republic of Tajikistan, subject of international law, declaration of independence, international organizations, foreign policy, international legal acts*

Сведения об авторе*:*

Айнулозода Нахтулло*-кандидат исторических наук, начальник управления учебной части Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айнӣ. Тел: (+992) 918947518 Электронная почта: nahtullo.87@mail.ru*

About the author:
Ainulozoda Nahtullo - *Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 918947518 E - mail: nahtullo.87@mail.ru*

ТАДҚИҚОТИ А. А. БОБРИНСКОЙ ДОИР БА ЭЪТИҚОДИ МАЗҲАБИИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

Акризоев М.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Асри XIX дар таърихи Бадахшон ҳамчун давраи кашфи ин диёри кӯҳистон аз тарафи олимони рус ва муҳаққиқони Ғарб ба шумор меравад. Дар ин давра бо мақсади таҳқиқи илмӣ ба ин минтақа олимони зиёд аз кишварҳои Ғарб ва Россия меомаданд. Махсусан, олимони русу англис хусусиятҳои этнографии мардуми ин минтақаро мавриди омӯзиш қарор доданд [12, с.34]. Махсусан олимони рус А. Е. Снесарев, А. А. Семенов ва дигарон низ ҳамзамон дар Помир тадқиқотҳои ҳудро дар ин давра оғоз намуданд [7, с.69]. Ин мавзӯъ дар шакли тадқиқоти илмӣ дар корҳои илмии як қатор муҳаққиқони ватанӣ оварда шудааст [9].

Яке аз тадқиқотчиёни машҳури рус граф А.А. Бобринской мебошад. Оид ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии граф Алексей Алексеевич Бобринской ва сафарҳои вай ба Помир дар китобу мақолаҳои олимони тоҷик ва тадқиқотчиёни рус маълумот оварда шудааст [4]. Мавриди қайд аст, ки омӯзиши пурраи илмии ҳудуди Помир танҳо баъди ҳамроҳшавии Помир ба Россия имконпазир гардид.

Граф Алексей Бобринской аз ҳисоби маблағи хусусии ҳуд ба Помир се экспидитсияи илмӣ-тадқиқотӣ ташкил мекунад. Дар давоми се экспидитсия граф Бобринской А.А. тамоми минтақаҳои кӯҳистони тоҷикнишинро аз Зарафшон сар карда, то Помир омӯхта аз рӯи натиҷаҳои экспидитсия се китоби ҳудро ба нашр расонд. Яке аз самтҳои фаъолияти граф Бобринской омӯзиши мазҳаби мардуми кӯҳистони Бадахшон ба ҳисоб мерафт. Саҳми А. А. Бобринской дар омӯзиши мазҳаби мардуми Кӯҳистони Бадахшон дар мақолаи С. П. Сайнаков нишон дода шудааст[8].

То охири асри XIX тадқиқотчиёни рус оид ба паҳншавии мазҳаби исмоилия дар Бадахшон тамоман маълумот надоштанд. Онҳо ин маълумотро аз осори олимони англис дастрас мекарданд. Дар ин хусус ҳуди А.А. Бобринской чунин менависад, ки дар давраи сафар ба ин минтақаи ҳамсарҳади Афғонистон ман хостам маълумоти аз англисҳо гирифтаро, оид ба мазҳаби ин мардум, ки онҳоро исмоилиҳо меномиданд, мавриди санҷиш қарор диҳам. Дар ҳақиқат баъди пурсиши мардумони Вахон, Рушон, Ишкошим, Шуғнон ва Ғорон маълумоти англисҳо ба пуррагӣ тасдиқ гардид, яъне тамоми мардуми ин минтақаҳо ва як қисми Дарвоз ба равияи Исмоилия тааллуқ доштанд. Дар ҳамин гуна шароити душвор аввалин шуда, граф А. А. Бобринской барои давлатдорон ва олимони Россия оид ба мавҷудияти мазҳаби исмоилия дар Бадахшон ахборот ҷамъоварӣ мекунад. Ба фикри мо аз як тараф англисҳо ба Помир пештар аз русҳо омаданд, аз ҷониби дигар сабаби асосии пуррагии маълумоти англисҳо оид ба мазҳаби тоҷикони Помир дар он буд, ки дар ин давра нуфузи сиёсии Имоми исмоилиён Султон Муҳаммадшоҳ (Оғохони III) дар Ҳиндустон хеле баланд буд. Ӯ дар Ҳиндустон аввалин шуда, таъсис додани Лигаи мусулмонони Ҳиндро пешниҳод мекунад ва аввалин сарвари ин Лига таъин гардид [6, 56].

Ҳамчунин мувофиқи маълумоти олими тоҷик А. Шохуморов дар он давра аз Помир ба ҳудуди Ҳинд муридони исмоилӣ моли саркорро ба дарбори Оғохони III мерасонданд ва ҳукумати Англия аз ин бохабар буд. Барои ҳамин ҷосусони англис дар бораи муридони Оғохони III ва минтақаи Помир маълумоти кофӣ доштанд. Дар давоми сӯҳбатҳои аввалини ҳуд бо мардуми маҳаллӣ, А.А. Бобринской аз онҳо ягон маълумотро оид ба мазҳабашон гирифта наметавонад, зеро мардуми ин минтақа ба бегонагон боварии хеле кам доштанд ва аз ҳамин лиҳоз, бо вай дар ин мавзӯъ ягон масъаларо ҷиддан муҳокима намекарданд. Бо ҳамин сабаб А. А. Бобринской дар китоби ҳуд менависад, ки бо сабаби пинҳон доштани мазҳаби ҳуд, ба ман имкон нашуд, ки дар бораи фалсафа, таълимот ва ҷаҳонбинии тарафдорони ин равия маълумоти саҳеҳро ба даст орам, барои ҳамин ин маълумотҳо дар китоби ман наомаданд. Ман дар хусуси таърихи ин мазҳаб ва таълимоти он чизеро гуфта наметавонам ва танҳо маълумоти мухтасареро барои хонанда доир ба ин мазҳаб пешниҳод мекунам [1, 3].

Аммо баъзе маълумотҳо оид ба нуқтаҳои мазҳаби исмоилияро А. А. граф Бобринской танҳо аз пирони мазҳабӣ гирифта тавонист. Дар давоми тадқиқоти ҳуд доир ба ин мазҳаб, граф А. А. Бобринской тавонист бо баъзе аз пирони мазҳабӣ вохӯриҳо дошта, аз онҳо доир ба ин равия маълумотеро ҷамъоварӣ намояд. Се нафар пирони мазҳабӣ, ки вай бо онҳо вохӯрд инҳо пир Саид Юсуф Алишо, пир Саид Аҳмад ва пир Саид Мурсал буданд. Маълумотҳое, ки аз онҳо ҷамъоварӣ намуд, бештар характери иҷтимоӣ доштанд ва дар ин маълумотҳо авлодҳои пирон ва нақши онҳо

дар ҷомеаи исмоилӣ оварда шудааст. Граф Бобринской институти пирони исмоилиро шарҳ дода, чунин менависад, ки пир ҳокими пурраи рӯҳ ва ҷисми муридони худ маҳсуб мешуд. Тамоми сокинони пайрави мазҳаби исмоилия аз тарафи пирон идора мешуданд. Ҳар як мурид бояд ба пири худ итоат намояд [1, с.2].

Аз сӯҳбат бо пирони исмоилӣ граф Бобринской оиди Имоми исмоилӣ, ки дар шаҳри Бомбай сукунат дошт, маълумот мегирад. Гирифтани чунин маълумот шаҳодат аз он медиҳад, ки пирони исмоилӣ нисбати ниятҳои неки граф А.А. Бобринской воқиф шуданд ва ин маълумотро пинҳон надоштанд. Аз сӯҳбат бо пир Саид Юсуф Алишо граф Бобринский мефаҳмад, ки исмоилиён инчунин дар кишварҳои Ҳинд, Покистон, Хитой ва Афғонистон зиндагӣ мекунанд. Дар Бадахшон инчунин дар ноҳияи Дарвоз – дар деҳаҳои тарафи Афғонистон, дар Варф, Гумай, Омурд, Ҷомарҷ ва дар тарафи соҳили рост дар рустоҳои Ходора, Зингириё ва Ёгед пайравони исмоилӣ истиқомат мекунанд. Аммо ба мисли дигар олимон ва тадқиқотчиёни он давра, граф А.А. Бобринской низ дар баробари омӯзиши этнографияи мардуми Помир, манфиатҳои давлати худро ифода мекард. Аз он ҷумла, вай наздикшавии Ҳукумати Россия ва пирони исмоилиро аз он ҷиҳат тарафдорӣ мекунад, ки тавассути онҳо сиёсати Россияро дар Бадахшон ва дигар давлатҳои минтақа паҳн намояд. Минҷумла, дар ин бора олим чунин менависад: «Оид ба пири қабилаи Ҳазора, ки ҳоло дар Кӯлоб истиқомат мекунад, бояд гуфт, ки ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо вай аҳамияти сиёсӣ дорад. Хеле хуб мешуд агар давлати мо бо пирони исмоилӣ муносибати хуб барпо мекард ва онҳоро ба тарафи худ мекашид. Пирони исмоилӣ дар чор давлат ҷойгир шудаанд. Ҳазора бошад яке аз қабилаҳои ҷанговар маҳсуб мешавад» [1, с.7].

Чунин таҳлили вазъи онҳо аз мақсадҳои сиёсии граф А.А. Бобринской шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, ба монанди дигар тадқиқотчиёни рус ва кишварҳои Ғарб, баъзе аз хулосаҳои граф Бобринской харатери субъективӣ дошта, фикри шахсии ӯро ифода мекунанд, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунад. Яъне аз қабили қайди ӯ «дар ин баландиҳо таъсири будоия бо назарияи реинкарнатсия хеле паҳн шудааст» [2, с.54].

Дар ин масъала А.А. Бобринской ба маълумотҳои олимони англис, такя мекунад. Онҳо аз ҷумла изҳор мекарданд, ки қабл аз Ислом дар ин минтақаҳо дини буддоӣ ва зардуштия вуҷуд дошт. Зарур аст қайд намоем, ки маълумот дар бораи зардуштия дуруст мебошад. Аз сӯҳбат бо баъзе аз сокинони деҳаҳои Лангар, Вранг, Ямг, Рин граф Бобринской А.А. маълум намудааст, ки қисми онҳо ба Вахон аз дигар ҷойҳо аз ҷумла Бадахшон, Эрон, Покистон, Дарвоз, Сарикӯл ва Балх омадаанд ва дину мазҳаби худро ҳеҷ гоҳ тағйир надоданд. Аз сӯҳбати ин олим бо сокинон бармеояд, ки мардуми Вахону Ишкошим вақте ба ин ҷо омаданд, ки аллакай дар мазҳаби исмоилӣ буданд. [7, с.84].

Дар давоми сафари худ граф Бобринской А.А. инчунин бо пири Шоҳдара Саид Аҳмад сӯҳбат мекунад, ки шумораи муридони вай 1500 хонаводаро ташкил медиҳанд. Моҳи августи соли 1901 пир Саид Аҳмад бо граф Бобринской вохурӣ карда, дар хусуси душвориҳои худ бо граф сӯҳбат мекунад [10, с.78].

Пир Саид Аҳмад аз Мунҷон бо сабаби таъқиби афғонҳо гурехта ба ин сарзамин омад. Граф Бобринской А.А. инчунин дар китоби худ ҳудуди паҳншавии ин мазҳабро хотиррасон шуда, пирони Чатрол – Шозода Лайс, Шо Абдуласан ва Шоҳи Калонро номбар мекунад, ки ҳоло дар кишварҳои Ҳинд ва Хитой бо муридони худ сукунат доранд. Ҳамчунин вай номи пирони Вахон – Карамалишо ва Саид Абдураҳмонро номбар мекунад. Аз суханони пир Саид Аҳмад ва дигар пирон граф Бобринской А.А. мазмуни остонҳо, маросимҳо ва урфу одатҳои динии исмоилиёнро пурсон мешавад. Граф А.А. Бобринской инчунин ахлоқу рафтори хуби мардуми ин минтақаро қайд намуда, онро бо мазҳаби исмоилӣ алоқаманд мекунад. Дар ин хусус бояд гуфт, ки меъёрҳои ахлоқӣ тавассути пирон назорат мешуданд, зеро дар Помир институти қозиёт амал намекард ва тамоми баҳсҳо тавассути «ҳуқуқи одат» ҳаллу фасл мешуданд. Граф А. А. Бобринской менависад, ки «пирони исмоилӣ на танҳо вазифаи пир, балки ҳамчун додрас низ фаъолият мекарданд» . Бояд қайд кард, ки дар муқоиса бо дигар минтақаҳои аморати Бухоро, дар Помир институти қозиёт амал намекард [3, с.97].

Хусусияти меъёрҳои ахлоқӣ дар ин минтақа бо он зоҳир мешуд, ки онҳо бидуни истифода аз намудҳои ҷазо бо роҳи тарс аз ради маъракa шудан ё аз авлоду хешовандон ҷудо шудан ба рох монда мешуданд [3, с.97]. Дар ин самт таълимоти дурусти мазҳабӣ ва анъанаҳои ориёӣ сахм гузоштанд. Ҳатто аксарияти муҳаққиқони то инқилобӣ, аз он ҷумла Бобринской А.А. мушоҳида кардаанд, ки кӯҳистониён бо гуноҳи ночизи содиршудаи худ иқрор шуда, шахсан худашон ба назди пир рафта, ба ӯ хабар мерасонданд.

Ҳанӯз дар соли 1894 муҳандиси ҳарбии артиши Россия А. Серебренников ҳангоми сафари хидматиаш ба Помир таасуроти нахустинашро нисбати мардуми муқимӣ чунин навишта буд: «…тоҷикони Шуғнон мардуми софдилу ростқавл мебошанд… Сифати асосии тоҷикони Шуғнон

бешубҳа меҳнатдӯстии онҳо мебошад. Онҳоро метавон хушахлоқ номид, зеро дар ин ҷо (Помир) ҷиноятҳо дуздӣ бениҳоят кам аст». [5, с.16]

Граф А.А. Бобринской инчунин менависад, ки дар ин минтаҚа ба ҷои масҷидҳо мардум ҳафтае як маротиба дар хонаи пир ё халифа ҷамъ меомаданд ва аз сӯҳбатҳои пир воқиф мегаштанд. Дар рафти ин ҷамъомадҳо онҳо сурудҳои динӣ ва мазҳабӣ (мадҳияхонӣ) мехонданд. Аммо граф А. А. Бобринской мафҳуми сурудро нисбати мадҳияхонӣ истифода намудааст ва худи мадҳияхониро шарҳ намедиҳад, зеро, чи тавре ки гуфтем, тадқиқотҳои вай характери мухтасар доштанд.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, тадқиқоти граф А. А. Бобринской барои доираҳои илмӣ аҳамияти калон дошт. Аҳамияти асосии тадқиқоти мазҳабии граф Бобринской дар Бадахшон аз он иборат аст, ки маълумотҳои ӯ таърихи пирони исмоилӣ ва гузаштагони онҳоро то ба замони мо мерасонад. Дар баробари ин дар замони Шуравӣ китобчаи хурди граф Бобринской бо номи «Равияи Исмоилия...» ягона маълумоти дақиқе буд, ки аз он оид ба пирони мазҳабӣ воқиф мегаштанд. Гарчанде ки маълумотҳои граф Бобринский фалсафаи исмоилиро дар бар намегиранд, аммо ин маълумотҳо имкон медиҳанд, ки тавассути онҳо таҳлили муқоисавии ҷойгиршавӣ ва шумораи хонаводаҳои ҳар яке аз пирони мазҳабӣ ва тарафдорони ин равия ба роҳ монда шавад. Аҳамияти илмии ин китобчаи граф А.А. Бобринской аз он ҷиҳат муҳим аст, ки баъди ҷамъоварии ин маълумотҳо аз тарафи Бобринской ягон олими дигар дар ин хусус маълумот пешкаш накрд ва бо омадани замони Шуравӣ тамоми сарчашмаҳои мазҳабӣ низ аз байн бурда шуданд.

Дар чунин шароит маълумотҳои граф Бобринской то ба имрӯз ҳамчун сарчашмаи асосӣ оид ба пирони исмоилӣ хизмат мекунанд.

Хулоса, граф А.А. Бобринской дар таърихнигории Россия ба омӯзиши таърихи исмоилия дар Помир асос гузошт.

АДАБИЁТ

1. Бобринской А. А. Секта Исмаилья в русских и бухарских пределах Средней Азии. Географическое распространение и организация. – М., 1902. – 18 с.
2. Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. – М., 1908. – 150 с.
3. Буризода Э.Б. Одиназода Р.С. Судебные и квазисудебные институты в истории таджикской государственности. – Душанбе, 2018. – 135 с.
4. Имомёрбеков А. Дар роҳи адолат. – Душанбе, 2005. –246 с.
5. Карим К.К. Ага Хан III . – Лондон, 2010. – 700 с.
6. Назаршоев М. Добровольное вхождение Памира в состав России. // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе, 1985. – 69 с.
7. Одинамамад Мирзо , Вахон, Хорог, 2010. – 83 с.
8. Сайнаков С. А.А. Бобринской – исследователь истории исмаилизма на Памире // Роль В.В. Бартольд в изучение истории таджикского народа. Сборник докладов международной конференции, посвященной 140 –летию акдемика В.В.Бартольда. –Душанбе, 2010. – С 169 – 183.
9. Сайнаков С. Вклад дореволюционных русских исследователей в изучение этнографии Горного Бадахшана. Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. – Душанбе, 2015. – 206 с.
10. Шохуморов А. Разделение Бадахшана и судьбы исмаилизма. – Москва –Душанбе, 2008. – 128 с.

ИССЛЕДОВАНИЯ А. А. БОБРИНСКОГО О РЕЛИГИОЗНЫХ ВЕРОВАНИЯХ ТАДЖИКОВ ГОРНОГО БАДАХШАНА

В данной статье автор выносит на обсуждение заслуги графа Бобринского А.А. в изучение и исследование религии таджиков Памира. Автор в данной статье дает оценку деятельности графа Бобринского в этом направление и отмечает важность этих исследований в деле развития истории Памира. Автор также напоминает в своей статье о важности политической активности графа А. А. Бобринского на Памире.

Ключевые слова: *Россия, Бадахшан, таджики, А. А. Бобринской, верования, религия, направление, исмалилизм.*

RESEARCHES OF A. A. BOBRINSKY ON RELIGIOUS BELIEFS OF TAJIKIAN MOUNTAIN BADAKHSHAN

In this article author notes a the great services of graph Bobrinskoi for Pamir investigation and local Tajiks religion. In this article author in point of view of the history science notes the signification of graph Bobrinskoi for Pamir History. The author also notes about political significance of Bobrinskoi activity in Pamir region.

Keywords: *Russia, Badakhshan, Tajiks, A.A. Bobrinsky, beliefs, religion, direction, Islamism.*
Сведение об авторе:

Акризоев Максуд Махрамбекович *– докторант (PhD) кафедры истории таджикского народа Хорогского государственного университета им. Моёншо Назаршоева, Тел.: (+992) 988665711; Электронный почта: akrizoev92@mail.ru*

About the author:

Aqrizoev Maqsud Mahrambekovich *– the (PhD) student of the departament of Tajik nation history at Khorog State University named after Moyonsho Nazarshoev Tel.: (+992) 988665711; E-mail: akrizoev92@mail.ru*

УДК:61(09) (575. 34)

ВАЗЪИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 1948-1949

Бадалов И.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Пас аз хотимаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар мамлакати Шӯравӣ, саноат, кишоварзӣ, фарҳанг ва соҳаи тандурустӣ тибқи нақшаи панҷсола ба пешравиҳои бузург ноил гардида, аҳолӣ ба барқароркунии харобиҳои солҳои баъдиҷангии хоҷагии халқ шуруъ намуданд. Ин ҳаракат самти тандурустии ҶШС Тоҷикистонро водор мекард, ки сифати хидматрасонии тиббиро ба оммаи халқ беҳтар созанд.

Заҳмату талошҳои шахсиятҳои маъруф дар илми тибби Шӯравӣ, саъю кӯшишҳои тамоми дастаи бузурги кормандони тиб, ки ба кӯмаки ҳамешагии ҳукумат ва тамоми мардуми Шӯравӣ такя мекарданд, дар соҳаи тиб натиҷаҳои баланд ба бор оварданд. Соҳаи тибби мо ба он дараҷае расида буд, ки кишварҳои капиталистии Ғарб ҳатто чунин комёбиҳоро орзу карда наметавонистанд [1].

То 1 майи соли 1949 дар вилояти Кӯлоб 51 табиб ва 284 кормандони миёнаи тиббӣ фаолият менамуданд, ки аз онҳо аксарияташон аз 3 сол боло собиқаи корӣ доштанд. Аз 51 табибон 25 нафари онҳо дар шаҳри Кӯлоб ва боқимонда 26 нафар дар деҳот барои мардум хидмат мекарданд. Аз ин миён табибони шаҳрӣ Красилников, Фахруддинов, Егоров, кормандони тиббӣ Дубенцов, дезинфектор Валиев, ҳамшираҳо Бенжаминова, Сказкина, Сардори шуъбаи тандурустии ноҳиявии Колхозобод Квачев, духтури ноҳияи Ховалинг Петров, духтури ноҳияи Шурообод Полумордвинов, табиби ноҳияи Даштиҷум Акоева, сардори маркази тиббии қишлоқи Деҳқонариқи ноҳияи Фархор Ямонт Ф.А. ва дигарон дар кори худ натиҷаҳои хуб ба даст оварда, дар ҳама корҳо фаъолона иштирок менамуданд. Дар баробари ин, метавон табибони ноҳияҳоеро номбар кард, ки кори худро пурра ва хуб анҷом надодаанд аз ҷумла сардори шӯъбаи тандурустии ноҳиявии Даштиҷум Ғулов, раиси сардори шуъбаи тандурустии ноҳияи Қизилмазор Серикова ва чанде дигарон [6].

Ба туфайли кӯмаки бебаҳо ва таваҷҷуҳи ҳизбу ҳукумат, соҳаи тандурустӣ дар ҷумҳурӣ ба муваффақияти хубу беҳтар ноил гашт. Лозим ба ёдоварист, ки дар тӯли солҳои ҳукмронии Шӯравӣ шумораи муассисаҳои тиббии деҳот 6,5 маротиба афзоиш ёфтааст, бисёре аз мушкилоти кормандони соҳаи тиб ҳал карда шуд, шумораи духтурон нисбат ба соли 1913 бештар аз 9 баробар афзуд. Шумораи ҳамшираҳо аз 47,8 ҳазор ба 600 ҳазор нафар расонида шуд.

Мақомоти соҳаи тандурустӣ ва кормандони тиббии минтақаи Кӯлоб дар тӯли солҳои панҷсолаи баъдиҷангии нақшаи Сталинӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, барои ҷалб намудани аҳоли ба соҳаи тиб ҷиҳати солимгардонии аҳолӣ чорабиниҳои зиёде баргузор менамуданд.

Сол аз сол барои эҳтиёҷоти тиббии минтақаи Кӯлоб маблағҳои калон ҷудо карда шуда дар ин замина шабакаи муассисаҳои тиббӣ васеъ карда шуданд. Дар давоми солҳои 1946-1949 фонди музди меҳнат аз ҳисоби васеъ шудани шабакаи муассисаҳои табобатӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, дар шаҳр 56% ва деҳот 80% афзоиш ёфтааст.

Умуман солҳои 1948 ва 1949 дар минтақаи Кӯлоб як қатор муассисаҳои тиббӣ фаъолият мекарданд. Ба монанди:

Беморхонаи минтақавии шаҳри Кӯлоб, ки 100 рахти хоб ва дорои шуъбаҳо, аз қабили: лабораторияи ҷарроҳӣ, терапевтӣ, кӯдакона, педиатрӣ, таносул, гинекологӣ, сироятӣ, клиникӣ ва ташхисӣ буд. Дар робита бо муттаҳидшавии муассисаи поликлиникӣ, шуъбаи поликлиникии бемористон дорои утоқҳои махсуси табобатӣ-ҷарроҳӣ, гӯшу гулу ва бинӣ, терапевтӣ, чашм, дандосозӣ, дандонпизишкӣ ва варача буданд. Илова бар ин, дар вилоят пойгоҳи минтақавии сил, истгоҳи санитарӣ-эпидемиологӣ бо як таҷҳизоти пешгирии дезинфексия, истгоҳи тропикии минтақавӣ бо лаборатория, хонаи минтақавии таълими тиббӣ, ду муассисаи кӯдаконаи доимамалкунандаи шаҳр, ҳуҷраи ёрии таъҷилӣ, ҳуҷраи машвараті бо се тайиноти тиббӣ, марказҳои

саломатӣ дар пахтазор ва МТС-ҳо ва як амбулатарияи шабонарӯзӣ дар хидмати мардум қарор доштанд.

Дар ин муассисаҳои ёрирасонии тиббии вилоят дар соли 1948 2854 бемор бистарӣ карда шуда, дар соли 1949 ин шумора ба 1771 нафар расид. Соли 1948 ба 29093 нафар ёрии тиббӣ дода шудаст

Дар семоҳаи аввали соли 1949 дар беморхонаи вилоятии Кӯлоб 625 нафар, бистарӣ шуда, 6695 рӯз дар ин ҷо табобат ёфтаанд.

Дармонгоҳи шаҳрӣ дар соли 1940, дорои 8 постгоҳи тиббӣ буд, дар ин давра муроҷиати беморон 31,2%-ро ташкил диҳад, пас дар соли 1948 29,5%-ро дар бар мегирифт. Паст шудани муроҷиати беморон бо он асос ёфт, ки дубора шуъбаҳои ёрирасони тиббӣ ба пойгоҳои минтақаҳои мустақил табдил ёбанд. Бо назардошти ташрифҳои қаблӣ ба дармонгоҳи шаҳр қабули беморон дар постгоҳҳои фелдшерӣ-акушерии ноҳияи Кӯлоб афзоиш ёфта, дар шаҳр кӯмак дар хона низ зиёд гадид. Дар ноҳияҳои вилоят соли 1947 табибон ба ниёзмандон дар хона дар 137 ҳазор ҳолат ва соли 1948 дар 306 ҳазор ҳолат, яъне 3 маротиба зиёдтар ёрии тиббӣ расониданд, ки ба маротиб зиёд мебошанд [2]. Дар ин давра дар худи ноҳияи Кӯлоб як нақлиёти ёрии таъҷилӣ мавҷуд буд, ки аз ҷониби кормандони соҳаи тиб дар 781 ҳолат ба 3128 нафар ёрии амбулатории тиббӣ расонида шудааст.

Дар шаҳри Кӯлоб як хонаи кӯдакон барои 60 нафар фаъолият дошта, ҳуҷраи бемориҳои бачагона ва ҳуҷраи дандонпизишкӣ низ таъсис дода шуда буд. Дар соли 1948, дар ин дармонгоҳ 1942 нафар муоллиҷа шуда, 54 нафари дигар аз ҷониби табибон дар хона табобат карда шуданд, зеро шуъбаи дармонгоҳи кӯдакон аз нимаи дуюми соли 1948 ба кор оғоз кард.

Агар дар соли 1944 ба 1,8 ҳазор занон ва 4,5 ҳазор кӯдакон тавсияҳои тиббӣ дода шуда бошад, пас соли 1948, аз ҷониби машваратчиёни тиббӣ ба 3,5 ҳазор занон, 15,4 ҳазор кудакон чунин ёрии тиббӣ расонида шуд, ҳамчунин дар соли 1948 беш аз 5,8 ҳазор нафар аз хизмати дандонпизишкон истифода намуданд.

Ба туфайли муттаҳид шудани беморхонаи вилоятӣ бо дармонгоҳи шаҳр дар соли 1948 ёрии тиббӣ ба аҳолии шаҳри Кӯлоб беҳтар гардид. Тахассуси табибони дармонгоҳҳо такмил дода шуд, ки онҳо дар беморхона ба кор шурӯъ карданд. Бо кушиши табибони маҳалӣ ва ноҳиявӣ шумораи беморони шифоёфта дар беморхонаҳо афзоиш ёфта, нишондиҳандаҳои рӯзҳои беморон дар беморхонаи вилоятӣ зиёд шуданд, ки ин аз 77,8%-и соли 1947 дар соли 1948 ба 97,7% расонида шуд. Сатҳи фавти беморон бошад аз 3,9%-и соли 1947 дар соли 1948 то ба 2,6% коҳиш ёфт. Ҳамчунин дар ин давра муваффақона анҷом додани амалиёти ҷарроҳӣ хеле зиёд гардида буд, ки чунин вазъ боварии аҳолиро нисбати соҳаи тиб зиёд намуд.

Дар соли 1948 183 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуд, ки ин нисбати 37 амалиёти ҷарроҳи соли 1947 анқариб 5 маротиба зиёдтар буда, натиҷаи бисёр назаррас арзёбӣ мегардид. Таҷрибаи санҷиши хун барои беморон дар беморхона дар соли 1948 101 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 1947, ки 68 ададро ташкил медод, 33 адад зиёд мебошад.

Соли 1948, дар марказҳои саломатии шаҳрҳо ва ноҳияҳои вилоят 633 лексияҳои тиббӣ, аз ҷумла 68 лексия ба забони русӣ ва 36 лексия ба забони тоҷикӣ, 6125 гуфтушунид ва вохӯриҳо, ки дар онҳо беш аз 53363 нафар шунавандагон иштирок карданд, гузаронида шуда буд [3].

Дар деҳот дар соли 1948 14 нуқтаи табибон, 13 беморхона бо фарогирии 335 кати хоб фаъолият дошт. Дар соли 1949 дар ин беморхонаҳо беморон 217,7 ҳазор рӯзро сипарӣ намуданд, ин дар ҳолест, ки ин кишумора дар соли 1947 133 ҳазор рӯзро ташкил медод. Нуқтаҳои ёрирасонии фелдшерӣ-момодоягӣ аз 52 адади соли 1947 дар соли 1948 ба 71 адад расонида шуд, ки дар натиҷа ҳузури беморон дар онҳо ба таври назаррас афзоиш ёфт ва муроҷиати беморон ба нуқтаҳои минтақавии амбулаторӣ коҳиш ёфт.

Соли 1948 шумораи нуқтаҳои тиббии амбулаторӣ дар деҳот ба 14 адад расонида шуд, ки шумораи умумии муроҷиаткунандагон ба 58 ҳазор нафар расид.

Илова ба нуқтаҳои тиббӣ, дар деҳаҳо 7 нуқтаи машварати тиббии занона амал мекард, ки аксари онҳо аз ҷониби кормандони сатҳи миёна роҳбарӣ карда мешуданд. Дар соли 1948, ба 5581 нафар занон ва 1648 кӯдакон дар ин машваратхонаҳои тиббӣ гуфтугуҳо гузаронида шуда буд. Ҳизб ва шахсан худи Сталин барои расонидани ёрии тиббӣ ва ҳифзи саломатии кӯдакони хурдсол аҳаммияти махсус зоҳир менамуданд. Аммо дар ин давра, фарогирии пиронсолон, хусусан, аҳолии бумӣ, ба нуқтаҳои тиббӣ ва машваратхонаҳо хеле кам ба назар мерасид.

Дар ин давра ягона роҳи фарогирии пиронсолон ба ёрии тиббӣ рушди нуқтаҳои тиббӣ дониста мешуд.

Агар дар соли 1940 дар ин минтақа ягон нафар дандонпизишк фаъолият надошта бошад, пас дар соли 1948 аллакай 7 нуқтаи дандонпизишкӣ дар минтақа ташкил шуда буд.

Барои гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемиявӣ ва зидди табларза дар минтақа 12 пойгоҳи тропикӣ ва 13 санитарию эпидемикӣ амал мекард.

Сатҳи бемории варача дар минтақа дар соли 1948 нисбат ба соли 1947 15,8% коҳиш ёфта, шумораи сироятёфтагон аз 7259 нафари соли 1947 ба 6118 нафар дар соли 1948 расонида шуд. Дар

баробари паст шудани сатҳи беморӣ, дар маҷмӯъ, дар минтақа, дар ноҳияи Кӯлоб, ноҳияи Балҷувон, ноҳияи Шӯрообод, ноҳияи Сарихосор паҳн шудани ин беморӣ ҳамоно идома меёфт.

Ичрои қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 1946, банди 3 «Дар бораи ҷудо кардани хинизатор ва сенизаторҳо аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва шӯрои колхозҳо» дар соли 1949 комилан ғайриқаноатбахш буд. Масалан, дар ноҳияи Муъминобод аз 45 хоҷагиҳои коллективӣ, хинизаторҳо танҳо дар 13 хоҷагӣ тақсим карда шудаасту халос, дар шаҳри Кӯлоб Заводи пахта, Фабрикаи нонпазӣ ва дигар муассисаҳо бо хинизатор таъмин нашуда буданд. Дар шӯрои деҳаи Маслюки ноҳияи Фархор аз 9 хоҷагии коллективӣ танҳо дар яктояш хинизатор амал мекард. Дар 24 колхозҳои ноҳияи Данғара хинизаторҳои колхозӣ мавҷуд буда, пурра амал намекарданд. Ин аз он далолат мекард, ки раисони колхозҳо аксар вақт одамони боваринокро ба ин кор ҷалб намекарданд ва ё ба онҳо сари вақт музди меҳнат намедоданд. Набудани хинизаторҳо ба вайронкунии систематикӣ ва пайдарҳамии ҳолатҳои варача ва талафоти зиёди рӯзи корӣ оварда мерасонид [5].

Соли 1948 дар ноҳияҳои ин минтақа бемориҳои сирояти ба қайд гирифта шуд. Масалан, домана, сурхак, гулӯзиндонак ва дигарон. Бояд гуфт, ки дар гирифторшавӣ ба беморӣ ҷойҳои аввалро бемории варача мегирифт.

Соли 1948 дар шаҳрҳои Тошканд ва Сталинобод 10 табиби вилояти Кӯлоб аз такмили ихтисос гузаштанд. Дар нуқтаҳои тиббии деҳот, ба истиснои деҳоти Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб ва деҳоти Лолаи ноҳияи Даштиҷум, духтурони ихтисосманд кор мекарданд.[6].

Новобаста аз ҳамаи ин комёбиҳо, корҳое, ки дар соҳаи тандурустӣ анҷом дода буданд, ҳанӯз ҳам нокифоя буд, зеро коргарони колхозҳо, коргарони корхонаҳо талаб мекарданд, ки кори рӯзмарраи ҳизб зиёдтар шиддат гирад ва ҳукумат ба беҳбуд бахшидани тамоми соҳаҳои хоҷагӣ барои таҷлили санаи муҳимми таърихи худ 20-солагии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ Тоҷикистон диққати зиёд диҳанд. Пахтакорони кишвар тасмим гирифта буданд, ки дар соли ҷашнӣ камаш 350 хазор тонна пахта ба давлат месупоранд. Омодагӣ ба ҷашни 20-солагии ҶШС Тоҷикистон мавҷи нави фаъолияти сиёсию истеҳсолиро дар байни коргарони ҷумҳурӣ баланд бардошт.

Соли 1949 кормандони соҳаи тиб дар назди худ вазифаҳои зеринро доштанд:

- ✓ Расонидани ёрии тиббии баландихтисос ба аҳолӣ, хусусан дар давраи тобистонаи кишоварзӣ;
- ✓ Баланд бардоштани муолиҷаи тиббии кӯдакон ва занони ҳомиладор бо таваҷҷуҳ ба мавсими колхозӣ ва беҳтар кардани фаъолияти момодоягӣ;
- ✓ Ҷалби васеи кормандони соҳаи тандурустӣ дар мубориза ва рафъи бемориҳои эпидемӣ, хусусан, варача;
- ✓ Иштироки фаъолона дар барқарории тартиботи болшевикӣ дар тамоми муассисаҳои тиббӣ, кӯдакона ва мақомоти тандурустии вилоят бо мақсади беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва ҷорӣ намудани кӯмаки махсус дар деҳот;
- ✓ Тақвият додани маърифати тиббӣ дар байни аҳолии минтақа [10].

Ҳамин тавр, дар соли 1949 шӯрои маҳаллӣ, шӯъбаҳои тандурустӣ ва шуъбаҳои тиббӣ бояд якҷоя кор мекарданд, то беморонро дар байни коргарони вилоятӣ кам карда, тамоми муассисаҳои кӯдаконаву тиббӣ, хусусан, марказҳои тиббиро ба мавсими тирамоҳу зимистон пурра омода созанд.

Хулоса: баъд аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки барқароркунии хоҷагии халқ оғоз шуда буд, дар соҳаи тиб пешравиҳои зиёд ҳам дар ҷумҳурӣ аз ҷумла дар вилояти Кӯлоб ба миён омаданд. Дар ин давра баробари ба даст омадани комёбиҳо як қатор мушкилиҳо низ пайдо шуданд. Ба монанди сари вақт пардохт накардани музди меҳнати кормандони тиб, бо нақлиёт ва сӯзишворӣ таъмин нашудани марказҳои ёрирасони тиббӣ, сари вақт бо хурока таъмин нашудани кӯдакистонҳо, босифат ва сари вақт таъмир нагаштани марказҳои ёрирасонии тиббӣ ва дигар мушкилоти мавҷуда, ки дар бисёр ҳолат ба номунтазамии кори нуқтаҳои тиббӣ сабаб мегашт. Новобаст аз ин, дар ин давра ҷарроҳиҳо аз ҷониби табибон ба хубӣ анҷом дода шуда, фавти одамон кам гардид. Ҳамчунин муроҷиати аҳолӣ ба кормандони тиб ба маротиб зиёд гардид, ки ин аз кори хуби табибон ва бовари аҳолӣ ба кормандои ин соҳа дарак медод.

АДАБИЁТ

1. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 21
2. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 22
3. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 23
4. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 24
5. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 25
6. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 26
7. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 27
8. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 28
9. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 29

10.Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф7, р-1, п-140, в. 30

ОБСТОЯТЕЛЬСТВО СФЕРЫ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА В 1948-1949 ГОДЫ

Следует отмечать, что в 1948-1949 годы, несмотря на существующие проблемы и недостатки, сфера медицины Кулябского региона развивалась, и сотрудники этой области для достижения доверии населения внесли значительные вклады. В том числе, в этот период организовали и провели большую программу по прививке и вакцинации, чтоснизило уровень заболевания населения от инфекционных болезней. В этот период осуществление медицинской помощи населению, защиты здоровья ребёнка и матери улучшилась, при этом количество смерти матерей во времяродов значительно снизились.

По причине безответственности высокопоставленных чиновников района и сельских советов большое количество бюджетных денег направленных на эту сферу расходовались не целенаправленно, что в итоге приведет к несостоятельности и обнищанию деятельности этой сферы. В это время открылись новые медицинские пункты помощи и детские сады, но вместе с тем существовали нужды и нехватки поддержки. В статье описывается проблемы, недостатки в этой сфере.

Ключевые слова: *регион, район, кишлак, село, совет, медицина, медсестра, врач, амбулатория, детсад, бюджет, акушерка.*

THE HEALTH SITUATION OF KULOB REGION IN 1948-1949

It should be noted that in 1948-1949, despite the existing problems and shortcomings, the field of medicine in the Kulob region developed, and the employees of this field made significant contributions to achieve the confidence of the population. In particular, during this period, they organized and carried out a large program of inoculation and vaccination, which reduced the level of illness of the population from infectious diseases. During this period, the provision of medical assistance to the population, protection of the health of the child and mother has improved, while the number of mothers' healths during childbirth has significantly decreased.

Due to the irresponsibility of high-ranking officials of the district and village councils, a large amount of budget money allocated to this area was not spent purposefully, which will ultimately lead to insolvency and impoverishment of the activities of this area. During this time, new health centers and kindergardens were opened, but at the same time there was a need and a lack of support. The article describes the problems, shortcomings in this area.

Key words: *region, district, kishlak, village, council, medicine, nurse, doctor, outpatient clinic, kindergarden, budget, midwife.*

Сведения об авторе:

Бадалов Исфандиёр *- докторант PhD кафедры историия таджикского народа, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.* ***Адрес:*** *735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова 16. E-mail: Kulob.35@mail.ru; тел: (+992) 918191943*

About the author:

Badalov Isfandiyor *- PhD, student of the Department of History of Tajik natoin, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address:* *735360, Republic of Tajikistan, Kulob, st. S. Safarova 16. E-mail: Kulob.35@mail.ru; tel: (+992) 918191943*

ПРОБЛЕМЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Махфирати Д.

Таджикский национальный университет

Введение. Центральная Азия является стратегически важным регионом в системе национальных инетересов Российской Федерации. Удачное географическое положение и природные ресурсы давно определили положение региона в системе интересов сверхдержав, а новые геополитические реалии значительно повысили егостатус в системе современных международных отношений.

Российская Федерация преследует не только экономический, политический, культурный и военный интерес в государствах Центральной Азии, но и выступает заинтересованной сторонной в обеспечении региональной безопасности, так как во многом ее безопасность связана с безопасностью региона.

В рамках данной статьи будут рассмотрены основные аспекты проблемы обеспечения региональной безопасности во внешней политике Российской Федерации в Центральной Азии в начале XXI века.

Современное состояние Центральноазиатской безопасности

Одним из актуальнейших проблем современной Центральной Азией является проблема обеспечения региональной безопасности. Данный вопрос стоит на повестке не только внутренней и внешней политики государств региона, но и тех акторов, которые широко и глубоко задействованы в региональных процессах.

Центральная Азия до сих пор не представляет собой единый регион. Его многообразие отражается в его истории, в процессах, в политике его государств, в их отношении друг с другом и с окружением. В регионе проживают более 130 различных народов и этнических групп. Он граничит с Афганистаном (2087 км), Ираном (992 км), Китаем (2805км), Россией (6846 км). Общая площадь– 4 млн. км^2, население более 55 млн. человек. Это единственный регионмира, где смыкаются все три мировых религий–христианство, ислам, буддизм [2, с.183].

После обретения независимости страны Центральной Азии столкнулись с большим количеством проблем, наиболее значимой из которых оказалось обеспечение национальной и региональной безопасности.

Располагаясь в центре Евразии, Центральная Азия является ключевым географическим перекрестком, соединяющим Запад и Восток, Европу и Азию. Регион находится между Россией и Китаем, исторически его судьба тесно связана с этими двумя державами. Сложившаяся ситуация в Центральной Азии имеет большое влияние на выбор путей, стратегии и механизмов обеспечения национальной и региональной безопасности как России, так и Китая [5,6]. Принимая во внимание данное положение логично, что прослеживается активизация и других внерегиональных акторов, противостоящих с Россией на региональном и глобальном уровнях.

Сложившаяся региональная архитектура безопасности по сути представляет собой многоуровневую систему, которая в целом характеризуется следующим образом:

1. С участием США;
2. С участием России (ОДКБ);
3. С ведущей ролью Китая базирующимся на соглашениях, подписанных и действующих в рамках деятельности ШОС [1].

Центральноазиатский вектор безопасности Российской Федерации

Современная политологическая наука, определяя угрозы как явления, в наибольшей степени опасные для Центральной Азии в начале XXI, условно разделяет их на три группы:

- угрозы, связанные с проблемой экстремизма, терроризма, сепаратизма, незаконным оборотом наркотиков;
- угрозы, связанные с международными, межгосударственными и региональными противоречиями;
- угрозы, которые определяются геополитическим положением региона, его природными ресурсами, экстерриториальными проблемами [3, с.34].

Систему безопасности в Центральной Азии, отличает сложный многоуровневый характер. Региональный срез безопасности обеспечивается такими организациями, как Шанхайская организация сотрудничества (ШОС), так и Организацией Договора о коллективной безопасности (ОДКБ). Элементы глобального уровня безопасности связаны с членством государств регионов ООН и ОБСЕ, а также с взаимодействием с НАТО и участием в некоторых программах этой организации.

Следует отметить, что интересы России в этом регионе является одной из важнейших задач ее внешней политики. Дело в том, что находясь у исторических истоков социального, экономического и научно – технического развития региона, Россия никак не может не быть заинтересованной в присутствии на территории Центральной Азии других акторов со своими силовыми средствами защиты, в первую очередь, от внешних угроз. Исходя из этого основными факторами определяющими отношение России к системе региональной безопасности в Центральной Азии выступают:

- изменение характера взаимоотношений в треугольнике Россия – Китай - Запад (США). Очевидно, что из-за стремлений России играть более значимую роль в мире и регионе, консенсуса здесь не удастся достичь;
- военное, экономическое, политическое и гуманитарное присутствие мировых держав в регионе;
- изменение отношений государств региона и России к Китаю. Пекин перешел в категорию желательного внешнеполитического и внешнеэкономического партнера;
- нарастание конкуренции за доступ к энергоресурсам региона и направлением их транспортировки.

Учет российских интересов в системе безопасности Центральной Азии зависит, в первую очередь, не от внешних рисков и угроз безопасности, а от внутреннего политического и социально-экономического положения в государствах Центральной Азии, в том числе продолжающееся политическое противоборство внутри региональных элит. Вместе с тем реализация внешнеполитических ориентиров, на наш взгляд, будет зависеть от конфигурации политических и военных сил, а также роли и места России, Запада, США и Китая в регионе.

В данное время масштабы военного присутствия России в регионе – 7 крупных военных объектов в Казахстане, авиабаза «Кант» в Киргизии, 201 – я военная база в Таджикистане, а также оптико – электронный комплекс «Окно», определяют значимую роль России в сфере безопасности Центральной Азии [4, с.145].

Нужно отметить, что для Российской Федерации Центральная Азия останется в среднесрочной и долгосрочной перспективе важным и необходимым стратегическим буфером против внешних угроз. В связи с этим и ввиду необходимости противодействия наркотрафику и угрозе роста исламистского радикализма роль Российской Федерации в поддержании безопасности в Центральной Азии будет иметь тенденцию к возрастанию. Центральная Азия представляет для России ценность и как коммуникационный узел, и как топливно-энергетический центр. Опосредованно на отношениях России со странами региона будет сказываться динамика ее взаимодействия с Китаем, а также с США и их союзниками [8, с.22].

Совместные планы Российской Федерации и стран Центральной Азии по углублению сотрудничества в области безопасности определили контуры многостороннего сотрудничества также и в рамках ШОС и ОДКБ.

Та особая роль, которая принадлежит ШОС, в виде гарантирования безопасности границ и стабильности в районах вдоль границы, не принадлежит никакой другой организации в регионе. Важно отметить, что в рамках ШОС строится новая система безопасности на основе партнерских, а не союзнических отношений.

Следует отметить, что Россия и Китай по-разному воспринимают ШОС. Например, если китайское руководство рассматривает ШОС как важный проект экономической интеграции, то Россия видит основную цель организации в обеспечении безопасности региона. Вместе с тем сотрудничество между КНР и Россией в рамках ШОС обеспечивает укрепление и развитие организации.

Сотрудничество в сфере безопасности в ШОС находится пока в стадии формирования. Сотрудничества осуществляется путем обмена информацией, созданием общей базы данных, приведением к единому мнению стран-участниц по ряду теоретически важных вопросов в области мировой политики и международных отношений и т.д.

Проблемы и перспективы реализации центральноазиатской политики Российской Федерации в сфере безопасности.

Перспективы сотрудничество Российской Федерации с государствами Центральной Азии в сфере безопасности вопрос актуальный. До начала антитеррористической операции НАТО в Афганистане, гарантом внешней безопасности в Центральной Азии являлась Россия. Российские интересы складывались из трех основных компонентов: борьба с международным терроризмом и религиозным экстремизмом; противодействие наркотрафику; содействие в обеспечении внутренней стабильности государств региона. Россия исходила из того, что страны Центральной Азии не контролируются другими державами и не создают для нее потенциальную угрозу.

Появление военных формирований НАТО на границах России не могло

не вызвать обеспокоенность с ее стороны. Фактически был нанесен удар по стратегическим позициям России в регионе, разрушено ее многолетнее единоличное военное присутствие. Вместе с тем регионам военное присутствие США в Центральной Азии стало альтернативным вариантом обеспечения для этих государств собственной и региональной безопасности [2, с.183].

Нужно отметить, что в широком плане безопасность обеспечивается мерами во всех основных сферах жизнедеятельности: политической, военной, экономической, культурной, социальной, экологической, что нельзя не учитывать в процесс исследовательской работы.

1. Политическое взаимодействие России со странами Центральной Азии строится на основе двусторонних и многосторонних договоров в рамках СНГ, ЕврАзЭС, а также ШОС. Оно должно выстраиваться с опережением со стороны того игрока, который претендует на сохранение своего влияния в регионе.

2. Военное сотрудничество напрямую связано с интересами безопасности на евразийском пространстве и включает в себя региональные структуры противодействия угрозе международного терроризма АТЦ СНГ, ОДКБ, РАТС ШОС.

3. Экономические интересы России связаны с решением аналогичных проблем в регионе. Они имеют свою приоритетность в политике обеспечения региональной безопасности. Страны региона

заинтересованы не только в преодолении кризисных ситуаций в экономике, но и в дальнейшей ее модернизации, в том числе за счет инвестиций из России, Китая, США и западных стран. Они необходимы для строительства новых промышленных предприятий, создания совместных предприятий путем заключения долгосрочных договоров на взаимовыгодных условиях. Развитие регионального сотрудничества с участием России, в том числе в области, инвестирования в гидроэнергетические проекты, будет способствовать энергетической безопасности не только в странах региона, но и соседних с ним государствах, в первую очередь Афганистане.

4. Культурный аспект связан с задачей защиты русского языка как одного из развитых языков мира, а также и опоры в этом на имеющиеся, хотя и довольно малочисленные, русские диаспоры, на русскоязычное население вообще. Пока Россия теряет союзников в лице населения региона, уже выросло поколение, которое, в основном, ориентировано на Запад, отдает предпочтение владению английским и другими европейскими языками. Важное место занимает толерантное отношение к религиозному многообразию в регионе, которое могло бы способствовать мирному сосуществованию христианства и ислама, это очень нужно для России как стране не только с христианским, но и с мусульманским населением.

5. Социальные проблемы являются индикатором экономической безопасности, так как внешняя миграция, низкий уровень жизни и грамотности населения, массовая нелегальная миграция, коррупция в государственных органах могут привести к дестабилизации в регионе. В связи с этим, в первую очередь в интересах России, развивать интеграционные связи, взаимодействовать в решении правовых вопросов нелегальной миграции из стран Центральной Азии, стремиться активные выполнения уже подписанные договора и принятые решения, к совместной борьбе с бедностью.

6. В области экологии большая и опасная проблема региона – водные ресурсы, борьба за которые может привести к дестабилизации, а это рикошетом отразится на экономической составляющей межгосударственных отношений. России необходимо обратить на это серьезное внимание и выработать свою собственную стратегию, в том числе в отношении решения проблемы Аральского моря и его защиты. Возможно, нужно предпринять совместные усилия по предотвращению угрозы прорыва Сарезского озера. Необходимо также заняться решением проблем питьевой воды [7,с.187-188].

Таким образом, интересы Российской Федерации в Центральной Азии в сфере безопасности можно структурировать следующим образом:

-собственно вопросы военно-стратегической стабильности и признание за Москвой «особых прав» на регион как зону национальных интересов Российской Федерации;

- военно-политическое и военно-техническое сотрудничество на двустороннем уровне;

- обеспокоенность Москвы влиянием или вмешательством в дела региона со стороны третьих стран;

- внутрирегиональная стабильность (отношения между государствами Центральной Азии);

- внутриполитическая стабильность отдельных республик региона;

- зависимость положения в Центральной Азии от развития ситуации в Афганистане.

ЛИТЕРАТУРА

1. Более подробно современная конфигурация системы региональной безопасности рассмотрена в работе Салимова Ф.Н. Региональная стабильность в контексте центральноазиатской стратегии России и Китая (2001-2014 гг.): диссертация ... кандидата Исторических наук: 07.00.15 / Салимов Фаррух Насимович; [Место защиты: Таджикский национальный университет], 2017.- 190 с.
2. Дадабаева З.А. Россия и проблемы безопасности в Центральной Азии // Россия и мир в XXIвеке. 2008.-С.183-193.
3. Майтдинова Г.М. Основные угрозы и вызовы в геополитическом пространстве Центральной Азии проблема обеспечения безопасности.// Проблема безопасности в геополитическом комплексе Центральной Азии. Материалы международной научной конференции. Душанбе, 2004. –С.32-42.
4. Проблемы модернизации и безопасности государств Центральной Азии и Российской Федерации в новых геополитических реалиях. Душанбе, РТСУ, 2011. 377с.
5. Салимов Ф.Н. Динамика геополитических интересов и политика Российской Федерации в Центральной Азии /Ф.Н. Салимов // Актуальные проблемы теории и истории права и государства на современном этапе: сб. науч. тр. VIII Межд. науч. – практ. конф. /отв. ред. проф. Г.Г. Бриль; Костромской государственный технологический университет. – Кострома: Изд-во Костром. гос. технол. ун-та, 2011. –С.28-33.
6. Салимов Ф.Н., Достиева А. Перспективы двустороннего взаимодействия России и Китая в сфере региональной безопасности в Центральной Азии // Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 11 декабри соли 2019) /– Душанбе: ДМТ, 2019. – С.204-213

7. Сченснович В.Н. Афганский кризис и угрозы безопасности Центрально-Азиатского региона. [электронный ресурс] URL: https://cyberleninka.ru/afganskiy-krizis-i-ugroz-bezopasnosti-tsentralno-aziatskogo-regiona-obzor (дата обращения:27.01.2020)
8. Шарипов А. Новые угрозы безопасности постсоветских государств ЦА в условиях формирования полицентричного мира //Новые государства ЦА в условиях формирования полицентричного мира /А.Шарипов //Материалы международной научной конференции РТСУ и ЦСИ при Президенте РТ от 16 марта 2017 года. – Душанбе, 2017. –С.22

ПРОБЛЕМЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье анализируется проблемы, связанные с безопасностю стран Центральной Азии, современные угрозы и вызовы (международный терроризм, религиозный экстремизм, наркоторговля, неконтролируемая миграция и др.),перспективы внешней политики Российской Федерации в Центральной Азии в области обеспечения региональной безопасности.Рассматривается не разрешенный до сих пор «афганский кризис» применительно к безопасности Центральной Азии, исходящие из Афганистана угрозы, риски и вызовы с упором на их религиозную составляющую. Автор анализировала проблема трафика и распространения наркотических средств с территории Афганистана по всему миру,значимость ШОС, ОДКБ, СНГ в обеспечении безопасности на территории Центральной Азии, меры направленные на стабилизацию ситуации в регионе.В статье особое внимание уделено угрозам,вытекаюших из сложившейся современной геополитической системы и миропорядка, рекомендации по практическому выстраиванию системы региональной безопасности. Проблема исламизации Центальной Азии, занимает значимый сегмент исследования.В статье также рассматриваются возможные меры по стабилизации ситуации по этой проблеме и формулируются рекомендации для политики России в указанном регионе и другие вопросы рассматриваются в контексте внешней политики Российской Федерации в отношении стран Центральной Азии.

Ключевые слова: *Центральная Азия, Российская Федерация, внешняя политика, региональная безопасность, ШОС, ОДКБ, СНГ, сотрудничество, вызовы и угрозы, международный терроризм, экстремизм, борьба с наркопреступностью.*

REGIONAL SECURITY PROBLEMS IN THE FOREIGN POLICY OF THE RUSSIAN FEDERATION IN CENTRAL ASIA

The article analyzes the security problems of Central Asian countries, modern threats and challenges (international terrorism, religious extremism, drug trafficking, uncontrolled migration, etc.), prospects for the foreign policy of the Russian Federation in Central Asia in the field of regional security. The «Afghan crisis», which has not been resolved so far, is being considered in relation to the security of Central Asia, threats, risks and challenges emanating from Afghanistan, with emphasis on their religious component. The problem of traffic and the spread of narcotic drugs from Afghanistan throughout the world, the importance of the SCO, CSTO, CIS in ensuring security in Central Asia, and measures aimed at stabilizing the situation in the region are analyzed. Particular attention is paid to the threats arising from the prevailing modern geopolitical system and world order, and recommendations on how to build a regional security system in practice. The problem of the Islamization of Central Asia occupies a significant segment of the study. The article also considers possible measures to stabilize the situation on this issue and formulates recommendations for Russian policy in this region. All these and other issues are considered in the context of the foreign policy of the Russian Federation in relation to the countries of Central Asia.

Key words: *Central Asia, Russian Federation, foreign policy, regional security, SCO, CSTO, CIS, cooperation, challenges and threats, international terrorism, extremism, the fight against drug crime.*

Сведения об авторе:

Махфирати Диловаршо *– Таджикский национальный университет, аспирант кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918803132. E-mail: makhfirat.94@mail.ru*

About the author:

Mahfirati Dilovarsho - *Tajik National University, graduate student of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan.* ***Address:*** *734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918803132. E-mail:makhfirat.94@mail.ru*

ИНЪИКОСИ РАВАНДҲОИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВАО

Шарифов Ш.Ҷ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷиистон тағйироти куллӣ ба амал омад. Пеш аз ҳама орзуи чандинасраи мардуми тоҷик ҷомаи амал пӯшид, яъне ин миллати ҷабри таърихдида соҳиби Истиқлолияти давлатӣ гардид, ки ин раванди давлатдории мардуми тоҷикро аз бунёд дигаргун сохт [1]. Интихоби шакли давлатдорӣ, эҷоди қонун, озодандешӣ, тағйироти мақомоту кумитаҳо ва дигар субектҳои давлатдорӣ пурра ба ихтиёри худи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон вогузор гардид.

Баробари бахшҳои дигари ҷомеа дар фаъолияти ВАО-и мамлакат низ тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омад. Дар қатори расонаҳои давлатӣ нашрияҳои хусусӣ низ арзи ҳатсӣ карданд, ки дар саҳифоти онҳо проблемаҳои мухталифи ҷоме дарҷ мегардиданд. Яке аз масъалаҳои меҳварӣ, ки дар тамоми расонаҳо мавқеи муҳимро ишғол мекард ва дар мадди назари кормандони соҳа қарор дошт, ҳаёти сиёсии мамлакат буд.

Маълум аст, ки баробари ба даст даровардани истиқлолияти давлатӣ фазои сиёсии мамлакат ноором гардид. Хусуматҳои мазҳабию маҳаллӣ, нотавонбинӣ ва талоши қудратхоҳони бархе аз аъзои манфиатҷӯи ҷомеа ҷумҳуриро ба гирдоби ҷанги шаҳравандӣ кашид. Гурӯҳе бо роҳи зӯрӣ нақшаи дигаргунсозии сохти конситутсионии мамлакатро дар сар мепарвариданд ва бо тамоми ҳастӣ барои расидан ба ин нақшаи нопоки хеш талош меварзиданд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар ин даврони ҳассос ягона ниҳоде, ки метавонист бо фаъолияти пурсамари худ пеши роҳи ҷанги шаҳрвандиро бигирад, ин ВАО-и кишвар буд. Аммо на ҳамаи онҳо ин рисолати худро бидуни ғаразу манфиатҷӯи ба субут мерасониданд.

Дар фосилаи солҳои 1992-1997 рӯзномаву маҷаллаҳои давлатӣ бо сабаби мушкилоти молиявӣ кам нашр мегардиданд. Масалан, рӯзномаҳои давлатии “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” дар ду- се ҳафта як бор ва он ҳам бо теъдоди ниҳоят кам нашр гардида, на барои ҳамаи мардум дастрас мешуданд. Пахши барномаҳои телвизионӣ низ ҷавобгӯи талаботи замон набуд, зеро ин ҳамаи бастагӣ ба вазъи нооромии кишвар ва масъалаи иқтисод дошт. Харобкории гурӯҳҳои силоҳбадаст таъсири манфии худро ба ҳамаи бахшҳову соҳоти иҷтимоӣ, аз ҷумла, соҳаи энергетикаи кишвар расонид, аксари минтақаҳои мамлакат аз қувваи барқ маҳрум гардида буданд. Ягона васоити ахбори умуме, ки дар барномаҳои худ оид ба мушкилоти ҷомеа каму беш таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, «Радиои Тоҷикистон» буд. Аммо барномаҳои он низ самти яктарафаро интихоб намуда буданд ва дар ҳаллу фасли муамоҳои ҷанги шаҳрвандӣ чандон саҳм намегузоштанд.

Ҳамзамон баъзе аз рӯзномаҳои ғайридавлатӣ низ ба монанди «Сухан», «Чароғи рӯз», «Адолат» ва ғайраҳо масъалаҳоеро инъикос менамуданд, ки вазъро мураккаб намуда, аҳли ҷомеаро ба гирдоби ҷанг мекашид. Чунончи, рӯзномаи «Сухан» дар ҳамон давра вобаста ба гирдиҳамоии мардумӣ чунин навишта буд: «Гирдҳамоии чаҳордаҳрӯзаи нерӯҳои мардумӣ саҳифаи дурахшонест дар таърихи халқи тоҷик. Дар он 10 ҳазор нафар аҳли заҳмати ҷумҳурӣ, ҳам ҷавонони бедору далер ва ҳам пирони равшанзамир ширкат варзиданд. Бори аввал дар таърих беш аз 170 нафар гирдиҳамомадагон аксарияташонро ҷавонписарон ва ҳатто ҷавондухтарон ташкил медоданд, ки чанд рӯз гуруснанишинӣ карданд». Нашри чунин маводҳо аз ҷониби ВАО-и ғайридавлатӣ дар он давра хеле зиёданд [2, с.8].

Баъди баргузории Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олӣ тамоми мақомотҳои давлатӣ ва хусусӣ вазифадор гардиданд, ки барои муътадил гардидани вазъ дар мамлакат чораандешӣ намоянд. ВАО-и мамлакат низ дар баробари дигар ниҳодҳои ҷомеа ба хотири таъмини сулҳу ваҳдат аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода намуд. Бештар он проблемаҳои сиёсиеро пайгирӣ намуд, ки дар онҳо таъмини ваҳдати миллӣ таҷассум меёфт.

Бояд қайд намуд, ки дар тамоми даврaҳои таърихӣ ҷавонон нерӯе мебошанд, ки барои ба анҷом расонидани ҳаргуна амал қодиранд. Мутаассифона дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нахустин шуда гурӯҳҳои ҷиноятқор ҷавононро ба майдони ҷанг кашиданд. Онҳоро аз рӯи маҳалу мазҳаб ҷудо намуда, ба муқобили якдигар бар ҷанг бархезонданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки баланди масъулияти сиёсӣ ба мақсади ҳарчи зудтар ором намудани вазъ дар кишвар даст ба амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон зад. Баъди шаш моҳи ба даст даровардани Истиқлолияти давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ба тасвиб расид. Васоити ахбори умум низ дар баробари дарҷи дигар бахшҳо, ба инъикоси сиёсати давлатии ҷавонон рӯ оварданд. Ҳар падидае, ки дар ҳаёти

ҷавонон дар фосилаи солҳои 1992-1997 ва минбаъд ба вуҷуд меомад, ҳатман дар ВАО инъикос меёфт.

Чунонки дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» инъикос гардидааст, 2-юми феврали соли 1993 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон вохӯрӣ намуд. Иштирокчиёни вохӯрии намояндагони ҷавони Тоҷикистон бо роҳбарияти ҷумҳурӣ «Муроҷиатнома ба ҷавонони Тоҷикистон»-ро қабул крданд, ки дар он чунин навишта шудааст: «Давлат бояд боварӣ дошта бошад, ки шаҳрвандони ҷавонаш онро дасгирӣ менамоянд. Бинобар ин, мо ба давом додани фаъолияти тамоми ташкилотҳои Иттифоқи ҷавонони Тоҷкистон, иштироки фаъолонаи онҳо дар иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» даъват менамоем. Ҳамаи корро бояд анҷом дод, ки мо ҳамчун қувваи муташаккилонаи муттаҳид амал намоем, ки барои он ҷудо кардани одамон аз рӯи аломатҳои динӣ ё дигар тааллуқияти иҷтимоӣ, милатгароӣ ва маҳалчигӣ бегона бошад, то ин ки ҷавонон ба эҷодкорӣ, накукорӣ ва сулҳ, муттаҳид намудани миллат ва мустаҳкам кардани дӯстии байни халқҳои Тоҷикистон машғул шаванд» [4].

Соли 1994 бо дастовардҳои бузурги худ дар таърихи даврони Истиқлолият саҳифаи дурахшон маҳсуб меёбад. Новобаста бо душвориҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, идомаёбии муқовимати ҳарбии мухолифин, Тоҷикистон самти гузаронидани ислоҳотҳои қатъии сиёсӣ ва иқтисодӣ, демократикунонии ҳаёти ҷомеаро пеш гирифт.

6-уми ноябри соли 1994 дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ Конституцсия Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Дар ҳар ҷомеаи демократӣ афзоиши таваҷҷуҳи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва кӯшиши он барои ширкат дар дигаргунисозиҳои ҷомеа яке аз шартҳои муҳимтарини инкишофи давлат мебошад. Чунончи, рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» инъикос намудааст, ислоҳоти сиёсӣ шароит ва имкониятҳои заруриро барои ворид гардидани ҷавонони мамлакат ба раванди идоракуни ҷомеа фароҳам оварданд. Ин шароиту имкониятҳо, пеш аз ҳама, дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҷавонон кафолату имкониятҳои баробарро дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа дар ташкил ва фаъол намудани иттиҳодияҳои ҷамъият медиҳанд, таҷассум ёфта аст. Агар соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 иттиҳодияи ғайриҳукуматии ҷавонон амал дошта бошанд, пас соли 2007 шумораи онҳо ба зиёда аз 150 расид.

Ҷавонон тадриҷан дар идоракунии мамлакат фаъол гардида, давра ба давра сафи кормандони сиёсиию ҷамъиятӣ аз ҳисоби онҳо зиёд мешавад. Мувофиқ бо маводҳои нашрнамудаи рӯзномаи «Садои мардум» аввалин маротиба моҳи феврали соли 1995 чун ба вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум (моҳи феврали соли 1995) зиёда аз 30 нафар ҷавонони то 35 сола интихоб шуданд. Онҳо намояндагони сохторҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти сохтори ҳифзи ҳуқуқ ва низомӣ, соҳибкорон, омӯзгорон ва дигарон буданд.

Соли 2000 дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон боз як воқеаи муҳими таърихӣ ба амал омад. Тибқи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар таърихи халқи тоҷик парламенти доимамалкунандаи дупалатагӣ таъсис дода шуд.

10-уми декабри соли 1999 сесияи XV Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати якум) қонунҳои конституцсионии ҷумҳурӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»-ро қабул намуд. Мувофиқи он Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон- мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ буда, аз ду палата–«Маҷлиси миллӣ» ва «Маҷлиси намояндагон» иборат аст.

Дар асосои Конституцсия ва қонунҳои конституцсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми феврали соли 2000 интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дуюм ва ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, маҷлиси вакилони халқи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии даъвати дуюм эълон карда шуд.

Инчунин бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ ва фарҳанги сиёсӣ, омӯзиши дақиқи системаи қонунгузорӣ дар кишвар, принсипҳои асосӣ, қоидаву қонунҳои фаъолияти Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, тарзу марҳилаҳои қабули қонунҳо, рушди донишу малакаи мубоҳисавӣ байни ҷавонон Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо ташкилоти ҷавонон «Мо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ» 24-уми майи соли 2010 аз ҳисоби донишҷӯёни фаъоли муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат Парлумони ҷавонони Тоҷикистонро таъсис дод. Аввалин ҷаласаи он дар Маркази татқиқоти стратегии ҷумҳурӣ бо иштироки вакили маҷлиси намояндагон Низом Қосим баргузор шуд. Дар он вакилон, ки қаблан тавассути мизҳои мудаввар, суҳбатҳо ва саволномаҳо интихоб гардида буданд, муаррифӣ гардиданд. Дар он ҷаласа раиси намоянадагони парлумони ҷавон Саидов

Фирӯзмуҳаммад интихоб гардид. Парлумони ҷавонони Тоҷикистон модели Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олӣ буда, аз 63 вакили ҷавон иборат аст ва онҳо аз тамоми қаламрави ҷумҳурӣ интихоб мешаванд [6].

Чунонки дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» инъикос гардидааст, мақсади асосии рушди парламентаризми ҷавонон мусоидат ба равандҳои демократикунонии ҷомеа дар ҷумҳурӣ мебошад.

8-уми ноябри соли 2012 дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» мусоҳибаи рӯзноманигор Ҷобиров Н. бо раиси Парлумони ҷавонони Тоҷикистон Нозилшоев Ҷ. сурат гирифтааст. Дар мубоҳиса қайд гардидааст, ки таъсиси чунин парлмуон барои мустаҳкам намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ фоли нек буда, дар ҳал намудани мушкилоти ҷавонон дар макотиби олии мамлакат нақши бориз дорад.

Ҳамин тавр, нақши ВАО-и мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ паҳлуҳои мухталифи ҳаёти сиёсии кишваро дар саҳифаҳои худ инъикос намуда, дар таъмини амнияти миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва диагр унсурҳои сиёсии мамлакат саҳми арзандаи худро гузоштааст. Бояд зикр намуд, ки васоити ахбори умум чун оинаи тамомнамое мебошанд, тамоми паҳлуҳои сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат дар саҳифаҳои он дарҷ гардида, ба маърази умум гузошта мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикиёева М. Таърихи халқи тоҷик.-Душанбе: Собириён, 2010.
2. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон. Қисми 2.-Душанбе, 2006. -С. 8.
3. Сухан 1991 аз 16 окт.
4. Ҷавонони Тоҷикистон 1993 6 феврал.
5. Миров А. Интихоботи Маҷлиси Оллии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Садои мардум, 1996, 27 апрел.
6. Мирзоев М. Қонуни конситутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ” //Садои мардум 1999, 15 декабр.
7. Ҷавонони Тоҷикистон 2012, 21 март.
8. Ҷобиров Н. Ҷавонон парлумон доранд/Ҷавонони Тоҷикистон, 2012, 27 сен. С. 6.
9. Ҷобиров Н. Парлумони ҷавонон аз ҳисбҳои сиёсӣ иборат нест// Ҷавонони Тоҷикистон, 2012, 8 нояб.

АНАЛИЗ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СРЕДСТВАХ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

Эта статья посвящена отражению политической жизни страны в средствах массовой информации. Целью данной статьи является информирование СМИ страны о том, насколько её вклад способствует укреплению государственной независимости и национального единства. Научные исследования показали, что средства массовой информации, наряду с другими государственными и общественными организациями, продемонстрировали свой вклад в реализацию государственной политики Республики Таджикистан, позволяя различным заинтересованным сторонам в государственном управлении.

Ключавые слова: *Республика Таджикистан, политика, СМИ, СМИ, периодические издания, телевизоры, радио.*

ANALYSIS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE MEDIA

This article focuses on the reflection of the political life of the country in the media. The purpose of this article is to inform the country's media how much its contribution contributes to the strengthening of state independence and national unity. Scientific research has found that the media, along with other state and community organizations, demonstrated its contribution to the implementation of the state policy of the Republic of Tajikistan, enabling various stakeholders in the public administration.

Kay word: *Republic of Tajikistan, politics, media, media, periodicals, televisions, radio.*

Сведение об авторе:

Шарифов Шухрат *– старщий препадаватель кафедры права Таджикского гасударственного педагогического университета им С.Айни, Тел: (+992) 907992222*

About the autor:

Sharifov Shukhrat *- Senior Lecturer, Department of Law, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Phone: (+992) 907992222*

ГУРӮҲҲОИ ДӮСТИИ БАЙНИПАРЛАМЕНТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ГУСТАРИШИ ДИПЛОМАТИЯИ ПАРЛАМЕНТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоев Н.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Оқилзода Н. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба роҳ мондани сиёсати мустақили хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро имрӯз метавон аз музаффариятҳои истиқлолияти комили давлатӣ ҳисобид. Бо бадастовардани истиқлолияти давлатӣ кишварро лозим омад ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷии худро ба роҳ монда ба мақрои созанда онро роҳнамо созад.

Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин роҳбари давлат интихоб гардид ва аз рӯзҳои нахустин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ роҳеро пеш гирифт, ки тавассути он қадам ба қадам кишварро аз ҳолати бӯҳронӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ берун карда, ба мақрои созанда ва пешрафта раҳнамун сохт.

Дар ин қарина паҳнои тафаккури давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадор дар он зоҳир гашт, ки дар иртибот ба рӯйдодҳои марҳилаи аввали истиқлолияти кишвар ва таҳаввулоти геополитикии замони муосир ҷиҳати ҳимояту ҳифозати манфиатҳои олии миллӣ зарурати дар муносибатҳои байналмилалӣ нигоҳ доштани тавозун байни қудратҳои ҷаҳониро саривақт дарк намуд. Ин нукта аз ҷониби ӯ дар иҷлосияи XVII Шӯрои Олӣ чунин арзёбӣ гашт: «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар асоси эҳтироми меъёрҳои умумибашарӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба мадди назар гузоштани манфиатҳои олии Тоҷикистон фаъолият хоҳад кард. Тоҷикистон манфиатдор аст, ки сиёсати мувозину прагматиро пеш гирад, ки аз пайравии якҷониба холӣ бошад».

Самти мазкур дар нутқи барномавии Сарвари давлат дар ҷаласаи навбатии парламенти кишвар таҳвият дода шуда, заминаи аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил дод. Дар баробари ин дар таърихи навини давлатдории тоҷикон ҳифзу таъмини манфиатҳои миллии он, баланд бардоштани обрӯ ва эътибори ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди беруна барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини рушди устувори кишвар ба таври воқеӣ ва қотеона ба ҳайси ҳадафҳои волотарини сиёсати хориҷии давлат эълом карда шуданд[1, с.10-11].

Марҳилаи аввали татбиқи сиёсати хориҷии муваффақонаи кишварамонро лозим буд стратегияи фарогир дар муносибатҳои байналмилалӣ, ки дурустии онро пурра собит созад, пеш гирад. Дар ин замина консепсияи «сиёсати дарҳои боз»-ро, ки 31 декабри соли 2002 зимни муроҷиатномаи солинавии Президенти кишвар ба халқи Тоҷикистон эълом шуд, ташкил дод. Дар асоси ин консепсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалии худ сиёсати хориҷии бисёрсамта, ботавозун, прагматикӣ ва фарогирро роҳандозӣ намуда, тавсеа, таҳкими робитаҳои дӯстона, ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои гуногуни олам ба роҳ монд.

Барои татбиқи ин сиёсат, мехоҳам нақши фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи дипломатияи парламентии кишвар маҳсуб меёбанд ва нақши онҳо дар татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳам.

Бояд зикр кард, ки робитаҳои байнипарламентӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои байнидавлатӣ бештар ташаккул ёфта истодаанд.

Робитаҳои мутақобилаи мунтазами парламентҳо ҳамчун яке аз омилҳои муассири шаклгирии ҳамкориҳо ва далели рушди амиқи муносибатҳои байнидавлатӣ хидмат намуда, фаъолияти мунтазам ва пайвастаи онҳо дар самти рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба аз таваҷҷуҳи тарафайн шаҳодат медиҳанд. Ҳоло бинобар он ки робитаҳои аксари парламентҳо хосияти доимиро касб кардаанд, мафҳуми нисбатан нави «дипломатияи парламентӣ», ки миёнаи асри XX ба вуҷуд омад.

Дар замони ҳозира муносибатҳои байнипарламентӣ ҳамчун институти демократии намояндагӣ барои ҳалли бисёр масъалаҳои муосири давлат ва ҳуқуқ мусоидат менамоянд. Зеро дар доираи

ҳамкориҳои байнипарламентӣ масъалаҳое ба монанди муборизa алайҳи терроризми байналмилалӣ, маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккилона, камбизоатӣ, инчунин халъи силоҳ, энергетика, амнияти экологӣ ва ғайра фаро гирифта мешаванд.

Дар ин раванд, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳвияти ҳамкориҳои пурнатиҷаву судманд ва гуногунҷабҳаи худ бо парламентҳои кишварҳо ва созмонҳои байнипарламентии ҷаҳон назари хоса дорад. Парламенти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди таъсиси ёфтанаш узви фаъоли як қатор созмонҳои байнипарламентӣ гардид ва сол аз сол шумораи онҳо дар ҳоли рушд қарор дорад. Ба онҳо мисол шуда метавонанд: Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Ассамблеяи Парламентии Созмони Амнят ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Байнипарламентӣ, Иттиҳоди парламентҳои Осиё барои сулҳ, Иттиҳоди Парламентии давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ, Ассамблеяи парламентҳои Осиё ва Парламенти Аврупо, Ассамблеяи Парламентии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ.

Вакилони Маҷлиси намояндагон ба узвияти Комиссияҳои доимии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ пазируфта шуда, чанд нафари онҳо дар мақомҳои роҳбарикунандаи ин Ассамблея интихоб гардида, чанде аз онҳо барои фаъолияти хуби байнипарламентиашон бо ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои ин ниҳодҳои байналмилалӣ низ сарфароз гардида буданд.

Агар фаъолияти байнипарламентии гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намоем, дар ҳама суҳбату вохӯриҳо, чи бо роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва чи бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, асосан мавзуи баррасишаванда ин масъалаи густариши равобити гуногуни дуҷонибаи миёни кишварҳо, рушди муносибатҳои байнипарламентӣ ва инкишофи ҳарчи бештари ин муносибатҳоро дар бар мегиранд.

Дар даъвати дуюми Маҷлиси намояндагон, ки ба таъсиси парламенти касбии кишвар рост меояд аввалин давлатҳое, ки бо онҳо гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ созмон дода шуд – Россия, Латвия, Озарбойҷон, Туркия, Беларус, Югославия, Покистон, Эрон, Қувайт, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Корея, Хитой, Ҳиндустон, Япония мебошанд[2, с.11].

Тавре, ки дар ҷамъбасти 10 солаи фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар гузориши хотимавии худ аввалин Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Хайруллоев иброз дошта буд, ки «бо парламентҳои бисёр кишварҳои дунё робитаҳои корӣ барқарор шуд ва бо 20 парламенти кишварҳои дигар гурӯҳҳои ҳамкорӣ ва дӯстӣ таъсис ёфтаанд» [3, с.21-22].

Дар рӯзҳои аввали таъсиси парламенти касбии кишвар Маҷлиси намояндагон тасмим гирифта буд, ки фаъолияти хориҷии худро ҷоннок намуда, ба ин қисмат мазмуну мундариҷаи тоза бахшад. Агар ба мусоҳибаи аввалин Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев бо мухбири «Садои мардум» назар андозем, оид ба фаъолияти байнипарламентӣ ӯ иброз дошта буд, ки «болоравии нуфузи байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳо, аз он ҷумла дар фаъолияти байпарламентӣ низ робитаю ҳамкориҳо бо парламентҳои давлатҳои хориҷӣ вусъат пайдо кард. Ин дастоварди худро мо бояд дар оянда афзун гардонем. Воқеан, гуфтаниҳо дар ин самт хеле зиёданд ва ман бо боварӣ гуфта метавонам, ки дар пеш Маҷлиси намонядагонро фаъолияти пурҷушу хурӯши хориҷӣ интизор аст, ки аз он ҳам парлумон ва ҳам давлати Тоҷикистон бурди беандоза хоҳанд дошт» [4, с.10-11].

Агар дар ибтидои Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум, ки бо қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагон ба узвияти комиссияҳои доимии байнипарламентӣ ва созмонҳои байналмилалии байнипарламентӣ бо 19 кишвари дунё гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагонро дар бар гирифта бошад, Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум дар самти муносибатҳои байналмилалӣ ва байнипарламентӣ аз ҷумла 32 гурӯҳи дӯстӣ бо 32 давлати бо мо дӯстро дар бар гирифт.

Раиси қаблии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар гузориши худ оид ба ҷамъбасти Иҷлосияи якуми даъвати панҷум вобаста ба тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентии Маҷлиси намояндагон чунин

андешидаҳои муфидро иброз дошта буданд: - «Албатта, ин нишондод ҳадди ниҳоӣ набуда, кор дар ин самт идома дорад. Бояд гуфт, ки фақат таъсис додани гурӯҳи дӯстӣ ин ҳанӯз ба роҳ мондани муносибати мутақобилан муфид нест. Дар ин самт бояд оид ба воқеан ба роҳ мондани муносибати байнипарламентӣ роҳбарони гурӯҳҳо корҳои дахлдорро ба анҷом расонида, муносибат ва робитаро барқарор намоянд» [6].

Бо мақсади афзудани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дар ин самтро ривоҷ дода, дар ҳар иҷлосияҳои навбатии даъвати панҷум бо зиёда аз 5 то 10 парламентҳои дигар кишварҳо гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкориро таъсис дод. То охири даъвати панҷуми Маҷлиси намояндагон ин раванд идома ёфта теъдоди гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентӣ то ба 60 гурӯҳ расонида шуд.

Бояд гуфт, ки ба фаъолият шуруъ намудани даъвати шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти байнипарламентии худро ба ҳолати кунунии паҳншавии бемории сироятии коронавирус - COVID-19 мутобиқ намуда, ҷанбаҳои нави кориро дар бахши ҳамкориҳои байнипарламентиву хориҷӣ бо баргузории видео-конфронсҳо, вохӯриҳои фосилавӣ, омӯзишҳо бо пахши мустақим шуруъ намуд.

Маҷлиси намояндагон аз шурӯи даъвати шашум дар самти фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарламентӣ низ мавқеи худро муайян намуд, зеро рушди фарогири кишвар наметавонад аз равандҳои пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ дар ҷудоӣ сурат бигирад ва иштироки нокифоя ё барканор шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин равандҳо метавонад кишвари моро аз маркази инкишофи ҷаҳонӣ фарсаҳҳо дур созад.

Бо ин мақсад, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои Шӯро бо 74 кишвари ҷаҳон ва созмонҳои байнипарламентӣ гурӯҳҳои миллии дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентиро созмон дод[7].

Қобили зикр аст, ки дар аксар маврид парламентҳои кишварҳои хориҷӣ ҳамчун хоҳишманд ва ё ташаббускори таъсиси гурӯҳи дӯстӣ бо Маҷлиси намояндагон баромад карда, аз таъсис ва рӯйхати аъзои гурӯҳи дӯстӣ дар парламентҳои кишвари худ ба Маҷлиси намояндагон хабар доданд.

Ҷиҳати таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи парламентӣ гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо парламентҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷопон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Парламенти Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ҳамкориҳои доимӣ, сермаҳсул ва рӯ ба рушд қарор дорад.

Дар вазъияти мураккаби сиёсӣ ва шароити номусоиду тағйирёбандаи дунёи имрӯза густариши робитаҳои байнипарламентӣ ва хориҷии Маҷлиси намояндагон низ мазмуну моҳияти нав пайдо мекунанд. Чунин робитаҳоро ҷиҳати амалӣ намудани ҳамкориҳои Маҷлиси намояндагон дар доираи фаъолияти созмону ниҳодҳои байнипарламентии минтақавию байналмилалӣ, робитаҳои гурӯҳҳои дӯстӣ бо парламентҳои кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байнипарламентиву ғайрипарламентии хориҷӣ хуб ба роҳ мондан зарур меояд, ки баҳри расидан ба ин мақсадҳо Раиси тозаинтихоби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Зокирзода Маҳмадтоир Зоир аҳамияти махсус зоҳир намуда истодаанд.

Дар ҷаҳони муосир робитаю ҳамкорӣ аз шартҳои муҳими пешрафт буда, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байнипарламентӣ корҳои зиёдеро амалӣ намуда, дар рушду тавсеа бахшидан ба муносибатҳо байнипарламентӣ ва дар маҷмуъ дипломатияи парламентӣ бо кишварҳои хориҷии дуру наздик нақши муассир гузошта истодааст.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе. «Ирфон» соли 2012, саҳ 10-11.

2. Маърӯзаи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Хайруллоев оид ба ҷамъбасти фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати сеюм.

3. С. Хайруллоев. Асри қонун. «Шарқи озод», Душанбе соли 2005. саҳ 11, 21-22.

4. Гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров роҷеъ ба ҷамъбасти Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум, 30 июни соли

2010.
5. Гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар бораи ҷамъбасти Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум аз 17 марти соли 2015 то 30 июни соли 2015.
6. https://parlament.tj/news/163-parlumoni-kasbii-mamlakat-bo-parlumon-oi-osiyo-va-avrupo-guru-oi-d-st-ta-sis-dod

МЕЖПАРЛАМЕНТСКИЕ ГРУППЫ ДРУЖБЫ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПАРЛАМЕНТСКОЙ ДИПЛОМАТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В настоящей статье изучены и проанализирована деятельность межпарламентских групп дружбы Маджлиси намояндагон Маджлиси Олии Республики Таджикистан, являющихся частью парламентской дипломатии страны и их роль в реализации внешней политики Республики Таджикистан.

В статье нашли свое отражение многие вопросы, которые рассматриваются по линии межпарламентских групп дружбы с парламентами других стран.

***Ключевые слова**: парламент, Маджлиси намояндагон, межпарламентские группы дружбы, парламентская дипломатия, межпарламентское сотрудничество, внешняя политика.*

INTER-PARLIAMENTARY FRIENDSHIP GROUPS AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THE PARLIAMENTARY DIPLOMACY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article studies and analyzes the activities of the inter-parliamentary friendship groups of the Majlisi namoyandagon of Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, which are part of the country's parliamentary diplomacy and their role in the implementation of the foreign policy of the Republic of Tajikistan.

The article reflects many issues that are considered through inter-parliamentary friendship groups with the parliaments of other countries.

***Key words**: parliament, Majlisi namoyandagon, parliamentary diplomacy, inter-parliamentary friendship groups, inter-parliamentary ties, foreign policy.*

Сведение об авторах:

***Мирзоев Н.М.** – доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально - гуманитарных и экономических наук научно-исследовательского Института Таджикского национального Университета.*

***Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **E-mail**: nmmirzoev@mail.ru, **Телефон**: (+992) 919160026*

***Окилзода Н.Н.** – соискатель научно-исследовательского Института Таджикского национального Университета, старший советник Комитета по международным делам, общественным объединениям и информации Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734051, г. Душанбе, проспект Рудаки 42. **E-mail**: buston_1@mail.ru, **Телефон**: (+992) 501010646*

About the authors:

***Mirzoev N.M. -** doctor of historical sciences, Professor, chief researcher of the Department of Social and Humanitarian and Economic Science of the Scientific Research Institute of Tajik National University. **Address**: 17, Rudaki avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, **E-mail:** nmmirzoev@mail.ru**, Phone:** (+992) 919160026.*

***Okilzoda N.N. -** aspirant of the Institute research - scientific of the Tajik National University, senior adviser of the Committee on international affairs, public associations and Information of the Majlisi Namoyandagon of Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, **Address**: 42, Rudaki avenue, Dushanbe, 734051, Republic of Tajikistan, **E-mail:** buston_1@mail.ru**, Phone:** (+992) 501010646.*

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
2020. № 4 (87)

Издательский центр
Таджикского педагогического университета им. С.Айни
по изданию научного журнала
«Вестник педагогического университета»:
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 39,25 усл. п.л.40
Подписано в печать 20.11.2020 г. Заказ №2020/30-01
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.